ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**2023. № 1**

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**2023. № 1**

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

**2023. No. 1**

**МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Муассиси маҷалла:**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст.**



**САРМУҲАРРИР:**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** – *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Исмонов Кароматулло** – *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***07.00.00 – Таърих ва археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Искандаров Қосимшо** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Яқубов Юсуфшоҳ** – *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
**Расулиён Қаҳҳор** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** – *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Самиев Холмаҳмад Давлатович** – *Номзади илмҳои таърих, дотсент*
**Шарипов Раҳмоналӣ Ятимович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*

***09.00.00 – Фалсафа***

**Курбонов Абдураҳмон Шерович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Идиев Хайриддин Усмонович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Олимов Кароматулло** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ*
**Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Ахмедов Саид** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*

***13.00.00 - Педагогика***

**Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Файзализода Ҷумахон Хол** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Раҷабзода Маҳмадулло** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Ҳоҷиматова Гулчехра Масаидовна** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Мухамметов Гапур Бабаевич** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*
***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*
***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*
***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
– 2023. – №1
ISSN 2074-1847
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №180/МҶ-97, аз 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



**© ДМТ, 2023**

# ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**Учредитель журнала:**
**Таджикский национальный университет.**
**Журнал основан в 1990 г.**



**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:**

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета* |

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

***07.00.00 – История и археология***

| | |
|---|---|
| **Акрамов Зикриё Иномович** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Искандаров Косимшо** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Якубов Юсуфшох** | *Доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** | Доктор исторических наук, профессор |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Самиев Холмахмад Давлатович** | *Кандидат исторических наук, доцент* |
| **Шарипов Рахмонали Ятимович** | *Доктор политических наук, профессор* |

***09.00.00 – Философия***

| | |
|---|---|
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктор философских наук, профессор,член-корр НАНТ* |
| **Олимов Кароматулло** | *Доктор философских наук, профессор, академик НАНТ* |
| **Рахимов Мухсин Хусейнович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Ахмедов Саид** | *Доктор философских наук, профессор* |

***13.00.00 – Педагогика***

| | |
|---|---|
| **Иматова Лутфия Махмадиллоевна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Файзализода Джумахон Хол** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Раджабзода Махмадулло** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Мухамметов Гапур Бабаевич** | *Доктор педагогических наук, профессор* |



Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:

***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2023. – № 1
ISSN 2074-1847
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 180/ЖР-97 от 19.02.2021г.

**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**



**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41


**© ТНУ, 2023**

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990.**



**CHIEF EDITOR:**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Ismonov Karomatullo** *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

**Akramov Zikriyo Inomovich** *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Iskandarov Kosimsho** *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Yakubov Yusufshoh** *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Rasulien Kahhor** *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Samiev Kholmakhmad Davlatovich** *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor*
**Sharipov Rakhmonali Yatimovich** *Doctor of Historical Sciences, Professor*

***09.00.00 – Philosophical sciences***

**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Idiev Khairiddin Usmonovich** *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Olimov Karomatullo** *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Akhmedov Said** *Doctor of Philosophical sciences, Professor*

***13.00.00 – Pedagogical sciences***

**Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Faizalizoda Jumakhon Khol** *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Rajabzoda Mahmadullo** *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Hojimatova Gulchehra Masaidovna** *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Mukhammetov Gapur Babaevich** *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
*Doctor of Historical Sciences, Professor*



The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15

**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14

**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin**
**of the Tajik National University.**
– 2023. – №1

ISSN 2074-1847

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41



**© TNU, 2023**

УДК:931.1(575.3)

# ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР ОСТОНАИ ҚУДРАТЁБИИ СОМОНИЁН

***Сайфуллоҳи Муллоҷон, Ғуломов Т.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тамоми адёни ҷаҳон пас аз гузаштани муддати муайян аз доштани хатти ягонаи ақидатӣ хориҷ шуда, ба шохаву гурӯҳҳои мухталиф ҷудо гардидаанд. Аз ҷумла яҳудиён, буддоиён ва пайравони Исо ба фирқаҳои гуногун тақсим шуда, Монӣ (асри III) ва Маздак (асрҳои V-VI) ҳам дар миёни пайравони Зардушт шикофи азимеро ба вуҷуд овардандд. Агар ба авомили ин тафриқаҳо назар афканем мебинем, ки дар қатори баҳсҳои ақидатӣ, авомили ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ сабабгори падид омадани ин ихтилофҳо шудаанд. Ихтилофи ҷомеаи исломӣ ҳам аз масъалаи сиёсӣ маншаъ гирифта, бо зиёд шудани фосилаи таърихӣ бар шиддат ва паҳнои он афзуда шуд.

Асри VIII ҳукумати арабҳо дар саросари қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр истиқрор ёфт ва тадриҷан мардумони ғайриараб ҳам бо дини фотеҳон одат карда, онро пазиро шуданд. Ба шаҳодати муаррихон Табарӣ ва Наршахӣ, арабҳо барои густариши ислом аз ду василаи асосӣ «шамшер ва зар» истифода мекарданд. Мунодии араб дар Бухоро авоили густариши ислом ба мардуми шаҳр мегуфт, ки «ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам» [9, с.97]. Табиист, ки собиқадорон дар пазириши оини нав аз имтиёзҳои вижае баҳраманд мегаштанд. Абумуслим ва Бармакиён дар шумори имтиёзгирифтагоне буданд, ки ба боварии арабҳо даромада, муддате дар радифи пурнуфузтарин ашхоси хилофати исломӣ ба шумор меомаданд. [13,с.47-50].

Асри IX марҳилаи ҳассосу сарнавиштсози хилофати исломӣ буд, зеро дар ин аср ҳукумати исломӣ ба болотарин ҳадди вусъат ва тавони худ расида, бо марги Ҳорунаррашиди қудратманд, даврони тулонии заволи хилофат оғоз ёфт. Яке аз муҳимтарин ошӯбҳои иҷтимоӣ, ки дар рӯзгори Ҳорун хилофати шарқиро ба ошӯб кашида буд, бо шиори динии хавориҷ мегузашт. Ҳарчанд гаҳвораи наҳзати хавориҷ сарзамини Ироқу Шом ва замони хилофати Алӣ (656-661) буд, аммо он дар асри IX бештар дар қисматҳои шарқии хилофат доман паҳн мекард. Зеро хавориҷ аз нохурсандиҳои иҷтимоии мардумони ин қаламрав истифода мекарданд. Муҳимтарин конуни ин ҷунбиш сарзамини Систон буд. Раҳбари хориҷиёни Систон Ҳамзаи Озарак дар нахустин муроҷиати хеш ба систониён гуфта буд, ки «як дирҳам хироҷ ва мол беш ба султон мадиҳед, чун шуморо нигоҳ натавонад дошт ва ман аз Шумо ҳеч нахоҳаму наситонам, ки ман бар як ҷой нахоҳам нишаст» [12, с.158]. Бояд дар назар дошт, ки наҳзатҳои ин давра ҳамеша бо шиорҳои динӣ мегузаштанд. Агарчи Ҳамзаи Озарак ғайриараб буд ва дар Систон қиём кард, вале ба навишати «Таърихи Систон» «бештари мардум, ки бар ӯ ҷамъ шуда буд, аз араб буданд, кобини занон бидоданд ва васиятҳо бикарданд ва кафанҳо андар пӯшиданд ва силоҳҳо аз бари он ва сӣ ҳазор савор ҳама зуҳҳоду қуръонхон бирафтанд» [12, с.168].

Гуфтанист, ки бар хилофи бештари мазоҳиби исломӣ, ки бар зарурати вуҷуди имом иттифоқи назар доранд, бештари хавориҷ асоси вуҷуди имомро зарурӣ намешумурданд [6, с.103, 130-141].

Тоҳириён, ки насаби хешро ба шоҳи асотирӣ Манучеҳр мерасонданд [14, с.190], аз хонаводаҳои маъруфи Хуросони қабл аз ислом ба ҳисоб рафта, хеле барвақттар аз дигар хонадонҳо исломро қабул карданд. Пайванди ин хонадон бо қабилаи Хузоаи араб ҳам гӯёи ин матлаб аст, ки ҷадди Тоҳириён чун дигар хонадонҳои деҳгон (деҳқон) дар пазириши ислом замонати ҳифзи қудрати маҳаллӣ ва нуфузи иҷтимоии худро дидаанд [1,с.71]. Аммо бештари муаррихон эронинажод будани ононро таъкид кардаанд ва мувофиқи баъзе гузоришҳо Тоҳир ибни Ҳусайн дар лаҳзаҳои охири ҳаёти худ бо форсӣ сухан мегуфтааст [11, с.81].

Ниёи Тоҳириён дар қиёми Абумуслим ширкат карда, яке аз намояндагони ин хонавода Мусъаб ибни Разиқ дабири Сулаймон ибни Кассир – доии маъруфи Аббосиён буд. Чун қиёми Абумуслим ҳамзамон ҷанбаи мазҳабӣ (решакан намудани хулафои ғосиб ва баргардонидани он ба авлоди пайғамбар) ва миллӣ (кӯтоҳ кардани дасти ситамгари арабҳо) дошт, ба дунболи он наҳзате ба миён омад, ки аз мазҳабе пуштибонӣ мекард, ки ранги маҳаллӣ дошта бошад. Густариши мазҳаби Абуҳанифа дар Балху Тахористон ва Самарқанду Бухоро яке аз пайомадҳои ин наҳзат буд.

Мусъаб ва фарзанди ӯ Ҳусайн бар Пӯшанг ва шояд Ҳирот муддате ҳукумат карда буданд. Бо қудратёбии Аббосиён Тоҳириён бо онон робитаи танготанг барқарор сохтанд ва барои устувор гаштани ин ҳукумат кӯшишҳои бедареғ намуданд. Муассиси ин дудмон Тоҳир дар саркӯбии қиёми Рофеъ ибни Лайс (соли 806), ки набераи охирин волии уммавии Хуросон Наср ибни Сайёр буд, иштирок дошт. Муҳимтарин корномаи Тоҳир шикаст додани Амин фарзанди Ҳорунаррашид ва ба хилофат расонидани фарзанди дигари ӯ Маъмун буд. Тоҳир ва дигар хешовандонаш дар сарзамини Ироқ мансаб ва сарвати бешумор доштанд. Аммо чун хостгоҳи эшон Хуросон буд, ба маҳзи амири Хуросон шудан (соли 821), ба қудрати воқеӣ расиданд ва бо ҳамин унвон номи худро дар таърих сабт гардониданд. Муҳимтарину вопасин иқдоми муҳимми Тоҳир дар аморати Хуросон аз хутба ва сикка андохтани номи халифа буд.

Аммо дигар амирони тоҳирӣ ҳамеша нисбат ба халифа итоат пеша кардаанд. Тоҳириён ҳомиёни мазҳаби суннӣ буданд. Пас аз ҳукумати кӯтоҳи Талҳа (822-828), Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) бо дастури Маъмун амири Хуросон интихоб гардид. Яке аз авомили тайин гаштани Абдуллоҳ ба ин вазифа саркӯбии қиёми хавориҷ буд, ки саросари сарзаминҳои шарқиро ошуфта сохта буд. Нақши Абдуллоҳи Тоҳир дар саркӯбу шикасти ду пешвои дигари эронитабор Афшин ва Мозёр, ки хилофати аббосиро таҳдид карда буданд, кам нест. Сиёсатҳои давлатӣ ва мазҳабии халифаро Тоҳириён комилан гардан ниҳода буданд. Тоҳириён бештар ба фарҳанги арабӣ-исломӣ дилбастагӣ доштанд. Бештари намояндагони ин силсила бо арабӣ шеър месуруданд ва аз улуми динӣ баҳраи кофӣ доштанд. Ибни Надим дар китоби «Ал-Феҳрист» фасли ҷудогонаеро ба уламо ва адибони хонадони тоҳирӣ ихтисос додааст [4, с.268-9].

Фатҳномаи арабии Тоҳир ба Маъмун замони пирӯзӣ бар лашкари Амин дар Бағдод чунон шуҳрат ёфта буд, ки бо дастури халифа нусхаи он ба гӯшаву канори хилофати паҳновар фиристода шуд. [10, 5581-5588]. Диндории Тоҳириён як воқеияти

бебаҳс аст, ки муаррихон дар ин бора таъкиди фаровон доранд. Низомулмулк пас аз суқути Тоҳириён менависад, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир «ҳамеша амал ба порсоёну зоҳидон ва касоне фармудӣ, ки эшонро ба моли дунё ҳоҷат набудӣ ва ба ғаразе аз они хеш машғул нагаштандӣ, то моли ҳаққ ҳосил омадӣ ва ба раоё ранҷ нарасидӣ…» Гӯри ӯ ду қарн баъд ҳам дар Нишопур зиёратгоҳи мардумон будааст [8, с.54].

Алавиён, ки аз рӯзи нахустини истиқрори Аббосиён ҳамчун рақиби онон шинохта мешуданд, ҳамеша таваҷҷуҳи нухбагони миллат ва норозиёнро ба худ ҷалб мекарданд. Ба навиштаи Байҳақӣ, Тоҳир ибни Ҳусайн нахустин касе буд, ки бо пешвои шиаҳо Алӣ ибни Мусо ар-Ризо (Имом Ризо) ба вилоятаҳдӣ дар замони Маъмуни аббосӣ байъат намуд: «дар шаб Тоҳир наздики вай (Имом Ризо –С.М., Т.Ғ.) омад сахт пӯшида ва хидмат неку кард ва бисёр тавозуъ намуду мегуфт: нахустин кас манам, ки ба фармони амиралмуъминин (Маъмун – С.М., Т.Ғ.) худовандам туро байъат хоҳам кард ва чун ман ин байъат бикардам бо ман сад ҳазор савору пиёда аст, ҳамагон байъат карда бошанд» [2, с.217].

Ибни Фундуқ аз издивоҷи афроде аз Алавиёну Тоҳириён сухан ба миён овардааст, ки гувоҳи иртиботи наздики ин хонадонҳо мебошад [3,с. 55, 254]. Аммо ҳукумат ва нигоҳдории он аз Тоҳириён тақозо мекард, ки дар баробари ошӯбҳое, ки бо сарварӣ ё иштироки алавиён сурат мегирад, биистанд. Аз ҷумла, исёнгарони алавӣ Фазл ибни Шозон ва Муҳаммад ибни Қосим ба муқобилияти шадиди Тоҳириён гирифтор шуданд. Табарӣ овардааст, ки дар соли 864 ба фармони Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир қиёми Яҳё ибни Умари алавӣ ба хун оғушта гардида, сари буридаи Яҳёро дар ҷашне ба ин муносибат ба намоиш гузоштанд.

Дар қарни IX бо вуҷуди он ки сад сол аз пирӯзии арабҳо ва ислом ба сарзамини Хуросон мегузашт, ҳанӯз зардуштиён нуфузи худро ҳифз карда буданд. Ба навиштаи сарчашмаҳо, Абдуллоҳ ибни Тоҳир писари амакашро барои хиёнате, ки нисбат ба як зардуштӣ раво дид, муҷозот намуда, бо баъзе зардуштиён робитаи наздики дӯстӣ барқарор сохт. Ин амир баъзе дигар аз зардуштиёнро ба корҳои идории кишвар ҷалб кард [1, с.318].

Ақаллиятҳои яҳудӣ ва масеҳӣ низ дар замони Тоҳириён зиндагӣ мекарданд. Дар сарчашмаҳои ин давра перомуни ҳузури пайравони ду дини иброҳимӣ ишораҳои фаровон мавҷуд мебошад.

Саффориён чун Тоҳириён аз хонадони сарватманду бонасаб неву аз як хонаводаи табақаи поёнии ҷамъият бархоста буданд. Аз ин рӯ, бештари муаррихон ин силсиларо, ки дар муқобили хулафои аббосӣ қарор дошанд, сарзаниш карда, роҳзану айёру саркаш (бағӣ) номидаанд. Ба навиштаи Низомулмулк Яъқуб ба сафири халифа гуфта буд, ки подшоҳии хешро бар хилофи Аббосиён ба мерос набурдааст, балки аз «айёрӣ» ва «шермардӣ» ба даст овардааст. Дар бораи эътиқоди мазҳабии Саффориён камтар маълумоте дар сарчашмаҳо оварда шудааст, аммо фазои сиёсӣ ва мазҳабии ҳоким бар ҷомеаи Хуросон ҳар ҳокимеро бар он медошт, ки бо воқеияти рӯз бисозад. Аз ҷумла, Яъқуб ва Амр саъй доштанд, ки табақоти мазҳабиро аз худ розӣ нигаҳ доранд. Чун дастаҳои хавориҷ дар сипоҳи Яъқуб мавҷуд буданд, аз ин рӯ Саффориёнро иддае хориҷӣ номида, Низомулмулк фаротар рафта, Яъқубро исмоилӣ гуфтааст [8, с.11], ки чунин нест. Бешак, чун пас аз саркӯбии хавориҷ дар Ироқ, Систон паноҳгоҳи ин даста шуд ва Саффориён аз ин вилоят

бархоста буданд, сабаб шудааст, ки хориҷӣ номида шаванд. Зеро як шахсро ба ду ҷараёни бо ҳам мухолиф (хориҷӣ ва шиаи исмоилӣ) нисбат додан, худ далели равшани бепоягии ин гуна иддаоҳост. Аз лиҳози иҷтимоӣ ба табақаҳои поёнӣ (саффор ё рӯйгарзода) мансуб будани Саффориён ва душмании шадид бо хилофати аббосӣ боиси накуҳиши ин дудмон дар назди ҳокимони вафодор ба аббосӣ ва муаррихони дарбориву чоплус гардид.

Тоҳириён ҳокимони шаҳрҳои Мовароуннаҳрро, ки аз деҳгонони ҳамин марз буда, ба номи сарсилсилаи дудмон Сомонӣ номида мешуданд, дар ҷойи худ нигоҳ доштанд. Сомониён қабл аз ба ҳукумати Хуросон мансуб гаштани Тоҳириён бо дастури халифаҳои аббосӣ таъин шуданд. Мароми кору бархӯрди ҳарду сисила (тоҳирӣ ва сомонӣ) ҳам дар тарвиҷи дин ва муносибат бо дастгоҳи хилофати Бағдод шабеҳи ҳам буд. Яъқуб соли 867 ҳангоми лашкаркашӣ ба Ҳирот волии тобеи Тоҳириён дар он ҷо Иброҳим ибни Илёси Сомониро шикаст дода, соли 870 ҳокими силсилаи Баниҷуриён Довуд ибни Аббосро ба Хуттал ронд [10, с.100].

Яке аз сабабҳои зуд суқут кардани Тоҳириён дар Хуросон ба ғайр аз заъфу нотавонии охирин амири ин хонадон Муҳаммад ибни Тоҳир ошуфта гаштани авзои Табаристон ва қиёми шиаҳои зайдӣ ба сарварии Ҳасан ибни Зайд буд. Рофеъ ибни Ҳарсама низ ба сабаби наздикӣ бо доиёни зайдӣ ва хутба хондан ба номи алавиҳо дар муборизаҳои худ бо Амр ибни Лайс шикаст хӯрд. Ворисиси Яъқуби саркашу диловар, бародараш Амр ба Аббосиён гардан дода, тавонист ҳимояти аҳли суннат ва табақоти мазҳабии Хуросонро соҳиб шавад. Ӯ дар ин вақт бо ситез бо Рофеъ дар мубориза буд. Рофеъ ба маҳзи тасхири Нишопур хутба ба номи Алавиён хонда, парчами сиёҳи Аббосиёнро бо либоси сафеди Алавиён иваз намуд [11, с.105]. Каме баъдтар ҳамин зиддият бо халифа, ки дар назди аҳли суннат сарвари қонунӣ ва раҳбари дину шариат маҳсуб мегашт, сабаб шуд, ки қудрат аз Саффориён ба Сомониён гузарад.

Агарчи гоҳ-гоҳе Саффориён бо Аббосиён мудоро кунанд ҳам, вале ҳеҷ гоҳ ба хонадони аббосӣ эътимод надоштанд. Яъқуб Аббосиёнро аслан қабул надошт, вале Амр ҳам бо вуҷуди мутанаффир будан аз онон аз дари созиш даромад. Амири саффорӣ «бисёр гуфтӣ, ки давлати Аббосиён бар ғадр бунёд кардаанд, набинӣ, ки бо Бусалама ва Абумуслим ва Оли Баромака ва Фазли Саҳл бо чандон некуӣ, ки эшонро андар он давлат буд, чӣ карданд? Кас мабод, ки бар эшон эътимод кунад» [12, с.267].

Саффориён ба зодгоҳи худ Систон ишқу иродати хос доштанд. Дар айёми ҳукумати ин силсила бар Хуросон онҳо ҳамшаҳриёни хешро иззат мекарданд. Амр ибни Лайс Муҳаммади Бушанҷӣ фақеҳ ва муҳаддисро хеле икром мекард ва боре ӯро бист ҳазор динор инъом дод. Дар айёми ҳукумати Саффориён ситези фирқаӣ-сиёсӣ бо номи самакия ва садақия дар Заранг (Заранҷ)тахтгоҳи Саффориён ба авҷ расида буд, ки бар асари он «бисёр мардум кушта шуд». Муаллифи «Таърихи Систон» мегӯяд, ки «асли ин таассуб ба Систон аз араб уфтода буд, миёни тамимӣ ва бакрӣ». Яке аз амирони саффорӣ пас аз барафтодани ҳукумати онҳо дар Хуросон ба ҳамватанони хеш насиҳат мекард, ки: «таассуб набояд, ки моро худ меҳнати уфтода ҳаст, ки бас фақд (нобуди)-и Амру Яъқуб ва чунин ҳолҳову хилофҳо, ки ҳамебинад шуморо дигар таассуб ва хилоф набояд кард ва тааллуф бояд, ки бошад миёни шумо, то агар ҳама вилоятҳо бишавад, ин яке ба дасти шумо бимонад ва ба дасти ғурабо ва

носазо наюфтад» [12,с. 278]. Нисбат ба Тоҳириён Саффориён ба забону адаби форсӣ иродати бештар доштанд.

Ҳамин тавр, дар замони заволи қудрати Тоҳириён (865-873 ва авҷ гирифтани кори Саффориён (870-895) буд, ки намояндагони хонадони сомонӣ ба таҳкими пояҳои қудрати хеш кӯшиданд. Аз сарнавишти ин ду силсилаи маҳаллӣ Сомониён таҷрибаи хуб андӯхтанд. Зеро, агар Тоҳириён ба одобу русуми тоисломии мардуми хеш камэътиноӣ кунанд, Саффориён воқеияти сиёсӣ ва мазҳабии он рӯзро, ки қудрати маънавии Аббосиён бар табақоти руҳониён ва оммаи мардум буд, нодида гирифта, дар ситезаву исён нисбат ба Аббосиён неруи худро талаф доданд. Аз сабаби пойгоҳи иҷтимоӣ надоштани Тоҳириён дар миёни мардум буд, ки онҳо натавонистанд аз ҳадди муайяннамудаи хулафои аббосӣ истиқлоли бештар пайдо кунанд ва то охирин лаҳзаҳои қудрати хеш ҳамчун омилони ҳукумати аббосӣ номида шаванд. Амирони саффорӣ истиқлол ёфтан аз Аббосиёнро сармашқи амали худ гардонида, яке аз онон шоири дар ситоиши ӯ шеъри арабӣ сурударо сарзаниш кард, ки «чизе ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт», вале ҳассосияти замон ва нуфузи маънавии Аббосиён бар руҳониёни вобастаи маҳаллиро нодида гирифтанд. Саранҷом бисоти ҳукумати ин ду силсила ба дасти ҳамнажодони худи эшон барчида шуд.

Сомониён, аз сарнавишти Тоҳириён ва Саффориён ибрат андӯхта, ба ду рукни ҷомеаи он рӯз, эҳёи суннатҳои миллӣ ва ҳифзи раҳбарии маънавии халифа пойбандӣ нишон дода, сад сол бар қаламрави воҳиди Хуросону Мовароуннаҳр ҳукумат карданд ва маҷмуе аз суннату русумотро барои садсолаҳои минбаъда ба мерос гузоштанд. Ба хулосаи муҳаққиқи эронӣ доктор Ноҷӣ, ба далели табаият ва фармонбардории Сомониёни суннимазҳаб аз хилофати аббосии Бағдод, табақаи руҳониён ва уламои дин дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳама вақт аз амирони сомонӣ пуштибонӣ мекарданд. Зеро дар оянда Сомониён султаи сиёсии худро маҳз аз тариқи манобири масоҷиди ҷомеъ, ки минбари расмӣ барои эълони мавозеи давлат буд, густурданд [9, с.66].

Илова бар ин, мардумони бумии минтақаро аз ҷумлаи хонадонҳои бузургу муаззами Бармакӣ – Яҳё, Фазл, Ҷаъфар, хонадони Саҳли Сарахсӣ – Фазл ва Ҳасан ибни Саҳли Сарахсӣ, хонадони Тоҳир ибни Ҳусайни Пашунгӣ – Талҳа, Абдулло, Тоҳир ва Муҳаммад, хонадони Тусӣ – Фазл ибни Сулаймон (780 м) ва Ҷаъфари Тӯсӣ (788 м), хонадони Саффориён – Яъқуб ва Амр ибни Лайси Саффорӣ, хонадони Сомониён – Асад ва фарзандону наводагони онҳо аз ҷониби халифаҳои аббосӣ ба умури давлатӣ, ба мансабҳои волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон тайин мегардиданд, ки ин ормони деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми аҷдодияшон буд. Аз ин ба баъд Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуб ибни Лайс ва Асад ибни Сомон дар назди халифа эътибори фавқулода пайдо намуда, минбаъд идораи Хуросону Мовароуннаҳр ба хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёну Сомониён интиқол ёфта, пас аз чанде истиқлолияти ҳудудиву маъмурии хешро дар шакли аморат ба даст оварданд.

**АДАБИЁТ**


1. Акбарӣ Амир. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом. -Машҳад, 1387.
2. Байҳақӣ Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ. Таҳиягари матн ва муаллифи ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. -Душанбе, 2014.

3. Байҳақӣ Абулҳасан Алӣ ибни Зайд (Ибни Фундуқ). Таърихи Байҳақ. Бо тасҳеҳ ва таълиқоти Аҳмади Баҳманёр. -Теҳрон, 1361.
4. Ибни Надим, Муҳаммад ибни Исҳоқ. Ал-Феҳрист. Ба кӯшиши Ризо таҷаддуд. –Теҳрон, 1346.
5. Ибни Халдун. Ал-Ибар (Таърихи Ибни Халдун). Ҷилди 2. Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. –Теҳрон, 1366.
6. Масъудӣ Алӣ ибни Ҳусайн. Муруҷ-уз-заҳаб. Мутарҷим Абулқосим Поянда. Теҳрон, 1387.
7. Наршахӣ Абубакр Муҳамад ибни Ҷаъфар. Таърихи Буухоро. Мураттибон Ғ. Ғоибов, К.Олимов, Н. Амиршоҳӣ. -Душанбе, 2012.
8. Низомулмулк, Хоҷа Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ. Сиёсатнома. Ба тасҳеҳи Аббос Иқбол. -Теҳрон, 1369.
9. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Баргардон Л.Бойматов. Виростор С.Муллоҷон. -Душанбе, 2011.
10. Табарӣ Муҳаммад ибн Ҷарир. Таърихи Табарӣ. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Ҷилди 14. -Теҳрон, 13.
11. Таърихи Эрон (аз фурӯпошии давлати Сосониён то омадани Салҷуқиён). (Пажуҳиши Донишгоҳи Кембриҷ). Гирдоваранда Р.Н.Фрай. Тарҷумаи Ҳасани Анӯша. Теҳрон, 1381.
12. Таърихи Систон. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. -Теҳрон, 1366.
13. Филштинский И.М. История арабов и халифата. -М., 2001.
14. Ҷузҷонӣ Минҳоҷ Сироҷ. Табақоти Носирӣ. Ба тасҳеҳи Абдулҳай Ҳабибӣ. -Теҳрон, 1364.

## ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР ОСТОНАИ ҚУДРАТЁБИИ СОМОНИЁН

Дар асри IX қудрати халифаҳои аббосӣ кам шуда бошад ҳам, нуфузи маънавии онҳо ҳанӯз дар миёни аҳолӣ устувор буд. Густариши ислом ва пойбандии мардум ба ҳокимони араб ҳокимони маҳаллиро низ дар баробари нуфузи мазҳабии бегонагон бечора месохт. Тоҳириён дар сиёсатгузориҳои худ бо итоати бечунучаро натавонистанд дар масири истиқлол ёфтани Хуросон комёб шаванд. Шӯришҳои мазҳабӣ (шиаҳо ва хориҷиҳо) қудрати ин хонадонро аз байн бурд. Саффориён дар сиёсати дохилии худ равишҳои гуногунро ба кор бастанд ва равиши хосеро дунбол карданд. Муҳимтарини ин сиёсат беэътиноӣ ба эътибори хилофати Аббосиён буда, дар миёни тӯдаи мардум маҳбубият доштанд. Дар баробари вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ авзои мазҳабии он рӯз низ дар сиёсати ин сулолаҳо таъсири худро мерасонд. Сомониён дар лобалои муборизаи Тоҳириёну Саффориён ба қудрат расида, хатти миёнаро интихоб карданд, ки сабаби муваффақ гаштани онҳо дар ҳамаи умур гардид.

**Калидвожаҳо:** Саффориён, Сомониён, халифа, Аббосиён, Хуросон, Мовароуннаҳр, дин, ислом,Тоҳириён.

## ПОЛОЖЕНИЕ ХОРАСАНА И МАВЕРАННАХРА НАКАНУНЕ ВОШЕСТВИЯ НА ПРЕСТОЛ САМАНИДОВ

В середине IX века могуществу Аббасидского халифата пришел конец. Восточные провинции мусульманской империи, в т.ч. Хорасан и Мавераннахр, вышли из состава халифата и зажили самостоятельной жизнью. Несмотря на утрату реальной власти, аббасидские халифы все еще признавались как верховная власть и в глазах мусульманского духовенства сохраняли свою опору. Местным правящим династиям Тахиридам, Сафаридам и Саманидам пришлось смириться с этим явлением. Хотя в IX веке власть аббасидских халифов уменьшилась, но их духовное влияние среди населения все еще было сильным. Распространение ислама и приверженность народа арабским правителям привели к обеднению местных правителей наряду с религиозным влиянием иностранцев. Тахириты не могли добиться независимости Хорасана в своей политике безоговорочным повиновением. Религиозные восстания (шиитов и иностранцев) разрушили власть этой семьи. Саффариды использовали разные подходы в своей внутренней политике и следовали определенному подходу. Важнейшей частью этой политики было пренебрежение престижем аббасидского халифата, и они пользовались популярностью среди народа. Наряду с экономической и социальной ситуацией, религиозный климат того времени также влиял на политику этих династий. Саманиды пришли к власти в разгар борьбы между тахиридами и саффаридами и избрали среднюю линию, что и послужило причиной их успеха во всей их жизни.

**Ключевые слова:** Тахириды, Сафариды, Саманиды, халиф, Аббасиды, религия, ислам, Хорасан, Мавереннахр.

**THE SITUATION OF KHORASAN AND MAVERANNAHR ON THE EVE OF THE ENTRANCE TO THE THRON OF THE SAMANIDS**

In the middle of the 9th century, the power of the Abbasid Caliphate came to an end. Eastern provinces of the Muslim empire, incl. Khorasan and Maverannahr left the caliphate and began to live an independent life. Despite the loss of real power, the Abbasid caliphs were still recognized as the supreme power and in the eyes of the Muslim clergy retained their support. The local ruling dynasties Tahirids, Safarids and Samanids had to come to terms with this phenomenon. Although the power of the Abbasid caliphs decreased in the 9th century, their spiritual influence among the population was still strong. The spread of Islam and the adherence of the people to the Arab rulers led to the impoverishment of local rulers along with the religious influence of foreigners. The Tahirites could not achieve the independence of Khorasan in their policy by unconditional obedience. Religious uprisings (Shia and foreigners) destroyed the power of this family. The Saffarids took different approaches in their domestic politics and followed a particular approach. The most important part of this policy was the disregard for the prestige of the Abbasid caliphate, and they were popular among the people. Along with the economic and social situation, the religious climate of the time also influenced the politics of these dynasties. The Samanids came to power in the midst of the struggle between the Tahirids and the Saffarids and chose the middle line, which was the reason for their success throughout their lives.

**Key words:** Tahirids, Safarids, Samanids, Caliph, Abbasids, religion, Islam, Khorasan, Maverennahr.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сайфуллоҳи Муллоҷон* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907827090.** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сайфуллохи Муллоджон*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Гуломов Тоджиддин Мирзоалиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры историографии и архивоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907827090.** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Saifullohi Mullojon*** - Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.
***Gulomov Tojiddin Mirzoalievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Historiography and Archives. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 907827090.** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

УДК:070.1(09)(576)

# ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ЭРОН АЗ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА ТО АНҶОМИ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

***Расулиён Қ. Р., Ализода А.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Инқилоби машрутаи (конститутсионии) солҳои 1905-1911 дар Эрон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишвар таҳаввулоти азимеро ба бор овард. Дар солҳои инқилоб бори аввал дар Эрон Қонуни асосӣ (Конститутсия) қабул карда шуд, ки кишвар дар асоси нишондодҳои он идора карда мешуд. Қабули Конститутсия дар радифи дигар дастовардҳо имкон дод, ки нахустин рӯзнома ва маҷаллаҳои ғайридавлатӣ арзи ҳастӣ намоянд.

Пас аз таъсиси Маҷлиси Шурои Миллӣ (парламент) дар соли 1906 дар фаъолияти рӯзномаҳои ғайридавлатӣ таҳаввулоти бузург ба амал омад. Вожаи "озод" аввалин шуда рӯйи рӯзномаи "Маҷлис" сабт карда шуд. Ин рӯзнома бо мудирияти Оқомирзо Муҳаммад Содиқи Таботабоӣ, ки худ ва падараш аз озодихоҳони маъруф буданд, идора мешуд. Ва рӯзномаи "Маҷлис" аз сензура ва назорати давлат озод гардид. Ҳукми озод будани рӯзномаи "Маҷлис" бо дасти худи Музаффариддиншоҳ содир гардид. Дар дастхатти шоҳ имтиёзи рӯзномаи "Маҷлис" бо Оқомирзо Муҳсин фарзанди калонии Оқомирзо Муҳаммад Содиқи Таботабоӣ дода шуда, вале дар унвони рӯзнома ба сифати мудири кулл номи Мирзо Муҳаммад Содиқи Таботабоӣ зикр гардидааст. Ва ҳамзамон, идораи рӯзнома низ ба уҳдаи Адибулмамолик вогузор шудааст. Масъалаи озод будани рӯзномаи "Маҷлис" ба андозае муҳим талаққӣ гардид, ки аз шумораи аввал дар болои рӯзнома ибораи "Ин рӯзнома ба куллӣ мутлақ ва озод аст" қайд шуд [12, с.23].

Дар соли 1906 бо исрори Машируддавла иҷозаи интишори рӯзномаи "Нидои Ватан" дода шуд. Муассиси ин рӯзнома Маҷдулисломи Кирмонӣ ҳарчанд саъю талош намуд, ки калимаи "озод" дар дастхат ва фармони имтиёз навишта шавад ва ҳамчунин рӯзнома аз банди сензура ва назорати раёсати интибоот озод гардад, ба вай муяссар нашуд. Баъдҳо бо талоши намояндагони давраи аввали Маҷлиси Шурои Миллӣ вожаи "озод" дар имтиёзи рӯзномаҳо ҷой дода шуд. Вакилони давраи аввали Маҷлиси Шурои Миллӣ барои дарёфти ин ҳақҳ талошҳои зиёде намудаанд ва аз ин ҷиҳат рӯзномаҳо то муддате пас аз оғози машрутият ибораи "озод-миллӣ"- ро дар сарлавҳаи худ чоп мекарданд.

Қонуни матбуот 8 феврали соли 1908 дар Маҷлиси Шурои Миллӣ бо ҳузури 88 нафар вакил ва бо 76 раъй ба тасвиб расида, пас аз имзои раиси маҷлис Эътишомуссалтана ба дарбори шоҳ фиристода шуд. Қонуни матбуот дорои 6 фасл ва 52 модда буда, дар муқаддимаи он чунин навишта шуда буд: "Мувофиқи асли бистум аз Қонуни асосӣ (конститутсия) оммаи матбуот ғайр аз кутуби зилол ва маводи музирра ба дини мубин, озод ва мумайизе дар онҳо мамнуъ аст. Вале ҳар гоҳ чизе мухолифи Қонуни матбуот дар онҳо мушоҳида шавад, нашрдиҳанда ва ё нависанда бар тибқи Қонуни матбуот муҷозот мешаванд. Агар нависанда маъруф ва муқими Эрон бошад, ношир ва тобеъ ва мавзеъ аз таарруз масун ҳастанд, муқаррар

мешаванд табъи кутуб ва рӯзномаҷот ва эълонот ва лавоҳ дар таҳти қавонини муқаррараи зайл, ки аз барои ҳифзи ҳуқуқи умум ва сода абвоби мазор аз муҷозот дар боби қалам ва матбуот вазъ мешаванд, озод аст.

Ҳар кас бихоҳад матбаа доир намояд ё китоб ё ҷарида ва эълоноте ба табъ бирасонад ё матбуотро бифурӯшад, бояд бадван адами тахаллуф аз фусули ин қавонинро назди Вазорати маориф ба имзои шаръӣ мулзам ва мутааҳҳид шавад" [12, с.26].

То содир шудани фармони Музаффариддиншоҳ дар бораи таъсиси маҷлис (парламент) дар Эрон дар таърихи 5 августи соли 1906 дар шаҳри Теҳрон рӯзномаҳои "Эрон", "Иттилоъ", "Тарбия", "Адаб", "Шоҳаншоҳӣ" ва "Маҷмуаи ахлоқ", дар шаҳри Табрез рӯзномаҳои "Ҷадид" ва "Камол", дар шаҳри Бушаҳр рӯзномаи "Музаффарӣ", дар шаҳри Исфаҳон рӯзномаи "Фарҳанг" табъу нашр мешуданд.

Бо зуҳури машрутият ва ифтитоҳи маҷлис (парламент) нашри рӯзнома хеле авҷ гирифт. Дар чаҳор моҳи аввал беш аз 20 рӯзнома имтиёзи чопро пайдо намуд [10, с.129] ки нахустини онҳо рӯзномаи "Маҷлис" буд. Муассиси "Маҷлис" Мирзо Муҳсини Муҷтаҳид, мудираш Мирзо Саидмуҳаммад Содиқи Таботабоӣ ва сардабираш Адибулмамолики Фароҳонӣ буданд. Ин рӯзнома дар соли 1906 дар тули се моҳи аввал ҳафтае ҷаҳор шумора ва аз шумораи 68 - ум ҳафтае шаш шумора ба табъ мерасид. Дар он ғайр аз ахбори маҷлис (парламент) ҳамчунин маводи адабӣ, аз ҷумла ашъори Адибулмамолики Фароҳонӣ дарҷ мешуд. Аз шумораи 64 - ум ба баъд сардабирии "Маҷлис"-ро Яҳёи Кошонӣ бар уҳда дошт.

Пас аз "Маҷлис" рӯзномаи "Маориф" ба фаъолият оғоз намуд. Муассиси он Шайх Муҳаммадалии Дизфулӣ буда, зери назари Вазорати улум ва маориф ба чоп мерасид. Рӯзномаи "Нидои ватан" ҳафтае як шумора аз ҷониби Маҷдулисломи Кирмонӣ, ки қаблан рӯзномаи "Адаб"- ро нашр мекард, аз соли 1906 табъу нашр мешуд.

Бояд гуфт, ки пас аз пароканда гардидани маҷлис (парламент) ба дасти неруҳои зиддиинқилобӣ ҳамаи рӯзномаҳои пойтахт ва вилоятҳои Эрон аз фаъолият бозмонданд. Танҳо рӯзномаҳои "Анҷуман"-и Табрез ва "Анҷумани Исфаҳон" буданд, ки интишор ёфта ва дар муқобили ҳукумати мустабид истодагарӣ намуданд.

Дар ин сол дар радифи "Анҷуман" дар шаҳри Табрез рӯзномаҳои "Озод", "Ухуват", "Иттиҳод", "Иблоғ", "Умед", "Мисбоҳ", "Дабистон", "Исломия" низ интишор меёфтанд, ки дар миёни онҳо рӯзномаҳои "Исломия" ва "Ухуват" аз ҳукумати мустабиди Табрез пуштибонӣ менамуданд [10, с.131]. Дар соли 2006 ду рӯзнома бо номи "Иттиҳод" дар Табрез интишор ёфтанд, ки мудири яке аз онҳо Мирзо Абулқосим Зиёулуламои озодихоҳ, ки кушта шуд ва мудири дигараш Аҳмад Басират, ки рӯзномаҳои иртиҷоии "Ухуват" ва "Исломия"–ро низ мунташид мекард, буданд.

Гуфтан мебояд, ки дар соли 1907 теъдоди рӯзномаҳо хеле афзоиш пайдо намуд. Аз 77 рӯзномае, ки дар ин сол интишор меёфт, 48-тоаш дар пойтахт, 8-тоаш дар Исфаҳон, 7-тоаш дар Рашт, 3-тоаш дар Ҳамадон, 5- тоаш дар Табрез ва боқимонда дар шаҳрҳои Машҳад, Шероз, Язд, Кирмон, Урумия, Анзалӣ табъу нашр мешуд.

Аз миёни рӯзномаҳои ин давра метавон аз "Субҳи содиқ" "Ҳабл-ул-матин", "Сури Исрофил", "Руҳ-ул-қудус", "Мусоват", "Тараққӣ" "Тамаддун", "Ироқи Аҷам", "Ал-ҷамол", "Кавкаби дарӣ", "Раҳнамо", "Кашкул", "Муҳокимот", "Зишт ва

зебо”, “Танбеҳ”, “Фарҳанг”, “Қоҷория”, “Қасим-ул-ахбор”, “Кошиф-ал-ҳақоиқ”, “Сирот-ул-мустақим”, “Сиҳат”, “Қавоиди омма”, “Ҳидоят”, “Урват-ул-вусқо”, “Бедорӣ”, “Балдия”, “Бомдод”, “Анҷумани асноф”, “Маҷаллаи истибдод”, “Одамият”, “Иттиҳодия”, “Саодат”, “Иттиҳод”, “Ғайбнамо”, “Оинаи ғайбнамо”, “Машрута”, “Беқонунӣ”, “Машварат”, “Гулистони саодат”, “Ҷаҳоноро”, “Ҷоми Ҷам”, “Калиди сиёсӣ”, “Тафаккур”, “Ташвиқ”, “Ганҷи шойгон”, “Саломалейкум”, “Забони миллат”, “Рӯзномаи Шайх Фазлуллоҳ” ва ғайра ном бурд [10, с.134].

Ғайр аз рӯзномаҳои “Субҳи содиқ” ва “Ҳаблулматин”, ки ҳар рӯз чоп мешуданд, дигар нашрияҳо ҳафтанома, даҳрӯза ва аҳёнан понздаҳрӯза буданд.

“Субҳи содиқ” аз соли 1906 то соли 1907 ҳамарӯза интишор меёфт. Муассис ва мудири он Муидулмамолик (Қоҷор) буд. Дар соли 1906 228 шумора чоп шудааст. Аз шумораи дувум дар тақлид ба рӯзномаи “Маҷлис” Муидулмамолик мудири кулл ва Мирзо Алихони Занҷонӣ дабир муаррифӣ шуда буданд. Дар охирҳои сол Муидулмамолик мудири кулл ва Мирзо Алихони Занҷонӣ чун дабир муаррифӣ шуда буданд. Дар охирҳои сол чун Муидулмамолик ба узвияти маҳкамаи тиҷорат интихоб шуд, мудирии рӯзномаро ба бародараш Муиди Девон вогузор кард. Баъд аз тирборон гардидани Маҷлиси Шурои Миллии Эрон (парламент) бо фармони шоҳи вақти Эрон Муҳаммадалишоҳ аз интишор бозмонд.

Мир Саид Ҳасани Кошонӣ, ки бародари мудир ва ношири рӯзномаи “Ҳабл-ул-матин”-и Калкутии Ҳиндустон Саид Ҷалолуддини Кошонӣ “Муидулислом” буду зери назари ӯ аз соли 1898 рӯзномаи “Мифтоҳ-уз- зафар” ва аз соли 1899 рӯзномаи “Озод” - ро ҳамзамон интишор мекард, ба хотири ошноӣ бо вазъи Эрон ба ватан омада, бо озодихоҳон ва аҳли қалами кишвар ошноӣ пайдо намуда буд, дар баробари ҷамъоварӣ намудани мавод барои “Ҳаблулматин” - и Ҳиндустон, дар соли 1907 дар шаҳри Теҳрон ба табъу нашри рӯзномаи “Ҳаблул-матин”-и Теҳрон пардохт. Ин нашрия ҳамарӯза бо сардабирии Шайх Яҳёи Кошонӣ табъу нашр мешуд. Дар давраи “Истибдоди сағир” ин рӯзнома ҳудуди се-чаҳор моҳ дар шаҳри Рашт табъу нашр шуда, пас аз тасарруфи шаҳри Теҳрон аз ҷониби шӯришгарон дар соли 1909 боз ба пойтахт интиқол ёфт. Дар ҳамон соли 1909 бо сабаби чопи мақолае, ки гӯё он бар зидди дини ислом будааст, ба муддати 23 моҳ аз ҷониби ҳукуматдорон баста шуд, Шайх Яҳё солҳои 1909-1911 мудирӣ ва сардабирии рӯзномаи “Маҷлис”-ро бар уҳда дошт.

“Сури Исрофил”, ки яке аз пуровозатарин нашрияи давраи Инқилоби машрутаи Эрон буд, аз соли 1907 ҳафтае як шумора аз ҷониби Мирзо Қосимхони Табрезӣ,ки дар аҳди Ризошоҳи Паҳлавӣ номи хонаводагии Сури Исрофилро ба худ гирифт, Мирзо Ҷаҳонгирхони Шерозӣ ва Мирзо Алиакбари Деҳхудо интишор меёфт.Алиакбари Деҳхудо маводи рӯзномаро тавре менавишт, ки мардуми авом низ битавонад матолибашро бифаҳманд ва онро дӯсту ҳамсуҳбати худ бишуморанд. Забони рӯзнома чунон сода ва ширин буд, ки ҳатто навҷавононро ҳам ба сӯйи худ ҷалб мекард ва маҳз тавассути ҳамин навҷавонон дар ҳама ҷо фурӯхта мешуд. Алиакбари Деҳхудо дар навиштаҳои худ воқеиятҳои дардноки ҷомеаро бо забони омма ва бо танз, ҳазлу шӯхӣ баён мекард [3, с.14].

Аммо саранҷом бадхоҳон ба ӯ ҳасад бурданд ва мавриди рашки муғризон ва тангандешон қарор гирифт. Аз ҷумла, тане чанд аз руҳонинамоҳо ва ба таҳрики

дарбор Деҳхудоро кофир хонданд. Бад-ин тартиб буд, ки кори мухолифат боло гирифт ва мавзуъ ба Маҷлиси Шӯрои Миллӣ кашида шуд. Дар маҷлис (парламент) ду ҷаласа дар бораи мақолаҳои Деҳхудо баҳс ва гуфтугӯ шуд. Намояндагони мувофиқ ва мухолиф суханрониҳо карданд, саранҷом иттиҳоми такфир нисбат ба Деҳхудо рад шуд, аммо интишори рӯзномаро мамнуъ карданд” [2, с.148].

Пас аз баста шудани рӯзномаи “Сури Исрофил” буд, ки Муҳаммадалишоҳ бо озодихоҳон муборизаи худро ба таври ошкоро оғоз кард. Бо дастури ӯ Маҷлиси Шурои Миллиро тӯпборон карданд. Баъд аз ин воқеа Алиакбари Деҳхудо муддате дар сохтмони парламент таҳассун кард. Аммо бефоида буд ва саранҷом аз ночорӣ ба сафоратхонаи Англия паноҳанда шуд. “Чун маҷлис ба тӯп баста шуд, Деҳхудо ба ҳамгомии Тақизода тавонист дар сафорати инглис паноҳанда шаванд ва ҷон аз маҳлакаи ҳатмӣ бадар баранд. То ин ки шоҳ ба хурӯҷ ва табъиди онҳо аз Эрон ризо дод” [2, с.148].

Ва Деҳхудоро ҳамроҳи панҷ тани дигар аз ҳамроҳонаш ба Аврупо бадарға карданд. Чанде аз моҷаро нагузашта буд, ки Мирзо Ҷаҳонгирхон ҳам, ки аз кормандони рӯзнома буд, дастгир шуд. Рӯзномаи “Сури Исрофил” бесарпараст монд ва амалан фаъолияти худро қатъ кард. Мирзо Ҷаҳонгирхонро сарбозони шоҳ дар боғи шоҳии Теҳрон куштанд.

Алиакбари Деҳхудо рӯзномаи “Сури Исрофил”-ро бо ҳамон ном, қатъ ва ранг дар Швейтсария таҳия ва дар Париж чоп кард. Аммо ин дафъа рӯзнома бо номи Деҳхудо набуд ва ба исми Мирзо Алиакбархони Қазвинӣ ва бе лақаби Деҳхудо мунташир шуд.

Пас аз чанд муддат Алиакбари Деҳхудо маҷбур шуд ба Туркия биравад. Дар шаҳри Истанбул чанде аз ҳамфикронаш ӯро ба раёсати кумитае ба номи “Кумитаи саодат” интихоб карданд. Вай дар Истанбул дубора ба нашри рӯзнома даст зад ва тавонист 15 шумораи рӯзномаашро ба табъ расонад. Номи рӯзномаашро Деҳхудо дар Туркия “Суруш”, гузошт, аммо шеваи гуфтор ва хатти маши онро тағйир надод, балки ҳамон равиши равшанфикрона ва дифоъ аз мазлумону маҳрумонро дар рӯзнома идома дод, ки хеле шабеҳи рӯзномаи “Сури Исрофил”буд.

Он нуқтаро бояд таъкид намуд, ки “Сури Исрофил” яке аз рӯзномаҳои давраи аввали Инқилоби машрута буд, ки бар зидди вуҷуд надоштани озодии матбуот пайваста мубориза мебурд.

Аз ҷониби намояндагони давраи аввали Маҷлиси Шурои Миллӣ ба тасвиб расидани қонуни озодии матбуот ва барҳам дода шудани сензура ва тафтиши давлат нисбат ба рӯзномаҳо хидмати бузурге буд дар масири озодии баён. Маҳз озодии матбуот сабаб гардид, ки пас аз машрутият рӯзномаҳои зиёде дар шаҳри Теҳрон ва шаҳристонҳои ин кишвар мунташир гардад. Ин раванд то ҳодисаи гулӯлаборон кардани парламент бо фармони шоҳ ва фирори озодихоҳон, ҳамчунин қатли чанд тан аз масъулони рӯзномаҳо босуръат идома дошт.

Рӯзномаи “Руҳ-ул-қудс” аз соли 1907 то соли 1908 бо мудирияти Султонулуламои Хуросонӣ интишор меёфт. Вай аз ҳукумат ва давлати Эрон ҳамеша интиқоди шадид мекард. Сармақолаи шумораи 13-уми “Руҳ-ул-қудс” бо номи “Нутқи ғайбӣ” гарчи даромади мулоим дошт, вале баъд аз овардани байти:

***Магар ба гӯши Сулаймон зи ман расонад бод,***

Насиҳате, ки дар ӯ хайри салтанат бошад, чунин менависад: Эй кош дар ин мамлакат як шоҳпараст пайдо мешуд, ки чанд калимаи додхоҳии “Руҳ-ул-қудс”-ро ба шоҳи додхоҳ мерасонид. “Маро на ҳавои салтанат аст ва на хаёли вазорат" дар ҳифзи ватан ва ҳимояти ҳамватанон бикӯшем ва аз ҳарфи ҳақ гуфтан чашм напӯшем. Миёни раият ва банда (ғулом) фарқ аст. Итоати шаҳвати нуқсонӣ бар банда лозим аст, на ба раият, зеро, ки раият банда нест ва озод аст... [10, с.136].

Нашри ин мақола мудир ва дабири рӯзномаи “Руҳ-ул-қудс”-ро дар назди шоҳ ва мустабидони дигар чунон мавриди буғзу нафрат қарор дод, ки баъд аз тирборон намудани бинои парламент ва дастгирии Султонулуламо дар дунболи як ҷанги кӯчагӣ ӯро ба занҷир баста, азобу шиканҷа доданд. Саранҷом пеш аз он ки ҳамроҳи дигарон аз зиндон озодаш кунанд, ӯро куштанд ва ҷасадаш пайдо нашуд [10, с.137].

“Мусовот”яке аз се рӯзномаи тундрави ин давра буд, ки нахустин шумораи он соли 1907 дар 8 саҳифа бо қатъи нимвароқӣ дар матбааи сурбии “Ҳуқуқ” ба чоп расид. Чопхонаи “Ҳуқуқ” ва баъд аз он рӯзномаи “Ҳуқуқ” ба дасти гурӯҳи фаромосиюнҳои ҷудошуда аз ҷамъияти “Одамият” тааллуқ дошт. Ин рӯзнома аз ҷониби Саид Муҳаммад Ризои Шерозӣ чоп мешуд. Шумораи дувуми он дар чопхонаи “Шарқӣ”, ки аз ҷониби Шайхулмулк Сирҷонӣ таъсис ёфта буд, ба табъ расид. Саид Муҳаммад Ризо аз машрутаталабони (конститутсияхоҳон)-и пуршӯре буд, ки дар рӯзи балвои Масҷиди ҷомеи Теҳрон даст ба силоҳ зад ва вориди амал шуд. Бо уламои норозӣ аз ҳукумат дар таҳассун ва муҳоҷират ҳамроҳ буд. Сипас, ба таври махфӣ нашрияи “Субҳона”-ро интишор медод. “Мусовот” то шумораи 25-ум дар Теҳрон чоп мешуд. Пас аз табаддулот ва фирори мудираш аз шумораи 26-ум ба баъд дар Табрез бо чопи сангӣ бо қатъ ва саҳифабандии аввала интишор ёфт. Ҳафтаномаи “Мусовот” дар Табрез аз ҳаракати муҷоҳидон дар мубориза бар зидди ҳукумати зулму истибдод пуштибонӣ мекард. Лашкар буд, ки мазмуни онҳо бо авзоъ ва аҳволи рӯз бемуносибат набуданд. Саҳифаҳои дувум, севум ва чаҳоруми “Кашкул” шомили қисмати карикатура буданд [10, с.42].

Рӯзномаи “Муҳокимот” дар соли 1907 аз ҷониби Маҷдулислом таъсис дода шуда буд. Мавзуи асосиаш инъикоси ҷараёни муҳокима ва қатлу куштор, ки ба дасти тарафдорони ҳукумати истибдод сурат мегирифт, буд.

Нашрияи “Рашт ва зебо” бо мудирияти Фатҳулмамолик ва таҳти ҳимояти “Анҷуман ва иттиҳодияи туллоб” дар соли 1907 мунташир мешуд.Ин рӯзномаи мусаввар дар шумораи аввали худ ваъда дод, ки тасвирҳои бузургони оламро дар саҳифаи аввал, бузургону уламои муосир ва вазирону вакилонро дар саҳифаи чаҳорумаш инъикос менамояд. “Рашт ва зебо” дар шумораҳои дувум ва севумаш тасвири ҳазрати Мусоро дар кӯҳи Тур ва ҳазрати Сулаймон ибни Довудро тоҷ бар сар дар саҳифаи аввал ва ноибуссалтана ва фармонравои вақтро дар саҳифаи дувум овардааст ва матолибро зери унвони “Рашт ва зебо” дар саҳифаҳои дигараш ҷой додааст. Дар шумораи сеюми рӯзнома номгӯйи анҷуманҳо ва таълимгоҳҳое, ки дар ҷашни яксолагии Инқилоби машрута ва таъсиси маҷлис (парламент) иштирок намудаанд, овардааст, ки теъдоди анҷуманҳо беш аз чиҳил ва таълимгоҳҳо қариб 30-то мебошанд.

Ҳанӯз дар соли 1885 дар шаҳри Исфаҳон рӯзномае бо номи “Фарҳанг” интишор ёфта буд. Соли 1907 Эътимодулуламо Муртазо Шариф дар шаҳри Теҳрон ҳафтаномаи “Фарҳанг”-ро таъсис намуд. Муртазо Абдулмуталлиби Яздӣ соли 1907

рӯзномаи “Одамият”-ро табъу нашр мекард. Ин нашрияи мусаввар аз подшоҳи вақти Эрон Муҳаммадалишоҳ ҷонибдорӣ мекард.

“Истибдод” нахустин маҷаллае буд, ки дар Эрон табъу нашр мешуд. Он ҳафтае як шумора дар соли 1907 бо қатъи маҷаллаӣ чоп мешуд. Дар маҷалла номи мудир, сардабир ва муассис навишта намешуд. Идорааш дар хонаи Шайхулмамолик буда, аз ҷониби китобхонаи “Шарофат”, ки нoшири рӯзномаи “Шарофат” буд, тавзеъ мешуд. Дар муқобили ҳукумати мустабиди вақт мавод чоп мекард.

“Урва-ул-вусқо”,“Сирот-ул-мустақим”,“Кашф-ул-ҳақоиқ”, “Қосимулахбор”, “Машрутаи беқонун”, “Калиди сиёсӣ”, “Қавоиди омма” аз дигар рӯзномаҳое буданд, ки дар шаҳрҳои Теҳрон, Табрез, Рашт табъу нашр мешуданд.

Аз рӯзи 23 ҷимодиулаввали соли 1326 ҳиҷрии қамарӣ (27 майи 1908), ки бо дастури шоҳи Эрон Муҳаммадалишоҳ Маҷлиси Шурои Миллии Эрон (парламент) тӯпборон ва пароканда карда шуд, то 27 ҷимодиулохири соли 1327 (17 июни соли 1909), ки шоҳ дар зери фишори инқилобчиён дар сафорати Россия паноҳанда шуд, яъне дар муддати беш аз 13 моҳ вазъе, ки бар Эрон ҳукмрон буд,”истибдоди сағир” ном гирифт. Қатъ гардидани маҷлис ва тасарруфи худсаронаи Муҳаммадалишоҳ дар умури мамлакат тамоми дастовардҳои ҳукумати машрутаро (конститутсиониро) бар боди фано бурд. Аз ҷумла рӯзномаҳо, ки дар эъломияҳои расмии ҷадиди дарбор “сарманшаи фасод” номида мешуданд, ҳама баста шуданд. Чанд тан аз рӯзноманигорони мухолифи ҳукумати истибдодии шоҳ ба қатл расонида шуданд, бархе ба маҳбас андохта шуданд ва боқимонда пинҳон шуданд ва ё ба хориҷи кишвар фирор карданд. Тарс, навмедӣ ва беэътимодӣ аз давлат ба дараҷае расида буд, ки шахсоне монанди Маҷдулисломи Кирмонӣ ва Низомулисломи Кирмонӣ, ки дар навиштаҳо тарафдори Муҳаммадалишоҳ аз хидматгузорон номида мешуданд, низ ҷони худро дар хатар медонистанд. Дар ин давра рӯзномаҳое, монанди “Укёнус” ва “Нидои ватан”, ки аз ибтидо тарафдори шоҳ буданд, ҳамагӣ як муддати кӯтоҳ интишор ёфта, боз фаъолияташонро қатъ карданд.

Дар шаҳрҳои Рашт, Исфаҳон ва Табрез, ки се маркази асосии ҳаракати зиддиистибдодӣ буданд, интишори бархе аз нашрияҳо пас аз ин табаддулот идома дошт. Ҳамзамон, замина барои интиқоли рӯзномаи “Кашкул”-и Маҷдулислом аз Теҳрон ба Исфаҳон, “Ҳаблулматин” ба Рашт ва “Мусовот” ба Табрез фароҳам буд. Аз ҷумла мудири рӯзномаи “Мусовот” Саид Муҳаммад Ризои Шерозӣ пинҳонӣ ба Табрез омада, интишори рӯзномаи худро идома дод. Рӯзномаи “Мусовот” дар Табрез ба чопи сангӣ бо шакли аввалаи худ ва шумораи аввали он зери рақами 26 ба табъ расид [10, с.154].

Нoшири нашрияи ҳаррӯзаи “Ҳаблулматин”-и Теҳрон Мир Саид Ҳасани Кошонӣ пас аз оворагиҳо ба Рашт рафт ва дар хонаи сардор Мансури Раштӣ ба нашри “Ҳаблулматин” пардохт. Анҷумани иёлотии Гелон, ки роҳбарии инқилоби шимолро пас аз қатли Оқоболохон бар уҳда гирифта буд, рӯзномаи “Ҳаблулматин”-ро нашрияи худ донист.

Рӯзномаи “Насими Рашт”, ки дар соли 1907 таъсис ва дар давраи “истибдоди сағир” таътил шуда буд, пас аз ғалабаи муҷоҳиддин бар шаҳри Рашт дубора интишор ёфт [11, с.405].

Дар масири ҳаракати неруҳои зидди ҳукумати истибдодӣ аз Гелон ба сӯйи пойтахт ва ғалабаи онҳо дар шаҳри Қазвин дар ин шаҳр рӯзномаи ҷадиде бо номи

“Ёдгори инқилоб” таъсис ёфт. Ин рӯзнома ҳафтае ду бор бо мудирияти Муътақидулисломи Раштӣ табъу нашр мешуд. “Ёдгори инқилоб” аз шумораи якум то шашум дар Қазвин ва аз шумораи ҳафтум ба баъд дар Теҳрон ба чопи сурбӣ ва мусаввар интишор меёфт.

Пас аз талошҳои номуваффақи беш аз сенздаҳмоҳа бар зидди ҷонибдорони озодӣ ва баробарию бародарӣ дар назди қонун, яъне машрутахоҳон, Муҳаммадалишоҳ рӯзи 27-уми ҷимодиуссонии соли 1327 ҳиҷрии қамарӣ (17 июни соли 1909) аз кохи Ниёварони Теҳрон ба иморати тобистонаи сафорати Рассия дар Зарганда гурехт. Инқилобчиён бо сарварии сардор Асъад писари Муҳаммадалишоҳ Аҳмад Мирзои валиаҳдро ба ҷойи ӯ ба тахти подшоҳӣ нишонданд. Давраи “истибдоди сағир” пушти сар ва асоси ҳукумати машрута пас аз муддате таътил дубора барқарор шуд.

Рӯзномаҳои маъруфе, монанди “Маҷлис”, “Нидои ватан”, “Ҳаблулматин”, “Тамаддун” аз нав дар Теҳрон интишор ёфтанд. Аммо пас аз кушта шудани Мирзо Ҷаҳонгирхон бо дасти ҳокимони мустабдид касе пайдо нашуд, ки рӯзномаи “Сури Исрофил”-ро дубора эҳё кунад. Аз миёни рӯзноманигорони шинохта Мирзо Қосимхон аз пайи кори давлатӣ рафт, Мирзо Алиакбархони Деҳхудо намояндаи мардум дар маҷлис (парламент) шуд. Рӯзномаи “Мусовот” ҳам аз нашр бозмонд.

Рӯзномаҳое, ки дар давраи пас аз омадани Муҳаммадалишоҳ аз Россия ба Мозандарон мунташир мешуданд, асосан ҳодисаҳои ин давраро инъикос менамуданд, ки дар миёни онҳо рӯзномаҳои “Хуросон”, “Тӯс”, “Навбаҳор” дар Машҳад, “Шафақ” дар Табрез дар сафи аввал буданд. Пас аз ташкили ҳизбҳои “Демократ”, “Эътидолӣ”, “Иттифоқ ва “Тараққӣ”, “Тараққихоҳ” шуъбаҳои онҳо дар иёлот ва вилоёти кишвар таъсис шуда буд, вазъи рӯзномаҳо нисбат ба давраи ибтидои ҳаракати машрутахоҳӣ ба куллӣ тағйир ёфта буд. Ҳизби “Демократ” рӯзномаи “Эрони нав”, ҳизби “Иттифоқ ва тараққӣ” рӯзномаҳои “Истиқлоли Эрон” ва “Аср”-ро, ҳизби “Эътидолӣ” рӯзномаҳои “Маҷлис”, “Пулиси Эрон” ва “Офтоб”-ро табъу нашр мекарданд.

Дар солҳои инқилоби машрутаи Эрон нахустин нашрияҳо барои занон, ки бо дасти худи онҳо таҳия мешуданд, арзи ҳастӣ намуданд. Нахустин рӯзномае, ки бо дасти занон ва барои онҳо мунташир шуд, ҳафтаномаи “Дониш” буд. Нашрияи “Дониш” дар соли 1910 оғоз ёфт ва дар тӯли як сол 30 шумора ва дар 8 саҳифа чоп мешуд. Муассис ва мудири масъули он хонум Каҳоли пизишк буд. Дар се шумораи аввали рӯзнома номи Сафват ба унвони сардабир қайд шудааст. Дар шумораи аввали рӯзнома омада, ки он “Рӯзномаи ахлоқӣ, бачадорӣ ва хонадорӣ аст.” Мавзуи ҳифзи сиҳати омма дар рӯзнома мавқеи хос дошт. Дар бархе аз шумораҳои “Дониш” эълоне дида мешуд, ки хонум Каҳол ҳамарӯза, ҷуз ҷумъаҳо, дар идораи рӯзнома барои муолиҷаи чашм ҳозир аст. Ахбори марбут ба фаъолияти мактабҳои духтарона низ дар саҳифаҳои “Дониш” зиёд дарҷ мешуд [8, с.415].

Пас аз баста шудани рӯзномаи “Дониш” дар соли 1911 хонум Музайянусалтана рӯзномаи мусаввари “Шукуфа”-ро таъсис намуд, ки нахустин шумораи он моҳи ноябр дар 4 саҳифа бо хатти насх интишор ёфт. “Шукуфа” дар ҳар 15 рӯз як шумора чоп шуда ва дар болои саҳифаи аввали он навишта шуда буд, ки: “Рӯзномае аст ахлоқӣ, ҳифзулсиҳаи атфол, хонадорӣ, маслаки мустақимаш тарбияти душизагон ва тасфияи ахлоқи занон. Роҷеъ ба мадориси нисвон (занон) мақолоте, ки ба маслаки

ҷарида мувофиқат дошта бошад, пазируфта мешавад”. “Шукуфа” дар мақолае бо унвони “Манофеи рӯзнома аз бораи хавотини муҳтарам” дар бораи аҳамияти рӯзнома дар ҳаёти ҷомеа чунин менависад: “Ҳеҷ мамлакате по ба доираи тамаддун ва тараққӣ нагузошт магар ба воситаи рӯзнома. Рӯзнома аст, ки танфизи афкор ва тарбияти нутқ ва гуфтор менамояд ва тариқаи зиндагонӣ ва таҳсили мукнат ва сарватро ба мо нишон медиҳад” [7, с.19].

Рӯзномаи “Забони занон” севумин рӯзномаи бонувон дар кишвар ва нашрияи “Ҷамъияти нисвони ватанхоҳ” буда, аз соли 1918 дар шаҳри Исфаҳон бо мудирияти бону Сиддиқаи Давлатободӣ ҳафтае ду шумора интишор меёфт. Дар натиҷаи мухолифати ашхосе, ки зидди озодии занон буданд, ҳайати нашрия ба шаҳри Теҳрон ҳиҷрат намуда ва нашри “Забони занон”-ро дар пойтахт идома доданд.

Рӯзномаҳое, ки дар вилоятҳо чоп мешуданд, “Фарёд”-и Урумия, “Тулуъ”, “Музаффарӣ”-и Бушаҳр, “Асри ҷадид”-и Машҳад, “Хайрулкалом”-и Рашт, “Насими Шимол”-и Рашт, “Ҷангал”-и Рашт, “Улфат”-и Ҳамадон, “Исфаҳон”-и Исфаҳон, “Форс”-и Шероз буданд.

Соли 1907 дар шаҳри Урумия нашрияи “Фарёд” бо мудирияти Мирзо Ҳабиби Урумия (Мирзо Ҳабибуллоҳ Оқозода) ва сардабирии Мирзо Маҳмуд Ғанизодаи Дайламонӣ таъсис ёфт, ки ҳафтае як маротиба ба табъ мерасид ва дар маҷмуъ 23 шумора чоп шудааст. Бояд афзуд, ки Маҳмуд Ғанизода яке аз ходимони маъруфи матбуоти Эрон буда, аз соли 1911 мудирии нашрияи “Шафақ”-ро бар дӯш дошта, сипас рӯзномаҳои “Саҳанд” ва “Табрез”-ро таъсис намуда, сипас бо муҳоҷирон ба Истамбул ва Берлин рафта, ба нашри бархе аз осори адабӣ дар чопхонаи “Ковиён” кумак кардааст. Вай дар радифи Маҷдулислом ва Мудаббирулмамолик Мир Саид Ҳасани Кашонӣ умри худро дар роҳи рӯзноманигорӣ сарф кардааст.

Мирзо Абдулҳамидхон Сақавии Матинуссалтана, ки дар аҳди Музаффариддиншоҳ дар Англия таҳсил намуда буд, ҳангоми маъмури гумруки Бушаҳр будан, рӯзномаи мусаввар ва ҳаҷвии “Тулуъ”-ро дар соли 1900 таъсис намуд. Сипас рӯзномаи “Музаффарӣ”-ро дар соли 1902 таъсис дод, ки моҳе ду шумора табъу нашр мешуд. Баъди интиқоли ӯ ба Теҳрон ва Машҳад, чопи рӯзномаи “Музаффарӣ”-ро ба Мирзоалии Бушаҳрӣ маъруф ба Лабиб вогузор кард, ки барои интишори он нахустин чопхонаи сурбиро дар Бушаҳр таъсис дод. Мирзо Абдулҳамидхон Сақавӣ, ки ҳангоми маъмури гумруки Хуросон буданаш аз ҷониби мардуми Хуросон намоянда дар даъвати дувуми Маҷлиси Шурои Миллӣ интихоб шуда буд, соли 1913 рӯзномаи “Асри ҷадид”-ро таъсис намуд, ки он ҳафтае як маротиба дар 12 саҳифа табъу нашр мешуд. “Асри ҷадид” воқеаҳои Ҷанги якуми ҷаҳонро бо тафсир ва тавзеҳи лозим ба иттилои хонандагон мерасонид.

Сақавӣ дар нахустин шумораи “Асри ҷадид” ба тағйири сабки рӯзноманигорӣ дар Эрон ва лозим будани таҳаввул ва таҷдид дар кори рӯзнома ишора кардааст. Мудирони дохилии ин рӯзнома Ҷаъфари Хоманаӣ ва Афросиёбӣ Озод буданд. Қитъаҳои ахлоқӣ ва мақолаҳои таърихии рӯзнома ба қалами бародари бузурги Сақавӣ доктор Аъламуддавла тааллуқ доштанд. “Асри ҷадид” аз шумораи 41-уми соли аввалаш ҳафтае се шумора ва ҳар шумора дар 16 саҳифа мунташир мешуд. Сақафӣ бо ҷурми тарафдорӣ аз Англия ва Русия дар соли 1915 ба қатл расид. Пас аз қатли ӯ рӯзнома аз ҷониби Ҷаъфари Хоманаӣ ва Афросиёби Озод интишор меёфт.

Рӯзномаи “Хайрулкалом” бо мудирияти Мирзо Абдулқосим Афсаҳулмутакаллимин аз соли 1907 дар шаҳри Рашт дар матбааи “Соҳили наҷот”-и бандари Анзалӣ, ки мутааллиқ ба Афсаҳулмутакаллимин буд, ба чоп мерасид.

Шаҳзода Амир Аъзам, ки дар ҳамон давра ҳакими вилояти Гелон таъин шуд, дар шаҳри Рашт мудири рӯзномаи миллии “Хайрулкалом”-ро зиндонӣ намуд. Зани Афсаҳулмутакаллимин аз зулми ҳокими Рашт ба рӯзномаҳои Теҳрон шикоят фиристод. Пас аз дахолати рӯзномаҳои “Мусовот” ва “Тамаддун” мудири нашрияҳои “Хайрулкалом” ва “Соҳили наҷот” аз зиндони Рашт озод шуда, ба Теҳрон омад ва чанд шумораи “Хайрулкалом”- ро дар Теҳрон интишор кард.

Пас ба Рашт баргашта, аз соли 1909 ба интишори “Хайрулкалом” идома дод, ки он ҳафтае ду маротиба то шумораи 46-ум дар матбааи Рашт, ки чопхонаи мумтозе буд, ба табъ мерасид. Вале шумораи 47-умро матбааи сангии “Саодат”ба чоп расонид ва аз шумораи 50-ум ба баъд дар чопхонаи ҳуруфии “Саодат”, ки мукаммалтарин чопхонаи замонавии Рашт ва гӯё мутааллиқ ба худи мудири рӯзнома буд, бо ҳарфҳои хоно интишор ёфт. Дар соли 1911 “Хайрулкалом” бо дахолати ҷониби Россия таътил шуд [10, с.77].

Рӯзномаи “Насими Шимол” аз соли 1907 бо мудирият ва сардабирии Саид Ашрафиддин Ҳусейни Қазвинӣ маъруф ба Гелонӣ дар шаҳри Рашт интишор меёфт. Дар соли 1908 пас аз тирборон гардидани Маҷлиси Шурои Миллии Эрон дар радифи дигар нашрияҳо “Насими Шимол” низ муваққатан аз нашр бозмонд. Дар соли 1909 пас аз фатҳи Теҳрон аз ҷониби озодихоҳон интишори он ба кумаки молӣ ва маънавии Муҳаммад Алихон дар Рашт дубора оғоз ёфт. Дар соли 1914 Саид Ашрафиддини Гелонӣ ба шаҳри Теҳрон рафт ва табъу нашри ин рӯзнома дар пойтахт идома ёфт. “Насими Шимол” асосан нашрияи ҳаҷвию танқидӣ буда, аз маҷаллаи “Мулло Насриддин” пайравӣ менамуд ва дар замони худ дар байни хонандагонаш маҳбубият пайдо намуда буд [12, с.23].

Ашъори Саид Ашрафиддин, ки мавзуи онҳо дар мавридҳои гуногун мубтанӣ ба мардум ва шомили масъалаҳои рӯз мешуд ва бо услубе миёни ҷиддӣ ва шухӣ суруда шуда буд, фавқулода мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи мардум қарор гирифт. Аз соли 1914 ба баъд шеъри Ашрафиддин ва таснифи Орифи Қазвиниро дар саросари Эрон мардум даҳон ба даҳон, гӯш ба гӯш мехонданд ва мешуниданд. Таркиббандҳои Ашрафиддин дар навъи худ беназир ва дар забони форсӣ ҳамон таъсир ва кайфиятеро доранд, ки ашъори Собири Шервонӣ дар назди туркзабонони Қафқоз дорад.

Дар солҳои 1914-1918 дар саросари Эрон қариб 40 рӯзнома ва маҷалла табъу нашр мешуд. Инҳо “Офтоб”-и Адибулмамолик, “Бомдоди равшан”-и Мирзо Муҳаммадхони Хуросонӣ, “Парвардин”-и Муидушшариати Гелонӣ, “Парвин”-и Саидабдулраҳимхони Халхолӣ, “Табааи дурахшон”-и Муътазидулатбоъ, “Раъд”-и Саид Зиёуддини Таботабоӣ, “Рӯзномаи расмӣ”-и Муидулмамолик, “Ситораи Эрон”-и Камолуссултон, “Шукуфа”-и хонум Музайянуссалтана, “Шаҳоби соҳиб”-и Мирзоаҳмади Нороқӣ, “Шуро”-и Носируссаломи Гелонӣ, “Асри ҷадид”-и Муинуссалтана, “Аҳди инқилоб”-и Мирзооқохони Ҳамадонӣ, “Аҳди тараққӣ”, “Маҷаллаи илмӣ”, “Насими Шимол”-и Ашрафиддини Гелонӣ, “Навбаҳор”-и Маликушшуаро Баҳор, “Зояндарӯд”-и Муҳаммад Содиқ, “Муфаттиши Эрон”-и Нуриддин, “Огоҳӣ”-и Шайх Абдулҳусейн Оли Довуд, “Чаман”-и Шамсулмаолӣ,

“Шарқи Эрон”-и Рифъатултавлия, “Ватан”-и Муртазо Мирзо, “Мину”-и Садрулмударрисин, “Нидои ҳаққ”-и Козим Муртазо, “Ориён”-и Козим Муртазо, “Тозиёна”-и Манкуқоон, “Ҷоми Ҷам”-и Зиёалудабо, “Адл”-и Мирзо Муҳаммадсодиқи Шариф, “Раъди Қазвин”-и Саид Алӣ, “Қазвин”-и Мустафохон, “Кошон”-и Ноибуссадр, “Деҳқон”-и Аҳмади Кирмонӣ, “Иттиҳод”-и Шайх Мусо, “Акбатонномаи ишқ”-и Исмоилзода буданд.

Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон дар радифи рӯзномаҳо маҷаллаҳои “Илмӣ”, “Аҳди тараққӣ”, “Парвин” “Байторӣ”, “Донишкада” ва ғайра низ ба табъ мерасиданд.

“Маҷаллаи илмӣ” аз соли 1914 то соли 1915 дар шаҳри Теҳрон бо эҳтимоми гурӯҳе аз маорифпарварон ва мудирияти Ҳусейни Теҳронӣ дар нуҳ шумора ба табъ расидааст. Матолиби аслии он доир ба беҳдошту дармон, фалсафаи таърих, фалсафаи қонун ва ғайра буд.

“Аҳди тараққӣ” моҳе як шумора дар шаҳри Теҳрон аз соли 1914 бо эҳтимоли гурӯҳе аз маорифпарварон ва бо мудирияти имзои мустаори “Ҳ.Р.” интишор меёфт.

“Парвин” ҳар понздаҳ рӯз як шумора дар шаҳри Теҳрон аз соли 1914 бо мудирияти Сайид Абдулраҳими Хатлонӣ ба чоп мерасид.

“Бойторӣ” аз соли 1915 дар шаҳри Теҳрон моҳе ду маротиба ба чоп мерасид. Муассис ва мудири маҷалла Муртазои Гулисурхӣ буд. “Байторӣ” асосан матолиби бойторӣ, тарбияи ҳайвонот ва дигар масоили марбут ба онро нашр мекард.

“Донишкада” аз ибтидои соли 1918 дар шаҳри Теҳрон бо мудирияти Маликушшуаро Баҳор интишор меёфт. “Донишкада” нашрияи “Анҷумани донишкада”, ки аз ҷониби Баҳор дар соли 1918 дар шаҳри Теҳрон бунёд шуда буд, ба чоп мерасид. Дар он мақолаҳои Маликушшуаро Баҳор, Саид Нафисӣ, Рашид Ёсимӣ, Саид Ризо Ҳунарӣ, Муаззами Хуросон (Темуртош), Алиасғари Ҳикмат ва дигар донишмандон табъу нашр мешуд. “Донишкада” то ибтидои соли 1920 дар 12 шумора интишор ёфтааст [8, с.421].

Аз ошноӣ бо мазмуну муҳтавои матбуоти ин давра ва таҳқиқу таҳлили он метавон хулоса кард, ки аз оғози Инқилоби машрутаи (конститутсионӣ) Эрон дар соли 1906 то давраи Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) матбуоти ин кишвар таърихи пурпечу тоб ва пурмоҷарову фоҷиаангезеро тай намудааст. Пас аз таъсиси Маҷлиси Шурои Миллӣ (парламент) дар соли 1906 дар фаъолияти рӯзномаҳои ғайридавлатӣ таҳаввулоти бузург ба амал омад. Рӯзномаҳои зиёди ғайридавлатӣ ва ё “озод” таъсис ёфтанд. Вожаи “озод” авалин шуда рӯйи рӯзномаи “Маҷлис” сабт карда шуд. Пас аз пароканда карда шудани парламент бо фармони шоҳ ҳамаи рӯзномаҳои пойтахт ва вилоёт аз фаъолият бозмонданд. Бархе аз масъулони рӯзномаҳо ба қатл расонида шуда, теъдоде ҳам ба хориҷи Эрон фирор карданд. Аммо баъд аз фирори Муҳаммадалишоҳ матбуот аз озодиҳои нисбӣ бархӯрдор гардид. Бояд гуфт, ки давраи фитрати матбуот дар Эрон аз соли 1911 оғоз ёфт.

**Муқарриз: Абдулҳамидов Н.- н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулзиё П., Мардонӣ Н. Роҳнамои рӯзномаҳои Эрон.- Теҳрон, 1973.
2. Анбаронӣ М. Деҳхудо дар арсаи адаб ва андеша // Кайҳони андеша. 1990. -№30.
3. Девони Деҳхудо.- Теҳрон, 1987.
4. Куҳан Г. Таърихи сонсур дар матбуоти Эрон.- Теҳрон, 1993.

5. Муқаддам Ҳ. Китобшиносии рӯзноманигорӣ.- Теҳрон, 1949.
6. Муътамадинажод К. Рӯзноманигорӣ.- Теҳрон, 1949.
7. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. Китоби II –Душанбе 2012.
8. Расулиён Қ. Осори мунтахаб. Ҷ.1.- Душанбе, 2014.
9. Султони П. Роҳнамои маҷаллаҳои Эрон.- Теҳрон, 1970.
10. Таботабоӣ М. Таърихи таҳлилии матбуоти Эрон.-Теҳрон, 1996.
11. Шиносномаи матбуоти Эрон. -Теҳрон, 1992.
12. Ҷасим И. Таърихи рӯзноманигорӣ дар Эрон.Ҷ.1.- Теҳрон, 2013.

## ТАЪРИХИ МАТБУОТИ ЭРОН АЗ ИНҚИЛОБИ МАШРУТА ТО АНҶОМИ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

Инқилоби машрутаи (конститутсионии) солҳои 1905-1911 дар Эрон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишвар таҳаввулоти азимеро ба бор овард. Дар солҳои инқилоб бори аввал дар Эрон Қонуни асосӣ (Конститутсия) қабул карда шуд, ки кишвар дар асоси нишондодҳои он идора карда мешуд. Қабули Конститутсия дар радифи дигар дастовардҳо имкон дод, ки нахустин рӯзнома ва маҷаллаҳои ғайридавлатӣ арзи ҳастӣ намоянд. Аз ошноӣ бо мазмуну муҳтавои матбуоти ин давра ва таҳқиқу таҳлили он метавон хулоса кард, ки аз оғози Инқилоби машрутаи Эрон дар соли 1905 то давраи Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) матбуоти ин кишвар таърихи пурпечу тоб ва пурмоҷарову фоҷиаангезеро тай намудааст. Пас аз таъсиси Маҷлиси Шурои Миллӣ (парламент) дар соли 1906 дар фаъолияти рӯзномаҳои ғайридавлатӣ таҳаввулоти бузург ба амал омад. Рӯзномаҳои зиёди ғайридавлатӣ ва ё “озод” таъсис ёфтанд. Вожаи “озод” аввалин шуда рӯйи рӯзномаи “Маҷлис” сабт карда шуд. Пас аз пароканда карда шудани парламент бо фармони шоҳ ҳамаи рӯзномаҳои пойтахт ва вилоёт аз фаъолият бозмонданд. Бархе аз масъулони рӯзномаҳо ба қатл расонида шуда, теъдоде ҳам ба хориҷи Эрон фирор карданд. Аммо баъд аз фирори Муҳаммадалишоҳ матбуот аз озодиҳои нисбӣ бархӯрдор гардид. Бояд гуфт, ки давраи фитрати матбуот дар Эрон аз соли 1911 оғоз ёфт.

**Калидвожаҳо:** Эрон, рӯзнома, маҷалла, Инқилоби машрута, Ҷанги якуми ҷаҳон, Маҷлиси Шурои Миллӣ, Конститутсия, матбуот, чопхона, Теҳрон, илму дониш.

## ИСТОРИЯ ИРАНСКОЙ ПЕЧАТИ НАЧИНАЯ ОТ КОНСТИТУЦИОННОЙ РЕВОЛЮЦИИ ДО ЗАВЕРШЕНИЯ ПЕРВОЙ МИРОВОЙ ВОЙНЫ

Конституционная революция 1905-1911 годов в Иране внесла большие изменения в политическую, социальную, экономическую и культурную жизнь этой страны. В годы революции в Иране впервые был принят Основной закон (Конституция), и страна управлялась на основе его указаний. Принятие Конституции, среди прочих достижений, позволило появиться первым негосударственным газетам и журналам. Из знакомства с содержанием прессы этого периода и ее исследования и анализа можно сделать вывод, что с начала Иранской революции 1905 г. до периода Первой мировой войны (1914-1918 гг.) страна прошла сложную, авантюрную и трагическую историю. После учреждения Национального совета (парламента) в 1906 г. произошли большие изменения в деятельности негосударственных газет. Было создано много негосударственных или «свободных» газет. Слово «бесплатно» впервые было написано на газете «Меджлис». После роспуска парламента по приказу короля прекратили работу все газеты столицы и губерний. Некоторые из сотрудников газет были казнены, а некоторые бежали за границу. Однако после побега Мухаммеда Алишаха пресса обрела относительную свободу. Следует сказать, что эра прессы в Иране началась в 1911 году.

**Ключевые слова**: Иран, газета, журнал, Исламская революция, Первая мировая война, Ассамблея Национального совета, Конституция, пресса, типография, Тегеран, наука и знание.

## THE HISTORY OF THE IRANIAN PRESS FROM THE CONSTITUTIONAL REVOLUTION TO THE END OF THE FIRST WORLD WAR

The constitutional revolution of 1905-1911 in Iran brought great changes to the political, social, economic and cultural life of that country. During the years of the revolution in Iran, the Basic Law (Constitution) was adopted for the first time, and the country was governed on the basis of its instructions. The adoption of the Constitution, among other achievements, allowed the first non-state newspapers and magazines to appear. From acquaintance with the content of the press of this period and its study and analysis, it can be concluded that from the beginning of the Iranian Revolution of 1905 to the period of the First World War (1914-1918), the country went through a complex, adventurous and tragic history. After the establishment of the National Council (parliament) in 1906, great changes took place in the activities of non-state newspapers. Many non-state or "free" newspapers were created. The word "free" was first written on the newspaper "Majlis". After the dissolution of Parliament, by order of the king, all the newspapers of the capital and provinces stopped working. Some of the newspaper staff were executed and some

fled abroad. However, after the escape of Muhammad Alishah, the press gained relative freedom. It should be said that the era of the press in Iran began in 1911.

**Key words:** Iran, newspaper, magazine, Islamic Revolution, World War I, Assembly of the National Council, Constitution, press, printing house, Tehran, science and knowledge.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Расулиён Қаҳҳор Расул* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Ализода Алиҷон Анвар* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ**. Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯчаи Рахшонзамин, 23. Email:

**Сведения об авторах**: ***Расулиён Каххор Расул* –** Таджикский национальный университет, доктор историческихнаук, профессор кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

***Ализода Алиджон Анвар*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры государственного управления и всеобщей истории. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан,город Дангара, улица Рахшонзамина, 23. E-mail: **Alizoda001@mail.ru**. Телефон**: (+992) 904-77-77-48.**

**Information about the authors:** ***Rasuliyon Kakhhor Rasul*** - Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue,

***Alizoda Alijon Anvar*** - Dangara State University, Candidate of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Rakhshonzamin str., 23. Email: **Alizoda001@mail.ru**. Pone: **(+992) 904-77-77-48.**

УДК:931.1(575.3)

# «ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ДАР БУХОРО»-И САДРИДДИН АЙНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

*Ҳомидзода Ф.М., Ҳамидова М. М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Садриддин Айнӣ дар як давраи пурфоҷиаи таърих барои худогоҳии миллӣ, бедории мардуми тоҷик, ҳифзу нигаҳдории забони миллӣ, густариши фарҳангу тамаддун, инкишофи минбаъдаи давлатдории тоҷикон мубориза бурда, барои заминагузории давлатдории миллии тоҷикон хидматҳои босазое кардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар мулоқот бо зиёиёни кишвар (2008) дар бораи замони зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамонона ва фидокоронаи фарзандони баруманди миллат дар аввали қарни XX, ки устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост, чунин изҳор намуд: «Маҳз дар ҳамин давра ҷунбиши миллие ба миён омад, ки бо номи Садриддин Айнӣ ва дигар фарзандони миллатдӯсти тоҷик алоқаманд аст, ки онро метавон ҳаракати шуубияи даврони шуравӣ номид[1]. Ҳамзамон, дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» дар бораи Садриддин Айнӣ чунин иброз медоранд: «Ӯ тавассути мақолаҳои илмӣ ва асарҳои барҷастаи мустанад алайҳи идеологияи бадхоҳон дар роҳи бедориву худшиносии миллати тоҷик хидматҳои барҷаста кард. Устод дар офаридаҳои хеш бисёр масъалаҳои ҳаёти таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии халқи тоҷикро ба миён мегузорад ва бо мушикофиҳои хирадмандона таъриху тамаддуни қадима доштани тоҷиконро исбот месозад» [2, с.297].

Эмомалӣ Раҳмон фикри худро тақвият дода, таъкид менамоянд, ки: «Дар Осиёи Миёна, хусусан дар хоки Бухоро ва Туркистон ба будани як қавми бузурге бо номи тоҷик бояд касе инкор надошта бошад. Соҳиби маданияти куҳан ва адабиёти куҳансол будани ин қавм низ ҷойи инкор нест» [2, с.297].

Қобили тазаккур аст, ки С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна маълумоти дақиқ додааст, ки онро мо дар осори дигар олимону муҳаққиқони рус ва хориҷӣ, яъне В.В. Бартолд, А.Семенов, О. Сухарева, Л. Шек, Н. Кисляков, Н. Халфин, А. Фомченко, Б. Лунин, Т. Тӯхтаметов, А. Рябинский, О. Чехович, Л. Левтеева, М. Векселман, Г. Михалева ва дигарон низ мушоҳида менамоем. Аз пажуҳишгарони номбаршуда осори илмии академик В.В. Бартолдро дар алоҳида қайд кардан бамаврид аст. Зеро осори ин муаррихи шинохта дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар давраи мавриди омӯзиш маълумоти аниқ ва ҳамаҷониба медиҳад.

Инчунин, дар осори пажуҳишгарони ватанӣ доир ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур маълумот дода шудааст ва барои мо чун асоси методологӣ хизмат кардаанд. «Ин ҳолат муборизаи зидди камбудии комилро хеле шиддатнок кард. Ғояҳо, андешаҳо, мақсад ва нуктаю назарҳои тамоман гуногун ба ҳам печида, як воҳиди мураккаб ва ба худ хосеро ба вуҷуд оварданд.» [11, с.21].

Салими Аюбзод назарияи худро тақфият дода ишора мекунад: «Ба фикри таърихшинос Намоз Ҳотамов - муносибати байни Русияву Бухоро ҳамин хел буд, ки ҳар чизе, ки барои Русия лозим буд, намояндаи Русия назди амир меомаду мегуфт, ки масалан, подшоҳ ҳамин хел ният доранд, хамин хел кор кардан даркор. Амир аз номи худаш ҳамин корро ҳал мекард. То, ҳатто яке аз генерал - губернаторҳои Туркистон ба итоаткории амир баҳои баланд дода мегӯяд, «аз тамоми амалдорони ӯ амири Бухоро мансабдорест, ки ҳамаи супоришҳоро бечунучаро ва дар вақташ ба иҷро мсрасонад.» [11, с.11]. Бо ҳамин мазмун дар китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар

Бухоро”-и С.Айнӣ низ ба тариқи зайл омадааст: «Тахти Бухоро ба номи соҳиби машруъ, аммо ҳақиқатан ба коми Давлати Рус буд, бе ризову савобдиди Давлати Рус маъмурияти муҳимтаре ба касе ҳавола намеёфт, чи расад ба тахт.» [4, с.92]. Дар тамоми корҳои Аморати Бухоро, аз ҷумла дар бораи таъин кардани мансаби қушбегӣ ва қозикалон, маъмурони бузург, ҳатто ҳоким ва қозиёни вилоятҳои калони Бухоро ҳам, ба тадохули вакили сиёсии Русия таъин меёфт.

Бо вуҷуди таҳқиқоти бузурги масоили фарҳангию сиёсӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик дар аввали қарни XX дар замони муосир низ таҳқиқи дурусти масъалаҳои мазкур идома доранд. Чунончи, таърихи аввали қарни XX халқи тоҷик гуногунранг буда, баъзе саҳифаҳои он то ҳол норавшан ва баҳсталаб мебошанд. Дар таърихи афкори сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик инқилоби фикрӣ гоҳо пурқуввату комил, баъзан заифу ноаён ба зуҳур омада бошад ҳам, ҳаргиз аз байн нарафтааст. Далели равшани зуҳороти инқилоби фикрӣ ва инкишофи он дар ибтидои қарни XX пайдоиши ҷараёни «ҷадидизм», ё худ «ҷадидия» маҳсуб ёфта, идома ва тараққиёти ҳаракати маорифпарварӣ дар шароити нави таърихӣ буд. Ҷадидизм ҳамчун ҳаракати миллии тараққипарварона тадриҷан ташаккулу таҳаввул ёфта, дар авҷи инкишофи худ дар роҳи дигаргуниҳои сиёсӣ мубориза бурда, ба ривоҷи инқилоби фикрӣ такон дод.

Садриддин Айнӣ дар радифи дигар намояндагони ҷараёни мазкур дар фаъолияти маорифпарварӣ ва ҳаракатҳои ҷадидии худ тавонист равияи Аҳмади Донишро пеш бурда, дар шаклу мазмун ва андешаи тоза вусъат диҳад. Устод Айнӣ навиштааст: «Маслаки ман дар боби инқилоби сиёсӣ ва иҷтимоии як ҳукумат ва миллат тадриҷӣ буд. Бе эҳзори раия ва бе танвири афкори омма инқилоби нофеъро мумкин намедонистам» [4, с.158].

Мақолаҳо, очеркҳо ва асарҳои моҳияти илмиву фарҳангӣ ва сиёсидоштаи устод Садриддин Айнӣ, ки дар тули тамоми ҳаёти эҷодӣ дарҷ гардида, дар нашрияҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, тоторӣ ва озарбойҷонӣ ба табъ расидаанду то ҳол ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки осори нав ба нави С.Айнӣ, ки дар тули солҳои истиқлоли давлатӣ аз тарафи пажуҳишгарон кашф шуда истодаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳоло ҳам осори гаронбаҳои ин олими забардаст комилан мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Имрӯз мо дар марҳилаи нави шинохти устод қарор дорем.

«Маҳз, дар заминаи омӯзиши эҷодкоронаи С.Айнӣ сарватҳои маънавии гузаштаи тоҷикон арзи ҳастӣ карда, бо дастовардҳои илму фарҳанги замонаш рушду такомул ёфтаанд. Дар таърихнигории муосири ватанӣ омӯзиши асарҳояш бо диди нав аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, неруи ақлонию зеҳниро такон медиҳанд ва ба рушди минбаъдаи таъриху адабу фарҳанги тоҷик мусоидат менамоянд» [12, с.268].

Яке аз асари тозапайдои устод Айнӣ, ки дар давраи истиқлолият ба табъ расидааст, «Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» мебошад, ки бояд ба таҳқиқи ҷиддӣ ва ҳамаҷонибаи илмӣ фаро гирифта шавад, маҳсуб меёбад. Асари мазкур, ки бо саъю кӯшиши муҳаққиқон ва нависандгони борикбин Камолиддин Садриддинзода Айнӣ ва Муҳаммадҷон Умаров дар ҷилди 14-уми «Куллиёт» -и Садриддин Айнӣ аз ҷониби Бунёди адабии Айнӣ ба табъ расидааст (с.2005), аҳамияти таърихию фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоиро дорост.

Маълум аст, ки замони ҳукмронии амирони Манғитияи Бухоро давраи басо муҳимми таърихӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқу баррасии ин давра ба хотири шинохти дурусти арзишҳои миллию давлатӣ ва истифодаи солим аз ин саргузашти амирону дарбориёни аморати Бухоро барои худшиносии миллати тоҷик корест басо муҳим.

Тавассути таҳлилу таҳқиқи асари мазкур мо бори дигар метавонем бо он ҳама донишҳо ва илмҳои сершуморе, ки Садриддин Айнӣ аз онҳо огоҳӣ дошт ва бо маҳорати баланд тавонист дар асарҳояш сабт намояд, аз наздик ошно шавем. Таҷлилу, мавриди тадқиқ қарор додани мавзуи мазкур моро ба гузаштаи худ шинос менамояд, то ояндаи худро бо таҷдиди нав бисозем ва ба он хатоиҳое, ки дар давоми

таърих халқи тоҷик аз сар гузаронд, роҳ надиҳем. Ҳамзамон, оид ба инъикоси масъалаҳои навсозии ҷомеаи аморати Бухоро, ҳаракатҳои ислоҳотхоҳонаи тараққипарварони аморат, ислоҳи мактабу маориф, умуман, оид ба инқилоби илмию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ маълумоти муфассал дода бошем.

«Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» маводи нодиру пурқиммати илмию адабӣ ва фарҳангист, ки барои таҳқиқи афкори сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро дар аввали қарни XX манбаи гаронбаҳо маҳсуб меёбад. Арзиши баланди асари мазкур дар масъалаи баёни воқеаҳои таърихӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки ба қавли мусаннифи мундариҷоти он «Устод Садриддин Айнӣ гуфтааст, ки дар шаҳри Когон, дар хастахона (бемористон), вақте ки вазъам бисёр бад буд ва беҳолу барҷомонда будам, байти зерин вирди забонам буд ва қалбу вуҷудамро озод намегузошт:

*Тарсам, ки ман мираму гам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад.*

Бояд гуфт, ки он ғами нозпарвари устод ҳамоно ғаму андӯҳи миллат, ҷабру ситам бар фарҳанги тоҷикон буд» [4, с.9].

Дар асари мазкур нуқтаи назари Садриддин Айнӣ дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳаёти илмию адабӣ ва маданию фарҳангию иҷтимоии аморати Бухоро дар ибтидои қарни XX, ки худи ӯ яке аз симоҳои забардасти он буд, вокеъбинона ва холисона ифода ёфтааст. Масалан, рақобати сиёсии равияҳои дини ислом ба тариқи воқпеӣ инъикоси худро ёфтааст. Ба хунрезии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон, ки асосан дар шаҳри Бухорои куҳна давом кардааст, дар баробари шаҳриён инчунин, пайравони ин равияҳо аз деҳаҳои атрофи шаҳр низ ҷалб гардидаанд. Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухороиён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин, ба шаҳр як даста аскарони рус бо сарварии генерал Г.Г. Лилиентал дохил шуда, хунрезиро хомӯш намуданд. «Ташаббускорони хунрезӣ - олимақомони суннимазҳаб ба азли қушбегӣ Остонақул ва ҳаммаслаконаш мушарраф гардиданд. Баъди ин воқеа Мирзо Насрулло, ки суннимазҳаб буд, ба вазифаи қушбегӣ сарафроз шуд. Ҳамин тавр, рақобати мансабӣ дар Бухоро ба хунрезии калонтарине оварда расонид, ки гунаҳкорони асосии он мансабталошони ҳар ду мазҳаб - суннӣ ва шиа буданд. Вале ин фоҷиа ба гардани бечорагони бухороӣ ва эронӣ бадбахтиҳои зиёдеро овард» [12, с.255].

Инъикоси зуҳуроти пешқадами афкори адабию фарҳангӣ ва сиёсӣ, марҳилаи муҳимми таърихи халқи тоҷик, ки аз худшиносию худогоҳӣ, таблиғи озодӣ ва, махсусан, истиқлоли миллӣ шаҳодат медиҳад, яке аз ҷавҳари асосии асари мазкур маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, Садридин Айнӣ тавонистааст, дар бораи сарвати маънавии халқи тоҷик - мероси илмию адабии аҳли адабу фарҳанги давраи ҷадидия, ки худ иштирокчии фаъоли ин падидаи пешқадами иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангӣ ҳисоб меёфт, маълумоти муфассал додааст. Вобаста ба масоили зикршуда, махсусан мулоҳизаҳои Садридин Айнӣ доир ба омилҳои айнию зеҳнии пайдоиши ҷадидизм, қонуният ва тамоюлҳои инкишофи он дар замони «инқилоби илмӣ ва ичтимоӣ» [5, с.255], хусусиятҳои миллию байналмилалӣ, мундариҷавию ғоявӣ ва шаклию бадеии осори адибони давраи ҷадидия, аҳамияти матбуот дар равнақи адабиёт ва ғановати маънавияти мардум, нақши осори адибони равшанфикру тараққипарвар дар бедории фикрӣ ва худшиносии мардум, аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳанд ва махсусиятҳои мактаби таърихнигории ӯро дар солҳои минбаъда муайян мекунанд.

Хусусиятҳои воқеаҳои таърихии ибтидои асри XX диққати Садриддин Айниро беш аз ҳама ба худ кашидааст, зеро ӯ андешадояшро зимни баёни воқеаҳои таърихӣ, рушди ҳаёти маданию адабӣ иброз дошта, дар фаслҳои алоҳидаи китоб - «Мактаби усули савтия», «Як назар ба аҳволи уламои Бухоро», «Аввалин бор баста шудани мактаби нав», «Мактаби тоторон», «Фитнаи шиаву суннӣ», «Асари мунозираи

мактаб ва муҷодилаи шиаву суннӣ», «Таъсиси ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»», «Масъалаи ислоҳоти Бухоро», «Вақоеи инқилоби Русия ва фоҷеваи Бухоро», «Як назар ба аҳволи тараққипарварони Бухоро», «Иҷмоли аҳволи тараққипарварон баъд аз инқилоб», «Ҳукумати Бухоро аз Инқилоби Русия чӣ истифода кард» ва ғайра оид ба вазъи умумии инкишофи ҳаёти адабию фарҳангӣ ва фаъолияти намояндагони ҷудогона чун иштирокчии фаъоли раванди эҷодии замони худ мушоҳида, таассурот ва нуктаи назари худро баён кардааст, ки арзиши калони илмию амалиро доро мебошанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар радифи Садриддин Айнӣ минбаъд зиёиёни тоҷик аз зумраи Султонов Ш.М. дар осори худ доир ба вазъи сиёсӣ ва инқилоби фикрӣ ақидаҳои худро иброз доштааст: «Дар асарҳои илмии профессор Шукур Султонов оид ба як қатор масоили консептуалии илми таърихшиносии муосири тоҷик аз қабили қонуниятҳо ва самтҳои вусъати инқилоби маданӣ, даврабандии он, таъсири мутақобилаи прогресси маънавии ҷамъиятӣ дар алоқамандӣ бо дигаргунсозиҳои ҷиддии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, нақши маорифи халқ дар ҳалли муаммои бартараф намудани фарқияти шаҳру деҳот мавриди таҳлили андешамондона ва пажӯҳиҳиши хосаи илмӣ қарор гирифтааст Муаллифи нуқтасанҷ, барҳақ дӯстии халқҳоро гаронбаҳотарин неъмати маънавӣ ҳисобида кӯмаки бародаронаи халқҳову миллатҳои мамлакатҳои узви Иттиҳоди Шӯравиро сарчашмаи асосии афзоиши нерӯи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон меҳисобад. » [16, с.57]

Мулоҳизаҳои Садриддин Айнӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» минбаъд барои ба майдон омадани дигар асарҳои илмӣ ӯ, аз ҷумла асарҳои бунёдию сарнавиштсози «Таърихи инкилоби Бухоро», «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ғайра заминаи муҳимме гардидаанд.

Бо назардошти ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба раванди ташаккулёбии тоҷикон чунин иброз медоранд: «Мо имрӯз ифтихор дорем, ки тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин миллатҳои ҷаҳон буда, бо осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавии худ барои пешрафти фарҳанг ва маънавиёти халқҳои дигар, аз ҷумла халқиятҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хизмати шоиста кардаанд. Таҷрибаи арзишманди таърихии мубориза барои озодӣ ва истиқлол дар асри XX - дар даврони ниҳоят мураккаби сарнавишти миллати тоҷик аҳамияти фавкулодаи ҳаётӣ дошт, ки ба он ҷомеашиносон ва таърихнигорони мо таваҷҷуҳи ҷиддӣ накардаанд. Тавре ки таърих собит месозад, дар охири асри XIX ва оғози асри XX миллати тоҷик бинобар омилҳои зиёд дар марҳалаи ниҳоят ҳассос ва хатарноки таърихи хеш қарор дошт» [3, с.300].

«Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» оид ба масъалаи ақидаҳои илмию фарҳангӣ ва адабии Садриддин Айнӣ бармеояд, иборат аз хулосаҳои зайл аст:

1. Ҳангоми тадқиқи инъикоси масоили илмию фарҳангии Садриддин Айнӣ дар «Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» ҳамчун фарогирии маводи арзишманди илмию адабӣ ва таърихию фарҳангӣ бояд ба сифати яке аз манбаъҳои муътамад ва пурқимати фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад.

2. «Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» барои омӯзиши фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ ва ҳамсафони ӯ яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ маҳсуб ёфта, дар айни замон як қатор масъала ва муаммоҳои таъриху фарҳанги тоҷикро равшан менамояд.

3. Вобаста ба масоили зикршуда зарур аст, ки таърихи халқи тоҷик дар ду даҳсолаи аввали асри XX бо таҷдиди назар ба таври айнӣ ва холисона мавриди омӯзиш қарор гирад.

4. Тараққипарварони Бухоро дар замони худ кӯшидаанд, ки моҳияти аслии таърих ва воқеияти он ва таълиму тарбияро дар байни насли нави ҷомеа бо

назардошти аслу решаҳои милливу қавмӣ, бо назардошти арзишҳои волои миллӣ ва ватанпарварӣ тараннум намоянд.

Ҳамин тариқ, устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» тавонистааст, ки бо дарку эҳсос ва масъулияти бузурги хештаншиносӣ равандҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангиро бо маҳорати хоса инъикос намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Муждаи бахту пайки пирӯзӣ // Омӯзгор.- №13. -28 марти 2008.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. - 364 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Точикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён / Иборат аз чахор китоб. – Қисми 1.- Душанбе: Ирфон, 2009.- С. 300
4. Айнӣ С. Куллиёт/С.Айнӣ.- Ҷилди 14.- Душанбе: Матбуот, 2005.
5. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро / Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Р.Ҳошим.- Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. - 240 с.
6. Раджабов З. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа в второй поливине XIX - начало XX вв/З.Раджабов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957.- 457 с.
7. Гафаров Н.У. История культурно- просветидеятельской деятельности в Бухарском эмирате (начало XX века) /Н.У.Ғаффоров.- Худжанд: Ношир, 2000. – 176 с.
8. Ғаффоров Н.У. Ҷадидия ва шинохти он/Н.У.Ғаффоров.- Душанбе: Ирфон, 2013.-160с.
9. Ғаффоров Н.У. Нашри осори ҷадидии Садриддин Айнӣ дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон/Н.У.Ғаффоров /Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ: нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.- Душанбе, 2011.- № 4 (40).
10. Ғаффорӣ Н.У. Аз таърихи иншои асари устод С.Айнӣ "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"/ Н.У Ғаффорӣ, М.М.Ҳамидова // Ахбори АМИТ//Нашрияи Академияи миллии илмии Тоҷикистон. ISSS 2027-2569 №2-22(018)-Душанбе, 2022.
11. Салими А. Сад ранги сад сол. Тоҷикон дар қарни бистум/ А.Салимӣ. Нашриёти "Пост Скриптум Импримaтур", Прага, 2002.
12. Ҳамидова М.М. Инъикоси омода ва эълони лоиҳаи ислоҳот аз тарафи амири Бухоро дар асари С. Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»/ М.М. Ҳамидова //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ//Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон.- ISSN 2219-5408 № 6(95). – Душанбе, 2021.- С. 268.
13. Ҳамидова М.М. Инъикоси ихтилофи шиаву суннӣ ва оқибатҳои он дар «Инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ/ М.М. Ҳамидова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ / М.М. Ҳамидова // Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- ISSN 2219-5408 № 3(80) Душанбе, 2019.- С.255.
14. Ҳамидова М.М. Инъикоси вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX аввали асри XX дар асари "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" – и Садриддин Айнӣ/ М.М. Ҳамидова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Зиёии матин".- Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2022.-С.342-350.
15. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (Китоби дарсӣ)/ Н.Б. Ҳотамов, Д.Довуди, С.Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2011. – 575 с.
16. Ҳомидзода Ф.М. Шукри султони илм // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Зиёии матин".- Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2022.- С. 54-59.


## «ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ДАР БУХОРО»-И САДРИДДИН АЙНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ


Дар мақола роҷеъ ба натиҷаи инъикоси таърихи афкори сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик дар ибтидои қарни XX дар асари тозапайдои устод Садридин Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» маълумоти муфассал дода шуда, доир ба пайдо шудани ҷараёни ҷадидия ва инкишофи ҳаракати маорифпарварӣ дар шароити нави таърихӣ дар аморати Бухоро бозгӯ шудааст. Муаллиф аз назари устод Айнӣ ва тараккипарварони аморати Бухоро яке аз василаҳои беҳтар намудани зиндагӣ ва расидан ба ормонҳои рушди ҷомеаро ғолибан дар равнақи адабиёту матбуот, мактаб ва маориф ва дарёфти роҳҳои боз ҳам беҳтар намудани онҳо дар он солҳо мебинад. Ҳамчунин, дар такя ба осори безаволи С.Айнӣ ҷиҳати баррасии хусусиятҳои воқеаҳои таърихии ибтидои асри XX, аз қабили мактаби усули савтия, фитнаи шиаву суннӣ, таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» ва замимаи он «Тӯрон», масъалаи ислоҳоти Бухоро, аҳволи тараққипарварони Бухоро ва дигар масоили мубрами замон диққати махсус дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** аморати Бухоро дар аввали қарни XX, инқилоби фикрӣ, ҷадидизм, ҷадидия, ҳаракати маорифпарварӣ, масоили фарҳангию сиёсӣ, ислоҳи мактабу маориф.

## «ИСТОРИЯ РЕВОЛЮЦИОННОЙ МЫСЛИ В БУХАРЕ» - САДРИДДИНА АЙНИ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

В статье затрагиваются вопросы политической, культурной и социальной мысли таджикского народа на основе книги Садриддина Айни «История революционной мысли в Бухаре», где автором всесторонне рассматривается история возникновения таких движений, как просветительство и джадидизм в начале XX века. Авторы с точки зрения устода С. Айни и других просветителей Бухары развитие и улучшение условий жизни эмирата связывает, прежде всего, с развитием литературы, прессы, школы и образования, а также поиска способов их совершенствования. Автор на основе взглядов устода С. Айны и просветителей Бухарского Эмирата, рассматривает развитии литературы, печати, школы и образования как важное средства улучшения жизни, достижения целей, изменений и совершенствование общества. Также на основе произведений С. Айни, были рассмотрены особенности исторических событий начала XX века, таких как функционирования новометодная школа, шиитско-суннитская резня, появление газеты «Бухорои шариф» и её приложение «Турон», реформа бухарского общества, положение младобухарцев и др.

**Ключевые слова:** Бухарский эмират в начале XX века, революционной мысли, джадидизм, джадидия, просветительское движение, вопросы культуры и политики, реформа школы и образования.

## "THE HISTORY OF INTELLECTUAL REVOLT IN BUKHARA" OF SADRIDDIN AYNI AS A HISTORICAL SOURCE

The article dwells on the issues of the history of political, cultural and social doctrine of Tajik people at the beginning of the XX century in work of Sadriddin Ayni "The History of Intellectual Revolt in Bokhara". Comprehensive analyses on the emergence of a new movement "Jadidism" and development of educational campaign in new historical conditions of Bukhara Emirate is disclosed by the author of the article. The author underlines that to S.Ayni's opinion educational campaign of Bukhara is one of the ways of development of society, literature, press, school and education. Special attention is given to new methods and styles.Based on the views of S. Aini and enlightment educators of the Emirate of Bukhara, the author considers the development of literature, press, schools and education as an important means of improving life, achieving important goals, changing and improving of society. Also, on the basis of the works of S. Aini, the features of historical events of the early 20th century were considered, such as the functioning of the new method school, the Shiite-Sunni massacre, the appearance of the newspaper "Bukhoroi Sharif" and its supplement "Turon", the reform of the Bukhara society, the situation of the Young Bukharians ant etc.

**Key words:** Bukhara Emirate at the beginning of the XX century, intellectual revolt, Jadidism, educational campaign, cultural and political issues, educational reforms, historiography.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳомидзода Ф.М.* –** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих., профессори кафедраи таърих ва диншиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1.
**Ҳамидова Манзура Маҳмудовна –** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таърих ва диншиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1.

**Сведения об авторах**: ***Хомидзода Ф.М.* –** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой истории и религиоведения. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон. 1.
***Хамидова Манзура Махмудовна* -** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, дсоискатель кафедры истории и религиоведения. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 микрорайон, 1.

**Information about authors:** ***Homidzoda F.M.* -** Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of History and Religious Studies. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, microdistrict 17. 1.
***Khamidova Manzura Makhmudovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, PhD student of the Department of History and Religious Studies. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, microdistrict 17, 1.

УДК:930.1(575.31)

# ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ДАНҒАРА ДАР ДАВРАҲОИ БЕКИГАРӢ ВА БАЪДИИНҚИЛОБӢ

***Салимзода Ф. Ф.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Чуноне Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Пас, ҳар фард бе омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур шуда, ба вартаи гумномӣ қадам мениҳад... ин бадбахтии бузург аст"[1]. Аз ин гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурӣ тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур нисбати диёри Данғара, ки таърихи он ба ҳазорсолаҳо мерасаду қисматҳои ҷудогонааш кам омӯхта ёф шудаанд, то ҷое маълумот диҳем.

Аз нигоҳи таърих дар асри XIX, гарчанде амирони Бухоро худро ҳокимони мутлақи Бухоро шуморанд ҳам, лекин дар асл Бухорои Шарқӣ [4, с.766-767], ки аслан тоҷикон иқомат доштанд, қариб мустақил буд. "Ҳолати ҷойгиршавии географии худро истифода намуда, ҳокимони маҳаллии Бухорои Шарқӣ ба фармонҳои амир кам эътибор медоданд" [2,с.17].

Соли 1868, вақте ки Бухоро вассали Россия гашт, дасти вазнини Россияи подшоҳӣ ба гардани мулкҳои ниммустақили Бухорои Шарқӣ низ андохта шуд.

"Қӯшунҳои рус дар соли 1870 кишвари Ҳисорро тасарруф намуданд" [2,с.16], боистифода аз тиру туфанг ва ёрии ҳарбии Россия, амири Бухоро Музаффар дар вилоятҳои кӯҳистони аморат - Бухорои Шарқӣ амирони маҳаллиро ба намояндаҳои худ - бекҳо иваз намуда, сохтори нави давлатдориро ҷорӣ гардонд, ки онро бекигарӣ меномиданд [10,с.39].

Дар Бухорои Шарқӣ ҳафт бекӣ созмон дода шуд: Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа, Қаротегин, Қубодиён ва Дарвоз" [8, с.521], ки мавзуи омӯзиши мо нисбати қисмате аз бекигарии Балҷувон мебошад.

Соли 1906 кори тадқиқотии А. Е Снесарёва [17,с.17; 3] аз чоп баромад, ки он хислати оморӣ-иқтисодӣ дошта, нисбати бекигариҳои қисмати кӯҳии Аморати Бухоро [8,с.513] маълумот медод. Дар қисмати асосии навиштаҷот муаллиф дар бораи роҳҳои тиҷоратӣ, пулҳо ва ағбаҳои ин минтақаҳо маълумотҳои географӣ дода, дар баробари бекигариҳои Қаротегину Дарвоз инчунин, сарҳадҳои бекигариҳои Кӯлоб [4, с.749-753] ва Балҷувонро, ки масоҳати имрӯзаи ноҳияи Данғара ба онҳо дохил мешуд, муайян карда буд.

Аз рӯйи ин асар маълум мегардад, ки масоҳати имрӯзаи ноҳияи Данғара ба бекигарии Балҷувон [4, с.751-753; 14, с.14] (қисми зиёд) ва Кӯлоб (қисми кам) шомил будааст. Бекигариҳо ба амлокдорӣ (ноҳия) бо ҳокимии амлокдор ва дар навбати худ, амлокдориҳо аз якчанд деҳа, ки сардори ҳар як деҳаро оқсақол меномиданд [2,с.30], арбобӣ ва аминӣ тақсим шуда будаанд. Ҳудуди ҳозираи ноҳияи Данғара ба се амлокдорӣ: Пушинг, Тутқавул [8, с.34-38] ва Олимтой дохил шуда, амлокдории Пушинг ва Тутқавул ба бекигарии Балҷувон ва амлокдории Олимтой бошад, ба

бекигарии Кӯлоб тааллуқ доштааст, ки байни ин амлокдориҳо калонтаринаш Пушинг ба ҳисоб мерафт.

Аслан, таърихи тоинқилобии ноҳияи Данғара нисбатан торик аст. Сарчашмаҳо кам ба чашм мерасанд.

Дар китоби Ғолиб Ғоибов "Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз" аз дастхатти "Таърих 2" оиди сулолаи ҳокимони қатағани Кӯлобу Балҷувон дар асри XIX, ки санаи таҳрираш 1912 аст, чунин иқтибос оварда шудааст: "Дар он вақт ӯзбакияи бадавлаттарин дар хонаи сиёҳ менишаста ва аксари бечорааш чайла карда менишастаанд. Дар он вақт Яккатӯғ (шояд деҳаи Якатути Данғара бошад Ғ. Ғ) [8, с.485], ҷойи дувум Ток, Ховалинг, Пушин [г] панҷоҳ – шаст хонавор буда, Кангурт панҷ – шаш хонавор будааст (шояд, хато бошад? С. Ф.), ки дарахту чорбоғ набудааст. Ободӣ камтар будааст. Дигар қишлоқҳо низ ба ҳар куҷо се хонавор – чаҳор хонавор будаанд" [8,с.481]. Дар ин дастхат чи хеле мебинем, дар охири асри XIX деҳаи аз ҳама калону сернуфз Пушингро шинохтаанд, аммо гумон мекунем нисбати Кангурт дар ин ҷо саҳве шудааст. Чунки дар бисёр сарчашмаҳо Кангурт ҳамчун қасаба (шаҳр) шинохта шуда, дорои мадрасаҳову масҷидҳои зиёд аз он ёд кардаанд.

Тибқи маълумотҳои Гулшанӣ дар китоби "Таърихи Ҳумоюн", дар байни солҳои 1901-1909, ки мувофиқи ишораҳояш ӯ ба мулкҳои зиёди Бухорои Шарқӣ рафта, шахсан барои таълифи китобаш маълумотҳои аниқу дақиқ фароҳам овардааст, дар бораи қасабаи Кангурт маълумот дода, аз ҷумла гуфтааст: "Ҷамъияти аҳолии ин вилоят мутаҷовиз аз даҳ ҳазор хонавор аст. Ҳамаи онҳо тоҷиканд" [8,с.456]. Дар ин ҷо Гулшанӣ шояд қисматҳои шимолии ноҳияи Данғараро низ дар назар дорад ва хулоса кардан мумкин аст, ки аҳолии шимоли ноҳияи Данғара ҳама тоҷикон будаанд.

Соли 1908 геологҳои рус Нечаев А. В. ва Тимофеев мехоҳанд сарҳадоти охири Бухорои Шарқиро бубинанд ва бо корвоне аз роҳи Саргазон гузар намуда, чанд ахборе оиди водии Данғара медиҳанд. Гарчанде ахбороти додаи Нечаев пурра равшан нест, лекин аз гуфтаҳояш хулосабарорӣ намуда, то ҷое ҳаёти ондавраинаи ноҳияро тарҳсозӣ кардан мумкин аст. Аз ҷумла ӯ менависад, ки 17 августи соли 1908 аз Қӯрғонтеппа бо корвон, ки намояндаи амири Бухоро ва тарҷумон онҳоро ҳамроҳӣ мекард, ба сӯйи шарқ ҳаракат карда, ба Сангтӯда расиданд. Роҳ нисбатан хуб буда, онҳо манзараҳои зебои табиатро мушоҳида намудаанд [11,с.69]. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки онҳо аз наздикии Сарбанд (Леваканди ҳозира) тавассути соҳилҳои Вахш бо роҳи Булакдашт, Туятош, Қазонгузар, ба мавзеи Сангтӯда омадаанд.

Онҳо (чӣ хеле Нечаев бо ҳамроҳонаш қайд мекунанд) Сангтӯдаро деҳаи хурд мебинанд.

Сокини деҳаи Сангтӯда, Раъно Мирзоева такя ба далелҳои раднопазир дар саҳифаи 149-150-и китоби хеш: "Назаре ба дунёи Сангтӯда ва олиҳаи он-Охшо (Вахш)" овардааст, ки дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX 24 нафар аз мардуми Сангтӯда дар мубориза бар зидди босмачигарӣ фаъолона иштирок намуда, аллакай соли 1929 дар Сангтӯда ҷамоати деҳот ва колхоз ташкил карда буданд [13, с.140-150]. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки деҳаи Сангтӯда дар ибтидои асри XX хурд набуд ва шояд Нечаев ягон деҳаи хурди сари роҳро дида, мавзеero, ки Сангтӯда меномиданд, ин номро гирифтааст. Ҳоло низ, гарчанде дар ҷамоати Сангтӯда 5 деҳаи калон ҷой дошта бошад ҳам, агар каси ношинос ба яке аз он деҳаҳо сафар кунад, ба Сангтӯда рафтам мегӯяд. Аз дигар тараф, мақсади асосии Нечаев дидани сарҳади

охири Бухорои Шарқӣ - соҳили дарёи Панҷ буд, на деҳаи Сангтӯда. Аз мавзеи Сангтӯда ду роҳ аз байни теппаҳо ба сӯйи Саргазон меояд. Яке аз худи деҳаи Сангтӯда, ки боз ба ду шоха ҷудо мешавад ва дигаре аз назди деҳаи Навободи ҳозира, ки байнашон тахмин 5 км роҳ аст. Нечаев бо ҳамроҳонаш шояд, дар деҳаи Қазонгузар шабро рӯз карда, бо роҳи якум ба сӯйи Саргазон раҳсипор гаштаанд.

Дар роҳ рафиқи Нечаев (шояд Тимофеев бошад) ба касалии табларза гирифтор шуда буд ва аз сабаби набудани табиб дар деҳа шабро рӯз намуда, саҳар боз ба сӯйи шарқ раҳсипор мешаванд. Чи хеле ӯ мегӯяд: "Аз Сангтӯда мо ба сӯйи шарқ ҳаракат кардем: роҳ аз байни теппачаҳо мегузашт. Баъд ба водии васее расидем, ки ду-се деҳа ва шумораи зиёди юртаҳо буд. Шабро дар Саргазон гузаронидем "[11,с.70].

Водии васее, ки онҳо расидаанду онро дар китоб "Водии Саргазон" ном гирифтаанд, ин дашти фарохи Данғара буд [20, с.224]. Онҳо юртаҳоро расм гирифта (расми юртаҳои Саргазон дар китоб омадааст), ба деҳаҳо, ки тоҷикнишин буданд, надаромада, онҳоро аз дур мушоҳида кардаанд. Ин деҳаҳо шояд дар гирду атрофи Данғараи имрӯза ҷой доштанд.

Дар Саргазон онҳо бо намояндаи беки Балҷувон, ки барои андозғундорӣ ба ин ҷо омада буд, вомехӯранд ва рафиқашро бо ӯ ҳамроҳ намуда, ба воситаи Кангурт ба Балҷувон (ба мақсади ҳарчӣ тезтар ба табобат фарогир шудани рафиқаш) равон карданӣ мешавад.

Ӯ менависад: "Шаб дар Саргазон хоб кардем. Саҳар мо ба ду гурӯҳ ҷудо шудем: ман бо одамони худ ба сӯйи шарқ роҳ пеш гирифтам. Рафиқи бемор (и мо) бошад, ба сӯйи шимол ба Балҷувон раҳсипор гашт" [11,с.69]. Пас фаҳмида мешавад, рафиқаш бо намояндаи беки Балҷувон аз доманаи теппаҳо аввал ба шимол - сӯйи дашти Очовар ва сипас ба шарқ ба воситаи Данғара ба тарафи Кангурту Балҷувон раҳсипор гаштааст. Аз Саргазон рост ба тарафи Кангурт раҳсипор нашуданашон шояд сабабаш дар он буд, ки ин қисмат чаклакзор буду роҳи муайян надошт.

Вақте ӯ аз дашти Данғара мегузашт, чи хеле менависад, "аллакай ҳосил ғундоштаю, амлокдорони бек бо оқсақолҳояшон аз деҳқонон андоз меғундоштанд" [11,с.70]. Ӯ дар ин ҷо истодагарӣ карда, қайд мекунад, ки заминҳо амирӣ, бекӣ, амлокдорӣ (давлатӣ) ва мулки (хусусӣ) буда, ба деҳқонон ба иҷора дода мешудаанд. Иҷорагиранда метавонистааст боз мардикоронро ба корҳои мавсимӣ ҷалб намояд. Вобаста ба ҳолати замин (обӣ, лалмӣ, камҳосил, серҳосил) амлокдорон аз 1/10 то 1/4 (чоряккор) андоз меситондаанд. Инчунин, ӯ қайд мекунад ки баъзан байни деҳқонон ва андозгирандагон баҳс сар мезадааст, ки боиси ба кор мудохила кардани шахси сеюм мешудааст. Аммо, чи хеле менависад, дар ҳар ҳолат дар охир кор ба фоидаи андозгирандагон ҳал мегашт.

Сайёҳ дашти Данғараро гузашта истода, онро пур аз рамаҳои бузу гӯсфанд, подаҳои чорвои калон, галаҳои асп ва уштурони зиёд дида, онро беҳтарин чарогоҳ мешуморад ва қайд мекунад, ки махсусан баҳорон нигоҳ доштани чорво дар ин водӣ қулай мебошад.

Баъд аз убур кардани дашт роҳи ӯ ба тарафи Кӯлоб тавассути кӯҳ мегузарад ва чи хеле менависад: "Роҳи ман аз байни кӯҳу ҷариҳо мегузашт ва болои кӯҳро ҷангалзор пӯшонда буд" [11, с.70]. Фаҳмида мешавад, Нечаев ба воситаи роҳи куҳнаи Қизилмазор (ҳозира Темурмалик, ки алҳол мумфарш аст), аз кӯҳи Морон (Ҷилонтоғ),

ки болояш теғакӯҳ набуда, паҳнкӯҳ мебошаду то ҳоло қисман ҷангалдор аст, гузашта будааст.

"Дар домана ва болои кӯҳ деҳаҳо, юртаҳо (баъзан якчандто ва баъзан танҳо) дида мешуд. Дар заминҳои доманаи кӯҳ ғаллаи лалмӣ ва ҳар ҷо-ҳар ҷо полезӣ - тарбузу харбуза корида буданд" [11,с.71]. Нечаев шояд деҳаҳои Мундоқу Такатошро дидааст, ки аз қадим дар доманаи ин кӯҳ ҷойгир буда, бо тарбузу харбузаҳояшон (аз нақли мӯйсафедони гузашта) он солҳо овозадор буданд.

Баъди ба Кӯлобу соҳилҳои дарёи Панҷ расидан, Нечаев ба Балҷувон пас меояд ва аз он ҷо ба воситаи Пули Сангин ба Душанбе раҳсипор мегардад.

Дар бозгашт ӯ аз ягон деҳаи Данғара, ҳатто аз Кангурт, ки мувофиқи гуфтаи Гулшанӣ он солҳо сераҳолӣ буд [8, с.456], ёд накарда, дар бораи Тутқавул менависад.

Ӯ аз Пушинг низ, ки он вақтҳо деҳаи ободу маркази амлокдорӣ буд, ёд намекунад. Пас ӯ тавассути ағбаи Гули Зиндон ба Тутқавул рафта буд ва сари роҳ чӣ гуна аз Кӯли Сӯфиён, ки аз рӯйи гуфтаҳои калонсолон ва ёдгориҳои таърихии деҳа (масҷидҳо), деҳаи ободоне буд, ёд намекунад, муаммо аст .

Гулшании Бухороӣ дар "Таърихи Ҳумоюн" қайд мекунад: "Аз дарёи Вахш ва кӯпруки Норак баъд аз гузаштан ба тавобеоти Балҷувону Кӯлоб роиҷ аст" [7, с.147].

Тутқавул, ки дар тарафи чапи дарё ҷойгир аст, он солҳо маркази яке аз амлокдориҳои Балҷувон буд. Нечаев онро обод дида, роҳи аз деҳа то Пули Сангинро "паҳну хуб коркардшуда" (широкая, хорошо обработаная) қайд мекунад.

Ӯ Пули Сангинро низ хуб ба қалам дода, аз ҷумла менависад: "Дар назди пул дарё тезҷараён мегардад. Харсангҳо дар болои кӯҳ нисбати таг бо ҳам наздик мешаванд. Дар ҷойи аз ҳама зиёд наздикшудаи харсангҳо пул ҷойгир аст. Худи пул он қадар ҷалбкунанда набуда, болои ду ғулачӯб сохта шудааст, аммо атрофи пул ва овози гулдурроси об ниҳоят диққатҷалбкунанда мебошанд. Кас болои пул истода, оби дарёро намебинад. Дуртар аз пул манзараи аҷибе аён мегардад. Оби дарё гулдурросзанон аз тангнои таги камар мегузарад" [11, с.96].

Нечаев дарозии пулро тахмин 2-3 сажен [11,с.96] (1 сажен баробар ба 2,135 м.), яъне 4,3 - 6,4 метр гуфтааст.

Нисбати боҷситонӣ ҳангоми аз пул гузаштани корвонҳо ахборот дода, аз ҷумла менависад: "Дар тарафи рости дарё, дар баландии болои ду харсанг хонае истодааст, ки "боҷгирхона" ном дорад. Боҷгирхона амирӣ буда, он ба шахсони воқеӣ ба иҷора дода мешавад. Иҷорапулӣ дар як сол 10000 рублро ташкил медиҳад. Пули иҷора ба хазинаи "вазири иқтисодии амири Бухоро" - Девонбегӣ ирсол мегардад. Пули Сангин ягона пул дар тамоми маҷрои дарёи Вахш мебошад ва ҳамаи корвонҳо тавассути он мегузаранд. Корвон вақте аз пул мегузарад аз ҳар уштури бордор 2 танга (30 коп); аз аспи бордор 1 танга ва аз хари бордор ним танга боҷ ситонда мешавад" [11, с.96].Чи хеле дар боло ишорат рафта буд, дар ибтидои асри XX Пушинг деҳаи калон буд. Он дар асрҳои миёна низ деҳаи калону ободе буда, дар бисёр сарчашмаҳои таърихӣ ёд мешавад. Аз ҷумла, аз он с. 912-и ҳиҷрӣ (1506 - 1507) Мирзо Ҳайдар дар "Таърихи Рашидӣ" ёд кардааст [8, с.368].

Соли 910/1504–1505, вақте ки Шайбонихон [4, с.586-590] Мовароуннаҳр ва баъзе манотиқи Хуросонро ба тасарруфоти худ медарорад, шоҳзодаҳои темурӣ ба Бадахшону Афғонистон дар гурез мешаванд. Мирзо Ҳайдари муғул, ки он вақт 9 сол дошт, бо устоди худ аз Ҳисор ба Дашти Кӯлак омада, дар деҳаи Пушинг меҳмон

мешаванд ва чуноне ки дар асараш ёд мекунад, Пушинг яке аз курайётҳои (деҳаҳои) муътабари Хатлон будааст ва онҳо дар хонаи арбоби вай, ки ба Хоҷа Ҳабибуллоҳ машҳур будааст, чанд рӯз таваққуф доштаанд [8,с.355; 5,с.14; 9].

Пушинги куҳанбунёд дар тули асрҳо доимо ободу яке аз мавзеъҳои сераҳолии диёри Данғара буда, дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании он нақши муҳим мебозидааст. Чуноне Ғолиб Ғоибов дар китоби "Таърихи Хатлон аз оғоз то ирӯз" аз он ёдовар мешавад: "Пушинг бо ҳамин ном то имрӯз ба мо омада расидааст. Он деҳаи калону ободест дар 18 – километрии шимолу шарқи Данғараи имрӯза. Пушинг то давраи барқарор кардани Ҳукумати Шуравӣ деҳаи калонтарину ободтарини ноҳияи Данғара ба ҳисоб мерафт. Дар он айём дар Пушинг 11 осёб, 5 ҷувоз, 8 дукони чармгарии пойафзол, дуконҳои оҳангарию кандакорӣ, 3 мадрасаю 6 масҷид вуҷуд доштааст" (маълумот аз рӯзномаи "Ҷумҳурият", 2002, 25 октябр).

Аввалин сохторҳо дар ноҳияи Данғара, баъди сарнагун шудани Аморати Бухоро маҳз дар деҳаи Пушинг оғоз мегардад. "Ҳангоми пурсишҳои саҳроӣ сокини 74-солаи деҳаи Пушинг Холматов Аҳмадхӯҷа посух дод, ки яке аз куҳансолони деҳа – бобои Раҳмоналӣ, ки ҳоло дар қайди ҳаёт нест гуфта буд: соли 1923 аскарони сурх аввалин маротиба ба деҳаи Пушинг омада, аз роҳ боло - рӯ ба рӯйи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии деҳа, гарнизони ҳарбӣ сохта буданд" [18,с.194].

Баъди барҳам хӯрдани Аморати Бухоро, Данғара дар солҳои 1921 - 1924 дар ҳайати туманҳои Балҷувон ва Қизилмазори вилояти Кӯлоб, солҳои 1930 - 1932 тобеи ноҳияи Кангурт будааст [6].

Мувофиқи маълумоти бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5 декабри соли 1925 ва аввали соли 1926 дар масоҳати имрӯзаи ноҳия он вақт чунин тақсимоти маъмурӣ ҷорӣ будааст: кенти Кӯли Сӯфиён аз чор ҷамоат; кенти Оқсу аз 4 ҷамоат ва кентҳои Пушинг, Дектур, Иғрон [25, с.710; 7], ки миқдори ҷамоатҳо нишон дода нашудааст.

Соли 1926 дар шаҳри Тошканд асаре дар бораи ноҳиябандии тамоми Осиёи Миёна аз чоп мебарояд, ки яке аз томҳои он ба Бухорои Шарқӣ бахшида шуда буд. Дар он маълумоти мукаммал дар бораи тақсимоти маъмурӣ ва ҳолати демографии вилоятҳо, туманҳо ва кентҳои Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон дода, оиди масоҳат, аҳолӣ, зичии аҳолӣ, миллатҳо ва гурӯҳҳои этникие, ки дар он зиндагӣ мекунанд, маълумот медиҳад [12].

8 июли соли 1932 ноҳияи Данғара ташкил меёбад [15,57]. То соли 1936 Данғара бо унвони Оқсу (дар лаҳҷаи мардум Ёхсу С. Ф.) ёд мешуд [20, с.224]. Он аз ҳисоби як қисм - ҳудуди ноҳияи Қизилмазор (баъдтар ноҳияи Совет ҳоло, ноҳияи Темурмалик) ва ноҳияи Кангурт таъсис меёбад. Ба ҳайати он деҳшуроҳои Оқсу, Булён, Иғрон, Макеев, Сангтӯда дохил буданд [20,с.224]. Он вақт ноҳия 21 ҳазор аҳолӣ дошт. Сокинонаш дар 90 нуқтаи аҳолинишини хурд - хурд маскан гирифта буданд [20,с.224]. Мувофиқи пурсишҳои саҳроӣ ва гуфтаҳои калонсолон, он солҳо дар деҳаи Оқсу идораҳои давлатӣ, бунгоҳҳои маҳсулотқабулкунӣ, гарнизони аскарони сурх ва муассисаи ислоҳотӣ арзи вуҷуд доштааст.Аз нуқтаи назари географӣ, ноҳияи Дангара васеъ ва фарох буда, дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Дар давраҳои қадим мардумонаш асосан дар доманакӯҳҳо ва соҳилҳои дарёи начандон калони Оби Тоҳир, ки дар асрҳои IX-XII бо номи Бурдон ёд гаштааст, умр ба сар мебурданд. Даҳҳо ҳазор сол инҷониб ин минтақа ҷойи сукунати одам мебошад

[21,с.3], ки дар ин бора ёдгориҳои таърихии аз он ёфтгашта, ки алҳол 328 ададро ташкил медиҳад [18,с.216], далолат мекунанд.

Данғара то соли 1938 аввал ҳамчун ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ, пасон солҳои 1944 - 1947 дар ҳайати вилояти Қӯрғонтеппа (ҳозира Хатлон), солҳои 1947 - 1955 ва солҳои 1974 - 1992 дар ҳайати вилояти Кӯлоб шомил буд. Аз моҳи августи соли 1955 то соли 1973 Данғара ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ буд [18,с.27]. Соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа барҳам дода шуда, вилояти Хатлон таъсис дода шуд ва ноҳияи Данғара аз ҳамон сол дар ҳайати вилояти Хатлон шомил мебошад. Маркази ноҳия шаҳраки Данғара буда, масофаи байни он то пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе 100 км ва то маркази вилояти Хатлон шаҳри Бохтар 76 км мебошад.

**Муқарриз: Расулиён Қ.- д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмонов. Сарчашмаи худшиносии миллӣ. Сарсухан аз китоби Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон". Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. -Душанбе, 2010. -С. 1.
2. Брискин А. Страна таджиков / А. Брискин. –Москва: Дер Эмес, 1930. 75 с.
3. Снесарев А. Е. Восточная Бухара / А. Е Снесарев. -СПб., 1906. -148 с.
4. Бобоҷон Ғафуров. "Тоҷикон". Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1-2. - Душанбе: Нашриёти муосир. -975 с.
5. Гафуров Б. Г. Глубже изучать богатое исторические прошлое таджикского народа / Б. Г. Гафуров //Труды Таджикского филиала АН СССР. – Т. XXI. - Сталинабад, 1945. -С.19.
6. Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон. Фонди 9, оп. 1 ед. хр. № 227.
7. Гулшании Бухорой. Таърихи Ҳумоюн. Зери таҳрири Ҷурабек Назрӣ. – Душанбе: Пайванд - 170 с.
8. Ғолиб Ғоибов, "Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз". - Душанбе, 2006, 906 с.
9. Мирзо Ҳайдар. Таърихи Рашидӣ. в.107 б.
10. Назруллои Абдулваҳҳоб, Умари Шерхон. Эҳёи Кангурт. – Душанбе: ҶДММ Эр-граф, 2016. - 264 с.
11. Нечаев А.В. По горной Бухаре. Путевые очерки / А.В. Нечаев. – С. Петербург, 1914. - 96 с.
12. П. П. Введенский. Районирование ТАССР // В кн. "Народное хозяйство Таджикистана", Ташкент. 1926.
13. Раъно Мирзоева. Назаре ба дунёи Сангтӯда ва олиҳаи он – Охшо (Вахш) / Р. Мирзоева. -Душанбе: Деваштич, 2008. -311 с.
14. С. С. Юнусов. Авроқи рангини Кӯлоб" / С. С. Юнусов, О. Ҷ. Асрориён. – 1992. -С. 14.
15. Саридораи бойгонии Тоҷикистон, фонди 12. Оп 2, дафтари 10, варақаи 57.
16. Умари Шерхон. Данғара. – Душанбе: Шарқи озод. -736 с.
17. Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз (ҷузъи 2). Дар зери таҳрири Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик. – Душанбе: Нашриёти муосир, - 262 с.
18. Фатҳиддин Салимзода. Водии Данғара. – Душанбе: Бебок, 2021. - 424 с.
19. Талбаков Ҷ. Ҳ. Тақсимоти маъмурӣ-территориявии вилояти Кӯлоб солҳои 1939-1955 / Ҷ. Ҳ. Талбаков. -178 с.
20. Энсиклопедияи Советии Тоҷик, Ҷ. 2, Душанбе, 1980, 637 саҳ.
21. Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Данғара таърихи бисёрҳазорсола дорад". Рӯзномаи "Симои Данғара, 9 апрели соли 2010. - 4 с.


## ҶУҒРОФИЁИ ТАЪРИХИИ ДАНҒАРА ДАР ДАВРАҲОИ БЕКИГАРӢ ВА БАЪДИИНҚИЛОБӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки таърихнигорӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи худшиносии миллист. Бинобар ин моро зарур аст, ки таърихи ҳар мавзеи ватани худро биомӯзем. Чунки бе омӯзиши таърихи минтақаҳои ҷудогона, таърихи мукаммали миллатро муайян кардан душвор аст. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки таърихи давраи тоинқилобии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ кайҳо боз диққати муаррихонро ба худ ҷалб кардааст, аммо, мутаассифона, он то ин вақт ҳалли дурусти худро наёфтааст. Дар бисёр давлатҳои аврупой, аз ҷумла Россия, таърихи ҳар шаҳру ноҳия ва ҳатто баъзан деҳае омӯхта шуда, китобат гаштааст. Боиси таассуф аст, ки ноҳияе чун Данғара, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ дар як водии том ҷойгир асту таърихи чандинҳазорсола дорад, бисёр паҳлуҳои таърихи он то ҳол омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, дар мақолаи мазкур кӯшиш намудаем, ки то андозае таърихи

онро то ҷое равшан намоем. Дар мақола маводҳои таърихӣ аз асарҳои таърихнигорон Гулшании Бухороӣ, А.В. Нечаев, Ғолиб Ғоибов, аз бойгониҳо ва ғайра ҷамъоварӣ шуда, дар он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки раванди ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ноҳияи Данғара дар тӯли таърихи начандон дур, аниқтараш давраҳои бекигарии пешазинқилобӣ то замони муосир мухтасаран нишон дода шавад. Махсусан ахбороти А. В Нечаев, дар ибтидои асри XX, ки худ аз марзи ноҳия гузар намуда буд, мароқангез мебошад. Ёддоштҳои сайёҳ омӯхта шуда, самтҳои ҳаракати корвони ӯ дар қисматҳои ҷудогонаи марзи ноҳия дар мақолаи мазкур муайян карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Аморати Бухоро, Бухорои Шарқӣ, Данғара, Балҷувон, Саргазон, Сангтӯда, Пушинг, Дарёи Панҷ, Пули Сангин, бекигарӣ, амлокдорӣ, Нечаев, сайёҳ, корвон.

## ИСТОРИЧЕСКАЯ ГЕОГРАФИЯ ДАНГАРЫ В ПЕРИОДЫ БЕКСТВА И В ПОСЛЕРЕВОЛЮЦИОННЫЙ ПЕРИОД

Автор статьи отмечает, что история является одним из решающих факторов национального самосознания. Поэтому нам необходимо изучать историю каждого района нашей родины. Потому что без изучения истории разных регионов сложно определить полную историю нации. Автор указывает на то, что история дореволюционного периода в городах и районах страны давно привлекала внимание историков, но, к сожалению, до сих пор не получила должного разрешения. Во многих европейских странах, в том числе и в России, изучена и записана история каждого города, района, а иногда даже села. Очень жаль, что такой район, как Дангара, который территориально находится в большой долине с историей в несколько тысяч лет, а также многие аспекты его истории до сих пор не изучены. Поэтому в этой статье мы попытались объяснить некоторые моменты его истории. В статье использованы исторические материалы из работ историков Гульшании Бухорои, А.В. Нечаева, Голиба Гоибова, собранные из архивов и др., в попытке кратко показать процесс политической и общественной жизни Дангаринского района в недалёкой истории, точнее, во время бекства и послереволюционной периоды. В частности, сведения А.В. Нечаева, перешедшего границу в начале XX века, — увлекательно. В статье изучены воспоминания путешественника и на основании выводов определены направления движения его каравана на разных участках территории района.

**Ключевые слова:** Бухарский эмират, Восточная Бухара, Дангара, Балджуан, Саргазан, Сангтуда, Пушинг, Река Пяндж, Пулисангинский мост, бекства, амлякдарства, нечаев, путешественник, караван.

## THE HISTORICAL GEOGRAPHY OF DANGARA IN THE BEKIGARI AND POST-REVOLUTIONARY PERIODS

The author of the article notes that history is one of the decisive factors of national identity. Therefore, we need to study the history of each region of our homeland. Because without studying the history of different regions, it is difficult to determine the complete history of the nation. The author points out that the history of the pre-revolutionary period in the cities and regions of the country has long attracted the attention of historians, but, unfortunately, has not yet received proper resolution. In many European countries, including Russia, the history of every city, district, and sometimes even a village has been studied and recorded. It is a pity that such a region as Dangara, which is geographically located in a large valley with a history of several thousand years, as well as many aspects of its history, has not yet been studied. Therefore, in this article we have tried to explain some points of its history. The article uses historical materials from the works of historians Gulshania Bukhoroi, A.V. Nechaev, Golib Goibov, collected from archives, etc., in an attempt to briefly show the process of political and social life of the Dangara region in recent history, more precisely, during the bekstvo and post-revolutionary periods. In particular, the information of A.V. Nechaev, who crossed the border at the beginning of the 20th century, is fascinating. The article studied the traveler's memories and, based on the findings, determined the directions of movement of his caravan in different parts of the region.

**Keywords:** Emirate of Bukhara, Eastern Bukhara, Dangara, Balchuvan, Sargazon, Sangtuda, Pushing, Panj River, Puli Sangin, Bekigari, Amlokdori, Nechaev, Sayoh, Korvon.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Салимзода Фатҳиддин Файзиддин*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, омӯзгори калони кафедраи идораи минтақавӣ ва географияи иқтисодӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **93-529-77-37**

**Сведения об авторе:** ***Салимзода Фатхиддин Файзиддин –*** Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры регионального управления и экономической географии. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3.Телефон: **93-529-77-37**

**Information about the author:** ***Salimzoda Fathiddin Fayziddin*** **-** Dangara State University, Senior Lecturer, Department of Regional Management and Economic Geography. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipov street 3. Phone: **93-529-77-37**

**УДК: 930.2 (575.3)**

# САҲМИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ АНҶУМАНИ ТОҶИКОН ВА ФОРСИЗАБОНОНИ ҶАҲОН - “ПАЙВАНД”

***Шарипов Ҷамолиддин, Солеҳҷони Маҳмадисуф***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истиқлоли давлатӣ, ки бузургтарин дастоварди миллати тоҷик ба ҳисоб меравад, имкон дод, ки дар муддати кӯтоҳ раванди амалӣ гардидани ормонҳои ҳазорсолаи таърихӣ тезонида шавад. Дар ин муддат миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон ба муваффақиятҳои пурарзише ноил гардид, ки дар роҳи устувории истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ гомҳои ҷиддие гузошта шуданд. Дар саргаҳи ин муваффақиятҳо, пеш аз ҳама, сиёсати меҳансолорӣ ва хирадмандонаю дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар баробари ташаббусҳои наҷиб баҳри рушди давлат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чораҳои зарурӣ бо мақсади муаррифии миллат амалӣ карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки яке аз ташаббусҳои бузурги Сарвари давлат ин ба роҳ мондани муносиботи густурда ва ҳамешагӣ бо тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба саҳнаи ҳокимияти сиёсӣ ворид гардидан самти устувор намудани муносибатҳо бо тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ва эҳёи таъриху фарҳанги ниёгонро ҷоннок намуд. Бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон “Пайванд” ташаккул ва рушд ёфт [1, с. 98].

Дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ вобаста ба вазъи мураккаби сиёсии кишвар Сарвари давлат ҷиҳати хотима бахшидан ба моҷарои сиёсии баамаломада, ки боиси хисороти зиёди ҷонию моддӣ гардида буд, фаъолияти анҷумани “Пайванд”-ро боз ҳам рушд бахшид. Махсусан, бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти ин ниҳод баҳри ба Ватан баргаштани фирориёни иҷборӣ ҷоннок гардонида шуд. Дар ин росто қайд кардан зарур аст, ки воқеаҳои фоҷеабори соли 1992 шумораи ҳамватанони моро дар кишварҳои хориҷ хеле зиёд намуд. Ин ҳама кормандони “Пайванд”-ро бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон водор сохт, ки фаъолияти худро дар миёни онҳо бештару пурзӯртар намоянд. Бо ташаббуси Сарвари давлат ба унвони намояндагони дар ин кишварҳо будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номаҳо фиристода, дархост намуданд, ки онҳо барои ба ҷойи зисти собиқи худ баргаштани ҳамватанонамон ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, бо супориши Шурои Анҷуман бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ба гурӯҳҳои дахлдори кишварҳои ҳамҷавор мактубҳо ирсол намуда, аз онҳо хоҳиш карданд, ки мушкилоти тоҷиконро дар масъалаи забону фарҳанг ба инобат гиранд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар арафаи ҳамоишҳои II ва III тоҷикони ҷаҳон бо ташаббуси раиси Шурои Анҷуман, Сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ мактубҳои расмӣ ирсол карда, хоҳиш ба амал оварда шуд, ки барои ба ҳамоишҳо муташаккилона омадани онҳо шароитҳои лозима муҳайё намоянд.

Шурои Анҷумани “Пайванд” бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар тадбиру чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон, Комиссариати Созмони Милали Муттаҳид барои аз Афғонистон баровардани фирориёни тоҷик бевосита ва фаъолона ширкат намуд. Моҳи январи соли 1993 бо ташаббуси Раиси Шурои Олии Тоҷикистон дар бораи фирориёни тоҷик дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон комиссияи махсус ташкил карда шуд, ки ба он ду нафар корманди “Пайванд” низ ворид шуда буданд. Онҳо дар солҳои 1993-1995 барои ба Ватан баргардонидани зиёда аз 30 ҳазор фирирориёни иҷборӣ ширкати фаъол доштанд.

Қайд кардан зарур аст, ки Ҷамъияти “Пайванд”, Ҳукумати Тоҷикистон ва Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи ба Ватан баргардонидани

шаҳрвандони Тоҷикистон танҳо бо тоҷикон маҳдуд намешуданд. Онҳо ҳамчунин дигар халқҳои кишварамонро ҳам дар мадди назар доштанд. Ин дар мурочиатномаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз моҳи июли соли 1993 ба ҳамаи шаҳрвандони кишвар – русҳо, ӯзбекҳо, беларусҳо, украинҳо, яҳудиён, тоторҳо ва ҳамаи онҳое, ки ғайри хоҳиши худ дар натиҷаи моҷарои сиёсӣ қаламрави кишварро тарк намуданд, тааллуқ дошт. Дар мурочиатнома омадааст: "Шуморо дӯстону ҳамкоронатон интизоранд, шуморо Тоҷикистон интизор аст. Зеро онҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ карданд, барои мо дӯстони наздиктарин буданд ва хоҳанд буд. Аксарияти шумо, махсусан, онҳое, ки дар сарзамини Тоҷикистон таваллуд шуда ба камол расидаанд, ба Ватан, ба назди дӯстон ва хешу таборон баргаштан ва қабрҳои гузаштагонро зиёрат кардан мехоҳед. Ҳамин буд, ки соли 1994 бо ёрии кормандони "Пайванд" 120 нафар тоҷикони Афғонистон тавонистанд бо хешовандони дар Тоҷикистон будаи худ равобит ба роҳ монанд. Мо тайёрем ба ҳамаи онҳое, ки бармегарданд ва бо дили софу виҷдони пок ҳамроҳи мо давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эъмор менамоянд, дасти дӯстию бародарӣ дароз кунем" [11, с. 5-6].

Празиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анҷумани сеюми тоҷикони ҷаҳон моҳи сентябри соли 1996 оид ба масъалаи дар натиҷаи воқеаҳои фоҷеабори соли 1992 зиёд шудани шумораи ҳамватанони фирорӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон дахл намуда, чунин қайд кардааст: "Ин амр Анҷуманро водор сохт, ки фаъолияташро дар ин мамлакатҳо бештар қувват бахшад, дар таъмини бозгашти ҳамватанон ба маҳали зисти худ фаъолона саҳм бигирад".

Дар ҳамоиши дуюми тоҷикон, ки 9 сентябри соли 1993 баргузор гардида буд, муқаррар гардид, ки созмоне бо номи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон таъсис дода шавад. Соли 1996 сеюмин Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон баргузор гардид ва Шурои ин Анҷуман таъсис ёфт. Дар ҷаласаи мазкур раёсати Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ба ҳайсаи Раиси Шуро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро интихоб намуданд. Ҳамчунин, мувофиқи қарори анҷумани сеюм зери имзои Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон (аз 8 сентябри соли 1996) суруди миллии Анҷумани тоҷикони ҷаҳон (шеъри Г. Келдӣ бо оҳанги Д. Дӯстмуҳаммадов) пешниҳод ва тасдиқ карда шуд. Дар форуми сеюми тоҷикон Шурои Олии Анҷуман таъсис ёфт, ки аъзои он 10 нафар аз Тоҷикистон ва 18 нафар аз кишварҳои форсизабони ҷаҳон буданд. Дар интиҳои Анҷумани сеюм ба тамоми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон паём қабул карда, "ҳамаи форсизабононро ба ягонагии фарҳангӣ, ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ, дар партави меҳру хирад" даъват намуд. Бо ибтикори Раиси Анҷуман муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 сентябр ширкаткунандагони Форум дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 675 –солагии Камоли Хуҷандӣ, ки дар театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ баргузор гардид, иштирок намуда, худи ҳамон рӯз ба шаҳри Хуҷанд сафар карданд.

Бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сентябри соли 1999 Форуми чоруми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон дар Бӯстонсарои ҳукуматӣ кори худро оғоз намуд. Анҷумани мазкур ба таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ва ҳаштумин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Дар Формуми мазкур, аз кишварҳои ҳамҷавор ва хориҷи наздик меҳмонони зиёд ширкат доштанд, Президенти кишвар, Раиси Анҷумани "Пайванд" Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуи "Моро худшиносӣ ва руҳи солими миллӣ зарур аст" нутқи пурмуҳтавое ироа намуд ва аз ҷумла гуфт: "Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҳамчун як созмони фарҳангӣ меваи дарахти Истиқлол аст, ки бо кӯшишу талошҳои доимии Ҳукумат ва равашанфикорони мо сабзида, ифодагари ормонҳои тамоми тоҷикон гардид.

Аксари шумо, ҳозирини муҳтарам, гувоҳед, ки Анҷуман дар давоми ин солҳо се маротиба ба маҳфили умумии худ гирд омад, дар минтақаҳои гуногуни олам шӯъбаву бахшҳо таъсис дод, ки дар роҳи шинохти ҳамдигар нақши арзанда бозид" [1, с. 95-96].

Маҳз дар ҳамин рӯзҳои ҷашнҳои бошукӯҳ барои миллат ва давлат сарвари тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон нахустин шуда аз миёни сиёсатмадорони дунё, бо қарори Академияи умумиҷаҳонии тиббӣ ба номи Алберт Швейсер аъзои фахрии ин Академия ва профессори фахрии фалсафаи ин Академия интихоб гардид [3, с. 11-12].

Мувофиқи нақша 7 сентябри соли 2000 дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Раиси Шуро ва Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи навбатии Шурои анҷуман баргузор гардид. Дар он Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки "бояд кори Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ва сохторҳои онро муратаб ва фаъол сохта, бо мақсади тақвияти робитаҳои худ бо ҳамватанони бурунмарзиамон талоши бештар намоем" [7, с. 80-81].

Бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаҳои Шурои Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" мураттаб гардид. Дар нашри маҷаллаи "Пайванд" ҳам дигаргунӣ ба амал омад.

Ҳамчунин, 7 сентябри соли 2001 бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шурои Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" баргузор гардид. Сарвари давлат дар суханронии худ фаъолияти анҷуманро арзёбӣ намуда, чунин қайд кард: "Аз ҷониби Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон дар чанд соли мураккаби сипаришуда корҳои муайяне бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои мутақобила бо ҳамватанони бурунмарзӣ сурат гирифтааст". Маҳз дар ҳамин ҷаласа Шурои Анҷуман чанд масъалаи марбут ба фаъолияти анҷуман, аз ҷумла лоиҳаи таҳрири нави Оинномаи ин созмон, даъвати ҳамоиши навбатӣ ва ҳайати нави Кумитаи иҷроияро мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дод. Раиси Шурои Анҷуман Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати Шуро таҳрири нави Оинномаи анҷуманро маъқул дониста, бо илова ва пешниҳодҳои аъзо барои баррасӣ ва тасдиқ ба маҷлиси умумии навбатӣ вогузошт.

Бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон 7 сентябри соли 2002 Анҷумани панҷуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" баргузор гардид. Дар кори анҷуман аз 19 кишвари олам 87 нафар меҳмонон иштирок доштанд ва онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ бахшид ва сарварӣ намуд. Дар маҷлиси анҷуман Оинномаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" дар таҳрири нав тасдиқ карда шуд. Ҳамчунин, ҳайати нави Шурои Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ва комиссияи назорати анҷуман интихоб ва тасдиқ карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷаласаи навбатии Шӯрои Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – "Пайванд" 7 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ва он зери раёсати Президенти кишвар, Раиси Анҷумани "Пайванд" Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт. Дар анҷуман як қатор масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон дар нутқи худ ба ҳозирин изҳор намуд, ки "моро ба ин толор ғояҳои наҷиби дӯстӣ, ваҳдат ва пешрафти фарҳангиву иҷтимоӣ ҷамъ овардааст. Бисёр рамзист, ки Анҷмани мо аз рӯзи ташкили худ дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барпо мегардад. Мо тасмим гирифтем, ки ҷашни 10-солагии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳонро дар омезиш бо ҷашни Истиқлол таҷлил намоем" [5, с. 18-19].

Дар баробари ин дар ҷаласа Оинномаи нави Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – "Пайванд"-ро дар таҳрири нав тасдиқ кард, ки ҷавобгӯйи марҳалаи тозаи рушд ва инкишофи ҷамъият буд. Дар ҷаласаи Анҷуман Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон такроран ва якдилона раиси Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон интихоб гардид. Бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ сардабири маҷаллаи "Пайванд" таъин гардид. Ҳамчунин, ҳайати нави Шурои Анҷуман интихоб гардид.

Аз рӯйи маърузаи Раиси Анҷуман Эмомалӣ Раҳмон ва баромади вакилон Шуро қарор қабул кард. Дар он омадааст, ки "дар фаъолияти созмони иҷроияи Анҷуман

ҳанӯз камбудию норасоиҳо мавҷуданд. Махсусан, равобит бо ҳамқавмону ҳамватанони дар хориҷа буда ба дараҷаи лозима нест. Дар шинохти тоҷикон ва ҳамзабонони бурунмарзӣ ва густариши робитаҳои мутақобили пурсамар бо онҳо корҳои зиёде дар пешанд.

Бо мақсади рушди фаъолияти Анҷуман 8-уми сентябри соли 2006 Анҷумани шашуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон дар толори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Дар кори он аз 21 мамлакати дунё меҳмонон иштирок намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон аз муваффақиятҳо ва камбудиҳои фаъолияти анҷуман ёдовар шуда, иброз намуд, ки "Кумитаи иҷроияи Анҷумани "Пайванд" бояд фаъолияти худро дар роҳи ҳарчи бештар ва беҳтар шинохтани ҳамқавмон ва ҳамватанони бурунмарзӣ боз ҳам вусъат бахшад. Дар айни замон тоҷиконро метавон қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон пайдо кард, ки бо сабабҳои мухталиф ҷилои ватан намуда, дар кишваре ихтиёри сукунат намудаанд ва мудом дар ёди ватани аслии хеш мебошанд. Ба ҳар восита онҳоро ёфтан, бо онҳо робита барқарор намудан ва ҳамеша аз ҳоли онҳо бохабар будан аз вазифаҳои муҳимтарини мо ба шумор меравад. Барои амалӣ кардани ин мақсад аз ёрии марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои миллии тоҷикон, агар он ҷойҳо чунин созмонҳо бошанд, истифода кардан лозим аст. Аз ин рӯ, робита ва ҳамкории Кумитаи иҷроияи Анҷуман бо намояндагиҳои "Пайванд" ва созмонҳои ҷамъиятии онҳо бояд ҳамеша барқарор ва фаъол бошад. Мутаассифона, на бо ҳамаи марказҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои миллӣ робита ба роҳ монда шудааст ва агар бошад ҳам, қаноаткунанда нест, ки аз раванди фаъолияти онҳо бояду шояд наметавон огоҳ шуд. Ҳамин аст, ки дар баъзе маҳалҳои Русия, аз қабили Екатеринбург, гурӯҳе ба вуҷуд омадаанд, ки худро ҳамчун маркази фарҳангӣ ё ҷамъияти миллии тоҷикон ба қалам дода ва ҳатто номи "Пайванд"-ро гирифта, ба амалҳои нораво даст мезадаанд. Мо бояд барои барҳам задани чунин воқеаҳои номатлуб чораҳои фавриро пешбинӣ намоем". Дарвоқеъ, танзим намудани фаъолияти тамоми марказҳои миллӣ ва фарҳангии тоҷикон дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон яке аз функсияҳои асосии Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон як қатор чораҳои саривақтӣ дар ин самт андешида шуданд, ки боиси ҷоннок гардидани фаъолияти байналмилалии анҷуман гардиданд. Моҳи сентябри соли 2006 дар Тоҷикистон бо иштироки меҳмонони Анҷумани шашуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ дар фазои сулҳу салоҳ бо руҳбаландии том баргузор гардиданд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон Анҷумани ҳафтуми ғайринавбатии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон дар якҷоягӣ бо чорабиниҳои бошукӯҳ доир ба 1150-солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс, устод Абуабдуллоҳи Рудакӣ аз 2 то 11 сентябри соли 2008 дар шаҳрҳои Душанбе ва Панҷакент доир гардид. Бояд таъкид кард, ки Анҷумани ҳафтуми ғайринавбатӣ маҳз бо мақсади иштироки аъзоёни анҷуман дар ҷашни устод Рӯдакӣ даъват шуда буд. Дар кори анҷуман 81 меҳмон аз 21 кишвари ҷаҳон ширкат варзиданд ва дар Симпозиуми "Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон" низ ширкат ва суханронӣ намуданд. Ин ҳама тибқи қарори Ҳукумат, мувофиқи чорабиниҳои кумитаи тадорукот, ки қаблан таъсис ёфта буд ва аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ҷараён гирифт. Бояд қайд кард, ки 9-10 сентябр меҳмонон тавассути ҳавопаймо ба шаҳри Панҷакент сафар намуда, дар чорабиниҳои бахшида ба ҷашни 1150 – солагии устод Рӯдакӣ, ки дар зодгоҳи ӯ дар деҳаи Панҷрӯд ва шаҳр барпо гардиданд, ширкат варзиданд.

Бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳадафҳои анҷуман ва ҷашни 1150-солагии устод Рӯдакӣ дар телевизиони "Сафина" ва радиои ҷумҳурӣ рубрикаю барномаҳои махсус таҳия гардида, бо масъулини маъракаҳои мазкур ва дар рӯзҳои баргузори

чорабиниҳо бо меҳмонон суҳбатҳо меоростанд. Дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳурӣ мақолаву мубоҳисаҳои зиёд ба табъ расиданд [7, с. 7-8].

Боиси қаноатмандист, ки роҳбарони нави Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – “Пайванд” дар рӯзҳои ҳафтумин ҳамоиши анҷумани худ иштирокчиёни онро гирди ҳам овард ва мулоқот ташкил намуд. Пешниҳодҳои иштирокчиёни форуми ғайринавбатӣ дар ин мулоқот, ки барои беҳтар намудани фаъолияти кормандони Кумитаи иҷроияи “Пайванд” ва фаъолонаш хеле судманд хоҳад буд, арзишманд мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамзабонон ва ҳамватанони хориҷӣ муроҷиат карда гуфт, ки “нисбат ба тақдири имрӯзу фардои давлату миллати тоҷик бетафовут нестед, саҳмгузор бошед ва таваҷҷуҳи сармоядорони хориҷиро ба сӯйи Тоҷикистон ҷалб намоед, ҳақиқати воқеии авзои Тоҷикистонро ба ҷаҳониён расонед, бифаҳмонед, ки имрӯз дар Ватани мо парчами ваҳдати миллӣ ҷилвагар, сулҳу осоиш пойдор ва баҳри бунёдкорию созандагӣ, рушду равнақи иқтисодии кафолатнок шароити муосид ва имконияти фаровон муҳайёст”.

Бояд тазаккур дод, ки 19-ноябри ҳамон сол дар шаҳри Душанбе бахшида ба ин санаи таърихӣ ҷамъомади пуршукӯҳе бо ширкати меҳмонони хориҷи кишвар, аз ҷумла аъзоёни Шурои Анҷумани “Пайванд” баргузор гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мавзуи “Шаҳри муҳаббат ва садоқат” суханронӣ карда, бо ифтихор ва масъулияти том изҳор кард: “Пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе оинаи таъриху зиндагии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон аст. Имрӯз мо бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пойтахти кишвари азизи худро хонаи умеди тамоми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон медонем. Шаҳри Душанбе дар баробари ҳамаи шаҳрҳо ва пойтахтҳои қадимии давлати тоҷик қарор ёфта, рисолати муқаддасу бошараф, яъне маркази маъмурии кишвар, илму фарҳанг ва муттаҳидкунандаи миллатро ба дӯш гирифт” [1, с. 98-99].

Ҳамин тавр, форумҳои тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ҷаласаҳои Шурои он, инчунин симпозиумҳои байналмилалии тоҷикон дар соҳаҳои мухталиф, ки одатан дар рӯзҳои иди миллии Тоҷикистон – ҷашни Истиқлоли давлатӣ сурат мегиранд, ба он шукӯҳ мебахшанд. Дар ин чорабиниҳо аз ҳама муҳим он аст, ки дар чунин ҷамъомадҳо тоҷикон ва ҳамватанони хориҷии худ гирди ҳам меоянд, дӯстӣ ва умумият пайдо карда, дар ваҳдати кулли тоҷикон нақши бузург мебозанд. Ҳамчунин, фаъолияти аъзоёни “Пайванд” дар шинохти тоҷикону Тоҷикистон ва дар ваҳдати халқи тоҷик нақши бузург мебозад. Таҷрибаи бистсолаи фаъолияти “Пайванд” нишон медиҳад, ки дар ин кор шаклу мундариҷаи гириҳамоиро бояд хубтар омӯхт ва аз он хулосаҳои зарурӣ баровард.

**Муқарриз: Абдухамидов Н. – н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бобохонов М. Таърихи мухтасари анҷумани “Пайванд” / М. Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 198 с.
2. Борӣ М. Гуфтугӯ бо устод Абдуқодир Маниёзов – раиси анҷумани “Пайванд” // “Пайванд”, 2001. – №3. – С. 80-83.
3. Карим Б. Фарёди солҳо: ҳуҷҷат, далел, табсира, хулоса / Б. Карим. – М.: Трансдорнаука, 1997. – С. 94-96.
4. Маниёзов А. Дар бораи лоиҳаи нави Оинномаи анҷумани “Пайванд” / “Пайванд”, 1996. – №6. – С. 49-51.
5. “Пайванд”. – Теҳрон, 2001 (1380). – №3. – С. 82.
6. “Пайванд”. – Теҳрон, 2003 (1379). – №7. – С. 6-8.
7. “Пайванд”. – Теҳрон, 2004 (1380). – №4. – С. 80-82.
8. “Пайванд”. – Теҳрон, 2004 (1380). – №8. – С. 28-30.
9. “Пайванд”. – Теҳрон, 2004 (1380). – №10. – С. 33-39.
10. Пайванди дилҳо, пайванди наслҳо. Тартибдиҳандагон М. Осимӣ, Ф. Осимӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2006. – С. 9-10.
11. Раҳмон Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият. -Ҷилди 3 / Э. Раҳмон. – Душанбе: ирфон, 2001. – С. 187.
12. Тагаев Д. Пути развития Таджикистана / Д. Тагаев, Н. Аитов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С. 3-5.

13. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – С. 19-23.
14. Усмонов И. Қутбномаи сулҳу оштӣ / Роҳи сулҳ (ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон) / И. Усмонов. – Душанбе, 1997. – С. 4.
15. Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр: аз истилои Русия то Истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. – С. 145.

## САҲМИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ АНҶУМАНИ ТОҶИКОН ВА ФОРСИЗАБОНОНИ ҶАҲОН - "ПАЙВАНД"

Ташаббусҳои бузурги Сарвари давлат дар самти густариши фаъолияти "Пайванд" пеш аз ҳама, ба роҳ мондани муносиботи густурда ва ҳамешагӣ бо тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба саҳнаи ҳокимияти сиёсӣ ворид гардидан самти устувор намудани муносибатҳо бо тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ва эҳёи таъриху фарҳанги ниёгонро ҷоннок намуд. Бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон "Пайванд" ташаккул ва рушд ёфт. Дар ибтидои истиқлоли давлатӣ вобаста ба вазъи мураккаби сиёсии кишвар Сарвари давлат ҷиҳати ҳар чи зудтар хотима бахшидан ба моҷарои сиёсии баамаломада, ки боиси хисороти зиёди ҷонию моддӣ гардида буд, фаъолияти анҷумани "Пайванд"-ро боз ҳам рушд бахшид. Махсусан, бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти ин ниҳод баҳри ба Ватан баргаштани фирориёни иҷборӣ ҷоннок гардонида шуд. Дар ин росто қайд кардан зарур аст, ки воқеаҳои фоҷеабори соли 1992 шумораи ҳамватанони моро дар кишварҳои хориҷ хеле зиёд намуда буд. Ин ҳама кормандони "Пайванд"-ро бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон водор сохт, ки фаъолияти худро дар миёни онҳо бештару пурзӯртар намоянд. Бо ташаббуси Сарвари давлат ба унвони намояндагони дар ин кишварҳо будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номаҳо фиристода, дархост намуданд, ки онҳо барои ба ҷойи зисти собиқи худ баргаштани ҳамватанонамон ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, бо супориши Шурои Анҷуман бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ба гурӯҳҳои дахлдори кишварҳои ҳамҷавор мактубҳо ирсол намуда, аз онҳо хоҳиш карданд, ки мушкилоти тоҷиконро дар масъалаи забону фарҳанг ба инобат гиранд. Форумҳои тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ҷаласаҳои Шурои он, инчунин симпозиумҳои байналмилалии тоҷикон дар соҳаҳои мухталиф, ки одатан дар рӯзҳои иди миллии Тоҷикистон – ҷашни Истиқлоли давлатӣ сурат мегиранд, ба он шукӯҳ мебахшанд. Дар ин чорабиниҳо аз ҳама муҳим он аст, ки дар чунин ҷамъомадҳо тоҷикон ва ҳамватанони хориҷии худ гирди ҳам меоянд, дӯстӣ ва умумият пайдо карда, дар ваҳдати кулли тоҷикон нақши бузург мебозанд.

**Калидвожаҳо:** Эмомалӣ Раҳмон, саҳм, анҷуман, Пайванд, ҷаласа, нақш, муаррифӣ, тоҷикон, шуро, миллат, фарҳанг, ҳамоиш.

## ВКЛАД ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АССОЦИАЦИИ ТАДЖИКОВ И ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ СТРАН МИРА - "ПАЙВАНД"

Великой инициативой главы государства является установление широких и постоянных связей с таджиками и персоязычными странами мира. С первых дней свой политической деятельности он способствовал укреплению отношений с таджиками и персоязычными странами мира и способствовал возрождению изучения истории и культуры наших предков. По инициативе Эмомали Рахмона была сформирована и развита Ассоциация таджиков и персоязычных стран мира «Пайванд».В начале независимости страны и сложной политической ситуации в стране глава государства развил деятельность объединения «Пайванд», чтобы положить конец политическому конфликту, унесшему много жизней. В частности, по инициативе Эмомали Рахмона была активизирована деятельность этого учреждения по возвращению вынужденных беженцев. В этой связи следует отметить, что трагические события 1992 года значительно увеличили количество наших соотечественников, живущих за рубежом. Все это заставило коллектив «Пайванд» под руководством Эмомали Рахмона активизировать свою деятельность среди них. По инициативе Президента представителям Республики Таджикистан в этих странах были направлены письма с просьбой оказать помощь нашим соотечественникам в возвращении на прежние места жительства. Также по поручению Совета Форума, возглавляемого Эмомали Рахмоном, разосланы письма соответствующим группам в соседних странах с просьбой учесть проблемы таджиков в области языка и культуры.Большую роль в сплочении всех таджиков сыграют форумы таджиков и персоязычных стран мира, заседания их Совета, а также международные симпозиумы таджиков по различным направлениям, которые обычно проходят в национальный праздник Таджикистана – День Независимости. Самое главное что на этих мероприятиях таджики и их зарубежные соотечественники собираются вместе, обсуждают свои проблемы и находят точки соприкосновения,.

**Ключевые слова:** Эмомали Рахмон, вклад, форум, ссылка, сессия, роль, презентация, таджики, совет, нация, культура, форум.

**THE CONTRIBUTION OF EMOMALI RAHMON TO THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE ACTIVITIES OF THE ASSOCIATION OF TAJIK AND PERSIANS OF THE WORLD - "PAIVAND"**

The great initiative of the Head of State is the establishment of broad and permanent relations with Tajiks and Persian-speakers of the world. From the first days of entering the political arena, he intensified the strengthening of relations with Tajiks and Persian-speakers of the world and the revival of the history and culture of our ancestors. At the initiative of Emomali Rahmon, the activity of the Association of Tajiks and Persian-speakers of the world "Payvand" was formed and developed.At the beginning of the country's independence and the difficult political situation in the country, the head of state further developed the activities of the "Payvand" association in order to put an end to the political conflict, which caused a lot of life and material damage. In particular, on the initiative of Emomali Rahmon, the activities of this institution for the return of forced refugees have been intensified. In this regard, it should be noted that the tragic events of 1992 significantly increased the number of our compatriots abroad. All this forced the staff of "Payvand" under the leadership of Emomali Rahmon to intensify their activities among them. At the initiative of the President, letters were sent to the representatives of the Republic of Tajikistan in these countries, asking them to help our compatriots to return to their former places of residence. Also, on the instructions of the Council of the Forum, headed by Emomali Rahmon, sent letters to the relevant groups of neighboring countries, asking them to take into account the problems of the Tajiks in the field of language and culture.Forums of Tajiks and Persian-speakers of the world, meetings of its Council, as well as international symposiums of Tajiks in various fields, which usually take place on the national holiday of Tajikistan - the Independence Day, give it glory. The most important thing in these events is that in such gatherings Tajiks and their foreign compatriots come together, find friendship and common ground, and play a great role in the unity of all Tajiks.

**Keywords:** Emomali Rahmon, contribution, forum, Link, session, role, presentation, Tajiks, council, nation, culture, forum.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Ҷамолиддин*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

***Солеҳҷони Маҳмадисуф*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Телефон: **(+992) 918172120**, E-mail: **Soleh-13111994@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Джамолиддин*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 987244423,** E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

***Солехджони Махмадисуф*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 918172120**, E-mail**: Soleh-13111994@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin*** - Tajik National University, candidate of historical, senior lecturer at the Department of history tajik national. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Phone. **(+992) 987244423**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

***Solehjoni Mahmadisuf*** - Tajik National University, cograduate competitor of the department of history of the tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Phone**: (+992) 918172120**, E-mail: **Soleh-13111994@mail.ru**

УДК: 491.550-56:42-56

# САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

*Маҳмудов А. С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 – сентябри соли 1991 ба истиқлолияти давлатӣ ноил гардид. Мутаассифона, моҳи майи соли 1992 неруҳои иртиҷоӣ истиқлолияти давлатиро халалдор намуда, Ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги бародаркушию шаҳрвандӣ кашиданд. Ин ҷанги хонумонсӯз ҷони ҳазорҳо фарзандони тоҷикро рабуда, қисми дигарашонро маҷруҳу бехонву дар кард. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар мешаванд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсири ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва дасисаи душманони хориҷӣ метавонист аз харитаи ҷаҳон нест шавад ва миллатро парешонию парокандагӣ интизор буд» [10, с.78].

Ҷанг ба иқтисодиёти ватанамон зиёда аз 7 миллион доллари амрикоӣ хисорот ворид намуд. Бештар аз 36 000 хонаи истиқоматӣ ва 20% биноҳои таълимӣ ба коми нобудӣ рафта буд [1, с.72].

Воқеан ҳам, ҷанги таҳмили шаҳрвандӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, дар натиҷаи он садҳо ҳазор одамони бегуноҳ қатлу маҷруҳ гардида, биноҳои маъмурию истиқоматӣ ба харобазор табдил ёфта, дуздию ғоратгарӣ авҷ гирифт, ки боиси фирори мардум ба хориҷи кишвар гардида буд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон чунин зикр карданд: «...мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки Ватан танҳо марзу бум ва ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ нест. Ватан пайванди ногусастании наслҳои дирӯзу имрӯзу фардо, муҳофизати истиқлолият ва дастовардҳои он, пос доштани хотираи неки аҷдодон, ҳифз ва гиромидошти мероси таърихиву фарҳангӣ ва саъю талоши доимӣ ба хотири пешрафти давлату миллат ва шукуфоии Ватани аҷдодӣ аст» [6, с.88].

Хушбахтона, моҳи ноябри соли 1992 иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) дар қасри хоҷагии ба номи Саидхуҷа Урунхуҷаеви шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид. Масъалаҳои муҳиме, ки дар ин иҷлосия муҳокима карда шуданд, ин тадбирҳо оид ба муътадил кардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумхурӣ, қабули муроҷиатнома ба мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристодани неруҳои сулҳдӯст, интихоби раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъин намудани сарвазири давлат, дар бораи Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи тартиби ба ҷойи муқимии зиндагӣ баргардонидани гурезагон, дар бораи тасдиқ намудани аъзои девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қонуни асосӣ, яъне Конститутсия, Нишони давлатӣ, Парчам ва ғайраҳо буданд.

Мавриди зикр аст, ки баргузор гардидани иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) барои мардуми ватандӯсту сулҳпарвари Тоҷикистон як падидаи навину хотирмон ва сарчашмаи муҳим барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш санаи 19 декабри соли 1992 дар иҷлосия (ш. Хуҷанд) чунин қайд карданд, ки мардуми Тоҷикистон иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии ҷумҳуриро бесаброна, вале бонигароние интизорӣ мекашиданд. Изтироб аз он доштанд, ки мабодо депутатҳо бо ҳам забон ёфта натавонанду низое миёни онҳо хезад ва ин ба боз аланга гирифтани оташи ҷанги бародаркушӣ боис бишавад. Хушбахтона, дар ҳалли масоили доғи ҷумҳурӣ вакилони мардумӣ ҳамдилию якдигарфаҳмӣ зоҳир намуда, ба сулҳу оштӣ замина гузоштанд [12, с.8].

Дар ин иҷлосияи таърихии тақдирсоз бо тариқи овоздиҳии пинҳонӣ фарзанди ватандӯсту фарзонаи миллат – Эмомалӣ Раҳмон раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва инчунин ваколати сардории давлат низ ба ӯ дода шуд. Аз 197 нафар вакиле, ки дар иҷлосия ҳузур доштанд, 186 нафарашон номзадии Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуданд.

Баробари ба сари қудрат расиданаш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо суханҳои неку дилгармкунандааш мардумро баояндаи неки давлату миллат бовар кунонида, чунин муроҷиат намуд: «Мардум ман ба хонадони шумо сулҳ меоварам ва то охирин фирории иҷборӣ ба Ватан барнагардад, осуда нахоҳам буд» [3, с.5].

Замоне ки намояндагони мардумии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба маснади Роҳбари Тоҷикистон пазируфтанд, ӯ ҳамагӣ 40 сол дошт ва дар миёни раҳбарони кишварҳои собиқ шуравӣ ва ҷаҳон ҷавонтарин чеҳраи сиёсии тирози аввал буд. Бо вуҷуди ин ки дар сиёсати сатҳи олӣ таҷрибаи кофӣ наандӯхта буд, дилу дидаи бедор, басират ва ақли даррок дошт, ки ӯро шинохти зиндагиву ормонҳои мардум, дунё, афкору ақоиди замон ва идроки ҳакимонаи он огоҳӣ ва табаҳҳур бахшид. Зуҳури Эмомалӣ Раҳмон дурахши истеъдоди нодире буд, ки аз вуҷуди ин мардум ва ин марзу бум беру номад ва ҷумлаи фазилатҳояшро дар вусъати ҳадафҳои олии миллӣ ангезиш дод ва қудрати амал ато намуд [14, с.30].

Ин фарзанди ватандӯсти миллат дар иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор намуда буд: «Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисi фарзандони барӯманди миллати тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам» [1, с.62].Аз гуфтаҳои дар боло зикргардида ба таври возеҳу равшан бар меояд, ки ӯ аз рӯзҳои аввали ба сари хокимият омаданаш масъулияти роҳбариро хуб дарк намуда, хизмат барои миллату давлатро қарзи виҷдонии худ мешуморид ва тамоми фаъолияташро баҳри барқарор намудани сулҳу ваҳдат равона кард. Ҳисси баланди ватандорию ватандӯстии Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд қи чунин нуқтаро қайд карданд: «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам» [15, с.62].

Иҷлосия бо мақсади хотима додан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадил ва таҳкими мақомоти давлатӣ, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти, принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, ки шахсони аз 27-уми март то 25-уми ноябри соли 1992 дар муқовиматҳои мусаллаҳона ширкат доштанд, ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содир карда буданд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида намешаванд [17, с.75].

Чунин сиёсати адолатпарваронаю сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади орому осуда гардонидани вазъияти сиёсию иҷтимоии кишвар буд. Бад-ин тартиб, тавонист, ки барои ҳарчи зудтар ба сулҳи комил ноил гардидани кишвари маҳбубамон заминаи мусоид фароҳам оварад.

Баъди анҷоми Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ бо супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони Тоҷикистон ба масъалаи музокироти сулҳ шуруъ карданд. Музокироти сулҳи тоҷикон аз 5 то 19 апрели соли 1994 оғоз гардида то 27-уми июни соли 1997 давом кардааст. Дар ин муддат 8 даври музокироти байни Ҳукумат ва мухолифин, 3 машварати байниҳамдигарии тарафҳо ва 6 мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин Саид Абдуллои Нурӣ баргузор гардидааст.

Сулҳе, ки дар Тоҷикистон барпо гардид, аз ду давра иборат мебошад. Давраи якум, аз 4-19 апрели соли 1994 оғоз ёфта, то 1923 декабри соли 1996 давом кардааст.

Бо ташаббуси Ҳукумат зери сарварии Эмомалӣ Раҳмон ва аз тарафи як гурӯҳ ватандӯстони мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ, О. Латифӣ, А. Сатторзода ва дигарон гуфтушунид ба амал омад. Дар ин давра панҷ вохӯрӣ барпо гардида, гуфтушунид дар шахрхои Маскав, Теҳрон, Исломобод, Кобул, Алмаато, Ашқобод, Хосдеҳ гузашта, бо ташкилёбии Комиссияи оштии миллӣ ба итмом расид.

Давраи дуюм аз 5-19 январи соли 1997 аз оғози гуфтушунид дар Теҳрон то 26-27 июни соли 1997 давом карда, бо қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояити миллӣ дар Тоҷикистон дар Маскав поён ёфт. Дар ин давра чор вохӯрӣ дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Бишкек ва Маскав бомуваффақият гузаронида шуданд.

Аввалин мулоқоти ҷонибҳо 17-19 майи соли 1995 дар пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул баргузор гардид. Мулоқоти минбаъда дар сатҳи олӣ 19 июли соли 1995 дар пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон шаҳри Теҳрон, 10-11 декабри соли 1996 дар Афғонистон ва 19-23 декабри ҳамон сол дар Москва, 21-22 феврал ва 16-18 майи соли 1997 дар шаҳрҳои Машҳад ва Бишкек ва мулоқоти хотимавӣ аз 24 то 27 – уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав доир гардида, дастоварди бузурги ин мулоқот «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад.

Санаи 27-уми июни соли 1997 бо ташаббуси Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардида, ба қатори ҷашнҳои миллӣ дохил гардид. Бояд таъкид кард, ки дар роҳи ба даст овардани сулҳу ваҳдат саҳми кишварҳои нозири гуфтушуниди байни тоҷикон – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон назаррас аст ва ин кишварҳо дар солҳои душвори санҷиш ба халқи мо кумакҳои гуногун ва бесобиқа расониданд [6, с.20]. Маҳз ҳамин кӯшишу талошҳои сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки миллати сарбаланди тоҷик 27-уми июни соли 1997 ба ваҳдати миллӣ ноил гардид.

Собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев чунин қайд кардааст: «Баъд аз оне, ки ман ба истеъфо рафтам, дар бораи имрӯзу фардои Ватан ва халқи ҷафокашидаи хеш бисёр андеша мекардам, вале вақте дар симои Эмомалӣ Раҳмон як инсони наҷиб ва сиёсатмадори хирадмандро кашф намудам, боварам ба фардои неки Тоҷикистон комил шуд. Зеро Тоҷикистон тақдири худро ба дастони эътимодбахш супурдааст» (Раҳмон Набиев собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз китоби «Формулаи сулҳи Президент Раҳмонов» соли 1999) [5, с.25].

Қайд кардан бамаврид аст, ки махсусан ҳисси баланди ватандорию ватандӯстӣ ва хизматҳои софдилонаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои халқи тоҷик буд, ки имруз Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон ҳамчун давлати соҳибихтиёру мустақил мешиносанд. Ба ин хотир шахсияти ин марди худодод – Эмомалӣ Раҳмонро хамчун ҳокими сулҳхоҳу сулҳпарвар, на танҳо мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки шахсиятҳои бузурги ҷаҳон дар китобу дастуру суханрониҳояшон мавриди зикр ва омӯзиш қарор додаанд.

Аз он ҷумла ёдовар мешавем яке аз донишмандони машҳури афғон Доктор Ҷамолиддин Сино Далерӣ дастуре бо номи «Эмомалӣ Раҳмонов – марде аз табори хирад ва андеша» таълиф намуданд, ки дар он оиди ин марди саодатманду сулҳпарвар ва қаҳрамони миллат сухан меравад: «Оқои Раҳмонов ба масобаи як инсони дилсӯз, ватанпараст ва муттаҳид ба ормони миллии миллати шарифи Тоҷикистон, аз сифати хуби дигаре, ки вижаи Машриқзамин аст, ӯ бархӯрдор аст – доштани руҳияи шуҷоат, нотарсӣ ва фидокорӣ ҳаст» [4, с.29].

Инчунин, нуктаи дигареро аз суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Афғонистон Аҳмадшои Масъуд зикр кардааст: «…Бовар кунед, таваҷҷуҳи хосси ман ба ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ба хотири ҳаммиллатии мо нест, балки асоси воқеӣ дорад. Танҳо сарвари хирадманду воқеан ватанпараст қодир аст, ки дар як муддати кӯтоҳ кишварро аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ, ки бо васваса ва ангезаи душманони миллати

тоҷик ба амал омад, берун кашад....Бояд ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намояд, ки саҳми ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов дар истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон бағоят бузург аст ва бори дигар ба бузургии хиради мардуми форсизабон далолат мекунад...» [4, с.63].

Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин дар васфи ин марди хирадманд ва сулҳофару сулҳпарвари тоҷик чунин гуфтааст: «Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ва ин бесабаб нест. Тамоми кӯшишҳои вай аз ин шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳу осоиш ҳамоно амиқтар реша меорад ва дар қиёс бо нуқтаҳое, ки вазъияташон муташанниҷ аст, ин комёбӣ ба худ назир надорад. Ҳар он чи дар Тоҷикистон ба амал меояд ва рух медиҳад, барои бисёр халқҳо ва мамлакатҳо намунаи ибрат аст» [2, с.22].Собиқ раиси Донишгохи сулҳи Созмони Милали Муттаҳид муҳтарам Мартин Лиз муҳимтарин қарори Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ медонанд. Бад-ин тариқ, нақши Президенти ҷумҳуриамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар пойдор намудани сулҳу ваҳдат чунин тавсиф намудааст: «Иҷлосияи XVI қарори хирадмандонаю муҳим қабул кард – Эмомалӣ Раҳмоновро раиси парлумон ва Сардори давлат интихоб намуд. Маҳз баъди ин қарори такдирсоз дар ҳаёти мамлакат раванди сулҳ, воқеӣ гардида, баъди чанд сол имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ натиҷаи ниҳоӣ бахшид. Панҷсолагии имзои ин ҳуҷҷати муҳимро мо дар конфронси баналхалқие, ки дар Душанбе бомуваффақият ва дар сатҳи баланд гузаронида шуд, таҷлил кардем. Зикри чунин нукта муҳим аст, ки бисёре аз сиёсатмадорону олимони шинохта иштирокунандагони конфронс таъкид намуданд, ки таҷрибаи бо роҳи сулҳ яктарафа кардани мунокишаҳои Тоҷикистон метавонад барои рафъи муқовимат ва ихтилофоти дигари Сайёра муваффақона мавриди истифода қарор гирад». (Мартин Лиз, собиқ раиси Донишгоҳи сулҳи СММ, соли 2002 «Садои мардум») [5, с.60].

Хизмати таърихӣ ва бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш сохт ва фарҳанги сулҳофариро пеша кард, бо эҳсоси гарми ватандорӣ, андешаи тақдири ояндаи бақои миллат ба музокироти сулҳ ташаббус нишон дод, фармон дар бораи авфи умумиро имзо кард, қатъан баргаштани гурезаҳоро ба Ватан матраҳ сохт ва барои аз хатари нобудӣ наҷот додани Тоҷикистон ва нигоҳ доштани марзу буми аҷдодӣ ҷонбозиҳо кард. Натиҷаи ин ҷонфидоиҳо ва қаҳрамониҳо буд, ки имрӯз дар кишвар амнияти саросарӣ пойдор ва ободиву бунёдкориҳо дар авҷ аст. Сулҳи тоҷикон қутбнамои роҳи ояндаи дурахшон ва шаҳодатномаи таърихии давлату миллат аст [16, с.4].

Ҳамин тавр, Президенти кишварамон зиракии сиёсиро аз даст надода, тамоми қувваю неруяшро баҳри сарҷамъ намудани миллати бофарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик ва барқарор намудани сулҳу осоиштагӣ дар кишвари азизамон равона кард. Тақдири неки мардуми сарбаланду ватандӯсти тоҷик буд ва ҳаст, ки дар тамоми давру замон бар муқобили душманони сарсахту ҷоҳил фарзандонии шуҷоъ ва далеру ватандӯстеро бар муқобилашон мебаровард. Ҳамчуноне, ки бар муқобили истилогарони Юнону Мақдунӣ Спитамен, бар муқобили истилогарони араб Муқаннаъ (Ҳошим ибни Ҳаким), бар зидди чингизиҳои хунхор Темурмалик баромаданд ва миллати тоҷикро аз азобу уқубати аҷнабиён ҳимоя карданд. Билохира, монанди ин қаҳрамонони шуҷоъ, ватандӯст ва сулҳпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба майдони сиёсат омад, ки тавонист хоки ин сарзамину ин миллатро аз зарбаю дасисаҳои душманони дохилию хориҷӣ ва бадхоҳи ин миллат муҳофизат намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки тақдири баланди мардуми сулҳпарвару мутамаддини тоҷик буд, ки баъди ҳазор сол, яъне баъди пош хӯрдани давлати Сомониён, дубора соҳиби давлати демократию ҳуқуқбунёд, яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон шудем. Тақдири мардуми баландҳиммату соҳибмаърифати тоҷик буд, ки Худованд барои мо дар дар душвортарин вазъият қаҳрамони сулҳпарвар, ватандӯсту ватанхоҳ, шуҷоъ ва далереро фиристод, ки тақдири давлату миллатамонро ҳал кард.

Бояд тазаккур намуд, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар кӯтоҳтарин муддат сулҳу суботро дар кишварамон барқарор намояд ва барои гулгулшукуфоии Ҷумҳурии Тоҷикистони азизамон хизматҳои шоёну арзанда анҷом диҳад:

Ҳамин тавр, ҳамаи он талошу заҳматҳои софдилонаю холисонаи ин қаҳрамони ватандӯсту сулҳпарвари миллату давлати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки номи некаш дар фикру зикри мардуми Тоҷикистон ва тоҷикони ҷаҳон ҳаст ва садсолаҳо боқӣ хоҳад монд. Таърих ҳеҷ гоҳ чунин родмардони ҷасуру далер, ватанхоҳу ватанпарвар, ватандӯсту сулҳхоҳро фаромӯш намекунад. Зеро ки тақдири як халқу миллати соҳибтамаддун аз ин марди худодод вобастагии калон дошт ва бо талошу заҳматҳои беандозааш халқи тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз хатари нестшавӣ эмин нигоҳ дошт. Бад-ин хотир, баҳри хизматҳои бузургаш дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдат ва амнияти кишвари азизамон буд, ки бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 – уми декабри соли 1999 ба унвони пурифтихори «Қаҳрамони Тоҷикистон», ҳамчунин, соли 2015 боз ба унвони пуршарафу арзандаи «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» сарфароз гардонида шуд.

**Муқарриз: Насриддинов Х. – н.и.т., дотсенти ДДМваИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдусамади М. Вахдат, давлат, президент. -Ҷилди VI./ М.Абдусамад, В.Фирдавс. -Душанбе: Деваштич, 2007. - 256 с.
2. Гулмадов М. Эмомалӣ Раҳмон – асосгузори давлати навини тоҷикон/ М.Гулмадов, Х. Сулаймонӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. - 222 с.
3. Давлатов М. Вахдат, давлат, президент.-Ҷилди XI/ М. Давлатов, С. Фаттоев, Қ. Восеъ, М.Убайдуллоев, Қ .Қосим, Ғ. Авзалӣ, Қ.Расулзода –Душанбе: Дониш, 2011. - 376 с.
4. Ҷамолиддин Сино Далерӣ. Эмомалӣ Раҳмонов – марде аз табори хирад ва андеша. – Душанбе: Шарқи озод, 2003. - 83 с.
5. Наботов С. Андешаҳои миллӣ ва ҷаҳони перомуни шахсият ва хизматҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон /С.Наботов - Душанбе: ЭР - граф, 2018. - 260 с.
6. Орумбекзода Ш. Шукӯҳи ваҳдат / Ш. Орумбекзода, М. Давлатзода, Ҳ.Сулаймонӣ, А. Каримов, Б. Шарифова, С. Ҳасанзода –Душанбе: Ирфон, 2019. - 192 с.
7. Пешвои муаззами миллат. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар тахкими Истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе, 2019.- 384 с.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов - Душанбе: Ирфон, 2019. – 704 с.
9. Рахимзода Р. Фазилати пешво. - Душанбе, 2019
10. Рахмонов Э. Истиклолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Чилди 1. Сомониён /Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002.
11. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Ҷилди 2 Сомониён / Э . Рамонов - Душанбе: Ирфон, 2002
12. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ.Чилди 1 /Э . Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. - 510 с.
13. Раҳмонов Э. Уфуқҳои истиқлол / Э. Рамонов - Душанбе: Ганҷ - нашриёт, 2018. -436 с.
14. Салимов Н. Тоҷикони оламшумул / Н. Салимов. А Шарифзода. - Душанбе : Ирфон, 2011 – 372 с.
15. Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов: вахдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост! / С. Фаттоев. - Душанбе: Ирфон , 2000. -62 с.
16. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 - 1999. Китоби 2 / А. Шарипов, С. Фаттоев. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 378 с.
17. Шарипов А. Эмомалӣ Рахмонов-Президенти мо! Нақши Президенти мамлакат дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ дар солҳои 1992-2006. Китоби 7 / А. Шарипов. – Душанбе: Деваштич, 2006. - 252 с.


## САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БУНЁДИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН


Дар мақола муаллиф саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар хотима гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор кардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба мардуми Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, дар натиҷаи он садҳо ҳазор одамони бегуноҳ қатлу маҷруҳ гардида, биноҳои маъмурию истиқоматӣ ба харобазор

табдил ёфта, дуздию ғоратгарӣ авҷ гирифт, ки боиси фирори мардум ба хориҷи кишвар гардида буд. Ҳамчунин, фикру ақидаҳои шахсиятҳои бузурги ватанию хориҷӣ, ба монанди собиқ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Набиев, донишмандони машҳури афғон Доктор Ҷамолиддин Сино Далерӣ, Аҳмадшои Масъуд, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, собиқ раиси Донишгохи сулхи Созмони Милали Муттаҳид муҳтарам Мартин Лиз, зикр шудаанд. Муаллиф хизматҳои таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллатро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки Эмомалӣ Раҳмон оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба ватан баргардонида, дар кӯтоҳтарин муддат сулҳу суботро барқарор кард, пеши роҳи хатари нобудшавии ҷумҳуриро гирифт ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кард.

**Калидвожаҳо**: истиқлолият, истиқрори сулҳ, ваҳдати миллӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, музокирот, ватандӯстӣ, сулҳпарвар.

## ВКЛАД ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА, ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПОСТРОЕНИЕ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

В статье автор анализирует вклад Основателя мира и национального единства, Лидера нации Эмомали Рахмона в прекращение гражданской войны и восстановление национального мира и единства в Республике Таджикистан. В частности, отмечалось, что негативное влияние на народ Таджикистана оказала гражданская война, в результате которой были убиты и ранены сотни тысяч ни в чем не повинных людей, разрушены административные и жилые здания, увеличились кражи и грабежи, что привело к бегству людей из страны. А также мнения выдающихся отечественных и зарубежных деятелей, таких как бывший Президент Республики Таджикистан Рахмон Набиев, видные афганские ученые, доктор Джамолиддин Сино Далери, Президент Афганистана, Ахмад Шах Масуд, Президент Российской Федерации Владимир Путин. Анализируя исторические заслуги Основателя мира и национального единства, Лидера нации, автор отмечает, что Эмомали Рахмон гасил пламя гражданской войны, репатриировал беженцев и вынужденных переселенцев,в кратчайшие сроки восстановил мир и стабильность и предотвратил опасность разрушения страны.

**Ключевые слова:** Независимость, мир, национальное единство, гражданская война, переговоры, патриотизм, мир.

## CONTRIBUTION OF THE FOUNDER OF PEACE AND NATIONAL UNITY, LEADER OF THE NATION, PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON IN BUILDING PEACE AND NATIONAL UNITY OF TAJIKS

In the article, the author analyzes the contribution of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Emomali Rahmon in ending the civil war and restoring national peace and unity in the Republic of Tajikistan. In particular, it was noted that the civil war had a negative impact on the people of Tajikistan, as a result of which hundreds of thousands of innocent people were killed and injured, administrative and residential buildings were destroyed, and theft and robbery increased, leading to people fleeing the country. Also, the views of great domestic and foreign personalities, such as the former President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev, prominent Afghan scholars Dr. Jamoliddin Sino Daleri, President of Afghanistan Ahmad Shah Masood, President of the Russian Federation Vladimir Putin, President of the Russian Federation Vladimir Putin, to the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. Analyzing the historical services of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, the author notes that Emomali Rahmon extinguished the flames of the civil war, repatriated refugees and internally displaced persons, restored peace and stability in the shortest possible time and averted the danger of the country's destruction.

**Keywords:** Independence, peace, national unity, civil war, negotiations, patriotism, peace.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Маҳмудов Абдулхайр Саидович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нахимов, 64/15. Телефон: **93.340.26.62**

**Сведения об авторе**: ***Махмудов Абдулхаир Саидович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, город Душанбе, район Сино, улица Нахимова 64\15. Телефон: **93.340.26.62**

**Information about the author:** ***Makhmudov Abdulkhair Saidovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant in the Humanities. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Sino district, Nakhimov street 64\15. Phone: **93.340.26.62**

УДК:932.5(575.3)

# ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (солҳои 1941-1945)

***Ганҷакова М. Г.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар таърихнигории муосир масъалаи тадқиқи таърихи маорифи халқи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯзмарра буда, мавриди таҳқиқоти мукаммали илмӣ қарор дорад. Азбаски вазъияти замони ҷанг ба тамоми соҳаҳои мамлакат, аз ҷумла маорифи халқи ҷумҳурӣ бетаъсир намонд ва чунин шароити мураккаб боиси пайдо гардидани мушкилот дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ гардид. Чунин мушкилоти бавуҷудомадаи давраи ҷанг, рӯзмаррагии таҳқиқоти масоили маорифи ҷумҳуриро дар таърихнигории замони Шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ ба амал овард. Бо чунин сабаб, таваҷҷуҳи муаррихон нисбати тадқиқи мушкилоти соҳаи маорифи давраи ҷанг бештар гардида, дар ин самт корҳои зиёди илмӣ–таҳқиқотӣ ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, аммо бисёр паҳлуҳои масъала то ҳол норавшан буда, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор доранд.

Дар таърихнигории ватанӣ роҷеъ ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи маориф корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ аз тарафи Л. П. Сечкина [16, с. 248], М. Бобохонов [3, с. 21], А. Ҷалилов [4, с. 148], А. Асроров [2, с. 249], Н. К. Убайдуллоев [18, с. 59], Ф. Х. Қурбонов [8, с. 169] ва дигарон ба анҷом расонида шудаанд, ки масоили мухталифи соҳаро дар шароити мураккаби замони ҷанг инъикос намудаанд.

Бо мазмуни зерин, дар таърихнигории ватанӣ роҷеъ ба тадқиқи масоили мухталифи ҶШС Тоҷикистон, яке аз проблемаҳои асосӣ баррасии таърихи пажуҳиши давраи ҷанг маҳсуб меёбад. Дар ин ҷода академик Р. Масов, оид ба таърихи давраи ҷанги ҷумҳурӣ мақолаи хешро таҳти унвони “Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (историографический обзор)” таълиф намудааст [9, с. 21-36], ки дар он асарҳои марбут ба самтҳои мухталифи даврони ҷангро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мубрамияти таҳқиқоти Р. Масов дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба таърихнигории замони ҷангро дар ҷумҳурӣ ба ду давраи асосӣ ҷудо намудааст. Давраи аввал солҳои 1945-1960–ро дар бар гирифта, бо ҷамъоварии маҷмуи ҳуҷҷатҳо, пеш аз ҳама маводҳои бойгонӣ, сӯҳбатҳо ва матбуоти даврӣ иртибот дорад. Давраи дуюм аз нуктаи назари муҳаққиқ ба солҳои 1960-1975 нисбат дода шудааст, ки дар шакли васеъ ба омӯзиши таърихи давраи ҷанг равона гардида, натиҷаи он боиси дифои рисолаҳои диссертатсионӣ ва тадқиқоти монографӣ дар таърихнигории ватанӣ гардидааст [9, с. 21]. Марбут ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи таърихи замони ҷанги ҷумҳурӣ муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки аз ибтидои солҳои 50–уми асри XX маншаъ мегирад [18, с. 41].

Дар тасдиқ ба гуфтаҳои муаррих мавриди зикр аст, ки дар солҳои мазкур таҳқиқотҳои монографӣ аз тарафи Л. П. Сечкина [15, с. 99] ва Ҷ. Усмонов [21, с. 106] ба анҷом расонида шудааст.

Л. П. Сечкина дар монографияи худ овардааст, ки барои омӯзиши таърихи давраи ҷанги ҷумҳурӣ таъсиси Пажуҳишгоҳи таърих, забон ва адабиёти Шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС ва комиссияи махсус оид ба таърихи Ҷанги Бузурги ватанӣ нақши муассир гузошт [16, с. 6].

Дар таърихнигории ватанӣ Л. П. Сечкина оид ба масъалаи маорифи давраи ҷанги Тоҷикистон мақолаҳову асарҳои зиёди илмӣ, аз ҷумла “Народное образование в Таджикистане в период Великой Отечественной войны и в годы послевоенных пятилеток (1941-1955 гг.)” таълиф намудааст, ки дар он таъсири ҷанг ба соҳаи маориф ва бартараф намудани бархе аз душвориҳои он баррасӣ гардидааст [17, с. 75-127].

Самтҳои асосии фаъолияти маорифи халқи ҷумҳурии замони ҷанг дар мақолаҳои илмӣ, асарҳои таҳқиқотӣ ва дастҷамъонаи муаррихони шӯравӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Дар ин ҷода аз асари таҳқиқотии дастҷамъонаи "История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977)" [6, с. 103-120] ёдовар мешавем, ки дар шакли умум масоили таърихи фарҳанги Тоҷикистони Шӯравиро дар бар гирад ҳам, аммо соҳаи маорифро маҳаки асосии сохтмони фарҳангӣ маҳсуб донистааст.

Нақши И. О. Обидов дар солҳои 60–ум оид ба тадқиқи масоили маорифи халқи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ назаррас буда, мушкилоти асосии соҳа ва роҳҳои бартараф намудани онро тавассути усули муқоисавӣ таҳлил намудааст [10, с. 57-63]. Аз ҷумла, дар хусуси таъсир ва зарари ҷанг ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ бо истифода аз маводҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ қайд менамояд, ки ба фаъолияти мактабҳо ва сохтмони фарҳангӣ монеа гардид. Муаллиф мушкилотро асосан ба мубаддалгардонии биноҳои таълимӣ ба госпиталҳо ва муассисаҳои дигари ҳарбӣ, сафарбаргардонии омӯзгорон ба фронт ва якбора кам гардидани теъдоди хонандагон нисбат медиҳад [10, с.57-56]. Мушкилоти соҳаи маорифро таҳлил намуда, И. О. Обидов хулосаҳои мушаххасро оид ба теъдоди мактабҳо, хонандагон, омӯзгорон ва буҷети маорифи халқи ҷумҳурӣ дар оғоз ва интиҳои ҷанг бо усули таҳқиқи муқоисавӣ овардааст.

Дар ҳамфикрӣ ба хулосаҳои И. О. Обидов роҷеъ ба мушкилоти соҳаи маорифи замони ҷанг, муҳаққиқ Н. П. Пак оид ба мушкилоти соҳаи мазкур қайд менамояд, ки бо оғози ҷанг таълиму тарбияи хонандагон дар шароити душвор амалӣ гардида, аксарияти мактабҳо дар ду ва се баст фаъолият намуда, омӯзгорон ба фронт сафарбар мегардиданд. Нарасидани китобҳои дарсӣ, ашёи хониш ва сӯзишворӣ мушкилоти асосии муассисаҳои таълимии замони ҷанг ба ҳисоб мерафтанд. Инчунин, аксарияти мактабҳо ба госпиталҳои ҳарбӣ мубаддал гардида буданд, ки боиси кам гардидани биноҳои таълимӣ мегардид [12, с. 136].

Вазъи маорифи замони ҷанги ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқи барҷастаи таърихи фарҳанги Тоҷикистони Шӯравӣ М. Р. Шукуров, бахусус дар монографияи ӯ "Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны" инъикос ёфтааст [22, с. 160]. Хусусияти фарқкунандаи асари мазкур дар он арзёбӣ мегардад, ки таърихи маорифи халқ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳқиқ гардидааст [22, с. 96-113].

Масъалаи мураккаби соҳаи маорифи замони ҷанг суст гардидани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари муҳаққиқон дар канор намондааст. Барои беҳтар гардидани фаъолияти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва ҷалб намудани хонандагон ба он, нақши мусобиқаи сотсиалистӣ байни мактабҳо мувофиқи мақсад буда, ки яке аз усулҳои беҳтар гардидани сифати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар солҳои душвори ҷанг маҳсуб меёбад. Бо мазмуни зерин Н. П. Пак зикр менамояд, ки барои беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия дар замони ҷанг мусобиқаҳои сотсиалистӣ, ки байни мактабҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо баргузор мегардиданд, нақши мусоид гузоштанд [12, с. 139]. Бо қарори Шӯрои Комиссариати халқ ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон ғолибони мусобиқаи сотсиалистӣ сазовори Байрақи Сурх мегардиданд, ки аз рӯйи қайди муаллиф, моҳи ноябри соли 1942 дар натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти соли таҳсили 1941-1942 вилояти Кӯлоб барои нишондодҳои назаррас дар корҳои таълиму тарбияи мактабҳо ба он ноил гардидааст [12, с. 140].

Ба шароити душвори замони ҷанг ва мавқеи дури ҷуғрофӣ нигоҳ накарда, марбут ба мазмуни иҷроиши қонун, фаъолияти таълиму тарбияи мактабҳои ВМКБ дар соли таҳсили 1941-1942 давомоти хонандагон 94.5% - ро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, соли таҳсили 1942 - 1943 барои муваффақиятҳо оид ба иҷрои Қонун "Дар бораи таълими умумии ҳатмӣ" дар нимсолаи дуюми соли таҳсил сазовори Байрақи Сурхи ШКХ ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон гардид [12, с. 140].

Дар омӯзиши масъалаи маорифи Тоҷикистон дар солҳои ҷанг таҳқиқоти илмии Ф. Х. Қурбонов «Народное образование в Таджикистане в период Великой Отечественной войны (1941-1945)» мавқеи муҳимро ишғол менамояд [8, с. 169]. Муҳаққиқ бо истифода аз маводҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ аз нуктаи назари илмӣ фаъолият ва самтҳои асосии ташкилоти маорифи халқро роҷеъ ба таълим ва тарбияи хонандагон дар макотиби таҳсилоти умумӣ, олӣ, техникумҳо, муассисаҳои тарбияи ҷамъиятии бачагона ва тайёрии кадрҳои педагогӣ дар солҳои ҷанг таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Масъалаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ барои таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо сабаби ба ҷанг сафарбар гардидан мушкилот ба вуҷуд оварда, ки аз рӯйи таҳқиқи М. Р. Шукуров, “дар се соли аввали ҷанг теъдоди муаллимон 1360 нафар кам гардид, ки аксарияти онҳо ба фронт сафарбар гардида буданд” [22, с. 100].

Аз муҳтавои адабиёти таърихӣ маълум мегардад, ки дар баробари сафарбаркунии омӯзгорон ба фронт, ки беш аз 5 000 нафарро аз рӯйи қайди Н. П. Пак [12, с. 146] ва М. Р. Шукуров [22, с. 100] ташкил медоданд, теъдоди онҳо дар самти таълиму тарбия коҳиш ёфта ва мушкилоти дигар ба сабаби нарасидани кадрҳо бо роҳи муттаҳидкунӣ кам гардидани миқдори муассисаҳои таълимӣ ва шуъбаҳо гардид. Чунин мушкилот асосан дар кумитаи иҷроияи ноҳияи Обигарм ба назар мерасид, ки моҳи сентябри соли 1941 қарор дар бораи ба ҷойи 79 мактаб ва 65 шуъба фаъолият намудани 67 мактаб ва 56 шуъба қабул гардид [12, с. 137].

Дар масоили кам гардидани кадрҳои омӯзгорӣ ва муттаҳид гардидани муассисаҳои таълимӣ И. О. Обидов қайд менамояд, ки соли таҳсили 1941 – 1942 дар ҷумҳурӣ 1430 мактабҳои ибтидоӣ, 829 ҳафтсола ва 67 миёна фаъолият менамуданд, ки соли таҳсили 1943-1944 теъдоди онҳо ба 1019, 1032 ва 94 адад расида буд [10, с. 59].

Дар солҳои ҷанг аз ҳисоби омӯзгорони кӯчонидашуда дар Тоҷикистон 421 нафар ба таълиму тарбия машғул буданд, ки аз он 126 нафар дар мактабҳои вилояти Ленинобод (имрӯза Суғд) фаъолият менамуданд [5, с. 108]. Аммо аз рӯйи таҳқиқи М. Р. Шукуров, ба ин нигоҳ накарда, соли таҳсили 1943-1944 дар ҷумҳурӣ 2500 омӯзгор намерасид [22, с. 101].

Дар асари дастҷамъонаи “Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941-1960 гг. Т. 2.” оварда шудааст, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар кам гардидани маблағгузорӣ ба соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Бо чунин мазмун ҳатто нишондоде оварда шудааст, ки пеш аз ҷанг дар соли 1940 барои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ 194,5 млн. сӯм ҷудо мегардид ва дар соли 1942 коҳиш ёфта, ба 114, 3 млн. сӯм расида буд [5, с. 72].

Дар масъалаи маблағгузорӣ М. Р. Шукуров қайд менамояд, ки гарчанде ҷанг раванди инқилоби фарҳангиро халалдор намуд, аммо маорифи халқ дар татбиқнамоии сиёсати давлатӣ мавқеи асосиро ишғол менамуд. Дар ин бора далелҳои мушаххас шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии солҳои ҷанг маблағгузорӣ барои соҳаи маориф бештар ҷудо мегардид. Масалан, соли 1944 барои ҳаёти иҷтимоӣ–фарҳангии ҶШС Тоҷикистон 334,7 млн. сӯм ҷудо гардида буд, ки 34,8% нисбати соли 1943 зиёд буд. Соли 1945 хароҷоти буҷети давлатии ҷумҳурӣ барои чорабиниҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ 71 % ва буҷети умумӣ 40%-ро ташкил медод. Соли 1945 танҳо барои соҳаи маориф беш аз 155 млн. сӯм ҷудо гардид, ки барои маблағгузории муассисаҳои таълимии маорифи халқ равона гардида, дар натиҷа теъдоди мактабҳо ба 3051 ва хонандагон ба 294 ҳазор нафар расида буд [22, с. 98-99].

Дар таърихнигории ватанӣ масъалаи ба таълим фаро гирифтани хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ дар солҳои ҷанг рӯзмарра буда, дар хусуси амалӣ гардонидани он Н. П. Пак қайд менамояд, ки 29 декабри соли 1942 бо қарори ШКХ ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти комиссия бо роҳбарии котиби КМ ҲК (б) Тоҷикистон оид ба таблиғоту ташвиқот Б. Ғ. Ғафуров ва муовини раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон Р. Раимҷонов нақши мусоид гузошт [12, с. 138].

Бо мазмуни зерин дар монографияи М. Р. Шукуров нигошта шудааст, ки соли 1943 КМ ҲК (б) ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон комиссияи ҳукуматӣ оид ба омӯзиши вазъи маорифи ҷумҳуриро таъсис дод. Дар натиҷа моҳи январ–феврали соли 1943 бригадаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ ташкил ёфтанд, ки дар 48 ноҳия ва 5 шаҳри ҷумҳурӣ амал намуда, фаъолияти 700 мактаб, 103 боғчаи бачагона, 21 хонаи бачагона ва 6 муассисаи таълимии миёнаи педагогиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз хулосаи комиссия муайян карда шудааст, ки соли таҳсили 1942-1944 тавассути нақшаи таълимӣ ба ҷойи 338,5 ҳазор нафар, ҳамагӣ 265 ҳазор ба таълими умумии ҳатмӣ ҷалб гардида, 73 ҳазор, ё ин ки 21,6% аз таҳсил дар канор мондаанд [22, с. 101]. Марбут ба масъалаи аз таълим дур гардидани бачаҳо аз рӯйи таҳқиқоти И. Обидов маълум мегардад, ки дар соли таҳсили 1942-1943 зиёда аз 40,5 ҳазор нафар, ё ин ки 15, 1% аз таълим дар канор монда буданд [10, с. 59].

Бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон қарор «Дар бораи фаъолияти мактабҳои ҷумҳурӣ» аз 17 декабри соли 1942 қабул намуд, ки дар асоси он ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ вазифадор гардиданд дар якҷоягӣ бо комиссариати маорифи ҷумҳурӣ, байни мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба иҷроиши қонун роҷеъ ба таълимоти ҳатмиро ба роҳ монанд [20, с. 176].

Қонуни қабулгардида бо сабаби душвориҳои пайвастаи даврони ҷанг пурра дар амал татбиқ нагардид ва ба ин кам гардидани теъдоди мактабҳо ва ба таҳсил пурра ҷалб нагардидани хонандагон далел шуда метавонад. Дар масоили мазкур М. Р. Шукуров нигоштааст, ки гарчанде соли таҳсили 1940-1941 дар ҷумҳурӣ 2628 мактаб бо фарогири 323,5 ҳазор хонанда фаъолият менамуданд, соли таҳсили 1944-1945 чунин нишондиҳанда коҳиш ёфта, теъдоди мактабҳо ба 2344 адад ва хонандагон ба 250254 нафар расида буд [22, с. 99].

Соли таҳсили 1943-1944 як қатор чорабиниҳо баҳри беҳтар гардонидани фаъолияти мактабҳои шуравӣ андешида шуд. ШКХ ИҶШС дар асоси қарори 8 сентябри соли 1943 «Дар бораи қабули кӯдакони 7- сола ба мактаб» пешниҳод намуд, ки кӯдакони синнашон ба 7-сола расида, ҳатман ба мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи нопурра ва миёна фаро гирифта шаванд. Дар анҷумани дуюми муаллимони аълочӣ, ки 17-20 июли соли 1945 баргузор гардид, қайд карда шуд, ки соли 1944 беш аз 40 ҳазор нафар бачаҳои синну соли мактабӣ аз таҳсил дар канор мондаанд [22, с. 101].

Теъдоди хонандагони синфҳои болоӣ бо сабаби он, ки ҷавонони соҳиби маълумоти нопурраи миёна ҳамчун неруи асосӣ маҳсуб ёфта, ба курсҳои кӯтоҳмуддати соҳаи ҳарбӣ, хоҷагии қишлоқ, омӯзгорӣ, техникӣ ва дигар касбу кор фаро гирифта мешуданд, кам гардид. Аммо хонандагони мактабҳои миёна, аз тарафи дигар, ҳамчун сарчашмаи асосии меҳнатии корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо ва пойгоҳи мошину тракторҳо дар ақибгоҳ ба ҳисоб мерафтанд. Сабаби дигар аз мактабҳо дар канор мондани наврасон дар таъмин набудани заминаи моддии онҳо буд, зеро аксарияти мардҳо ба фронт рафта буданд ва оилаҳои онҳо ба мушкилоти моддӣ дучор гардиданд. Дар ҳамбастагӣ бо фонди таълимоти ҳатмӣ зарур дониста шуд, ки хонандагони вазъи моддиашон номусоид бо хӯрок ва либос таъмин гардида, қисмашон пурра ба тарбияи давлат гирифта шуданд. Дар назди мактабҳои миёна интернатҳо кушода шуданд ва хонандагон барои ёрӣ ба корҳои колхоз, иштирок дар таъмири биноҳои мактаб ва омода намудани сӯзишворӣ ҷалб мегардиданд.

Маҳз барои бартараф намудани мушкилоти моддӣ дар ҷумҳурӣ теъдоди хонаи бачагон ва интернатҳо зиёд гардида буд. Аз нуқтаи назари М. Р. Шукуров, дастоварди муҳимми маорифи халқи ҷумҳурӣ дар замони ҷанг ташкили интернатҳои давлатӣ барои хонандагони синфҳои 8-10 маҳсуб меёбад. Ба фаъолият оғоз намудани хонаҳои бачагона ва интернатҳо дар солҳои ҷанг аҳамияти бузурги сиёсӣ ва амалӣ барои мустаҳкам намудани заминаи мактабҳои миёна ва идомаи таҳсил дар макотиби олии ҷумҳурӣ дошт. Бо қарори шурои кумитаи иҷроияи вилояти Сталинобод Шурои вакилони меҳнаткашон аз 25 – уми декабри соли 1942, моҳи январи соли 1943 дар ноҳияҳои вилоят 6 мактаб–интернат таъсис ёфтааст, ки 300 нафар дар он таълиму тарбия мегирифтанд [12, с. 142].

Аз рӯйи таҳқиқоти А. И. Усмонов, соли таҳсили 1941-1945 дар хонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ беш аз 11 ҳазор кӯдакони ятим тарбия мегирифтанд. Аммо дар соли таҳсили 1945-1946 дар интернатҳои давлатӣ 1368 фарзандони камбизоат ва маъюбон тарбия мегирифтанд [20, с. 176].

Ба мушкилоти замони ҷанг нигоҳ накарда, дар мамлакат фаъолияти мактабҳои таҳсилоти умумӣ, техникумҳо ва макотиби олӣ идома меёфт. Бо чунин маъно Ю. Саъдиев дар мақолаи худ «О подготовке педагогических кадров в Таджикистане в годы войны» оид ба раванди тайёр намудани кадрҳои педагогӣ дар Тоҷикистон тавассути шуъбаи ғоибона қайд намудааст, ки ба шароити душвори замони ҷанг нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ беш аз 3200 мутахассис барои мактабҳои олӣ ва миёна тайёр гардиданд [7, с. 150].

М. Р. Шукуров дар тадқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки фаъолияти беинтиҳои маорифи халқи ҷумҳурӣ, муаллимон таҳти роҳбарии ташкилотҳои ҳизбии шуравӣ ва ҷамъиятӣ муваффақ гардиданд, ки теъдоди таълимгирандагони муассисаҳои таълимии миёна, миёнаи махсус ва олиро ҳифз намуданд. Дар умум, фаъолияти муаллимони ба фронт сафарбаргардида дар ақибгоҳ иваз ва иҷро гардид. Маҳз, бо роҳбарии муаллимон дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ хонандагон иштирок намуда, дар шакли амалӣ ба ақибгоҳ ва фронт ёрӣ мерасониданд [22, с. 150]. Тавассути таъсири афкори даврони мазкур раванди таълиму тарбия ва мутобиқгардии он ба шароити замони ҷанг дар хонандагон бештар тарбияи сиёсӣ ва ватандӯстиро ба вуҷуд оварда буд. Марбут ба масъалаи мазкур муҳаққиқ Н. Убайдуллоев қайд менамояд, ки дар шароити замони ҷанг ба тарбияи ҳарбӣ-сиёсӣ диққат дода шуда, бештар фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ва чорабиниҳони беруназмактабӣ ва беруназсинфӣ гузаронида мешуданд [19, с. 89].

Бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва ҳамоҳангсозӣ барои ёрии ҷамъият ба мактаб, соли 1941 дар назди шуъбаи маорифи халқи Шурои вакилони меҳнаткашон Шурои маорифи халқ таъсис ёфт, ки ба ҳайати он роҳбарони шуъбаи маорифи халқ, намояндагони ҳизбӣ, комсомолӣ, ташкилоти иттифоқи касаба ва муассисаҳо шомил гардида буданд. Албатта, дар шароити замони ҷанг нақши шуроҳои вакилони намояндагон назаррас буда, фаъолияти тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла маорифро дар зери назорати худ қарор дода буданд. Мавқеи шуроҳо баланд буда, ҳатто масоили фаъолияти онҳо дар шакли ҷудогона ба таҳқиқоти илмӣ кашида шудааст. Дар ин ҷода аз пажуҳиши Н. П. Пак ёдовар мегардем, ки дар шакли мукаммал масъалаҳои Шурои намояндагони вакилони маҳаллӣ, фаъолияти кормандони муассисаҳои таълимӣ ва томактабии ҷумҳуриро дар таҳқиқоти илмӣ инъикос намудааст [12, с. 200]. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ масъалаи маорифи халқи ҷумҳуриро дар давраи ҷанг ҳамчун як ҷузъи фаъолияти Шурои маҳаллӣ маҳсуб дониста ва онро дар зербоби алоҳида инъикос намудааст [12, с. 136-157].

Дар таърихнигории маорифи халқи солҳои ҷанги Тоҷикистон яке аз масоили асосӣ ва рӯзмарра ба таҳсил ҷалб намудани занон маҳсуб меёбад. Барои баррасии масъалаи мазкур Н. П. Пак қайд менамояд, ки зарурат дониста шуд, ки бо қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон моҳи сентябри соли 1943 Институти муаллимтайёркунии занонаи шаҳри Ленинобод дар заминаи интернати муаллимтайёркунӣ таъсис ёбад [12, с. 148]. Ҳамин тавр, барои ҷалб намудани духтарони маҳаллӣ ба таҳсил Институти муаллимтайёркунии Ленинобод ба Институти муаллимтайёркунии занона ва омӯзишгоҳҳои педагогии Ленинобод ва Конибодом ба омӯзишгоҳи занонаи педагогӣ мубаддал гардонида шуданд [6, с. 97-98]. Албатта, масъалаи ба таълим ҷалб гардидани занон мураккабтарин мушкилоти замон маҳсуб ёфта, дар ин ҷода тадқиқотҳои алоҳидаи илмӣ ба анҷом расонида шудааст ва танҳо дар доираи мақолаи мазкур тамоми паҳлуҳои онро инъикос намудан ғайриимкон аст.

Дар таърихнигории муосир оид ба масъалаи маорифи халқи Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Н. Убайдуллоев мавқеи муҳимро касб менамояд. Азбаски таҳқиқоти масъала аз тарафи муҳаққиқ дар рисолаи докторӣ ва монографияҳо бо фарогирии маводҳои васеи бойгонӣ, сарчашмаҳо, матбуоти даврӣ

ва адабиёти бою ғании таърихӣ анҷом дода шудааст, аз нуқтаи назари муаллиф муваффақият ва камбудиҳои маорифи ҷумҳурӣ таҳлил ва таҳқиқ гардидаанд [19, с. 150-159]. Муҳаққиқ дар зербоби рисолаи докторӣ масоили таърихи фаъолияти раванди маорифи халқро марбут ба шароити замони ҷанг бо истифода аз адабиёти таърихӣ инъикос намудааст [18, с. 40]. Аммо муҳаққиқ дар таърихнигории ватанӣ аз номукаммалии баррасии таърихи маорифи ҷумҳурӣ дар давраи ҷанг изҳори нигаронӣ карда, зикр менамояд, ки "гарчанде илми таърих муваффақиятҳои зиёде оид ба таърихи маорифи халқи давраи ҷанг пайдо намудааст, аммо масоили зиёди мавзуъ таҳқиқоти мукаммали илмиро талаб менамояд" [19, с. 150-159].

Дар таърихнигории муосир давраи Ҷанги Бузурги ватанӣ ва таъсири он ба Тоҷикистон таҳқиқоти нави илмиро талаб намуда, дар ин ҷода то андозае корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба анҷом расонида шудаанд. Мавриди зикр аст, ки пажуҳишҳои илмӣ-тадқиқотӣ фарогири масоили мухталифи Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, масъалаи маорифи ҷумҳуриро низ инъикос менамоянд. Дар ин ҷода аз таҳқиқоти Ф. Қараев ёдовар мегардем, ки дар зербоби рисолаи докторӣ "Вопросы историографии народного образования Таджикистана в годы Великой Отечественной войны" [7, с. 246-264] қайд менамояд, ки "аз мазмуни адабиёти таърихӣ маълум мегардад, ки мактабҳои Тоҷикистон бомуваффақият тамоми душвориҳои замони ҷангро паси сар намуда, саҳми омӯзгорон ва хонандагон дар фронт ва ақибгоҳ баҳри ғалаба бар фашизм назаррас аст. Маҳз бо тамоми неру ва иқтидор намояндагони маорифи халқи Тоҷикистон вазифаи касбии хешро сарбаландона иҷро намуда, дар ғалабаи зидди душман саҳмгузор мебошанд" [7, с. 262].

Бо мазмуни зерин таърихи ВМКБ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии Ю. Саидасанов [14, с. 176] ва вилояти Хатлон дар таҳқиқоти Д. Алимов [1, с. 200] инъикос ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти мазкур кулли ҷанбаҳои марбут ба маорифи замони ҷанги Тоҷикистонро дар бар намегиранд ва танҳо дар доираи ҷуғрофии муайян тадқиқот ба анҷом расонида шудааст.

Ю. Саидасанов дар таҳқиқоти илмиаш қайд мекунад, ки соли 1941 дар вилоят аллакай 201 мактаб мавҷуд буд, ки аз он 136 ибтидоӣ, 64 миёнаи нопурра ва 1 мактаби миёна буданд. Дар ин мактабҳо 13181 хонанда, яъне 97 % синну соли мактабӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, ки аз он 9233 дар синфҳои ибтидоӣ ва 3948 хонанда дар синфҳои 4–8 таҳсил менамуданд. Дар тамоми мактабҳои вилоят 847 муаллим ба таълиму тарбия машғул буданд, ки аз тарафи кумитаи маорифи халқ назорат мегардиданд [14, с. 102]. Ба шароити душвори давраи ҷанг нигоҳ накарда, хонандагон ва кормандони соҳаи маорифи вилоят дар давомоти таҳсил ва самти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ нишондиҳандаи баландро сазовор гардида буданд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Д. Алимов [1, с. 200] саҳми меҳнаткашони вилояти Хатлон дар ақибгоҳ ва фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфта, зербоби рисола дар якҷоягӣ бо фарҳанги вилоят фаъолияти маорифи солҳои ҷанги вилоят арзёбӣ шудааст. Муаррих дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки дар солҳои душвори ҷанг як лаҳза фаъолияти маориф ва фарҳанги ноҳияву деҳотҳои вилоят қатъ нагардид. Бо чунин сабаб меҳнаткашони вилоят монанди дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ якдилона ва бо тамоми қувва барои озодии ватан ба муқобили душман мубориза мебурданд. Муаллимон, адибон, аҳли санъату фарҳанг фаъолона тавассути корҳои оммавӣ-фарҳангӣ байни меҳнаткашон баҳри ғалаба ба душман корҳои таблиғотию ташвиқотӣ мебурданд ва дар ғалабаи зидди фашизм саҳмгузор мебошанд [1, с. 125].

Асосан, дастовардҳои намояндагони маорифи ҷумҳурӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар осори бунёдӣ ва дастҷамъонаи муаррихони Тоҷикистон «История таджикского народа», «Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана», «Из истории культурного строительтсва в Таджикистане 1941-1960 гг.» ва «История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977» инъикос ёфтаанд. Дар асари дастҷамъонаи «Из истории культурного строительства в

Таджикистане» қайд гардидааст, ки дар мактабҳо корҳои зиёд барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстии хонандагон бурда мешуд.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқоти таърихнигории ватанӣ маълум мегардад, ки мактабҳои Тоҷикистон тамоми мушкилоти давраи ҷангро бомуваффақият паси сар намуданд. Муаллимон ва хонандагони ҷумҳурӣ фаъолона бо меҳнати худ дар ғалаба нисбати фашизм саҳмгузор буданд. Хизмати омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ қадрдонӣ гардида, бо медали «Барои меҳнати шоён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» мушарраф гардиданд.

Дар масъалагузории таърихнигории давраи мазкур диққати асосӣ ба раванди таълим, норасоӣ ва камбудиҳои корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ки ба паст гардидани шумораи мактабҳо оварда расонид, дода шудааст. Вазифаи асосии кормандони маориф, нақши мактабҳо дар замони ҷанг, мушкилоти таълиму тарбия, мавқеи биноҳои таълимӣ, ки аксарияташон ба госпитал ва муассисаҳои ҳарбӣ мубаддал ёфта буданд, масъалаи асосии таърихнигории ватанӣ мебошанд. Муҳаққиқон тавонистанд, то андозае ба таърихи маорифи халқи ҷумҳурӣ дар солҳои ҷанг равшанӣ андозанд, новобаста аз он ки аз ақидаи ҳизбӣ берун баромада наметавонистанд. Бо чунин маъно профессор Н. Убайдуллоев қайд менамояд, ки аксаран муҳаққиқон аз рӯйи ҳуҷҷатҳо ва маводҳои бойгонӣ, ки ба онҳо дастрас буд, таҳқиқот гузаронида, аз муваффақияти маорифи халқи ҷумҳурӣ қайд менамуданд. Аммо камбудӣ ва хатогиҳое, ки дар саҳифаи адабиёти таърихӣ оварда шудаанд, бо мушкилоти дучоргардидаи давраи ҷанг иртибот доранд [19, с. 97].

Хулоса, дар таърихнигории ватанӣ масъалаи маорифи халқи Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯзмарра буда, аз тарафи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ корҳои зиёди илмӣ–тадқиқотӣ ба анҷом расонида шудаанд, ки самтҳои мухталифи маорифи халқи Тоҷикистонро дар солҳои мудҳиши ҷанг муайян намудаанд. Аз тарафи дигар, ба чунин хулосае омадан лозим аст, ки ба шароити душвори замони ҷанг нигоҳ накарда, фаъолияти пурмашаққати кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, аз ҷумла омӯзгорон дар муҳорибаҳои шадиди ҷангӣ ва ақибгоҳ боиси таҳсин буда, дар таърихнигории ватанӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ба воя расида, намояндагони маорифи халқи ҷумҳурӣ саҳми хешро дар ғалабаи зидди душман гузоштаанд, ки дар саҳифаи таърихи халқи тоҷик мавқеи арзандаро ишғол намудааст.

**Муқарриз:Собирова Қ.Д. – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алимов Д. Х. Хатлонская область в годы Великой Отечественной войны (1941–1945 гг.). Монография / Д. Х. Алимов.- Душанбе: Ирфон, 2014. – 200 с.
2. Асроров А. Трудовое воспитание в общеобразовательной школе Таджикской ССР (1917-1964 гг.). Монография / А. Асроров. – М., 1969. – 249 с.
3. Бобохонов М. Трудовые и ратные подвиги учителей Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): авт... дисс…канд. ист.наук / М. Бобохонов. – Душанбе, 1993. - 21 с.
4. Джалилов А. Из истории культурной жизни таджикского народа. Монография / А. Джалилов. - Душанбе: Ирфон, 1973. – 148 с.
5. Из истории культурного строительтсва в Таджикистане 1941-1960 гг. Т.2. -Душанбе: Ирфон, 1972. – 512 с.
6. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977) . – Душанбе, 1979. Т.1. –284 с.
7. Караев Ф. К. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): проблемы историографии: дисс...доктор. ист. наук / Ф. К. Караев. – Душанбе, 2018. – 342 с.
8. Курбанов Ф. Народное образование в Таджикистане в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). Монография / Ф. Курбанов. – Душанбе, 1979. – 169 с.
9. Масов Р. М. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (историографический обзор). Научная статья // Таджикистан в годы Великой Отечественной войне (1941-1945 гг.) / Р. М. Масов. – Душанбе, 1975. – С. 21-36.
10. Обидов И. О. История развития народного образования в Таджикской ССР (1917 - 1967 гг.). Монография / И.Обидов. - Душанбе: Ирфон, 1968.-296 с.
11. Обидов И. О. Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон. Монография / И. Обидов. - Душанбе, 1965. – 208 с.

12. Пак Н. П. Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Монография / Н. П. Пак. – Душанбе: Дониш, 1986. – 200 с.
13. Садыев Ю. О подготовке педагогических кадров в Таджикистане в годы войны // Советский Таджикистан в Отечественной войне (1941-1945 гг.) Научной статья / Ю. Садыев. - Душанбе, 1975. - С. 150.
14. Саидасанов Ю. Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): дисс…канд. ист. наук / Ю. Ш. Саидасанов. – Душанбе, 2011. – 176 с.
15. Сечкина Л. П. Трудовой подвиг таджикского народа в годы Великой Отечественной войны / Л. П. Сечкина // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Тадж. ССР. – Сталинабад, 1960. – С.99.
16. Сечкина Л. П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. Монография / Л. П. Сечкина. – Душанбе, 1989. – 248 с.
17. Сечкина Л. П. Народное образование в Таджикистане в период Великой Отечественной войны и в годы послевоенных пятилеток (1941-1955 гг.) // Сб. стат. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.). Т.1. Гл.2. – С.75-127.
18. Убайдуллоев Н. К. Историография народного образования Таджикистана второй половины XIX – начала XX вв.: автореферат дисс…докт. ист. наук / Н. К. Убайдуллоев. – Душанбе, 2015. – 59 с.
19. Убайдуллоев Н.К. Освещение истории народного образования периода ВОВ (1941-1945 гг.) в исторической литературе. Научная статья / Н. К. Убайдуллоев // Вестник университета. РТСУ. – Душанбе, 2013. – С.150-159.
20. Усмонов А. И. Исторический опыт культурного строительства в Таджикистане (1917-1990 гг.): дисс. доктор. ист. наук / А. И.Усмонов. – Душанбе, 2019. – 300 с.
21. Усмонов Дж. Печать Таджикской ССР в период Великой Отечественной войны. Монография / Дж. Усмонов. – Душанбе, 1962. – 106 с.
22. Шукуров М. Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Монография / М. Р. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 160 с.

## ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941-1945)

Мухтавои мақолаи мазкур ба фаъолияти соҳаи маорифи Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Дар мақола сарчашмаву адабиёти таърихӣ, ки самтҳои гуногуни фаъолияти маорифи ҷумҳуриро инъикос менамоянд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ҳадафи асосии таълифи мақола мавриди таҳлил қарор додани адабиёти таърихӣ роҷеъ ба фаъолияти маорифи халқ дар солҳои ҷанг мебошад, ки дар таърихнигории ватанӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд ва таҳқиқоти нави илмиро талаб менамоянд. Азбаски дар солҳои ҷанг баробари дигар соҳаҳои ҷумҳурӣ фаъолияти маорифи халқ монанди дигар ҷумҳуриҳои собиқ умумиттифоқӣ бо мушкилоти зиёде муваҷеҳ гардида буд, зарур дониста шуд, ки ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, фаъолияти соҳаи мазкур дар амал татбиқ гардад. Таърихи маорифи солҳои ҷанги Тоҷикистон ва тамоми мушкилоту камбудиҳои он дар адабиёти таърихии замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ аз тарафи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таҳқиқ кашида шудааст. Аз таҳқиқоти олимон маълум мегардад, ки дар солҳои ҷанг маорифи ҷумҳурӣ ба як қатор мушкилот, аз ҷумла сафарбарнамоии омӯзгорон ба фронт, ба корҳои ақибгоҳ ҷалб гардидани наврасону занон, ба госпиталҳо табдил додани биноҳои таълимӣ, нарасидани ашёи хониш, маблағгузории нокифоя ва ғайраҳо маҳсуб ёфта, ки ҳар яке он дар шакли ҷудогона то андозае мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосае омадан мумкин аст, ки нақши соҳаи маориф дар баланд бардоштани саводнокӣ ва руҳияи ватандӯстонаи халқи тоҷик дар солҳои ҷанг назаррас буд. Азбаски дар баланд бардоштани маънавиёти халқ нақши муассисаҳои таълимӣ муассир аст, тибқи талаботи даврони мазкур баҳри беҳтар намудани фаъолияти онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешуданд. Бо чунин мазмун дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқи масоили мазкур рӯзмарра ва мубарам мебошад, зеро ҳастии ҳар як давлату миллат аз маориф сарчашма мегирад.

**Калидвожаҳо:** мухтаво, мақола, хусусиятҳо, ҳадаф, ташаккул, инкишоф, маориф, ҷанг, халқи тоҷик, баъдиҷангӣ, мавҷудият, муассиса, мушкилот, таърихнигорӣ, инъикос.

## ИСТОРИОГРАФИЯ ИСТОРИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НАРОДНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945)

В данной статье рассматривается деятельность сферы образования Таджикистана в период Великой Отечественной войны. В статье исследуются источники исторической литературы, которые отражают разные отрасли деятельности сферы образования в республике. Целью данной статьи является общий анализ исторической литературы деятельности народного образования в годы войны, который занимает важное место в отечественной историографии и требует новых научных исследований. Очевидно, что в годы войны, как и все бывшие союзные республики, наша республика сталкивался со многими трудностями, но, несмотря на это, сфера образования должна была реализовываться. История образования Таджикистана в военные годы в исторической литературе советского периода исследуется многими отечественными и зарубежными учёными. Из исследований многих учёных выявилось, что в военные годы республика

сталкивалась со многими проблемами в сфере образования, такими как отправка учителей на фронт, привлечение подростков и женщин в тылу, переформирование учебных заведений в госпитали, нехватка учебных принадлежностей, недостаточное финансирование и другие проблемы, которые исследуются в отдельности. В результате исследований можно прийти к выводу, что в годы войны в сфере образования были ярко выражены такие цели, как повышение уровня образованности и поднятие чувства национализма. Так как для поднятия уровня знаний и культуры народа была важна роль учебных заведений, по требованиям данного периода для улучшения их деятельности были приняты необходимые меры. Таким образом, в отечественной историографии исследование данной проблемы является актуальным, ибо основа существования каждой нации берёт начало из системы образования.

**Ключевые слова:** смысл, статья, особенности, цель, развитие, образование, война, таджикский народ, послевоенный, существование, заведение, проблемы, историография, отражение.

## HISTORIOGRAPHY OF THE HISTORY OF PUBLIC EDUCATION IN TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)

This article discusses the activities of the education sector in Tajikistan during the Great Patriotic War. The article examines the sources of historical literature, which reflects the different branches of the education sector in the republic. The purpose of this article is a general analysis of historical literature about the activities of public education during the war years, which occupies an important place in Russian historiography and requires new scientific research. Obviously, during the war years, as in all former Soviet republics, our republic faced many difficulties, but despite this, the education sector had to be implemented. The history of the formation of Tajikistan during the war years, with all the difficulties in the historical literature of the Soviet period, is being studied by many domestic and foreign scientists. According to the research of many scientists, it turned out that during the war years the republic faced many problems in the field of education, such as sending teachers to the front, attracting teenagers and women in the rear, reorganizing educational institutions into hospitals, lack of educational supplies, insufficient funding and other problems that are studied separately. As a result of the research, it can be concluded that during the war years in the field of education, such goals as raising the level of education and raising the feeling of nationalism were clearly expressed. Since the role of educational institutions was important for raising the level of knowledge and culture of the people, the necessary measures were taken to meet the requirements of this period and improve their activities. Thus, in Russian historiography, the study of this problem is relevant, because the basis for the existence of each nation originates from the education system.

**Key words:** meaning, article, features, goal, development, education, war, Tajik people, post-war, existence, institution, problems, historiography, reflection.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна-*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон**: (+992)934-51-55-60.** Email: **matluba.ganchaova @bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ганджакова Матлуба Ганджаковна*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат исторические наук, доцент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734003, Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон**: (+992)934-51-55-60.** Email: **matluba.ganchaova @bk.ru**

**Information about the author:** ***Ganjakova Matluba Ganjakovna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of historical sciences, docent of the historical department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. **R**udaki 121. Phone: **(+992) 934-51-55-60**. E. – mail: **matluba.ganchaova @bk.ru**

УДК:93: 539.1(1-925.3)

# МАСОИЛИ ОБУ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Каримова З. М.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар таъмини амният ва рушди иқтисод дар баробари захираҳои табиӣ, ба мисли газ ва нефт, захираҳои обӣ низ нақши созгор доранд. Дар ҷаҳони муосир муаммоҳои умумибашарӣ, аз қабили хавфи ҷанги ядроӣ, вусъати терроризм ва экстремизми байналхалқӣ, фурӯши яроқу аслиҳа, паҳн шудани нашъамандӣ, бемориҳои хатарноки сирояткунанда, муаммоҳои муҳити зист - робита ва таъсири мутақобилаи табиат ва тамаддун, окибатҳои бухрони экологӣ ва демографӣ, таъмини инсоният бо захираҳои зарурии табиӣ - ашёи хом, неруи барқ, сӯзишворӣ, оби ошомиданӣ, маводи хӯрока ва ғайра, ки ба тамоми мардуми башар таҳдид менамояд, мавриди таҳқиқу омӯзиши на танҳо иқтисоддонҳо, экологҳо ва дигар соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, балки мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ - сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон, фарҳангшиносон ва аз ҷумла муаррихон қарор гирифтааст. Дар қатори хатарҳои зикргардида, баҳси тақсимоти захираҳои обӣ низ мақоми хосса дорад.

Об яке аз пурнизоътарин захираҳои табиӣ дар кураи Замин шуморида мешавад. Тибқи гузоришҳои Созмони ЮНЕСКО, танҳо дар нимаи дуюми асри XX дар рӯйи Замин зиёда аз 1831 муноқишаҳо дар атрофи сарчашмаҳои об ва истифодабарии захираҳои он ба қайд гирифта шудаанд [2]. Дар тули 50 соли охир барои тақсимоти об дар сайёраи мо қариб 40 задухӯрд бо истифода аз силоҳи оташфишон миёни давлатҳои мухталифи ҷаҳон ба амал омадааст [11].

Масалан, яке аз дарёҳои бузургтарин ва дарозтарини дунё - Нил сарҳади 9 давлатро убур менамояд ва дар соҳили он беш аз 160 млн нафар одамон зиндагӣ менамоянд. Аксарияти ин давлатҳо нисбати якдигар ҳар гуна даъво доранд. Бо мақсади аз нигоҳи меъёрҳои ҳуқуқи башар ва ҳусни бародарию ҳамсоягӣ ҳал намудани ин масъала созмонҳои зиёди байналхалқӣ ҷалб шудаанд. Онҳо тавонистанд, ки ин масъалаи мушкилу баҳсталабро бо роҳи гуфтушунид, ба манфиати тарафҳо ҳаллу фасл намоянд [11].

Истифодаи оби дарёи Урдун чанд маротиба сабаби муноқиша байни давлатҳои Лубнон ва Урдун, Сурия ва Исроил гардид. Истифодаи якҷояи дарёи Фурот (Евфрат) боиси тезутундшавии муносибати байни Туркия ва Сурия гардид. Аз соли 1975 инҷониб байни Ҳиндустон ва Бангладеш дар хусуси тақсимоти оби дарёи Ганг аз обанбори Фарокка мунозираҳо давом доранд.

Муноқишаҳо сари об, асосан ба таври осоишта ҳал гардида, дар 507 маврид муноқишаҳо лаҳни шадид касб намуданд ва ҳатто дар 21 ҳолатҳо бо роҳи низои ҳарбӣ ба анҷом расидаанд. Аз як ҷониб, боиси хушҳолист, ки қисми зиёди муноқишаҳо сари об ва захираҳои он ба таври осоишта ва бо роҳи ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ ба поён расидаанд. Аз ҷониби дигар, шумораи қобили мулоҳизаи муноқишаҳои қайдгардида касро ба он водор месозад, ки сари масъалаи об ҳамчуни манбаи муноқиша ва ноамниҳои эҳтимолӣ ба таври ҷиддӣ андеша кунад. Гузашта аз ин, хусусияти таҷдиднашавандагии об, мавҷудияти омилҳои дигар, аз қабили тағйири иқлим, афзоиши аҳолӣ, вайроншавии замин ва биёбоншавӣ ба суръат гирифтани раванди баҳсҳои тундлаҳн сари об мусоидат намуда истодааст.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ масъалаи тақсимоти захираҳои обӣ байни давлатҳои минтақа дида мешавад. Минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз мавзеъҳои хушбодуҳавои олам ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза бе мавҷудияти об

минтақаи мазкур низ мисли биёбони Сахара мегардад [14]. Масъалае, ки кишварҳои минтақаро ба ташвиш овардааст, хушкшавии баҳри Арал мебошад.

Баҳри Арал, ки замоне ҳамчун чорумин баҳри бузурги Кураи Замин ҳисоб меёфт, имрӯз ба ҷуз аз 4 кӯли хурд ба биёбони беканори намак мубаддал гаштааст. То солҳои 1960 ба баҳри Арал ҳамасола 56 км3 об тавассути дарёҳои Амударё ва Сирдарё ҷорӣ мешуд. То соли 1960 масоҳати баҳр 67.499 км2 буда, ҳаҷми оби он 1099 км3-ро ташкил медод. Тавассути ҷоришавии ҳамасолаи 56 км3 оби тоза аз кӯҳҳои Тияншан ва Помир мавҷудияти намак аз 7 то 10 гр дар як литр иборат буд. Аз соли 1961 паст шудани ҳаҷми об шуруъ гардида, аллакай соли 1988 баҳр ба ду қисмат – Кули бузурги Арал ва Кӯли хурди Арал ҷудо шуд. Соли 2003 Кӯли бузурги Арал дубора тақсим гардида, соли 2005 чорумин қисмати Арал, Кӯли Чебас ба вуҷуд омад. Ҳамин тариқ, баъди гузаштани ҳамагӣ 50 сол масоҳати баҳри Арал ба 8.410 км2 (яъне 13% масоҳати баҳр дар соли 1960) мубаддал гардид. Гулӯгоҳе, ки қаблан кӯлҳои бавуҷудомадаро бо ҳам мепайваст, аз соли 2009 инҷониб барҳам хурда, ҷараёни обро аз Кӯли хурд ба Кӯли бузург канда кард. Агар кандашавии ин гузаргоҳ, аз як тараф, бо кам шудани ҷараёни об вобаста бошад, аз ҷониби дигар ба сохтани дарғоти Кокарал (2005) аз ҷониби Қазоқистон марбут аст. Дар натиҷа қисмати шарқии Кӯли бузурги Арал хушк гардида, бухоршавӣ ва мавҷуд набудани обҳои зеризаминӣ мавҷудияти онро зери суол бурда истодааст [16].

Тибқи тадқиқоти охирин, баъди сохта ба истифода додани дарғоти гидравликӣ сатҳи об дар қисмати шимолии баҳри Арал аз 30 метр ба 38 метр боло рафтааст. Мутахассисон бар онанд, ки қисмати шимолии баҳри Арал дар ҳудуди Қазоқистон танҳо дар он сурат ояндадор буда метавонад, ки агар сатҳи он ҳадди ақал ба 42 метр боло равад [17].

Ҳаҷми об дар Кӯли бузурги Арал тибқи санҷишҳои охирин аз соли 2009 тахминан 58 км3 ташкил медод (соли 2007 он 75 км3 буд). Ҳаҷми намак дар қисматҳои ғарбии он 100 гр дар як литр ва дар қисматҳои шарқӣ 200 гр дар як литрро ташкил медиҳад [1, с.133]. Соли 1960 намакнокии баҳри Арал ҳамагӣ 10 грамм дар як литрро ташкил медод ва Арал тавони таъмини тамоми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо моҳиро дошт. Сабабгори сар задани фоҷиаи баҳри Арал, тавре ба ҳамагон маълум аст, сиёсати аграрии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб меравад. Обёрикунии заминҳо, агарчанде аз охирҳои асри XIX шуруъ гардида бошад ҳам, аз солҳои 60-уми асри XX кушодани заминҳои нав дар ҳавзаи Баҳри Арал хусусияти умумиминтақавӣ гирифт. Дар ин замина, диққати асосӣ ба кишт ва парвариши пахта равона гардида буд. Ҳамин тариқ, майдони кишти пахта то соли 1990 аз 4 миллион гектар ба 7,5 миллион гектар вусъат дода шуд [1, с.133]. Тавре маълум аст, кишти пахта обёрии муттасилро тақозо мекунад. Чун дар минтақа боришот кам аст, барои амалисозии ин ҳадаф лоиҳаи умумииттиҳодии обёрии сунъӣ тавассути каналу дарёҳои мавҷуда ба роҳ андохта шуда, шабакаи умдаи иборат аз каналҳои кушод, истгоҳу зеристгоҳҳо, насосҳо ва каналу заҳкашҳо хобонда шуданд, ки асосан аз ду дарёи таъминкунандаи баҳри Арал об мегирифтанд. Ҳамин тариқ, аз 56 км3 ҳаҷми обе, ки солҳои 1960 ба баҳри Арал мерехт, солҳои ҳаштодум ба он ҳамагӣ 6 км3 ворид мегардид. Имрӯзҳо бошад, ба Кӯли хурди Арал каме бештар аз 4 км3 оби Сирдарё ворид мешавад. Маҷрои Амударё бошад, умуман, ба Кӯли бузурги Арал намерасад. Чун ҳаҷми оби бухоршаванда аз ҳаҷми оби воридшаванда бузургтар буд, раванди хушкшавии бебозгашти Арал оғоз гардид. Боиси таассуф аст, ки баъди дарки фоҷиаи Арал, кишварҳои Осиёи Марказӣ мустақил шуда бошанд ҳам, барои наҷоти он ҳеҷ як тасмими муштараку ҷиддӣ гирифта нашуд. Баръакс, дар баъзе мавзеъҳо ба кушодани заминҳои нав пардохтанд. Маълум аст, ки намакнокии баҳри

Арал хеле баланд буда, дар таркиби як литр оби ошомиданӣ камтар аз як грамм намак мавҷудаст [1, с.133]. Оби баҳрҳо бошанд, дар як литр 35 грамм намак доранд. Иттиҳоди Шуравӣ мехост тавассути парвариши моли майда, бахусус гӯсфандҳои маҳинпашм дар Осиёи Марказӣ аз воридоти пашми Австралия озод шуда, дар бобати пахта бошад, мехост ба бузургтарин содиркунандаи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ табдил ёбад, он тавассути обҳое ба вуҷуд омадаанд, ки баъди истифодабарӣ ва омехташавии он бо пеститсидҳо, гербитсидҳо ва нуриҳои маъданиву минералӣ дубора ба дарёҳо рехтаанд. Ҳамчунин яхобмонӣ ва заминшӯйиҳои пайваста, ки оби намаколуди онҳо ба дарёҳо рехта мешуданд, ба зиёд шудани ҳаҷми намак оварда расонд. Чун воридшавии оби тоза кам гардида буд, намакнокии баҳр ба таври бесобиқа афзоиш ёфта, ба маҳви мавҷудоти зинда дар баҳр боис гардид. Майдонҳои дар натиҷаи хушкшавӣ бавуҷудомада, ки бо қабати ғафси намак пӯшонда шудаанд, дар маҳаллаҳои аҳолинишини назди баҳр боду шамолҳои қуму намакдорро ба вуҷуд овард. Худ қазоват кунед, ки тамоми моддаҳои заҳрноку зараровар ва намакҳои мухталифи солиёни дароз дар қаъри баҳр хобида дар натиҷаи хушкшавии об ба ҳаво хеста, ба садҳо километрҳо пош ва ба заминҳои корам мерезанд. Ин на танҳо барои заминҳои корам, балки барои саломатии аҳолӣ, сифати обҳои ошомиданӣ пайомадҳои нохуш дорад. Агар ба тадқиқоти олимони соҳа назар афканем, пайомадҳои хушкшавии баҳри Арал ба зудӣ аён мегарданд: муриши 80-100 нафар кӯдакони навзод аз ҳар як 1000 нафар аҳолӣ дар ҷаҳон бесобиқа буда, қобили мулоҳизаи ҷиддӣ аст. Намояндагони созмонҳои ҳифзи беҳдошти инсон аз пайдо шудани бемориҳои анемия, тиф, гепатит, санги гурда ва касалиҳои саратони меъдаю рӯда дар ҳаҷми қобили мулоҳиза бонги хатар мезананд ҳол он ки баъзе кишварҳо дар олуда шудани муҳити зист ва бемориҳо корхонаҳои ҳамсоякишварҳоро айбдор мекунанд). Ҳамчунин, системаи экологии баҳри Арал дар натиҷаи хушк шудани соҳилҳои дарёҳои Амударё ва Сирдарё, нобуд шудани олами ҳайвонот ва нест шудани туғайзорҳо тағйир ёфтааст. Ҷойи тааҷҷуб нест, агар гӯем, ки иқлими минтақа дар натиҷаи кам шудани масоҳати сатҳи об ва омилҳои дар боло нишондодашуда тағйир ёфта, хусусияти боз ҳам бештари континенталӣ касб намудааст, ки одатан зимистонҳои дарозу хунук ва тобистонҳои кӯтоҳу тафсонро ба бор меорад. Дар натиҷа, боришоти бе ин ҳам кам маҳдудтар шуда, ҷойи онро хоку қум ва намакборишҳо иваз мекунанд [15]. Вусъат додани заминҳои корам (921.000 гектар) ва обёрии кишварҳои дар саргаҳи баҳри Арал ба тамоман кам шудани резиши оби дарёҳо оварда расонида, дар бобати истифодаи ҳавзаи Сирдарё муноқишаҳоро миёни Қазоқистону Ӯзбекистону Қирғизистонро ба бор овардааст. Агар Ӯзбекистон сари масъалаи квотаи об барои заминҳои худ норизо бошад, Қазоқистону Қирғизистон дар бобати сар додани об дар фасли сармо ва нест шудани об дар хамгаҳи Арнасай ба ҳамдигар музокиротҳои тундлаҳн доранд. Агар Афғонистон дар оянда истифодаи миқдори оби барои кишвар муқарраршударо ба роҳ монад, пас имкониятҳои авҷ гирифтани низоъҳоро дар бобати истифодаи Амударё ба вуҷуд меорад. Ӯзбекистону Қазоқистон низ сари масъалаи обанбори Кокарал баҳс доранд, ки ба туфайли он ҳаҷми зарурии об ба Кӯли бузурги Арал намерасад ва раванди бухоршавии он афзоиш меёбад.

Масъалаи дигари минтақа дар масоли об истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа мебошад. Дар байни кишварҳои минтақа захираҳои табиӣ гуногун тақсим шудаанд.

Дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ байни Қирғизистону Тоҷикистон ва Ӯзбекистону Тоҷикистон нисбати истифодаи об дар баъзе ноҳияҳо ихтилоф вуҷуд дошта, имрӯз ҳам он баъзан боиси муноқишаҳои сарҳадӣ мегардад.

Агар дар масъалаи истифодаи оби дарёи Панҷ то имрӯз миёни кишварҳои ҳаммарз ихтилофе вуҷуд надошта бошад ҳам, пас ин гуфторро нисбати тақсимоти оби дарёҳои Сир ва Аму наметавон гуфт.

Дар асоси ҳуҷҷати соли 1984 аз захираи оби ду дарёи зикршуда ба Тоҷикистон яке аз ҳиссаҳои аз ҳама камтарин ҷудо шуда буд. Дар асоси ин санад 46 фоиз ба Ӯзбекистон, 44 фоиз ба Қазоқистон, 8 фоиз ба Тоҷикистон ва 1,5 фоиз ба Қирғизистон муайян шуда буд [5, с. 4].

Кам шудани манбаъҳои оби нӯшокии Осиёи Марказӣ мувофиқи пешгӯйии баъзе сиёсатшиносон, иқтисоддонҳо, экологҳо дар оянда эҳтимолан боиси муташанниҷ гаштани вазъ ва муносибати миёни давлатҳои ин минтақа шавад. Зеро замони шуравӣ тақсимоти об ба хотири васеъ намудани майдони кишти пахта ва «мусобиқа»-и абарқудратҳо барои мақоми аввал дар истеҳсоли пахта ба манфиати Ҷумҳурии пахтакор, пеш аз ҳама Ӯзбекистон, равона шуда буд.

Бо вуҷуди он ки тақрибан 90 фоизи захираҳои обии Осиёи Миёна аз қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашма мегиранд, дар тақсимоти он беадолатӣ ба назар мерасад. Масалан, 65 километри мукааби (65 км$^3$) оби давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҳудуди Тоҷикистон ҷорӣ мешавад, вале Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби собиқ ИҶШС ба Тоҷикистон ҳамагӣ 12 километри мукааб (12 км$^3$) об ҷудо намуда буду халос [15].

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ кор тавре сурат гирифт, ки 55 фоизи ҳиссаи захираи оби Осиёи Миёнаро обҳои Тоҷикистон, Қирғизистон-26,4 фоиз, Ӯзбекистон-14,5 фоиз, Туркманистон-4,3 фоизи захираи неруи обӣ ташкил медиҳад, яъне ҷумҳуриҳои Туркманистону Ӯзбекистон дорои газу нафт ва Тоҷикистон ва Қирғизистон бошанд, соҳиби диёри обшору кӯҳсор ба шумор меравaнд.

Агар Тоҷикистонро ҳамчун давлати дорои чунин захираи обӣ тавсиф намоем, пас бояд гуфт, ки дар қуллаҳои осмонбӯси кӯҳҳои Тоҷикистон захираи бузурги барфу пиряххо вуҷуд дорад. Миқдори пиряххо 145,09 адад буда, масоҳати онҳо ба 111,46 км2 баробар аст. Захираи умумии пиряххо ба 845 км3 баробар аст, ки 13 маротиба аз миқдори яксолаи оби ҷоришавандаи дарёҳои Тоҷикистон зиёд мебошад. Лекин тағйирёбии иқлим, гармшавии ҳарорат дар Осиёи Марказӣ ба захираҳои обии ин минтақа таъсири манфии худро расонида истодааст. Дар натиҷаи гармшавии иқлим масоҳати пиряххо кам шуда истодааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар сад соли охир масоҳати пиряххои Тоҷикистон 30% кам гаштааст. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 947 адад дарёҳои хурду калон ҷорӣ мегардад, ки дарозии умумии онҳо ба 28500 км баробар аст. Агар сарчашмаи захираҳои неруи обро дар ҳудуди ҷумҳурӣ дида бароем, чунин манзара ба назар мерасад: 62 фоиз дар ноҳияҳои ҷанубу ғарб, (рӯдҳои Панҷу Вахш), 27 фоиз рӯдҳои Бадахшон, 11 фоизаш ба рӯдҳои ноҳияҳои шимолӣ рост меояд, яъне захираи неруи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз минтақаҳо нобаробар ҷойгир шудааст. Инчунин, дар мамлакат беш 1300 кӯлҳо вуҷуд доранд, ки масоҳати умумии онҳо 705 км2 баробар аст. Дар ин кӯлҳо 43,6 км3 об захира гаштааст ва аз ин 20 км3 оби ошомаданиро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон микдори зиёди оби зеризаминӣ вуҷуд дорад, ки захираи умумии он 6,9 км3/сол-ро ташкил медиҳад ва аз он захираи самаранок истифода бурда шаванда, ки ба 2,5 км3/сол баробар аст ва аксари обҳои зеризаминӣ ошомиданӣ буда, талаботи санитарию беҳдоштиро қонеъ мегардонанд. Ҳамаи ин обҳо сарвати беинтиҳои кишварамон мебошанд. Масъалаи оби тоза ва таъмини он ба аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз проблемаҳои асри XXI мебошад, зеро аз нарасидани оби ошомиданӣ ҳар сол дар ҷаҳон беш аз як миллиард аҳолии кураи Замин азият

мекашанд ва аз истеъмоли оби нопок беш аз панҷ миллион одамон вафот мекунанд ва зиёда аз даҳҳо миллион ба касалиҳои гуногун дучор мегарданд.

Ҳоло дар ҷаҳон дар неругоҳҳои обии барқӣ 16%-и неруи барқи ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешавад ва пешсафони истеҳсоли қувваи барқ аз неруи об ин давлатҳо мебошанд: Чин, Парагвай, Норвегия, Бразилия, Канада, Зеландияи Нав, Австрия, Швейтсария, Венесуэла. Тоҷикистон низ имконияти хуби ба қатори ин давлатҳо шомил шуданро дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи умумии эҳтимолии гидроэнергетикӣ дорои 527 миллиард кВт соат дар як сол буда, дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол мекунад. Аз ҷиҳати захираи хосси гидроэнергетикӣ бошад, то сохтани НБО –и Роғун (87.8 ҳазор кВт соат бар ҳар сари аҳолӣ) ҷойи дуюмро ва аз ҷиҳати захираи хосси гидроэнергетикӣ ба масоҳат (ба км2) дар як сол (3,62 млн. кВт.соат/сол) ҷойи аввалро дар ҷаҳон ишғол мекунад. Ҳоло дар неругоҳҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисоби миёна 16-17 миллиард киловатт соат нерӯи барқ дар як сол истеҳсол карда мешавад. Талаботи пурра ба барқ дар даҳсолаи наздик бошад, 22-25 миллиард килловат соатро ташкил медиҳад, яъне барои пешрафти иқтисодиёт ва таъмини аҳолӣ 5-7 миллиард киловатт соат неруи барқ дар фасли зимистон намерасад. Ҳоло бошад, дар фасли зимистон фақат барои таъмини аҳолӣ то 2 миллиард кВт.соат қувваи барқ намерасад. Чи хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, 93 %-и сарзамини Тоҷикистонро, кӯҳсор ташкил мекунад ва аз ин кӯҳҳо 55%-и дарёҳои Осиёи Миёна сароби худро мегиранд ва аз ин лиҳоз Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат як роҳ дорад - сохтани НБО ва ба пуррагӣ истифода бурдани неруи дарёҳо. Аз ин лиҳоз, дар навбати аввал, сохтан ва ба итмом расонидани НБО–и Роғун барои кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Маҳз бо дарназардошти омилҳои зикршуда, масъалаи об дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса дорад. Соли 2000 – 2003 бо иштироки мутахассисон, олимон, роҳбарони вазоратҳои обу энергетикаи Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон стратегияи ҳамкории регионалӣ доир ба самаранок истифода бурдани захираҳои обию энергетикии Осиёи Миёна (SPECA) коркард карда шуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат захираҳои нафту газ дар Осиёи Миёна ба 60 сол расида, пас аз он тамом мегарад. Захираҳои гидроэнергетикӣ бошанд, барқароршаванда буда, аз нуқтаи назари экологӣ неруи тоза мебошанд. Аз гуфтаҳои боло, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷумхуриҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон хоҳанд ва ё нахоҳанд дарояндаи наздик ба сӯйи гидроэнергетикаи тоҷик ва ё ба самти энергетикаи атомӣ рӯй оварда, системаи экологии Осиёи Миёнаро зери хатар мегузоранд. Ҷумҳуриҳои ҳамсоя асосан обро дар соҳаҳои кишоварзӣ истифода мебаранд, ки қисми зиёди об филтратсия гашта, зери замин меравад ва сатҳҳои оби зеризаминиро боло мебардорад ва қисми дигараш бошад, буғ гашта, ба атмосфера бармегардад. Дар вақти истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ об ба дарё барнагашта дар гидроэнергетика бошад, пас аз гузаштани об аз гидротурбина ва тавлид кардани қувваи барқ об ба дарё бармегардад. Яъне, раванди истеҳсоли неруи барқ ба кам ва ё ба зиёдшавии оби дарё таъсири худро намерасонад. НБО-и Роғун барои рушди иқтисодии Тоҷикистон нақши бузург мебозад, ҳамзамон барои кишварҳои минтақа низ манфиатовар мебошад. Лоиҳаи сохтмони НБО-и Роғун дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ бо иштироки мутахассисони Россия ва Ӯзбекистон (Институти «Ташгидропроект») тарҳрезӣ гардида, сохтмони он солҳои 1980 оғоз ёфта буд. Дар ҳисоботи соли 1990-и Институти «Союзгипроводхлопок» оварда шудааст, ки норасоии оби ҳавзаи дарёи Амуро фақат бо воситаи сохтмони обанбори НБО – и «Роғун» бартараф кардан мумкин аст. Пас аз сохтмони НБО-«Роғун» заминҳои давлатҳои дар хавзаи Амударё ҷойгиргашта то

90% шодоб гашта, ҷумҳуриҳои ҳамсоя бошанд, боз заминҳои навро аз худ карданашон мумкин аст. Чи хеле, ки аз мисолҳои дар боло оварда шуда дида мешавад, дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳама марҳалаҳои лоиҳакашӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон тарҳрезии лоиҳаи «Роғун»-ро дастгирӣ карда, бинобар сиёсати хосси экологӣ аз соли 2009 бар зидди сохтмони НОБ «Роғун» баромад менамуд. Дар соли 2009 Ӯзбекистон аз бунёди силсиланеругоҳҳои обӣ ва обанбори дарёи Зарафшон, неругоҳи барқӣ обии «Роғун» изҳори ташвиш ва нигаронӣ намуда, ба мақсади ҳимояи манфиатҳои худ созмонҳои гуногуни байналхалқӣ ва ҳатто СММ – ро низ ҷалб сохта буд. Ҷониби Ӯзбекистон пеш аз сохтмони ин силсиланеругоҳҳо, хусусан неругоҳи барқи обии «Роғун» ташхис ва баҳои коршиносони мустақили байналхалқиро талаб намуда, даъво мекард, ки сохтмони неругоҳҳои бузург, аз қабили Роғун ба иқлим ва табиати минтақа аз ҷиҳати экологӣ таъсир расонида метавонад. Ҳамчунин, Ӯзбекистон даъвои онро дошт, ки гуё неругоҳи барқи обии «Роғун» дар мавзеи аз нигоҳи ба зилзила тобовар хавфнок бунёд шуда, лоиҳаи он аз ҷиҳати техникӣ кӯҳна шудааст. Ҷониби Ӯзбекистон танҳо манфиатҳои худро ҳимоя намуда, норасоии барқ дар Тоҷикистон ва вазъи номусоиди мардуми онро дар фасли сармо нодида мегирифт. Кишвари ҳамсоя тамоми имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, дипломатии худро ба он равона намуда буд, ки садди роҳи бунёди неругоҳи барқи обии Роғун шавад. Ҳол он ки бунёди обанбори «Роғун» ба обёрии беш аз 100 ҳазор гектар заминҳои Ӯзбекистону Туркманистон имкон медиҳад. Обанбори Зарафшон бошад, имконияти обёрии зиёда аз 100 ҳазор гектар заминҳои лабташнаи минтақаи Шаҳристонро фароҳам меоварад ва он ҳамагӣ 11 фоизи ҳаҷми оби дарёи Зарафшонро ташкил мекунад [11].

Давлатҳои дар қисмати поёноб воқеъ буда, бахусус Ӯзбекистон, чунин даъво доштанд, ки ҷумҳуриҳои дар болооби рӯдхонаҳои Сир ва Аму, ки неругоҳи барқи обӣ ва обанборҳо месозанд, бояд замонат ва кафолати фасли баҳор, айёми кишту кор ба поён сар додани обро бидиҳанд, то зироати кишварҳои поёноб низ фаслҳои баҳору тобистон беоб намонанд.

Албатта, чунин мунозираҳо миёни кишварҳои дигар низ вуҷуд доштанд. Масалан, ҳангоми бунёди неругоҳи барқи обии «Асувон» бо кӯмаки мутахассисони Шуравӣ дар Миср давлатҳои ҳамсояи поёноби Нил норозигӣ баён намуда буданд, ки сохтмони ин обанбор на танҳо ба манфиати Миср, балки тамоми мардуми кишварҳои ҳамсояи поёноб низ будааст.

Дар натиҷаи сиёсати пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пас аз интихоб шудани президенти нав -Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон, масъалаҳои зикршуда на танҳо ҳалли худро пайдо намуданд, балки масъалаи об имрӯз тадриҷан ба омили умқи ҳамгироӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ табдил меёбад.

Масалан, обу барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳам иртиботи қавӣ доранд ва баҳрабардорӣ аз он торафт ба яке аз мусъалаҳои доғи рӯз табдил ёфтааст. Ҳаллу фасли он аз сарварони сиёсии кишварҳои ин минтақа танҳо иродаи неки бародариву ҳамсоягӣ, дӯстии анъанавӣ, ҳусни тафоҳум, ҳамгироӣ, эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар, ҳамкороии мутақобилан судмандро тақозо дорад. Аз ин рӯ Тоҷикистон масъалаи хушкшавии баҳрҳо, обшавии пиряхо ва норасоии оби ошомиданиро ба назар гирифта, дар қатори дипломатияи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дипломатияи обро пеша намудааст. Лозим ба тазаккур аст, ки ҳамаи пешравию муваффақиятҳои назаррас дар масъалаи дипломатияи об маҳз бо ибтикор ва пеш аз ҳама тавассути заҳмату талошҳои зиёди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд.

Дар ин самт ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси таъкид мебошанд. Пешниҳоди – эълон намудани соли 2003 – Соли оби тоза дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ (1 октябри 1999) сароғози ташаббусҳои созандаи Ҳукумати кишвари мо ба шумор меравaнд. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд. 29 август – 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

Ташаббуси дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пешниҳод оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт". 23 декабри соли 2003 Маҷмааи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015–ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард.

Инчунин, пешниҳод оид ба таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез аз сиёсати ҳалли мусолиматомези баҳсҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарҳанги башардӯстии он шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо ба ҳалли маҷмуии масъала мусоидат менамояд. Ин пешниҳод аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри 2009 дар ш. Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 ироа гардида буд.

Ташаббусҳои кишвари мо ба эъломи тадриҷии дипломатияи обӣ муосидат намуданд, ки яке аз марҳилаҳои ташаккули он бо эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010) алоқаманд мебошад. Тибқи ташабусси мазкур 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар ш. Душанбе баргузор гардид. Дар натиҷа як қатор санадҳои ниҳоӣ қабул шуданд:

- Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об.
- Барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об
- Натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об.

Маҳз аз ҳамин хотир, ҷомеаи байналмилалӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст [12]. Ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об ҳамеша мавриди дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифтаанд, ки ин амр дар болоравӣ ва вусъати обрӯву эътибори Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидааст.

Ин аст, ки имрӯз муҳокима ва баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба мудирияти захираҳои об, тарҳрезии талошҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва роҳандозии ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо бо иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд. Даҳсолаи оянда саҳифаи нав барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар соҳаи захираҳои об хоҳад буд. Бояд тадбирҳои муассирро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои ин даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳия ва амалӣ кард. Тоҷикистон умедвор аст, ки тавассути ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва рушди мушорикат бо дигар сохторҳои дахлдор, равишҳо ва механизмҳои амалисозии даҳсола якҷо бо дигар Ҳадафҳои рушди устувор пайдо хоҳанд шуд. Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки дар рафти татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон шаҳри Душанбе пойтахти ҷаҳон оид ба

баррасии масъалаҳои марбут ба об гардид [4]. Маҳз бо ҳамин мақсад ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳадафи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд таъкиди зарурати ҳалли масъалаҳои вобаста ба об ҳамчун ҳастии ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст.

Новобаста аз мавҷудияти масъалаи марбут ба об дар Осиёи Марказӣ, бо дарназардшти мавқеи устувор ва накуҳамсоягии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф ва дарки масъала аз ҷониби сарварони кишварҳои минтақа, тағйири ҳокимияти сиёсӣ дар Ӯзбекистон, умқи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шиддати масъалаи тақсимоти об дар минтақа коҳиш ёфта, тадриҷан об ба омили рушди ҳамкорӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироӣ табдил меёбад.

**Муқарриз: Шарипов А. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ғайратшоев С. Об набояд сарчашмаи низоъ, балки заминаи ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ бошад / С.Ғайратшоев // Сиёсати хориҷӣ. - 2004. -№1.
2. Даҳсолаи нав «Об барои рушди устувор» эълон карда шавад. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди тадбирҳои «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015. ш. Душанбе, 9 июни соли 2015 //Ҷумҳурият. -2015.-10 июн.
3. Душанбе-мизбони конфронси об//Минбари халқ. -2015.-10 июн.
4. Иқдомҳои байналмилалии Пешвои миллат дар соҳаи об. https://www.hgu.tj/news/post/ikdomoi-bajnalmilalii-pesvoi-millat-dar-soai-ob.html
5. Истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (13 - июнии соли 2015). – Душанбе: "Баҳманрӯд", 2015. -С.4-11
6. Об неъмати бебаҳо. Ба Даҳсолаи байналхалқии «Об барои ҳаёт», ки солҳои 2005-2015 эълон гардидааст, бахшида мешавад. -Хуҷанд, 2005. -33 с.
7. Осиёи Марказӣ: муаммои об, уфуқҳои ҳамкорӣ ва амният/Ҷумҳурият. - 2013.-13 дек.
8. Программа конференции "Центральная Азия, Россия и ес: Концепция диалога по проблемам распределения воды и энергии" 28.06.2010 г., Махмудов Берлин. Ақли солим ғолиб меояд). //Минбари халқ. -2008.-3 май.
9. Муҳаббатов Х. Сарвати бебаҳои Ватан / Х.Муҳаббатов //Ваҳдат. -2001.
10. Муҳаббатов Х.Тоҷикистон: Майдони пиряххо коҳиш меёбад/ Х. Муҳаббатов //Ҷумҳурият. -2007. - 20 декабр.
11. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон 01.03.2013 10:10 https://mfa.tj/tg/main/view/199/tashabbushoi-bainalmilalii-tojikiston
12. Эмомалӣ Раҳмон - бунёнгузори сиёсати хориҷии Точикистон. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2012. -272.
13. Sehring, Jenniver, Die Aralsee-Katastrophe-Ein Nachruf auf das multilaterale Krisenmanagement. Padeborn 2009.
14. Water Security and Peace дар http:// www.unwater.org. 2. Sehring, Jenniver, Die Aralsee
15. Water Security and Peace dap http:// www.unwater.org.
16. World Bank 2004, Water Energy Nexus in Central Asia. Improving regional cooperation in the Syr Darya Basin. World Bank Report, Washington.
17. Wolfram Mauser: Wie lange reicht die Ressource Wasser? Fischer Taschenbuch Verlag, 2010.


**МАСОИЛИ ОБУ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ**


Дар мақола масоили обу энергетика дар Осиёи Марказӣ таҳлил шудааст. Ба ақидаи муаллиф, дар таъмини амният ва рушди иқтисод дар баробари захираҳои табиӣ, ба мисли газ ва нефт, захираҳои обӣ низ нақши созгор доранд. Дар қатори хатарҳои терроризм, экстремизм, сепаратизм, қочоқи маводи мухаддир, гармшавии иқлим баҳси тақсимоти захираҳои обӣ низ дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷой дорад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ масъалае, ки кишварҳои минтақаро ба ташвиш овардааст, хушкшавии баҳри Арал мебошад. Дар натиҷаи таҳлили захираҳои обии Тоҷикистон метавон ба хулосае омад, ки истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва сохтмони НБО-и "Роғун" барои кишвар аҳамияти калон дорад. Инчунин, муаллиф дар мақола ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи обро баррасӣ кардааст.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, президент, баҳри Арал, НБО – и “Роғун”, конфронси байналмилалӣ, ташаббусҳои ҷаҳонӣ, амният, захираҳои обӣ, ҳифзи пиряхҳо, муноқиша

**ВОДНО - ЭНЕРГЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИЯ**

В статье анализированы водно- энергетические проблемы в Центральной Азия. По мнению автора, наряду с природными ресурсами, такими как нефть и газ, водные ресурсы также играют значительную роль в обеспеченнии безопасности и экономического развития. Наряду с угрозами терроризма, экстремизма, сепаратизма, наркотрафика, глобального потепления, существует спор о распределении водных ресуров в международных отношениях. Вода является одним из самых распространенных природных ресурсов на планете. Согласно сведениям ЮНЕСКО, только в середине XX века на Земле было зафиксировано более 1831 конфликта из – за водных ресурсов и использования ресурсов, связанных с ними. В Центральноазиатском регионе также рассматривается вопрос распределения водных ресурсов между странами региона. Центральноазиатский регион- одним из самых умеренных регионов мира. В регионе проблема высыхания Аральского моря волнует все страны региона.Автор статьи исследует водные ресурсы Таджикистана и делает вывод, что рациональное использование водных ресурсов и строительство Рогунской ГЭС имеет для него большое значение. В статье также рассматриваются международные инициативы Таджикистана под руководством Основателя мира и единства, Лидера нации Эмомали Рахмона в водной сфере.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, Президент, Аральское море, глобальные инициативы, безопасность, водные ресурсы, защита ледников, конфликт.

**WATER AND ENERGY ISSUES IN CENTRAL ASIA**

The article analyzes water and energy problems in Central Asia. According to the author, along with natural resources such as oil and gas, water resources also play a significant role in ensuring security and economic development.Along with the threats of terrorism, extremism, separatism, drug trafficking, global warming, there is a dispute about the distribution of water resources in international relations.Water is one of the most abundant natural resources on the planet. According to UNESCO, only in the middle of the twentieth century, more than 1831 conflicts were recorded on Earth over water resources and the use of resources associated with it.In the Central Asian region, the issue of distribution of water resources between the countries of the region is also being considered. The Central Asian region is one of the most temperate regions in the world. In the region, the problem of the drying up of the Aral Sea worries the countries of the region. The author of the article explores the water resources of Tajikistan and concludes that the rational use of water resources and the construction of the Rogun HPP is of great importance to him. The article also examines the international initiatives of Tajikistan under the leadership of the Founder of Peace and Unity, the Leader of the Nation Emomali Rahmon in the water sector.

**Keywords:** Central Asia, Republic of Tajikistan, Republic of Uzbekistan, Rogun HPP, International Konference, global initiatives, security, water resources, glacier protaction, conflict, region.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Каримова Зарнигор Мирзоалиевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон**: +992 987 97 79 98**. E-mail**: zarjon@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каримова Зарнигор Мирзоалиевна* - –** Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, ассистент кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова,16. Телефон**: +992 987 97 79 98**. E-mail**: zarjon@bk.ru**

**Information about the author:** ***Karimova Zarnigor*** **-** Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki, assistant department of Law and International relations. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarov, 16. Phone**: +992 987 97 79 98**. E-mail**: zarjon@bk.ru**

УДК 73 (575.3)

# АРХИТЕКТУРНО-СТРОИТЕЛЬНАЯ КУЛЬТУРА И ТИПЫ ЗДАНИЙ МАВЕРАННАХРА В ЭПОХУ ТАХИРИДОВ

*Мукимов Р., Мухиддинова Р.*
**Таджикский технический университет имени академика М.С.Осими**

IX-X вв. стал периодом формирования феодальных городов, развития городской жизни и городского строительства не только на территории Ирана, но также и Средней Азии, большая часть территории которой называлась «Мавераннахр» (по-арабски - Заречье»). Постройки в это время разнообразны по назначению: жилища и мастерские ремесленников, дворцы, административные, лечебные и торговые здания, бани, мечети, минареты, мавзолеи, медресе.

Как известно из научной литературы, городская строительная культура Среднего Востока, куда входит целиком Иран, а также Хорасан в IX-XIII вв. вошла в историю Мировой культуры. Одной из особенностей градостроительной культуры Востока и исследуемого региона (Хорасан и Мавераннахр) является процесс исламизации культуры.

Относительно развития градостроительства и строительной техники раннего ислама следует отметить, что раздельно рассматривать культуру на территории государств династий Тахиридов и Саффаридов не представляется возможным. В целом, развитие городов, связанное с раскрепощением от влияния арабского халифата, было непрерывным, необратимым и последовательным [27]. Причем, это развитие городов, строительной техники, архитектурной типологии зданий и сооружений продолжалось и в государстве Саманидов, сменивших Саффаридов. Просто в Мавераннахре и Хорасане ускорилась начавшаяся ещё в начале IX века интенсивная феодализация на территории Центральной Азии. Это развитие протекало не изолированно, а вобрало в себя все достижения, которые достигла арабская культура на территории завоеванных стран. Эта культура демонстрируется на примере медресе, мечетей, каравансарая, дворцов и жилищ, которые строились на основе преемственности местных архитектурно-строительных традиций. Исламизация не уничтожила причины жизнестойкости некоторых архитектурно-художественных стилей и типологии объектов, а наоборот, усовершенствовала их.

Итак, в строительство внедряется обожженный кирпич, что содействует развитию конструкций, архитектурных форм и декоративных приемов.

Техника строительства из обожженного кирпича продолжает приемы сырцового строительства. Большая прочность обожженного кирпича допускала более усовершенствованные конструкции перекрытий и, следовательно, большие пролеты. Тщательная подготовка глины, отличный обжиг, опытом установленные оптимальные размеры кирпича и, наконец, мягкий светло-желтый цвет обусловили его прекрасные технические и художественные качества [7, с. 198-200].

Сырец не исчезает из практики монументального зодчества. Стены построек иногда возводились по-прежнему из сырца, в то время как перекрытия выкладывались из обожженного кирпича. Сырцовые стены иногда облицовывались обожженным кирпичом. Стены возводились также и на всю толщину из обожженного кирпича. Сырцовая кладка велась на лёссовом (глиняном) растворе, кладка из обожженного кирпича - на лёссовом или ганчевом (алебастровом) растворе с примесью лёсса.

Проемы перекрывались арками стрельчатого очертания, которые выкладывались клинчатой кладкой. Начертание арок отличалось от кривых в проемах построек древнего периода, хотя и сохраняло порой повышенное очертание (двухцентровые кривые).

Перекрытиями служили своды и купола также стрельчатого очертания. Своды выкладывались наклонными отрезками. Пролеты их в сохранившихся сооружениях не

превышают 5 *м.* Технический недостаток этих сводов -склонность расслаиваться между отрезками. Из-за отсутствия леса своды и купола воздвигались без опалубки.

Конструкции из обожженного кирпича связаны с употреблением ганчевого раствора. Значение этого раствора в среднеазиатском зодчестве исключительно велико. Он служил раствором при возведении сводов и куполов из обожженного кирпича; в силу быстрого схватывания этот раствор облегчал кладку сводов и куполов без опалубки. Составляя часть объема конструктивных элементов, он своей пластичностью обеспечивал большую сохранность всего сооружения при сейсмических явлениях, свойственных многим областям Средней Азии.

В постройках предшествующего времени переход от квадратного помещения к круглому основанию купола осуществляли паруса, преимущественно в форме ступенчатых арок. Теперь новым элементом в структуре здания стали поставленные на четверик восьмигранные барабаны, которые упрощали переход к куполам от кубовидного объема здания. Паруса включались в угловые грани восьмигранника как в древней форме-ступенчатыми арками, так и в виде одной арки, что обусловило дополнительное перекрытие углов интерьера. Установилась органичная для купольного покрытия структура здания с большими композиционными возможностями. Купола, поднятые на барабан, придавали большую выразительность силуэту здания, улучшали пропорции интерьера и внешнего объема здания.

Кладка стен и перекрытий из обожженного кирпича преимущественно квадратной формы, по сравнению с сырцовым строительством, делается более трудоемкой из-за мелкого размера кирпича, достигающего в этот период 19-20-22 *см* в стороне. Четкая форма кирпича, перевязка швов, очень приятный светло-желтый цвет становились фактором художественного воздействия. В то время зародилась орнаментальная кирпичная кладка - наиболее органичное декоративное оформление кирпичных построек как в их внешнем облике, так и в интерьере.

Деревянные перекрытия и колонны по-прежнему широко применялись в жилых и дворцовых постройках, в квартальных мечетях, т. е. в зданиях, часто сложенных из сырца. Резьба на деревянных конструкциях, резьба и росписи по ганчу на сырцовых стенах украшали так же, как и в раннесредневековый период, интерьеры этих построек. Резьба по ганчу либо наносилась в линейной технике, либо по контуру рисунка вырезался желобок прямоугольного, треугольного и трапецеидального сечения, что создавало разную освещенность углубленных плоскостей, усиливающую художественный эффект. Художественное качество орнамента создавалось рисунком, техникой резьбы и его размещением. Отрицательное отношение ислама к изображению живых существ сказалось и на архитектурном орнаменте, в котором исчезали присущие орнаменту раннего средневековья изобразительные мотивы. Растительные узоры были стилизованы до условности. Подобно ганчевому орнаменту, резьба на деревянных конструкциях, оставаясь одним из излюбленных средств художественного обогащения, также претерпевала изменения в технике и в сюжете.

Анализ сооружений IX-X вв. выявляет модульную систему, которая упрощала практическую деятельность строителей, облегчая перенос в натуру проектируемого сооружения. Модулем служила величина какого-либо элемента здания - сторона квадрата помещения, толщина стен и др. Соразмерность отдельных частей сооружения между собой и по отношению к зданию в целом создавалась посредством модуля.

Основные улицы рабадов соединялись с воротами шахристанов. Главными узлами в планировке рабадов служили базары, многочисленные, оживленные, с разнообразными товарами. Иногда они устраивались крытыми или защищались навесами от солнца. Занимая площади, базары распространялись по прилежащим улицам. Каравансараи, бани и мечети располагались в непосредственном соседстве с базарами.

По социальному составу населения города IX-X вв. значительно отличаются от более ранних. Развитие ремесла повлекло за собой численное увеличение ремесленного

населения, а оживление торговли вызвало приток в города купцов. Часть населения составляли чиновники. Распределение населения по социальному составу между шахристаном и рабадом к моменту формирования рабадов определялось исторически сложившимися условиями. Земельная аристократия (дехкане) имела в шахристане участки земли и дома. Там же жили купцы, участвовавшие в караванной торговле. Рабады были заняты в основном ремесленниками, торговцами и всем тем людом, который обслуживал разные стороны жизни города.

С ростом рабадов шахристаны не теряли своего значения, если не появлялись особые причины для их оставления, как, например, разрушение монголами самаркандского шахристана - Афрасиаба, или затруднения в орошении шахристана Мерва - Гяур-калы. Однако степень их жизненности в тех или иных городах была различна. Иногда шахристанам приходилось отступать перед бурным развитием жизни в рабаде. Шахристан же Бухары, например, никогда не терял своего значения. Развитие рабада завершало структуру средневекового города.

Крепости - диз, когда-то составлявшие ядро, из которого развился город, при образовании феодальных государств с централизованной властью сохраняли свои функции только в городах, имевших политическое значение. В остальных городах диз (или «кала» в арабской терминологии) терял свои функции. В письменных источниках того времени такие крепости называются «кухендиз» — старая крепость. В кухендизе иногда сохранялись старые постройки или воздвигались новые, например арсеналы, монетные дворы, для которых нужны были условия большей защиты или наблюдения. Крепости некоторых городов приходили в полное запустение. Такие города, как Бурана (первоначальное название неизвестно), а также города Хорезма Гульдурсун, Кават-кала, возникшие в X в., не имели крепостей.

Помимо развития городов возле цитадели и шахристана в IX в. происходило их возникновение и на другой основе. Построенные в Северном Хорасане на границе со степью для борьбы с кочевниками в IX в. рабаты Дахистан, Куфен, Фарава стали в последующем городами. Обычно прямоугольная территория рабатов ограждалась стенами с угловыми и промежуточными башнями и несколькими воротами.

**THE ROLE OF WORKERS IN CULTURAL INSTITUTIONS - PREPARATION FOR INCREASING THE GENERAL POLITICAL CULTURE OF THE POPULATION**

This brief is deoted to the role of emplovees of cultural and educational institutions in raising the general and political awarenees of the population. Cultural and educational institutions regularly carried out various substantive work to fulfill the tasks of building socialism in the conditions of Tajikistan, which had not passed a large stage of the capitalist stage of development. In the conditions of the 1920s and 1930s, the Republic of Tajikistan faced the global task of broadly involving the masses of women in the active construction of a socialist society. Of course, this task was difficult, but at the same time necessary, because without the participation of women, who made up more than half of the population of the republic, it was virtually impossible to build a new society. Cultural and educational institutions were to play a certain role in this matter.This summary is devoted to the role of employees of cultural and educational institutions in raising the general and political culture of the population.It should be noted that the role of cultural and educational institutions in the country from year to year is increasing in the issue of freedom and enhancing the role of women in society, which was unacceptable for a group of men and representatives of the clergy. They secretly and openly opposed women and obstructed their work. In Isfara and Kuibyshev districts, red teahouses were closed, and their buildings were used as warehouses for timber and grain. However, these actions did not prevent women from improving themselves and raising their cultural and political level.

**Key words:** women, club, library, clergy, red teahouse, Great October, women's liberation, Central Asia.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Муҳаббатова Гулнора Ҳомидовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **918737409**

**Сведения об авторе*:*** ***Мухаббатова Гулнора Хомидовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **918737409**

**Information about the author:** ***Mukhabbatova Gulnora Khomidovna*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanb city, Rudaki avenue, 17. Phone**: 918737409**

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**УДК: 1(575.3)**

# ТАҲАММУЛПАЗИРӢ, РОҲКОРИҲОИ РУШДИ ОЗОДИИ БАЁН ВА ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Бойназаров Ҳ.Э.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови АМИТ**

Масъалаи рушди таҳаммулпазирӣ ва ташаккул додану бо талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани унсурҳои он пеш гузошта мешавад. Пас, бо кадом роҳҳо ин масъалаи мураккабро метавон ҳал кард, то ин ки хусусияти манфии ин падида бартараф карда шавад ва ҳаддалимкон ба самти барҳам додани он ҳаракат муяссар гардад? Албатта, ҳаракат ба сӯйи таҳаммулпазирӣ вазифаи ҳамаи инсоният аст. Зеро ба воситаи муоширати комил ва дурандешона фазои ҷаҳони муосир солим боқӣ мемонад [1, с.222].

Тамаддунҳо дар муқобили якдигар дучори норасоии зиёде ҳастанд ва бартараф кардани норасоиҳо танҳо бо эҷоди тафоҳум ва беҳтар фаҳмидани ақоид ва назарияҳои якдигар имконпазир аст. Инсон метавонад бо ҳамраъйӣ ва дар сояи сулҳу дӯстӣ зиндагӣ карданаш ба бисёр муваффақиятҳо ноил шавад. Бояд дар ҷомеаи муосир имкони ҳамзистии мусолиҳатомези байни эътиқотмандони динҳои гуногун матраҳ шуда, эътиқод ба Худо ва ҳисси ҳамзистӣ ва гуманизм таҳти таъсири таҳаммулпазирӣ қарор гирад. Озодии таълимоти динӣ яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва ҷудонопазири инсон маҳсуб меёбад.

Тамаддуни исломӣ, ки чанд сада пешоҳанги тамаддунҳои олам буд, дар натиҷаи озодандешӣ ва бетаассубӣ рӯ ба равнақ ниҳод. Ин руҳия, на фақат мунозираҳои каломӣ ва диниро дар қаламравӣ исломӣ мумкин месохт, балки сабаби ҳамкории аҳли китоб бо мусалмонон дар ҷанбаи илм ва дониш гардид. Дар Байтулҳикмати Бағдод* бисёре аз тарҷумонҳои осори юнонӣ, сурёнӣ ва ҳиндӣ ғайри мусалмон буданд. Дар даврони равнақи тамаддуни исломӣ донишмандон бо миллият, забон ва ҳатто дини мухталиф, дар канори якдигар фаъолияти илмӣ доштанд ва ҳокимият ҳам ононро таҳаммул мекард [2, с.324]. Ин рамзи шукуфоии фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва ҳунари мусалмонон буд, ки аз ҳама донишмандон ва нобиғаҳои ҳавзаи сарзамини худ баҳра мегирифтанд. Дарвоқеъ, ҳамин таҳаммулгароӣ ва фазои озодӣ сиёсию фарҳангӣ буд, ки дар ислом, байни қавмҳо ва халқиятҳои гуногун, ҳамкории лозим барои пешрафти тамаддуни воқеиро ба вуҷуд овард ва ҳамзистии мусолиматомез унсурҳои ноҳамгунро мумкин сохт [3,с.25]. Дар ин даврон тамоми мазҳабҳо метавонистанд афкор ва андешаҳои худро пешниҳод кунанд. Бисёре озодона дар ҷамъомадҳои исломӣ суханҳои худро мезаданд ва асарҳои "эҳтиҷоҷ ё ҷадал" дар баробари ҳамин мубоҳисаҳо падид омаданд.

---

* Байтулҳикмат аз бузургтарин марказҳои илмии ҷаҳони ислом дар садаҳои нахусти исломие аст, ки дар замони ҳукмронии Ҳорунаррашид ба тақлид аз донишгоҳи Гунди Шопур, дар Бағдод поягузорӣ шуд ва дар даврони Маъмуни Аббосӣ ба авҷи худ расид, вале пас аз он аз равнақ монд. Фаъолияти асосии ин маркази илмӣ тарҷумаи асарҳои фалсафӣ ва илмии юнониасл ба забони арабӣ буд.

Баррасиҳои таърихӣ гӯёи ин нуктаанд, ки ҳукуматҳои пешрафтаи исломӣ дастикам дар заминаи майдон додан ба илм, андеша ва фароҳам сохтани озодии амали лозим барои андешамандон бо воқеъбинии илмӣ ва таҳаммулгароӣ амал карданд. Ба унвони намуна таҳаммули шунидани суханони мухолиф ва дигарпазирию таҳаммулгароие, ки аз хусусиятҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии амирони сомонӣ буд, аз омилҳои аслии рушди ошкорбаёнии донишварони он давра буд[4, с.18]. Дар асари фазои озодандешӣ аз тарафи Сомониён фазое аз амнияти фикрӣ падид омада буд, ки ҳар соҳибақидае метавонист ақидаҳои қалбии худро ба забон оварад; ба тавре ки, вақте Абутайиб Тоҳир, Наср ибни Аҳмади Сомониро ҳаҷв кард ва амир аз он огоҳ шуд [5, с.69], чунон бузургворона бо ӯ бархӯрд кард, ки Абутайиб дар пеши ӯ шармсор гардид ва аз ҳаҷв кардан тавба кард [6, с.371 -372].

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асараш “**Чеҳраҳои мондагор” **менигорад:** “Сомониён синтези табиӣ ва оқилонаи арзишҳои ориёиро эҳё намуда, ҳамзамон ба ривоҷ ва таблиғи мазҳаби Имоми Аъзам мусоидат карданд. Дар натиҷа, низоми сиёсӣ ва идораи давлат моҳияти дунявӣ касб карда, нақши он дар умури иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ ҳамчунон устувор монд. Ин имкон дод, ки эътибори дин бар асари воқеоти фоҷиабори муқовимату бархӯрдҳо ва қудратталабиҳо халалдор нагардад. Ва имрӯз мо бо такя ба таҷрибаи давлатдории Сомониён дилпурем, ки гуногунандешӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои бунёди як давлати демократӣ ва дунявӣ кумак мекунад ва дар таҳкими сулҳу осоиш дар сарзамини бостонии мо мусоидат менамояд” [7, с.210]. Бешак, агар дар ҳукумати Сомониён чунин фазои озодандешӣ набуд, ақидаҳои гуногун рушд намекард ва наздикшавии андешаҳо ва додуситади фикрӣ имконпазир намегашт ва ренесонсе, ки дар ин даврон падид омад, воқеъ намешуд.

Муҳимтарин монеаи озодандешӣ дар зовия қарор додани илм ва зулм аст. Гирдбоде, ки аз таҳаммулнопазирӣ ва таассуби кӯркӯрона фароҳам меояд, решаи илмро мезанад ва ба иҷтиҳоду баёни идеяҳои нав осеб ворид месозад. Ҳукумати зулмпешае, ки майдонро барои мутафаккирон ва марказҳои тавлидкунандаи андеша танг месозад. Ҳар навъ сухан, назария ва замина барои баҳрамандии ҷомеа ва ҳукумат аз ақлу илми олимон ва пажуҳишгарони илм фароҳам нахоҳад гардид [8, с.44]. Вақте ҳокимон илм ва олимро нодида мегиранд ва ба онҳо арзиш қоил нестанд, ин боиси муҳоҷирати коршиносон ва мутахассисону донишмандон мешавад. Мушкилоти фирори зеҳнҳо, ки дар бештари ҷомеаҳои зулмзадаи ҷаҳони сеюм ҳар рӯз дар ҳоли вуқуъ аст ба хубӣ аҳамият ва таъсири ин фоҷиаро нишон медиҳад.

Мусаллат гардидани ҳукуматҳои мутаассиб дар мазҳаби хос ва ривоҷи ривоятгароиву нақлгароӣ ба ҷойи ақлгароӣ зарбаи ҷиддӣ бар фарҳангу тамаддуни миллию исломӣ задааст. Рӯйи кор омадани Салҷуқиён (1035 -1141), пас аз даврони тараққиёти Сомониён (875 -1005) ва Оли Буя (935 -1055), бозори андеша ва адабу илмҳои ақлиро суст кард. Пеш аз он донишмандон, аз ҳар мазҳаб ва мактабе озодона назарҳое хешро иброз мекарданд. Дар ҳоле, ки дар даврони Салҷуқиён бо таъсиси “низомияҳо” танҳо олимони шофеӣ бо тафаккури ашъарӣ мавриди таваҷҷуҳ буданд.

Мадрасаҳои “низомия”*, бо он шуҳрату эътиборе, ки баъдҳо намунабардории сохти нахустин донишгоҳҳои Мағрибзамин шуд, чунки бар мадори таассуб мечархиданд, он гуна ки бояду шояд ифтихорофаринии тамаддуни исломро дар пай надошт. Балки, батадриҷ боиси муҷодилаҳои мазҳабӣ, кашмакашҳои фирқавӣ ва шуълавар шудани кинаҳои мазҳабию торик шудани фазои илмии ҷомеа гардид ва ба дунболи он, боби иҷтиҳод ва озодии фикрӣ дар масоили динӣ баста шуд. Ин фазои баста боиси рукуд (беҳаракатӣ)-и андешаварзӣ ва назарияпардозӣ дар ҷаҳони ислом ва дар ниҳоят беҳаракатии фикрии тамаддуни исломӣ гардид. Ниҳоятан, дар асрҳои баъд шумораи мутафаккирону олимон коста шуд ва агар андешамандоне ҳам зоҳир мешуданд, дидгоҳҳои навини худро пинҳонӣ ва ба душворӣ баён менамуданд. Яке аз намунаҳои он Муллосадро аст, ки муддате аз умрашро дар гӯшанишинӣ гузаронид, фурсату озодии муносиб барои изҳори назароташ наёфт. Ба тавре ки китоби “Асфори арбаъа”- и ӯ дар замони худаш нашр нашуд. Пас аз марг, бино ба васияташ асарҳояшро аз дохили чоҳе баров075dанд, яъне фазои бастаи маърифатӣ сабаб шуд, ҳаддиақал дар давраи замони худи Муллосадро аз вуҷуди вай баҳраи чандоне набаранд. Маҳдудиятҳо ва монеаҳои озодандешӣ метавонанд чунин ангезаҳо гарданд:

1. Аз офатҳо ва маҳдудиятҳои озодандешӣ боқӣ мондани мутафаккирон бар пешфарзҳое аст, ки ҷилави навовариро мегиранд. Бисёре аз кашфиёте, ки дар таърихи тамаддуни башарӣ ба номи ғарбиён сабт аст, ҳосили талоши мутафаккирони мусалмон буд, вале чун бисёре аз онҳо ҷуръати убур аз пешфарзҳои роиҷро надоштанд, аз изҳори назар меҳаросиданд. Ба унвони намуна донишмандони мусалмоне, чун Юҳанно ибни Мосавия ва ибни Туфайл, ба нодурустии пешфарзи роиҷи заминмарказии Батлаймус пай бурда буданд, вале ҷасорати убур аз он ва баёни назарияи нави худро надоштанд [9, с.105, 153-154]. Натиҷаи он сабти назарияи гардиши замин ба даври офтоб барои муҳаққиқони ғарбӣ чун Голилей, Кеплер ва Копперник шуд.

2. Барчаспҳои сиёсию иҷтимоие, ки ба кашшофону ихтироъкорони андешаҳои нав зада мешаванд, дигар монеаҳои озодандешианд. Гоҳ дар ҷомеаи мо вақте сухане зада мешавад, ононро ба ҳизб ё гурӯҳи сиёсие вобаста медонанд ва таҳаммул барои ҳарфҳои мутафовит хеле маҳдуд аст. Бояд дар марказҳои илмӣ озодии фикрӣ бошад ва иҷозат диҳем аҳли илм озодона суханонашонро бизананд, на ин ки дониш дар ихтиёри қудрати сиёсӣ қарор гирад.

3. Яке дигар аз омили таҳаммулнопазирии андеша, ки аз муҳимтарин ангезаҳо аст, ин фақри илмӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҷойгузин шудани “тарс ва хавф” ба ҷойи “таҳлил” аст, ки натиҷаи он худсензурӣ мебошад. Ба ин маъно, ки коршиносони илмӣ аз тарси ин ки, агар каломи наверо бизананд, ҷомеаи илмӣ бо онҳо чӣ гуна бархӯрд хоҳад кард ва аз изҳори назар худдорӣ мекунанд. Файласуфи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ бо изҳори шикоят ин руҳияро зери тозиёнаи танқид қарор дода менависад: “Чаро асосан дар миёни мо сукут ва лаб бар даҳон гузоштан бар озодӣ ва ҷунбишу ҳаракат бартарӣ дорад. Ҳар кас, ки бихоҳад мақом ва

* «Низомияҳо” – Нахустин намунаи мадрасаҳои динии пешрафта дар таърих ҳастанд, ки бо низоми хос ва сабки навин дар шаҳрҳои муҳим, монанди Бағдод, Нишопур, Исфаҳон, Балх, Ҳирот ва ... таъсис шуда буданд. Муассиси ин гуна мадрасаҳо Хоҷа Низомулмулк вазири Алпарсалон ва Маликшоҳи Салҷуқӣ аст.

мавқеияти худро ҳифз кунад, ночор забон дар ком мекашад ва пой дар доман мепечад?” [10-14, с.190-120]. Ин масъала боис мешавад, эътимод ба нафс дар ҷомеаи илмии мо поён биёбад; ба ҳамин ҷиҳат мумкин аст, шуълаҳои наве дар зеҳнҳои аҳли илм, чи дар ҷамъомадҳои илмӣ ва чи дар донишгоҳҳо, зада бишавад. Аммо фиқдони ҷуръат иҷозаи пешниҳоди он ва ибрози онро намедиҳад.

**Шеваҳои ҳақиқатёбии озодандешӣ дар ҷомеа.** Ҳоло бояд дид озодандешӣ чӣ гуна дар як ҷомеа падид меояд ва вазифаҳои ниҳодҳои ҳукуматӣ дар ин бора чист? Ба баёни беҳтар шеваҳо ва роҳҳои ҳақиқатёбии озодандешӣ дар ҷомеа кадоманд? Дар идома ба баъзе аз онҳо ишора мешавад:

1. Хусусияти як ҷомеаи илмӣ ҳамон интишору густариши озодӣ барои олимон ва мутафаккирону шахсоне аст, ки андешае барои баён ва сухане барои гуфтан доранд. Боло будани андозаи интиқодпазирӣ аз ҷониби ҳукумат, таҳаммули дидгоҳҳои донишмандон ва олимон ва майдон додан ба андешаҳои илмии навин, дар як калом таҳаммулпазирии илмии ҳукумат ва рафтори шоиста бо мутафаккирон дар фароҳам шудани заминаҳои тавлиди дониш ва андеша таъсири инкорнопазир дорад.

2. Ниҳодҳои давлатӣ бояд дар нақши ҳимоятгар ва нозир бошанд. Он ҳам дар чаҳорчӯбаи тазминшуда. Низоми сиёсӣ бояд заминаи озодандеширо фароҳам оварад. Эҷоди фазои ором ва ба дур аз муноқиша барои андешидан ва сипас, пешниҳод ва нашри андеша ва назария бидуни воҳима, фароҳам омадани муқаддимоти баҳсу мунозира, баррасии нақду андеша ва назарияи пешкашгардида, дар фазои муносибу боинсофонаи илмӣ. Саранҷом ҳаракат ба сӯйи тавлиди назарияҳои устувор дар самти низоми арзишӣ ва фарҳангӣ, ҳама дар пешгомии озодӣ, бахусус озодии андеша аст, ки мебоист дар ҷомеаи илмӣ ва сиёсии кишвар ҳақиқат ёбад.

3. Барои муқобила ва бархӯрд бо андешаҳои мухолиф ҳам восита ва равишҳои мушаххас вуҷуд доранд, ки бояд амалӣ шавад, монанди: истидлол, нақди илмӣ ва...; аз ин рӯ, равишҳои дигар мисли таҳдид ва зӯроварӣ ва барчасбзанӣ (иттиҳом задан ва баҳонасозӣ) набояд ҷой дошта бошад. Мо набояд, ҳатто аз изҳори назари мухолифони худ худдорӣ кунем [11, с.61].

4. Курсиҳои озодандешӣ дар марокизи илм ва донишгоҳ маҳмале аст, ки шахсон битавонанд дар як фазои маъқул дар алоқа бо ҳавзаҳо ва мавзуъҳои гуногун бидуни тарсу воҳима ба баҳс ва баррасӣ биншинанд. Дар ин миён ҳақиқат аст, ки рухашро менамояд. Озодандешӣ муқаддимаи назарияпардозӣ аст. Баҳси озодандешӣ як ҳолате аст, ки метавонад барои ҳама, дар маҷмуъ донишҷӯ ва устод бошад ва мавзуаш, маъмулан дар ҳавзаи фанҳои гуманитарӣ ва илмҳои инсонӣ аст. Дар ҳоле, ки назарияпардозӣ кори мутахассисон аст ва ашхос бояд коршинос ва соҳибназар бошанд.

5. Илм дар зот ва моҳияти худ маҳдудиятпазир нест. Озодандешӣ дар илм ба ин маъно аст, ки мо иҷоза диҳем илм рушди зотии худро дошта бошад ва дар баробари рушди он, монеаи хориҷӣ эҷод накунем. Дар мақоми ҷамъоварии дониш бояд зарфи фарохе омода кард, то ҳар чизе аз ҳар касе ва ҳар ҷое дар он ҷой гирад. Бинобар ин, монеа эҷод кардан ва бастани дарҳои илм бар рӯйи худ ба ҳар баҳонае, маҳдуд кардани андозаи пазириши андешаҳои илмӣ аст, ки дар натиҷа тавлиди илмро низ дучори маҳдудият хоҳад кард.

6. Қаноат бар ёфтаҳои дигарон (бегонагон) ва анҷоми чашмбастаи он чи ки дигарон мегӯянд, натиҷае ғайр аз вобастагии ҳамешагии фикрӣ ва масрафзадагии илм надорад. Ҳарчанд шикастани фазои таслиму тақлиди ҳукмфармо бар ниҳодҳои илмии кишвар, ки масрафкунандаи дониши тарҷумашуда, таҷрубагардидаи Ғарб ва Русия ҳастанд, кори осоне нест. Вобастагии фикрии донишмандон бояд аз байн биравад ва онҳо бо шуҷоат ва ҷасорат ба пешкаши назарияҳои навин, агарчи мухолифи мутафаккирони ғарбӣ ва русӣ бошад ҳам, бипардозанд. **Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асараш “**Чеҳраҳои мондагор” **менависад: “**Мо мероси гузаштаи маънавӣ ва шахсиятҳои барӯманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи худро бояд хуб шиносем ва бо истифода аз осори ғанӣ ва боарзиши онҳо ҷомеаи имрӯзаро дар руҳияи эҳтиром ба гузаштагон тарбия карда, ба ин васила як давлати озод, обод, орӣ аз таассубу ихтилоф эҷод намоем”.

7. Омӯзиш дода шудани таҳаммул ва ҳамдигарпазирӣ аз даврони кӯдакӣ, тақвият додани таҳаммул дар муҳити дарсӣ ва академӣ, борвар сохтани таҳаммул бо тарбияти волидайн дар вуҷуди фарзандон, таваҷҷуҳ намудан рӯйи нуктаҳои мусбати худ ва дигарон, омода сохтани зеҳн барои пазириши анвои сарзаниш ва таҳқирҳо, омода кардани посухи мусбат дар муқобили бархӯрди нодурусти дигарон, коҳиши таваққуи густарда аз дигарон, машварат бо донишмандон ва бузургон, тарки маҳалли ҷанҷол ва асабоният аз муҳимтарин шева ва методҳои тақвияти таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди шахсон ба шумор меравад.

Эммануэл Кант дар рисолаи “Равшангарӣ чист?” мегӯяд: “Файласуфон бояд иҷозат дошта бошанд ва ташвиқ шаванд, ки ошкоро мунозира кунанд” [12]. Нуктаи баъдӣ дар рисолаи мазкур ин аст, ки баҳс ва мунозираи умумӣ ҳақиқатро дармеёбад ва шоҳон ҳеҷ тарсе аз ҳақиқат набояд дошта бошанд.

Дар саросари гуфтугӯҳои Афлотун бо Суқрот аз рӯйи қасд Суқрот худро маҳор мекунад ва ба таҷоҳул мезанад. Ӯ хоксорона иддаои ҷаҳлу нодонӣ мекунад ва ба дигарон иҷозат медиҳад, ки мавқеи худашонро парвариш диҳанд ва иштибоҳоти худашонро муртакиб шаванд. Он ҳам аз рӯйи ба расмият шинохтани ин ки ин беҳтарин ва шояд танҳо шеваи пеш рафтан дар ҷустуҷӯйи ҷамъӣ дар пайи ҳақиқат аст. Мақсади асосии Суқрот кашфи ҳақиқат аз тариқи баҳс ва мунозира бо зеҳни кушода аст. Аммо бидуни таҳаммулпазирӣ ҳеҷ гуфтугӯ, дар ҳақиқат ҳеҷ омӯзише рух намедиҳад. Тааҳҳуди Суқрот ба таҳаммулпазирӣ бахше аз боварии маърифатшиносии ӯ ба худмухтории хирад аст. Ҳар як аз мо бояд ҳақиқатро барои худамон аз тариқи гуфтугӯйи базобита, хоксорона ва ботаҳаммул кашф кунем.

Ҷон Лок истидлол мекунад, ки мақомоти маданӣ ва руҳониёни калисо бояд ақидаҳои гуногунро таҳаммул кунанд. Чун наметавон инсони дигареро водор ба доштани имон кард. Ӯ дар иддаое, ки ёдовари Ҷон Эстворд Милтон аст, мегӯяд: “Ҳақиқат бешак кораш беҳтар пеш меравад, агар иҷозат дода шавад, худаш аз худаш муҳофизат кунад... ҳақиқатро қонун таълим намедиҳад ва эҳтиёҷе ҳам ба зӯр барои ворид шудан дар зеҳни мардум надорад” [12].

Ҷон Эстворд Милтон аз озодии баён ҳамчун амри зарурӣ барои кашфи ҳақиқат муҳофизат мекунад. Далели маърифатшиносии Ҷон Эстворд Милтон бо ин фарз оғоз

мешавад, ки ашхос маслиҳати худашонро беҳтар аз ҳар каси дигаре ташхис медиҳанд.

Дар баҳсҳои охир миёни файласуфони асри муосир талош шудааст, ки бори дигар миёни "таҳаммулпазирӣ ва фазилат" робитае барқарор шавад. Ин нависандагон бар ин андешаанд, ки оё "таҳаммулпазирӣ", дарвоқеъ "фазилат" аст ва агар чунин аст, чӣ навъ фазилате мебошад? Дағдағаҳои баробарии нажодӣ, бетарафии ҷинсиятӣ ва поёни бартариҷӯйӣ, эҳтиром ба тафовутҳои фарҳангӣ қавмиятиву таахҳуди куллӣ ба чанд фарҳангигарӣ баҳсҳои дурударозеро дар бораи моҳияти "таҳаммулпазирӣ" дар асри ҷаҳонишудан ва яксонсозии "мо" ба вуҷуд овардааст.

Дар ИМА қонуни ниҳоӣ аввал таҳаввулёфтае аст ва мавқеиятеро барои тасаввури бисёр густарда аз озодии баён, озодии матбуот ва озодии дин фароҳам кардааст. Механизмҳое барои итминон ҳосил кардан аз баробарии ҳимоятгари он гурӯҳҳои ақаллияте шудааст, ки замоне қурбонии таҳаммулнопазирии сиёсӣ шуда буданд.

Аҳамияти ин масъаларо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ равандҳои тезутунд шудани ҷаҳонишавии раванди тамаддуни ҷаҳонӣ муайян мекунад. Дар робита ба ин, арзишҳо ва принсипҳои барои бақои умумӣ ва рушди озод зарурӣ (этика ва стратегияи зӯроварӣ, ғояҳои таҳаммулпазирӣ нисбат ба мавқеъҳои бегона, арзишҳо, фарҳангҳо, ғояҳои муколама ва ҳамфикрӣ, ҷустуҷӯйи созишҳои ба ҳамдигар қобили қабул ва ғайра) ба ҷойи аввал мебароянд. Раванди ташаккули низоми андешаҳои муосир дар бораи таҳаммулпазирӣ, аниқтараш, эътирофи он ҳамчун омили таҳкими сулҳ, ки қодир аст аз беадолатӣ ҳимоят кунад. Чунки сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад.

Ҷаҳон ба хислатҳои мухталиф, истеъдодҳо, афзалиятҳо, тахассусҳо, шуҳратпарастӣ, инчунин ба эътиқодҳо, расму оинҳо, тафовутҳои рафтор ва навъҳои зеҳн ниёз дорад. Инсон табиатан шаҳрванди ҷаҳон аст, ба ин маъно ки зиндагӣ ва ҳастӣ амалӣ намешавад, нафсияташ комил намешавад ва қобилияташ инкишоф намеёбад, ҷуз дар муҳити боз ва кушодаи иҷтимоӣ. Чунончи Фридрих Ратсел дар асарҳои худ мафҳуми «ҷуғрофияи сиёсӣ»-ро истифода намуда, кураи Заминро ягонагии том муаррифӣ карда, инсонро ҷузъи ҷудонашавандаи он медонист [13, с.401].

**Муқарриз: Манғитов М. – н.и.ф., дотсенти ДДМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо // Материалҳои конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ. 30 ноябри соли 2011 // - Душанбе, 2011. -270 с.
2. Ҷурҷи Зайдони. Таърихи одоб ал-луғат –ул –ъарабия. - Бейрут, 1983. - -Ҷ.1. - С. 324.
3. Абдулҳусейн Зарринкӯб. Корномаи Ислом. - Теҳрон, 1391//2012. -С. 25.
4. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. -Теҳрон, 1371//1992. -Ҷ.1. –С.18.
5. Абимансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоили Саолибии Нишопурӣ. Ятимат –уд-даҳр фи маҳосини аҳли –ил –аср. -Қоҳира, 1377. -Ҷ.4. –С.69.
6. Муҳаммад ибни Алии Заҳирии Самарқандӣ. Иғроз – ус –сиёсат фи эъроз –ур –риёсат. - Теҳрон, 1349//1930. -С-371 -372.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе, 2016. -С.210.

8. Абдуррахмони Кавокибӣ. Табоиъ –ул –истибдод. Тарҷумаи Абдулҳасейн Қочор. - Теҳрон, 1364//1985. -С.44.
9. Франтез Рузнитол. Маноҳиҷ –ул- уламо –ил-муслимина фи –ил-баҳс –ил –илмӣ. Тарҷимаи Анис Фариҳа. - Бейрут, 1983. –С.350.
10. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Даҳ гуфтор. - Теҳрон, 1363//1984. -С. 225.
11. Алии Шариатӣ. Исломшиносӣ. - Машҳад, 1347//1968. -С.200.
12. Андру Фиёло, Internet Encyclopedia of Philosophy. “Таҳаммулпазирӣ”. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.iep.utm.edu/tolerati/ (санаи истифодабарӣ: 28.07.2020)
13. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ, (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) / А.Н.Муҳаммад, М.У.Хидирзода, Х.Қ.Сафарализода. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 416с.
14. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон. – Душанбе: Пайванд, 2007. –260с.
15. Қурбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ) / А.Ш. Қурбонов. –Душанбе: Ирфон, 2016. – 108 с.


## ТАҲАММУЛПАЗИРӢ, РОҲКОРИҲОИ РУШДИ ОЗОДИИ БАЁН ВА ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Аҳамияти ин масъаларо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ равандҳои тезутунд шудани ҷаҳонишавӣ муайян мекунад. Тадқиқоти пешниҳодшуда муайян хоҳад кард, ки омилҳои ташаккули ин падида кадомҳоянд. Дар робита ба ин, арзишҳо ва принсипҳои барои бақои умумӣ ва рушди озод зарурӣ (этика ва стратегияи зӯроварӣ, ғояҳои таҳаммулпазирӣ нисбат ба мавқеъҳои бегона, арзишҳо, фарҳангҳо, ғояҳои муколама ва ҳамфикрӣ, ҷустуҷӯйи созишҳои ба ҳамдигар қобили қабул ва ғайра) ба ҷойи аввал мебароянд. Раванди ташаккули низоми андешаҳои муосир дар бораи таҳаммулпазирӣ, аниқтараш, эътирофи он ҳамчун омили таҳкими сулҳ, ки қодир аст аз беадолатӣ ҳимоят кунад. Чунки сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад. Ҷаҳон ба хислатҳои мухталиф, истеъдодҳо, афзалиятҳо, тахассусҳо, шуҳратпарастӣ, инчунин ба эътиқодҳо, расму оинҳо, тафовутҳои рафтор ва навъҳои зеҳн ниёз дорад. Инсон табиатан шаҳрванди ҷаҳон аст, ба ин маъно, ки зиндагӣ ва ҳастӣ амалӣ намешавад, нафсияташ комил намегардад ва қобилияташ инкишоф намеёбад ҷуз дар муҳити боз ва кушодаи иҷтимоӣ.



**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, мудоро, озодии баён, озодии ақида ва мазҳаб, консепсия, гуногунфарҳангӣ, фарҳанги миллӣ, инсонгароӣ, мусолиҳакорӣ, гуманистӣ, ҳамдардӣ.


## ТОЛЕРАНТНОСТЬ, ПУТИ РАЗВИТИЯ СВОБОДЫ СЛОВА И ЗАЩИТЫ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ РЕСУРСОВ В НАШЕ ВРЕМЯ


В статье рассматривается толеранность как социальное явление, которое определяется процессами интенсификации процесса глобализации, а также ценностями и принципами, необходимыми для общего выживания и свободного развития (этика и стратегия насилия, идеи терпимости к чуждым позициям, ценностям, культурам, идеям диалога и консенсуса, поиску взаимоприемлемых договоренностей и др.).
Процесс формирования системы современных представлений о толерантности состоит в признании ее как фактора укрепления мира, способного защитить от несправедливости. Потому что человеческий капитал является важным фактором развития производства и экономики, от качества которого зависит прогресс всех отраслей. Он занимает первое место среди долгосрочных факторов дальнейшего экономического развития (по сравнению с природными ресурсами, финансовым капиталом). Предлагаемое исследование позволит определить, как практиковалась толерантность в истории государства Саманидов, каковы были факторы, приведшие к этому явлению. Миру нужны разные таланты, предпочтения, специализации, амбиции, а также убеждения, обычаи, различия в поведении и типах ума. Человек по своей природе является гражданином мира в том смысле, что жизнь и существование не реализуются, его душа не совершенствуется и его способности не развиваются нигде, кроме как в открытой социальной среде.



**Ключевые слова:** толерантность, плюрализм, поликультурность, национальная культура, снисходительность, гуманизм, милосердие, сочувствие, концепция.


## TOLERANCE, WAYS TO DEVELOP FREEDOM OF EXPRESSION AND PROTECT INTELLECTUAL RESOURCES IN MODERN TIMES


The importance of this question as a social phenomenon is determined by the processes of intensification of the process of globalization. In connection with these values and principles, necessary for general survival and free development (ethics and strategy of rape, ideas of tolerance for foreign positions, values, cultures, ideas of dialogue and consensus, the search for mutual understanding). Come first. The process of forming a system of modern

representations of tolerance, more precisely, its recognition as a factor in strengthening the world, is capable of protecting it from injustice. Because human capital is an important factor in the development of production and the economy, the quality of which depends on the progress of all industries? It occupies the first place among long-term factors of further economic development (in comparison with natural resources, real capital and financial). The proposed study will allow us to determine how tolerance was practiced in the history of the Samanid state, as well as the factors that led to this phenomenon. The world needs different qualities, talents, preferences, specializations, ambitions, as well as beliefs, customs, differences in behavior and types of mind. A person in his nature is a citizen of the world, in the sense that life and existence are not realized, his soul is not perfected and his abilities are not developed, as in an open and open social.

**Key words:** tolerance, pluralism, national culture, indulgence, humanism, charity, sympathy, conception.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бойназаров Ҳасан Эшонқулович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.Телефон: **(+992) 909-29-10-81**
E-mail: **khasanjon07@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Бойназаров Хасан Эшонкулович*** – Институт философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,33. Телефон**: (+992) 909-29-10-81**
E-mail**: khasanjon07@mail.ru**

**Information about the author:** ***Boynazarov Khasan Eshonkulovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33Phone: **(+992) 909-29-10-81**
E-mail: **khasanjon07@mail.ru**

УДК: 167.7

# НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ИЛМИИ КАРЛ ПОППЕР

*Шодиев К.О.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Яке аз назарияҳои машҳур ва пурарзиши илми фалсафа ин назария ё консепсияи ратсионализм ба ҳисоб меравад, ки аз давраи фалсафаи атиқаи Юнон то ба ҳол сабабгори баҳсҳои мухталиф миёни олимон гаштааст ва дар фалсафаи муосири асри XX-XXI аз нав муҳиммияти ҷиддӣ касб намуд. Чун ратсионализм бо ду восита мехост донишҳои фалсафӣ, махсусан худи илмро мавриди санҷиш ва бозтаҳқиқ қарор бидиҳад. Аввалан, бо равиши ақлронӣ ё асоснок кардан, дувумин бо тариқи санҷиш фаҳмидани дурустии назарияи пешин. Шаккокӣ низ барои санҷиши назарияҳои мавҷуди пешина як воситаи муҳимест. Масалан, Декарт аз рӯйи ҳисси он, ки дар назароташ иштибоҳе накунад, ҳамаи эътиқодоту донистаҳояшро ба чолиш мекашаду ба ҳама чиз шакк мекунад [1, с.295]. Зеҳни Декарт ба мисли сабадест, ки дохилаш пур аз себ аст, вале себҳои осебдида низ дохили сабад вуҷуд доранд. Декарт ба хотири он, ки себҳои осебдидаро аз себҳои хуб ҷудо намояд, аввал ҳама себҳоро аз сабад берун меоварад, сониян, мавриди санҷиш қарор дода, сипас себҳои хубро дубора ба сабад меандозад. Воқеан, равиши методологии Карл Поппер ба равиши методологии Декарт шабоҳат дошт, вале бо тарзи дигар.

Карл Поппер (1902-1994) яке аз машҳуртарин файласуфи қарни XX дар равиши методологии илмии худ, расман танқиди ошкори ҳама гуна ғоя ва ҷасорати афкори назария808о қадр намуда, ҳамчун мутафаккири варзида ба қадри кофӣ ҷасорат дошт, ки асари “Ҷумҳурӣ”-и Афлотунро (тақрибан 428-348 пеш аз милод) маҳкум кунад ва ба тафсири зоҳиран «илмии» асолати таърихи Карл Маркс (1818-1883) ҳамла карда, онро ғайриилмӣ номида, мақоми илмии назарияи психоанализи машҳур Зигмунд Фрейд (1856-1939) ва «психологияи инфиродӣ»-и Алфред Адлер (1870-1937)-ро зери шубҳа гузошт ва принсипи тафтиши доираҳои Венаро интиқод карда, сипас аз ҷиҳати зеҳнӣ ба муқобили эмпиризми мантиқӣ баромад намояд [15, с.1].

Худи Поппер далерона роҳҳои нави тафаккур дар бораи табиати илм, дар бораи космология ва детерминист будани дунё, дар бораи он ки эҳтимолият чист, дар бораи маънои механикаи квантӣ ва мафҳуми сифатҳои озодӣ ва амният дар ҷомеаро кушода, методҳои илмии тадқиқотии худро пешниҳод кардааст. Маълум аст, ки танқид мафҳуми таҳкурсии (фундаменталии) фалсафаи Поппер аст. Поппер бовар дошт, ки ҳар як унсури тафаккури инсонӣ бояд барои танқиди эҳтимолӣ кушода бошад. Ба ҳамин монанд, Поппер боварӣ дошт, ки ҳар як унсури амалияи инсонӣ низ бояд барои танқиди эҳтимолӣ кушода бошад [15, с.2]. Бо вуҷуди ин, Поппер эътироф мекард, ки дар амалиётҳо ё таҳқиқоти илмӣ эҳтиёткор будан лозим аст. Шуҳратпарастӣ, утопистӣ (хаёлпарастӣ) ва инқилобӣ будан, ба назари Поппер, ҳамеша қобили қабул набуд. Ба ақидаи Поппер “...мо бояд ҳамеша барои ислоҳоти амалиямон кушода бошем, вале ислоҳшавӣ дар асоси санҷиш ва интиқод бояд сурат гирад. Ҳар як тағйироте, ки мо анҷом медиҳем, дар раванди он бояд ба интиқод

кушода бошем. Ҳамеша бояд имконпазир бошад, ки ислоҳоти бавуҷудовардаи мо як қадами хато дар гузашта буд, чун он як равиши инкишофдиҳандаест” [7, с.38-41].

Назарияи методологии Карл Поппер усули санҷиши дедуктивии илмӣ, ё ин ки фарзияест, ки танҳо пас аз ба таври эмпирикӣ санҷида шаванда ба шумор меравад. Ин дидгоҳро, ки хилофи индуксия аст, дедуксия меноманд. Бо далели он ки эътиқод ба мантиқи индуктивӣ асосан натиҷаи омезиши мушкилоти равонӣ бо мушкилоти гносеологӣ аст, бинобар ин Поппер миёни асолати равоншиносӣ (психологизм) [5, с.81] ва маълумоти мантиқӣ, ки бо далелҳои эмпирикӣ ба якдигар алоқаманданд ва ин далел ба робитаҳои мантиқӣ алоқаманд аст, фарқият мегузорад. Аз инҷост, ки Поппер равиши худро яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти фалсафӣ номидааст. Ӯ чунин қайд менамояд: “Албатта, ман хато карда метавонам, вале ман чунин мешуморам, ки масъалаи асосии фалсафаро ҳал кардаам, ин масъала масъалаи индуксия аст. Ин ҳалли ниҳоят самарабахш буда, он ба ман имконият дод, ки як қатор масъалаҳои дигари фалсафиро низ ҳал кунам” [11, с.1].

Карл Поппер барои тавсифи фалсафаи худ истилоҳи “ақлгароии интиқодӣ” (ратсионализми интиқодӣ)-ро ба кор мебарад. Вобаста ба усулҳои таҳқиқотии илмӣ, ба андешаи Поппер, истилоҳи “ақлгароии интиқодӣ” ба он далолат мекунад, ки он эмпиризм (таҷрибагарои)-и классикиро инкор намуда, аз доираи маърифати амалӣ ва зеҳнӣ холӣ аст. Ба ақидаи ӯ: “...чунин менамояд, ки вожаи “таҷриба”, ақаллан дар баъзе мавридҳо корбурди одиест, ки бо он чи ба ақидаи ман вижагии “таҷрибаи амалӣ” ва “маърифати таҷрибаи одӣ” ба шумор меравад, бо таҳлилҳое, ки аз қадим байни файласуфони таҷрибагарой маъмул будааст, ба маротиб беҳтар мувофиқат мекунад” [4, с.10].

Метавон нахуст суоле кард, ки “оё тарҷеҳи ратсионалӣ вуҷуд дорад ё на”? Ба ақидаи Поппер, “...аз нуқтаи назари ратсионалӣ, мо набояд ба ягон назария ***“бовар”*** кунем, зеро ҳеҷ як назария то ҳол ҳақиқӣ будани худро нишон надодааст ва нишон дода низ наметавонад. Мо бояд назарияи беҳтарини озмудашударо ҳамчун асоси рафтор интихоб кунем. “Эътимоди мутлақ” вуҷуд надорад, аммо азбаски мо бояд интихоб кунем, дар ин сурат барои мо интихоби назарияи озмудашуда ***“ратсионалӣ”*** хоҳад буд” [12, с.114]. Поппер иброз медошт, ки назарияи озмудашуда, то ба ҳол дар раванди баҳсҳои интиқодӣ беҳтарин ба шумор меравад. Инчунин, вай аз мубоҳисаи интиқодии дуруст ба роҳ мондашуда чизи оқилонатареро намедонад. Зеро қарори ратсионалӣ ин маънои онро дорад, ки методҳои интиқодӣ худашон ба танқиди шадид тоб овардаанд. Маҳз ҳамин фикр вокуниши манфиро хеле муҳим мекунад. Аз инҷост, ки Поппер таъкид мекунад, ки ҳеҷ як назария набояд кӯшиш кунад, ки чаро мо дар шарҳ додани чизҳо муваффақ мешавем ё муваффақ намешавем? [12, с.115-116].

Поппер назарияи илмии худро ҳамчун назарияи усули санҷиши дедуктивӣ муайян мекунад, ё ақидае, ки гипотезаро танҳо пас аз санҷиши эмпирикӣ таҳия кардан мумкин бошад, иброз медорад. Ин дидгоҳро бар хилофи индуксия дедуксия меноманд. Индуксия ҳосил кардани дониши навро кафолат намедиҳад. Агар индуксия танҳо аз ҷузъ ба кулл тасаввур шавад, моҳияти он норавшан мемонад, зеро моҳияти асосии он аз дониши эҳтимолӣ иборат будани он аст. Дедуксия бошад, ин ҳосил кардани ҳамон андоза дониши саҳеҳе аст, ки дар далелҳо, ҳукмҳои хулосабарорӣ дода шудааст. Дедуксия дониши мантиқие аст, ки бидуни мушоҳида, таҷриба, интуитсия ҳосил мешавад. Дар мантиқ хулосабарории дедуктивиро хилофи

индуксия гузоштан лозим нест, зеро онҳо шаклҳои мухталифи як раванд, раванди маърифат мебошанд [2, с.90]. Вале дар равиши илмии Карл Поппер дедуксия ин як равиши илмию мантиқии хилофи индуксия равона шуда ба шумор меравад. Бо далели он, ки эътиқод ба мантиқи индуктивӣ асосан натиҷаи омезиши мушкилоти равонӣ бо мушкилоти гносеологӣ аст, бинобар ин Поппер байни асолати равоншиносӣ (психологизм) [5, с.81], ки бо далелҳои эмпирикӣ алоқаманд аст ва маълумоти мантиқӣ, ки ба робитаҳои мантиқӣ алоқаманд аст, фарқ мегузорад. Зеро ба гуфтаи Поппер, суоле, ки ***"андешаи нав ба зеҳни инсон чӣ гуна меояд,*** метавонад таваҷҷуҳи равоншиносии таҷрибавиро ба худ ҷалб намояд, вале ин барои таҳлили мантиқии донишҳои илман асоснок тамоман аҳамият надорад. Зеро таҳлили мантиқӣ бораи суолҳое, ки ба воқеият рабт доранд нест, он барои асоснок кардан ё эътибор пайдо кунонидани суол ва назарҳост [17, с.7-8].

Ба ақидаи Поппер, усули аз нуқтаи назари интиқодӣ озмоиши назарияҳо ва интихоби онҳо аз рӯйи натиҷаҳои озмоиш, ҳамеша чунин сурат мегирад, яъне як озмоиши назарияро метавон бо чаҳор роҳи гуногун анҷом дод:

1. Муқоисаи мантиқӣ миёни натиҷаҳо анҷом дода мешавад, ки мувофиқи он мутобиқати дохилии система озмуда мешавад.

2. Шакли мантиқии назария барои муайян кардани он, ки вай характери назарияи эмпирикӣ, илмӣ ё тавтологӣ (ба ибораи дигар такрор кардани ҳамон чизе, бидуни равшан кардани маъно) дорад, ҷустуҷӯ карда мешавад.

3. Назария бо дигар назарияҳо муқоиса карда мешавад, то муайян шавад, ки оё он дар шаклҳои мухталиф озмуда шудааст ё не ва он ба пешрафти илм таъсир мерасонад ё не.

4. Назария тавассути истифодаи таҷрибавии хулосаҳое, ки аз он баровварда мешаванд, озмуда мешавад [17, с.9].

Мақсади озмоиши ниҳоӣ омӯхтани он аст, ки то чӣ андоза натиҷаҳои нави назариявӣ ба талаботи амалӣ мувофиқат мекунанд. Дар ин ҷо низ раванди озмоиш дедуктивист. Бо ёрии изҳороти қаблан қабулшуда, аз назария «аз рӯйи каср» ба осонӣ санҷидашаванда ё татбиқшаванда, яъне изҳороти алоҳида, дар танҳоӣ гирифта мешаванд. Дар байни ин гуфтаҳо онҳое интихоб карда мешаванд, ки аз назарияи мавҷуда хулоса баровардан ғайриимкон аст ва дар ин раванд махсусан аз он назарияҳое, ки бо назарияи мавҷуда мухолиф аст, интихоб карда мешаванд. Сипас, мо кӯшиш мекунем, ки дар бораи ин ва дигар изҳороти истилоҳшуда тавассути муқоисаи онҳо бо татбиқи амалӣ ва натиҷаҳои таҷрибаҳо ба хулосае биёем. Агар ин қарор таҷридӣ ва мусбат бошад, яъне агар натиҷаҳои ягона қобили қабул ё тасдиқ бошанд, пас назария муваққатан аз озмоиш гузашта ҳисобида мешавад. Яъне, мо барои аз ин назария фирор кардан ягон асос дарнаёфтаем. Аммо, агар қарор манфӣ бошад, ё ба ибораи дигар, агар натиҷаҳо ибтолпазирӣ ё таҳрифсозӣ (фалсификатсия) [4, с.11] шуда бошанд, пас таҳрифсозии он, назарияеро, ки аз он мантиқ баровварда шуда буд, низ бардурӯғ шуморида мешавад [17, с.10].

Қарори мусбӣ метавонад танҳо муваққатан назарияро ҷонибдорӣ кунад. Зеро қарорҳои манфии минбаъда ҳамеша метавонанд назарияро аз риштаи илмӣ берун бурда, ба қавли дигар "халалдор" кунанд. Аммо назарияро метавон гуфт, ки бо таҷрибаи гузашта "худ тасдиқшуда" ё "тасдиқ" шудааст, ба шарте ки он ба озмоишҳои муфассал ва ниҳоят мушкил тоб оварад ва дар ҷараёни рушди илмӣ бо

назарияи дигар ҷойгузин нашавад. Ба ақидаи Поппер, дар ин раванд ҳеҷ чизи шабеҳи мантиқи индуктивӣ пайдо намешавад ва таҳқиқи муфассалтари ин усули дедуктивӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи масъалаҳоеро, ки чун «гносеологӣ» таъриф шудаанд ва аз мантиқи индуктивӣ бармеоянд, метавон ҳал кард [17, с.10].

Тавре ки мо қаблан зикр кардем, Поппер тасдиқ мекунад, ки илме, ки дар натиҷаи таҷриба ба вуҷуд омадааст, бояд аз рӯйи усулҳои он муайян карда шавад. Аз ин сабаб, ӯ исрор мекунад, ки бояд қоидаҳои махсус қабул карда шаванд, то қобилияти озмоиши изҳорот ё мафҳумҳои илмӣ дошта бошанд (яъне меъёр ё чаҳорчӯба барои озмоиши методҳои илмӣ) ва ин қоидаҳои методологиро ҳамчун ***“назарияи бозӣ”*** ва донишҳое, ки дар натиҷаи таҷриба ба вуҷуд омадаанд, ҳамчун созиш муайян карда шаванд. Ин қоидаҳо аз қоидаҳои ***мантиқи содалавҳона*** [4, с.85-86] фарқ мекунанд. Зеро ягон таҳқиқотро дар як сатҳ бо таҳқиқоти сирф мантиқӣ ҳамчун усул дидан мувофиқи матлаб нест [17, с.28-32]. Ба ақидаи Поппер, ин равандро бо ду мисоли одии қоидаҳои методологӣ шарҳ додан мумкин аст:

1. Бозии илмӣ, умуман, беохир аст. Агар рӯзе ифодаи илмии озмоиши пешакӣ, озмоиши минбаъдаро талаб накунад ва ҳар касе, ки қарор мекунад, ки онҳо ниҳоят озмуда шудаанд, аз бозӣ хориҷ мешавад.
2. Агар гипотезаи пешниҳодшуда, озмуда ва собит шуда бошад, набояд бе ***«сабаби узрнок»*** рад карда шавад. ***“Сабаби узрнок”*** метавонад фарзияро бо фарзияи беҳтар озмудашуда иваз кунад ё яке аз оқибатҳои тахминро таҳрифшуда ё ботил барорад [17, с.32].

Ба ақидаи Поппер, илмеро, ки дар натиҷаи таҷриба ба вуҷуд омадааст, метавон тавассути ин қоидаҳои методологӣ муайян кард. Ин қоидаҳо мунтазам муқаррар карда мешаванд. Ин қоидаҳо дар муайян кардани дигар қоидаҳо ҳамчун чаҳорчӯба (меъёр, норма) амал мекунанд. Маҳз ҳамин қоида сабаб мешавад, ки қоидаҳои дигари раванди таҳқиқоти илмӣ бояд тавре тарҳрезӣ шаванд, ки ҳар як мафҳум ё изҳоротро дар раванди таҳқиқоти илмӣ дар баробари ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) ва таҳрифсозӣ (фалсификатсия) ҳифозаткунанда бошанд. Поппер қайд мекунад, ки ин робитаи мунтазами байни қоидаҳо имкон медиҳад, ки дар бораи назарияи методология суҳбат кунем. Ӯ таъкид мекунад, ки набояд аз методология ҳақиқатҳои амиқро интизор шуд. Аммо методология, масалан, то кадом андоза ифодаи эҳтимолият қобили қабул аст ё не, инчунин дар ҳалли баъзе мушкилоти муҳимми методологӣ ва таҳқиқоти илм ба мо ёрӣ расонда метавонад. Дар баробари ин, ба ақидаи Поппер, бисёр мушкилоти фалсафаи назариявиро ҳам метавон бо ҳамин роҳ ҳамчун мушкилоти методӣ (методологӣ) аз нав шарҳ дод [17, с.33-34].

Поппер таъкид мекунад, ки барои муайян кардани он ки системаи назариявӣ ба илми таҷрибавӣ (эмпирикӣ) тааллуқ дорад ё не, мо бояд ба меъёри таҳрифсозӣ (фалсификатсия) муроҷиат кунем. Аммо, оё дар ҳақиқат системаҳои назариявиро бо меъёрҳои таҳрифсозӣ ва ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) озмоиш кардан мумкин аст ё на? Мувофиқи ақидаи мактаби конвенсионализм [6, с.283-284] дар ин бобат меъёри таҳрифсозӣ нокифоя боқӣ мемонад [17, с.61]. Конвенсионализми классикӣ ба содагии олам таъкид карда, қайд мекунад, ки ин содагиҳо дар қонунҳои физикӣ ошкор шудаанд. Тибқи ин фарзия, қонунҳои табиат ба мо соддагии сохтори ҷаҳонро дар зери гуногунии бешумори он нишон медиҳанд. И. Кант кӯшиш мекард, ки ин содагиро бо далел фаҳмонад, ки ***“шуури худи мо барои табиат қонунҳо ба вуҷуд***

***меоварад”*** [10, с.72; 9, с.618]. Яъне, конвенсионализми классикӣ ин содагиро маҳсули худи мо мешуморад. Аммо, Кант бовар намекунад, ки табиат одию сода аст. Содагиҳо танҳо “қонунҳои табиат” мебошанд ва табиатшиносии назариявӣ танҳо сохти мантиқӣ аст, на тавсифи табиат. Ин сохторро на ин, ки сифатҳои ҷаҳон муайян мекунанд, балки баръакс, ин сохтор аст, ки сифатҳои ҷаҳони сунъиро муайян мекунад ва ҷаҳоне, ки илм дар бораи он сухан мегӯяд, танҳо он ҷаҳони воқеӣ аст. Бинобар ин қонунҳои табиатро бо мушоҳида сохтан ғайриимкон аст. Зеро онҳо барои муайян кардани чӣ будани мушоҳида ва тадбири илмӣ заруранд [17, с.58]. Ба назари Поппер, конвенсионализми классикӣ аз рафтор ва рафтори банақшагирифташуда, мувофиқи ратсионализм ва далелҳои дедуктивӣ иборат аст. Он аҳамияти нақши марҳалаҳоро дар идоракунии таҷрибаҳои илмӣ дарк намуда, ба равшан сохтани муносибатҳои назариявӣ ва амалӣ (таҷрибавӣ) ёрӣ расонидааст. Аммо Поппер даъвои конвенсионализми классикиро дар бораи итминони ниҳоӣ аз илм танқид мекунад. Зеро бо тафсири ҳама гуна системаи илмӣ ҳамчун системаи таърифҳои дақиқ, метавон ба ҳадафи «системаи иттилоотиеро, ки бар пояҳои мукаммал сохта шудааст», амалӣ кард.

Ба ҳамин тариқ, бар хилофи даъвои конвенсионализми классикӣ, ки системаҳои назариявии илмҳои табиатшиносӣ санҷиданашавандаанд, метавон гуфт, ки ин системаҳои назариявӣ низ беасосанд. Зеро дар ҳар вақт «ҳақиқат»-и ҳар як системаи аксиоматикиро ба даст овардан мумкин аст, ё муносибати шубҳанокро ба эътимоднокии озмоишгаре, ки мушоҳидаҳояшон ба системаи мо таҳдид мекунад, гирифтан мумкин аст [17, с.59-60]. Ба ақидаи Поппер, “мо тасмим хоҳем гирифт, ки агар методология ва системаи пешниҳоднамудаи мо ба объективӣ будани илм таҳдиде ба вуҷуд биоварад, дар ин маврид мо ҳеҷ гоҳ онро бо ҳеҷ як методология ва системаи анъанавӣ (махсусан бо системаи конвенсионализми классикӣ) наҷот намедиҳем. Ҳамин тариқ, мо аз истифодаи имконияти ҳамеша кушодаи дар боло зикршуда эҳтиёт хоҳем кард. Яъне, дар умум гуфтан мумкин аст, ки системаи методологии мо системаи ***“мутобиқат бо воқеият”*** ном дорад” [18, с.61].

Поппер чунин қайд мекунад: “Як назарияро метавон «эмпирикӣ-таҷрибавӣ» ё «таҳрифшуда» номид, агар он тамоми системаи имконпазири изҳороти асосиро ба ду зерсинфи содаи зерин тақсим карда тавонад: якум, синфи изҳороти бунёдӣ, ки хилофи он аст. Мо онро синфи таҳрифсозони эҳтимолии назария меномем; дуюм, системаи гуфтаҳои асосӣ, ки хилофи он нест. Мо инро ба таври мухтасар баён карда метавонем, ба мисли назария агар аз синфи ботилҳои эҳтимолӣ холӣ набошад, нодуруст аст” [17, с.65-66]. Поппер миёни таҳрифсозӣ ва ботилсозӣ фарқ гузошта, онро танҳо ҳамчун меъёри хусусияти эмпирикии системаи сифатҳои таҷрибавидошта тасдиқ мекунад. Ибтолпазирӣ бошад, ба даъвати қоидаҳои мушаххас дахл дорад, ки шароитҳоеро муайян мекунанд, ки дар он система бояд қалбакӣ, сохта ё таҳрифшуда ҳисобида шавад.

Яъне, назарияро дар сурате сохташуда донистан мумкин аст, ки агар гуфтаҳои асосие, ки ба он мухолифанд, қабул карда шаванд. Ба гуфтаи Поппер, ин шарт зарур аст, вале кифоя нест. Зеро амалиётҳои ягонае, ки дубора таҷриба карда намешаванд, барои илм арзише надоранд. Дар ин сурат мо метавонем назарияро ҳамчун сохташуда қабул кунем, агар мо натиҷаҳои такроршавандаро кашф кунем, ки онро рад мекунанд. Ин гуна тахминро Поппер назария ё фарзияи сохташуда меномад. Ба

ақидаи Поппер, ҳар чизе ки илмӣ шуморида мешавад, бояд аз ғалбери таҳрифсозӣ гузаронида шавад. Поппер ҳеҷ як назарияро таҳрифнашаванда намеҳисобид [4, с.11]. Талабот дар бораи он, ки назарияи сохташуда бояд таҷрибавӣ бошад, муносибати муайяни мантиқии назарияро бо изҳороти эҳтимолии асосӣ талаб мекунад. Ба ибораи дигар, изҳороти асосие, ки хилофи назария қабул карда мешаванд, бояд як назарияи ботилро таъмин кунанд, то ки дар таҳриф ё сохта будани назария кофӣ ҳисобида шаванд [17, с.65-66; 20, с.28-50]. Асосҳои ниҳоӣ барои тасдиқи сохта будани назарияҳо ва тахминҳо кадомҳоянд? Ин масъала дар бораи асоси эмпирикии раванди таҳрифсозӣ ва ботилсозӣ равшан кардани моҳияти расмии изҳороти мушоҳидаро, ки аз назарияҳои мантиқӣ бароварда шудаанд, талаб мекунад [19, с.400].

Ба ақидаи Поппер, танҳо мушоҳида метавонад ба мо дар бораи фактҳо (далелҳое, ки аз онҳо דониш ҳосил мешавад) маълумот диҳад ва мо метавонем аз фактҳо танҳо тавассути мушоҳида огоҳ шавем. Аммо ин донишҳои ҳосилшудаамон дурустии ҳеҷ як изҳоротро на исбот мекунад ва на тасдиқ мекунад. Поппер ифодаҳои якхеларо ҳамчун «изҳороти ягонаи экзистенсиалӣ» (масалан, ҳодиса ба ин ё он тарз дар минтақаи **k** рух медиҳад) ва «изҳороти мавҷуд набудани якзайл» (дар ин ва он роҳ дар минтақаи **k** рух намедиҳад) таҳия намуда, қайд мекунад, ки изҳороти асосӣ дорои шакл аст. Инчунин, ӯ зикр мекунад, ки изҳоротҳои экзистенсиалии инфиродӣ низ бояд талаботи моддии ҳодисаи дар минтақаи **k** рухдодаро қонеъ гардонад. Ин ҳодиса бояд як ҳодисаи мушоҳидашаванда бошад, яъне ифодаҳои асосӣ бояд мушоҳидашавандаи санҷидашудаи субъективӣ бошанд. Зеро мафҳуми ***«ҳодисаи мушоҳидашаванда»***-ро метавон ба маънои равоншиносӣ низ шарҳ дод. Аммо, дар ҳоле ки мушоҳидаҳо ва даркҳо метавонанд равонӣ бошанд, агар мафҳуми «мушоҳидашаванда» ё «ҳодисаи мушоҳида-шаванда» ҳамчун истилоҳи номуайяне пешниҳод шавад, ки истифодааш ба қадри кофӣ дақиқ бошад, мушоҳидашавандагӣ равонӣ нахоҳад буд. Аз ин рӯ, Поппер изҳороти асосиро ҳамчун изҳороте мебинад, ки он нишон медиҳад, ки ҳодисаи мушоҳидашаванда дар минтақаи муайяни фазо ва вақт рух медиҳад [17, с.76-85]. Ба ақидаи Поппер, ҳар як озмоиши назариявӣ бояд дар як мафҳуми асосие, ки ӯ тасмим гирифтааст, нуктаи ниҳоии худро ёбад. Дар акси ҳол, ин озмоиш моро ба ҳеҷ як нуктае намебарад. Аммо аз нуқтаи назари мантиқӣ ин ҳеҷ гоҳ бояд чунин набошад. Зеро ҳар як мафҳуми асосиро метавон бо истифода аз ҳар як мафҳуми асосие, ки аз он бо ёрии ҳама гуна назария ба сифати меъёр гирифта шудааст, дубора озмуд. Ин раванд анҷоми табиӣ нахоҳад дошт, хусусан вақте ки мо ба як навъи мафҳуми озмудашаванда мерасем [17, с.86].

Далели он, ки агар лозим шавад мафҳуми асосиро осон ва сода баъдтар аз озмоиш мегузаронем, он гоҳ занҷири дедуктивиро беохир месозад. Аммо ба ақидаи Поппер, чунин регрессияи беохир безарар аст, зеро дар назария исбот кардани ҳар гуна ифода баҳси ин раванд ҳисоб намешавад. Гарчанде ки тасмим дар бораи қабули мафҳуми асосӣ ба таҷрибаи мо алоқаманд аст, мо кӯшиш намекунем, ки дурустии мафҳуми асосиро аз ин таҷрибаҳо исбот кунем. Зеро таҷрибаҳо метавонанд тасмимеро барангезанд, аммо ифодаи асосиро асоснок карда наметавонанд [17, с.87]. Андешаҳои Поппер дар хусуси асосҳои эмпирикии ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) ва таҳрифсозӣ аз ҳад зиёд мавриди интиқод қарор гирифтаанд. Масалан, Курт Хюбнер изҳор дошт, ки ҳар як ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) маҷмуи меъёриеро соҳибанд ва агар ин меъёрҳо пешгӯйӣ бошанд, пас ботилсозӣ пешгӯйӣ хоҳад буд. Курт Хюбнер изҳор

дошт, ки агар онҳо худсарона мебуданд, ин ҳисобҳо амалан бемаънӣ мебуданд. Ҳюбнер изҳор дошт, ки олим наметавонад худро аз мурочиат ба индуксия пешгирӣ кунад, то ин баҳоҳоро ба вуҷуд орад, агар онҳо худ ба сабабҳои муайян асос ёфта бошанд. Нютон Смит низ ҳамин тавр изҳор дошт, ки ҳеҷ гуна ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) ва таҳрифсозӣ дар асоси индуксия вуҷуд надорад [13, с.16-17].

Ба назари Поппер, вазифаи асосии илм ҷустуҷӯйи ҳақиқат аст. Аммо ин ягона ҳадафи илми ҳақиқӣ нест. Он чизе ки мо бояд ҷустуҷӯ кунем, ҳақиқати ҷолиб аст, ки ба даст овардани он низ душвор аст. Он чизе, ки мо дар илмҳои табиатшиносӣ меҷӯем, инчунин ҳақиқати дорои қудрати баланди фаҳмондадиҳӣ аст. Зеро мо ба мушкилот ва суолҳои худ ҷавоб меҷӯем. Аз ин рӯ, ҳақиқатҳое, ки ба илм дахл доранд, ҳақиқатҳое мебошанд, ки танҳо ба суолҳои мантиқӣ ҷавоб медиҳанд [16, с.311]. Поппер қайд мекунад, ки ғояи дуруст ва мазмуни ғоя аз ҷиҳати мувофиқат бо далелҳо дар муҳиммият яксонанд ва ӯ бар ин назар аст, ки ин ду ғоя инчунин метавонанд сабаби пешрафти илм гарданд [16, с.313-314]. Ба хотири он, ки назария ё донишро дуруст ё нодуруст шуморем, Поппер барои озмоиши он меъёр ё чаҳорчӯбае дар ҳаҷми 6 банд пешниҳод намудааст, ки чунинанд:

1. **T2** нисбат ба **T1** иддаоҳои дақиқтареро пешниҳод мекунад ва ин иддаоҳои дақиқтар бо озмоишҳои дақиқтар асос ёфтаанд;
2. **T2** нисбат ба **T1** бештар далелҳоро (фактҳоро) дида баромада, сониян онҳоро шарҳ медиҳад;
3. **T2** далелҳоро (фактҳоро) нисбат ба **T1** муфассалтар таъриф ва ифода намуда, сипас шарҳ медиҳад;
4. **T2** аз озмоишҳое, ки **T1** нагузаштааст, мегузарад;
5. **T2** озмоишҳои нави таҷрибавиеро пешниҳод мекунад, ки пеш аз тарҳрезӣ ба назар гирифта нашуда буданд (ва он пешниҳодҳоро **T1** пешниҳод накардааст ва эҳтимолан ба **T1** дахл надорад);
6. **T2** то кунун масъалаҳои мухталифи ба ҳам алоқамандро яклухт ё муттаҳид кардааст [16, с.314-315].

Поппер дар бандҳои болозикр андешаҳои худро дар бораи ҳақиқат ва мазмуни он, инчунин ба назар гирифтани мувофиқати наздиктар ба ҳақиқат ё дараҷаи бештар ё камтари шабоҳат ба ҳақиқатро дар миён мегузорад, яъне бар хилофи эҳтимолият [16, с.315]. Фарз мекунем, ки мазмуни ҳақиқат ва ботил будани назарияҳои **T1** ва **T2** муқоисашавандаанд, мо метавонем танҳо дар ду шакл онро баён намоем:

- Агар мазмуни ибтолпазирии (ботилсозӣ) – и **T2** – нею, мазмуни ҳақиқати он аз **T1** зиёд бошад.
- Агар мазмуни ибтолпазирии (ботилсозӣ) – и **T1**, вале на мазмуни ҳақиқати он аз **T2** зиёдтар бошад, мо метавонем бигӯем, ки **T2** нисбат ба **T1** ҳақиқӣ ё воқеии бештар аст [16, с.316].

Чунин ба назар мерасад, ки ақидаи Поппер дар бораи ғояи наздик шудан ба ҳақиқат ё ҳадди аксар шабоҳат ба воқеият, дорои якчанд сифатҳои объективӣ бо ғояи ҳақиқати объективӣ ё мутлақ ва ё ҳамон сифати идеалии танзимкунанда мебошад. Ба ақидаи Поппер, ҳақиқати як назарияро аз раднопазирии он баровардан ғайри қобили қабул аст. Зеро, масалан, метавон ду назарияи якхелаи раднашавандае вуҷуд дошта бошад, ки бо ҳамдигар номувофиқанд, ба мисли детерминизм ва муқобили он, индетерминизм. Азбаски ҳеҷ кадоме аз ин ду назарияи ба ҳам зид

дуруст буда наметавонанд, мо метавонем аз он хулоса барорем, ки ҳарду назария инкорнопазиранд, аз ин лиҳоз раднопазирӣ ҳақиқатро талаб намекунад. Бинобар ин, аз раднашаванда будани як назария ҳақиқати назарияро баровардан қобили қабул нест [16, с.264]. Бо вуҷуди ин, Поппер барои фарқ кардани назарияҳои таҷрибавӣ аз назарияҳои ғайритаҷрибавӣ ё назарияҳои илмиро аз назарияҳои ғайриилмӣ пешниҳод мекунад, ки назарияҳои таҷрибавиро ҳамчун ***“инкорпазир”*** ва назарияҳои ғайритаҷрибавиро ҳамчун ***“инкорнопазир”*** эътироф бояд кард. Зеро, ба ақидаи Поппер, “...ҳар як озмоиши ҷиддии назария кӯшиши таҳрифсозии (фалсификатсияи) он аст. Аз ин рӯ, озмоишпазирӣ ба ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) монанд аст. Он чизест, ки назарияҳои таҷрибавӣ ё илмиро фарқ мекунонад, имкони радди назарияҳои таҷрибавӣ мебошад” [16, с.266].

Агар мо ин меъёр ё чаҳорчӯбаи инкорпазириро, ки дар боло зикр намудем, бипазирем, инчунин бояд эътироф кунем, ки назарияҳои фалсафӣ ё метафизикӣ аз рӯйи таърифи раднопазирианд. Дар ин маврид низ мо бо як суоли ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки миёни назарияҳои фалсафии ҳақиқӣ ва ботил чӣ гуна бояд фарқ гузошт?

Поппер назарияҳоро ба се намуд тақсим мекунад:

1. назарияҳои мантиқӣ ва математикӣ;
2. назарияҳои таҷрибавӣ ва илмӣ;
3. назарияҳои фалсафӣ ё метафизикӣ.

Ба қавли Поппер, барои фарқ кардани ҳақиқат ва ботили мафҳумҳо дар байни назарияҳои навъи якум, «...мо онро дар аввал зоҳиран (рӯякӣ) ва баъд шадидан, бо мақсади рад кардан меозмоем. Агар мо дар он ноком шавем, дар он сурат кӯшиш мекунем, то онро исбот кунем ё инкори онро рад кунем. Агар мо дубора ноком шавем, ин маврид мо кӯшиш мекунем, ки онро дубора рад кунем, то он вақте ки дар ин бора қарори ниҳоӣ нагирем, вагарна мо мегӯем, ки ин барои мо хеле душвор аст, дар он сурат мо он мушкилиро як сӯ мегузорем» [16, с.266-267]. Поппер дар асл, як равандро дар илмҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷриба ба вуҷуд меоянд, бо баъзе фарқиятҳо пайгирӣ мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки: “...мо назарияҳои худро меозмоем, онҳоро аз нуктаи назари интиқодӣ тафтиш мекунем, кӯшиш мекунем, ки онҳоро рад кунем. Ягона фарқияти муҳим дар он аст, ки ин дафъа мо метавонем дар таҳлили интиқодии худ далелҳои эмпирикӣ низ истифода барем. Аммо ин далелҳои эмпирикӣ танҳо дар якҷоягӣ бо дигар омилҳои муҳим вуҷуд доранд. Тафаккури интиқодӣ воситаи асосии методологии мост. Мушоҳидаҳо танҳо дар мавридҳое истифода мешаванд, ки барои муҳокимаи интиқодии мо мувофиқ бошанд” [16, с.267].

Агар озмоиши интиқодии назария, кӯшиши рад кардани худи назария набошад, дар ин сурат он чиро ташкил хоҳад дод? Оё ба назарияи раднашаванда бо методи ратсионалӣ, яъне аз нуктаи назари интиқодӣ баҳо додан мумкин аст? Кадом далели дурустеро мо метавонем ба тарафдорӣ ва ё муқобили назарияе, ки мо медонем, ки он на исботшаванда аст ва на инкоршаванда, гузорем? Оё назарияҳои фалсафии раднашавандаро аз нигоҳи интиқодӣ омӯхтан мумкин аст ё не? Поппер ба суолҳои болозикр дар доираи проблемаи детерминизм ҷавоб медиҳад. Вобаста ба мавзуи мазкур Поппер бо ду мисоли мувофиқ масъаларо баррасӣ мекунад. Мисоли аввал ин фарзияест, ки Кант аз фалсафаи худ ба миён гузоштааст:

“Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти феълии як шахс, тавсифи кифоя барои мушоҳидаи рафтори ояндаи он (бо қавонини табиии саҳеҳ) вуҷуд дорад”. Ба назари Поппер, ин

фарзия раднопазир аст, зеро он мафҳум ё истилоҳ сирф экзистенсиалӣ аст. Мисоли дуюм бошад, бо ин далел мавриди баҳс қарор гирифтааст: ***"Дунё хаёли ман аст***". Ба ақидаи Поппер, ин далел низ раднопазир аст. Аммо ба ҳар ҳол, оё мо метавонем ин ду фарзияро бо равиши ақлгароёна ва интиқодӣ баррасӣ кунем? Оё раднопазирии ин ду фарзия монеаи бартарафнашаванда дар васати ҳар як баҳси интиқодӣ намебошад? [16, с.267-268]. Ба ақидаи Поппер, ҳалли масъалаҳои фалсафӣ наметавонад бо далели ниҳоӣ ё радди ниҳоӣ асос ёбад. Аммо он метавонад бо санҷиши саҳеҳ ва интиқоди эътиқодҳои аслӣ ва роҳҳои ҳалли гуногуни имконпазири мушкилот асос ёбад. Ба ҳамин хотир, омӯзиши назарияҳои фалсафӣ ё метафизикӣ бояд ҳамчун "Оё он мушкилотро ҳал карда метавонад?" Оё он масъаларо нисбат ба дигар назарияҳои мавҷуда беҳтар ҳал мекунад? Оё он мушкилоти мавҷударо тағйир медиҳад? Оё ҳалли он ҳалли сода ва одӣ аст? Суолҳое, ба монанди Оё он самаранок аст? Оё он бо дигар назарияҳои фалсафие, ки барои ҳалли масъалаҳои дигар заруранд, мухолиф аст? бошанд. Чунин суолҳо, ба гуфтаи Поппер, ба имкони вуҷуд доштани баҳси интиқодӣ, ҳатто вуҷуд доштани назарияҳои раднашаванда ишора мекунанд.

Поппер, масалан, дар доираи суолҳои болозикр тахминҳои ба баҳси мазкур дахлдоштаи Кант, Шопенгауэр, Беркли ва Юмро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба ақидаи Поппер, Кант ба детерминизм ба он маъно бовар дошт, ки олами феноменалӣ натиҷаи ногузири назарияи Исаак Нютон аст. Аммо ҳамчун як мавҷуди соҳиби хулқ, дар боварии номуайяншудаи инсон аст. Поппер детерминизми Кантро дар чаҳорчӯбаи ратсионализм ва интиқод (критика) баррасӣ мекунад. Ба гуфтаи Поппер, аён аст, ки назароти Кант дар асл ба назарияҳои Нютон мувофиқат намекунад ва Поппер Кантро бовар мекунонад, ки аз таълимоти детерминизми худ даст кашад. И. Кант дар "Интиқод аз ақли холис" таҳти таъсири Д.Юм тасдиқ кардааст, ки қаллобии холис ё ақл, ҳар гоҳ вориди соҳае шавад, ки имкони озмоиши он вуҷуд надорад, ногузир таҳти таноқуз ва ё "антиномия" қарор мегирад ва чизҳоеро эҷод мекунад, ки онро Кант ба таври духӯра "хаёлбофиҳои худӣ", "ибҳомҳо", "ваҳмҳо", "ҷазмгароии беҳосил"-и "иддаои сатҳии шинохти ҳамаи чизҳо" номидааст [5, с.38]. Мушкилоти Шопенгауэр, барои Поппер, мушкилоти метафизикаи кантӣ буданд ва инҳо мушкилоте буданд, ки аз тамоми таҷрибаи имконпазир фаротар буданд. Бинобар ин ғайриимкон буд, ки ҳалли ин масъалаҳо ирратсионалӣ бошанд. Зеро Шопенгауэр аз ҷумлаи кантчиён буд ва муътақид буд, ки ҳудуди тафаккури инсонӣ ба ҳудуди таҷрибаи имконпазир мувофиқат мекунад. Дар хусуси идеализми Беркли ё Юм бошад, Поппер нахуст қайд мекунад, ки назарияҳои Беркли бо ақли солим чолише надоранд, инчунин ӯ қайд мекунад, ки Беркли ва Юм боварӣ доранд, ки ҳама донишҳои моро миёни ҳисси таассурот ва тасвирҳои хотира истинодан коҳиш додан имконпазир аст. Ба ақидаи Поппер, ин эътиқод сабаби асосии он гашт, ки ин ду файласуф идеализмро қабул кунанд. Поппер иддао мекард, ки Юм идеалист аст, зеро вай дар кӯшиши коҳиш додани таассуроти реализм бо эҳсосоти идеалӣ муваффақ нашуд, чун эҳсосот монеаи асосии расидан ба ҳақиқат аст [16, с.269-271]. Поппер иддао мекунад, ки идеализми Юмро метавон бо ишора ба нокифоя будани назарияи дониш ва равиши омӯзишии хусусиятҳои эҳсосӣ дошта бо ратсионализм интиқод кард, ки дар умум ин равишро Поппер ратсионализми интиқодӣ ном ниҳодааст.

Дар натиҷа, Поппер таъкид мекунад, ки мо бояд системаи мукаммали озмоиширо пайдо намоем, ки хатогиҳои эҳтимолии назарияҳои моро ошкор кунанд ва дар чунин ҷустуҷӯ мо, муҳаққиқон, на мисли ***«занбӯрҳои Бекон»*** [8, с.237], балки мисли ***«кӯршабпарак»***, яъне бо радарҳои акустикӣ (тавассути истинод ва озмоишҳо), ки роҳи худро мeёбанд (қаробат бо саҳеҳият доранд) нишон медиҳад, амал намоем [3, с.596].

Аз назария ва методологияи илмии Карл Поппер хулоса баровaрда, чунин суолро матраҳ кардан аз манфиат холӣ нест: Оё рад кардани индуксия моро аз интихоби як назария бар дигараш бозмедорад? Ба гуфтаи Поппер, имкони дучор шудан ба чунин монеа вуҷуд надорад. Зеро барои ин ё он назария шояд афзалиятҳои сирф ақлӣ вуҷуд дошта бошанд. Ифодаи он ки назарияро ратсионалӣ ё таҷрибавӣ мегардонад, он аст, ки онро аз нигоҳи интиқодӣ баррасӣ кардан мумкин аст ё не. Аз ин лиҳоз Поппер тасдиқ мекунад, ки ратсионалӣ будани илм дар интихоби оқилонаи назарияи нав низ нақши асосиро дорост [16, с.300]. Ба қавли Поппер, мо метавонем як назарияи муфассали интихоби мантиқӣ созем, ки ба саволҳое, ки оё назарияҳо тавассути мушоҳида рад карда мешаванд ва оё онҳо ба озмоишҳои сахт муқобилият нишон дода метавонанд, бартарият медиҳад. Поппер, ки мансубият ба дониш ё маълумоти пешгӯйишавандаро (тахминшавандаро) як хусусияти умумии ҳамаи назарияҳо медонад, то ҳол бар он назар аст, ки баъзе пешгӯйиҳо (тахминҳо) нисбат ба баъзе пешгӯйиҳои (тахминҳои) дигар беҳтар буда метавонанд. Ин далел барои пешгирӣ кардани шубҳаҳои аз ҳад зиёд сабаби кофӣ аст. Азбаски баъзе пешгӯйиҳо (тахминҳо) нисбат ба дигарашон афзалтаранд, метавон гуфт, ки рушд ва афзоиши донишҳои пешгӯйишавандаи (тахминшавандаи) мо имконпазир аст [12, с.111-112]. Поппер қайд мекунад, ки принсипҳои тарҷеҳ (афзалият) ё интихоб аз ҷониби андешаи солим роҳнамоӣ карда мешаванд, ки ҳақиқатҳои нав ва ҷолибро бояд ҷустуҷӯ намуд [12, с.212]. Ба гуфтаи Поппер, тахминҳо бо мазмуни дорои маълумоти хеле зиёд, тобовар ба танқиди сунъии пурзӯршудаи усули интиқодӣ мебошанд. Ин натиҷаи тахминҳое мебошад, ки барои боқӣ мондан дар зери фишори интиқод мубориза мебаранд ва он фишорҳо, фишорҳои интихоби ба таври сунъӣ пурзӯр кардашуда мебошанд. Ба мисли он, ки масалан, ҳайвонҳо аксар вақт бо эътиқоди худ аз байн мераванд ё бо онҳо зинда мемонанд. Одамон бошанд, аксар вақт аз эътиқодоти худ зиёдтар зиндагӣ мекунанд, вале то он вақте эътиқоди онҳо зинда мемонад, асоси рафтори онҳоро он эътиқодҳо ташкил медиҳанд. Поппер бар он назар аст, ки ҳар як рафтор баъзе интизориҳо ва баъзе назарияҳоро пешбинӣ мекунад. Вобаста ба ин Поппер далел меоварад, ки дар ин ҳолат ба мушкили интихоб кардан дучор мешавем. Дар ин сурат метавон ҷӯёи суолҳои зерин шуд: Шахси амалкунанда кадом назарияро интихоб мекунад? Оё интихоби ратсионалӣ (оқилона) вуҷуд дорад? [12, с.113-114]. Поппер дар ҷойи дигар чунин ибрози андеша мекунад: «...Аз нуқтаи назари ратсионалӣ, мо набояд ба ягон назария «бовар» кунем, зеро ҳеҷ як назария то ҳол ҳақиқӣ будани худро нишон надодааст ва нишон додан ҳам ғайриимкон аст. Мо бояд назарияи беҳтарини озмудашударо ҳамчун асоси рафтор интихоб кунем. ***"Эътимоди мутлақ"*** вуҷуд надорад, аммо азбаски мо бояд интихоб кунем, барои мо интихоби назарияи озмудашуда ***«ратсионалӣ»*** хоҳад буд» [12, с.114]. Ин усули зикрнамудаи Поппер гоҳо мавриди интиқод ва баҳсҳои шадид гардидааст. Масалан, Дэвид Миллер қайд мекунад, ки суоли он, ки оё чунин интихоб

метавонад ратсионалӣ (оқилона) бошад ё не, баҳсбарангез ҳисобида мешавад ва иддао мекунад, ки ратсионалӣ (оқилона) будани ин интихобро бидуни гузашт кардан ба манфиати индуксия муқаррар кардан ғайриимкон аст [14, с.113].

Поппер чунин мепиндошт, ки назарияи озмудашуда назарияест, ки то ба ҳол дар чаҳорчӯбаи баҳсҳои интиқодӣ беҳтарин ба назар мерасад, инчунин Поппер қайд мекунад, ки ӯ чизеро оқилонатар аз баҳси интиқодии хуб таҳрезишуда намедонад. Агар ягон пешниҳоде, ки хусусияти назариявӣ дошта бошад ва дар муносибатҳои баҳсии фалсафӣ пойдор монда тавонад, Поппер чунин пешниҳодро танҳо ба ратсионализм нисбат медиҳад. Зеро тасмими ратсионалӣ маънои қабули усулҳои интиқодиест, ки ба интиқоди шадид тоб оварда тавонистааст. Масалан, агар назарияҳои физикии мо дуруст бошанд, пас комилан имконпазир аст, ки ҷаҳони мо, тавре ки мо медонем, дар як сонияи оянда комилан пароканда шавад. Сабабҳои беохири эҳтимолии нобудшавии анъанавӣ, қисман ё дастаҷамъӣ вуҷуд доранд ва бисёре аз ин имкониятҳо аз доираи рафтор берунанд. Маҳз ҳамин фикр вокуниши манфиро хеле муҳим мекунад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки Поппер назарияи илмии худро ҳамчун назарияи усули санҷиши дедуктивӣ муайян мекунад, ё ақидае, ки гипотезаро танҳо пас аз санҷиши эмпирикӣ таҳия кардан мумкин аст. Чуноне ки қаблан зикр намуда будем, ин дидгоҳро бар хилофи индуксия дедуксия меноманд. Бо далели он ки эътиқод ба мантиқи индуктивӣ асосан натиҷаи омехта кардани мушкилоти равонӣ бо мушкилоти гносеологӣ аст. Поппер ҳамин тавр миёни асолати равоншиносӣ (психологизм), ки бо далелҳои эмпирикӣ алоқаманд аст ва маълумоти мантиқӣ, ки марбут ба пайвандҳои мантиқӣ аст, фарқ мегузорад. Чун ба гуфтаи Поппер, суоле, ки чӣ гуна андешаи нав ба зеҳни инсон меояд, шояд барои равоншиносии таҷрибавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта бошад, вале ин барои таҳлили мантиқии донишҳои илмӣ тамоман аҳамият надорад.

**Муқарриз: Азизов К.Ҷ. – н.и.ф., ДДД.**

**АДАБИЁТ**


1. Антисери Д. Западная философия от истоков до наших дней. От Возрождения до Канта / Д. Антисери, Д. Реале. В пер. и под ред. С. А. Мальцевой. -СПб.: Пневма, 2002. -С. 295.
2. Аҳмадов Саид. Мантиқ (китоби дарсӣ). Барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, аспирантон ва унвонҷӯён / С.Аҳмадов. - Душанбе, 2014. – С. 90.
3. Карл Поппер. Билимсел араштирма мантиги. Тарҷума аз англисӣ ба туркӣ. Илкнур Ака, Ибраҳим Туран. Истанбул. Япи Креди Яйнлари. 1998. -С. 596. [Karl Popper, Bilimsel Araştırmanın Mantığı, Çev. İlknur Aka, İbrahim Turan, İstanbul, Yapı Kredi Yayınları, 1998, s. 596.]
4. Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ. 1: Афсунҳои Афлотун. / К.Р. Поппер. Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – С. 10.
5. Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. Ҷ. 2.: Замони пайғомбарони дуруғин: Гегел, Маркс ва ғайбдонони дигар / К.Р. Поппер. Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – С. 81.
6. Новая философская энциклопедия: В 4 томах. Т2. Ред. совет: Степин В.С., Гусейнов А.А., Семигин Г.Ю., Огурцов А.П. и др. -М.: Мысль, 2010. -С. 283-284.
7. Catton Philip. "Matauranga Maori Refutes Popper". NZ Science Teacher 122. (2010): 38-41.
8. Cranston, Maurice: "Bacon, Francis", Encyclopedia of Philosophy, C. I, Ed. Paul Edwards, New York, McMillan and Free Press, 1967, p. 237.
9. Immanuel Kant, Critique of Pure Reason, Ed. Ve Çev. Paul Guyer, Allen W. Wood, Cambridge, Cambridge University Press, 1998, p. 618.
10. Immanuel Kant, Prolegomena to Any Future Metaphysics: With Selections from the Critique of Pure Reason, Ed. Gary Hatfield, Cambridge, Cambridge University Press, 2004, p. 72;

11. Karl Popper. Objective Knowledge: An Evolutionary Approach, Oxford: Clarendon Press. 1972. P.1.
12. Karl Popper “The Problem of Induction”, Popper Selections, Ed. David Miller, Princeton-New Jersey, Princeton University Press, 1985, p. 114.
13. Miller, David: Critical Rationalism: A Restatement and Defence, La Salle, Open Court, 1994. P. 16-17.
14. Miller, David: Out of Error: Further Essays on Critical Rationalism, Aldershot, Ashgate Publishing, 2006. p.113.
15. Oseni Taiwo Afisi, Karl Popper’s crıtıcal ratıonalısm and the polıtıcs of lıberal-communıtarıanısm. Department of Philosophy and Political Science University of Canterbury, 2015, p.1.
16. Popper, Karl: Conjectures and Refutations: The Growth of Scientific Knowledge, London, Routledge & Kegan Paul, 2002. p. 311.
17. Popper, Karl. The Logic of Scientific Discovery. [Text] // London-New York, Routledge, 2002. p. 7-8.
18. Popper, Karl: The Logic of Scientific Discovery, London-New York, This edition published in the Taylor & Francis e-Library, 2005. p. 61.
19. Quinton, Anthony: “Popper, Karl Raimund”, [Text] // Encyclopedia of Philosophy, C. III, Ed. Paul Edwards, New York, McMillan and Free Press, 1967, p. 400.
20. Semiha Akıncı, “Popper’s Conventionalism”, Karl Popper: Critical Appraisals, Ed. Philip Catton, Graham Macdonald, New York, Routledge, 2004, s. 28-50.

## НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ИЛМИИ КАРЛ ПОППЕР

Дар мақолаи мазкур назария ва методологияи илмии Карл Поппер мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз китобҳо, мақолаҳо ва корҳои илмии Карл Поппер назария ва методологияи илмии ӯро баррасӣ намуда, яке аз назарияҳои машҳури Карл Поппер “ратсионализми интиқодӣ”–ро бо методология ва назарияҳои анъанавии фалсафӣ муқоиса намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки назарияи “ратсионализми интиқодӣ” бо меъёри ибтолпазирӣ мавриди озмоиш қарор дода шудааст, ки ба ақидаи К.Поппер, тамоми назарияҳои фалсафӣ ба хотири дуруст ва нодуруст буданашон бояд аз меъёри фалсафии ибтолпазирӣ гузаронида шаванд. Муаллиф дар мақола дарҷ намудааст, ки Поппер назарияи илмии худро ҳамчун назарияи усули санҷиши дедуктивӣ муайян мекунад, ё ақидае, ки гипотезаро танҳо пас аз санҷиши эмпирикӣ таҳия кардан мумкин аст, яъне ин дидгоҳро Карл Поппер бар хилофи индуксия дедуксия меномад ва ӯ аз хулосабарории умумӣ ба хулосабарории ҷузъӣ гузаштанро тарҷеҳ намудааст.

**Калидвожаҳо:** Карл Поппер, ибтолпазирӣ, интиқод, ратсионализм, ратсионализми интиқодӣ, усул, методология, назария, назарияи илмӣ, эмпиризм.

## ТЕОРИЯ И НАУЧНАЯ МЕТОДОЛОГИЯ КАРЛА ПОППЕРА

В данной статье рассматриваются теория и научная методология Карла Поппера. Используя книги, статьи и научные труды Карла Поппера, автор попытался обсудить его научную теорию и методологию, а также сопоставить одну из известных теорий Карла Поппера, «критический рационализм», с традиционными философскими методологиями и теориями. Автор указывает, что теория «критического рационализма» проверялась по критерию фальсифицируемости. По мнению К. Поппера, все философские теории должны проходить через философский критерий фальсифицируемости, чтобы быть определенном правильными или неправильными. В статье автор отметил, что Поппер определяет свою научную теорию как теорию метода дедуктивной проверки, или идею о том, что гипотеза может быть выработана только после эмпирической проверки, то есть этот взгляд Карл Поппер называет дедукцией в отличие от индукции, а он переходит от общего вывода к частичному заключению.

**Ключевые слова:** Карл Поппер, фальсифицируемость, критика, рационализм, критический рационализм, метод, методология, теория, научная теория, эмпиризм.

## THEORY AND SCIENTIFIC METHODOLOGY OF KARL POPPER

This article discusses the theory and scientific methodology of Karl Popper. Using books, articles and scientific works of Karl Popper, the author tried to discuss his scientific theory and methodology, as well as to compare one of the famous theories of Karl Popper, «critical rationalism», with traditional philosophical methodologies and theories. The author points out that the theory of «critical rationalism» was tested according to the criterion of falsifiability, according to K. Popper, all philosophical theories must pass through the philosophical criterion of falsifiability in order to be determined correct or incorrect.In the article, the author noted that Popper defines his scientific theory as the theory of the method of deductive testing, or the idea that a hypothesis can be developed only after empirical testing, that is, Karl Popper calls this view deduction as opposed to induction, and he goes from the general conclusion to a partial conclusion.

**Keywords:** Karl Popper, falsifiability, criticism, rationalism, critical rationalism, method, methodology, theory, scientific theory, empiricism.

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** ***Шодиев Комрон Олимҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға**: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Данғара, кӯчаи Шарифов, 3. Телефон: **(+992) 004666765.** E-mail: komronshodiev92@gmail.com

**Сведения об авторе:** ***Шодиев Комрон Олимджонович*** **-** Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **(+992) 004666765.** E-mail: komronshodiev92@gmail.com

**Information about the author:** ***Shodiev Komron Olimdzhonovich*** - Dangara State University, Assistant of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address**: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifov street, 3. Phone: **(+992) 004666765.** E-mail: **komronshodiev92@gmail.com**

УДК: 130.3 (575.3)

# ЗИНДАГИИ ПУР АЗ МУШКИЛОТ ВА НООРОМИ ИБНИ СИНО

*Юнусов Т.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсии замони Ибни Сино замони бархӯрдҳои тамаддунӣ ва ҳуҷумҳои гуногунро дар бар мегирифт ва вазъият на ҳамеша якрангу ором буд. Табиист, ки чунин ноорамиҳо ба зиндагӣ ва фаъолияти ин мутафаккирон бетаъсир намемонд.

Дар чунин шароит соли 986 Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ба Бухоро кӯчид ва писараш Ҳусайнро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузошт. "Бухоро, - навишта буд муаллифи "Ҳудуд-ул-олам", - дар Мовароуннаҳр шаҳри бузург ва ободе буд" [16,с.22]. Ҷуғрофидонони арабизабони асрҳои 9-10 Ибни Ҳавкал, Истахрӣ ва Мақдисӣ навишта буданд, ки Бухоро дар Хуросон ва Мовароуннаҳр нисбат ба ҳама шаҳрҳо бештар сохтмон ва зиёдтар аҳолӣ дошт. Дар дижи он, ки деворбанд буд, қароргоҳи амирони сомонӣ, идораи марказии давлат ва китобхона ҷой доштанд. Дар майдони Регистон қасри аморат барпо буд ва дар назди он девонхона қомат афрохта буданд. Дар шаҳр қасрҳои дигар низ зиёд буданд. Бавижа қасрҳои маҳалли Ҷӯйи Муллиён, ки онро Рӯдакӣ сахт мадҳ кардааст, шуҳрати зиёд доштанд. Дар шаҳр манораҳо, мадрасаҳо, оромгоҳҳои зиёд, карвонсарой, ҳаммомҳои зиёд вуҷуд доштанд. Набзи ҳаёти шаҳр дар бозорҳо, ки дар он ҷо тоҷирон аз мамолики гуногун гирд меомаданд, ба хубӣ эҳсос мешуд. Бухорои асри 10 на танҳо пойтахти сиёсии Давлати Сомониён ва маркази тиҷоратию ҳунармандии Мовароуннаҳр, балки маркази бузурги илмӣ, адабӣ ва ҳунарии Шарқ буд. Ба ин ҷо олимон, адибон ва ҳунарпешагон аз тамоми марказҳои фарҳангии Шарқ ҳузур меоварданд. Бунёдгузори адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар хусуси мақоми сиёсӣ ва фарҳангии Бухоро суруда буд:

*Имрӯз ба ҳар ҳол Багдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост* [4,с.71].

Дар ҳамин гуна маркази сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ, ки Бухоро ном дошт, солҳои таҳсили Ибни Сино оғоз гардиданд ва ҳукми таъриху тақдир будааст, ки ситораи нубуғи ӯ баъдан осмони фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳониро мунаввар сохт. Ҳусайн қобилияти барҷаста ва фавқулодаи ақлонӣ дошт. Ҳамин буд, ки вай дар синни 10-солагӣ Қуръони маҷидро комилан ҳифз кард ва илмҳои нақлӣ – сарфу наҳв, сабкшиносӣ ва илми шеърро аз бар намуд. Дар "Саргузашт"-и худ дар ин хусус ба Ҷузҷонӣ чунин имло карда буд: "Баъд ба Бухоро кӯчида омадем ва маро назди муаллими Қуръон ва муаллими адаб гузоштанд. Чун ба даҳсолагӣ расидам, Қуръон ва бисёре аз [улуми] адабро аз бар кардам, ба тавре ки ин аз ман шигифтовар буд" [6,с.17].

Ба назардошти соли таваллуди мутафаккир (980), аз бар кардани Қуръони маҷид ва улуми нақлӣ то даҳсолагиаш натиҷа метавон гирифт, ки Ибни Сино дар соли 990 ба омӯхтани риёзиёт, мантиқ ва фиқҳ оғоз мекунад. Ӯ риёзиётро назди тоҷир Маҳмуди Массоҳ, мантиқ ва фиқҳро пеши Исмоили Зоҳид меомӯзад. Вақте ки олими маъруф Абуабдуллоҳи Нотилӣ ба Бухоро омад (тақрибан соли 991), падари Ҳусайн ӯро дар хонаи худаш маскан дод, то ба писараш таҳсили муназзамро таъмин созад. Ҳусайн таҳти ҳидояти Нотилӣ ба омӯхтани "Исоғуҷӣ"-и Фарфуриуси Тирӣ (Сирӣ) шуруъ кард. Ибни Сино, чунонки худаш менигорад, назди Нотилӣ қоидаҳои

содаи мантиқро аз бар карда, сипас худ мустақилона ба омӯхтани нуктаҳои борики мантиқ пардохт, то дар ин илм тавоно гашт. Вай қисман таҳти ҳидояти Нотилӣ ва аксаран мустақилона "Мабодӣ"-и Уқлидус ва "Маҷасти"-и Батлимусро мутолаа ва азбар кард. Баъди чанде Нотилӣ дарк кард, ки шогирди ҷавони ӯ Фарфуриус, Уқлидус ва Батлимусро аз устод беҳтар мефаҳмад. Бинобар ин ба шогирди пуристеъдодаш пешниҳод кард, ки ин улумро мустақилона биомӯзад. Нотилӣ ба зудӣ бовар ҳосил кард, ки Ҳусайн соҳиби истеъдоди бузург ва фавқулодаи илмист. Бинобар ин, ба падари ӯ талқин кард, ки писарашро ҷуз ба илм ба кори дигаре машғул надорад.

Баъди ба Хоразм рафтани Нотилӣ (тақрибан соли 993) Ибни Сино, чунонки худ мегӯяд, мустақилан ба омӯхтани илмҳои фалсафӣ ва табиӣ оғоз кард. Ӯ китобҳо ва тафсирҳоро дар риштаи фалсафа ва табииёт бо ҷиддияти беҳмато мутолиа ва аз бар намуд, то дар ин илмҳо дасти қавӣ ёфт. «Пас, - менависад ӯ, - ба илми тиб рағбат кардам ва ба хондани китобҳои дар он таснифшуда рӯ овардам. Илми тиб аз илмҳои душвор нест, бинобар ин дар андак муддат дар он ба дараҷае забардаст шудам, ки донишмандони тиб илми тибро назди ман ба хондан оғоз карданд ва парастории беморонро ба уҳда гирифтам. Дарҳои муолиҷа, ки аз таҷриба ба даст омадааст, чунон гушода мешуданд, ки берун аз васф аст, **бо вуҷуди ҳамаи ин ба фиқҳ шуғл намудам, дар он мунозара мекардам. Дар ин ҳангом шонздаҳсола будам**" [6,с.18]. Сарфи назар аз комёбиҳои шигифтовар дар таҳсили улуми қуръонӣ, нақлӣ, фиқҳӣ, риёзӣ, табиӣ, фалсафӣ, тиббӣ ва илоҳиётшиносӣ, Ибни Сино дар роҳи такмили донишҳои худ, бавижа дар ҷодаи вусъати донишҳои фалсафии хеш пайваста кӯшиш ба харҷ медод. Худи ӯ гувоҳӣ медиҳад: "Баъд якуним соли дигар (яъне дар давоми солҳои 998-999 – М.Д.) ба хондан машғул шуда, мантиқ ва ҳамаи қисматҳои фалсафаро аз сар мутолаа кардам. Дар ин муддат ягон шаб пурра нахуфтам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудам" [6,с.18]. Дар ҳамин айём вай ба омӯхтани "Мобаъдуттабиъа"-и Арасту пардохт, ки бе дарки амиқи он файласуфи ҳақиқӣ ва ҳирфаӣ шудан амри маҳол буд. Дар ин маврид худи ӯ чунин ҳикоят мекунад: "Дар илмҳои мантиқ, табииёт ва риёзиёт тавоно шуда, ба илми илоҳӣ баргаштам ва китоби "Мобаъдуттабиъа"-и Арастуро хондам. Он чи дар он буд, нафаҳмидам ва ғарази муаллифи он бар ман пӯшида монд. Бинобар ин онро чиҳил бор хондам ва маро аз бар шуд. Бо вуҷуди ин, китоб ва мақсади муаллифи ӯро нафаҳмидам ва аз худ навмед шуда, гуфтам: "Ин китобест, ки ба ҳеҷ роҳ фаҳмида намешавад. Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми аср дар миёни саҳҳофон ҳозир будам, ки даллоле дар даст муҷалладе нидо мекард. Вай онро ба ман намуд ва ман ба сахтӣ рад кардам, зеро бовар доштам, ки дар ин илм суде нест. Он гоҳ ӯ ба ман гуфт: "Инро аз ман бихар! Ба ту арзон мефурӯшам, ба се дирҳам. Соҳибаш ба баҳои он муҳтоҷ аст. Ман онро харида дидам, ки китоби Абунасри Форобӣ "Фӣ ағрози китоби «Мобаъдуттабиъа» будааст». Пас ба хона баргашта, онро бошитоб хондам ва дарҳол ғаразҳои он китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман гушода шуданд» [6,с.18-19]. Ҳақиқати ба Ибни Сино дастнорас будани "Мобаъдуттабиъа"-и Арасту аз он иборат аст, ки тарҷумаҳои арабии осори мутафаккирони юнонӣ аксаран таҳтуллафзӣ, муғлақ ва ба фаҳм наздик набуданд. Ибни Сино, ки забони юнониро намедонист, аз рӯйи тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ ва муғлақ "Мобаъдуттабиъа"-и Арастуро ба осонӣ нафаҳмидааст ва ин амре табиист.

Инак, Ибни Сино то соли 998 тамоми улуми замонашро аз бар кард ва дар синни ҳаждаҳсолагӣ чун олими комил ба арсаи илм омад. "Чун ба ҳаждаҳсолагӣ расидам, - менависад ӯ, - аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм бештар ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам" [6,с.19]. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар ҳаждаҳсолагиаш олими комил гардидааст, баҳси ӯ бо Абурайҳони Берунӣ дарак медиҳад, ки солҳои 998-999 дар бораи масоили гуногуни табииёт ва фалсафаи Арасту даргирифта буд. [11,с.69] Дар ин бора чунин дақоиқ низ гувоҳ аст, ки Ибни Сино дар тули солҳои 999-1001, яъне то бисту яксолагиаш, чандин китоби муҳим таълиф кардааст, ки "Китоб-ал-маҷмуъ" ("Ҳикмат-ал-арузия"), "Ал-Ҳосил ва ал-маҳсул" (дар бист муҷаллад), "Ал-Бирр ва ал-исм" аз зумраи онҳоянд [6,с.19]. Дар китоби дуюм масоили фалсафа ва дар китоби сеюм масъалаҳои илми ахлоқро ба таври мабсут баррасӣ кардааст.

Ибни Сино дар 17-18-солагиаш ҳамчун олим - табиби бузург шуҳрат ёфт. Табобати самарабахши беморон умуман ва амири сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур хусусан шуҳрати ӯро басо боло бурд. Дар "Саргузашт" ӯ овардааст: "Дар он ҳангом подшоҳи Бухоро Нуҳ ибни Мансур буд. Ӯро беморие пеш омад, ки пизишкон дар илоҷи он оҷиз монданд. Чун номи ман дар миёни эшон ба бисёр хондан машҳур буд, маро пеши ӯ ёд карда, ҳозир карданамро аз ӯ хостор шуданд. Пас, маро ҳозир карданд ва дар муолиҷаи ӯ ба онҳо ҳамкорӣ карда, ба хидмати ӯ номзад шудам" [3,с.19]. Ин ба Ибни Сино имкон дод, ки амирро ба худ моил кунад. Бинобар ин, вақте ӯ аз амир иҷозат пурсид, ки ба китобхонаи эшон дарояд ва ба мутолааи китобҳои тиб, ки дар он ҷост, бипардозад, ба ӯ дарҳол иҷозат дод: «Вай маро иҷозат дод ва вориди сарое шудам, ки хонаҳои бисёр дошта, дар ҳар хонае сандуққҳои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр дар ҳар хонае китобҳои як илме ҷой дошт. Сипас, феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолиа намуда, он чиро ки ба он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъд аз ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар мардеро шинохтам» [6,с.19]. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар 17-18-солагиаш чун табиби варзида ба камол расида буд, баҳси вай бо файласуф ва табиатшинос Абдулфараҷ Абдуллоҳ ибни Тайиб Ҷасолик, ки солҳои 997-998 рух дода буд, низ шаҳодат медиҳад [5,с.84-85]. Соли 1001 (ба назардошти ин ки аз рӯйи шаҳодати Қифтӣ ва Ибни Абиусайбиа дар ин айём мутафаккир 21-сола буд: 480+21=1001) [5,с.95]. Ибни Сино мусибати сахти шахсиро аз сар гузаронд: падари азиз ва ғамхораш аз дунё рафт. Ба ин сабаб вазъи ӯ дигаргун гашт ва ӯ маҷбур шуд баъзе корҳои султониро ба уҳда гирад. "Унвони Султон"-ро менависад Ю.Н.Завадовский, - дар ин давра асосан фармондорони турк истеъмол мекарданд... Зери қалами Байҳақӣ гумон аст, ки ин унвон ба аъзои хонадони Сомонӣ, ки онҳоро бо исрор "подшоҳ" меномад, тааллуқ дошта бошад, балки ин унвон бештар ба Илекхон, Қарохониён ва туркон мансуб аст [8,с.95]. Вале ин баёнро наметавон бебаҳс пазируфт, зеро ҳам Байҳақӣ, ҳам Қифтӣ ва ҳам Абиусайбиа як андар як менависанд, ки *"Султони* Бухоро дар ин рӯзгорон Нуҳ ибни Мансур буд". Бинобар ин, ибораи "маҷбур шуд, баъзе корҳои султониро ба уҳда гирад", метавонад ин маъниро бирасонад, ки Ибни Сино ба хидмати *Абуиброҳим Мунтасири Сомонӣ* дохил шудааст, ки ӯ дар тайи солҳои

1000-1005 бо қатъияти тамом бо Қарохониён меҷангид ва на як бор ҳукумати Сомониёнро дар Бухоро аз нав барқарор карда буд [3,с.387].

Вале ӯ дар хидмати Қарохониён ё Абуиброҳим Мунтасири Сомонӣ (ба эҳтимоли қавӣ дар хидмати Мунтасир) дер намонд. Зарурат, чунонки худаш мегӯяд, ӯро маҷбур сохт Бухороро тарк кунад ва роҳи Гурганҷ - пойтахти Хоразмро пеш гирад. Ин зарурат, ки ӯ дар бораи он ошкоро чизе намегӯяд, метавонад ба ҳалокат (с.1005) расидани Мунтасир бошад, ки дар роҳи барқарор кардани давлати Сомониён бо Қарохониён дар ҷанги беамон буд. Ин ҳодиса Ибни Синоро аз умеду орзуи дар Бухоро мондан маҳрум кард. Ба назардошти ин ки ӯ дар хидмати султонӣ 2-3 сол иштиғол дошт, метавон ҳадс зад, ки ӯ солҳои 1004-1005 ба Гурганҷ – пойтахти Хоразм ҳиҷрат кардааст.

Ҳаводисе, ки охири асри 10 дар Мовароуннаҳр ва Хуросон рӯй доданд, ба Хоразм ва пойтахти он Гурганҷ таъсири боризе ворид накарданд. Аз рӯйи шаҳодати Мақдисӣ Гурганҷ шаҳри ободе буд ва сохтмонҳояш чунон танг ҳам сохта шуда буданд, ки дар даруни шаҳр канал гузаронидан басе душвор буд. Дар назди яке аз дарвозаҳои шаҳр кох барпо буд, ки онро Маъмун бино карда буд. Дар шаҳр бозорҳои бисёр андар кор буданд. Нашъу нумуви шаҳр ба тараққиёти тиҷорати корвонӣ марбут буд. Дидангоҳҳои шоёни таваҷҷуҳи шаҳр қасрҳои он буданд. Пойтахти Хоразм – Гурганҷ маркази муҳимми фарҳангӣ низ буд. Дар ин ҷо дар "Фарҳангистони Маъмун" як зумра олимони забардаст, мисли Абурайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масиҳӣ, Абунасри Ироқ (ё Арроқ) ва Абулхайри Хаммор гирд омада буданд. Ба ин зумра Ибни Сино низ ворид гардид. Уламои Хоразм ӯро ба меҳр пазируфтанд. Вазир Абулҳасани Суҳайлӣ, ки ба ибораи Ибни Сино дӯстдори илм ва олимон буд, нисбат ба мутафаккир некии зиёд зоҳир кард. Тавассути ӯ Ибни Сино ба дарбори Хоразмшоҳ Маъмун роҳ ёфт. "Барои ман, - менависад ӯ, - моҳонае муқаррар карданд, ки мисли манро кифоя буд". Шояд нишони сипосгузорӣ бошад, ки ӯ дар Хоразм ба унвони Абулҳасани Суҳайлӣ "Рисола фӣ кимиё"-ро таълиф кард.

Соли 1012 Ибни Сино Гурганҷро низ тарк кард (агар шаҳодати Ҷузҷониро дар муқаддимаи "Шифо" ба назар бигирем, ки тибқи он Ибни Сино ҳангоми вуруд ба Гургон 32 - сола буд) ва аз роҳи Нисо, Абевард, Тӯс, Шаққон, Самангон ва Ҷоҷарм ба Гургон омад. Ба ақидаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ин иқдоми Ибни Сино баста ба он буд, ки султон Маҳмуд аз Хоразмшоҳ талаб кард олимони "Фарҳангистони Маъмун" ба Ғазна фиристода шаванд. Берунӣ ва дигар олимон сар бозниҳоданд ва ба Ғазна рафтанд. Вале Ибни Сино ба ин фармони Султон Маҳмуд тан бознадод ва ҳамроҳи Абусаҳли Масиҳӣ тавассути биёбони Қароқум роҳи Гургонро пеш гирифт. Масеҳӣ бори вазнини роҳро кашидан натавониста вафот ёфт. Ибни Сино машаққати зиёдеро паси сар кард ва ба Гургон расид [12,с.112-117]. Вале ин хабари Арӯзии Самарқандӣ шубҳаомез аст. Зеро аз рӯйи китоби Берунӣ "Мардони шаҳири Хоразм", ки порчае аз он дар "Таърихи Масъудӣ"-и Байҳақӣ маҳфуз аст, Берунӣ ва дигар олимони "Фарҳангистони Маъмун" то забти Хоразм дар соли 1017 аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ дар Гурганҷ иқомат доштанд [1,с.808]. Ин хабари Арузии Самарқандӣ ба дигар ҳақоиқе ҳам, ки Берунӣ дарак медиҳад, вифқ надорад. Аз ҷумла, Берунӣ дар асараш "Ниҳоят- ал-амокин" ишора мекунад, ки 18 сентябри соли 1016 ӯ дар яке аз қасрҳои Хоразмшоҳ арсоди ҳайатӣ анҷом дода буд.

Суол пеш меояд, ки чӣ гуна ӯ ин арсодро дар қасри Хоразмшоҳ анҷом додааст, дар сурате ки тибқи гуфтаи Арузии Самарқандӣ ӯ ҳанӯз соли 1012 ба Ғазна омада буд?

Сабаби Гурганҷро тарк кардани Ибни Сино дурустараш аз он иборат аст, ки Маъмун дар соли 1012 ҳомии ӯ – вазир Абулҳасани Суҳайлиро аз вазорат маъзул кард ва ӯ ба Бағдод рафт. Аз Гурганҷ рафтани Ибни Сино метавонад сабаби дигаре ҳам дошта бошад: дар Хоразм ба ҷиҳати зиддияти байни Маъмун ва аъёну ашроф дар ҳамон соли 1012 ошӯбе бархост. Бинобар ин Ибни Сино Гурганҷро дигар барои худ макони амният намедид. Ва ниҳоят, Ибни Сино чун марди закӣ таҳдиди султон Маҳмудро ба Хоразм хуб эҳсос мекард. Бинобар ин тасмим гирифт, ки пеш аз вуқуи ҳодиса Гурганҷро тарк кунад ва ба Гургон роҳ пеш гирад.

Ӯ ба Гургон раҳсипор гардида, умед дошт, ки ба ҳимояти Қобус ибни Вушмгир – ҳокими кишвари Гургон ноил гардад. Чунин ният тасодуфӣ набуд. Гургон пойтахти хонадони Зиёриён буд. Дар ин ҷо аз соли 977 Қобус ибни Вушмгир ҳукумат дошт. Аз рӯйи тавсифи шарқшинос Е.Э.Бертелс, вай "шоири боистеъдод буд, ки барои худ дар шеъри арабии пешоисломӣ назирҳо меҷуст. Ӯ сабкшиноси ҳайратангезе буд, ки номаҳояш муддатҳои тулонӣ намунаи беҳтарини сабки номанигории арабӣ маҳсуб мешуд. Қобус дар атрофи худ намояндагони беҳтарини илму ҳунарро гирд оварда, Ҷурҷон (Гургон)-и кӯчаки худро ба маркази адаб табдил дода буд, ки намунае буд барои дарборҳои ашрофии Эрони ғарбӣ" [2,с.9]. Аз ин ҷо ба хубӣ равшан мешавад, ки чаро Ибни Сино ба Гургон ҷазб шуда буд.

Дар бораи иқомати Ибни Сино дар Гургон ду фикр вуҷуд дорад. Аз рӯйи фикри аввал ӯ Қобусро дар сари қудрат наёфт, аз рӯйи фикри дуюм, Қобус ҳанӯз ҳокими Гургон буд. Фикри дуюм ҳақиқати бештаре дорад. Зеро Ибни Сино дар "Саргузашт" чунин менигорад: "Мақсади ман амир Қобус буд. Дар ин ҳангом чунин иттифоқ афтод, ки Қобус дастгир шуда, дар қалъае зиндонӣ шуд ва дар он ҷо мурд" [6,с.20]. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки Ибни Сино дар Гургон дер наистод ва ба Деҳистон рафт. Вале дар Деҳистон сахт бемор шуд ва боз ба Гургон баргашт. Дар ин ҷо ӯ ба Абуубайди Ҷузҷонӣ вохӯрд, ки шогирди вафодор ва то охири умр содиқи ӯ гардид. Ба шаҳодати Абуубайд дар Гургон Ибни Сино ҷилди якуми "Ал-Қонун фӣ-тиб"-ро навишт ва баъдан дар Рай ва Ҳамадон онро ба анҷом расонид. Дар Гургон ӯ асарҳои худ "Мухтасар ул-авсат фи-л-мантиқ", "Китоби мабдаъ ва маод", "Китоб ал-арсод ал-куллия", "Мухтасар-ал-маҷастӣ"-ро тасниф кард. Ин аз он дарак медиҳад, ки давраи зиндагии ӯ дар Гургон марҳалаи бисёр муҳимми эҷодиёти илмии файласуф будааст. Ин давра ба ӯ имкон дод, ки неруҳои маънавии худро тақвият бидиҳад ва барои кори илмии оянда омодагии бештар бигирад. Вале Ибни Сино ин бор ҳам дар Гургон дер наистод. Ӯ баъди чанд вақте ба Рай рафт. Сабаби ба Рай рафтанаш барои мо дақиқан маълум нест. Вале метавон ҳадс зад, ки ин тасмими мутафаккир натиҷаи тағйир хӯрдани вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Гургон буд: писари Қобус, ки ҷонишини падар гардида буд, худро гумоштаи султон Маҳмуд эълон намуд ва ба духтари ӯ издивоҷ кард. Аз хавфи таъқиботи султон Маҳмуд ва гумоштаи гургонии ӯ, чунонки муаррихон гувоҳӣ медиҳанд, вай соли 1014 ба Рай рафт.

Рай яке аз марказҳои илмии шинохтаи Эрони асрҳои 9-11 буд. Ин ҷо бемористони бузурге вуҷуд дошт, ки замоне Абубакри Розӣ (865-925) - табиби бузурги ҷаҳонӣ - онро сарварӣ карда буд. Дар Рай Абумаҳмуди Хуҷандӣ судсияи (секстанти) худро барои мушоҳидаҳои ҳайатшиносӣ сохта буд, ки баъдан Берунӣ

онро тавсиф кардааст. Дар Рай ду китобхонаи бузург вуҷуд дошт, ки феҳристи китобҳои онҳо 10 ҳазор муҷалладро шомил буд. Рай маркази шинохтаи илмӣ низ буд. Рай маркази бувайҳиён ба шумор мерафт. Дар Рай Маҷдуддавла ва модари ӯ Саида ҳукмфармо буданд. "Эшон ӯро ба тавассути китобҳое шинохтанд, ки аз ӯ ба онҳо расида буд ва аз қадри ӯ шаҳодат медоданд". Ибни Сино ба хидмати онҳо пайваст.

Ибни Сино ба хидмати маликаи тавоно Саида, ки нисбат ба ҳамсоягонаш, бавижа нисбат ба султон Маҳмуд, сиёсати моҳирона, зиракона ва қотеона анҷом медод, пайваста, умед дошт, ки барои худаш шароити мусоиди кори илмӣ муҳайё хоҳад кард. "Қобуснома" дар бораи ин сиёсати зиракона, моҳирона ва қотеонаи Саида чунин менигорад: "Султон Маҳмуд бад-ӯ (ба Саида – М.Д.) расул фиристод ва гуфт:

- Бояд, ки хутба ва сикка ба номи ман кунӣ ва хироҷ бипазирӣ ва гар на, ман биёям ва Райро биситонам ва туро нест гардонам.

Чун расул биёмад ва пайғом бигузорид, Саида гуфт:

- Бигӯй султон Маҳмудро, то шӯи ман Фахруддавла зинда буд, маро ин андеша ҳамебуд, ки магар туро ин рой афтад ва қасди Рай кунӣ. Чун вай фармон ёфт (мурд – М.Д.) ва шуғл ба ман афтод, ин андеша аз дили ман бархост. Гуфтам, ки султон Маҳмуд подшоҳе одил аст. Донад, ки чун ӯ маликеро ба ҷанги зане набояд омадан, ки шер ҳам нар бувад ва ҳам мода. Акнун, агар биёӣ Худой огоҳ аст, ки ман нахоҳам гурехт ва ҷангро истодаам, аз баҳри он ки аз ду ваҷҳ берун набувад. Аз ду лашкар яке шикаста шавад. Агар ман туро бишканам, ба ҳама ҳол ба ҳама олам нома бинависам, ки султонеро шикастам, ки сад подшоҳро шикастааст. Ва агар ту маро бишканӣ, чӣ тавонӣ навишт? Гӯйӣ, ки занеро шикастам, туро на фатҳномае расад ва на шеъри фатҳ, ки шикастани зане бас фатҳ набошад. Бад-ин як сухан то вай зинда буд, султон Маҳмуд қасди Рай накард" [15,с.96].

Дар Рай Ибни Синоро бо эҳтиромоти зиёд пазируфтанд: "Касоне, ки аз донишмандии Ибни Сино огоҳ буданд, аз омадани ӯ ба Рай воқиф гашта, барояш иқоматгоҳ омода карданд ва ӯро ба дарбори Саида хонданд. Дар қасри Саида Шайхурраис ба хушнудӣ ва эҳтиромоти зиёд пазируфта шуд" [8,с.135].

Ин ҷо ӯ ба табобати амири ҷавон Маҷдуддавла пардохт, ки гирифтори молихулиё буд. Табобат ба зудӣ натиҷаҳои хуб дод ва вазъи саломатии бемор комилан беҳбуд ёфт. Ба ин ҷиҳат Саида ӯро ба инъомоти зиёд мушарраф гардонд. Ибни Сино ба муносибати шифо ёфтани Маҷдуддавла китобе ба номи "Маъод" таълиф кард; нахустин бор ба ширкат кардан ба корҳои давлатӣ иҷозат гирифт; ба файласуф ва табиб Ибни Ҳинду (муншии Саида) ва Абуалӣ ибни Мискавайҳ – муаррих, файласуф ва муаллими ахлоқ - мулоқот кард ва суҳбату машваратҳо орост. Вале зиндагии оромонаи ӯ дар Рай дер давом накард. Дар соли 405/1015, чунонки Ибни Асир хабар медиҳад, ҳаводисе рух дод, ки зиндагии осоиштаро дар Рай пурра парешон кард. Ин ҳаводис аввал ҳуҷуми Ҳилоли Бадр ва баъдан юриши Шамсуддавла (бародари Маҷдуддавла ва писари Саида) ба Рай буданд, то онро забт ва ба сарзаминҳои худ пайваст кунанд. Ин вазъ Ибни Синоро водошт, ки Райро тарк кунад ва ба Қазвин биравад. Вале Қазвин шояд марҳалае барои ҳиҷрат ба Ҳамадон буд. Дар Ҳамадон ӯ ба хидмати Кадбонувайҳ пайваст, ки аз номи Шамсуддавла дар шаҳр ҳукмфармо буд. Ибни Сино ба вай дар иҷрои корҳои идории шаҳр кумак мекард. Вақте Шамсуддавла донист, ки Ибни Сино дар Ҳамадон аст, ӯро назди худ

хонд. Шайхурраис ӯро аз бемории қуланҷ табобат кард ва соҳиби обруву эҳтиром гашта, ба мартабаи надим расид. Ӯ Шамсуддавларо ба ҳайси табиб дар юриши бебарораш ба Кармисин (ҳоло Кирмоншоҳ) ҳамроҳӣ кард. Баъди ин юриши бебарор Шамсуддавла Ибни Синоро вазири худ таъин кард. Ӯ умед дошт, ки Ибни Сино метавонад дар давлат ва лашкар тартиби дилхоҳ ва судбахш муқаррар кунад. Ибни Сино дар ин мақом кӯшиш ба харҷ дод, то андешаҳояшро дар мавриди давлат ва давлатдорӣ, ки дар асараш "Тадбир-ул-ҷунд ва ал-мамолик ва ал-аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ-ал-мамолик" (Тадбири сарбозон, мамлукҳо, аскар ва рӯзии онҳо ва хироҷи мамлакатҳо) ва дигар китобҳояш баён шуда буданд, таҳаққуқ бахшад. Вале ин амали ӯ ба ашрофони дарбор ва сарбозони туркии Шамсуддавла хуш наомад. Онҳо ошӯб барпо карданд, Ибни Синоро ба зиндон кашиданд, қатлашро аз Шамсуддавла талаб намуданд ва молу мулкашро ба ғорат бурданд. Ҷузҷонӣ дар ин бора чунин менигорад: "Сипас аз ӯ хостанд, ки вазоратро ба уҳда бигирад ва ӯ ба уҳда гирифт. Баъдан он қиёми лашкариён бар зидди ӯ иттифоқ афтод ва аз ӯ хостанд, ки бар онҳо меҳрубонӣ кунад. Пас, гирди хонаашро гирифтанд, ӯро ба ҳабс бурда чизу чораашро ғорат карданд, ҳар чӣ дошт ҳамаро бурданд ва аз амир қатли ӯро хостор шуданд. Вале амир аз қатли ӯ худдорӣ карда, барои ризои онҳо бо барканор кардани ӯ аз корҳои давлатӣ иктифо кард" [6,с.21].

Сабаби ошӯби сарбозони туркӣ бар зидди Ибни Сино дақиқан маълум нест. Фақат гумон метавон бурд, ки онҳо тарс доштанд, ки барои шикасташон дар ҷанги зидди Иноз танбеҳ ва тавбих хоҳанд шуд ва аз тадбирҳои Ибни Сино дар бораи тадбири сарбозон, мамлукҳо, лашкариён ва рӯзии онҳо норизо ва нигарон буданд, зеро ин тадбирҳоро нисбат ба худ номеҳрубонӣ мепиндоштанд. Шамсуддавла ба хотири ризои онҳо Ибни Синоро аз вазорат маъзул кард, вале ба зиндонӣ кардан ва қатл намудани ӯ ризо нашуд. Ибни Сино, чунонки Ҷузҷонӣ менависад, дар хонаи дӯсташ Абусаиди Даҳдук паноҳ шуд ва ба навиштани китоби "Шифо" оғоз кард. Вале Шамсуддавла, ки ба табобати нав ниёз дошт, Ибни Синоро дубора ба дарбор хонд ва аз нав ӯро вазир таъин кард. Самоъуддавла, ки соли 1021 ба ҷойи падар ба тахт нишаст ба Ибни Сино пешниҳод кард, ки дар мақоми вазирӣ бимонад. Олим ин пешниҳодро қатъан напазируфт. Дар натиҷа байни ӯ ва Самоъуддавла ихтилоф эҷод шуд. Ӯ аз қисос хавф бурда, аз ҷамоат дур ва дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳон шуд. Дар ин давра ӯ ба хохиши Ҷузҷонӣ навиштани ҳама ҷузъҳои табииёт (ба ҷуз китоби набот ва китоби ҳайвон) ва илоҳиёти "Шифо"-ро ба анҷом расонд. Чунонки Ҷузҷонӣ дар "Саргузашт" мегӯяд, ӯ ба ҳеҷ манбае нанигариста, ҳар рӯз аз ёд панҷоҳ саҳифа менавишт. Ин гуфтаи Ҷузҷонӣ бояд муболиға набошад, зеро Ибни Сино ҳарчи мехонд, онро ҳифз мекард ва дар ёд нигоҳ медошт. Ибни Сино ҳангоми дар хонаи Абутолиби Аттор пинҳонӣ зиндагӣ кардан ба ҳокими Исфаҳон мукотибаи махфӣ оғоз кард. Маълумотҳое дар даст ҳаст, ки икдоми ин мукотибаи махфиёна аз ҷониби худи Шамсуддавла содир шудааст. Аз тарафи дигар, худи Ибни Сино ҳам охири кори Самоъуддавларо эҳсос мекард, ки соли 1023 ба вуқӯъ пайваст. Дар ин ҳангом ҷосусони Тоҷулмулк – вазири Самоъуддавла ва душмани сарсахти Ибни Сино пайи ӯро гирифтанд, вайро ба мукотибаи махфиёна ба Алоуддавла муттаҳам карданд ва дар қалъаи Фардаҷон ба муддати чаҳор моҳ маҳбусаш карданд. Дар ин зиндон ӯ асарҳои худ "Ал-ҳидоя", "Ҳай ибни Яқзон", «Ат-тайр» ва "Китоб ал-Қуланҷ"-ро таълиф кард.

Ибни Сино аз зиндони Фардаҷон ҳангоми юриши Алоуддавла ба Ҳамадон озод карда шуд. Баъди аз зиндон озод шудан ӯ чанд вақт дар Ҳамадон монд ва ба навиштани қисматҳои нотамоми мантиқи "Шифо" машғул гардид.

Соли 1023 Ибни Сино тасмим гирифт, ки Ҳамадонро тарк кунад ва ба Исфаҳон ҳиҷрат намояд. Ин тасмим натиҷаи муносибатҳои ноҳамвори ӯ ба Самоъуддавла ва вазири ӯ Тоҷуддавла буд. "Сипас, - менависад Ҷузҷонӣ, - Шайхро чунин пеш омад, ки оҳанги Исфаҳон кунад. Ӯ ҳамроҳи ман, бародараш ва ду ғуломе, ки бо ӯ буданд, ношинос, дар ҷомаи суфиён берун рафт, то ин ки баъд аз сахтиҳои бисёри роҳ ба Табарон - бар дарвозаи Исфаҳон расидем. Он гоҳ дӯстони Шайх ва надимону аҳли хосси амир Алоуддавла ӯро пешвоз гирифтанд, барои ӯ сарулибос ва савориҳои хос фиристонданд ва ӯ дар маҳаллае ба номи Кунгунбаз дар сарои Абдуллоҳ ибни Бобӣ фуруд омад. Дар ин ҷо аз олоту фарш ҳарчи мебоист буд. Пас ӯ ба пазироии Алоуддавла ҳозир шуд ва дар маҷлис он икрому эъзозро дид, ки мисли ӯро муносиб аст".

Дар замони Бувайҳиён Исфаҳон шаҳри густурда ва шукуфое буд. Дар ин ҷо биноҳои бошукӯҳи давлатию шахсӣ, ҳаммомҳо, бозорҳо, боғҳо, шифохонаҳои зиёд вуҷуд дошт. Шумораи аҳолии шаҳр аз рӯйи баъзе маълумот (ки шояд муболиғаомез бошанд), бештар аз сад ҳазор буд. Соли 1052 Носири Хусрав аз Исфаҳон дидан карда буд. Ӯ дар "Сафарнома"-аш Исфаҳонро бо шӯру шавқи зиёд васф кардааст: "Исфаҳон... шаҳре аст бар ҳомун ниҳода. Обу ҳавои хуш дорад. Ва ба ҳарҷо, ки даҳ газ чоҳ фурӯ баранд, обе сарди хуш берун ояд. Ва шаҳр деворе ҳасини баланд дорад ва дарвозаҳову ҷанггоҳҳо сохта ва бар ҳама бару кунгура сохта. Ва дар шаҳр ҷӯйҳои оби равон ва биноҳои неку ва муртафеъ ва дар миёни шаҳр масҷиди одинаи неку... Ва андаруни шаҳр ҳама ободон, ки ҳеҷ аз вай хароб надидам. Ва бозорҳои бисёр ва бозоре дидам аз они саррофон, ки андар ӯ дувист марди сарроф буд ва ҳар бозореро дарбанде ва дарвозае. Ва ҳама маҳаллаҳову кӯчаҳоро ҳамчунин дарбандҳо ва дарвозаҳои муҳкам ва корвонсаройҳои покиза буд. Ва кӯчае буд, ки онро "Тароз" мегуфтанд ва дар он кӯча панҷоҳ корвонсарои неку ва дар ҳар як бойион ва ҳуҷрадорони бисёр нишаста... *Ва ман дар ҳама замини порсигӯён шаҳре некутар, ҷомеътар ва ободонтар аз Исфаҳон надидам* " [13,с.215].

Дар Исфаҳон ҳаёти ақлонӣ дар ҷӯш буд. Ин ҷо адибон, шоирон, фақеҳон, файласуфон, табиатшиносон, риёзидонон ва табибони зиёде гирд омада буданд. «Баъд, -менависад Ҷузҷонӣ, - Алоуддавла қарор дод, ки шабҳои ҷумъа дар ҳузури ӯ бо иштироки тамоми олимон аз ҳар табақае *маҷлиси баҳс барпо* кунанд. Шайх Абуалӣ аз ҷумлаи онҳо буда, дар ягон илм ҳамто надошт" [8,с.23].

Давраи ҳаёти Ибни Сино дар Исфаҳон (1023-1037) замони рушду камоли эҷодӣ ва шукуфтани нубуғи ӯ буд. Дар ин ҷо ӯ таълифи доиратулмаорифи "Шифо" ва ҷомеъулулуми "ал-Қонун фӣ тиб"-ро анҷом дод. Дар ҳамин ҷо доиратулмаорифе бо номи "Донишнома" ба забони модариаш - забони тоҷикӣ (форсӣ) иншо кард. Дар ҳамин шаҳр асарҳои бунёдии худ "Ҳикмат ал-Машриқия", "Китоб ул-инсоф", "Мубоҳасот", "Ал-ишорот ва-т-танбеҳот"-ро таълиф намуд.

Дар Исфаҳон дар ҳузури амир Алоуддавла байни Ибни Сино ва забоншинос Абумансури Ҷуббоӣ дар масоили забон баҳсе рух дод. Ҷуббоӣ ба ӯ гуфт: "Дарвоқеъ ту файласуф ва ҳаким ҳастӣ, вале дар забон чизе нахондаӣ, ки боиси қабули каломи ту бошад. Ба ин сабаб вай дар тули се сол китобҳои забоншиносиро ба шиддати

тамом омӯхт ва дар илми забон ба дараҷае расид, ки ҳамто надошт. Дар натиҷа, ӯ се қасида иншо карда, дар онҳо калимоти басо нодирро ба кор бурд ва се китоб навишт, ки яке дар сабки Ибни Амид, дигаре дар сабки Соҳиб ва сеюмӣ дар сабки Собӣ нигошта шуда буд. Сипас, Шайх дар бораи забон китобе бо номи "Лисон-ал-араб" таълиф кард ва ҳанӯз онро тозанавис накарда буд, ки аз дунё даргузашт. Ин китоб дар шакли мусаввада бимонд ва мутаассифона касе ба он даст наёфт ва то замони мо нарасидааст" [8,с.24].

Ибни Сино дар Исфаҳон ба дастури Алоуддавла ҳашт сол ба таҳқиқҳои ҳайатшиносӣ ва сохтани асбоби расадӣ иштиғол варзид. "Як шаб, - менависад Ҷузҷонӣ, - дар пеши Алоуддавла аз халале сухан рафт, ки дар тақвимҳои маъмулӣ тибқи расадҳои қадим ворид шуда буд. Пас, амир ба Шайх фармуд, ки ба расади ситораҳо бипардозад ва аз мол он миқдор ки лозим буд, ба ӯ дод. Шайх ба ин кор оғоз кард ва фароҳам овардани олатҳо ва ба хидмат гирифтани созандагони онҳоро ба ман супурд. Дар натиҷа бисёр масъалаҳо ошкор шуд" [8,с.23].

Маъхазҳо хабар медиҳанд, ки дар рафти сохтани расадхона Ибни Сино олоти расадие ихтироъ ва насб кард, ки пеш аз ӯ вуҷуд надоштанд. Вай барои истеъмоли онҳо мақолаҳо (дастурҳо) низ таълиф кардааст. "Мақола фи олат ал-расадия" ва "Мақола фи кайфият ил-расад ва мутобиқатуҳу маъа илм- ит-табиӣ" аз ҷумлаи ҳамин мақолотанд, ки дар онҳо масъалаи ихтирои олоти дақиқи расадӣ матраҳ шудааст. Доираи мисини азиме, ки сад сол пас аз марги Ибни Сино барои олоти ҳайатшиносӣ дар Қоҳира рехта шуда буд, бегумон аз рӯйи дастурҳое, ки дар ин мақолот омадаанд, сохта шуда буд. Дар заминаи расадҳои ҳайатшиносӣ, ки Ибни Сино анҷом дода буд, имконият пайдо шуд, ки маълумоти Батламиус тасҳеҳ карда шавад. Абулқосим Баёнӣ дар "Суллам ус-самовот"-и худ овардааст: "Баъзе масъалаҳои ҳайатшиносӣ ва нуҷумиеро, ки Батламиус ва дигар қудамо дақиқ ҳал накарда буданд, Ибни Сино бисёр саҳеҳ баён кард. Масалан, масъалаи дар фалаки чорум будани Хуршед ва дар фалаки савум будани Зуҳалро. Зеро, чунонки худи Абуалӣ мегӯяд, ӯ Зуҳалро дидааст, ки чун мӯр аз рӯйи Хуршед равон аст" [8,с.179].

Завадовский Ю.Н. барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ба Пулково – ба академик А.А.Михайлов муроҷиат карда буд. Академик А.А.Михайлов дар заминаи ҳисобҳои дақиқи риёзӣ чунин ҷавоб дод: "Имкон дорад, ки Ибни Сино дар Исфаҳон ин ҳодисаро соли 1032 мушоҳида карда бошад" [8,с.74]. Ин ҳақиқат аз он дарак медиҳад, ки Ибни Сино дар расадхонаи Исфаҳон бешак таҳқиқоти дақиқи ҳайатшиносӣ анҷом медодааст.

Ба ин сабаб шояд зарур аст, ки осори риёзии Ибни Сино ҷиддитар таҳқиқ шавад, хидматҳои ӯ дар ин риштаи илм мушаххастар баррасӣ ва нақшу мақоми ӯ дар таърихи илми риёзӣ таҷдиди назар гардад.

Зимнан бояд гуфт, ки зиндагии Ибни Сино дар Исфаҳон низ фориғболона ва ором набуд. Дасисаҳои дарбор олимро пайваста озурда мекарданд ва гоҳо ба ҳаёташ таҳдид мекарданд. Мутафаккир соли 1030, вақте ки гумоштаи султон Масъуд ба Исфаҳон ҳуҷум овард ва онро ғорат кард, мусибати сахтеро аз сар гузаронд: хонаи ӯ низ ғорат шуд, дар натиҷа бисёре аз осори ӯ, аз ҷумла "Китоб-ал-инсоф"-и вай, ки иборат аз 20 муҷаллад буд, бенишон гум шуд.

Дар заминаи гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки ҳаёти пурталотум, саргардониҳои зиёд, маҳрумиятҳои бисёр, дасисаҳои дарборӣ, зиндонӣ шудан, ҳамроҳии амирон

ҳангоми юришҳо ва сафарҳояшон ҳатто дар ҳоли беморӣ, тандурустии Ибни Синоро комилан хароб карданд. Ӯ дар ҳоле, ки сахт бемор буд, Алоуддавларо дар сафари Ҳамадон ҳамроҳӣ кард. Вале ба Ҳамадон нарасида, рӯзи ҷумъаи якуми моҳи рамазони соли 428, яъне 24 июни соли 1037 вафот ёфт ва дар Ҳамадон дафн карда шуд.

**Муқарриз: Калонзода Ф. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Абу-л-Фазл Бейхаки. История Масъуда. –М., 1969.
2. Бертельс Е.Э. Предисловие к книге "Кабуснамэ" / Е.Э. Бертельс. –М., 1958.
3. Гафуров Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. –М., 1972.
4. Девони Рӯдакии Самарқандӣ. -Теҳрон,1373.
5. Диноршоев М. Ибн Сина и его философские воззрения / М. Диноршоев. - Душанбе, 1985.
6. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино / М. Диноршоев. – Душанбе, 2012.
7. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. -Ҷилди 4. -Теҳрон, 1370.
8. Завадовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина / Ю.Н. Завадовский. –Душанбе, 1980.
9. Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ». –Ҳамадон, 1383 ҳ.
10. Иқтибос аз: Заводовский Ю.Н. Абу Али ибн Сина.
11. Муфассалтар ниг.: Булгаков В.Г. Жизнь и труды Беруни. –Ташкент, 1972.
12. Низомии Арузи Самарканди. Четыре статьи. –М., 1963.
13. Носири Хусрав. Сафарнома. –Теҳрон, 1382.
14. Садыков Р.Г. Концепция человека в философии Ибн Сины / Р.Г. Садыков. - Издательство С. – Петербургского университета, 2006.
15. Унсурулмаоли Кайковус. Қобуснома. –Душанбе, 1970.
16. Худуд ал-алам. Рукопись Туманского. С введением и указаниями В.В.Бартольда. М., 1930. -22с.
17. Шарипов А. Великий мыслитель Беруни / А.Шарипов. –Ташкент, 1972.


### ЗИНДАГИИ ПУР АЗ МУШКИЛОТ ВА НООРОМИ ИБНИ СИНО


Мақола ба мавзуи хеле муҳим – масъалаи зиндагии пур аз мушкилот ва нооромии Ибни Сино бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи мазкурро бо такя ба осори илмии Ибни Сино ва дигар сарчашмаҳои муътамади илмие, ки ба ҳаёту фаъолияти Ибни Сино бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф дар мақола чунин қайд мекунад: «Вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсии замони Ибни Сино замони бархӯрдҳои тамаддунӣ ва ҳуҷумҳои гуногунро дар бар мегирифт ва вазъият на ҳамеша якрангу ором буд. Табиист, ки чунин нооромиҳо ба зиндагӣ ва фаъолияти ин мутафаккирон бетаъсир намемонад". Ба андешаи муҳаққиқ, ҳаёти пурталотум, саргардониҳои зиёд, маҳрумиятҳои бисёр, дасисаҳои дарборӣ, зиндонӣ шудан, ҳамроҳии амирон ҳангоми юришҳо ва сафарҳояшон ҳолати тандурустии Ибни Синоро комилан хароб карда буд. Ӯ дар ҳоле, ки сахт бемор буд, Алоуддавларо дар сафари Ҳамадон ҳамроҳӣ кард. Вале ба Ҳамадон нарасида, рӯзи ҷумъаи якуми моҳи рамазони соли 428, яъне 24 июни соли 1037 аз олам гузашт ва дар Ҳамадон дафн карда шуд. Бояд зикр намуд, ки кӯшиши муаллиф баҳри таҳқиқи масъалаи бамиёнгузошташуда муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ шуда, нашр гардидани мақола барои такмили донишҳо доир ба масоили фалсафаи муосир мусоидат хоҳад кард.



**Калидвожаҳо:** Ибни Сино, Сомониён, Бухоро, Ҳамадон, ҷанг, сулҳ, фалсафа, ҳастишиносӣ, воҷибулвуҷуд, имконулвуҷуд, илоҳиёт, худошиносӣ, калом, олам, офариниш, қадим, азалӣ, абадӣ.


### ЖИЗНЬ ИБН СИНЫ, ПОЛНАЯ ПРОБЛЕМ И СУЕТЫ


Статья посвящена очень важной теме – полной проблеми суеты жизни Ибн Сины. Автор изучал и исследовал этот вопрос на основе научных трудов Ибн Сины и других достоверных научных источников, посвященных жизни и деятельности Ибн Сины. В статье автор отмечает: «Общественно-политическая ситуация времени Ибн Сины включала в себя время цивилизационных столкновений и различных нападений, и обстановка не всегда была однородной и спокойной. Естественно, что подобные волнения никак не сказываются на жизни и деятельности этих мыслителей». По мнению исследователя, бурная жизнь, многочисленные скитания,, многочисленные лишения, придворные заговоры, заключение в тюрьму, сопровождение эмиров во время их походов и путешествий полностью подорвали состояние здоровья Ибн Сины. В то время как он был серьезно болен, он сопровождал Алоуддавлу в его поездке в Хамадан. Однако до Хамадана он не дошел, умер в первую пятницу рамадана 428 года, т.е. 24 июня 1037 года, и был похоронен в Хамадане. Следует отметить, что усилия автора по исследованию вопроса важны и

своевременны, а публикация статьи будет способствовать совершенствованию знаний по вопросам современной философии.

**Ключевые слова**: Ибн Сина, Самниды, Бухара, Хамадан, война, мир, философия, экзистенциализм, существование, возможность, теология, богология, слово, мир, творение, древний, вечный.

**THE LIFE OF IBN SINA, FULL OF PROBLEMS AND FUN**

The article is devoted to a very important topic - full of problems and vanity of Ibn Sina's life. The author studied and researched this issue on the basis of the scientific works of Ibn Sina and other reliable scientific sources devoted to the life and work of Ibn Sina. In the article, the author notes: "The socio-political situation of the time of Ibn Sina included the time of civilizational clashes and various attacks, and the situation was not always uniform and calm. Naturally, such unrest does not affect the life and work of these thinkers in any way. According to the researcher, a turbulent life, numerous wanderings, numerous hardships, court conspiracies, imprisonment, accompaniment of emirs during their campaigns and travels completely undermined Ibn Sina's state of health. While he was seriously ill, he accompanied Alouddawla on his trip to Hamadan. However, he did not reach Hamadan, he died on the first Friday of Ramadan 428, i.e. June 24, 1037, and was buried in Hamadan. It should be noted that the author's efforts to study the issue are important and timely, and the publication of the article will contribute to the improvement of knowledge on issues of modern philosophy.

**Key words**: Ibn Sina, Samnids, Bukhara, Hamadan, war, world, philosophy, existentialism, existence, possibility, theology, theology, word, world, creation, ancient, eternal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юнусов Толибҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D курси 3-юми кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **tolib-34@mail.ru** Телефон: **+992882238989**

**Сведения об авторе:** ***Юнусов Толибджон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D 3-гокурса кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.17. E-mail: **tolib-34@mail.ru** Телефон: **+992882238989**

**Information about the author:** ***Yunusov Tolibdzhon*** - Tajik National University, doctoral candidate Ph.D of the 3rd year of the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.17. E-mail**: tolib-34@mail.ru** Phone: **+992882238989**

УДК:001:111(575.3)

# ИЛМУ МАЪРИФАТ АЗ ДИДГОҲИ ҒАЗОЛӢ

***Рамзуллои Файзалӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вақте таълимоти гузаштагонро дар шароити муосир матраҳ месозем, мебинем, ки барои истифода аз онҳо ин таълимот ба низому тартиб ва ислоҳ ниёз доранд. Ҳарчанд донишмандони гузашта омӯзаҳои исломиро таҳқиқ ва барои интишору оламшумул гаштани он тамоми саъйи худро карда бошанд ҳам, вале аз ҷониби онҳо қонуну қоидаи методҳои омӯзишӣ ва таълими ба таври кофӣ матраҳ нагардидааст. Ба ин тартиб, омӯзиши осори ниёгон бо баррасии намудани онҳо бо методҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ саривақтӣ ва самаранок мебошад.

Яке аз олимони шинохтаи Машриқзамин, аввалин донишманде, ки дар маърифати исломӣ ва илми фалсафа бо барномаи омӯзиш ва ё методи худ ба омӯзиши улуми исломӣ ва фалсафӣ пардохтааст, Муҳаммад Ғазолӣ мебошад. Донишмандони баъдӣ зери таъсири методи омӯзиши ӯ қарор гирифтаанд. Ҳамин аст, ки дар робита ба осор ба рӯзгори ин донишманд, махсусан дар масъалаи **ақл** ва методи омӯзиши **шакку илҳом** таҳқиқоти зиёди донишмандони ватаниву хориҷӣ сурат гирифтааст.

Омӯзиши андешаҳои Муҳаммад Ғазолӣ дар мавриди илму маърифат нишон медиҳад, ки мавсуф, пеш аз ҳама, аз таърифи худи мафҳуми илм оғоз кардааст. Ба андешаи ӯ, "илми яқинӣ, ҳамон илме мебошад, ки дар он маълумро, чунон ошкор кунад, ки дар он ягон асари шакку шубҳа вуҷуд надошта бошад ва имкони наздик дар байни ғалат ва ваҳмро надошта бошад ва лозим меояд, ки муқорини яқин бошад. Агар муқорине, ки дар зоҳири он номуайянӣ дида шавад, ҳеҷ тафовуте надорад, чун касе, ки сангро тилло гардонад ва ё асоро мор кунад, дар ин ҳолат ягон шак ва инкоре нахоҳад буд" [3,с.124].

Илова бар ин, Муҳаммад Ғазолӣ мафҳуми илмро чунин таъриф намудааст: **"**Илм эътиқоди ҷозим мутобиқи маълум ва бо басират бошад, пас, тавсиф намояд, бо исбот намудан дар ҳолати шак кардан" [4,с.24,26].

Аз таърифот ва баррасие, ки донишманд дар мавриди илм намудааст, маълум мегардад, ки мақсуд аз илм ҳамин илми башарист, на илми дигар.

Баъд аз таърифи илм Ғазолӣ ба аҳамият ва волоии илм ишора намуда, мегӯяд: "Бидон, ки илм ба зоти худ шариф аст, ғайр аз он ки назар афканем ба ҷиҳати маълум, ҳатто ин ки илми сеҳру ҷодугарӣ ба зоти худаш шариф аст, агар ботил ҳам бошад. Чунин аст, ки илм зидди ҷаҳл аст ва ҷаҳл бошад, аз лавозимоти зулмоту торикист ва зулумот аз макони ҳамешагии оромиш аст, ва оромиш наздик ба адам аст. Пас, ҷаҳл ҳукмаш ҳукми адам аст ва илм ҳукмаш ҳукми вуҷуду ҳастӣ" [4,с.26].

Воқеан, Ғазолӣ дар ин ҷо илму ҷаҳлро ба зиндагиву марг ташбеҳ намуда, асоси ҳаётро аз юмну баракати илм ба қалам додааст. Ҳамзамон, ба ақидаи донишманд ҳама гуна илм, ҳатто зиёновартарин он, ки метавонад дар мардумфиребӣ корбурд шавад, аз ҷаҳл бартар аст.

Донишманд дар робита ба таснифи илмҳо мегӯяд: "Бидон, ки илм бар ду қисм аст, якеаш илми шаръӣ ва дигараш илми ақлӣ. Аксарияти илмҳои шаръӣ барои донандааш ақлӣ ва аксарияти илмҳои ақлӣ барои донандааш шаръӣ мебошанд" [4,с.24,26]. Ба андешаи ӯ, аксарияти илмҳои шаръӣ ақлӣ мебошанд, зеро ба ақли сареҳу возеҳ мувофиқат мекунанд ва аксари илмҳои ақлӣ илмҳои шаръӣ мебошанд, зеро инсоният аз онҳо барои манфиати худ истифода мебарад. Бо ин сухан донишманд кӯшидааст, то алоқамандӣ ва зичии байниҳамдигарии донишҳои динӣ ва дунявиро баён намуда, дар хидмати ҳамдигарӣ будани онҳоро нишон диҳад.

Баъд аз чунин тасниф донишманд ба баёни ҳар яки он ба таври алоҳида пардохтааст. Аз ҷумла, мавсуф илми шаръиро ба ду қисм: 1) илми усул ва илми

фуруъ тақсим менамояд. Ба андешаи ӯ, илми шаръӣ илмӣ ва амалӣ мешавад, яъне илми усул илмӣ ва илми фуруъ амалӣ мебошад. Илми усул собиту устувор буда, ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад ва маърифаташ бо касби илмӣ ошкору баён карда намешавад. Илми усул бо ваҳй муродиф аст, ба ин маъно, ки мардум онро тасдиқ карда, ба он эътиқод мекунанд, ҳамзамон, барои дигаргуннамоии унсурҳои он ва иҷтиҳод намудан дар ростои он ягон роҳу василае вуҷуд надорад.

Аммо илми амалӣ (илми фуруъ), илмест, ки ба ҳуқуқҳои одамон алоқамандӣ дорад. Касби иҷтиҳод дар ин фаръҳо амри илмиест, ки назарияҳо ба он ниёз доранд. Илми амалӣ аз назари ин донишманд ба се бахш ҷудо мешавад: 1. ҳаққи Худованд, монанди рукнҳои ибодатӣ; 2. ҳаққи бандагон, монанди хариду фурӯш, қисос дар ҷиноятҳо ва ғайра; 3. ҳаққи нафс, монанди илмҳои ахлоқӣ [10,с.156].

Илми фуруъ ба он хотир илми амалӣ номгузорӣ шудааст, ки дар он масъалаҳои фиқҳие мавҷуданд, ки бо ҳаёти инсон алоқамандӣ доранд. Маълум аст, ки ҳаёту фаъолияти инсонҳо пайваста навовариҳоро талаб мекунад ва зарурат пеш меояд, ки мувофиқи ҳаёти одамон ин илм ҳамеша тағйир ёфтаву дар он навгонӣ ба майдонояд. Вале ин ба маънои он нест, ки дар ин бахши илмҳо ҳар нафаре ояду як навгоние намояд, балки он бояд вобаста ба қонуну қоидаҳое, ки назди аҳли илм маълум аст, мавриди баррасӣ қарор гирад.

Илми ақлӣ аз нигоҳи ин донишманд ба се қисмат: 1. илми риёзӣ; 2. илми табиӣ ва 3. назар ё эътибор дар вуҷуд ҷудо мегардад. “Назар ё эътибор дар вуҷуд”, дар навбати худ, ба ду бахш: “воҷиб” ва “мумкин” тақсим карда шудааст.

Табақабандии илми Ғазолиро дар чунин шакл нишон додан мумкин аст: [10,156].

Аз таъкидҳои Ғазолӣ бармеояд, ки мавсуф барои расидан ба илми яқинӣ методҳои гуногунеро таҷриба кардааст. Сипас ба ин натиҷа расид, ки тавассути маҳсусот (донишҳои ҳиссӣ Р.Ф.) наметавон ба илми яқин расид, аз ин рӯ, рӯ ба ақл овард. “Шояд муътамад ё боварӣ нест, магар дар ақлҳое, ки аз нахустинҳо аст, монанди адади даҳ, ки аз адади се бештар аст ва як чиз наметавонад (дар як вақт Р.Ф.) ҳодису қадим бошад, вуҷуд ва маъдум бошад ва воҷибу маҳол бошад” [3,с.124]. Баъдтар ин донишманд дар қазияи ҳокими ақл дар шакку тардид афтода, ягона роҳи бурунрафти худро аз он дар ҳидояти илоҳӣ дарёфт. “Ягон халосӣ аз шакку тардид набуд, магар ба назм даровардани далел ва тартиби калом, балки бо нуре, ки Худованд дар сина андозад. Пас, ӯ нурест, ки кушоиши аксари маърифатҳост. Агар касе гумон кунад, ки кашф кардан мавқуф аст бар далелҳои озод, дар ҳақиқат раҳмати васеи Худовандро танг гардонидааст” [3,с.124; 9,с.14.15].

Дар ин ҷо метавон суханони Р.Декартро овард, ки навишта: “Дар ин ҷо ҳадаф дар худи шак нест, балки барои имтиҳони дониши мост ва ин маърифат моро неруманд мегардонад. Ман дар эҳсосот шак меоварам, зеро он дар баъзе ҳолатҳо моро фиреб медиҳад ва ё шояд ҳама вақт моро фиреб диҳад. Инчунин, ман дар истидлоли ақлӣ низ шак дорам, зеро ки одамон дар далел овардан хато мекунанд. Пас, байни онҳо касоне низ ҳастанд, ки дар содатарин мавзуъҳои ҳандаса ё геометрӣ хато мекунанд” [9,с.14,15].

Бе тардид, дар ин гуфтаи Р.Декарт инъикоси андешаи Ғазолиро мебинем, чаро ки ба андешаи ин ду мақсуд аз шак ҳақиқати шак нест, балки мақсуд аз он роҳе ба сӯйи яқин аст. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки донишмандон дар эҳсосоту ақл (маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ) шак кардаанд.

Бо чунин масъалагузорӣ Ғазолӣ равиши нави илмиеро барои донишмандони баъдӣ, хусусан донишмандони Ғарб ба мерос гузоштааст.

Аз таснифи илмҳо ва раддабандии онҳо аз ҷониби Ғазолӣ маълум мегардад, ки аз назари ин донишманд илми илоҳӣ аз илми дунявӣ тафовут ва бартарӣ дорад, зеро илми дунявӣ маншаъ аз иҷтиҳоду таҷрибаҳои башарӣ мегирад.

Нуқтаи дигаре, ки аз андешаҳои Ғазолӣ дар робита ба илм метавон хулоса кард, ин фарқ байни илм ва маърифат аст. Ба андешаи ин донишманд илм роҳе ба сӯйи

маърифат аст ва маҳз нафаре ба он мерасад, ки илмро дар амал холисона татбиқ намояд. Роҳе, ки ба маърифат мепайвандад аз назари Ғазолӣ чунин аст: “Илме, ки дар он ихлос бошад, ва амал намудан аз рӯйи ихлос бошад” [6,с.16].

Аз ин нигоҳ агар олиме, ки дар илмаш ихлосу амал ва ё бе қасду иродаи хотири илоҳӣ надошта бошад, пас, ӯ олим нест. “Маърифат чунин аст, ки агар он дар нафси хеш тараққию рушд ёбад, ба он миқдоре, ки он чи, ки касб ё кӯшишу меҳнат мекунанд дар он тавҳидро ва он тавҳид дар муҳаббат фазилатҳо мебахшад ва муҳаббат бо маърифат пайваст мешавад ва тавҳид бошад, бо равоншиносӣ мепайвандад. Дар аввал ин як чароғи нурест, ки ба сахтӣ ба даст оварда мешавад” [11,с.158].

Бинобар ин, асли маърифат аз назари Ғазолӣ тавҳид буда, он ба амалҳо алоқамандӣ дорад ва бо ин кашфиёте, ки ба маърифат бармегарданд, ҳосил мегардад. Пас, тавҳид асли маърифат аст. Маърифат бошад, дар фикру андеша маҳз бо тарки ороишу зинати дунё ва рӯ овардан ба сӯйи Худо ҳосил мегардад.

Аз назари Ғазолӣ муҳаббат дар маърифат як мақому манзалати бузурге дорад. Пас аз тавҳиди Худованд, ҳатман, муҳаббат падид меояд, ки аз байни мақомҳои маърифат он мақоми асосӣ дорад. Баъд аз дарк кардани муҳаббат мақом ё манзалатест, ки он аз самараҳои муҳаббат ба шумор меравад. Ҳар касе самараҳои муҳаббатро пайравӣ кунад, дар асл муҳаббатро пайравӣ кардааст, монанди шавқ, унс ва ризо.

Аз назари Ғазолӣ шартҳои маърифат инҳоянд:

**1.** Тавҳиди бо ихлос,
**2.** Муҳаббат,
**3.** Шавқ, унс, ризо,
**4.** Илм ва амал ба илм.
**5.** Қатъ кардани дил бо фирефтаи дунё.

Ба андешаи ӯ, агар дилро бо фирефтаи дунё бо ин шартҳои мазкур қатъ кунанд, пас, дар асоси он маърифатеро ба даст меоварад, ки дар он нури илоҳист ва дар қалб ҷой мегирад [11, с.43,52,158].

Ба назари Ғазолӣ, агар инсон дилашро ба зебу зинати дунё муаллақ гардонаду ба илмаш амал нанамояд, дари маърифат ба рӯяш пӯшида мегардад. Дар ин маврид инсон ҳанӯз пойбанди шаҳвату хостаниҳои дунёист ва наметавонад аз банди онҳо озод гардаду ба маърифат расад. Ин гуна инсон аз илм манфиате намебарад.

Воқеан, баррасии адешаҳои Ғазолӣ, ки дар асоси истинбот аз оёти қуръонӣ ба майдон омадаанд, нишон медиҳад, ки мавсуф пояи асосии илмҳо тақво баҳогузорӣ менамояд. Дар ин ҷо ӯ такя ба ояти қуръонӣ мекунад, ки омада: “Ва аз Худо битарсед; ва Худо шуморо меомӯзад; ва Худо ба ҳар чиз Доно аст”.

Мувофиқи ин илм пойбанд ба бар тақвост, дар ҳоле ки тақво маҳз бо тавҳиди Худованд ва канора гузоштани ҳавову ҳавас мукаммалу устувор мегардад.

Суханони Ғазолӣ, дар қазияи маърифат амиқ ва берун аз тақлид аст. “Бо сабаби тақвои сафо доштану дар зуҳди комил будан бандаро пурмоя дар илм мегардонад. Пурмоягони дониш ҳамон касонеанд, ки илмро собиту устувор гардониданд бо руҳҳояшон дар ғайб [11, с.158].

Вале гуфтаҳои ин донишманд дар қазияи руҳу кашф маънои онро надорад, ки ӯ вуҷуди ашёи ҳиссиро инкор ё умури онро кам шуморидааст, балки онро исботу иқрор мегардонад. Зеро ӯ маърифатро дар ҳиссу ақл маҳдуд накарда, ба ин ду кашфу илҳомро, ки дар назарияҳои донишмандони баъдӣ бараъло ба назар мерасад, илова намудааст. Ин нуқтаро метавон аз гуфтаи ӯ: “ҳар касе гумон кунад, ки кашф мавқуф бар далелҳои фикрҳои озод аст, пас, раҳмати васеи Худоро танг гардонидааст [11,с.158].

Қобили қайд аст, ки Ғазолӣ бо ин заминаҳои маърифатеро, ки маҷҳулу номуайн буд, кашф кардааст. Чунин андешаи Ғазолӣ, чи аз ҷониби донишмандони шарқӣ ва чи ғарбӣ, пайравону мухолифони худро доштааст. Аз ҷумла, файласуфи англис

Валим Айрел Русил бо таъсирпазирӣ аз ин андешаи Ғазолӣ гуфтааст: “Мавзуъҳои ҳис аз он ашёҳое ҳастанд, ки мо онро бевосита медонем, пас, он муқаддам аст, ки воқеан, возеҳтарин ва комилтарин мисол барои маърифати бевосита аст. Лекин, агар рафту мавзуъҳои ҳис дар ин мисолҳо ягона бошанд, ҳароина маърифати мо дар ҳудуди танге маҳдуд мегардад, ки бисёриҳо дар он ақида ҳастанд.

Василаҳои маърифат. Қазияи илму маърифат дар андешаҳои Ғазолӣ ҳанӯз ба таври пурра омӯхта нашудааст. Пештар ишора кардем, ки мавсуф илмро василае барои расидан ба маърифат мешуморад ва, ҳамзамон бо ин, “роҳҳои ба даст овардани илмҳо”-ро низ нишон медиҳад, то заминае барои расидан ба маърифат бошад. Ба андешаи ӯ, “илми инсонӣ танҳо бо ду роҳ ба даст меояд: 1) раббонӣ ва 2) инсонӣ” [10,с.156].

Дар мавриди роҳи аввал хилофи назар нест, чун он маъруфу шинохта ва аз ҷониби ҳама оқилон пазируфтааст. Вале роҳи дувум, ки тавассути омӯзиши инсонӣ аст, дар навбати худ ба ду қисм ҷудо мешаванд: 1) тааллуми берунӣ, ки онро “ба даст овардан бо роҳи омӯзиш” меноманд ва 2) тааллуми ботинӣ, ки онро “машғул шудан бо фикр” мешуморанд.

Чи тавре пештар ишора шуд, андешаҳои Ғазолӣ дар мавриди қазияи илму маърифат бо истинбот аз оятҳои қуръонӣ сурат гирифтааст. Масалан, дар Қуръони карим омадааст: “Ва ҳамаи он чиро, ки дар осмонҳо аст ва он чиро, ки дар замин аст – якҷо, аз ҷониби Худ (падид оварда), барои шумо мусаххар кард. Ба дурустӣ, дар ин [муқаддима] барои гурӯҳе, ки тафаккур мекунанд, нишонаҳое ҳаст” [6,с.16].

Бо истинбот аз ин гуна оятҳост, ки Ғазолӣ тааллуми ботиниро яке аз роҳҳои расидан ба маърифт шуморида, онро аз тааллуми берунӣ бартар ба қалам медиҳад. Бинобар ин, зимни ин назария Ғазолӣ тааллуми нафсро беҳтар донистааст. Зеро устувории илмҳои тавассути тааллуми берунӣ касбкарда дар инсон ба устувории ҳолати аз тааллуми ботинӣ касбкарда вобастагии зич дорад. Вақте нафси мутааллим бо таллуми ботинӣ комилу пурра гардад, дар он маврид он ба як дарахти пурбор бадал мегардад, ки ҳам худ суд мебараду ҳам ба дигарон суд мерасонад.

Равиши инсонии касби илмро Ғазолӣ дар сафо бахшидани ботин ва бо тақво ҳамроҳ намудани он мебинад. Яъне, илм вақте ҳосил мешавад, ки агар дар нафс сафову тақво бошад ва ба маърифат вақте расидан имкон дорад, ки илм ҳосил шуда бошад.

Бо баёни заруратҳои равиши инсонии касби илм донишманд ба тавсифи равиши раббонии он гузашта, онро низ ба ду қисм: ваҳй ва илҳому кашф ҷудо созад [10,с.156].

Касби илм тавассути ваҳй хосси паёмбарон аст, чунончи дар ояти қуръонӣ омада: “Ва Худо бар ту Китобу дониш фуруд овардааст; ва он чиро намедонистӣ, ба ту омӯхтааст”

Илҳому кашф қисми дуюм аз тааллуми раббонӣ мебошад. Илҳом ҳамон тааллумест, ки илм ба ғайри касб кардан ҳосил мегардад, яъне банда намедонад, ки чӣ гуна ва аз куҷо барояш илме ҳосил шудааст ва ин хосси авлиёву зоҳидон мебошад. Илҳомро дар тасаввуф илми ладунӣ меноманд [11,с.158].

Шартҳои илҳом се қисманд: 1) таҳсил намудани тамоми улум; 2) риёзиёти содиқаву муроқибати саҳеҳа ва 3) тафаккур.

Агар нафс таълим гирад, бар илм розӣ мегардад, сипас дар маълумотҳояш фикр мекунад ва дар ин ҳолат ба рӯяш дарҳои ғайб кушода мегарданд.

Аз таҳлили андешаҳои Ғазолӣ маълум мегардад, ки илҳом кашф ва кашф илҳом аст, чаро ки корбурди онҳо дар осораш корбурди муродифоти ҷуфти пайҳамро ба назар мерасонад, ки яке барои таъйиду таъкиди дигаре ба кор меравад ва дар худ маънои мустақиле надорад. Дар баробари илҳому кашф, чи тавре ишора шуд, Ғазолӣ дар назарияи касби илм мафҳуми “руъят” (дидан)-ро ба кор бурдааст, ки ҳосилшавии он низ бо сафо додани ботин ба даст меояд.

Таъсирпазирии файлсафуони Ғарбро аз андешаҳои Ғазолӣ дар робита ба василаҳои маърифат баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, Франсис Бекон василаҳои маърифатро дар се назария: “нақл”, “истидлол” ва “таҷриба” инҳисор кардааст, ки аз таъсирпазирии ӯ аз тақсимоти маърифатии Ғазолӣ дарак медиҳад. Зеро дар қазияи василаҳои маърифатӣ байни андешаҳои Ғазолӣ ва Бекон шабоҳат вуҷуд дорад [10,с.156].

Қонуни таъвил. Пеш аз он ки Муҳаммад Ғазолӣ дар бораи “таъвил” назарияеро матраҳ кунад, дар аввал қисмҳои “вуҷуд”-ро зикр кардааст: “вуҷуд дорои чунин қисмҳо мебошад: зотӣ, ҳиссӣ, хаёлӣ, ақлӣ, шибҳӣ ва агар ҳар касе, ки вуҷудро эътироф кунад, ки он вуҷуде, ки Паёмбари Худо аз вуҷудаш хабар дода бошад, бо воситаҳои яке аз ин қисмҳои панҷгонае, ки дар он дурӯғи мутлақ набошад”. Баъди ин тақсимбандӣ ҳар яке аз ин дараҷаҳои таъвилҳоро бо мисолҳо зикр кардааст.

1.Вуҷуди зотӣ ниёз ба мисол овардан надорад. Қазияи он дар зоҳир ҷорӣ шуда, аммо таъвил карда намешавад ва ин вуҷуди мутлақи ҳақиқӣ аст. Чунончи, Расули Худо аз “Арш”-у “Курсӣ” ва “ҳафт табақаи осмон” хабар додааст. Ин қазия мазкур ба зоҳирашон ҳукм ҷорӣ шуда, дар мавриди онҳо ба таъвил роҳ дода намешавад. Зеро онҳо вуҷуд доранд, вале онҳоро бо роҳи ҳиссу хаёл наметавон дарк кард.

2.Вуҷуди ҳиссиро метавон аз ҳадиси Паёмбари Худо (с) пай бурд, ки фармудаанд: “Марг дар рӯзи қиёмат ба сурати як гӯсфанди зебо оварда мешавад, сипас он дар байни ҷаннат ва дӯзах забҳ карда мешавад”. Яъне, аҳли қиёмат ин манзарро мушоҳида карда, чунин гумон мекунанд, ки ҳамон гӯфсанд марг аст. Ин гумонҳо дар ҳиссиёт аст на дар зоҳир. Маҳз чунин ҳиссиёт сабаби ҳосил гардидани яқин аз набудани марг дар қиёмат мешавад.

3.Вуҷуди хаёлӣ. Мисоли вуҷуди хаёлиро метавон аз ҳадиси Паёмбари Худо (с) истинбот кард, ки фармуда: “Гӯиё ман ба Юнус писари Матто менигарам, ки савора ба уштури сурхмӯе ва ба тан либоси пахтагин вақте лаббай мегӯяд, дар ҷавоби лаббайи ӯ тамоми кӯҳҳо ҷавоб мегӯянд ва Худованди таоло низ барояш мегӯяд: лаббайка, ё Юнус”.

4.Вуҷуди ақлӣ. Дар вуҷуди ақлӣ ин ҳадиси Паёмбар (с)-ро мисол овардан мумкин аст, ки мефармоянд: “Охирин нафаре, ки аз оташ бароварда мешавад, бароящ ҷаннате дода мешавад, ки ҳаҷмаш аз ҳаҷми дунё даҳ маротиб калонтар аст”.

Шахси таъвилкунанда дар ҳайрат монда, мегӯяд, ки шояд мурод аз гуфтаҳои боло тафовути маъно бошад, на ҳиссию ва на хаёлӣ. Чунончи мегӯянд, қимати ҷавҳар аз қимати асп зиёдтар аст, яъне дар ин ҷо руҳи молиро дар назар дорад. Яъне, дарк кардани ақл аз дарки ҳиссию хаёлӣ тафовут дорад.

5.Вуҷуди шибҳӣ. Барои вуҷуди шибҳӣ мисолҳо зиёд аст, мисли ғазаб, шавқ, хушҳолӣ, сабр кардан ва ғайра. Дар ин бахш Ғазолӣ, аслан, ба таъвил ва тавсифи сифоти илоҳӣ мепардозад.

Барои дарки беҳтари ин масоил Ғазолӣ онҳоро вижаи мақомҳо қарор додааст.

Мақоми аввал мақоми (аввомулхалқ) инсонҳои оммӣ мебошад. Мақоми инсонҳои оммӣ чуниин аст, ки ҳақро бояд пайравӣ дошта бошанд, вале ба таъвили қазияҳо напардозад. Дар ин ҷо қавли Имом Моликро метавон овард, ки вақте аз ӯ дар бораи маънои “истиво” пурсон шуданд, гуфт: “Истиво феъли маълум аст, вале чигунагии он маҷҳул, имон доштан бар он воҷиб аст, вале пурсидан аз он бидъат”.

Мақоми дувум мақоми (наззор) нозиру коршинос аст ва он мақомест, ки дар баробари пайравӣ боз ба таъвили қазияҳо мепардозад. Вале набояд ин гуна таъвил кӯркӯрона бошад, балки он пойбанд ба шарту шурутест, ки барои аҳли ин мақом шинохтаву донистанист.

Бояд зикр намуд, ки бо тақсими ин ду мақом Ғазолӣ ба гунае таъвили қазияҳоро манъ намудааст. Ибни Рушд низ дар таъвили қазияҳо мардумро ба ду мақом ҷудо намуда, таъкид мекунад, ки: Мардуми оммӣ бояд дар қазияҳои зоҳирӣ шаръан таваққуф дошта бошанд, саволҳои бемаврид надиҳанд, зеро ақлу фаҳмашон мутобиқат ё бардошти ину онро надорад” [5,с.15]. Бе тардид чунин мавқеъгирии Ибни Рушд аз таъсирпазирии ӯ аз Ғазолӣ дарак медиҳад.

Аммо дар манҳаҷи мақоми наззор баҳсу мунозара намудан ба қадри зарурат маҳдудияте гузошта шудааст, зеро ки дар ин қазияи мазкур зиёдаравӣ ва ҷидол нашавад, то ки дар ҳолати баҳс намудан бо сабаби ҷидолу муноқиша аз мақсад берун наоянд ва дар байнашон бадӣ ва шаққоқият пайдо нагардад.

Хулоса, Муҳаммад Ғазолӣ ҳосилнамоии маърифатро дар заминаи илм ва илмро бошад, дар заминаи тақво меҷӯяд. Чунин равиши ба маърифат расидан дар назарияҳои донишмандони баъдии шарқию ғарбӣ дида мешавад, ки далеле ба таъсирпазирии онҳо аз андешаҳои Ғазолӣ буда, аз ҷойгоҳи назаррас доштани осори ӯ дар фалсафаву шинохти илму маърифат шаҳодат медиҳад.

**Муқарриз:Худойдодзода Ф.Б. – д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадов С. Гуфторҳо доир ба мантиқ / С. Аҳмадов. - Душанбе, 2012. – 220 с.
2. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино / М.Диноршоев. Душанбе, 2011. – 450 с.
3. Муҳаммад Ғазолӣ. Мунқизу мин-залола. –Бейрут: Дорул Андалус 1983.–124с.
4. Абуҳомид ал-Ғазолӣ. ал-Мустасфа. – Дор-ул-фикр литтибоат ва-л-нашр.д.т. – 24-26 с.
5. Ибни Рушд. Маноҳи-ул-адилла. Таҳқиқу Маҳмуд Қосим. – ал-Қоҳира: Мактабату-л-анҷилу-л-мисрия, 1955. - 15 с.
6. Закариё Башир Имом. Мафҳум-ул-илм. Силсилату диросоти фи-л-Қуръон-ил-карим. - 1995. - 16 с.
7. Абдулло Ҳасан Зарук. Назарияту-л-маърифа инда Ғазолӣ. - Бейрут, 1987. ал-Адад 48. –С. 29.
8. Абдулло Ҳасан Зарук. Назарият-ул-маърифа инда Ғазолӣ. Абуҳомид фи-з-зикро ал-миавият-ит-тосиати лимилодиҳи. ал-Маҷлис-ул-аъло лириоят-ил-фунун ва-л-одоб ва-л-улум- ил-иҷтимоия, 1961. – 29.
9. Абуҳомид ал-Ғазолӣ. Ал-Мунқизу мин-аз-залола. Таҳқиқу Мустафо Абулъало ва Муҳамммад Муҳаммад Ҷобир. – Миср: Матбаату сайидина ал-Ҳусен, д.т. – 14-15, с.
10. Муҳаммад Ғазолӣ. ар-Рисолат лид-диния. –Лубнон, 1983. – 156 с.
11. Муҳаммад Ғазолӣ. Эҳё ул-улуми дин. –Қоҳира, 1988. -Ҷ.5. – 43, 52-158 с.
12. Саид Нурулҳақ Ковиш. Мантиқи Арастуӣ. –Кобул, 1383ҳ. – 360 с.
13. Сайфуллоев Н.М. Мантиқ. Китоби дарсӣ / Н.М.Сайфуллоев, Ю.В. Ивлев. – Душанбе, 2014. – 317 с.
14. Саид Н.С. Мантиқ. Китоби дарсӣ / Н.С.Саид, С.Аҳмадов, Ф.Б. Худойдодзода. – Душанбе, 2019. – 263 с.
15. Худойдодов Ф.Б. О логике Мухаммада Газали / Ф.Б.Худойдодов // Паёми ДМТ. –Душанбе, 2017. -№3/7. -С. 163-168
16. Ҳасан Муаллимӣ. Маърифатшиносӣ дар фалсафаи исломӣ. – Теҳрон: Интишороти Пажуҳишгоҳи фарҳангӣ ва андешаи исломӣ, 1387ҳ. Нашри аввал, - 168 с.


## ИЛМУ МАЪРИФАТ АЗ ДИДГОҲИ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ


Дар ин мақола масъалаи илму маърифатшиносии Муҳаммад Ғазолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мавриди илму маърифат чунин қайд кардааст, ки мавсуф, пеш аз ҳама, аз таърифи худи мафҳуми илм оғоз намудааст. Баъд аз таърифи илм Ғазолӣ ба аҳамият ва волоияти илм ишора намудааст. Воқеан, Ғазолӣ дар ин рисола илму ҷаҳлро ба зиндагиву марг ташбеҳ намуда, асоси ҳаётро аз юмну баракати илм ба қалам додааст. Баъд аз чунин тасниф донишманд ба баёни ҳар яки он ба таври алоҳида пардохтааст. Аз ҷумла, мавсуф илми шаръиро ба ду қисм: илми усул ва илми фуруъ тақсим менамояд. Ба андешаи ӯ, илми шаръӣ илмӣ ва амалӣ мешавад, яъне илми усул илмӣ ва илми фуруъ амалӣ мебошад. Илми усул собиту устувор буда, ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад ва маърифаташ бо касби илмӣ ошкору баён карда намешавад. Илми усул бо ваҳй муродиф аст, ба ин маъно ки мардум онро тасдиқ карда, ба он эътиқод мекунанд, ҳамзамон, барои дигаргуннамоии унсурҳои он ва иҷтиҳод намудан дар ростои он ягон роҳу василае вуҷуд надорад. Аз таъкидҳои Ғазолӣ бармеояд, ки мавсуф барои расидан ба илми яқинӣ методҳои гуногунеро таҷриба кардааст. Сипас ба ин натиҷа расидааст, ки тавассути маҳсусот (донишҳои ҳиссӣ Р.Ф.) наметавон ба илми яқин расид, аз ин рӯ, рӯ ба ақл овард. Нуқтаи дигаре, ки аз андешаҳои Ғазолӣ дар робита ба илм метавон хулоса кард, ин фарқ байни илм ва маърифат аст. Ба андешаи ин донишманд, илм роҳе ба сӯйи маърифат аст ва маҳз нафаре ба он мерасад, ки илмро дар амал холисона татбиқ намояд. Роҳе, ки ба маърифат мепайвандад аз назари Ғазолӣ чунин аст: “Илме, ки дар он ихлос бошад ва амал намудан аз рӯйи ихлос бошад”. Аз ин нигоҳ, агар олиме, ки дар илмаш ихлосу амал ва ё бе қасду иродаи хотири илоҳӣ надошта бошад, пас, ӯ олим нест. Бинобар ин, асли маърифат аз назари Ғазолӣ тавҳид буда, он ба амалҳо алоқамандӣ дорад ва бо ин кашфиёте, ки ба маърифат бармегарданд, ҳосил мегардад. Пас, тавҳид асли маърифат аст. Маърифат бошад, дар фикру андеша маҳз бо тарки ороишу зинати дунё ва рӯ овардан ба сӯйи Худо ҳосил мегардад.Муаллиф қайд кардааст, ки Муҳаммад Ғазолӣ ҳосилнамоии маърифатро дар заминаи илм ва илмро бошад, дар заминаи тақво меҷӯяд. Чунин равиши ба маърифат расидан дар назарияҳои донишмандони баъдии шарқию ғарбӣ дида мешавад, ки далеле ба таъсирпазирии онҳо аз андешаҳои

Ғазолӣ буда, аз ҷойгоҳи назаррас доштани осори ӯ дар фалсафаву шинохти илму маърифат шаҳодат медиҳад.
**Калидвожаҳо:** шакку илҳом, воҷиб, мумкин, илми усул, илми фуруъ, илми риёзӣ, илми табиӣ, эътибор дар вуҷуд, маърифат, раббонӣ, инсонӣ, тааллуми берунӣ, тааллуми ботинӣ.

**ВЗГЛЯДЫ МУХАММАДА ГАЗАЛИ НА НАУКУ И ПРОСВЕЩЕНИЕ**

В данной статье рассматриваются взгляды на науку и просвещение Мухаммеда Газали. Газали пишет, что начал он, прежде всего, с определения самого понятия науки. Дав определение науке, Газали упомянул о важности и превосходстве науки. Фактически, в этом трактате Газали сравнил науку и невежество с жизнью и смертью и свою жизнь посвятил науке.После такого утверждения ученый обратил внимание на объяснение каждой из них в отдельности. В частности, он делит науку Шариата на две части: 1) науку о методе и 2) науку о подавлении. По его словам, наука шариата является практической наукой, то есть наука о методе является научной, а наука подавления – практической. Наука о методе стабильна и никогда не изменится, и ее знания не будут раскрыты научной профессией. Наука о методе синонимична откровению, в том смысле, что люди утверждают и верят в него, и в то же время нет возможности изменить его элементы и иджтихад.Из заявления Газали ясно, что он экспериментировал с различными методами, чтобы достичь науки достоверности. Тогда он пришел к выводу, что через науку (чувственное познание) нельзя дойти до науки достоверности, а значит, и до разума.Еще один вывод, который можно сделать из взглядов Газали на науку, - это разница между наукой и просвещением. По мнению этого ученого, наука – это путь к просветлению, и именно человек способен применить науку на практике. Путь к просветлению, с точки зрения Газали таков: «Наука, в которой есть искренность, и действие, в котором есть искренность». Следовательно, если ученый не имеет искренности или намерения в своих знаниях, то он не ученый.Поэтому, с точки зрения ал-Газали, сущность просветления есть единобожие, и оно связано с делами, и именно с этим открытием человек возвращается к просветлению. Таким образом, монотеизм является сущностью просвещения. Просветление же достигается через отказ от украшения мира и обращение к Аллаху.Автор утверждает, что Мухаммад аль-Газали стремится к получению знаний на основе науки, а науке — на основе благочестия. Такой подход к просвещению можно увидеть в теориях более поздних восточных и западных ученых, что свидетельствует об их влиянии на идеи Газали и важности его работ в философии и изучении науки и просвещения.
**Ключевые слова**: сомнение, вдохновение, обязательное, возможное, наука метода, математическая наука, естествознание, справедливость в бытии, просвещение, Раббани, человечество, Внешнее образование, внутреннее образование.

**SCIENCE AND ENLIGHTENMENT FROM THE VIEWING OF MUHAMMAD GHAZALI**

This article discusses the issue of Muhammad Ghazali's science and enlightenment. Regarding science and enlightenment, the author states that he began, first of all, with the definition of the concept of science itself. After defining science, Ghazali referred to the importance and supremacy of science. In fact, in this treatise, Ghazali likened science and ignorance to life and death, and based his life on the blessings of science.After such a classification, the scientist paid attention to the explanation of each of them separately. In particular, he divides the science of Shari'ah into two parts: 1) the science of method and 2. The science of suppression. According to him, the science of Shari'ah is scientific and practical, that is, the science of method is scientific and the science of suppression is practical. The science of method is stable and will never change, and its knowledge will not be revealed by the scientific profession. The science of method is synonymous with revelation, in the sense that people affirm and believe in it, and at the same time, there is no way to change its elements and ijtihad in its direction.It is clear from Ghazali's statement that he experimented with different methods to reach the science of certainty. Then he came to the conclusion that through science (sensory knowledge RF) it is impossible to reach the science of certainty, and therefore to the mind.Another point that can be drawn from Ghazali's views on science is the difference between science and enlightenment. According to this scientist, science is the path to enlightenment, and it is the person who is able to apply science in practice. The path to enlightenment from Ghazali's point of view is: "Science in which there is sincerity, and action in which there is sincerity." Therefore, if a scientist does not have sincerity or intention in his knowledge, then he is not a scientist.Therefore, from the point of view of Ghazali, the essence of enlightenment is monotheism, and it is related to actions, and it is with this discovery that one returns to enlightenment. So monotheism is the essence of enlightenment. Enlightenment, on the other hand, is achieved through the abandonment of the adornment of the world and turning towards Allah.The author states that Muhammad al-Ghazali seeks the attainment of knowledge on the basis of science and science on the basis of piety. This approach to enlightenment can be seen in the theories of later Eastern and Western scholars, which testify to their influence on Ghazali's ideas and the importance of his work in philosophy and the study of science and enlightenment.
**Keywords**: doubt, inspiration, obligatory, possible, Science of Method, Science of Mathematics, Science of Mathematics, Natural Science, Validity in Being, Enlightenment, Rabbani, Humanity, External Education, Inner Education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рамзуллои Файзалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **farukh1984@mail.ru** Телефон: **(+992) 988-88-03-02**

**Сведения об авторе:** ***Рамзаллуои Файзали*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры онтологии и теории познания факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **farukh1984@mail.ru** Телефон: **(+992) 988-88-03-02**

**Information about the author:** ***Ramzulloi Fayzali*** **-** Tajik National University, Doctoral Ph.D. department of ontology and epistemology, Philosophy faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **farukh1984@mail.ru** Phone.: **(+992) 988-88-03-02.**

УДК: 1 (091)

# АЛЛОХТОННЫЕ ИСТОЧНИКИ СОЦИАЛЬНО-ЭТИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ АСАДИ ТУСИ

*Джураева Д. Р.*
**Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М. С. Осими**

Стремление людей познать сущность явлений природы, желание понять самого себя и стремление проникнуть в тайны сознания и бытия породило философию. Великие умы человечества в течение тысячелетий, каждый в условиях своей эпохи, опираясь на свое мировоззрение и в силу своего мышления, стремились осветить те или иные вопросы, которые перед ними ставила природа и жизнь. При этом главной задачей философии всегда являлось обнаружение и доказательство истины. Таким образом, философия есть результат и итог поиска человеческого мышления, который стремился познать окружающий мир, понять тайны бытия и определить место и роль человека в системе мироздания.

Философские и научные идеи, также концепции никогда не появляются обособленно, они всегда являются продолжением и переосмыслением идей и концепций, которые были созданы предыдущими поколениями [15]. Этот процесс, то есть процесс преемственности, очень сложен и многообразен, он всегда существовал в истории цивилизаций. К примеру, культура Древней Греции возникла и развивалась на основе использования материальных и духовных достижений восточных цивилизаций Древнего Египта, Вавилона, Древнего Ирана, Древней Индии, древнегреческие мыслители обобщили их научные достижения, придали им логическое обоснование и системность, возвели ее до уровня теоретической науки. В свою очередь средневековая мусульманская философия, обращаясь к древнегреческой философии, переосмысливая духовные ценности, которые создали античные мыслители, приспосабливали ее к требованиям мусульманской религии и к образу жизни своих народов.

Древнегреческая философия, особенно в области социально-политических и этических теорий, была главным аллохтонным источником средневековой мусульманской философии. Воззрения философов досократиков, учения Сократа, Платона, Аристотеля, стоиков и неоплатоников оказали известное влияние на становление мусульманской средневековой философии.

Сама древнегреческая философия от возникновения до своего кризиса прошла через нескольких этапов становления и развития. Первых древнегреческих философов называли физиками, так как основным предметом исследования этих философов была природа (physis), этот период древнегреческой философии называют натурфилософией.

Главным недостатком этой философии было то, что каждый философ претендовал на абсолютное владение истиной, только свое мнение считал наиболее правильным, а последующие философы стали смотреть на эти изыскания с определенной долей скептицизма и раскрывали ее внутренние противоречия. К примеру, В.С. Нерсесянц в своей монографии «Сократ» об этом пишет следующее: «Еще юношей, то ли 16, то ли 20 лет, Сократ беседовал с посетившими Афины Парменидом и Зеноном: причем прославленный Парменид был уже в преклонных годах, а его знаменитый ученик Зенон в зрелом возрасте (Платон «Теэтет», 183е; «Парменид» 123) Во время беседы Сократ довольно проницательно подметил, что хотя оба его собеседника говорят по существу одно и то же – Парменид утверждал существование единого, а Зенон отрицал существоаие многого – однако делают вид, будто говорят разное. Этот точный выпад уязвил Зенона и больно задел его представления о себе как оригинальном и самостоятельном философе» [10, с. 88].

Видно, что источником такого заблуждения и самомнения было человеческое мышление, так как философия есть не что иное, как продукт человеческого мышления, и тогда человечество обратилось к собственному мышлению и начали изучать самого себя, и Сократ выдвинул в качестве основной философской рефлексии самопознание. Таким образом, в периоде от VII до V века до нашей эры в истории древнегреческой философии начался плавный переход от онтологии к гносеологии, то есть к учению о познании. Этот период, когда философия перешла от изучения природы, к изучению человека и его мышления, европейские философы Нового Времени назвали антропоцентрическим периодом древнегреческой философии.

Это обращение человека к своему внутреннему миру, к своей сущности, дало пищу для возникновения различных теорий, в которых общество рассматривалось как единое целое, где социально-политическая жизнь общества и вопрос об универсально общезначимой морали выдвинулись на первый план.

Естественно, древнегреческие натурфилософы, так называемые досократики, не были похожи на наших физиков, кроме проблем природы они также рассматривали и человека как часть космоса (природы) и в этом плане также обращали внимание и на социально-этические вопросы, которые волновали людей той эпохи. Создавая теорию детерминизма, отрицая случай и свободу, видя во всех явлениях проявление закономерности, древнегреческий философ Демокрит пишет: «Люди измыслили идол (образ) случая, чтобы пользоваться им как предлогом, прикрывающим их собственную нерассудительность. Ибо редко случай оказывает сопротивление разуму, чаще всего в жизни мудрая проницательность направляет к достижению поставленной цели» [1, с. 329].

Таким образом, закономерность, по мнению Демокрита, -это проявление разума и проницательности, случай же — это спонтанность и редко может помещать мудрой проницательности достичь цели.

Говоря о Демокрите, А.Н. Чанышев в своем произведении «Курс лекций по истории философии» приписывает ему ряд социально – этических воззрений:

- Добродетели достигаются через воспитание, в основе же воспитания лежит способность к стыду, то есть совесть (бесстыжего человека воспитать нельзя).

- Воспитание эффективно, когда существует наглядный пример, также избежание общения с дурными людьми.

- Воспитанию поддаются не все люди, а только созданные для него.

- Воспитание связано с образованием, а для образования нужны природные способности, упражнения, время.

- Богатство и бедность для Демокрита нравственная, а не социальная проблема; богатые и бедные будут всегда, главное -это отношение к богатству и бедности; богат не тот, кто владеет имуществом, а тот, кто беден желаниями; бедные счастливее богатых, так как избегают козней, зависти и ненависти.

- Счастье в душе, оно связано с хорошим духом – эвтомией; эвтомия – это состояние, при котором душа пребывает в равновесии, не волнуемая никакими страхами, суевериями или другими переживаниями. Эвтомия – это свобода от страха.

- Хороший дух (эвтомия) достигается через соблюдение меры, середины, умеренности; этим самым Демокрит развивает этику золотой середины.

- Право и предписание закона искусственны, поэтому они хуже морали, но необходимы толпе.

- Демокрит рассматривал возникновение человека и человеческого общества как составную часть естественного процесса всеобщего развития; человечество прогрессировало от звероподобного состояния к цивилизованности, самостоятельно подгоняемые нуждой, и, пользуясь наблюдениями над природой; нужда и потребность к выживанию стали причиной объединения людей [14, с. 197].

Обращаясь к взглядам Демокрита на добродетель, воспитание, стыд, образование, счастье, душевное равновесие, умеренность и т.д., мы прослеживаем, что все эти взгляды

как общечеловеческие этические ценности встречаются в сочинениях последующих древнегреческих философов, а в средневековой мусульманской философии мы эти взгляды можем увидеть у Рудаки, Фирдавси, Абубакра ар-Рази, Ибн Сино, Асади и многих других таджикских мыслителей. Истина в философии есть истина в жизни. Неудивиельно, что все мудрые слова в древности любой цивилизации имеют единый смысл и по сущности тождественны. И поэтому востребованны в любой стране и для каждого индивида считаются истинными, не меняющими своего аксиологического значения на протяжении всего исторического развития общества. Мудрые изречения античности и средневековья, дошедшие до нашего современного мира в учениях величайших философов, являются путеводителями и для современного человека, общества и государства.

Идея развития человека и человеческого общества от звероподобности к цивилизованности встречаются в сочинениях Фирдавси, восточных перипатетиков и у Асади. Тем более Асади подчеркивает роль воспитания и образования в становлении совершенного человека. По мнению Асади, стыд для человека как венец для царя, как одежда, которая оберегает людей, у кого нет стыда, его нельзя воспитать, воспитание и образование чужды для этого человека, это напрасная потеря усилий и времени, в этих мыслях Асади, мы можем увидеть отблески воззрений древних философов. К примеру, Асади обращаясь к бесстыжему человеку, пишет:

*Скинул венец образования с головы в прах,*
*С тела сбросил одежду стыда, позабыв страх* [4, с. 57].

Софисты были первыми философами, которые интересы человека, его жизнь ставили в центр своей философии. «Человек есть мера всех вещей: существующих, что они существуют, несуществующих, что они не существуют», -писал Протогор [1, с. 316]. Софисты были первыми платными учителями философии, риторики, и искусства спора (эристики). Главный вопрос, интересовавший софистов – как человек должен отнестись к окружающему миру, и каковыми должны быть его мысли о нем?

Интересны мысли профессора М.Н. Касторского, еще в 1859 году в предисловии к «Категориям» Аристотеля он писал о софистах: «… настал век софистов: на место ума господство, которого признано во вселенной, поставлен бедный, корыстный субъективный ум; вместо истины – призрак, вместо целей и благ общих – личные убеждения и страсти» [2, с. 5].

Софистов порицали, и Сократ, и Платон, обвиняли их в том, что они заменили философию риторикой и красноречием, а Аристотель, обобщая взгляды своих учителей, писал о софистах следующее: «Платон был до известной степени прав, признав небытие за область софистики. В самом деле, рассуждения софистов, можно сказать, больше всего другого имеет дело со случайными данными. Софистика есть мудрость кажущаяся, а не подлинная, и софист – это [человек] умеющий наживать деньги от кажущейся, а не подлинной мудрости» [1, с. 316].

Тем не менее, для своей эпохи деятельность софистов была прогрессивна и востребована обществом, в котором господствовала демократия, где слово, дар речи и умение владеть им, были жизненно важны. Софисты первыми выявили ведущую роль образования, воспитания и культуры в жизни человека. Этика совместно с логикой, красноречием и диалектикой спора занимала ведущее место в их учениях. Этические изыскания софистов затрагивали главным образом две проблемы: возможность воспитания добродетелей и соотношение законов природы и общества.

Протагор в своих учениях на первый план выдвигает самосозидающее бытие индивидов и связывает его со всей системой их социальных отношений и суммой воспитательных воздействий, налагаемых на индивида обществом. Это было нечто новое и можно ее считать величайшим открытием того времени.

Платон в диалоге «Протагор» писал, что Протагор, отвечая на вопрос Сократа: «почему, если добродетелям можно научиться, не существует учителей добродетели как

учителя гимнастики, музыки, математики?», говоря: обучение добродетели – главная задача воспитания. Первоначально этим занимаются родители, потом они отдают детей учителям и просят больше заниматься благонравием детей, чем обучению грамоте. После учителей заботы о воспитании берет на себе государство, заставляя людей изучать законы и жить по закону. Таким образом, согласно учению софистов, добродетельность человека зависит от морального климата общества, от воспитательных усилий семьи учителей и государства.

Софисты в своих учениях развили положение Демокрита - все делить на «естественное» и «искусственное», которое в логическом учении мыслителя было известно, под названием дихотомия. Как пишет Антифонт, «справедливость [заключается в том, чтобы] не нарушать законы государства, в котором состоишь гражданином. Так, человек будет извлекать для себя больше пользы из применения справедливости, если он в присутствии свидетелей будет следовать законам природы. Ибо предписания законов произвольны (искусственны), веления же природы необходимы» [1, с. 320]. Проблемы человека, общества и государства стали важнейшими и приобрели главный приоритет среди мыслителей и деятелей политики, права и искусства античности.

Таким образом, главными проблемами в философии софистов были социально-этические, правовые и политические проблемы. Проблемы, которые софисты поставили в центр своей философии, были связаны с нравственностью, правом, справедливостью и другими социально этическими проблемами, которые были связаны с гносеологией. Основные нравственно-политические взгляды софистов состоят из следующих положений и установок:

- Добро и зло относительны, при этом критерием их определения является выгода, как личная, так и общественная. Софист Фразимах говорит: «Справедливым я называю не что иное, как полезное сильнейшему. … Всякая власть дает законы, сообразные с ее пользою. … Дав же законы, полезные для себя, она объявляет их справедливыми для подданных и нарушителей этих законов наказывает беззаконниками и противниками правде. … Во всех городах справедливое одно и то же: это – польза установленной власти» [1, с. 316].

- Моральные ценности и правовые нормы условны; они искусственные построения людей. Государственные, противоестественные законы отличаются от общечеловеческих, естественных законов – они антогоничны. Антифонт подчеркивает, что «многие предписания, признаваемые справедливыми по закону, враждебны природе человека, … Что же касается полезных вещей, то те из них, которые признаны [в качестве полезных] закономи, суть оковы для человеческой природы, те же, которые определены природой, приносят человеку свободу» [1, с. 321].

- У софистов также замечено критическое отношение к религии Софист Протогор был обвинен в безбожии (атеизме) и его книга «О богах» была публично сожжена в Афинах, а сам автор осужден афинским судом. Протогор о богах пишет, что «о богах я не могу знать ни того, что они существуют, ни того, что их нет, ни того, каковы они по виду. Ибо многое препятствует знать это: и неясность вопроса, и краткость человеческой жизни» [1, с. 318].

Все такого рода явления – это пережитки старого общества, старого быта. Их надо изживать. Надо противопоставить им новые отношения. И опыт наших школ даёт много прекрасных фактов, показывающих эти новые, замечательные взаимоотношения детей. Всё это закрепляется в Правилах для учащихся, которые требуют, чтобы учащиеся были вежливы, почтительны и внимательны к людям на деле, чтобы такое отношение к взрослым, к сверстникам и к малышам проявлялось в их поступках. Воспитателям нужно добиваться этого практически, постоянно контролируя соблюдение школьниками правил поведения, вводя эти правила в повседневный быт детей.

В жизни и поведении школьников многое определяется уже не личными потребностями и интересами, а чувством и сознанием долга перед родителями, перед коллективом товарищей, перед школой, перед государством.

Нужно дать детям и само понятие о долге и обязанности, нужно воспитать их в таком направлении, чтобы чувство долга стало руководящим в их поведении, чтобы честное, добросовестное отношение к исполнению обязанностей стало их постоянным свойством.

Чувство и сознание долга руководит людьми, когда они добиваются цели, преодолевая неимоверные трудности и добровольно жертвуя личными интересами при выполнении общественно важного трудового задания.

Практика школьников по исполнению своих обязанностей есть основной путь воспитания чувства долга и ответственности. Особенно полезен в этом отношении способ поручения школьникам определённых дел с проверкой их выполнения. Обычная практика выполнения обязанностей дежурного, если серьёзно к этому относиться, уже даёт многое для воспитания у детей уменья претворять высокие нравственные идеи и убеждения в жизнь. И важно при этом, чтобы учащиеся приучались не просто выполнить всякое дело, но выполнить его как можно лучше, точнее, аккуратнее. И пусть их побуждает к этому не только ожидаемый контроль, но и собственный самоконтроль, предъявление высоких требований к самим себе.

Надо знакомить детей на доступных фактах и с тем, как работали и работают лучшие мастера в разных отраслях труда, как они достигают образцов своего творчества.

Пример постоянно ответственного отношения самого учителя к своему труду, к своим обязанностям и весь стиль работы в школе должны способствовать воспитанию у детей ответственного отношения ко всякому делу, ко всякому поручению.

Человек, честно и добросовестно работающий, всегда честен и в своих поступках, всегда правдив и искренен.

Надо с малых лет воспитывать у детей правдивость, презрение к лжи. Нужно, чтобы у них выработалось органическое отвращение к таким фактам, как выдача чужого труда за свой, как сокрытие от взрослых своего дурного поступка, обман, своих воспитателей и т. п.

Школьник должен быть таким, чтобы он в силу внутренне присущей ему честности не мог сказать неправды. В классе и в школе важно создать такое общественное мнение, которое осуждало бы всякую увёртливость, показное благонравие, всякую фальшь и во взглядах, и в поведении учащихся. Нужно быть честным, добросовестным, правдивым, старательным, а не казаться таким. Только человек кристальной честности может обладать настоящим, подлинным чувством личного достоинства и чести.

Воспитать у школьника чувство чести – значит добиться того, чтобы он дорожил хорошим мнением авторитетных людей и коллектива о себе и о своих делах и сам стремился бы заслужить такое мнение. Чувство личного достоинства неотделимо от чувства чести, но оно имеет своё отличие, выражающееся в наличии самоуважения, когда воспитанник отношение к самому себе определяет достоинством своих поступков. Для успеха воспитательного влияния на ребёнка крайне важно, чтобы ребёнок был чувствителен к отзывам, о нём воспитателя, к отзывам других авторитетных лиц, к отзывам коллектива. Ребёнок, равнодушный к сценке его поведения, его поступков, представляет наибольшие трудности для воспитателей. Нужно с раннего детства развить у ребёнка обострённое чувство переживания неприятного от порицания за плохие поступки и чувство приятного, от поощрения за отличное выполнение работы, за отличное поведение. Важно при этом, чтобы, он, дорожил и собственной оценкой своего поведения, своих дел, проявляя способность к признанию своих недостатков и ошибок, и желание исправиться, восстановить свою честь, проявить для этого необходимые усилия. Человек, обладающей чувством чести и личного достоинства, требует справедливости к себе и сам справедлив к

другим, он не позволит оскорблять себя, но не оскорбляет и других, он не позволит и перехваливать себя, не будет перехваливать и других.

У человека, воспитанного в духе чести и личного достоинства, будет отвращение ко всякому подхалимству, низкопоклонничеству, угодливости, лести и тому, подобным порокам. С другой стороны, уважение к самому себе и личное достоинство несовместимы с кичливостью и зазнайством, чёрствым эгоизмом и самолюбованием. Истинное достоинство сочетается со скромностью, позволяющей человеку не переоценивать себя, уважать честь и достоинство других.

Все указанные положительные качества в детях могут быть воспитаны главным образом благодаря такому стилю во взаимоотношениях между людьми какой создан среди окружающих взрослых. Как и везде, здесь также крайне важен пример самих воспитателей и ознакомление учащихся с примерами, взятыми из жизни и из литературы.

Чувство личного достоинства и чести ценно лишь тогда, когда оно находится в соответствии с чувством чести коллектива. Создание сплочённой среды школьного коллектива является одним из важнейших средств, при помощи которых учителя достигают успехов в воспитании.

Но в основе коллективности лежит чувство товарищества и дружбы. Как же с малых лет воспитывать товарищество и дружбу?

Уясним прежде всего, какая разница между этими понятиями.

И для товарищества, и для дружбы характерны близость детей друг к другу, благорасположенность друг к другу, общность интересов, общность дел. Все ученики в классе должны быть товарищами. Дружба – это высокая степень товарищества, когда близость друг к другу переживается сильнее, обострённее, становится интимной. Друзей тянет друг к другу. Им хочется быть вместе, делиться друг с другом своими мыслями и чувствами, говорить о своих делах, играх, интересах, вместе действовать и т. д.

Как может влиять педагог на дружбу детей? Прежде всего ему нужно замечать нарождающееся чувство дружбы у отдельных детей и способствовать тому, чтобы оно развивалось на здоровой основе и было благотворным для друзей. Мотивы дружбы бывают внешние, когда дети начинают дружить, например, просто в силу того, что они вместе сидят, вместе ходят в школу, по соседству живут. Лучше, конечно, более возвышенные мотивы: общее дело, общие интересы, игра» спорт. Хорошо, когда в друге привлекают такие качества, как знание им чего-то интересного, уменье, смелость, настойчивость, доброта и чуткость, инициатива и предприимчивость, жизнерадостность и т. п. Задача учителя, воспитателя заключается в том, чтобы возвышать мотивы дружбы у детей.

Возможна ли дружба между детьми по рекомендации педагога? Она невозможна, если возникает внезапно, искусственно, не имеет под собой почвы. Но, желая создать плодотворную дружбу в классе между определёнными детьми, учитель может постепенно подготовить для этого условия: например, посадить детей рядом, дать им книжку для совместного чтения, дать им общее поручение и т.д. На этой почве и может возникнуть у детей желательная дружба.

Иногда завязывается дружба между детьми на почве отрицательных дел. Подмечая такие случаи, воспитатель должен принять меры или к разрушению такой дружбы, развенчав ореол друга - «вожака», или постараться перевести дружбу на другую основу – отвлечь друзей от их дурных дел и переключить их на дела полезные.

Для воспитания чувства дружбы у детей надо знакомить их и с яркими призерами дружбы как между детьми, так и между взрослыми — на материале из художественной литературы и из воспоминаний о жизни замечательных людей.

Дружба детей в коллективе не должна быть в ущерб общему товариществу всех членов коллектива. Все ученики в классе – товарищи и должны быть товарищами. Товарищество есть, когда есть настоящий коллектив. Оно возникает и развивается на почве коллективной жизни и работы детей.

Товарищество проявляется в дружных общих усилиях достигнуть успеха в своей работе всем членам коллектива, в заботах друг о друге, во взаимопомощи, во внимательном отношении друг к другу.

Чтобы дети были настоящими товарищами, они должны быть коллективистами.

Некоторые дети сразу показывают себя склонными делиться с товарищами тем, что у них есть. Иные злоупотребляют этими добрыми чувствами. Подчиняют себе таких детей из эгоистических целей.

Поддерживая и развивая у детей товарищеские добрые чувства, надо в то же время воспитывать и их самостоятельность, чувство своей личности.

В коллективе дети разные. На тех, кто проявит себя активным и инициативным, учитель будет опираться при организации жизни коллектива.

Но постепенно через активную общественную работу нужно провести всех, чтобы всем дать практику коллективистского воспитания, всем привить организационные навыки.

Правильная организация жизни и работы коллектива создаёт благоприятные предпосылки для развития способностей и дарований каждого члена. Чем лучше используются индивидуальные положительные, свойства отдельного воспитанника, тем более полнокровной, содержательной и интересной жизнью живёт весь коллектив.

В правильно организованном коллективе создаются благоприятные условия для воспитания товарищеских отношений между мальчиками и девочками. Нужно с верных же дней ученья приучать детей к тому, чтобы они не обособлялись друг от друга и считали бы вполне естественным общее участие в играх и в общественной работе. При распределении разных общественных поручений учителю необходимо давать их и мальчикам, и девочкам так, чтобы дети видели одинаковую оценку активности тех и других. Этого легко достигнуть при совместном обучении, если взять правильную линию с самого начала. При раздельном обучении коллектив однороден по полу. Внутри класса и школы здесь нет вопроса о взаимоотношениях мальчиков и девочек. Но мальчики и девочки бывают вместе вне школы. И задача воспитания товарищеских отношений между ними не отпадает. Школа должна культивировать эти отношения в детской среде, поощряя дружную совместную общественную работу и дружные совместные игры мальчиков и девочек — учащихся разных школ. Желательна организация совместных внешкольных мероприятий, в которых организованно участвуют и мальчики, и девочки (например, постановка пьесок, концерт на определённую тему и др.). Отношения между мальчиками и девочками должны складываться такие, чтобы они были в полной гармонии е принципом равенства между мужчинами и женщинами. Взаимное уважение, помощь друг другу, оберегание друг друга, дополнение друг друга в коллективе в меру своих способностей и дарований — вот что должно быть характерным в этих отношениях. Это будет достигнуто, если взрослые – педагоги и родители – будут создавать и поддерживать такую практику отношений и создавать соответствующее общественное мнение в самой детской среде.

Но в детской среде ещё нередко встречаются случаи проявления ложного товарищества. Так, например, иногда в среде ребят принято скрывать, кто из товарищей нарочито, из хулиганства или озорства, испортил школьную вещь; во многих детских коллективах принято ещё считать чуть ли не «доблестным героем» того ученика, который ухитрится получить хорошую отметку по предмету, не имея знаний, не приготовив урока. У некоторых учащихся ещё сохранилась традиция помогать друг другу укрывать недостатки в знаниях и недостатки в поведении, подсказывать. Это делается из чувства «товарищества». Но это ложное товарищество.

Такое «товарищество» наносит вред членам детского коллектива и приносит ущерб для нашего общества в целом, так как способствует воспитанию незнаек, воспитанию крайне нездоровых навыков поведения человека в коллективе. Эти привычки способствуют развитию наклонности к паразитизму. Такие явления нетерпимы ни в каком

коллективе общества. Точно так же нетерпимы в нашей коллективной жизни и в жизни детского коллектива зависть, кичливость перёд товарищами, зазнайство, хвастовство, обман своих товарищей и т. п. Надо создавать в среде детей здоровую, новую коллективную жизнь, отвечающую идеалам.

То обстоятельство, что дети высоко ценят товарищескую спайку, солидарность, что они готовы даже пожертвовать личными интересами ради товарищей, является само по себе благоприятным. Но надо объяснять детям, в каких случаях они принимают за настоящее проявление товарищества то, что на самом-то деле наносит нравственный вред членам их коллектива.

Ни в коем случае не следует в борьбе с проявлениями ложного товарищества направлять детей на доносы и ябедничество, которые совершаются по секрету и из-за личной выгоды. Нужно приучать детей к открытому протесту против укрывательства дурных поступков, против вредных форм помощи, к смелому разоблачению лодырей и бесчинствующих на собрании коллектива. Когда в коллективе детей развито здоровое общественное мнение, тогда этот коллектив сумеет заставить и самих виновников, допустивших те или иные безобразные выходки и проступки, признаваться в них и исправлять своё поведение.

Полезно в некоторых случаях ставить перед коллективом детей задачу – изжить в своей среде такое-то отрицательное явление без помощи педагогов. Конечно, при этом незаметно, тонкими путями осуществлять своё педагогическое влияние.

Исключительно важной составной частью нравственного воспитания является воспитание сознательной дисциплины у учащихся. Без дисциплины и организованности нельзя учиться, нельзя работать. Но дело не только в том, чтобы обеспечить дисциплину учащихся в их школьные годы. Перед педагогами стоит более глубокая задача: воспитать сознательного, добропорядочного гражданина. С ранних лет нам необходимо воспитывать детей так, чтобы дисциплинированность стала постоянным их качеством.

Нам важно, чтобы наши воспитанники стремились и старались быть дисциплинированными не в силу давления извне, а в силу собственных добровольных побуждений. Важно, чтобы действовали их собственные активные дисциплинирующие силы, чтобы у них было внутреннее согласие с дисциплиной и желание содействовать ей. Такое поведение должно привести к самодисциплине. При такой дисциплине повиновение, послушание будет более совершенным.

**Рецензент: Рузиева Л.Т. – д.п.н., профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ананьев, В.Г. Психология чувственного познания / В.Г. Ананьев. – М.: Изд-во АПН РСФСР, 1960. – 485с.
2. Аплетаев, М. Н. Система воспитания нравственной личности в процессе обучения / М.Н. Аплетаев. – Омск: ОмГПУ. – 1998. – 256 с.
3. Афгонов М.М. Роль педагогических идей академика М. Лутфуллоева в модернизации национальной школы/ М.М. Афгонов [Текст]. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 260 с.
4. Баранов, С.П. Чувственный опыт ребенка в начальном обучении / С. П. Баранов. – М.: Просвещение. – 1963. – 326 с.
5. Богданов, Е.Н., Прасолова Е.Л. Современная педагогика: ценности, понятия, смыслы. Словарь-справочник. – Калуга: Изд-во КГПУ им. К.Э.Циолковского. - 1999. – 126 с.
6. Болдырев, Н.И. Нравственное воспитание школьников: (Вопросы теории) / Н.И. Болдырев. – М.: Педагогика, 1979. – 224 с.
7. Виневская А.В. Педагогические технологии: вопросы теории и практики внедрения: учеб. – метод. пособие / Авт. сост.: А.В. Виневская / Под ред. И.А. Стеценко. Ростов-на-Дону, 2012. – 253 с.
8. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 340 с.
9. Каримзода М. Нравственно-этическое наследие великих таджикских мыслителей – духовная доктрина национального воспитания и обучения молодого поколения. – Душанбе: Вестник Таджикского национального университета, 2019, № 1. – С.192-197.
10. Мельникова Н.В. Развитие нравственной сферы личности дошкольника: монография / Н.В. Мельникова, Р.В. Овчарова. СПб.: Изд-во «Амалтея», 2008. – 336 с.

11. Менчинская, Н. А. Психическое развитие ребенка от рождения до 10 лет / Н. А. Менчинская. – М.: Институт практической психологии. – 1996. – 185 с.
12. Михайлова Е.В. Педагогические условия формирования нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся во внеурочной деятельности: автореф. …канд. пед. наук: 13.00.01 / Е.В. Михайлова; Гос. ур-т. Москва, 2007. - 20 с.
13. Ожегов, С. И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов. – М.: Русский язык, 1991. – 816 с.
14. Осеева В.А. Волшебное слово: сборник рассказов. М.: Изд-во Детская литература, 2015. – 30 с.
15. Пахлавонов А. «Педагогическая мысль таджикского народа в XVI-XVII в». дис. док. пед. наук. – Душанбе, 1996. – 274 с.

## ТАЛАБОТИ МУОСИР БА ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ТАЛАБАГОН ДАР ОИЛА ВА МАКТАБ

Дар ин мақола муаллиф арзишҳои ахлоқии талабагонро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки ватандӯстӣ яке аз арзишҳои муҳимми ахлоқии инсон мебошад. Хисси садокат ба Ватан падарону модарони моро дар мубориза барои баланд бардоштани ҳосили мехнат рухбаланд мегардонад. Муаллиф инчунин кайд мекунад, ки кори беруназсинфӣ дар тарбияи ватандустӣ роли калон мебозад. Кори беруназсинфӣ машғулиятро пурра карда, ба талабагон барои нағзтар фахмидани хаёти чамъиятию сиёсӣ, барои баланд бардоштани саводнокии сиёсӣ ёрӣ мерасонад. Аҳамияти хониши беруназсинфӣ бояд махсусан кайд карда шавад. Барои дар кӯдакон бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ онҳоро ба қадри имкон бо рӯйдодҳои сиёсии имрӯза шинос кардан муҳим аст. Ин ба воситаи сӯҳбатҳои махсуси муаллим ва бачахо дар як хафта як-ду маротиба, аз радио шунидани ахбор, хондани порчахо аз газетахо ва гайра ба амал баровварда мешавад. Фахмидани чизи аз хама мухим ва мухимтарине, ки дар мубориза барои мудофиа нав аст. Ватани худ, дар робита бо дигар кишварҳо, таваҷҷӯҳи амиқи кӯдаконро ба давлати худ ҳамеша дастгирӣ мекунад, ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба он мусоидат мекунад. Чузъи нихоят мухими тарбияи ахлокӣ дар хонандагон ҷорӣ намудани интизоми бошуурона мебошад. Беинтизом ва муташаккилй кас хонда наметавонад, кор намекунад. Аммо сухан на танхо дар бораи дар солхои хониш интизоми хонандагон нигох доштан аст. Дар назди мураббиён вазифаи амиктар гузошта шудааст: шаҳрванди бошуур, обруманд тарбия карда шавад. Мо бояд аз хурдсолӣ кӯдаконро тарбия кунем, то ки интизом сифати доимии онҳо гардад.

**Калидвожаҳо:** ватандӯстӣ, арзишҳои ахлоқӣ, педагогика, интизом, мактаб, муаллим, падару модар, тарбия, корҳои беруназсинфӣ.

## СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕБОВАНИЯ К ФОРМИРОВАНИЮ НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ У УЧАЩИХСЯ В СЕМЬЕ И ШКОЛЕ

В настоящей статье автор рассматривает нравственные ценности у учащихся и отмечает, что патриотизм является одним из важных нравственных ценностей человека. Чувство преданности Родине воодушевляет наших отцов и матерей в их борьбе за повышение производительности труда. Автор также отмечает, что большое значение в воспитании патриотизма играет внеклассная работа. Внеклассная работа дополняет классную и помогает учащимся лучше осознать общественно-политическую жизнь, помогает стать политически более грамотными и активными. Особенно следует подчеркнуть значение внеклассного чтения. Для воспитания у детей чувства патриотизма важно знакомить их, в меру доступного, с текущими политическими событиями. Это делается посредством специальных бесед учителя с детьми один или два раза в неделю, слушания известий по радио, читки доступных выдержек из газет и т. д. Осведомлённость о самом главном и важном, что имеется нового в борьбе за защиту своей Родины, в связях с другими странами, будет всегда поддерживать у детей глубокий интерес к своему государству, способствовать укреплению чувства любви к нему. Исключительно важной составной частью нравственного воспитания является воспитание сознательной дисциплины у учащихся. Без дисциплины и организованности нельзя учиться, нельзя работать. Но дело не только в том, чтобы обеспечить дисциплину учащихся в их школьные годы. Перед педагогами стоит более глубокая задача: воспитать сознательного, добропорядочного гражданина. С ранних лет нам необходимо воспитывать детей так, чтобы дисциплинированность стала постоянным их качеством.

**Ключевые слова:** патриотизм, нравственные ценности, педагогика, дисциплина, школа, преподаватель, родители, воспитание, внеклассная работа.

## MODERN REQUIREMENTS FOR THE FORMATION OF MORAL VALUES IN STUDENTS IN THE FAMILY AND SCHOOL

In this article, the author examines the moral values of students and notes that patriotism is one of the important moral values of a person. The feeling of devotion to the Motherland inspires our fathers and mothers in their struggle to increase labor productivity. The author also notes that extra-curricular work plays a great role in the education of patriotism. Extra-curricular work complements the classroom and helps students to better understand the socio-political life, helps to become more politically literate and active. The importance of extracurricular reading should be especially emphasized. To instill a sense of patriotism in children, it is important to acquaint

them, to the best of their ability, with current political events. This is done through special conversations between the teacher and the children once or twice a week, listening to news on the radio, reading available excerpts from newspapers, etc. Awareness of the most important and important thing that is new in the struggle for the defense of one's Motherland, in connection with other countries, will always support children's deep interest in their state, help strengthen the feeling of love for it. An exceptionally important component of moral education is the inculcation of conscious discipline in students. Without discipline and organization, one cannot study, one cannot work. But it's not just about keeping students disciplined during their school years. Educators have a deeper task: to educate a conscientious, respectable citizen. From an early age, we need to educate children so that discipline becomes their permanent quality.

**Key words:** patriotism, moral values, pedagogy, discipline, school, teacher, parents, education, extracurricular activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Олимова Гуландом Сафаралиевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-521-96-96.**

**Сведения об авторе:** ***Олимова Гуландом Сафаралиевна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-521-96-96.**

**Information about the author:** ***Olimova Gulandom Safaralievna*** – Tajik National University, Senior Lecturer at the University-wide Department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. senior teacher of the Department of English language of TNU. Phone: **93-521-96-96.**

**УДК: 372.8:802.0 (575.3)**

# ИМКОНИЯТҲОИ ДИДАКТИКИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ МУЛТИМЕДӢ ДАР РАФТИ ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


***Розиқов Б.М.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**


Зарурати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муайяншуда дар шароити иттилоотонии пайваста афзояндаи раванди таълим аз омӯзгори забони хориҷӣ дониши илмҳои муосир, малакаи касбӣ, маҳорати истифодаи технологияҳои навтарин, аз худ намудани методу воситаҳои инноватсионии таълимро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи роҳҳои аз худ намудани технологияҳои муосирро ҳамчун самти ояндадор ва саривақтии баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донистан лозим аст. Дар ин радиф яке аз воситаҳои дидактикии дорои потенсиали назарраси рушддиҳанда, маводҳои мултимедӣ мебошанд.

Истилоҳи «мултимедиа» бо мафҳуми «иттилоот», «технологияи иттилоотӣ» ва дигар навъҳои он робитаи ногусастанӣ дорад. Дар назария ва амалияи таълими забони хориҷӣ истифода бурдани мафҳумҳое, аз қабили «мултимедиа», «технологияҳои мултимедӣ», «муҳити мултимедӣ» ба як падидаи маъмул табдил ёфта истодааст. Системаҳои компютерӣ бо дастрасии интерактивии сабти аудиоию видеоӣ, ки ба мо имкон медиҳанд бо истифода аз матну тасвирҳои статикӣ ва динамикӣ, ҳамроҳкунии нутқи соҳибзабон ба ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ корро ба роҳ монд. Ин, дар навбати худ, пайдо шудани роҳҳои нави муаррифӣ, тарҳсозӣ, коркарду нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооти таълимиро ба вуҷуд меорад.

Масъалаҳои таъсири технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ба раванди таълим ва истифодаи самараноки онҳо дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ дар корҳои муҳаққиқони маъруфи рус, аз қабили М.А. Бовтенко, Р. Потапова, Е. Полат, П.В. Сисоева, М.Н. Евстигнеева, С.И. Титова, А.В. Зубова, Р. Пиотровская, Р. Пиотровский, О. Усковой, С.В. Фадеева, А.В. Хуторский ва аз ҷониби муҳаққиқони давлатҳои Ғарб иттилоотикунонии раванди таълими забонҳои хориҷӣ Г.Дуденей, М.Пегрум, Д.Бойд, Д.Кристал, М.Варшауэр, Г.Дэвис, П. Бретт, М. Леви, Д. Хили ва дигарон баррасӣ шудаанд [3; 4; 7; 10].

Дар баробари ин, барои бисёре аз муаллифон, аз нуқтаи назари ташкили муҳити мусоиди таълимӣ, ин мафҳумҳои дар боло зикршуда («мултимедиа», «технологияҳои мултимедӣ» ва ғ.) ҳамчун мафҳумҳои синонимӣ мебошанд. Бархе аз коршиносон бар ин назаранд, ки ба забони муқаррарӣ тарҷума кардани ин истилоҳоти норавшан ҳеҷ маъно надорад.

Аксар вақт нофаҳмиҳо дар мафҳумҳои «технологияи педагогии таълимӣ бо истифода аз мултимедиа» ва «технологияи мултимедиявӣ» мушоҳида мешавад.

Ба гуфтаи муаллифи рус Б. Гершунский, намудҳо ва шаклҳои пешниҳоди иттилоот, аслан, ба шаклҳои мавҷудияти ин ё он иттилоот вобастагӣ доранд [5, с. 64-71]. Ҳама маълумотеро, ки шахс метавонад дарк кунад, ба ду шакли асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

- аз рӯйи таъсираш ба узвҳои ҳиссиёт: оптикӣ-акустикӣ, оптикӣ-тактилӣ ва ғ.;
- аз рӯйи якрангии техникӣ: матнӣ, акустикӣ, истифодаи тасвирҳо, ранг.

Аввалин маротиба истилоҳи «мултимедиа» соли 1965 пайдо шуда, то охири солҳои 70-ум барои тавсифи намоишҳои экстравагантии театрии он замон бо истифода аз намудҳо ва шаклҳои гуногуни пешниҳоди иттилоот: слайдҳо, филмҳо, видеоҳо фаъолона истифода мешуд.

Ба ҷараёни таълим фаъолона дохил шудани воситаҳои техникӣ аз солҳои 70-уми асри XX сар шуда, сабаби васеъ истифода бурдани дастгоҳҳои фардӣ, ба монанди магнитофон ва кинопроектор мегардад. Бо вуҷуди ин, ба зудӣ онҳо тадриҷан бо дастгоҳҳои пешрафта, пеш аз ҳама компютер, иваз карда мешаванд. Ин боиси пайдо шудани як соҳаи алоҳидаи тадқиқот дар лингводидактика гардид, ки дар назди худ мақсад ва вазифаҳои нав мегузорад [12, с. 67].

Дар доираҳои илмии мамлакатҳои хориҷа аз нимаи солҳои 80-уми асри XX як равиши нав дар таълими забонҳои хориҷӣ пайдо мешавад, ки он ҳамчун CALL – Computer Assisted Language Learning (омӯзиши забон бо истифода аз компютер) ном гирифт. Дар солҳои 90-уми асри XX дар робита ба рушди интернет дар доираи CALL равишҳои гуногун ба вуҷуд меоянд: TELL (Technology Enhanced Language Learning – омӯзиши забон бо технология такмилёфта) ва ICT in LT (Information and Communication Technology in Language Teaching ИКТ – дар таълими забон), инъикоскунандаи тағйироте, ки дар соҳаи технологияҳои олӣ ба амал омадаанд – пайдоиши интернет ва коммуникатсияи электронӣ мебошанд [11; 12; 13].

Дар даҳсолаи охир вобаста ба истифодаи компютерҳо ва иттилоотикунонии маориф, технологияҳои мултимедӣ дар соҳаи маорифи паҳн шудаанд. Дар давоми даҳсолаи оянда истилоҳи «мултимедиа» мафҳумҳои гуногунро дар бар гирифт. Муҳаққиқони гуногун ба ин мафҳум таърифҳои мухталиф медиҳанд.

Мо таъриферо, ки муаллифи рус Гершунский Б.С. дар китоби «Использование мультимедиа-технологий в общем среднем образовании» (Истифодаи технологияҳои мултимедиа дар таҳсилоти миёнаи умумӣ» вобаста ба мафҳуми «мултимедиа» овардааст, ҷонибдорӣ намуда, шарҳи онро ба замони муосир мувофиқ мешуморем, ки он чунин аст:

Мултимедиа ин:

– технологияест, ки тартиби таҳия, кор ва истифодаи воситаҳои коркарди иттилооти навъҳои гуногунро тавсиф мекунад;
– захираи иттилоотиест, ки дар асоси технологияҳои коркард ва пешниҳоди иттилооти намудҳои гуногун сохта шудааст;
– барномаи компютериест, ки кори онҳо бо коркард ва пешниҳоди навъҳои гуногуни иттилоот алоқаманд аст;
– таҷҳизоти компютерие, ки имкон медиҳад кор бо намудҳои гуногуни иттилоот дастрас гардад;
– як намуди махсуси умумикунонии иттилоот, ки ҳам визуализатсияи анъанавии статикӣ (матн, графикӣ) ва ҳам информатсияи динамикии навъҳои гуногунро (сухан, мусиқӣ, порчаҳои видео, аниматсия ва ғ.) муттаҳид мекунад [7, с. 944].

Мафҳуми мултимедиаро ҳамчун воситаи дидактикии компютерӣ фаҳмидан лозим аст, ки мундариҷаи маводи таълимиро дар шакли интерактивии эстетикӣ бо истифода аз ду модал (садо ва тасвир) пешниҳод намуда, ҷараёни самараноки равандҳои дарки мнемоникиро таъмин менамояд. Он имкон медиҳад, ки кулли

принсипҳои дидактикӣ татбиқ гашта, ба амалишавии ҳадафҳои методии таълими забони англисӣ мусоидат мекунад.

Истилоҳи «технологияи рақамӣ» ба мо имкон медиҳад, ки ба таҷҳизотҳои компютерӣ каме дигар назар андозед. Технологияҳои рақамӣ ба технологияҳои компютерӣ асос ёфтаанд, аммо онҳо муносибати гуногунро байни технология ва корбарӣ дар назар доранд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «салоҳияти ТИК» қобилияти истифодаи самараноки захираҳои электрониро барои мақсадҳои шахсӣ ва таълимӣ дар бар мегирад, дар ҳоле ки истилоҳи «салоҳияти рақамӣ» маҷмуи бештари маҳорату малакаҳоро дар назар дорад, ки дар он шахс на танҳо иттилоотро истеъмол мекунад, балки эҷод мекунад. Он, инчунин механизмҳои фаъолияти муҳити рақамиро дарк мекунад. Чунин бархӯрди интиқодӣ ба дарки технологияҳои компютерӣ, ба гуфтаи муҳаққиқи австралиягӣ Ҷеймс Курран (James Curran) аз Донишгоҳи Сидней, ба муҳассилин имкон медиҳад, ки мустақилона дар ҷаҳони технологияи муосир паймоиш кунанд, ки онҳо дар замони муосир зуд-зуд куҳна мешаванд [13].

Барои таҳқиқи мо талаботи пешниҳоди иттилоот дар формати мултимедиявӣ аҳамияти хосса дорад, зеро на танҳо талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ, балки ба хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён ба эътибор гирифта мешаванд.

Аз ин рӯ, мо дар пажуҳиши худ ба ҷойи истилоҳи иттилоотию коммуникатсионӣ ва технологияҳои компютерӣ мафҳуми «технологияҳои мултимедӣ ва рақамӣ»-ро истифода мебарем.

Ҳамин тариқ, паҳншавии технологияҳои рақамӣ дастрасиро ба маводи аслӣ (аутентӣ) бо забони омӯхташаванда (англисӣ) ва китобҳои дарсии компютерии шабакавӣ васеъ намуд. Донишҷӯён ва омӯзгорон тавассути кор дар интернет метавонанд ба китобхонаҳои матнҳои электронӣ, сарчашмаҳои осорхонавӣ ва бойгонӣ, версияҳои электронии рӯзномаву маҷаллаҳо дастрасӣ пайдо кунанд, аз барномаҳои таълимии шабакавӣ ва луғатҳо истифода баранд; дар мубоҳисаҳо ва видеоконференсияҳо иштирок кунанд, ба воситаи почтаи электронӣ мубодилаи ахбор кунанд» [2, с. 16-17].

Имрӯз манфиату афзалияти технологияҳои мултимедӣ ва рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии таълими забони хориҷӣ, аз ҷониби аксарияти методистон эътироф карда мешавад. Технологияи мултимедӣ имкон медиҳад, ки аксари усулҳои таълим дар рафти азхудкунии забони хориҷӣ татбиқ карда шаванд. Дар бисёр мавридҳо метавон дар раванди таълим чунин усулҳои классикии таълимро, аз қабили усули баёни шифоҳии маводи таълимӣ (лексия, ҳикоя, шарҳ ва ғ.), такмил ё ҳатто қисман иваз намуда, усулҳои таълими аёнӣ ва амалӣ, усулҳои мустаҳкам намудани донишҳои хосилшуда, усулҳои кори мустақилона рӯйи кор овард. Бисёре аз педагогҳо, равоншиносон ва методистони маъруф қайд кардаанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии таълим усулҳои баёни шифоҳӣ бояд бо усулҳои аёнӣ ва амалӣ, инчунин усулҳои баланд бардоштани дарку фаҳмиш пайваст ва ҳамгиро карда шаванд [3, с.71].

Иттилоот дар барномаҳои мултимедӣ бо се восита – графикӣ, аудиоӣ ва видеоӣ интиқол дода мешавад. Бо ёрии графикаи компютерӣ қонунҳои эстетикии сохтори шакл ба таври максималӣ татбиқ гардида, имкон медиҳанд, ки ба ҳам пайвастани ҷузъҳои илмӣ (мазмунӣ) ва эстетикӣ (шаклӣ) ба вуҷуд оянд.

Муҳаққиқони хориҷӣ зарурати визуализатсияи оқилонаи ҷараёни таълимро таъкид намуда, шаклҳои зерини таснифоти визуалии маводи таълимиро ҷудо мекунанд: иллюстратсияҳо (illustrations), тасвирҳои мантиқӣ (logical images) ва аналогияи тасвирӣ (pictorial analogies). Иллюстратсияҳоро (illustrations) расмҳои аксбардорӣ, сабтҳои видеоии объектҳои муайяни воқеият дар бар мегиранд. Категорияи дуюми барҷаста – тасвирҳои мантиқӣ (logical images) – чунин шаклҳои тасвирро, ба монанди графикҳо, диаграммаҳо, диаграммаҳо (маълумот бо истифода аз индексҳо ва аломатҳо интиқол дода мешавад) дар бар мегирад. Тасвирҳои мантиқӣ ҳамчун тасвирҳои содашуда амал мекунанд, ки сохторҳои мураккабро тасвир мекунанд. Аналогҳои тасвирӣ (pictorial analogies) сохторҳо, ашёҳо ё далелҳои мустақиман мушоҳидашавандаро ифода намекунанд. Онҳо ҳамчун намунаи хуб барои азхудкунии идеяҳо ё далелҳои мураккаб хизмат мекунанд. Аналогҳои тасвирӣ ба бунёди аналогияи ниҳоӣ аз як минтақаи маълуми иттилоотӣ ба комбинатсияҳои нав дар шакли комилан нав асос ёфтаанд.

Имкониятҳои техникии дилхоҳ восита худ аз худ ба фаъолияти таълимии донишҷӯ таъсир расонида наметавонанд, бинобар ин дар байни имкониятҳо ва маҳдудиятҳо ҳам донишҷӯ ва ҳам худи воситаи техникӣ муқаррар кардани робита лозим аст. Самаранокии воситаҳои дидактикӣ ба дараҷаи мултимедии он, қобилияти қонеъ гардонидани талабот ва хусусиятҳои гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён, инчунин ба шароитҳои гуногуни таълимӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, тадқиқоти сершумор нишон доданд, ки ҳангоми таълими забони англисӣ қобилияти инфиродии дарки графика ва аниматсияро ба назар гирифтан лозим аст. Барои баланд бардоштани сатҳи дарки мавод ба як донишҷӯ дастгирии графикӣ ва ба дигарон аниматсияи динамикаи ҷараёни омӯхташаванда лозим аст. Дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ низ вобастагии сатҳи донишҳои асосӣ ва сифати дарки шаклҳои гуногуни таснифоти аёнии маводи таълимӣ ошкор шудааст [4, с.125].

Инчунин, ҳангоми омодагӣ ба машғулият пешакӣ ба муаллим лозим аст, ки миқдори зарурии слайдҳоро дар замимаи Power Point-и барномаи Office таҳия намуда, иттилооти видеоиро дар онҳо бо унсурҳои садо ва аниматсия пурра намояд. Табиист, ки ин талабот шояд ба ихтисоси заминавии муаллимон рабт надошта бошад, аммо талаботи замон ин аст, ки ӯ бояд сатҳи зарурии донишҳои компютериро дошта бошад ва малакаи кор бо маводҳои мултимедиро аз худ карда бошад.

Интегратсияи маълумоти мултимедиявӣ:

- тасвирҳо, видео ва графика (статикӣ ва аниматсия), аз ҷумла векторӣ, харитаҳо, аксҳо.
- матнҳо дар шаклҳои гуногун;
- садо (аудио);

Объектҳои медиавӣ барои:

- пурзӯр намудани таъсири педагогӣ ба донишҷӯён тавассути эҷоди робитаҳои иловагии эҳсосӣ;
- таъмин намудани тасвирҳо ва ашёҳои визуалӣ ва шунавоӣ, ки дар синфхона тасвир карда намешаванд, тасвир ва намоиши падидаҳое, ки дар вақти воқеӣ мушоҳида намешаванд;

- қобилияти гузаронидани корҳои амалии виртуалӣ (масалан, амалӣ намудани сайёҳати виртуалӣ (маҷозӣ);

- қобилияти ташаккул додани маҳорати зарурӣ дар симуляторҳо [8, с. 54].

Дар методологияи муосир «мултимедиа» яке аз воситаҳои техникии таълим (ВТТ) ба ҳисоб меравад, ки қодир ба ҳалли як қатор вазифаҳое мебошад, ки бо хусусиятҳо ва вазифаҳои дидактикии ин воситаи техникӣ муайян карда мешаванд.

Дар доираи хусусиятҳои дидактикии воситаи муайяни таълим, аз ҷумла мултимедиявӣ, ҷанбаҳоеро, ки метавонанд дар раванди таълим бо мақсадҳои дидактикӣ истифода шаванд, бояд дар назар дошт.

Дарсҳои мултимедиявӣ барои ҳалли вазифаҳои дидактикии зерин мусоидат мекунанд:

- дониши асосиро оид ба мавзуи дарсӣ тақвият мебахшанд;
- ба низом даровардани донишҳои ҳосилшуда;
- ташаккул додани малакаҳои худидоракунӣ;
- ташаккул додани ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони англисӣ дар маҷмуъ ва аз ҷумла ба информатика;
- ба донишҷӯён дар кори мустақилона аз рӯйи маводи таълимӣ ёрии таълимию методӣ мерасонад.

Имрӯз технологияҳои мултимедиявиро метавон як роҳи нави интиқоли дониш арзёбӣ кард, ки ба мундариҷаи сифатан нави таълим ва рушди ҳамаҷонибаи донишҷӯён мувофиқат мекунад. Ин воситаи нави таълим ба мо имкон медиҳад, ки бо шавқу завқ ба донишҷӯён забон омӯзонем, онҳоро ҳам ба забономӯзӣ ва ҳам ба омӯзиши илмҳои муосир ҳавасманд созем. Воситаҳо ва маводҳои мултимедӣ имкон медиҳанд, ки интизоми фаъолияти зеҳнии донишҷӯёнро инкишоф диҳем. Истифодаи компютерҳо дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки онҳоро барои дарсҳои назариявӣ ва амалӣ, омӯзиши мустақилона ва худомӯзии донишҷӯён васеъ ба роҳ монем.

Дар сурати истифодаи воситаҳои мултимедӣ дар ҷараёни дарси забони англисӣ сохтори дарс метавонад қисман тағйир ёбад. Методикаи истифодаи дурусти воситаҳои мултимедиро мебояд ҳар як омӯзгори забони англисӣ аз худ намояд. Дар натиҷаи истифодаи пайдарпайи воситаҳои мултимедӣ омӯзгор метавонад роҳҳои самараноки истифодаи онҳоро пайдо намояд. Имкониятҳои истифодаи воситаҳои мултимедиро дар қисмҳои гуногуни дарс дар ҷадвали зерин пешниҳод месозем.

**Ҷадвали 1. Истифодаи воситаҳои мултимедӣ дар қисмҳои гуногуни дарс**

| **Қисмҳои дарс** | | **Мундариҷа** | | **Мақсад** |
|---|---|---|---|---|
| Қисми ташкилии дарс | | Намоишдиҳии мавзуи дарсӣ ва мақсади дарс дар шакли рӯнамо (презентатсия). | | Тайёр кардани донишҷӯён ба дарс; ҷалб намудани диққат ва таваҷҷуҳи донишҷӯён ба мавзуи дарси. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пурсиши вазифаи хонагӣ | | Рӯнамоии шакли дурусти ҳалли вазифаю супоришҳои душвори пешниҳодшуда аз дарси гузашта. | | Дараҷаи дониши донишҷӯён аз рӯйи натиҷаи иҷрошудаи супоришҳои хонагӣ ва муқоисаи онҳо бо шакли дурусти машқҳо муайян карда мешавад. |
| Баёни мавзуи нав | | Мафҳумҳои асосӣ, луғатҳои нав, истилоҳот, қоидаҳои мавзуи нав дар ҷадвалҳо, расмҳо, аниматсия (дар презентатисия), маводҳои аудиоӣ ва видеоӣ пешниҳод мегарданд. | | Рӯнамоии мавод ва мавзӯи нави дарсӣ бо мақсади сарфа кардани вақти ҷудошуда. Ба таври муфассал ва мушаххас фаҳмонидани мавзӯи дарсӣ. |
| Мустаҳкамкунии мавзуи нав | | Саволу ҷавоб, масъалагузорӣ ва корҳое, ки фаъолияти фикрӣ ва эҷодкорона дарк намудани маводи дарсиро талаб менамояд, дар ин қисми дарс роҳандозӣ мегардад. Нишон додани роҳи ҳалли дурусти масъала дар ҳамин қисмати дарс амалӣ мегардад. | | Иҷрои вазифаҳои таълимӣ, мустаҳкамкунии мавзуи нави дарсӣ; водор сохтани донишҷӯён ба худомӯзӣ ва иҷрои мустақилонаи корҳо ва супоришҳо. |
| Ҷамъбасти дарс | | Эълони баҳои шогирдон ва худбаҳодиҳии донишҷӯён. Пешниҳоди машқу супоришҳои хонагӣ; фаҳмонидани иҷрои супоришҳо ва пешниҳод намудани иҷрои машқҳо. | | Ҷамъбаст намудани дарс ва пешниҳоди вазифаи хонагӣ. |

Ҳангоми бори аввал истифода намудани презентатсияҳои мултимедӣ, маводҳои аудиоӣ ва видеоӣ дар рафти дарс омӯзгор метавонад бо баъзе мушкилоти равонӣ ва техникӣ дучор ояд, аммо баъди чанд давраи истифода мушкилоти ҷойдошта метавонанд рафъ гарданд. Истифодаи технологияҳои компютерӣ, маводҳои гуногуни мултимедӣ малакаю маҳорати касбӣ ва салоҳиятҳои техникии омӯзгорро вусъад дода, ӯро ба эҷодкорона гузаронидани дарсҳои забони англисӣ водор месозад.

**Муқарриз: Кесамирова С.Р. – н.и.ф., дотсенти ДБЗТ ба номи С.Улуғзода**

**АДАБИЁТ**


1. Астафьева О.Н., Захарова О.А. Информационно-коммуникативная компетентность личности в условиях становления информационного общества [Электронный ресурс]. URL: http://gigabaza.ru/doc/86387.html (Дата обращения: 22.04.2017)
2. Бовтенко М. А. Компьютерная лингводидактика: учеб. пособие / М. А.Бовтенко. – Москва: Флинта Наука, 2005. – 215 с.
3. Бовтенко М.А. Информационно-коммуникационные технологии в преподавании иностранного языка: создание электронных учебных материалов: учеб. пособие / М.А. Бовтенко. – Новосибирск: Новосибирский государственный технический университет, 2008. – 111 с.
4. Гальскова Н.Д. Теория обучения иностранным языкам: Лингводидактика и методика: Учеб. пособие для студ. лингв. ун-тов и фак. Ин. яз. высш. пед. учеб. заведений / Н.Д.Гальскова, Н.И.Гез. – М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 336с.

5. Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования: проблемы и перспективы / Б. С. Гершунский. – М.: Педагогика, 1987. – 263 с.
6. Гусевская Н. Ю. Обучение иноязычному общению студентов неязыковых специальностей на основе использования ИКТ и активных методов обучения / Н. Ю.Гусевская, В.М. Ерёмина // Учёные записки ЗабГУ. Серия: Профессиональное образование, теория и методика обучения. -2012. -№6. -С.97-101.
7. Демьянова Е. Г. Информационная зависимость как психолого-педагогическая проблема / Е. Г.Демьянова, А. А. Колесник // Молодой ученый. – 2014. – №4. – С. 943-945.
8. Зубов А.В. Методика применения информационных технологий в обучении иностранным языкам / А.В. Зубов, И.И. Зубова. - Москва: Академия, 2009. – 140 с.
9. Клименко Е.И. Информационно-коммуникативная компетенция – ключевое понятие современного образования / Е.И. Клименко // Молодой ученый. – 2015. — №22. — С. 816-818.
10. Колесникова И.Л. Англо-русский терминологический справочник по методике преподавания иностранных языков: справочное пособие / И.Л.Колесникова, О.А. Долгина. - М.: Дрофа, 2008. - 431 с.
11. Лесникова Е.С. Интеграция информационно-коммуникационных технологий в процесс обучения иностранным языкам / Е.С.Лесникова // Вестник КемГУ. -2012. -№4.
12. Михалева Г.В. Онлайн-риски и проблемы защиты детей в современном британском медиаобразовании / Г.В. Михалева // Научный диалог. -2014. -№6 (30). -С. 66-74.
13. Curran J. Implementing the Digital Technologies Curriculum [Электронный ресурс]. URL: https://www.digitaltechnologieshub.edu.au/teachers/australian-curriculum/ict-vs-digital-technologies (Санаи муроҷиат:10.04.2022)

## ИМКОНИЯТҲОИ ДИДАКТИКИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ МУЛТИМЕДӢ ДАР РАФТИ ДАРСИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Истифодаи компютерҳо, воситаҳои аудиовизуалӣ, мултимедиа дар ҷараёни таълими забони англисӣ вусъат ёфта истодаанд. Таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба ин самт бештар ба назар мерасад. Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии истифодаи воситаҳои техникии таълим дар рафти дарсҳои забони англисӣ муайян гашта, тарафдорон ва муқобилони ин ҷараён бештар мегарданд. Дар мақолаи мазкур ба таҳқиқи имкониятҳои дидактикии истифодаи воситаҳои мултимедӣ бахшида шуда, аҳамияти назариявии мавзуъ баррасӣ гардидааст. Шарҳи истилоҳоти «мултимедиа», «иттилоот», «технологияи иттилоотӣ» дар аввали мақола оварда шуда, назари олимони соҳа роҷеъ ба ин мафҳумҳо дарҷ гардидааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки фикру ақида ва назари муҳаққиқони рус ва хориҷиро вобаста ба имкониятҳои истифодашавии воситаҳои мултимедӣ дар ҷараёни таълим нишон диҳад. Ин ҳолат метавонад гуфтаҳои худи муаллифро илман асоснок сохта, дараҷа ва имкониятҳои истифодашавии маводҳои мултимедиро инъикос намояд. Хусусиятҳои дидактикии воситаҳои мултимедӣ, таъсири онҳо ба раванди таълим ва таъсири мултимедиа ба ҳолати равонӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯён баррасӣ шудаанд. Овардани ҷадвали сохтори дарс ва ҳолатҳои истифода шудани маводҳои мултимедӣ масъалаи таҳқиқро боз ҳам равшантар сохтааст. Муаллиф дар ҳар як қисми сохтори дарс роҳҳои истифода шудани воситаҳои мултимедиаро ба таври мушаххас тасвир намудааст.Зарурати донишҳои техникӣ-иттилоотии омӯзгор дар замони муосир ва дуруст истифода шудани маводҳои мултимедӣ дар қисмати хотимавии мақола таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** мултимедиа, имкониятҳои дидактикӣ, хусусиятҳо, дарси забони англисӣ, сохтори дарс, афзалият, ҳавасмадсозӣ, худтакмилдиҳӣ, иттилоот, технологияи иттилоотӣ.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ СРЕДСТВ НА УРОКЕ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В настоящее время расширяется использование компьютеров, аудиовизуальных средств мультимедиа в процессе преподавания английского языка. Повышается интерес исследователей в этом направлении. В данной статье были выявлены плюсы и минусы использования технических средств обучения в ходе проведения уроков английского языка, рассматриваются дидактические возможности мультимедийных средств и теоретическая значимость их использования. В статье дается определение терминов «мультимедиа», «информация», «информационные технологии», а также высказываются взгляды ученых по данной теме. Автор попытался отразить взгляды российских и зарубежных исследователей на возможности использования мультимедиа в образовательном процессе. В статье подробно описаны дидактические особенности мультимедийных средств, их влияние на процесс обучения и на психическое состояние учащихся. составление плана урока и использование мультимедийных материалов сделали исследование еще более наглядным. В каждой части структуры урока автор подробно описывает, как пользоваться мультимедиа.

**Ключевые слова:** мультимедиа, дидактические возможности, особенности, урок английского языка, структура урока, приоритеты, заинтересованность, сомосовершенствование, информация, информационные технологии.

**DIDACTIC POSSIBILITIES OF USING MULTIMEDIA MEANS IN ENGLISH LESSONS**

The use of computers and audiovisual media as multimedia is expanding in the process of teaching English. The interest of researchers in this direction is more pronounced. The pros and cons of using technical means of teaching during English lessons are revealed, more and more pros and cons of this process.This article discusses the didactic possibilities of using multimedia tools and discusses the theoretical significance of the topic. At the beginning of the article, the definition of the terms "multimedia", "information", "information technology" is given, as well as the views of scientists on these concepts are expressed.The author tried to reflect the views of Russian and foreign researchers on the possibilities of using multimedia in the educational process. This situation can scientifically substantiate the author's own claims and reflect the level and possibilities of using multimedia materials.The article describes well the didactic features of multimedia tools, their impact on the learning process and the impact of multimedia on the mental state and interest of students.The introduction of the lesson plan and the use of multimedia materials made the study even more visual. In each part of the lesson structure, the author describes in detail how to use multimedia.The need for technical and informational knowledge of a teacher in our time and for the proper use of multimedia materials is outlined in the final section of the article.

**Keywords:** multimedia, didactic opportunities, features, English lesson, lesson structure, priority, interest, independent learning, information, information technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Розиқов Баҳром Маҳмасолиҳович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи курси амалии забони англисӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айни, 67. Телефон: **(+992) 933 24 18 18** E-mail: **broziqov86@bk.ru**

**Сведения об авторе*: Розиков Бахром Махмасолихович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры практического курса английского языка**. Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город. Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 933 24 18 18** E-mail: **broziqov86@bk.ru**

**Information about the author:** ***Rozikov Bahrom Makhmasolikhovich*** – applicant of the Department of practical English course of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini str., 67.Phone: **(+992) 933 24 18 18** E-mail: **broziqov86@bk.ru**

**УДК: 372.881 (575.3)**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-9

***Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён, Салимова Д.И.***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Пешравии давлат ва ҷомеа ба болоравии арзишҳои маънавӣ-ахлоқии наврасон ва ҷавонон вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҷиҳати ташаккул ва инкишофи арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии хонандагон аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Ин чораҳои зарурии андешидашуда дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ба монанди:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013);

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2008);

-Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (2020);

-«Барномаи давлатии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (2020);

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» (2017);

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими расму оинҳо» (2017);

-Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016); инъикос ёфтаанд;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”(1995) ва ғ.

Инчунин, барои татбиқи самарабахши сиёсати давлатии ҷавонон Кумитаи кор бо ҷавонон таъсис дода шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон»-ро қабул намуд. Ҳадафи «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон» - дар ниҳоди насли наврас бедор ва мустаҳкам намудани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, садоқат ба Ватан ва беҳтар намудани ҷараёни тарбияи ҳарбию ватанпарастии ҷавонон мебошад.

Аҳамияти ҷиддӣ додан ба болоравии ахлоқ ва маънавиёти насли наврас низ аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ дорад: дар мустаҳкам намудани иттиҳоду ягонагии халқу миллатҳо нақш мебозад; пешравии афкори инсондӯстонаи онҳо зарур аст ва дар ин асос, омили амнияту суботи ҷумҳурӣ аст. Мутаассифона, новобаста ба андешидани чораҳои зарурӣ ҳанӯз ҳам дар миёни наврасон ва ҷавонон арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ба дараҷаи кофӣ рушду ташаккул наёфтааст. Қисми зиёди ҷавонон ва наврасоне, ки бо роҳи хато ва ҳатто содир намудани ҷиноят мераванд – ин аз надонистан ва риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавии инсонӣ мебошад. Масалан, ба саволи «Сабаби қоидавайронкунии Шумо чист?» чунин ҷавобҳо дода шудаанд (маълумоти соли 2017): раванди ҳодиса 17,7%; нодонӣ 17,4%; идора карда натавонистани эҳсосот 16,2%; надонистани қонун 12,1%; «дар қатори дӯстон» 5,1%; маҷбур карданд 7,1%; зери таъсири машрубот 4,4%; қасдан 2,9%» [8, с. 84]. Мусаллам аст, ки дар ин ҷо дар бораи фазои номусоиди маънавӣ, рафтори ғайриахлоқии калонсолон, оилаҳои носолим, ҷалб нагаштан ба меҳнати фоиданок ва дар солҳои наврасию ҷавонӣ рафтан ба роҳи хатои истеъмоли маводи сахттаъсир сухан меравад. Вақте ки сабаби пайдо гаштани чунин каҷрафториҳо муайян гашт, роҳи ҳалли онро ҷустуҷӯ намуда, рӯ меорем ба таълиму тарбия ва махсусан, ба таълими фанни адабиёт.

Фанни адабиёт ҳамчун фанни одобу муошират ва ахлоқу маънавиёт тибқи талаботи консепсияи мактаби миллӣ ба се зина ҷудо мешавад, ки дар ҳар як зинаи таълими он хонанда бо аз худ намудани паҳлуҳои гуногуни қобилияти шарҳ додани асари бадеӣ, қироати ифоданоки он ва аз пайдоиш ва эҷоди он ҷаҳонбинии худро

такмил медиҳад. Таълими адабиёт бо курси хониши эзоҳӣ оғоз меёбад ва дар ин давра - синфҳои I-IV хонандагон хондану навиштанро ёд мегиранд ва вазифаи асосии омӯзгор дар курси хониши эзоҳӣ он аст, ки хонандагонро ба дуруст ва огоҳона хондани матни бадеӣ ҳидоят намояд. Дар курси хониши адабӣ дарки масъалаҳои адабӣ ва калимасозию таркиббандӣ ва баланд бардоштани салосату балоғати ҳусни баён ба хонандагон таълим дода мешавад. Курси таърихи адабиёт дар бораи пайдоиш ва оғози марҳилаи эҷоди асарҳо ва заминаҳои пайдоиши онҳо маълумот медиҳад. Лекин ҳадафи ягонаи таълим он аст, ки хонанда дониши андӯхта ва салоҳияти бадастовардаашро дар амал татбиқ карда тавонад. Вобаста ба ин, болоравии сатҳи маънавиёт ва афзудани дараҷаи одобу ахлоқ низ аз дигар фанҳо дида, бештар ба таълими фанни адабиёт алоқамандӣ дорад.

Дар илми педагогика ин масъала аз нигоҳи назариявӣ ва методологӣ ба қадри имкон таҳлилу тадқиқ гаштааст. Ҷавҳари ташаккули маънавии шахсиятро мавҷудияти ҷаҳонбинии васеъ, нигоҳи илмӣ ва устуворӣ дар афкори хонандагон ташкил медиҳад. Инчунин, тарбияи пешқадам будан дар ҷамъият, муносибати хуб бо намояндагони дигар миллатҳо, ифтихори миллӣ доштан дар раванди фаъолияти меҳнатӣ, тафаккури ҷамъиятӣ-сиёсӣ доштан дар зиндагии мустақилона барои ташаккули арзишҳои маънавӣ низ дар ин раванд нақши муҳим мебозад. Ин раванд дар замони муосир, ки масъалаҳои ҷаҳонишавиро ҳам дар бар мегирад, бисёр мураккаб аст. Дар он фаъолияти педагогӣ ба беҳтар гардонидани муносибатҳо байни хонандагон, омӯзгорон ва волидайн, амалигардонии арзишҳои маънавии шахсият ва хонанда тибқи талаботи замони муосир равона намуда шудааст. Арзишҳои ахлоқию маънавии хонандагон ҳамон вақт боло меравaнд, агар:

-дар коллектив ҷой ва мавқеи усутувори худро ҳамчун шахсияти комил дошта бошанд;

-барномаи таълимиро ба дараҷаи олӣ аз худ намуда, дар амал татбиқ карда тавонанд;

-илова ба маводи таълим дар раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ ғановати маънавӣ ва ҳисси масъулиятшиносии зиёд дошта бошанд.

Мувофиқи гуфтаи муҳаққиқ Х.Раҳимов, «омӯзгорон асосан дар кори тарбия чунин анъанаҳоро, ба монанди эҳтиром ба калонсолон, ҳурмати падару модар, тарбияи меҳнатдӯстӣ дар оилаҳои тоҷик истифода мебаранд. Дар бисёр мавридҳо ин корро омӯзгорони адабиёти тоҷик зимни омӯзиши эҷодиёти намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хисрав ва дигарон анҷом медиҳанд» [11, с.73]. Дар ҳақиқат, фанни адабиёти тоҷик ва таълими он ҷиҳати тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ ва инкишофи ақидаҳои гуногуни мусбати унсурҳои тарбия нақши асосӣ дорад.

Бо сабаби он ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ғояи асосии тарбияи арзишҳои иҷтимоиро дорад, хонанда бояд дорои сифатҳои арзиши маънавидошта бошад ва дар фаъолияташ мавқеи мустаҳками иҷтимоиро доро бошад. Чаҳорчӯбаи ахлоқ ва маданияти рафтор пешбинӣ намояд, ки инсон бояд дар баҳодиҳии қобилияти худ ва ҳамкорон ботарбия, боадолат бошад. Дар раванди кор принсипнок, бодиққат, устувор ва дилсӯзона кор кунад. Ба муносибати байниҳамдигарӣ худбоварӣ ва мағрурӣ, хоксор набудан, тоқати интиқод надоштан, беэҳтиромӣ нисбат ба шахсияти ҳамсинфон, ҳамсояҳо ва дӯстон, шаъну шарафи касбии онҳо, дағалӣ таъсиргузор буда метавонад. Вале дар ин раванд танҳо донистани меъёрҳои ахлоқ ва рафтор кифоя нест! Муҳим он аст, ки хоҳиши мутобиқ ба ин меъёрҳо амал намудан бошад ва дар баробари он доштани системаи малакаҳои этикии рафтор низ зарур аст. Сифатҳои маънавии хонандаро ба се гурӯҳи асосии малакаи рафтор ҷудо намудан мумкин аст:




Сифатҳои маънавӣ дар асоси чунин шаклҳои рафтор, ба монанди риояи тартибу интизом, бовиҷдонӣ, хушмуомилагӣ, мардонагӣ, боҳимматӣ, хоксорӣ, бошарафӣ, бораҳму бошафқат будан, рушду такомул меёбанд. Интерпретатсияи дурусти категория ва мафҳумҳои аҳамияти умумимиллидошта, ба монанди бошарафӣ, муҳаббати зиёд, хайру эҳсон, муросо, виҷдони пок, эътиқоди қавӣ, ростқавлӣ, музаффарият, хирадмандӣ ва боҷуръат будан маводе хоҳад гашт, ки ҷиҳати болоравии одобу ахлоқ ва сифати маънавиёт мусоидат хоҳад кард. Мундариҷаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз сохтори мавзуъҳои зерин таркиб ёфтааст: «Ҳаёти маънавии инсон», «Қадри инсон ва ҳаёти ӯ», «Фаъолияти маънавии хуб», «Муҳаббат, оила, фарзандон» ва ғайра.

Зери мафҳуми андарзҳои мардумӣ мо зарбулмасал ва мақолҳоеро мефаҳмем, ки дар фолклори тоҷик инъикос ёфтаанд ва дар онҳо идеалҳои маънавии инсон таҷассум ёфтаанд. Сабаби рӯ овардан ба афкори маънавии халқи тоҷик он аст, ки маҳз онҳо тартиби муҳокимаронии наврасон ва ҷавонони тоҷикро дар бар мегиранд ва ҷаҳонбинии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буданро ташаккул медиҳанд. Асарҳои адабиёти қадим, ҳаёт ва фаъолияти адибони классик, муосири тоҷик ва асарҳои онҳо, адабиёти халқу миллатҳои дигар ба омӯзгори ҳозиразамон ҷиҳати ҳалли масъалаи тарбияи маънавии хонандагон, ҷавоб додан ба саволҳо оид ба ахлоқу одоб маводи амалии муҳиме мебошанд. Ҷиҳати таълимии ин мавод он аст, ки дар онҳо тоқатпазирӣ ҳангоми душвории ҳаёт, сабру таҳаммул дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби ҳаёт, намунаи ибрат будан, мардонагию далерӣ нишон додан дар роҳи интихобнамудаи худ таълим дода мешавад. Инчунин, намунаи ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ бениҳоят зарур аст, дар ин мавод нуҳуфта аст. Яъне, халқу миллатҳои гуногун иштирокчии раванди шаклгирии фанни адабиёт мебошанд, вале байни худ ягон тафовути забонию миллиро нагузоштаанд. Маънавиёти ҳамаи инсонҳо як аст! Барои насли навраси имрӯза дарки дурусти муваффақияти ҳаётӣ зарур аст.

Ин мафҳумро ба ташаккули ахлоқ ва маънавиёт баргардонида, мо гуфта метавонем, ки олимону адибони тоҷик ва қаҳрамонҳои офаридаи онҳо инсонҳои ба дараҷаи олӣ муваффақ буданд ва бо ақлу заковат ва дарку идроки баланд афзалиятҳо доштанд, гарчанде ин сифатҳо барои онҳо модарзодӣ набуданд. Онҳо ба муқобили зиддиятҳои замони худ истодагарӣ карда тавонистаанд, «маънавиёти абадӣ»-ро, ки вазифаи «тасхир намудани ҷаҳонро» дорад онҳо соҳиб гаштаанд. Рӯ оардан ба таърихи адабиёт, намояндагони он, персонажҳои одии халқӣ мундариҷаи асосии таҳсилоти гуманитариро бо далелҳои саҳеҳ ташкил медиҳад. Образи қаҳрамони асари бадеӣ барои хонандаи наврас бояд ҳамчуноне кушода шавад, ки образи маънавиёти баланддошта бошад ва тавонад, ки ҷаҳонро аз фалокат наҷот диҳад, на ин ки мафкураи танги ғуломӣ дошта бошаду ғарқи нотавониҳои маънавию ҷисмонӣ гашта бошад!

Тоқатпазирӣ ин сифати баланди маънавиёт аст, вале на нишонаи нотавон будан, балки баръакс, нишонаи дорои маънавиёти баланди инсонӣ будан аст. Маҳз бо ана ҳамин сифатҳо бояд хонандаи мактаб адабиёт ва қаҳрамонҳои адабиро

шиносад. Дар натиҷа хонанда ба қаҳрамони бадеӣ дар зиндагӣ тақлид мекунад ва ҳаёти худро ба он монанд карданӣ мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки ба барномаи таълимӣ танҳо адибону қаҳрамонҳои бадеие ворид гарданд, ки дорои маънавиёти олӣ мебошанд. Ба хонанда нишон додан лозим аст, ки дар ҳақиқат онҳо аз рӯйи дониш, истеъдод, далерию ҷасурӣ, одамгарӣ ва иқтидори маънавӣ аз ҳама беҳтаринанд. Ба ҳамин монанд Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил ва дигарон мебошанд. Дар мисоли ҳаёт ва фаъолияти эҷодии онҳо педагог метавонад ба хонанда зебогии қаҳрамонии инсони комилро, хизмат намудан ба ватану миллатро омӯзонад. Нишон диҳад, ки инсон зиндагии худашро мувофиқи ҳамин идеалҳо худаш сохта метавонад ва барои ба ин амал ноил гаштан қобилияти фавқулода, ё ин ки шароити ҳатмӣ лозим нест, балки барои ин руҳи худро тарбия намуданро ёд гирифтан лозим аст. Аз рӯйи виҷдони пок зиндагӣ кардан лозим аст ва барои манфиати яклаҳзаина аз маънавиёт ва ахлоқи ҳамида, ки дар ниҳоди мо аз азал гузошта шудааст, гузашт кардан мумкин нест.

Ганҷинаи маънавиётеро, ки гузаштагонамон ба мо мерос мондаанд, чӣ тавр ба хонанда расонидан мумкин аст? Яке аз роҳҳои манфиатнок ва ояндадори кори педагогии омӯзгори фанни адабиёт, ин рӯ овардан ба ташаккули образи қаҳрамон дар сюжети асари бадеӣ мебошад. Бо ёрии адабиёти бадеӣ, филмҳои бадеӣ, ки асоси онҳоро қаҳрамонии образи асосӣ ташкил медиҳад, метавон дар ниҳоди хонандагони синфҳои 5-9 сифатҳои олии маънавиро инкишоф дод. «Санъати тарбия хусусияте дорад, ки ҳама гумон мекунанд як амали маъмулӣ ва осон аст. Вале ҳарчанд ба назар фаҳмою осон намояд, ҳамон қадар он шахс маълумоти назариявию амалӣ надорад. Ба ҳамагон маълум аст, раванди тарбия сабру тоқати зиёд талаб дорад, лекин на ҳама медонанд, ки ба ғайр аз сабру тоқат, қобилияти модарзодӣ ва малакаи ирсӣ дониши махсус низ зарур аст» [14, с. 34]. Муҳаббат ба ватан, эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ ба наздикон, таҳаммулпазирӣ нисбат ба атрофиён, барои мақсадҳои олӣ кӯшишу ғайрат доштан, эҳтиром ба расму анъанаҳои ниёгон – ҳамаи ин хислату рафторҳои нек дар адабиёти қадим ва муосир таҷассум ёфтаанд. Дар миёни хонандагон китоб ё кинофилмҳои мундариҷаи қаҳрамонию далеридошта бо шавқу завқи беандоза муҳокима мегарданд. Онҳоро тақдири қаҳрамони асар, ки ҳаёти худро ба хизмати Модар - Ватан бахшидааст ва хатти сюжети он нигарон мекунад. Бачаҳо ба ин образҳоро аҳамият дода, нағз дар хотир мегиранд ва тамоми ҳаёт кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо монанд шаванд. Муҳокимаронихое, ки наврасони муосир ба образҳои характери агрессивидоштаи филмҳои дигар мамлакатҳо тақлид мекунанд, вазъиятро дигар намекунад. Дар ин вақт зарур аст қаҳрамонеро, ки корнамоии маънавӣ намудааст, дар шакли сода ва фаҳмо муқобилгузорӣ намоем, афзалияти онро нишон диҳем.

Ба таври маъмулӣ нақл намудани асарҳои ба нусхабардорӣ монанди асри XX диққати хонандаро ба худ ҷалб намекунад ва образи якмароми бетафовути қаҳрамонро нишон медиҳад. Бояд қаҳрамони образи бадеиро тавре нишон диҳем, ки наврас шахсияти худро танҳо ба ҳамон монанд кардан хоҳад, чунки вай дар ин синну сол ба атроф таваҷҷуҳи зиёд дорад. «Наврас фалсафаро оғоз мекунад – аз рӯйи фаҳмишҳои васеи ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва фаҳмишҳои ахлоқӣ андешаронӣ мекунад. Ҳама чизе, ки дар атроф мегузарад, ба шахсияти вай алоқаманд аст», гуфтааст В. Сухомлинский [12, с.34]. Саргузаштҳои ҳаётии бузургони классик ва муосири мо ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати офаридани образҳои қаҳрамонҳо, ки барои хонандаи муосири тоҷик хеле зарур аст, хизмат мекунанд. Муборизаҳои дохилию хориҷӣ, рафтан ба ғарибиҳо, бандию зиндон шуданҳо руҳи қавии онҳоро нашикастааст. Мустаҳкамии ирода ва маънавиёти гузаштагонамон дар он зоҳир мегардад, ки дар давраи ҳуҷуми аҷнабиён ва баъзе табаддулоти сиёсӣ онҳо асли хеш,

забон фарҳанг ва маданияти худро нигоҳ доштанд. Эътиқоди мустаҳкам ба расму оини аҷдодӣ ба тоҷикон қувваю неру бахшидааст. Бинобар ин, дар ҳамаи дарсҳои адабиёт асарҳои маънавиётро боло мебардоштагиро таълим додан лозим аст. Ба воситаи образи бадеӣ бо қаҳрамонии онҳо шинос гашта, хонандагон метавонанд ба хондани китоби бадеӣ рӯ биёранд, чунки ин барои онҳо маънии ҳаёт ва сабаби ҳаяҷони шахсӣ мегардад. Дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳо низ шавқу завқи хонандагонро ба китобҳои аҳамияти баланди маънавидошта зиёд кардан мумкин аст. Фаъолияти эҷодкорона ва таҳқиқотӣ дар муассиса диққати хонандагонро ҷалб менамояд, водор месозад, ки дар бораи маводи дар дарс шунидаашон андеша намоянд, ҳаёти инсонро беҳтар дарк намоянд.

Асарҳои қаҳрамонии адабиёт барои хонандагон ин образи инсони муқаддасро инъикос мекунад, ки вазъиятҳои гуногуни ҳиссиёт, ормонҳои ахлоқию маънавиро дорост. Ба ҷаҳони адабиёти маънавӣ ворид гашта, хонанда хоҳам нохоҳам бо ин ҷаҳон вобастагӣ пайдо мекунад, масъалаҳои маънавиётро ҳал менамояд, маънии зиндагиро дар он ҷустуҷӯ мекунад. Мақсади тарбияи хонандаи муосирро ба миён гузошта, педагог бояд дар худ масъулияти баргузор намудани чунин дарсҳоеро ба ухда гирад, бо суханҳои худ образеро офарад, ки наврас ба он ворид шавад, ғамхорӣ намояд, дар дили ӯ ҷой гардад, талаботи ба он монанд шуданро пайдо намояд. Ин талабот нисбат ба омӯзгор дар сурате амалӣ мегардад, ки предмети суҳбатро ба таври амиқ донад, маводро шахсан ҷамъоварӣ карда бошад, маданияти баланди нутқ дошта бошад ва унсурҳои педагогии дурустро соҳиб бошад. Чунин меҳнати сангин барои он зарур аст, ки ормонҳои дар ниҳод ва замири наврас гузошташуда асари худро тамоми умр мегузоранд, ҷиҳати ташаккули шахсияти хонанда нақши муҳим мебозанд.

Тамоми шавқу завқ ва талаботи хонандаро дарс ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонад. Корҳои беруназсинфии системавии дуруст ба роҳ мондашуда имконият медиҳанд, ки аз як тараф, донишҳои дар дарс гирифтаи худро мустаҳкам намоянд, аз тарафи дигар, ғановати амиқи адабиёти тоҷикро кушода намоянд. Самтҳои гуногуни корҳои беруназсинфӣ аз фанни адабиёт имконият медиҳанд, ки арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон рушд ва ташаккул ёбанд ва ба инкишофи муошират бо атрофиён мусоидат мекунанд. Вақте ки хонандагон дар бораи сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ба монанди раҳму шафқат, муҳаббат, дилкушодӣ, мардонагӣ, тоқатпазирӣ маълумот пайдо мекунанд, муносибаташон бо шахсони онҳоро иҳотанамуда дигаргун гашта, боз ҳам бештар дар бораи ҳақиқати зиндагӣ андеша намуданро меомӯзанд. Қорҳои беруназсинфӣ аз рӯйи фанни адабиёти тоҷик бениҳоят гуногунҷанба мебошанд. Ба ин қатор, чун анъана, қабул кардани нишастҳои адабӣ дар мактаб, ки ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон мусоидат мекунанд ва боиси васеъшавии ҷаҳонбинии онҳо мегарданд, дохил мешаванд. Масалан, мунтазам ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ омили мустаҳкамшавии ташаккули ормонҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон мебошанд, ки аз дарсҳои адабиёт оғоз гаштаанд. Ҳафтаи фанни адабиётро хонандагон фаъолона ташкил ва баргузор намуда метавонанд.

Омӯзгор дар ин тарзи ташкили кор роҳнамо буда метавонад. Мавзуъҳои ҳафтаҳои фаннӣ ба таври анъана ба санаҳои ҷашнӣ ва ё ин ки солгарди намояндагони адабиёт мансуб буда метавонанд. Инчунин, бо иштироки хонандагон викторина, конкурсҳои корҳои эҷодӣ, маҳфилҳои зарифон (КВН) оид ба фанни адабиёт гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро барои ба тариқи онлайн (иштироки маҷозӣ) ва ё офлайн (иштироки ҳузурӣ) иштирок намудан дар озмун, олимпиадаҳои гуногун оид ба адабиёт ҷалб намудан лозим аст. Дар тайёр намудани сенария худи хонандагон иштирок мекунанд, ки қодиранд баъзан идеяҳои ғайриодӣ ва шавқовар низ пешниҳод намоянд. Ғайр аз ин, аз технологияҳои компютерӣ ва воситаҳои технологияи рақамӣ, ба монанди планшет, ноутбук, лептоп, телефон ва ғайра

истифода бурда, хонандаро ҷалб намудан лозим аст, ки оид ба ин ё он мавзуи фанни адабиёт презентатсия тайёр намояд.

Хонандагон қобилияти худро дар эҷод намудани шеър ва ё навиштани дигар жанрҳои адабӣ санҷиданӣ мешаванд. Бештар аз ҳама ин эҷодиёт метавонад асарҳои лирикии ишқӣ, дар бораи табиат ва ё ин ки мавзуъҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ватандӯстӣ бошанд. Албатта, ин намуд кор баъзан аз нигоҳи адабиётшиносӣ фарсаххо дур буда метавонад, онро ислоҳ намудан зарур мешавад, вале дар ин маврид бениҳоят эҳтиёткор будан лозим аст.

Масалан, барои пурра намудан, фикри хонандаро пурсида, пас ислоҳ намудан лозим аст, ё ин ки пешниҳод намудан лозим аст, ки якҷоя вазн ва ё қофияи дурустро ҷустуҷӯ намоед, услуби навишти муаллифро иваз намудан лозим нест. Рӯ ба эҷод овардани хонанда ин худ нишонаи он аст, ки руҳи онҳо ба ташаккули маънавиёт ва зебоӣ ниёз дорад.

Наврасон ва ҷавонон ба некӣ ва накукорӣ боварӣ доранд, танҳо ин малакаҳои маънавиётро дар ниҳоди онҳо ёфта, мустаҳкам намудан лозим аст. Маънавиёти ҷомеаи имрӯза дар сатҳи олӣ набошад ҳам, шаклҳои нави дарсгузаронӣ, машғулиятҳо бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ потенсиали бузург барои ҳалли ин масъала ба ҳисоб мераванд, аз ҷониби насли наврас хуш пазируфта мешаванд ва мутобиқ ба стандартҳои таҳсилотии онҳо мебошанд.

**Муқарриз: Ахмедова М.А..- н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Анварӣ С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 6 / С. Анварӣ, С. Мирзоев. - Душанбе, 2013. - 221с.
2. Аминов С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 7 / С. Аминов. -Душанбе, 2019. – 273 с.
3. Аминов С. Китоби забони тоҷикӣ синфи 8 / С. Аминов. -Душанбе, 2015. – 216 с.
4. Асозода Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум / Х.Асозода, А. Кӯчаров. –Душанбе: Маориф, 2018.– 400 с.
5. Барномаи таълими забони давлатӣ дар синфҳои 2-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2017. -120 с.
6. Бобомуродов Ш. Китоби забони тоҷикӣ синфи 5 / Ш. Бобомуродов, С. Сабзаев, С. Набиева. - Душанбе, 2018. – 255 с.
7. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. -Душанбе: Ирфон, 2014. – 206 с.
8. Дыжова А. Формы проявления деструктивной девиации в молодежной среде // А. Дыжова. «Осори Академия»–и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1 (33), - 2017. - С. 83 - 87.
9. Коменский, Я.А. Великая дидактика // Избр. пед. соч./Я.А.Коменский.
10. Нурматов С. Национальное самосознание: сущность, типы и тенденции их развития / С. Нурматов. - дисс. ... канд. филос. наук. Ташкент: -1979. - 166 с.
11. Раҳимзода Х. Оила асоси давлат. – Душанбе: Хирадмандон, 2021. – 152 с.
12. Сухомлинский В. А. О воспитании / В. А. Сухомлинский - Москва: Политическая литература, - 1982 - 270 с.
13. Текучев А. В. Методика русского языка в средней школе / А. В. Текучев. - М.: Просвещение, 1980.
14. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании / К.Д. Ушинский // Собр. соч. -М., Л., 1948. -Т, 2. -С. 69-167.
15. Файзулло Шарифзода. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир/ Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2016. -63с.
16. Хоҷаев Д. Китоби забони тоҷикӣ синфи 9 / Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев, М. Саломов. -Душанбе, 2018. - 184с.
17. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон) / С. Шербоев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 456с.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-9


Дар мақола методҳои ворид сохтани роҳу усулҳои ташаккули одобу ахлоқи неки хонандагон зимни таълими забони тоҷикӣ оварда шудаанд. Истифодаи ин методҳо малака ва маҳорати мустақилона омӯхтан, аз худ намудан ва амалӣ гардонидани мавзуи дарсии забони тоҷикиро таъмин менамояд.Дар шакли мисолҳои мушаххас ва таҳлили онҳо ворид сохтани чунин навгониҳо дар мақола ҳамчун фарзия пешниҳод шудааст.Методҳое пешниҳод шудаанд, ки дар баробари маърифати ахлоқии

хонандагон фаъолияти амалии онҳо ташкил карда шавад, сифатҳои асосии ахлоқии шахсиятии наврас ташаккул ёбанд, таҷрибаи муошират, рафтор ва муносибатҳои гуногун ғанӣ гардад. Корҳои берунazсинфии системавии дуруст бароҳмондашуда имконият медиҳанд, ки аз як тараф, донишҳои дар дарс гирифтаи худро мустаҳкам намоянд, аз тарафи дигар, ғановати амиқи адабиёти тоҷикро кушода намоянд. Самтҳои гуногуни корҳои берунazсинфӣ аз фанни адабиёт имконият медиҳанд, ки арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон рушд ва ташаккул ёбанд ва ба инкишофи муошират бо атрофиён мусоидат мекунанд. Муаллиф аз он ҷумла қайд намудааст, ки арзишҳои ахлоқию маънавии хонандагон ҳамон вақт боло мераванд, ки агар дар коллектив ҷой ва мавқеи устувори худро ҳамчун шахсияти комил дошта бошанд, барномаи таълимиро ба дараҷаи олӣ аз худ намуда, дар амал татбиқ карда тавонанд, илова ба маводи таълим дар раванди машғулиятҳои берунazсинфӣ ғановати маънавӣ ва ҳисси масъулиятшиносии зиёд дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** метод, китоби дарсӣ, забони тоҷикӣ, таълим, омӯзгор, хонанда, корҳои берунazсинфӣ, шахсият, адабиёт.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ 5-9 КЛАССОВ

В статье описаны методы внедрения способов и средств воспитания нравственности учащихся при обучении таджикскому языку. Использование этих методов дает навыки и умения самостоятельно изучать, усваивать и реализовывать предмет таджикского языка.Внедрение таких нововведений в виде конкретных примеров и их анализ представлен в статье как гипотеза. Предлагаются методы организации практической деятельности наряду с нравственным воспитанием подростков, развития основных нравственных качеств подростка, обогащения опыта общения, поведения и установок. Правильно организованная внеклассная деятельность дает возможность, с одной стороны, закрепить полученные на занятиях знания, а с другой стороны, открыть глубокое богатство таджикской литературы. Различные направления внеклассной деятельности в области литературы позволяют учащимся развивать и формировать их духовно-нравственные ценности и способствуют развитию общения с окружающими. Также автор отметил, что морально-духовные ценности студентов повысятся, если они будут иметь место и устойчивое положение в коллективе как целостная личность, освоят учебную программу на высоком уровне и смогут применять ее на практике. Помимо учебно-методических материалов в процессе внеклассной работы они должны обладать большим чувством морального духа и ответственности.

**Ключевые слова:** метод, учебник, таджикский язык, образование, учитель, читатель, внеклассная деятельность, личность, литература.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF RESEARCH OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES OF STUDENTS OF GRADES 5-9

The article describes the methods of introducing methods and means of educating students' morality when teaching the Tajik language. The use of these methods gives the skills and abilities to independently study, assimilate and implement the subject of the Tajik language.The introduction of such innovations in the form of specific examples and their analysis is presented in the article as a hypothesis.Methods of organizing practical activities along with moral education of adolescents, development of the basic moral qualities of a teenager, enrichment of the experience of communication, behavior and attitudes are proposed. Properly organized extracurricular activities make it possible, on the one hand, to consolidate the knowledge gained in the classroom, and on the other hand, to discover the deep wealth of Tajik literature. Various areas of extracurricular activities in the field of literature allow students to develop and shape their spiritual and moral values and contribute to the development of communication with others. Among other things, the author noted that the moral and spiritual values of students will increase if they have a place and a stable position in the team as a holistic person, master the curriculum at a high level and be able to apply it in practice, in addition to educational and methodological materials in the process of extracurricular work, they should have a great sense of morale and responsibility.

**Key words:** method, textbook, Tajik language, education, teacher, reader, extracurricular activities, personality, literature.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён*** – Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи фанҳои филология. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45. Телефон: **+992884088123**. E-mail: **Shahlo_vak @mail.ru.**

***Салимова Дилором Исматовна*** **-** Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45.

**Сведения об авторах:** ***Шахлои Абдуализодаи Тохириён*** – Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, кандидат филологических наук, заведующая отделом филологических дисциплин. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45. Телефон: **+992884088123**. E-mail: **Shahlo_vak @mail.ru.**

***Салимова Дилором Исматовна*** - Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни 45.

**Information about authors:** ***Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon*** – Institute of Educational Development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, candidate of Philological Sciences. Head of the Philology Department of the. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. Phone: **+ 992 884 088 123**, E-mail: **Shahlo_vak @mail.ru**
***Salimova Dilorom Ismatovna*** - Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Tajik Academy of Education, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45.

УДК:37.161(575.3)

# АФКОРИ МЕТОДИСТОНИ ТОҶИК НИСБАТ БА ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗЕҲНУ НУТҚИ КӮДАКОН

*Бозоров Х.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар се асоси китоби муқаддаси ориёиҳо « Авасто»- пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек омадааст, ки мардуми ориёӣ умре дар талоши накукорӣ, озодандешӣ, ободии кишвар, донишандӯзӣ, созандагӣ, зебоипарастӣ зиндагӣ кардаанд. Таҳқиқотчиёни соҳаи илму маориф, аз қабили Забеҳуллои Сафо, Муҳаммад Рашод, Ю. Абдуллоев, М.Шукуров, М. Орифов, Қ. Рустамов, А. Эшонҷонов, Р. И. Ҳоҷимуҳаммадова, М. Қозиҷонов, М. Лутфуллоев, Қ. Қодиров, Б. Раҳимов, Х. Афзалов ва дигарон дар асарҳои худ собит намудаанд, ки «тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои ҷавон буда, аслу насабашон ба ориёиҳо мепайвандад. Ҳанӯз дар аҳди тамаддуни ориёӣ мактабҳо доштанд ва фарзандони онҳо ба мактаб мерафтанд» [6, с.16].

Муҳаққиқ Қодир Рустамов менависад, ки дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ оид ба мавқеи забони модарӣ маълумоти даркориро дастрас кардан душвор аст, «… зеро олимоне, ки доир ба ин масъала қалам кашидаанд, ба ҷуз камбудӣ ва сарзанишу маломат чизи дигаре нагуфтаанд. Масалан: 1. Дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ… омӯхтани алифбои арабӣ бо мавод ва методҳои хатою бемантиқ давом меёфт. 2. Ҳарфҳои алифбои арабӣ ёд дода шаванд ҳам, машқи хат гузаронда намешуд. Бинобар ин, бисёр хонандагон мактабро хатм мекарданд, аммо навишта наметавонистанд» [6, с.18].

Таъсиси мактабу мадрасаҳо пас аз истилои арабҳо шуруъ мешавад, ки онҳо тарҳи (характери) динӣ доштанд. Воситаи саводомӯзӣ дар ин мактабҳо «Ҳафтяк», «Пораи Бағдодӣ», «Чаҳоркитоб» ва «Муфрадот» буд.

Баъдтар, вақте ки мактабҳои русӣ- маҳаллӣ ва мактабҳои усули нав арзи вуҷуд мекунанд, «мавқеи забони модарӣ»… ҳамчун ашёи таълим муайян ва тадриҷан ба фанни таълим бадал мегардад.

Дар натиҷаи заҳмати пайвастаи олимони ватанӣ доир ба ташаккул ва инкишофи забони модарӣ маводи муайяне, ба монанди китобҳои дарсии «Устоди аввал»-Саидрасул Саидазизов, «Муаллими сонӣ», «Аввали илм», «Бидон», «Қонуни қудусӣ».(Грамматикаи мухтасари забони форсӣ)-Аббосқули Мирзомуҳаммадхон», «Сарф ва наҳви форсӣ ба русӣ», Мирзо Ҷаъфар, «Тӯҳфаи Мирзосаид Абдусалом», «Роҳбари форсӣ» ва «Қироати форсӣ»-Муҳаммад Расулӣ; «Алифбои забони тоҷикӣ («Баён-ул-ҳуруф»)-Саид Аҳмади Валсӣ, «Асбоби савод»-Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, «Роҳбари мактаб»- Исматулло Раҳматуллозода, «Таҳзиб–ус сибён»-Садрддин Айнӣ барои наслҳои оянда мерос боқӣ гузошта шудааст. Ин китобҳо байни солҳои 1880-1920 таълиф гардида, дар ин солҳо кӯшишҳои таълифи асарҳои методӣ ҳам мушоҳида карда мешавад, ки мо метавонем китобҳои Исматулло Раҳмутуллозода «Роҳбари мактаб» («Таълими Алифбо») ва Мирзоғиёс «Методикаи таълими фонетикаи забони тоҷикӣ форсӣ»-ро номбар намоем.

Баъди солҳои 20–уми асри XX оид ба забони форсӣ-тоҷикӣ як силсила китобҳои нави форсӣ арзи вуҷуд мекунанд. Масалан: Мирзо Муҳаммадзода Собит-«Мифтоҳи таълим» (с.1922), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ барои синфҳои v-vI» (с.1927), Таҷрибаи аввалин аз сарф (с.1930), «Сарфу наҳв» (с.1930), «Муфрадот-маа-мураккаботи сархат» (с.1932), Нисор Муҳаммад-«Алифбои забони тоҷикӣ» (с.1924).

Аз солҳои 30-юм то солҳои 80 асри XX дар синфҳои ибтидоӣ китобҳои дарсии муаллифон: Ҳилол Каримов, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, М. Фозилов, А.Эшонҷонов амал мекарданд.

Баъди солҳои 80-ум то имрӯз китобҳои дарсии муаллифон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев, Ф. Икромова, А.Байзоев, Б.Боронов, Б.Боев, М.Зиёев

ва дигарон рӯйи кор омаданд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки китобҳои дарсӣ хеле барвақт арзи вуҷуд карда бошанд ҳам, методика ва дастурҳои таълимӣ баъдтар навишта шудаанд. Пайдоиши китобҳои дарсӣ дар назди педагогҳо ва муаллимони пешқадами ҷумҳурӣ масъала мегузорад, ки онҳо ба офаридани усулҳои таълими забони тоҷикӣ машғул шаванд. Масалан, соли 1945 аз тарафи Икром Хоҷаев «Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ» барои ғоибхонҳои омӯзишгоҳҳои педагогӣ навишта мешавад. Дар шароити солҳои 40-ум аз чоп баромадани чунин китоб барои муаллимони мактабҳои ибтидоии тоҷикӣ туҳфаи беҳтарин ба шумор мерафт. Соли 1947 асари методии дигар бо номи « Китоби муаллим» аз чоп мебарояд. Китоб аз тарафи ходимони Институти давлатии тадқиқоти илмии мактабҳо ба нашр тайёр гардида, асосан, ба ёрии муаллимони синфҳои ибтидоӣ навишта шудааст. Дар он бисёр масъалаҳои таълиму тарбияи талабагони синфҳои ибтидоӣ шарҳ дода шудаанд. Масалан, дар боби V-ум дар бораи «Ташкил кардан ва гузаронидани дарс дар мактаби ибтидоӣ чунин навишта шудааст: Саволҳо бояд мазмуни ҷавобро пешакӣ хабар надиҳанд. Чунин савол додан дуруст нест. Масалан:

«Муаллим:-Канӣ, бачаҳо, гӯетон чӣ: бо поезд назар ба асп тез рафтан мумкин аст ё оҳистатар?

Бачагон: ( ҳама якҷоя): Бо поезд.

Муаллим: – Бо мошин кор кардан назар ба кори дастӣ осонтар аст ё мушкилтар?

- Бачагон: -бо мошин осонтар аст» [4,с.113].

Ин гуна саволҳо, саволҳои аз мазмуни ҷавоб пешакӣ хабардиҳанда мебошанд. Ҷавобҳое, ки талабагон ба ин саволҳо додаанд, дониши онҳоро зиёд намекунанд. Чунин саволҳо ба фикр кардани бачагон имконият намедиҳанд.

Саволро тавре гузоштан лозим аст, ки барои бачагон як қадар душворӣ ба вуҷуд ояд, вазифае пайдо шавад, ки онҳо барои ҳал кардани он фикр кунанд. Барои ҷавоб додан ба чунин савол дониши худро ба кор бурдан зарур шуморида шавад.

Боби IV–уми китоб ба қалами педагог ва методисти тоҷик Ш. Ниёзӣ тааллуқ дошта, ба масъалаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ҳамин боб доир ба ҳалли масъалаҳои таълими грамматика изҳори ақида намуда, андешаҳои худро дар бораи «Давраи тайёрӣ ба таълими савод» баррасӣ намудааст.

«Китоби муаллим» соли 1969 аз нав аз чоп мебарояд. Дар китоб дар қатори дигар масъалаҳои таълим ва тарбия дар хусуси кори мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ чунин гуфта шудааст: «Дар синф дуруст ташкил кардани кори мустақилона ба талабаҳо имконият медиҳад, ки асосҳои донишро чуқуртар омӯзанд, ба қувваи худ бовар кунанд, дар иҷрои ҳар як супориш ё машқ қодир бошанд, нақшаи иҷрои ин ё он вазифаро мустақил тартиб диҳанд, роҳҳои ҳалли онро пешакӣ муайян карда, дар дарс эҷодӣ рафтор кунанд» [5, с.94]

Соли 1951 асари М. Шукуров ва А. Эшонҷонов «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» (барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ) аз чоп мебарояд. Бартарии ин асар аз он иборат буд, ки дар он маводи методӣ ба системаи муайян дароварда шуда, бо забони сода ва равон навишта шуда буд. «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ» бори дуюм соли 1956 ва бори сеюм соли 1964 аз чоп мебарояд. Дар ду нашри охир ба муаллифони пештара М.Раҳмонов ҳамроҳ шуда, дар нашрҳои минбаъда дар бораи таълими грамматика дар мактабҳои камкомплекта маълумот пешниҳод мекунад: «Муаллимон дар як вақт бо ду, се синф машғулият мегузаронанд. Кори ин гуна муаллимон душвор буда, хусусиятҳои худро дорад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таълим дар синфҳои камкомплектӣ ташкили кори мустақилона мебошад. Кори мустақилона дар ин гуна синфҳо на танҳо ҳамчун тарзи мустаҳкам намудани дониш, ҳосил кардани маҳорату малакаҳо, инчунин, методи таълим ба шумор меравад. Талабагони чунин синфҳо маълумоти заруриро маҳз дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани кори мустақилона мегиранд» [6, с.174-175].

Дар соли 1958 китобчаи методист А.Эшонҷонов «Баъзе масъалаҳои таълими забони модарӣ дар мактабҳои ибтидоӣ» аз чоп мебарояд. Китобча аз ду ҷузъи чопӣ

иборат буда, бисёр масъалаҳои муҳимми таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла таълими грамматика ва имлоро дар бар мегирад.

Дар 15-20 соли охир дар соҳаи таълими ибтидоӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал меояд. Мазмун ва мундариҷаи таълими ибтидоии забони модарӣ, аз ҷумла қисми грамматика ва имло, хеле дигар шуда, ба пешрафти имрӯзаи забоншиносӣ, психология ва дидактика мувофиқ кунонида мешавад. Ин дигаргунӣ ба методикаи таълими грамматика ва имло бетаъсир намонд. Агар пеш бо ёрии методҳои таълим талабагон танҳо дониш гирифта, маҳорату малака пайдо карда бошанд, акнун дар назди методика илова бар ин вазифаи дигаре меистод, ки ин рушди ҳаматарафаи насли наврас, инкишофи қобилият ва вусъати шавқи маърифатҷӯйии ҳар як фард мебошад.

Дастури тавсиявии устод М.Лутфуллоев «Баъзе масъалаҳои таълими «Алифбо» соли 1969 аз чоп мебарояд. Дар ин дастур масъалаҳои таълими алифбо мувофиқи методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ баён карда шудааст. Доир ба омӯзиши ҳарфҳо нақшаи дарс, инчунин, барои омӯхтани алифбо дастурҳои методӣ тавсия шудаанд. Дар дастур омадааст: «Омӯхтани савод хондан ва навиштанро ба талабгон ёд додан аст. Вале вазифаи саводомӯзӣ фақат аз хондан ва навиштан иборат набуда, баробари ин ба кори тараққӣ додани тафаккур ва нутқи бачаҳо, бой намудани захираи луғавӣ ва пайдо кардани малакаҳои ибтидоии дурустнависӣ вобаста аст» [7, с.5].

Ҳамин тариқ, соли 1986 китоби «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ» (муаллиф, М. Лутфуллоев) ва «Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо» (муаллифонаш, М.Лутфуллоев., Р.Довудов., И.Абдуллоев) аз чоп мебарояд ва дастраси кулли муаллимон, методистон ва донишҷӯён мегардад. Илова бар ин, дар давоми солҳои 80-уми асри XX оид ба таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ чор рисолаи методии дигар: Забони модарӣ дар синфҳои 1,2,3,4 ва маҷмуаи имло ва нақли хаттӣ, маводи дидактикӣ, асбобҳои аёнӣ ва чанд маҷмуаҳои методии дигар оид ба таълими грамматика, имло ва инкишофи нутқ аз чоп мебароянд. Дастури методии «Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо» ҳамкори муаллиму талабаи синфи 1-умро фарогир буда, дар он чунин таъкид шудааст: «Агар муаллим дар ҷараёни марҳилаи таркиб то андозае ба китоби «Алифбо» бештар сарукор дошта бошад, ҳиҷо, калима, ҷумла ва матнҳои китобро ҳамроҳи талабагон мехонад, дар рафти марҳилаи таҳлил, асосан, озодона амал менамояд. Ӯ пеш аз он ки овоз ва ҳарфи навро биомӯзонад, аввал замина муҳайё мекунад.

Масалан, барои омӯзонидани овоз ва ҳарфи «Х» тарзҳои зерин истифода мешавад.

**1.Суҳбати одии муаллим бо талабагон**

Муаллим: Бачаҳо, шумо баъди дарс ба куҷо меравед?

Талабагон: Ба **хона.**

Муаллим: Шодӣ, **хонаи** шумо дар кадом кӯча воқеъ гардидааст?

Шодӣ: **Хонаи** мо дар кӯчаи Ш.Шоҳин воқеъ гардидааст.

**2.Суҳбат аз рӯйи расм.**

Муаллим расми **хона**еро нишон дода (мумкин аст аз расми китоб истифода барад ва метавонад чунин суҳбат гузаронад:

Муаллим: Шумо дар ин ҷо расми чиро мебинед?

Бачаҳо: Мо дар ин ҷо расми **хонаро** мебинем.

Муаллим: **Хона** аз кадом қисмҳо иборат аст?

Бачаҳо: **Хона** аз дар, тиреза, бом, девор иборат аст.

Муаллим: Дар назди **хона** чӣ ҳаст?

Бачаҳо: Дар назди **хона** дарахт ҳаст.

3.**Чистон**. Муаллим ба тахтаи синф расми харбузаеро овехта, чистони зеринро мегӯяд:

*Ширин асту бомаза,*
*Бе алав мепаза (д)…» [11,с-5-6]*

«Корҳои мустақилона дар ҳамаи қарнҳою солҳо ба сифати усули тадрис истифода карда шудаанд. Одамони зиёде дар натиҷаи мутолиаи мустақилонаи китобҳо ва дигар сарчашмаҳо соҳиби илму фан гардидаанд» [9,с.194].

Пас аз солҳои 90-уми асри XX дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ тағйироти назаррас рӯй медиҳанд. Таълими ҳамгиро рӯйи кор меояд. Ба ин муносибат китобҳои педагог-методист Ф.Шарифзода «Таълими муштарак-асоси инкишоф ва тарбия», «Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо» (қисми 2), «Назария ва амалияи таълими ҳамгиро…» ба табъ мерасанд. Баъд аз 20 сол китоби устод М.Лутфуллоев «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» (с.2007) нашр мешавад, ки он нусхаи нисбатан мукаммали китоби пештара буда, дар он хелҳои корҳои мустақилона батафсил пешниҳод гардидаанд:

1.Такмил карда хондани калима ва ҷумлаҳо. Ин намуди кори мустақилона хосси давраи таълими савод буда, дар матнҳои китоби «Алифбо» калима ва ҷумлаҳое вомехӯранд, ки ягон ҳарф, ҳиҷо ва калимае дар он партофта шудааст. Талабагон бо супориши муаллим ҳарф, ҳиҷо ва калимаи заруриро ёфта (интихоб намуда), дар ҷояш мегузоранд ва бо овози баланд мехонанд, ба ҷойи калимае, ки яке аз ҳарфҳояш омӯхта нашудааст, расми чизе гузошта мешавад. Муаллим дар ин лаҳза метавонад ҳамон ҷумларо бо ҳарфи чопӣ дар тахтаи синф бинависад ва расмҳоро иваз кунад. Дар ин кори мустақилона фаъолияти эҷодии хонанда рушд ёфта, ӯ метавонад ба ҷойи як расм аз чанд расми дигар истифода намуда, ҷумлаҳои гуногунмазмун тартиб диҳад. Масалан:

Талабагон ҳар қадар калимаҳои нав ва зиёдро хонанд, хамон кадар ба нафъи онҳо ва хониши онҳост. Навъи нисбатан мушкили ин кор аз калимаҳо ва расмҳои зиёд интихоб намудани калимаи зарурист, ки онро машқҳои мантиқӣ низ меноманд. Масалан, рӯйи мизи муаллим расмҳои гуногун: себ, шер, анор, рӯбоҳ, мурғ, харгӯш, ангур, асп ва ғайра ба сурати махлут гузошта шудаанд. Талаба бояд расмҳои мувофиқро интихоб намуда, ҷумлаи «Дар боғи мо , ва мерӯяд»-ро пурра намоянд ва бихонад.

Соли 2014 аз ҷониби муаллифон Ф. Шарифзода, М.Лутфуллоев, Б.Ғаниева, С.Қуйбекова «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2» аз чоп баромад ва дастраси омӯзгорону методистони соҳа гардид. Муаллифон ба мақсаду вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушд диққати асосӣ дода, таъкид ба он он доранд, ки дар қисми болои тахтаи синф парчаме гузошта шавад ва омӯзгор дар ҳар дарсу соат кӯшиш намояд, ки қадам ба қадам сӯйи парчам ҳаракат карда, тадриҷан онро фатҳ намояд. Дар фатҳи ин қулла муаллим на танҳо ҳамроҳи талабаҳост, балки яке аз онҳост. «Ҳамроҳ мехонем, ҳамроҳ менависем, ҳамроҳ фикр мекунем, ҳамроҳ қадам мегузорем» [13, с. 4]. Дар ҷараёни дарсҳо аз усулҳои фаъолгардонии раванди таълим, аз қабили нақшофарӣ, шиддати фикр, худназоратию худсанҷию худбаҳодиҳӣ, тасвири ҳаёлию қаламӣ, саволу пурсишномаҳои муқаррарию тестӣ, диаграммаҳо, ребусҳо, кластерҳо, бозиҳои дамгирию таълимӣ, ки мустақилона иҷро гардида, ба рушди зеҳн ва нутқи талабагон мусоидат мекунанд, истифода кардан лозим аст.

Бо мақсади рушди зеҳнии талабагон китоби муаллифон Шарифзода Ф., Сабурӣ Х.М., Қаюмова О.Э. « Ҳадафи фикр кашфи асрор аст» соли 2021 аз чоп баромад. Дар китоб омадааст: «Мо амалҳои хондану навиштан ва гуфторро, хусусан, устуворсозии хотираро, ки дар ҳаёти инсон нақши арзанда дорад, ҳаргиз сарфи назар карданӣ нестем. Мушкилоти мактаби имрӯза дар он зоҳир мегардад, ки баъзе мавридҳо муҳиммияти хотир аз рушди тафаккур ҳам болотар гузошта мешавад, ки ин, аслан, дуруст нест…бояд иқрор шуд, ки солиёни тулонист, ки ба ин мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия: бедорӣ ва рушди зеҳну тафаккури таҳлилии кӯдакон, ки дар илми педагогика заминаи устувори фаъолияти мустақилона, ҷӯёӣ ва эҷодӣ шинохта шудааст, хеле кам ва сатҳи аҳамият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳамин заминаи устувори фикрӣ чи ояндаи донишомӯзӣ ва чи ояндаи ҳаётии шахсияти насли созандаро муайян хоҳад кард. Аз ин бармеояд, ки агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар

карда наметавонем» [15,с.5-6]. Барои он ки одам фикри худро босамар бедор намуда, рушд диҳад ва қавию тавоно намояд, вай бояд пайваста омӯзад, яъне кӯшиш кунад ҳама чизи пурасрор, арзишманд ва зарурии то ҳол нафаҳмидаашро, маърифат намояд. Ҳамзамон, донишҳои ҳосилкардаашро дар амал бисанҷад ва натиҷаҳо ба даст оварад, ҳамчунин бифаҳмад, ки донишҳо ва асрори олам нопайдоканор аст, вале донисташаванда ва агар одам мунтазам заҳмат кашаду ҳарҷи бештар омӯзад, ҳатман донишманду тавоно хоҳад шуд.

Аз ин лиҳоз, дар хонавода, боғча ва синфҳои ибтидоӣ пайваста гузаронидани фаъолиятҳои зеҳнӣ, ҳалли масъалаҳои шавқовар, ҷустуҷӯйӣ ва таҳлилию эҷодӣ имконият медиҳад, ки тафаккури талабагон давра ба давра рушд ёфта, дар онҳо ҷуръати мустақилона ҳал кардани масъалаҳои ҳаётӣ пайдо шавад.

Муддати 50-60 соли охир шахсони зиёде ба майдони илми методикаи таълими забони модарӣ омада, чи дар синфҳои ибтидоӣ ва чи дар синфҳои болоӣ саҳми муносиби худро гузоштаанд. Бартарии қисме аз ин методистон аз он иборат аст, ки онҳо айни замон муаллифони китобҳои дарсии забони модарӣ мебошанд. Илми методикаи таълими забони модарӣ аз муаллифон-методистон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, С.Аминов, С.Шербоев, А.Байзоев, Ф.Икромова, Р.Мирзоев, И.Абдуллоев, Б.Боронов ва дигарон умеди калон дорад.

**Муқарриз: *Иззатова М.Н.* –д.и.п, профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ дар синфи дуюм / Р. Давлатова, Р.Мирзоев, Р.Довудов. -Душанбе, 1987. -119 с.
2. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ барои синф 3 / Р.Давлатова, Р.Мирзоев. -Душанбе, 1988. - 85с.
3. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика имло / Р.Давлатова, Р.Мирзоев. -Душанбе, 1990. -104 с.
4. Китоби муллим. –Сталинобод, 1947. -434 с.
5. Китоби муллим. -Душанбе: Ирфон, 1969, 214 с.
6. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидои забони модарӣ / М. Лутфуллоев. -Душанбе, 2007. -463 с.
7. Лутфуллоев М. Баъзе масъалаҳои таълими «Алифбо» / М. Лутфуллоев. -Душанбе, 1969. -79 с.
8. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 1986. -247 с.
9. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М.Лутфуллоев. –Душанбе, 2001. -336 с.
10. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллӣ / М.Лутфуллоев. –Душанбе. 2015. -700с.
11. Лутфуллоев М. Нишондодҳои методӣ оид ба китоби «Алифбо» / М. Лутфуллоев, Р.Довудов, И. Абдуллоев. –Душанбе, 1986. -64 с.
12. Маҳмудова Муҳаббат. Материалҳои дидактикӣ доир ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ бароисинфҳои ибтидоӣ / М. Маҳмудова. -Душанбе, 1987. -74 с.
13. Шарифзода Ф. (гурӯҳи муаллифон). Методикаи таълими забони модарӣ дар синф 2 / Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2014. -355 с.
14. Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим / Ф.Шарифзода. -Душанбе, 2020. -463 с.
15. Шарифзода Ф. ( гурӯҳи муаллифон) Ҳадафи фикр кашфи асрор аст / Ф. Шарифзода. -Душанбе, 2021. -250 с.
16. Эшонҷонов А. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ / А.Эшонҷонов, М.Шукуров, А.Раҳмонов. –Душанбе, 1964. -263 с.


## АФКОРИ МЕТОДИСТОНИ ТОҶИК НИСБАТ БА ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗЕҲНУ НУТҚИ КӮДАКОН


Муаллиф дар мақола афкори методистони тоҷикро нисбат ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар ташаккули зеҳну нутқи кӯдакон мавриди баррасӣ қарор додаст. Дар се асоси китоби муқаддаси ориёиҳо « Авасто»- пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек омадааст, ки мардуми ориёӣ умре дар талоши накукорӣ, озодандешӣ, ободии кишвар, донишандӯзӣ, созандагӣ, зебоипарастӣ зиндагӣ кардаанд. Таҳқиқотчиёни соҳаи илму маориф, аз қабили Забеҳуллои Сафо, Муҳаммад Рашод, Ю. Абдуллоев, М.Шукуров, М. Орифов, Қ. Рустамов, А. Эшонҷонов, Р. И. Ҳоҷимуҳаммадова, М. Қозиҷонов, М. Лутфуллоев, Қ. Қодиров, Б. Раҳимов, Х. Афзалов ва дигарон дар асарҳои худ собит намудаанд, ки «тоҷикон яке аз қадимтарин халқҳои ҷавон буда, аслу насабашон ба ориёиҳо мепайвандад. Муаллифон ба мақсаду вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушд диққати асосӣ дода, таъкид ба он он доранд, ки дар қисми болои тахтаи синф парчаме гузошта шавад ва омӯзгор дар ҳар дарсу соат кӯшиш намояд, ки қадам ба қадам сӯйи парчам ҳаракат карда, тадриҷан онро фатҳ намояд.

Дар фатҳи ин қулла муаллим на танҳо ҳамроҳи талабаҳост, балки яке аз онҳост. Дар чараёни дарсҳо аз усулҳои фаъолгардонии раванди таълим, аз қабили нақшофарӣ, шиддати фикр, худназоратию худсанҷию худбаҳодиҳӣ, тасвири ҳаёлию қаламӣ, саволу пурсишномаҳои муқаррарию тестӣ, диаграммаҳо, ребусҳо, кластерҳо, бозиҳои дамгирию таълимӣ, ки мустақилона иҷро гардида, ба рушди зеҳн ва нутқи талабагон мусоидат мекунанд, истифода кардан лозим аст.

**Калидвожаҳо**: :мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ, мавқеи забони модарӣ, хонандагони мактабҳо, воситаи саводомӯзӣ, мактабҳои русӣ- маҳаллӣ ва мактабҳои усули нав, мавқеи забони модарӣ, фанни таълимӣ.

## ВЗГЛЯДЫ ТАДЖИКСКИХ МЕТОДИСТОВ ОТНОСИТЕЛЬНО САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНО-РЕЧЕВОМ ФОРМИРОВАНИИ ДЕТЕЙ

В статье автор обсудил мнения таджикских методистов относительно самостоятельной образовательной деятельности в развитии детского интеллекта и речи. В трех принципах священной книги арийцев «Авеста» - добрые мысли, добрые дела, добрые слова, сказано, что арийский народ прожил жизнь в стремлении к добрым делам, свободе мысли, развитию страны, обучение, творчество, любовь к прекрасному. Исследователи в области науки и образования, такие как Забехулла Сафо, Мухаммад Рашод, Ю. Абдуллоев, М. Шукуров, М. Арифов, К. Рустамов, А. Эшонжонов, Р. Я. Гаджимухаммедова, М. Казижонов, М. Лутфуллоев, К. Кадыров, Б. Рахимов, Х. Афзалов и другие в своих работах доказали, что «таджики являются одним из древнейших народов, и их происхождение и фамилии связаны с арийцами. У них еще были школы во времена арийской цивилизации, и их дети ходили в школу. Основное внимание авторы уделяют целям и задачам воспитания, обучения и развития и подчеркивают, что в верхней части классной доски должен располагаться флажок, а учитель должен стараться шаг за шагом продвигаться к флажку и постепенно покоряйте его на каждом уроке. В покорении этой вершины учитель находится не только с учениками, но и с одним из них. На уроках используются методы активизации учебного процесса, такие как рисование, интенсивность мысли, самоконтроль, самооценка, самоконтроль, воображение и рисование пером, обычные и контрольные вопросы и анкеты, схемы, ребусы, кластеры, досуг и обучающие игры, которые выполняются самостоятельно, для развития интеллекта и речи учащихся.

**Ключевые слова**: старые таджикские школы, позиция родного языка, школьники, средства обучения грамоте, русско-местные школы и школы нового метода, позиция родного языка, учебный предмет.

## VIEWS OF TAJIK METHODISTS REGARDING INDEPENDENT EDUCATIONAL ACTIVITY IN INTELLECTUAL-SPEECH FORMATION OF CHILDREN

In the article, the author discussed the opinions of Tajik methodologists regarding independent educational activities in the development of children's intelligence and speech. In the three principles of the sacred book of the Aryans "Avesta" - good thoughts, good deeds, good words, it is said that the Aryan people lived their lives in the pursuit of good deeds, freedom of thought, development of the country, education, creativity, love for beauty. Researchers in the field of science and education, such as Zabekhulla Safo, Muhammad Rashod, Yu. Abdulloev, M. Shukurov, M. Arifov, K. Rustamov, A. Eshonjonov, R. Ya. Kadyrov, B. Rakhimov, Kh. Afzalov and others proved in their works that “Tajiks are one of the most ancient peoples, and their origin and surnames are connected with the Aryans. They still had schools during the Aryan civilization, and their children went to school. The authors focus on the goals and objectives of education, training and development and emphasize that a flag should be placed at the top of the blackboard, and the teacher should try to move towards the flag step by step and gradually conquer it at each lesson. In conquering this peak, the teacher is not only with the students, but also with one of them. The lessons use methods to enhance the learning process, such as drawing, thought intensity, self-control, self-esteem, self-control, imagination and pen drawing, regular and control questions and questionnaires, diagrams, rebuses, clusters, leisure and educational games that are performed independently, for development intelligence and speech of students.

**Key words**: old Tajik schools, native language position, schoolchildren, literacy teaching aids, Russian-local schools and schools of the new method, native language position, academic subject.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бозоров Хушвахт*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16

**Сведения об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulyab State University named after. Abuabdulah Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16

УДК:37.14.15

# МУНОСИБАТИ ПЕДАГОГҲОИ ТАҶРИБАДОРИ МУОСИР БА МАСЪАЛАИ ҲАМКОРИҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА

***Раҷабов В.Д.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Вазифаи муҳимми педагогҳои муассисаи томактабӣ ҷалби оила ба ҳамкории зич ва иштироки фаъол дар кори муассисаи томактабӣ мебошад. Матбуоти давриро оид ба педагогикаи томактабӣ дар тули панҷ даҳсолаи охир омӯхта, қайд кардан мумкин аст, ки садҳо мақола, инчунин даҳҳо дастури методии педагогҳои таҷрибадор оид ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи томактабӣ бо оилаҳои тарбиягирандагон аз чоп баромаданд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки кор бо волидайн дар давраҳои гуногун чӣ тавр буду ҳамкориҳои педагог бо волидайн чӣ тавр тағйир ёфт. Кадом шаклҳои аз ҳама самаранокро педагогҳо дар таҷриба мавриди истифода қарор додаанд. Дар бораи тарғиби донишҳои педагогӣ бояд қайд кард, ки кори тарбиявӣ бе низоми маърифати педагогӣ, такмили маданияти педагогии волидайн бобарор буда наметавонад.

Таҳқиқот бе таҳлили корҳои педагогҳои таҷрибадор, ки дар онҳо шаклҳои аз ҳама самараноки ҳамкориҳо бо волидайнро инъикос мекарданду ва онҳо барои замони худ муҳим буданд, нопурра ҳисоб меёбанд. Таҷрибаи баррасишударо аз мавқеи шаклҳои ҳамкориҳои ҷомеаи падару модари бо коллективи педагогӣ пешниҳод менамоем.

Муаллифон Г. Ефимова, В. Т. Калинина низоми кори бисёрсолаи донишгоҳҳоро, ки дар асоси шиносоии амиқи волидайн бо назарияи педагогӣ дар давоми тамоми муҳлати будубоши кӯдак дар кӯдакистон бунёд ёфтааст, пешниҳод кардаанд. Дар кори донишгоҳҳо ҷомеаи педагогӣ, ташкилотҳои иттифоқи касаба, намояндагони корхонаҳои башефигиранда, омӯзгорони омӯзишгоҳҳои педагогӣ ширкат меварзиданд. Муаллифон аз тамоми шаклҳои кор бо волидайн, ки он замон маълум буданд, истифода мебурданд: гӯшаҳо, намоишгоҳҳои тематикӣ, конференсияҳо, маҷмуи лексияҳо, шомҳои саволу ҷавоб, намоиши кинофилмҳо дар рафти маҷлиси падару модарон. Ҳамин тариқ, ин педагогҳо омӯзиши амиқ ва муносибати системавиро ба назарияи педагогӣ дар шароити дастрасии маҳдуди сарчашмаҳои иттилоотӣ пешниҳод кардаанд. Қобили қайд аст, ки волидайни имрӯза сарчашмаҳои бештари иттилоотро доранд, аммо дар омӯзиши он система мавҷуд нест.

Таҷрибаи гузаронидани машваратҳо ба шакли конференсияҳо (1979) – ро мураббӣ аз шаҳри Елабуга Г.Балабанов тасвир намудааст. Ба конференсияи намояндагони ихтисосҳои гуногун даъват карда шудаанд: дӯзандаҳо, ки оид ба духтани либоси кӯдакона маслиҳат медиҳанд; педиатр, ки дар бораи бемориҳои кӯдакона нақл мекунад [1, с. 56]. Конференсияро чун яке аз шаклҳои кор бо волидайн дар таҷриба Г.Свикоухова (1978 с, Рубсовек) тасвир кардааст. Конференсияҳои ӯ аз рӯйи типи журнали шифоҳӣ ташкил карда шуда буданд, дар онҳо якбора якчанд муассисаи томактабӣ иштирок карданд [8, с. 125]. Ин ба бароҳмонии алоқаи созанда на танҳо бо волидайн, балки бо ҳамкорон, инчунин ба мубодилаи таҷриба, ҳалли якҷояи масъалаҳо имкон медиҳад. Таҷрибаи истифодаи журнали шифоҳӣ дар

интишороти В.Василева (1979) тасвир ёфтааст. Педагогҳо низоми даъватномаҳоро ба вохӯриҳои муштарак бо номи “Барои шумо, волидайн!” [4, с. 61] ворид намудаанд. Маводи ҳар як журнали шифоҳӣ барои волидайни ғоиббуда таҳия карда мешуд. Бояд қайд кард, ки ин шакли ҳамкорӣ муносибати байни педагогҳо ва волидайни тарбиягирандагонро на танҳо дар як муассисаи томактабӣ мустаҳакам менамуд, балки барои бароҳмонии муносибат байни якчанд кӯдакистон кумак мерасонд. Шароити имрӯзаи рушди муассисаи таҳсилоти томактабӣ зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳоро тақозо менамояд, вале ин барои бароҳмонии алоқаи байни онҳо монеа мегардад.

Рӯзномаи шаҳриро чун шакли ҳамкорӣ зимни шиносоии волидайн бо фаъолияти муассисаи томактабӣ В. Ляшенок тасвир намудааст (1978). Дар он мақолаҳо бо суратҳо дар бораи мураббиёни беҳтарин интишор меёфт, гузаронидани машғулиятҳо, идҳо, бозиҳо, лаҳзаҳои реҷавӣ тасвир мегардид ва ин дар бораи фаъолияти ҳаётӣ кӯдак дар муассисаи томактабӣ маълумоти пурра медод [10, с. 57]. Таҷрибаи педагогҳои таҷрибадор оид ба бароҳмонии муносибатҳо бо кумитаи падару модарон ҷолиб аст. Чунончи, Н. Безировская (1979) таҷрибаи паҳнкунии мактубҳои иттилоотиро барои роҳбарони муассисаҳои томактабӣ ва ҷаласаи кушоди кумитаи падару модаронро тасвир менамояд [2, с. 130]. К. Приншина дар мақолаи “Кумитаи падару модарон дар кӯдакистон “(1974) [6, с. 15]” пешниҳод кардааст, ки волидайни фаъолро мувофиқи фаслҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кунем. Чунончи, дар соҳаи педагогӣ масоили корҳои тарбиявӣ дар кӯдакистон мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Намояндагони соҳаи тарғиботии педагогӣ дар барориши рӯзномаи деворӣ, ороиши гӯшаҳо, ҷамъбасту таҷрибаи беҳтарини тарбия дар оила фаъолона ширкат варзиданд. Намояндагони соҳаи хоҷагидорӣ шанбегиҳоро бе волидайн оид ба кабутизоркунии қитъаҳо ташкил мекарданд. Мутаассифона, кори кумитаи ҳозираи волидайн қаноатмандкунанда нест. Ҷалби волидайн на танҳо дар ташкили ягон чорабинӣ, балки ҳатто барои иштирок дар шанбегӣ мушкил аст.

А. Иванова [7, с. 31] (1979) таҷрибаи кории муассисаи томактабиро, ки дар он педагогҳо дар кор аз машваратҳо, гӯшаҳо, маълумотномаҳо, чорабиниҳои муштарак бо волидайни тарбиягирандагон фаъолона истифода бурданд, тасвир менамояд. Дар тафовут аз педагогҳои ҳозира, ки танҳо факти гузаронидани чорабиниҳоро қайд мекунанд, пешгузаштагони мо таассури волидайнро тасвир намуда, ному насаб ва амалҳои мушаххасро номбар кардаанд (А. Н. Киселёв бо кӯдакон лижаронӣ ва майдончаи варзиширо ташкил кардааст; И. Г. Колтунова ба ташкили мусобиқаи велосипедронҳо иқдом бастааст. Кӯдакон хеле шод буданд). Ин аз муносибати ҷиддитарини худи педагогҳо ба тарбиягирандагон ва оилаи онҳо шаҳодат медиҳад.

Аксаран, педагогҳои таҷрибадор дар масъалаи тарбияи ҷисмонӣ ҳамкорӣ мекунанд. Оид ба ин масъала шарҳи Р. Стеканова (ш. Рисев, маҷаллаи “Дашкольное воспитание”, 1981) дар мақолаи “Чӣ тавр кӯдакистон ба мо дар тарбияи ҷисмонии кӯдакон кумак мерасонад?” [14, с. 70]. Вижагии таҷрибаи мазкур дар он аст, ки муаллифи мақола модарест, ки аз нуқтаи назари худ кумаки педагогҳоро дар тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ тасвир намудааст. Дар мақолаи мазкур шаклҳое инъикоси худро ёфтаанд, ки бо ёрии онҳо ҳамкорӣ ба амал меомад: ҷаласаи падару модарон бо даъвати мутахассисон, мукотиба байни педагогҳо ва волидайн, идҳои варзишӣ ва гӯшаҳо барои волидайн. Волидайн дарк намудаанд, ки

чунин кор дар давоми солҳои зиёде натиҷаи мусбӣ медод. Кори муштарак бо волидайн оид ба тарбияи ҷисмонӣ дар маркази рушди кӯдаки шаҳр зери шиори "Волидайн на шогирд, балки ҳамшарикони педагог" (1983) ҷараён мегирифт. Муаллифи мақола (С. Э. Пренсипе) меъёрҳои арзёбии сатҳи маданияти педагогии волидайнро дар соҳаи тарбияи ҷисмонии кӯдак ҷудо кардааст: аз тарафи волидайн дарк гардидани муҳиммияти тарбияи ҷисмонӣ; сатҳи донишу маҳоратҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, дараҷаи иштироки волидайн дар чорабиниҳои муташаккили муассисаи томактабӣ [13, с. 59].

Қобили қайд аст, ба ки тарбияи ҷисмонии кӯдакон дар нашрияҳои даврии муосир низ диққати зиёд дода мешавад. Аммо ҳоло педагогҳо зимни ташаккули тарзи ҳаёти солим аз фаъолияти лоиҳавӣ истифода мебаранд (2011), ки бо шароити нав ва ҷорисозии Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ асоснок гардидааст. Чунончи, О. Н. Перминова лоиҳаи "Ба саломатӣ тавассути ҳамкорӣ"-ро таҳия намудааст ва он ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳам дар кӯдакону ҳам дар волидайн нигаронида шудааст. Масъалаи тарбияи ҷисмонӣ тавассути ҳамкорӣ бо оила дар осори илмии Г. Р. Безрунова, Л. В. Миран Б. Б. Егоров, Н. Г. Ларина, Ю. Е. Пресадия, Н. В. Казимирова баррасӣ шудааст. Ба андешаи ҳамаи муаллифон, маҳз фаъолияти якҷоя бо волидайн натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Аммо дар коркардҳои худ педагогҳои таҷрибадор рағбат зоҳир накарданд, ки ин барои худи волидайн ҷолиб аст ё не.

Педагогҳо М. А. Калина, Е.А. Хаднова, Н.Г.Бойсун истифодаи фаъолияти лоиҳавиро дар низоми "Кӯдакистон – оила" чун воситаи пешгирии вобасташавӣ аз телевизион пешноҳод мекунанд. Ба лоиҳаҳо, чун шаклҳои ҳамкорӣ, А. С. Кошкарова низ муроҷиат кардааст. Лоиҳаи "Қадам ба олами калон"–ро мураббӣ Ликова тасвир намудааст. Ба андешаи муаллифон, маҳз фаъолияти лоиҳавӣ ба педагогҳо, волидайн ва кӯдакон дар ҳис кардани худ чун коллективи ягона кӯмак мерасонад.

Аз фаъолияти лоиҳавӣ дар кор бо оила чун воситаи рушди гендерии кудакони синни томактабӣ истифода мебаранд. Чунончи, мураббиён А. Н. Донюкова, Н. В. Мартинова ва А. М. Севелова аз шаҳри Москва банақшагирии фаъолиятро пешниҳод менамоянд, конспектҳои тайёрӣ вохӯриҳоро медиҳанд. Аммо, мутаассифона, исботи он ки ин кор дар таҷрибаи шахсии онҳо самаранок буд, мавҷуд нест.

Клубро чун шакли ҳамкориҳои кӯдакистон ва волидайн оид ба ташкили низоми ягонаи тарбияи ҷисмонӣ ва рушд педагогҳо Н. А. Ерошкина, Е. А. Филиманова, Ю. Ю. Валтер ва Н. Николаева истифода бурдаанд. Фаъолияти клубҳоро Т. Ю. Сербина низ тасвир намудааст. Педагогҳои таҷрибадори дигар низ ба фаъолияти клубҳо чун шакли ҳамкорӣ рӯ овардаанд. Чунончи, мудири муассисаи таълимии томактабии шаҳри Элитс Т. И. Болгова дар бораи клуби машваратӣ навиштааст. Бароҳмонии низоми ҳамкориро бо волидайни тарбиягирандагони муассисаҳои томактабӣ дар асоси клубҳои оилавӣ дар шаҳри Самара ва вилояти Самара О. Лагутина пешниҳод кардааст. О. Н. Зубова ва Н. А. Лукянова аз шаҳри Перм "Клуби волидайни ғамхор" – ро созмон доданд. Ҳамаи педагогҳо таҷрибаи худро тасвир намуда, шаклҳоеро ном бурдаанд, ки аз онҳоро барои фаъолгардонии волидайн истифода мебурдаанд. Дар интишороти хеш онҳо нақшаҳои дурнамои худро бо машғулиятҳои мустақилона таҳияшуда пешниҳод намудаанд.

Таҷрибае, ки дар маҷаллаи “Дошкольное воспитание” дар мақолаи “Табиат дар тарбияи ҳиссиёти нек дар кӯдакон” аз тарафи волидайни муҳандис – барномасоз тасвир ёфтааст, ҷолиби диққат мебошад [5, с. 65]. Баъд аз маҷлиси падару модарон волидайн дар он хусус фикр мекарданд, ки аз табиат дар тарбияи ҳиссиёти нек чӣ тавр истифода бурда метавонанд. Бо дархости волидайн мураббиён гӯшаи падару модаронро аз рӯйи тематикаи мазкур ташкил карданд. Ва дар волидайн шавқу ҳавас ба фаъолияти шахсии озмоишӣ ба вуҷуд омад. Ҳамин тариқ, маҳз дар чунин ҳолат рефлексия пайгирӣ мешавад: педагогҳо маҷлис гузаронида, волидайнро ба фаъолият водор намуданд, ки дар натиҷа озмоиш пайдо шуд.

Мураббӣ А. В. Иванова дар маҷаллаи “Дошкольное воспитание” дар мақолаи “Дар бораи алоқаи кӯдакистон бо оила” таҷрибаи мукотибаи волидайнро бо педагогҳо тасвир намудааст. Ӯ муътақид бар он аст, ки педагогҳо бояд бовари кӯдаконро ба даст оранд. Ӯ тағйирёбии муносибати волидайнро ба муассисаи томактабӣ аз оғози мукотиба ва баъд аз як сол, дар мукотибаи дигар мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар журнали “Дошкольное воспитание” дар мақолаи “Якҷоя бо оила” М. Рубтсова чунин шакли анъанавӣ, мисли ташриф ба хонаи кӯдакро тасвир кардааст. Мураббӣ аз чунин вохӯриҳо бо оилаҳои тарбиягирандагон дар бораи муносибати байни кӯдакону волидайн дар бораи анъанаҳои оилавӣ ва принсипҳои тарбия дар оила бисёр чизҳоро фаҳмид, рӯзномаи ташриф ба оиларо ба роҳ монда буд, дар ҳолати зарурӣ ба волидайн маслиҳатҳо медод. Мутаассифона, чунин шакли кор аз тарафи педагогҳои муосир фаромӯш шудааст ё танҳо дар қоғаз иҷро мегардад. Сабаби ин чист? Шояд сабабаш дасткашии волидайн аз ташрифи педагогҳо, мураббиён бошад. Ё сабабаш серкории педагогҳо ва хоҳиш надоштани онҳо ба рафтан ба назди тарбиягирандагон дар вақти фориғ аз кор шояд ҳисоб ёбад.

Дар оғози солҳои 90-уми асри XX дар матбуоти даврӣ аввалин маротиба мақолаҳо дар бораи шикояти волидайн ва проблемаҳо дар низоми таҳсилоти томактабӣ пайдо шудаанд. Чунончи, дар маҷаллаи “Тарбияи томактабӣ” мақолаи А. Макруша баромадааст. Муаллиф дар силсилаи “Аз мактубҳои волидайн”, “Ёриталабӣ” – и волидайнро тасвир менамояд. Волидайн аз қонунвайронкуниҳо дар муассисаи таълимӣ шикоят мекунанд. Қобили қайд аст, ки барои мамлакат ин солҳои вазнин ҳисоб ёфта, бо буҳрони режими сиёсӣ, иқтисодиёт ва чун натиҷа, бо афзоиши мушкилоти иҷтимоӣ алоқаманд буданд.

Педагогҳои таҷрибадор ҳамеша дар фикри ҷалби волидайн ба ҳамкорӣ мебошанд. Дар кори худ онҳо аз шаклҳои гуногун истифода мебурданд. В. Мимико ва Г. Лисенко маҷлисҳои ғайрианъанавии падару модаронро гузаронидаанд. Ҳамзамон, аз тарафи педагогҳои таҷрибадор шаклҳои анъанавӣ низ мавриди истифода қарор меёбанд. Чунончи, Н. В. Максимова (2012) [11, с. 88] таҷрибаи машваратии ғайрибуҷетии “Мактаби модарон” – ро, ки ба ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон расонидани ёрӣ ба волидайн равона аст, баррасӣ мекунад. Бо чунин таҷриба чӣ тавр бояд муносибат кард? Барои муассисаи томактабӣ он, бешубҳа, мусбист, ин ҷалби иловагии пул мебошад. Аммо педагогҳо оё ҳуқуқ доранд, ки ҳама чизро ба тиҷорат табдил диҳанд? Ба чунин мактаб танҳо волидайни аз ҷиҳати молиявӣ таъминбуда, ки дар ҳолати пайдошавии проблема аз

дилхоҳ мутахассиси пулакӣ маслиҳат пурсида метавонанд, мераванд. Оилаҳои камбизоат чӣ кор карда метавонанд?

Дар шароити ҳозира методҳои интерактивӣ машҳур гашта истодаанд. Методҳои интерактивӣ (аз забони англисӣ Inter – якҷоя ва act – амал кардан) имконияти амали якҷояро дар суҳбату муколама дар назар доранд. Педагогҳо В. Миленко, В. Никулина ва Н. Титова аз методҳои интерактивӣ дар бораи оила оид ба пешгирии садамаҳои нақлиётӣ истифода бурдаанд. Муаллифон навиштаанд, ки дар тафовут аз методҳои фаъол ё ғайрифаъол, методҳои интерактивӣ ба ҳамкориҳои васеътари волидайн на танҳо бо педагогҳо, балки бо ҳамдигар низ ва афзалнокии фаъолнокии волидайн дар ҷараёни чорабиниҳои якҷояи педагогӣ нигаронида шудаанд. Аммо муаллифон худашон ташаббускори чорабиниҳое, ки дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида мешаванд, буданд. Аз мафҳуми “интерактив” аён аст, ки муошират моҳиятан на монеа, балки муколамавӣ бояд бошад.

Дар кор бо оилаҳо принсипҳо низ машҳур гаштаанд. Тренинг аз калимаи англисии training аз train – таълим, тарбия додан, яъне ин методи таълими фаъол аст, ки ба рушди донишҳо, маҳорату малакаҳо, нишондодҳои иҷтимоӣ равона аст. Аз тренинг дар кор бо волидайн педагогҳои Уст Илимек Л. Белчикова, В. Ченикова истифода бурданд. Аммо дар ин ҷо низ ташаббуси ҳамкорӣ аз педагогҳо бармеояд, ки волидайн дар ин ҳолат пассив мебошанд.

Педагогҳои таҷрибадор таҷрибаи худро оид ба кор бо кӯдакони зуд-зуд беморшаванда паҳн мекунанд. Чунончи, З. Ф. Крилова, Г. В. Глушкова ташкили клуби машваратиро барои кӯдаконе, ба кӯдакистон намераванд, пешниҳод менамоянд. Онҳо дар бораи кори клуби мазкур тавассути шабакаҳои телевизионӣ ба волидайн хабар доданд. Аммо худи муаллифон мушкилотро зимни корбурди шаклҳои мазкури кор бо волидайн ҷудо карданд. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, дар мавҷуд набудани робитаи мутақобила ифода меёбад.

Педагогҳои таҷрибадори муосир бо волидайни кӯдакони номуташаккил низ фаъолона кор мекунанд. Чунончи, Л. Т. Горбуза дар кори худ лоиҳаеро истифода мебарад, ки мақсади он расонидани ёрии психологӣ – педагогӣ ба оилаҳое мебошад, ки кӯдакони 1 – 2 сола доранд ва онҳо ба кӯдакистонҳо намераванд.

Педагогҳо Е. В. Брохонова, С. С. Безносова, Е. С. Падешва дар кори худ бо кӯдакони номуташаккил аз фаъолияти маданӣ – фароғатӣ истифода мебаранд. Кӯдаконе, ки ба кӯдакистон намераванд, иштирокчиёни доимии идҳо дар кӯдакистон гаштаанд, дар бораи онҳо волидайн аз эълонҳо тавассути почати электронӣ хабардор мешаванд.

Махсусияти ташкили ҳамкориҳои муассисаи томактабӣ ва волидайни тарбиягирандагонро дар давраи тобистон дар мақолаи худ Т. В. Критова, омӯзгори факултети педагогика ва психологияи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Москва ва сармураббӣ И. А. Иванкова кушода додаанд (2007) [9, с. 64]. Муаллифон диққати асосиро ба кор бо педагогҳо равона сохта, ба мураббиён мавзуҳои машваратҳо бо волидайн, нақшаи тайёрӣ, дурнамо, ин вохӯрии педагогҳо, кӯдакон ва волидайн ва ҳам практикумҳо, намоишгоҳҳо, чорабиниҳои якҷояи театрӣ – мусиқиро бо чойнӯшӣ дар бар мегирад, равона месозанд. Ба сифати натиҷа муаллифон таҷрибаи ташкили дастнависӣ “Ман чӣ тавр тобистонро гузаронидам”

ва навиштани эссеи “Чӣ тавр тобистонро бо кӯдакон шавқовар гузаронидем!”, тасвир менамояд.

Дар бораи мушкилоти ҷалби падарон ба тамоми чорабиниҳо дар муассисаи томактабӣ ҳанӯз соли 1978 педагогҳо Н. Букимова ва Э. Зозулек навиштаанд. Педагогҳо навиштаанд, ки дар хусуси нақши падар ва модар дар тарбияи кӯдакон фикри ягона мавҷуд нест. Муаллифон гӯшаи падару модаронро бо номи “Падарон ва фарзандон”, дар бораи нақши падар дар тарбияи кӯдакон, маводи суратдор дар мавзуи “Дар рӯзи истироҳатӣ” интиқол доданду аз таҷрибаи худи падарон дар тарбияи кӯдакон истифода бурданд, ташкил доданд [3, с. 65].

Таҷрибаи Г. А. Демина оид ба ҷалби падарон ба ҳамкорӣ бо муассисаи томактабӣ ҷолиби диққат аст. Чун қоида, ба тарбияи кӯдакон модарон машғуланду падарон барои эҳтиёҷоти оила пул кор мекунанд.

Педагогҳои муосир ба ташкили фаъолияти театрикунонидашуда чун шакли ҳамкорӣ диққати калон медиҳанд. И. Бровкина ба волидайн гузаронидани чорабиниҳои театрикунонидашударо дар оила тавсия медиҳад. Ба андешаи Р. Редченко ва Т. Заменка аз Енатерингбург, театр ба ҷалби волидайн ба кӯдакистон мусоидат менамояд [15, с. 21].

Муносибат бо волидайн ҳамон вақт самаранок мегардад, агар асоси ҳамкориро анъанаҳои фолклорӣ ва мардумии халқ ташкил диҳанд. Ин фикрро Ю. С. Иҷотова, Т. А. Баратели, Т. А. Лукина ва М. Е. Замишляева дастгирӣ мекунанд. Ба андешаи муаллифон, зимни татбиқи чунин чорабиниҳо фаъолияти муштараки фароғатӣ аз ҳама самаранок мебошад.

Ҳамкории педагогҳо бо волидайн дар масъалаи рушди экологӣ ва валеологии кӯдакони синни томактабӣ низ зарур аст. Чунончи, О. С. Зеленкова , О. А. Кочина , Л. В. Кузнетсова, Л. Грабии мубоҳисаи кушодро дар мавзуи ҳифзи табиат пешниҳод мекунанд. Хеле кам, аммо ба ҳар ҳол дар матбуоти даврӣ ҳамкории педагогҳои муассисаҳои томактабӣ ва волидайн дар доираи тарбияи меҳнатӣ вомехӯрад. Мавзуи мазкур, масалан, дар маркази диққати номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи томактабии Донишгоҳи давлатии педагогии Москва Т. В. Кротова ва мураббии муассисаи томактабии шаҳри Москва Н. Р. Шестоколова қарор дорад. Муаллифон фарқияти асосии раванди тарбияи меҳнатиро дар оила ба кӯдакистон ҷудо кардаанд. Доир ба ин масъала нақшаи дурнамои кор бо оиларо ташкил доданд. Нақша шаклҳои гуногуни корро дар бар мегирад: суҳбат, машварат, тамошои видеороликҳо, фароғати якҷоя бо унсурҳои фаъолияти меҳнатӣ, равонкунии тавсияҳо ва почтаи электронии волидайн.

Дар бораи масъалаи ҷалби волидайн ба раванди таълиму тарбия, иштироки онҳо дар омодасозии кӯдакон ба мактаб педагогҳо ақидаи хешро баён кардаанд. Дар мақолаи “Ҳамкориҳои кӯдакистон ва оила зимни омодасозии кӯдакон ба мактаб” мудири кӯдакистон В. Очаренко бо волидайн аз рӯйи ин самт машваратҳо мегузаронад.Педагогҳои муосир дар кори худ аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Чунончи, О. Молева (2013) [12, с. 49] таҷрибаи ташкили тахтаи иттилоотии стендиро аз рӯйи принсипи саҳифа дар шабакаи иҷтимоии интернетӣ “Дар алоқа” тасвир менамояд. Муаллиф менависад, ки иттилооти тактикӣ (иттилоот дар вақти ҳозира) – ро ҷойгир месозад, дар “Лентаи навигариҳо” менависад, ки дар рӯзҳои наздик бо чӣ кор шуғл меварзад, эълону рекламаро ҷойгир мекунад. Таҷриба,

бешубҳа, шавқовар аст, муаллиф барои робитаи мутақобила бо волидайн аз тахтаи маркерӣ истифода мебарад ва дар он волидайн доир ба иттилооти ҷойдошта ақидаи хешро баён мекунанд. Фарқи асоси аз стендҳои анъанавӣ дар ҳамин ифода меёбад.

Ҷорисозии Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ шароити нави ҳамкориҳоро тақозо менамояд ва онҳо ба ҳамшарикии иҷтимоии муассисаи таълимӣ, волидайн, беморхона, мактаб, почта ва ҳоказо асос меёбанд. Ин барои муқаррарсозии муносибатҳои шарикона, ки дар хусуси онҳо Т. Алиева, А. Стасюк, Е. Фодиева, Ю. Арслонова ва Т. Уварова навиштаанд, чун катализатор хизмат расонд. Онҳо имкониятҳои ҳамшарикии иҷтимоиро бо оилаи тарбиягирандаи муассисаи томактабӣ ҷудо мекунанд. Ба андешаи онҳо, волидайн аз шаклҳои анъанавии кор қаноатманд нестанд. Асоси чунин ҳамкориро бояд фаъолияти лоиҳавӣ ташкил диҳад. Педагогҳо Е. Н. Коратаева, И. С. Бересива, О. Н. Перминова, В. В. Весника ба ҳамшарикии иҷтимоӣ васеътар менигаранд. Ба ҳамшарикии иҷтимоӣ муаллифон на танҳо волидайну педагогро дохил карданд, балки духтурони кӯдакона, муаллимони логопедро ҷалб кардаанд, ҳамзамон аз шаклҳои гуногуни кор истифода бурдаанд.

Ба андешаи номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабии шаҳри Самара В. Г. Кочеткова, ҳамшарикии иҷтимоӣ навъи махсуси фаъолияти муштарак байни субъектҳои фазои таълимӣ мебошад, ки ба боварӣ, мақсаду арзишҳои умумӣ, муносибатҳои давомнок, инчунин эътирофи масъулияти тарафайн барои натиҷаи ҳамкорӣ ва рушди онҳо асос ёфтааст. Ҳамшарикии иҷтимоӣ на танҳо чун ҳамшарикӣ дар дохили низоми маълумот, балки чун муносибатҳои байни муассисаҳои таълимӣ бо намояндагони ниҳодҳои дигари иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Ба субъектҳои фазои таълимӣ инҳо мансубанд: мактабҳои кӯдаконаи варзишӣ, бадеӣ, мусиқӣ, театрӣ, маълумоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, китобхонаҳои кӯдакона ва муассисаҳои дигар. Аксари педагогҳо дар самти мазкур кор карда, мубрамияти ин мавзуъро аз мадди назар дур мондаанд. Пешрафти техникӣ зарурати дар кор бо волидайн истифода бурдани шаклҳои инноватсиониро тақозо менамояд. Инноватсия (аз англисӣ innovatiove) навоварии ҷоришудае мебошад, ки рушди самараноки ҷараёнҳо ё маҳсулоти ба талаботи бозор ҷавобгӯ бударо таъмин мекунад. Чунончи, М. Мотарина дар кори худ бо волидайн аз чунин шаклҳои инноватсионӣ, мисли шаҳрҳои иттилоотӣ, рӯзномаҳои хурд, озмоишгоҳҳои педагогӣ ва ғайра истифода мебарад. Е. И. Фадеева усули “ҳуҷуми зеҳнӣ” – ро чун захираи ташаккули маданияти ҳамкорӣ пешниҳод мекунад. Аммо дар масъалаи ҳамкорӣ ӯ танҳо як мисоли хурдеро аз “ҳуҷуми зеҳнӣ”, ки навгонӣ ҳисоб намеёбад, пешниҳод мекунад. Суоле ба миён меояд, ки оё шаклҳои мазкур инноватсионӣ мебошанд? Онҳо соли 2007 дар осори Е. С. Евдокимова, Н. В. Родикина ва Е. А. Кудрявсева борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Инак, педагогҳои таҷрибадор ҳамшарикии иҷтимоӣ ва шаклҳои инноватсиониро баррасӣ карда, аксаран ҳамон як чизро дар назар доранд.

Чунин ҳаҷми интишорот аз он шаҳодат медиҳад, ки педагогҳои таҷрибадор дар фикри ҷалби волидайн, самаранок ташкил кардани кор мебошанд, то ин ки волидайн ба муассисаи таълимии томактабӣ чун ба “камераи нигоҳдорӣ” муносибат накунанд, балки иштирокчиёни фаъоли раванди педагогӣ бошанд.

Ҳамин тариқ, таҷриба нишон медиҳад, ки роҳбарони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва педагогҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқшавандаро эътироф мекунанд ва

кор бо волидайнро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти хеш меҳисобанд. Илова бар ин, онҳо сатҳи маданияти психологии волидайн, майлу хоҳиши онҳоро ба ҳамкорӣ хеле баланд арзёбӣ мекунанд.

**Муқарриз: Назарова Х. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Балабанова, Т.И. Консультации для родителей / Т. И. Балабанова // Дошкольное воспитание. – 1979. – № 8. – С. 56.
2. Березовская, Н. Роль РОНО в распространении лучшего опыта / Н. Березовская // 1979. – № 7. – С. 13 – 15.
3. Бунимова, Н. И. Воспитание у детей уважения и любви к родителям / Н.И. Бунимова, Э. В. Зазуляк // Дошкольное воспитание. – 1978. – № 5. – С. 65–68.
4. Васильева, Е.А. Обогащаем воспитательные умения родителей / Е.А. Васильева // Ребенок в детском саду. – 2011. – № 6 – С. 66–71.
5. Виноградова, Н. А. Детский сад и семья / Н. А. Виноградова, Г.Н. Година, Л.В. Загик [и др.]. Под ред. Т.А. Марковой. – 20-е изд., испр. и доп. – М.: Просвещение, 1986. – 207 с.
6. Гришина, К.Л. Родительский комитет в детском саду / К.Л.Гришина // Дошкольное воспитание. - 1974. - № 12. - С. 15-17.
7. Иванова, А.В. О связи детского сада с семьей / А.В.Иванова // Дошкольное воспитание. - 1981. - № 2. - С.31-34.
8. Коломейченко, Л.В. Программа социального развития / Л.В.Коломейченко // Дошкольное воспитание. - 2005. - № 1. - С. 9-17.
9. Кротова, Т. В. Взаимодействие с родителями воспитанников в летний период / Т. В. Кротова, И.А. Иванцова // Справочник старшего воспитателя дошкольного учреждения. – 2007. -№ 4. – С. 64 – 68.
10. Ляшенок, В.А. О подготовке родительских конференций / В.А. Ляшенок // Дошкольное воспитание. – 1979. – № 8. – С. 57–58.
11. Максимова, Н.В. Организация «Маминой школы» / Н.В.Максимова // Управление ДОУ. – 2012. – № 6. – С. 88–99.
12. Молева, О. И. «В Контакте» / О. И. Молева // Дошкольное воспитание. – 2013. – № 7. – С. 49–50.
13. Прищепа, С.С. Взаимодействие с родителями детей раннего возраста / С.С. Прищепа, Т.С. Шатверян // Справочник старшего воспитателя дошкольного учреждения. -2011. -№10. - С. 59-67.
14. Степанова, Р. Как детский сад помогает нам в физическом воспитании детей / Р. Степанова // Дошкольное воспитание. – 1981. – № 5. – С. 70 – 71.
15. Сербина, Т. Ю. Повышение педагогической компетентности родителей в вопросах физического воспитания детей раннего возраста / Т. Ю. Сербина // Дошкольная педагогика. – 2011. – № 10. – С. 60–61.


## МУНОСИБАТИ ПЕДАГОГҲОИ ТАҶРИБАДОРИ МУОСИР БА МАСЪАЛАИ ҲАМКОРИҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА


Муаллиф дар мақола муносибати педагогҳои таҷрибадори муосирро ба масъалаи ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила нишон додааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки мафҳуми "ҳамкорӣ" дар соҳаи илмҳои педагогӣ чун алоқаи дутарафа (мутақобил) - и ду падида баррасӣ мегардад, яъне ин ҷараёни табодули афкор, ғояҳо, эҳсосот мебошад.Ҳамчунин, дар мақола қайд шудааст, ки педагогҳои таҷрибадор аз тамоми шаклҳои кор бо волидайн, ки он замон маълум буданд, истифода мебурданд: гӯшаҳо, намоишгоҳҳои тематикӣ, конференсияҳо, маҷмуи лексияҳо, шомҳои саволу ҷавоб, намоиши кинофилмҳо дар рафти маҷлиси падару модарон. Яъне, педагогҳои таҷрибадор омӯзиши амиқ ва муносибати системавиро ба назарияи педагогӣ дар шароити дастрасии маҳдуди сарчашмаҳои иттилоотӣ пешниҳод кардаанд. Яъне, вазифаи муҳимми педагогҳои таҷрибадори муассисаи томактабӣ ҷалби оила ба ҳамкории зич ва иштироки фаъол дар кори муассисаи томактабӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки педагогҳои таҷрибадор омӯзиши амиқ ва муносибати системавиро ба назарияи педагогӣ дар шароити дастрасии маҳдуди сарчашмаҳои иттилоотӣ пешниҳод кардаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти пурсамари педагогҳои таҷрибадори муассисаҳои томактабӣ барои мураббиён ва волидайн сабақ мегардад, ки шаклҳои ҳамкории педагогиро вусъат бахшанд.



**Калидвожаҳо:** муносибати педагогҳои таҷрибадор, ҳамкориҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, оила, шаклҳои ҳамкориҳои педагогӣ, ташаккул, тарбия.

## ОТНОШЕНИЕ ОПЫТНЫХ СОВРЕМЕННЫХ ПЕДАГОГОВ К ПРОБЛЕМЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ С СЕМЬЁЙ

Автор в своём сочинении показывает отношение опытных современных педагогов к проблеме сотрудничества дошкольного образовательного учреждения с семьёй. В статье подчёркивается, что понятие «сотрудничество» в сфере педагогических наук рассматривается как взаимосвязь между этими явлениями, т. е. является процессом обмена мнений, идей и ощущений.В статье также отмечается, что опытные педагоги использовали все формы работы с родителями, которые была известны в то время: уголки, тематические выставки, конференции, цикл лекций, вечера вопросов и ответов, показ кинофильмов в процессе родительского собрания. То есть, опытные педагоги предлагают глубокое изучение и системный подход к педагогической теории в условиях ограниченного доступа к информационным источникам. То есть, важнейшей задачей опытных педагогов дошкольных учреждений является привлечение семьи к тесному сотрудничеству и активному участию в работе дошкольного учреждения. Из полезного подхода опытных педагогов исходит, что они принимали все меры в отношении будущей жизни воспитанников дошкольных учреждений. Следует отметить, что опытные педагоги предлагали глубокое изучение и системный подход к педагогической теории в условиях ограниченного доступа к информации. Поэтому эффективная деятельность опытных педагогов дошкольных учреждений становится уроком для нынешних воспитателей и родителей.

**Ключевые слова**: отношение опытных педагогов, сотрудничество дошкольного образовательного учреждения с семьёй, дошкольные образовательные учреждения, семья, формы педагогического сотрудничества.

## THE ATTITUDE OF EXPERIENCED MODERN TEACHERS TO THE PROBLEM OF COOPERATION BETWEEN A PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTION AND A FAMILY

The author in his essay shows the attitude of experienced modern teachers to the problem of cooperation between a preschool educational institution and a family. The article emphasizes that the concept of "cooperation" in the field of pedagogical sciences is considered as the relationship between these phenomena, i.e., it is a process of exchange of opinions, ideas and sensations. The article also notes that experienced teachers used all forms of work with parents that were known at that time: corners, thematic exhibitions, conferences, a series of lectures, question and answer evenings, film screenings during the parent meeting. That is, experienced teachers offer a deep study and a systematic approach to pedagogical theory in conditions of limited access to informatio. That is, the most important task of experienced teachers of preschool institutions is to involve the family in close cooperation and active participation in the work of the preschool institution. From the useful approach of experienced teachers, it comes from the fact that they took all measures regarding the future life of pupils of preschool institutions. It should be noted that experienced teachers offered a deep study and a systematic approach to pedagogical theory in conditions of limited access to information. Therefore, the effective activity of experienced teachers of preschool institutions becomes a lesson for today's educators and parents.

**Key words:** attitude of experienced teachers, cooperation of a preschool educational institution with a family, preschool educational institutions, family, forms of pedagogical cooperation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторанти Ph.D - и кафедраи педагогика ва психология. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Телефон: **(+992) 93 - 158 - 75 – 79.**

**Сведения об авторе:** ***Раджабов Вайсиддин Давлатбекович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант Ph.D кафедры педагогики и психологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 93-158-75-79**

**Information about the author**: ***Radjabov Vaisiddin Davlatbekovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav PhD, Department of Pedagogy and Psychology. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, st. Aini 67, Phone: **(+992) 93-158-75-79.**

УДК: 373.15 (717)

# ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ТАЙЁРИИ ДОНИШОМӮЗОН
## (дар мисоли кишварҳои Аврупо ва ИМА)

***Одинаев А.Р.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Одатан, пас аз хатми мактаби ибтидоӣ, ҳамаи кӯдакони олмонӣ мувофиқи қобилияти худ ба се ҷараён тақсим мешаванд. Баъзеи онҳо ба мактаби асосии 9-сола, ки таълими ҳамагонӣ ва ибтидоии касбӣ медиҳад, меравaнд. Қисми дуюм ба мактаби воқеии 10-сола, ки таълими мобайниро таъмин мекунад ва таҳсилро дар зинаи дуюми мактаби миёна (гимназия) имкон медиҳад. Қисми боқимонда ва қобилияти бештар доштаи кӯдакон, таҳсилро дар зинаҳои якум ва дуюми гимназия идома медиҳанд. Барои гирифтани шаҳодатнома бояд чор имтиҳони ниҳоиро супоранд. Танҳо онҳое, ки омӯзиши 28 курси таълимиро хатм кардаанд, ба имтиҳонҳо иҷозат мегиранд, ки 22 адади онҳо дар сатҳи асосӣ ва шаш адади дигар дар сатҳи пешрафта қарор доранд.

Аз ҳамаи курсҳои омӯхташуда хатмкунандагон барои имтиҳон чор курсро якбора аз се соҳаи дониш интихоб мекунанд: 1) забону адабиёт ва санъат; 2) илмҳои иҷтимоӣ; 3) математика, илм ва техника.

Аз чор имтиҳони интихобшуда бояд ду имтиҳон дар сатҳи пешрафта буда, яке аз онҳо шифоҳӣ бошад. Вақтҳои охир ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои маълумоти олӣ, баҳо (хол)-и умумии шаҳодатнома нақши муҳимро мебозад. Аз сабаби зиёд шудани шумораи хонандагоне, ки шаҳодатнома мегиранд, аксари донишгоҳҳо ба довталабон интихоби озоди факултаҳоро дода наметавонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми дохил шудан ба факултаҳои маъруф, онҳо озмоиши иловагӣ ё мусоҳибаро оғоз карданд.

Дар Ҷопон, шумораи довталабоне, ки ба донишгоҳҳо дохил мешаванд, аз ин рақамҳо барои бисёр кишварҳои ҷаҳон зиёдтар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки асоси касбият дар Ҷопон бе муҳобот аз мавҷудияти маълумоти олӣ ва дар кадом донишгоҳ гирифта шудани он вобаста аст. Нахустин тафриқаи хонандагони Ҷопон ҳангоми дохилшавӣ дар мактаби миёнаи асосӣ пас аз хатми мактаби ҳатмии нуҳсола оғоз меёбад. Қабулшавӣ дар асоси супоридан ва натиҷаҳои тестҳои дохилшавӣ, ки мазмуни онҳо ба барномаҳои миллӣ нигаронида шудаанд, вале дар минтақаҳои гуногуни кишвар фарқ мекунанд, амалӣ карда мешавад. Дар бораи натиҷаҳои санҷишҳо ҳеҷ гоҳ ба хонандагон хабар дода намешавад, онҳо бевосита ба он мактабҳое фиристода мешаванд, ки дар онҳо хонандагон мехоҳанд дохил шаванд. Бештари мактабҳои бонуфуз, ки ба он хонандагони қобилиятнок дохил мешаванд, одатан бо донишгоҳҳои бонуфузи кишвар алоқаманданд.

Хатмкунандагони онҳо мавқеи муҳимро дар ҷомеа ишғол мекунанд. Вобаста ба он, ки имтиҳонҳо ҳангоми дохил шудан ба мактабҳои миёнаи асосӣ ва донишгоҳҳо нақши муҳим доранд, хонандагон ва падару модарони онҳо дар омодагӣ ба ин имтиҳонот хеле ҷиддӣ муносибат мекунанд. Зиёда аз нисфи хонандагони синфҳои 7-9 баъд аз дарс дар ду ё се фан иловагӣ таҳсил мекунанд. Барои дохил шудан ба донишгоҳ, хатмкунандаи мактаби миёна бояд ду даври имтиҳонҳоро супорад.

Хонандагони соли охири таҳсил давраи аввали имтиҳонҳоро тақрибан дар шаш моҳ пеш аз дохил шудан ба донишгоҳ месупоранд. Ин имтиҳонҳо барои ҳама донишгоҳҳои давлатӣ ва бархе аз донишгоҳҳои хусусӣ заруранд. Теъдоди онҳо аз рӯйи талаботи донишгоҳе, ки ба он дохил шудан мехоҳанд, муайян карда мешавад. Даври дуюми имтиҳонҳоро худи донишгоҳҳо мегузаронанд. Ин имтиҳонҳо аз имтиҳонҳои давлатӣ бартарӣ доранд, онҳо аз ҷониби коршиносони донишгоҳҳо таҳия мешаванд ва мазмунан дар донишгоҳҳои гуногун ва ҳатто барои бахшҳои алоҳидаи ҳамин донишгоҳ фарқ мекунанд.

Маъмулан, довталабон бояд 1-2 имтиҳони донишгоҳиро супоранд. Рақобат дар донишгоҳҳо хеле баланд аст ва бисёрии онҳое, ки ба донишгоҳ дохил нашудаанд, дар тули 1-2 сол омодагӣ ба ин имтиҳонҳоро идома медиҳанд. Имтиҳонсупорандагони такрорӣ одатан аз се як ҳиссаи шумораи умумии довталабонро ташкил медиҳанд [14, с.12].

Ҳамин тариқ, таҳлили маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар кишварҳои мухталиф доир ба сатҳи таълими хонандагон талаботҳои гуногун мавҷуданд.

Дар Англия талаб карда мешавад, ки аз рӯйи 2-3 фан омодагии амиқ нишон дода шавад, дар Фаронса, баръакс, фарогирии васеъро дар соҳаҳои гуногуни дониш нишон диҳад. Дар Олмон бошад, дар як маврид фарогирии васеъ ва ҳам омодагии амиқи худро нишон додан лозим аст: довталаб 28 курси таълимро аз худ намуда ва чор имтиҳон бояд супорад, аз он дутояш дар сатҳи баланд бошад. Фарқият дар мақсадҳои имтиҳон ва муҳтавои он мушоҳида карда мешавад. Дар Иёлоти Муттаҳида яке аз ҳадафҳои асосӣ ин муайян кардани (пешбинии) қобилияти таҳсили довталаб дар муассисаи олии таълимӣ мебошад. Дар дигар кишварҳо бошад, баҳогузории сатҳи дониш аз фанҳои асосӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Дар ин робита, мақсадҳои имтиҳоноти амрикоӣ, чун қоида, ба барномаи таълимӣ пайваст нестанд ё қисман вобастаанд, вале мундариҷаи имтиҳонҳои дигар кишварҳо, ки мавриди баррасӣ қарор доранд, пурра ба мавзуи таълими мактабӣ нигаронида шудаанд.

Дар як қатор кишварҳо, масалан, Фаронса ва Олмон, имтиҳонот нақши дукарата доранд. Дар як маврид ҳамчун имтиҳони ниҳоии мактаб истифода мешаванд ва боз баҳои диплом ё шаҳодатномаро муайян мекунанд, ки дар асоси он дохилшавӣ ба донишгоҳ амалӣ карда мешавад.

Одатан, вазоратҳои маорифи кишварҳо бо истифода аз воситаҳои гуногун мундариҷаи ҳамаи имтиҳонҳои дохилшавӣ ба мактабҳои олиро назорат мекунанд (тавсияҳо оид ба таҳияи имтиҳонот, мубоҳисаҳо, имтиҳонҳо ва ғайра). Танҳо дар ИМА чунин алоқамандӣ ба назар намерасад. Ташкили имтиҳонот дар он ҷо фарқ мекунад.

Дар Англия ва ИМА имтиҳонот аз ҷониби ташкилотҳои мустақил гузаронида мешаванд ва ҳар касе, ки мехоҳад ба донишгоҳ дохил шавад, дар он ширкат меварзад. Дар Фаронса ва Олмон имтиҳонот дар мактаб гузаронида мешаванд. Дар Ҷопон даври аввали имтиҳонот аз ҷониби Маркази давлатии назди Вазорати маориф ва даври дуюм аз ҷониби худи донишгоҳҳо гузаронида мешаванд. Шакли имтиҳон, вақти санҷиши он, имкони интихоби вариантҳо ё саволҳои пешниҳодшуда, ҳамчунин

навъи саволҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Вақти имтиҳон дар кишварҳои марбута аз 9 соат дар Англия то 90 дақиқа дар ИМА фарқ мекунад.

Ин фарқияти талабот ҳаҷми мавод ва малакаеро, ки бояд дар имтиҳон нишон дода шавад, инъикос менамояд. Ғайр аз ин, бештари имтиҳоноти дарозмуддат, тартибот ва муттаҳидгардонии диққати зиёдро муддати тулонӣ талаб мекунанд. Аз кишварҳои баррасишуда, дар ду кишвар (дар Англия ва Фаронса) довталабон имкони интихоби саволҳои алоҳида ё варианти умумиро доранд. Мавҷудияти интихоби саволҳои мушкилтар маълум аст, ки назар ба имтиҳони сатҳи поён бартарӣ дорад, зеро довталабон он чизеро, ки медонанд, нишон медиҳанд аз он сабаб онҳо худроароҳат ҳис мекунад [15, с.50].

Аз ҳама хусусияти фарқкунандаи имтиҳонот, асосан имтиҳонҳои аврупоӣ, равона кардани самти мақсади санҷиш на ба таҷдиди дониш, балки истифодаи он дар шароити нав, фаҳмондани маводи назариявӣ ва амалӣ, банақшагирӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ мебошад. Муҳтавои имтиҳонот ҳамчунин аз ҷиҳати фарогирии маводи санҷидашуда ва сатҳи азхудкунии он фарқ мекунанд.

Имтиҳони забони англисии дараҷаи пешрафта миқдори зиёди маводро фаро мегирад ва азхудкунии онро дар сатҳи хеле баланд тафтиш мекунад. Имтиҳони бакалаврии Фаронса танҳо як қисми барномаи омӯхташударо месанҷад, аммо дар сатҳи хеле баланд. Имтиҳони AP-и Амрико одатан бо фарогирии васеи маводҳо санҷидашуда дар муқоиса бо имтиҳони Аврупо каме фарқ мекунад.

Ҳама кишварҳои пешниҳодшудаи аврупоӣ имтиҳонҳоеро доранд, ки асосан дар онҳо супоришҳои кушодаро истифода мебаранд. Барои онҳо ҷавобҳои мухтасар ва муфассали хаттӣ бояд дода шаванд. Баъзан дар онҳо ҳатто вазифаҳои амалӣ ва таҷрибавӣ низ истифода мешаванд. Танҳо дар яке аз кишварҳо - дар ИМА, супоришҳо бо интихоби ҷавоб истифода мешаванд, ки онҳо қисми зиёди кори имтиҳонро ташкил медиҳанд. Одатан, супоришҳо бо интихоби ҷавобҳо донишҳои маводи воқеӣ, бошуурона қабули он дар ҳолатҳои даркорӣ ё донистани алгоритми ҳалли мушкилотро месанҷанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки на аз амиқӣ, балки дараҷаи баланди азхудкуниро баҳо диҳем.

Бояд зикр кард, ки ҳангоми таҳлили хусусиятҳои умумии низоми имтиҳонот дар кишварҳои баррасишуда, ки онҳо механизмҳо ва сохторҳои ташкилӣ доранд, сифати таълимро дар ҳама марҳилаҳои имтиҳон назорат ва таъмин мекунанд, ҳамчунин натиҷаҳо барои омма дастрас мебошанд [15, с.23].

Ба андешаи муҳаққиқи рус Г.С.Ковалев, таҳлили амсилаҳои мавҷудаи ташкилӣ ва технологии низомҳои баҳодиҳии сифати таълим нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Дар Шоҳигарии Англия ва ИМА, тестҳо аз ҷониби ташкилотҳои мустақил барои назорати маъмурӣ барои ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд ба донишгоҳ дохил шаванд, гузаронида мешаванд. Дар марҳилаи аввал хатмкунандаи мактаби миёнаи амрикоӣ як донишгоҳро интихоб намекунад, аммо ба якчандтои онҳо ҳуҷҷатҳо бо замимаи шаҳодатномаи муваффақияти санҷишии худро мефиристад. Донишгоҳ ё донишгоҳҳое, ки ба сатҳи дастовардҳои илмии ӯ мувофиқанд, ӯро ба мусоҳиба даъват мекунанд. Дар Фаронса ва Олмон (санҷиш) тесткунонӣ дар мактаб гузаронида мешавад. Дар Ҷопон даври аввали санҷиш аз

ҷониби маркази имтиҳоноти давлатии назди Вазорати маориф ва даври дуюм аз ҷониби донишгоҳҳо гузаронида мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар мушкилоти баҳодиҳии сифати таълими хонандагонро бо назардошти анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии кишвар, ҳамчунин сатҳи рушди назария ва методологияи баҳодиҳии тайёрии хатмкунандагони мактаб барои таҳсил дар донишгоҳ ҳал мекунад.

Солҳои охир аз ҷониби иттиҳоди кишварҳо дар гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ, ки дар асоси санҷишҳои стандартӣ гузаронида мешаванд, баҳо дода мешавад. Вобаста ба ин дар мақомоти давлатии мудирияти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимӣ барои баҳодиҳии сифати таълими хонандагон чорабиниҳо ва таҷрибаҳо мегузаронанд. Ба чунин таҷриба оид ба ҷорӣ намудани имтиҳони ягонаи давлатӣ, озмоиши "Интернет-имтиҳон дар соҳаи маълумоти олии касбӣ" нисбат додан мумкин аст, аммо таҷрибаи сесолаи ташкили санҷиши оммавии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи худ назаррас аст.

Такмили низоми пайдарпайи маълумоти умумӣ марбут ба ҷустуҷӯйи шаклҳои нави раванди гузариши хонандагон аз мактаб ба донишгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 оғоз ёфт.

Дар тули се сол (2010, 2011, 2012) бо иштироки бевоситаи мо имтиҳонҳои муштарак баргузор шуданд, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ташаббуси мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои ректорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дастгирӣ карда шуд.

Ҳадафи асосии имтиҳоноти якҷояшуда такмил додани низоми хатмкунӣ ва имтиҳоноти дохилшавӣ дар мактабҳои олӣ буд. Гузаронидани имтиҳоноти якҷоя масъалаҳои зеринро ҳал намуд:

- коҳиш додани сарбории равонӣ ва ҷисмонии хатмкунандагон;
- интихоби хонандагони аз ҳама бештар омодашуда дар донишгоҳҳо;
- баҳодиҳӣ ба сатҳи тайёрии математикии хатмкунандагони ҷумҳурӣ;
- кӯшиши муштараки омӯзгорон ва устодони донишгоҳҳо дар ташкили бонкҳои супоришҳо, ки ҷавобгӯйи талаботи стандарти маълумот мебошанд;
-фароҳам овардани заминаҳо барои дар амал татбиқ намудани ташаккули низоми назорати мустақили воқеии сатҳи тайёрии математикӣ.

Имтиҳони муштарак ба таври ихтиёрӣ ҳангоми хатми мактаб ва ҳам дар вақти дохилшавӣ ба донишгоҳҳо гузаронида шуда буд. Он, аз як тараф, имкони санҷиши имтиҳоноти такрорӣ, сарбории зиёди имтиҳонӣ ба хонандагонро коҳиш дода, сарчашмаҳои таълимӣ ва моддиро сарфа мекард. Аз тарафи дигар, имкони такроран гузаштани санҷишро дар сурати натиҷаи ғайриқаноатбахш гирифтан пешниҳод менамуд.

Ба сифати намуна барои имтиҳоноти муштарак фанни математика интихоб шудааст, зеро ин фан дар байни фанҳои имтиҳоноти дохилшавӣ ба донишгоҳҳои давлатии ҷумҳурӣ бештар муаррифӣ шудааст. Марҳилаи имтиҳони муштарак дар шакли истифодаи тестҳои кушода пешбинӣ шуда буд, ки ба анъанаҳои таълими тоҷикона мувофиқ мекарданд. Вокеъбинона будани баҳодиҳӣ тавассути истифодаи

низоми санҷиши уфуқии супоришҳо аз рӯйи “усули бобуна” ба даст омадааст. Моҳияти усул дар он аст, ки ҳангоми таҳияи чиптаи санҷишӣ корти санҷишӣ тартиб дода мешавад, ки низоми баҳогузорӣ, ҳамчунин шумора ва рӯйхати унсурҳои таълимиро нишон медиҳад, ки барои иҷрои ин вазифа дониши худро зоҳир кардан зарур аст. Барои гузаронидани баҳодиҳӣ якчанд озмоишгарҳо ба гурӯҳ муттаҳид карда шудаанд, ки ҳар яки онҳо бо истифода аз корти санҷиши супоришҳои параметрҳояшон якхеларо месанҷанд, ки дар он шумораи нуқтаҳои барои марҳилаҳои иҷрошуда додашуда ба таври муфассал шарҳ дода мешавад. Ҳарчанд баҳодиҳӣ аз ҷониби омӯзгорони гуногун гузаронида шуда бошад ҳам, санҷишҳо яксон баробар буданд.

Таҷрибаи тулонии истифодаи ин усул нишон дод, ки хатогӣ 3-5% аст, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои муътамад барои санҷиши оммавӣ кофӣ аст. Барои дастгирии иттилоотию таҳлилии имтиҳони муштарак аз технологияи компютерии KAMERTON, ки аз ҷониби маркази методологии RITM филиали Донишкадаи технология ва менеҷменти технологии Кӯлоб таҳия шудааст, истифода шудааст. Технологияи мазкур усули сохтани маводи бисёркаратаи назорат, усули баргузории имтиҳонот, усулҳои санҷиши супоришҳои кушода, коркард, таҳлили натиҷаҳо ва ташаккули нишондиҳандаҳои рейтингиро дар бар мегирад. Технологияи КАМЕРТОН, имкон медиҳад, ки сифати дониш аз рӯйи дараҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ, мавзуъҳои инфиродӣ ва малака таҳлил карда шавад, ҳамчунин сатҳи тайёрии хатмкардагони мактабҳои алоҳида, шаҳракҳо ва умуман ҷумҳурӣ таҳлил карда шавад [19, с.21,47].

Имтиҳонҳои якҷоя се маротиба (2011-2013) аз ҷониби хатмкунандагони мактаб ва падару модарони онҳо, ҷомеаи педагогӣ ва роҳбарони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон вокуниши мусбат гирифтанд. Гузаронидани имтиҳоноти муштарак ба ҳамбастагии талаботи мактабҳои миёна ва олӣ мусоидат намуда, имкон дод, ки ба сифати муносибати хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ дар асоси муносибати ягона, баҳои объективӣ дода шавад. Таҷриба нишон дод, ки технологияи таҳияшуда метавонад барои таҳлили сифати таълими хонандагони мактабҳо дар минтақаҳо, ҳамчунин сертификатсияи муассисаҳои таълимӣ дар самти баҳогузории сифати таълими хатмкунандагон истифода шавад.

*Имтиҳони ягонаи давлатӣ* қадами муҳим дар ҳамгироии мактабҳои миёна ва олӣ, дар гузариш ба технологияҳои нав барои сертификатсияи хатмкунандагони мактабҳои миёна ва ташкили низоми таҳлили сатҳи маълумот дар ҷумҳурӣ мебошад. Иштироки муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои "озмоишӣ" дар таҷриба дар ҷорӣ намудани имтиҳони ягонаи давлатӣ, идомаи мантиқии чорабиниҳоест, ки дар ин самт дар муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон гузаронида мешаванд. Таҷриба оид ба ҷорикунии имтиҳоноти ягонаи давлатӣ қадами бузургтарин ва муайянкунанда дар ислоҳоти ҷории соҳаи маориф мебошад. Яке аз вазифаҳое, ки бояд дар ҷараёни таҷриба оид ба ҷорӣ намудани имтиҳони ягонаи давлатӣ ҳаллу фасл карда шавад, ташкили низоми мустақили баҳодиҳии воқеии маълумоти умумии хатмкунандагони мактабҳои миёна мебошад.

Ҳамчун воситаи гузаронидани аттестатсияи ниҳоии хатмкунандагони мактабҳои миёна ва ҳамчунин интихоби маълумоти олӣ, имтиҳони ягонаи давлатӣ дар бораи сатҳ ва сифати таҳсили баъдидипломӣ маълумот ҷамъ менамояд ва аз ин

рӯ ба шумо имкон медиҳад ба таври ғайримустақим самаранокии раванди таълимро дар мактаби миёна баҳо диҳед.

Натиҷаҳои имтиҳоноти ягонаи давлатӣ пас аз гузаронидани таҷриба метавонанд барои баҳодиҳӣ ва мудирияти сифати маълумоти умумӣ дар кишвар истифода шаванд.

Гузаронидани таҷриба дар ҷорӣ намудани имтиҳоноти ягонаи давлатӣ дар назди ҷомеа як нуктаи инқилоби бузургеро ба вуҷуд овардааст, ки вазифаи он якхела баҳо додани ҳамаи хатмкунандагони мактабҳои муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон мебошад.

Риояи низоми технологӣ ҳангоми гузаронидани ИЯД бисёр муҳим аст, чунки он имкон медиҳад санҷиш ва баҳодиҳии оммавии донишҳоро дар муддати нисбатан кӯтоҳ ва дар шароити барои ҳама якхела таъмин кунад. Санҷиши дониш бо технологияи информатсионии тағйирёбанда имкон медиҳад, ки боз як принсипи воқеъбинонаи баҳодиҳӣ риоя карда шавад.

Ҷараёни ташаккули низоми воқеии баҳодиҳии маълумоти умумӣ хеле мураккаб буда, вақти зиёдро талаб мекунад. Объективӣ будани баҳо аз сифати маводи баҳодҳии назоратӣ вобаста аст, ки имкон медиҳад оиди малакаи хатмкунандагон маълумот дастрас карда шавад. Яъне, онҳо дониш ва малакаҳои заминавиро оиди мазмуни барномаи таълимӣ, ки ба талаботи дараҷаи тайёрии хатмкунандагон ҳатмӣ мебошанд, доранд. Бешубҳа, имтиҳоноти ягонаи давлатӣ дар низоми баҳодиҳии сертификатсияи сифати таълими хонандагони муассисаҳои таълимӣ яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол хоҳад кард.

Ҳангоми аттестатсияи муассисаҳои таълимоти олӣ истифодаи технологияҳои муосир барои гузаронидани арзёбии педагогӣ зарур аст. Хусусияти арзёбии педагогӣ дар сертификатсияи барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ аз ҳадафи зикршуда бармеояд: баҳодиҳии дараҷаи мутобиқати мазмун ва сатҳи дониши хонандагон ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот.

Зарурияти гузаронидани сертификатсияи арзёбии педагогӣ бо хусусияти меъёри сертификатсия вобаста аст, зеро меъёри сертификатсия ҳамчун фоизи хонандагоне, ки ин фанро дар сатҳи стандартҳои давлатии таълим пурра аз худ кардаанд, ифода карда мешавад. Дар навбати якум, хусусиятҳои сатҳи тайёрӣ на хонандагони алоҳида, балки барои як гурӯҳ хонандагон муайян карда мешаванд.

Ин технология аз ҷониби Агентии миллии аккредитатсия дар соҳаи маориф дар шакли таҷрибаи "интернет - имтиҳон дар соҳаи маълумоти олии касбӣ" татбиқ карда шудааст. Мақсади имтиҳони Интернетиро бо роҳҳои зерин метавон муайян кард:

-муайянкунии сатҳи тайёрии хонандагон мутобиқ ба талаботҳои стандартҳои давлатии таълим;

- бунёди воситаҳои низоми дохилӣ оид ба таъмини сифати таҳсил дар дохили донишгоҳ аз нигоҳи баҳодиҳии мустақили натиҷаҳои таълимии донишҷӯён.

Мо технологияи нави санҷиши истифодаи муҳити интернетро пешниҳод кардем [20, с.107-109], ки ба нақшаи ташкилию технологӣ иборат аз панҷ марҳила: марҳилаи омодагӣ, марҳилаи омодасозии воситаҳо, марҳилаи таҳлили ченакҳои педагогӣ дар интернет, марҳилаи таҳлили пурраи натиҷаҳоро дар бар мегирад, марҳилаи ченакҳои педагогӣ ва дар охир марҳилаи ниҳоӣ.

Марҳилаи тайёрӣ эҷоди дастгирии меъёрӣ, ташкилӣ, техникӣ ва дастуриро барои тартиби арзёбии педагогӣ дар бар мегирад.

*Марҳилаи тайёр кардани воситаҳо* барои гузаронидани арзёбии педагогӣ ташаккули махзани маълумотро дар асоси ғайривариантии мундариҷаи тартибот ва интихоби технологияи санҷишро мепайвандад.

*Марҳилаи саввум* - гузаронидани арзёбии педагогӣ дар муҳити интернет фарзияи ташкили дастрасӣ ба низом ва муайянкунии хонандагонро дар бар мегирад, ки боиси ташаккули маҷмуи алоҳидаи вазифаҳо мегардад. Дар охири санҷиш натиҷаҳои санҷиш ба махзани марказии натиҷаҳои ченакҳои педагогӣ дода мешаванд.

Дар *марҳилаи чорум* таҳлили пурмазмуни натиҷаҳои ченакҳои педагогӣ марбут ба таҳлили сатҳи ибтидоии тайёрии донишҷӯён гузаронида мешавад, агар онҳо ба донишгоҳ аз рӯйи натиҷаҳои ИЯД дохил шуда бошанд. Ташхиси сифати таълим аз рӯйи фанҳо ва давраҳои фанҳо, таҳлили дараҷаи мувофиқат ба талаботи низоми давлатии маориф гузаронида шавад.

Маълумоти муқоисавӣ дар бораи натиҷаҳои санҷиши хонандагони баъзе донишгоҳҳо барои барномаҳои таълими инфиродӣ дар заминаи натиҷаҳои арзёбии педагогии донишгоҳҳои дигар дода мешавад. Натиҷаи чунин таҳлил харитаи иттилоотӣ ва таҳлилии натиҷаҳои ченакҳои педагогӣ дар донишгоҳи алоҳида мебошад, ки ба таври худкор ташаккул меёбад. Дар марҳилаи ниҳоӣ хулосаҳое бароварда мешаванд, ки дараҷаи омодагии хонандагон ба стандартҳои давлатии таълимии барномаҳои алоҳидаи таълимӣ мувофиқат мекунад.

Озмоиши “Имтиҳони интернетӣ дар соҳаи маълумоти олии касбӣ” моҳи майи соли 2012 дар доираи технологияи тести компютерӣ гузаронида шудааст. Натиҷаҳои мониторинги мувофиқат ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот аз 5774 хонанда, 61 барномаи таълимии 4 мактаби олии вилояти Хатлон ба даст оварда шуданд. Имтиҳон самаранокии баланди ин шакли баҳодиҳии натиҷаҳои таълимиро нишон дод. Маълумоте, ки дар тӯли се сол ҷамъ оварда шудааст, барои иҷрои талаботи Қонун “Дар бораи маориф” оид ба сертификатсияи муассисаҳои таълимӣ ҳамчун асос хидмат карда метавонад.

Бартарии назарраси технологияи пешниҳодшуда гузаронидани баҳодиҳии мустақили оммавӣ дар интернет мебошад. Технологияи таҳияшудаи сертификатсияи имтиҳони интернетии хонандагон, унсури муҳимтарини низоми таъмини сифати таълим дар донишгоҳ мебошад. Он имкон медиҳад, ки ташхис ва назорати сатҳи таълими хонандагон таъмин карда шавад [22, с.300].

Ҳамзамон, моҳияти вазифаҳои баҳодиҳии дастовардҳои довталабон дар санҷиши мутобиқшавӣ аз таҳлили сифати хулосаҳои онҳо оид ба талаботи ҳолатҳои тестӣ ва муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳои қаблан интихобшуда иборат аст. Илова бар ин, технологияи пешниҳодшудаи имтиҳони интернетӣ ҳам барои низоми дохилидонишгоҳӣ оид ба баҳодиҳии сифати таълим ва ҳам дар низоми таълими кушод истифода шуда метавонад. Озмоиши «Имтиҳони интернетӣ дар соҳаи маълумоти олии касбӣ» барои низоми ягонаи баҳодиҳии объективии мустақил барои мутобиқати сатҳи дониши хонандагон ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот шароит фароҳам меорад.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ

1. Аванесов, B.C. Теоретические основы разработки заданий в тестовой форме /В.С.Аванесов.-М., 1995.- 95 с.
2. Савельев, Б.А. Оценка уровня обученности студентов в целях аттестации образовательного учреждения профессионального образования: Учебное пособие /Б.А.Савельев, А.С. Масленников. - Йошкар-Ола: Центр государственной аккредитации, 2004. -84с.
3. Ковалева, Г.С. Третье международное исследование по оценке качества математического и естественно-научного образования T1M88 / Г.С.Ковалева. -М.: ИОСО РАО, 1996.
4. Литвак, Б.Г. Автоматизированные системы экспертного оценивания и аккредитация: Труды исследовательского центра проблем качества подготовки специалистов /Б.Г.Литвак. - М., 1993.- 144с.
5. Ельцын, А.В. ТезКЗеп-система формирования испытательных материалов /А.В. Ельцын, В.Ж.Куклин, А.С.Масленников, В.Г.Наводнов. - Йошкар- Ола: 1995.-75с.
6. Keeves, J.P. Edukational Reseach Metodology , and Measurement: An Intema- tionalen Haandbook. Perg. Press. 1988.
7. Lord, F.M., Novick, M.R. Statistical Theories of Mental Test Scores. Reading, Mass.: Addison-Wesley, 1968.
8. Ефремова, Н.Ф. Современные тестовые технологии в образовании/Н.Ф.Ефремова.-Ростов-на-Дону:Издательский центр ДГТУ, 2001.-187 с.
9. Наводнов, В.Г. Математические модели САПР ПИМ. Препринт № 4/97 /В.Г.Наводнов. -Йошкар-Ола, 1997.-72с.
10. Lord, F.M. Application of Item Response Theory to Practical Testing Problems. Hillside N - J. Lawrence Erlbaum Ass., Publ. 1980.
11. Rasch, G. Probalistic Models for Some Intelligence and Attainment Tests. The Univ. Press. Chicago, 1980, 199 p.
12. Bimbaum, A. Some Latent Trait Models. In Lord F.M., Novic, M.R. Stastical Theories of Mental Test Scores. Reading, Mass.: Addison-Wesley, 1968.
13. Lord, F.M. A theory of test score. Psychometrica Monograth N 7, 17, 1952.
14. Ковалева, Г.С.Третье международное исследование по оценке качества математического и естественно-научного образования T1M88 /Г.С.Ковалева. -М.: ИОСО РАО, 1996.
15. Переверзев, В.Ю. Национальная система тестирования знаний учащихся в США (на примере тестов 8АТ и 8АТ II) /В.Ю.Переверзев //Новые формы и технологии обучения в системе с/х образования. - М.: МГАУ, 1994-95.-96с.
16. Ковалева, Г.С. Особенности национальных экзаменов в ряде стран мира / Г.С. Ковалева. -М.:ЦКО ИОСО РАО, 2000.
17. Масленников, А.С. Опыт проведения единых экзаменов по математике в 1995-1997 гг.: Научное издание /А.С.Масленников, В.П.Киселева, Л.Н. Шарафутдинова. - Йошкар-Ола: Научно-информационный Центр госакредитации, 2001.-60с.
18. Киселева, В.П. О проведении единого экзамена по математике /В.П.Киселева, Г.П.Тикина //Математический вестник педвузов Волго-Вятского региона. -Выпуск 1.-Киров, 1998.-С.111-113.
19. Киселева, В.П. О результатах единых экзаменов по математике /В.П.Киселева, Г.П.Тикина, А.С.Масленников // Совершенствование процесса обуч-я матем. в совр.школе и вузе: Сборник науч. трудов.-Йошкар-Ола, 1998 г. (деп.ИТОП РАО 6.09.99. №4499).-С.21-47.
20. Наводнов, В.Г. Технология аттестационного тестирования студентов /В.Г.Наводнов, А.С.Масленников, В.П. Киселева, Л.Н.Шарафутдинова, К.С.Останин //Мировоззрение современного общества в фокусе научного знания и практики. Восьмые Вавиловские чтения //Материалы постоянно действующей всероссийской междисциплинарной научной конференции с международным участием.-4.2.-Йошкар-Ола, 2004.-С.107-109.
21. Наводнов, В.Г. Технология выборочного модульно-матричного ИТЕРНЕТ-тестирования студентов в целях аттестации образовательных программ /В.Г.Наводнов, А.С.Масленников, К.С.Останин, В.П.Киселева, Л.Н.Шарафутдинова //Мировоззрение современного общества в фокусе научного знания и практики. Восьмые Вавиловское чтения // Материалы постоянно действующей всероссийской междисциплинарной научной конференции с международным участием. -4.1. -Йошкар-Ола, 2004. -С.411-418.
22. Васильев, В.И. Основы культуры адаптивного тестирования /В.И.Васильев, Т.Н.Тягунова. -М.: Издательство ИКАР, 2003. -584с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ БАҲОДИҲИИ СИФАТИ ТАЙЁРИИ ДОНИШОМӮЗОН

**(дар мисоли кишварҳои Аврупо ва ИМА)**


Дар мақола тағйирёбии босуръати ҳаёти инсон ва вобаста ба он методҳои консептуалии баҳодиҳӣ ба сифати сатҳи тайёрии хонандагон, ташкили чараёни таълим, дастовардҳои муассисаи таълимӣ ва ҳамчунин усулҳои имконпазири баҳодиҳии сифати таълими хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар асоси мизонҳои педагогӣ дар якчанд давлатҳои дунё нишон дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, одатан, пас аз хатми мактаби ибтидоӣ, ҳамаи кӯдакони олмонӣ

мувофиқи қобилияти худ ба се ҷараён тақсим мешаванд. Баъзеи онҳо ба мактаби асосии 9-сола, ки таълими ҳамагонӣ ва ибтидоии касбӣ медиҳад, мераванд. Қисми дуюм ба мактаби воқеии 10-сола, ки таълими мобайниро таъмин мекунад ва таҳсилро дар зинаи дуюми мактаби миёна (гимназия) имкон медиҳад. Қисми боқимонда ва қобилияти бештар доштаи кӯдакон, таҳсилро дар зинаҳои якум ва дуюми гимназия идома медиҳанд. Барои гирифтани шаҳодатнома бояд чор имтиҳони ниҳоиро супоранд. Танҳо онҳое, ки омӯзиши 28 курси таълимиро хатм кардаанд, ба имтиҳонҳо иҷозат мегиранд, ки 22 адади онҳо дар сатҳи асосӣ ва шаш адади дигар дар сатҳи пешрафта қарор доранд. Мулоҳизаҳояшро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки моҳияти вазифаҳои баҳодиҳии дастовардҳои довталабон дар санҷиши мутобиқшавӣ аз таҳлили сифати хулосаҳои онҳо оид ба талаботи ҳолатҳои тестӣ ва муқоисаи натиҷаҳо бо меъёрҳои қаблан интихобшуда иборат аст. Илова бар ин, технологияи пешниҳодшудаи имтиҳони интернетӣ ҳам барои низоми дохилидонишгоҳӣ оид ба баҳодиҳии сифати таълим ва ҳам дар низоми таълими кушод истифода шуда метавонад. Озмоиши имтиҳони интернетӣ дар соҳаи маълумоти олии касбӣ барои низоми ягонаи баҳодиҳии объективии мустақил барои мутобиқати сатҳи дониши хонандагон ба талаботи стандартҳои давлатии маълумот шароит фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** баҳо, баҳодиҳии дониш, таҳлил, сифати маълумот, мизони педагогӣ, гуногунҷанба, тестҳои давлатӣ, муассисаи бонуфуз, стандартҳои давлатӣ, кишварҳои хориҷӣ, маълумот, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳ, таълим, мутобиқат, баҳодиҳии воқеӣ, вазифаҳои баҳодиҳӣ, низоми ягона.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ОЦЕНКИ КАЧЕСТВА ПОДГОТОВКИ ОБУЧАЮЩИХСЯ (на примере стран Европы и США)

В статье показаны стремительные изменения в жизни человека и связанные с ними концептуальные методы оценки уровня подготовленности обучающихся, организации образовательного процесса, достижений образовательного учреждения, а также возможные методы оценки качества образования обучающихся в нескольких странах. По мнению автора, обычно после окончания начальной школы все немецкие дети по способностям делятся на три потока. Часть из них ходит в 9-летнюю основную школу, дающую общее и начальное профессиональное образование. Вторая часть - в настоящую 10-летнюю школу, которая дает среднее образование и позволяет получить образование на второй ступени средней школы (гимназии). Остальные и более одаренные дети продолжают обучение в первой и второй ступенях гимназии. Для получения сертификата они должны сдать четыре выпускных экзамена. К экзаменам допускаются только те, кто закончил 28 курсов, из них 22 на базовом уровне и шесть на продвинутом уровне. Обобщая свои наблюдения, автор делает вывод, что суть задачи оценки достижений абитуриентов в адаптационном тесте заключается в анализе качества их выводов по требованиям тестовых примеров и сопоставлении результатов с ранее выбранными критериями. Кроме того, предлагаемая технология интернет-экзамена может быть использована как для внутривузовской системы оценки качества, так и для системы открытого обучения. Тест «Интернет-экзамен в сфере высшего образования» обеспечивает условия для проведения единой системы независимой оценки степени соответствия образования обучающихся требованиям государственных образовательных стандартов.

**Ключевые слова:** оценивание, оценка знаний, анализ, качество образования, педагогический уровень, многопрофильность, зачет, государственные испытания, авторитетное учреждение, государственные стандарты, зарубежные страны, образование, общеобразовательная школа, вуз, образование, соответствие, реалистическая оценка, объективная оценка, разовая система.

## PEDAGOGICAL FEATURES OF ASSESSING THE QUALITY OF STUDENT TRAINING (on the example of European countries and the USA)

The article shows the rapid changes in human life and related conceptual methods for assessing the level of preparedness of students, the organization of the educational process, the achievements of an educational institution, as well as possible methods for assessing the quality of education of students in several countries.

According to the author, usually after the end of elementary school, all German children are divided into three streams according to their abilities. Some of them go to a 9-year basic school that provides general and primary vocational education. The second part - to a real 10-year school, which provides secondary education and allows you to get education at the second stage of secondary school (gymnasium). The remaining and more gifted children continue their education in the first and second stages of the gymnasium. To receive the certificate, they must pass four final exams. Only those who have completed 28 courses, of which 22 at the basic level and six at the advanced level, are allowed to take the exams. Summarizing his observations, the author concludes that the essence of the task of assessing the achievements of applicants in the adaptation test is to analyze the quality of their conclusions according to the requirements of test cases and compare the results with previously selected criteria. In addition, the proposed Internet exam technology can be used both for the intra-university quality assessment system and for the open learning system. The test "Internet exam in the field of higher education" provides the conditions

for conducting a unified system of independent independent assessment of the degree of compliance of students' education with the requirements of state educational standards.

**Keywords:** assessment, knowledge assessment, analysis, quality of education, pedagogical level, multidisciplinary, test, state tests, authoritative institution, state standards, foreign countries, education, general education school, university, education, compliance, realistic assessment, objective assessment one-time system .

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Абдулфаёз Розиқович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими информатика. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **985-63-06-09.**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Абдулфаёз Розиќович*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулоха Рудаки, старший преподаватель кафедры методики преподавания информатики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **985-63-06-09.**

**Information about the author:** ***Odinaev Abdulfayoz Rozijovich*** - Kulyab State University named after. Abuabdulokha Rudaki, Senior Lecturer, Department of Methods of Teaching Informatics. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: **985-63-06-09.**.

УДК: 004

# ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Разоқова А. Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳалли проблемаи маълумот-таълим аз тайёр кардани омӯзгорони касбӣ оғоз мегардад. Омӯзгорони замони муосир бояд махсусан интихоб ва истифодаи он технологияеро тавонанд, ки онҳо ба пуррагӣ ба мундариҷа ва ба мақсадҳои омӯзиши фанни алоҳида мувофиқат мекунанду барои ба даст овардани мақсадҳои рушди ҳаматарафаи талабагон бо назардошти хусусиятҳои хосси индувидиалии онҳо мусоидат менамоянд.

А.Р Мирзоев, Ҷ.А. Кодиров чунин қайд намудаанд: “Зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ дар раванди омодасозии касбии мутахассисони ихтисосҳои иқтисодӣ, тадқиқотчиён, инчунин омилҳоро, аз қабили афзоиши мураккабии равандҳои технологӣ, зарурати коркарди маълумотҳои калон, истифода бурдани натиҷаҳои таҳлил, қабули қарорҳои муассир ва муҳим, мавҷудияти проблемаи зуд «кӯҳнашавии» дониш дар дохили ҷомеаи аз ҷиҳати технологӣ пешрафта. Дар чунин шароит коршиносон дар бораи зарурати тайёр кардани мутахассиси ҳама гуна намуди (дар ҳолати мо, иқтисодӣ) ҳамчун як қисми ташаккули доираи васеи донишҳо дар соҳаи фаннӣ, ки шартан ҳамчун «Информатика» муайян карда шудааст, сухан меронанд. Тафсири технологияҳои компютерӣ ҳамчун меҳвари муайянкунанда дар низоми муосири тайёрии касбии иқтисодчиён мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Технологияҳои иттилоотӣ –иртиботӣ ба низоми муосири таҳсилоти касбии олӣ устувор ворид гардида, дар ҳадди муайян таҳаввулоти ин падидаро ба миён оварданд. Ин таҳаввулот, дар навбати аввал, дар намуди талаботҳои нав, ки нисбати салоҳиятҳои мутахассисон дар ин ва ё он самтҳои таълимӣ пешниҳод мегардад, падидор гаштааст” [5, с.249].

Чуноне ки дар боло қайд карда шуд, сарҳади фарқкунандаи давраи муосир, суръати равнақи ҳамасолаи инкишофи технологияи навъи иттилоотӣ мебошад.Ҷомеа ба давраи иттилоот ворид мегардад. Муаллифон Ҳ.Ш Ғаюров ва Воҳидова З.Р. дар мақолаи “Методикаи омӯзиши фанни информатика барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар асоси муносибати ба объект нигаронидашуда” чунин қайд намудаанд:“ “Рушди технологияҳои иттилоотӣ ногузирона ба тағйирёбии асоси иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва технологии фаъолияти инсон оварда, заминаҳоро барои сохтори ҷомеаи иттилоотӣ фароҳам меорад. Махсусияти ин раванд афзоиши моҳиятноки аҳамияти меҳнати зеҳнӣ ва чун натиҷа, тағйирёбии афзалиятҳо дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз соҳаи истеҳсолоти моддӣ ба соҳаи бадасторӣ, коркард, нигаҳдорӣ ва истифодабарии иттилоот мебошад. Дар раванди иттилоотикунонии ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳим тайёрии мутахассисони дорои маълумоти олӣ мебошад, ки на танҳо оиди соҳаи фаннӣ, инчунин дар бораи технологияҳои аллакай истифодашавандаи иттилоотии ояндадор, ки бо фаъолияти касбии онҳо алоқамананданд, тасаввурот дошта бошанд” [3,с.244].

ТИИ на фақат дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ истифода бурда мешаванд, балки дар дарсҳои дигар низ онҳоро ба таври васеъ истифода мебаранд. Мисол, Х. А. Шарипов дар мақолаи “Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ зимни омӯзиши забонҳои хориҷӣ” чунин иброз намудааст: “Истифодаи ТИИ дар раванди иттилоотисозии таҳсилоти умумӣ ва миёна, воқеан, раванди истифодаи зарфияти

иттилоотӣ ва иртиботию муоширатии технологияҳои интернетӣ мебошад. Технологияҳои муҳимтарини иттилоотисозии таълим усулҳои таҳия ва арзёбии сифати захираҳои иттилоотии таълимӣ ва омодагии омӯзгоронро барои истифодаи самараноки ТИИ дар фаъолияти касбӣ фаро мегирад. Раванди таълим дар гурӯҳҳо аз ҳисоби ҳисси масъулияти ҳар як иштирокчӣ дар назди худ ё гурӯҳи муҳассилин, ки вазифаи умумӣ ва нақшҳои тақсимшударо муттаҳид мекунанд, самаранок мегардад, ки дар низоми анъанавии таълим ғайриимкон буд"[12, с.274].

Дар мақолаи Ш. Ю. Азизов, Ш. Ҳ .Бобоева "Масъалаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар раванди таълими фанни нақшакашӣ"чунин гуфта мешавад: "Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нисбат ба шаклҳои дигари таълим дар раванди таълими фанҳои графикӣ, хусусан сохтори дарс, табдил додани он ба унсури аудиобасарӣ, намоиши маводҳои таълимӣ, ки шавқи донишҷӯёнро нисбати фанни нақшакашӣ ба таври назаррас ташаккул медиҳад, бемуболиға бартарӣ дорад" [1, с.67].

Мафҳуми "ҷомеаи иттилоотӣ" ва "ититилоотикунонии ҷомеа"-ро бояд шарҳ диҳем. Ҳамон ҷомеае, ки дар он бештар аз 50% аҳолиаш ба соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ банд бошад, он ҷомеаро иттилоотӣ метавон ном бурд. Фарқи ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷомеаи пешина дар он аст, ки омили асосӣ на моддӣ, балки омили идеалӣ – дониш ва иттилоот аст. Хусусияти фарқкунандаи чунин ҷомеа дар зиёд гардидани нуфузи иттилоот дар ҳаёти ҷомеа; афзоиши сатҳи коммуникатсияи иттилоотӣ мебошад.

Дар мақолаи Ҳ.Маҷидов ва Д.Гулов "Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ" чунин гуфта мешавад: "Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳангоми таълими фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омили асосӣ ба шумор меравад. Дар замони муосир рушди фанҳои табиатшиносӣ бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ғайриимкон аст. Дар шароити имрӯза тайёр кардани мутахассисони варзида дар соҳаи фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ алоқаманд мебошад" [6, с.298].

Дар мақолаи "Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳангоми тадриси донишҷӯёни донишгоҳҳо " Ф.Сикандарӣ чунин қайд намудааст: "Дарсу машғулияти муосир бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (минбаъд - ТИК) ғайриимкон аст. Набояд имкони компютерҳоро фаромӯш кард. Интиқоли иттилоот то ҳол кафолати комилан таъмин будан нест, интиқоли донишҳо, фарҳанг, ТИК ҳама кумаку мусоидати самарабахш мебошанд. Навсозӣ ва муосиргардонии таҳсилоту маориф бидуни ворид кардани ТИК дар раванди таълим ғайриимкон аст. Самаранокии истифодаи компютерҳо ва технологияҳои иттилоотӣ аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем, инчунин он ба усул ва шаклҳои истифодаи ин технологияҳо вобаста аст". Инчунин, муаллиф меафзояд, ки "Яке аз роҳҳои воқеии баланд бардоштани сифати таҳсилоти олӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти баҳодиҳии омӯзгор мебошад. Истифодаи ТИК имкон медиҳад, ки раванди коркарди натиҷаҳои корҳои мавзуӣ, ниҳоии санҷишӣ, пайгирии динамикаи онҳо, саривақт мутобиқ кардани мундариҷа ва методикаи таълимӣ иҷро гарданд. Истифодаи ТИК коркард ва таҳлили натиҷаҳои

супоришҳои санҷиширо осон менамояд ва онҳоро дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо тасвиру тасаввур мекунад, ки дар маҷмуъ асоси иттилоотии идоракунии сифати таҳсилотро ташкил медиҳад” [6, с.277].

Иттилоъкунии ҷомеа, ҷамъи факторҳои мутақобилаи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва илмӣ мебошад, ки ба ҳар як аъзои ҷомеа ба ҳар гуна манбаи иттилоотӣ таъмини озодонаро фароҳам меоварад. Мақсади ҷомеаи иттилоотӣ беҳтарнамоии сифати яквақтаи маҳсулотнокӣ ва сабукии меҳнат мебошад.

Гуфтаҳои болоро дар мақолаи Ф.Ф Шарипов “Татбиқ ва компютерикунонии раванди таълим дар иқтисод“ дарёфтан мумкин аст. Муаллиф чунин қайд менамояд:“Дар донишҷӯён шавқу рағбатро нисбат ба омӯзиши ин ва ё он технологияи нав ҳамчун роҳи истифодабарии самараноки ТИК дар раванди тайёрии иқтисодчиён дар доираи макотиби олӣ бедор менамоянд” [14, с.9].

Таъсири иттилоот ба соҳаи таълим, ҳамчуноне ки таълим байни истеҳсолот ва илм ҷой гирифтааст, бояд ҳам ба дараҷаи рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ҳам ҳолати таълиму тадрис мувофиқат кунанд. Дар нимаи дуюми асри 20 истеҳсолот ва илм бо суръати хеле тез инкишоф ёфтаанд.

Дар аввалҳои солҳои ҳафтодум буҳрон дар таълим ба вуқуъ омад, ки он характери глобалӣ дошт ва ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин дигаргунсозии сифатӣ ва рушди илму техника, махсусан, информатикаро муайян менамуд.

Ин гуфтаҳоро дар мақолаи Ф.Ф Шарипов ва Г.А Рустамова “Таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иттилоотикунонии раванди педагогӣ” дидан мумкин аст: “Дар мақола масоили такмили мазмуни таҳсилоти олӣ, ки дар нақшаҳои таълимӣ ва корӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи дидактикӣ инъикос ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин, яке аз муносибатҳои пешбаранда нисбати муайянсозии мазмуни таҳсилоти олӣ ва мутобиқшавии он дар шароитҳои иттилоотикунонии раванди педагогӣ дар макотиби олӣ пешниҳод гардидааст. Ташкили раванди педагогӣ ҳангоми шаклҳои гуногуни таълим (рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ) бо иртибот байни донишҷӯ ва омӯзгор, инчунин бо дараҷаи амаликунии мутақобила байни донишҷӯён муайян карда мешавад. Муаллифон ба он ишора менамоянд, ки дар таҳсилоти рӯзона омӯзгор аз рӯйи фаъолияти таълимӣ-маърифатиии донишҷӯён дар реҷаи вақти воқеӣ идора намуда, онҳоро роҳнамоӣ менамояд, ва ба хатогиҳои онҳо ишорат намуда, онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад” [13,с.19].

Н. Наимзода дар мақолаи “Информатикакунонии раванди таълим дар шароити муосир” чунин ибрози ақида кардааст: “Предмети информатика аз рӯйи гуногуншаклии истифодаи он муайян карда мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки барои инсони соҳибмаълумот бе донистани технологияҳои иттилоотӣ ворид гардидан ба асри илму техникаи муосир ғайриимкон аст. Зеро фаъолияти одамон аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи иттилоотнокии онҳо, қобилияти самаранок истифода карда тавонистани ин иттилоот вобастагӣ дорад. Имрӯз дар хусуси иттилоот ҳамчун дар бораи захираи стратегии ҷомеа, ҳамчун захираи муҳиме, ки сатҳи рушди давлатро муайян мекунад, сухан меронанд. Ва ин беҳуда нест, зеро имрӯз информатика тамоми соҳаҳои фаъолияти инсониятро фаро гирифтааст. Информатика мисли дигар соҳаҳои дониш бо дараҷаи баланди тағйирпазирии худ тавсиф меёбад”. Ба туфайли таъсирпазирии он ба дигар фанҳо интегратсияи дониш, ғояҳо ба вуқуъ пайваста, имрӯз сарҳади аниқи илми информатикаро мушаххас муайян сохтан хеле мушкил аст” [7, с.270].

Технологияҳои информатсионие, ки дар намудҳои гуногуни фаъолияти инсон истифода бурда мешаванд (идоракунии равандҳои истеҳсолӣ, таҳқиқоти илмӣ, лоиҳасозӣ, амалиёти молиявӣ, маориф ва ғайра), аз як тараф, баъзе хусусиятҳои

умумӣ дошта, аз тарафи дигар, комилан аз ҳам фарқ мекунанд. Яке аз соҳаҳои фаъолияти инсон, ки дар он таъсири информатика аз ҳама бештар эҳсос мегардад, низоми маориф мебошад. Нуқтаи шартии пайдоиши информатикаро ҳамчун фанни мустақил бо ибтидои ба ҷомеаи кушод воридшавии ҷаҳон алоқаманд донистан мумкин аст, ки дар ин маврид маълумоти гуногуни мавҷудаи аз тарафи инсон азхудшаванда аз имконияти ҷисмонии он берун мебошад. Ин буд, ки дар назди инсон мушкилоте пеш омад: ё ҳама чиро бояд донист ва ё дар хусуси ҳама чиз чизеро надонистан.

Дар мақолаи С.К. Исмоилова "Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ дар таълим" чунин гуфта шудааст:"Имрӯз, баробари мақоми глобалӣ касб кардани раванди технологияи муосир кишвари мо низ ҳадафҳои арзишманди худро иҷро мекунад. Ва дар ҳамин раванд маориф яке аз самтҳои афзалиятноки ҷомеаи башар эътироф карда мешавад. Технологияи иттилоотӣ уфуқҳои навро барои истифодабарандагон на танҳо дар кор, балки дар таълим кушода истодааст. Компютер ва техникаҳои ҳозиразамон воситаҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ мебошанд, ки дар асри XXI ба таври суръати рушднок тараққӣ карда истодаанд. Дар замони муосир чунин воситаҳои асосии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар ҳалли масъалҳои дидактикии баланд бардоштани сатҳу сифат ва ташкили раванди таълим, баланд бардоштани сифат ва самаранокии корҳои мустақилонаи донишҷӯён, фардикунонии кори омӯзгор, истифодабарии озоди маводҳои аз тарафи омӯзгор таҳияшуда, баланд бардоштани самарабахшии омӯзиш, фаъолсозии раванди омӯзиш, ҷалби донишҷӯён дар корҳои тадқиқотӣ, таъмини дастрасии раванди омӯзиш мусоидат менамоянд" [4,с.303].

Тадқиқоти психологию педагогии даҳ соли охир нишон медиҳанд, ки моҳияти аввалиндараҷа на ба дониши тарбиядиҳанда нисбати синну сол ва хусусиятҳои фардӣ, балки ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои шахсият ва имкониятҳои тарбиягирон вобаста аст. Истифодаи ТИК дар муассисаҳо аз синфҳои поёнӣ, бо мақсади бедор кардани завқу шавқи хонандагон нисбат ба ТИК оғоз меебад. Дар ин хусус С. А. Саидов, Ш. П. Котибова "Бозии компютерӣ ҳамчун воситаи ташаккули маърифати завқии хонандаи хурдсол" чунин қайд кардааст: "Айни замон завқи мактаббачагон нисбат ба бозиҳои компютерӣ баланд аст ва омӯзгорону волидайн метавонанд ин завқро ба роҳи дуруст равона намоянд. Компютер барои кӯдакон метавонад ҳам дӯсти наздик ѐ душмани ашаддӣ шавад. Ҳама ин аз он вобастагӣ дорад, ки кӯдак бо кадом мақсад ва чанд муддат дар назди компютер менишинад" [10, с.16].

Муассисаҳое, ки дар онҳо тарбиядиҳандагон ва тарбиягирандагон муташаккилона ҳамкорӣ менамоянд, монанди мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо, донишгоҳҳо ва ғайраҳоро системаи педагогӣ меноманд. Раванди дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои таълиму тарбияро дар системаҳои педагогӣ ҷараёни педагогӣ меноманд. С.А Саидов ва Г.Ш. Хоҷиева дар мақолаи "Татбиқи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, вазъ, дурнамо" овардаанд: "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилотӣ асосӣ ва миёнаи умумии ҷумҳурӣ бисёр муассисаҳои таълими имконияти воқеӣ дар истифодаи техникаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълиму тарбия доранд, ки ин дар дарёфти навоварӣ дар маориф, истифодаи усулҳои инноватсионӣ, дар таълиму тарбияи насли наврас муҳим мебошад. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК) аз ҳама фанҳои

таълимӣ метавонанд сатҳи фаъолиятноки таълимиро баланд бардошта, завқу маърифатнокии мактаббачагонро фаъол намояд" [9, с.164].

Я.А.Коменский менависад: "Ба омӯзгорон вазифаи олиқадр супорида шудааст, ки дар зери офтоб аз он баландтаре нест". К.Д.Ушинский чунин иброз доштааст: "Кори омӯзгор зоҳиран хоксорона бошад ҳам-бузургтарин кор дар таърих аст"

У.Т. Наимов дар мақолаи "Ҷанбаи маънавии истифодабарии ТИИ дар тайёрии омӯзгори оянда" чунин қайд карда аст: "Донишҷӯён маҷмуи муайяни муқарраргардидаи эътиқодҳоро бояд бо он мақсад қабул намоянд, то ки дар фаъолияти минбаъдаи касбии худ ба масоили маънавӣ, ки дар иртибот бо пешрафти технологӣ ба миён меоянд, бо ҳисси масъулиятшиносӣ бо онҳо истодагарӣ намоянд ва дорои малакаҳои мустақилияти маънавӣ бошанд. Бояд қайд намуд, ки бархе аз муҳаққиқон ТИИ-ро ҳамчун таркиботи салоҳиятнокии касбӣ баррасӣ менамоянд. Масъалаи мазкур метавонад мавзуи фикру андешаронӣ дар соҳаи омӯзиши этикаи компютерӣ ва асос барои самти нав дар таҳқиқот оид ба масоили маънавӣ ҳангоми ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи ТИИ гардад [8,с.197].

Чи тавре ки маълум аст, дар ҷараёни педагогӣ шаклҳои таълим, дарсҳо, корҳои лабораторӣ, амалӣ, супоришҳои таълимию меҳнатӣ бошад, дар ҷараёни тарбия тадбирҳои тарбиявии коллективӣ, иҷрои супоришҳо, намудҳои гуногуни меҳнати муфид, таъсиррасонии фардии тарбиявиро истифода мебаранд. Ин гуфтаҳоро дар мақолаи Б.Э. Дадобоева "Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар раванди таълиму тарбия" дидан мумкин аст. Муаллиф чунинқайд намудааст: "Хусусиятҳои гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ муайян карда шудаанд, ки самаранокии истифодаи ТИК пеш аз ҳама, дар лексияҳо муайян карда шудаанд. Таҳлили маълумотҳои бадастомада ва динамикаи онҳо имкон медиҳанд, ки оиди имконияти татбиқи самараноки имкониятҳои дидактикӣ дар раванди омодагии омӯзгорониояндаи технология барои баланд бардоштани сатҳи истифодаи имкониятҳои мултимедӣ, мутаносибан омодагии омӯзгорониояндаи технология ба омӯзиши равиянокии касбӣ хулоса бароварда шавад. Ҳамин тариқ, гипотеза дар бораи он ки истифодаи ТИК дар раванди омодасозии муаллимони технологияи мактабҳои олӣ барои ноил шудан ба таълими равиянокии касбӣ дар сатҳи талаботи замони муосир имконпазир мебошад, тасдиқ шудааст [2, с.219].

**Муқарриз:Қурбонова М. – н.и.х., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов, Ш.Ю. Масъалаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ дар раванди таълими фанни нақшакашӣ / Ш.Ю. Азизов, Ш.Ҳ. Бобоева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. -№ 4. –С. 67.
2. Додобоева, Б.Э. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар раванди таълиму тарбия /Б.Э.Додобоева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№ 8. –С.219.
3. Ғаюров, Ҳ. Ш. Методикаи омӯзиши фанни информатика барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар асоси муносибати ба объект нигаронидашуда / Ҳ.Ш.Ғаюров, З.Р Воҳидова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№7. –С.244.
4. Исмоилова, С.К. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ дар таълим / С.К Исмоилова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. - -№ 6. –С. 303.
5. Мирзоев А.Р. Тафсири технологияҳои компютерӣ ҳамчун меҳвари муайянкунанда дар низоми муосири тайёрии касбии иқтисодчиён / А.Р, Мирзоев, Ҷ.А Қодиров // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2019. - № 6. –С.249.
6. Маҷидов, Ҳ. Афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ /Ҳ. Маҷидов, Д. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -№ 6. –С.298.
7. Наимзода, Н. Информатикакунонии раванди таълим дар шароити муосир // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№ 1 . –С. 270.

8. Наимов, У.Т. Ҷанбаи маънавии истифодабарии ТИИ дар тайёрии омӯзгори оянда / У.Т. Наимов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. —Душанбе, 2020. -№ 1 .-С. 197.
9. Саидов, С. А. Татбиқи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, вазъ, дурнамо / С. А. Саидов, Г.Ш, Хоҷиева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№1. –С.164.
10. Саидов, С.А. Бозии компютерӣ ҳамчун воситаи ташаккули маърифати завқии хонандаи хурдсол / С. А Саидов, Ш. П Котибова// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. –С.16.
11. Сикандарӣ, Ф. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳангоми тадриси донишҷӯёни донишгоҳҳо // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. - № 6. - С.277.
12. Шарипов, Х. А. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ зимни омӯзиши забонҳои хориҷӣ / Х. А. Шарипов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. - № 1. -С.274.
13. Шарипов, Ф. Ф. Таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иттилооти кунонии раванди педагогӣ / Ф. Ф. Шарипов, Г. А. Рустамова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№2. –С.270.
14. Шарипов, Ф.Ф. Татбиқ ва компютерикунонии раванди таълим дар иқтисод / Ф.Ф .Шарипов – Душанбе: ДМТ, 2020. –С.9.
15. Вижагиҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияи мултимедӣ ва сайёри таълими забони хориҷӣ / Х.А Шарипов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№6. –С. 298.

## ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМ

Инсоният ба давраи инкишоф қадам ниҳод, ки он ҷамъияти иттилоотӣ ном гирифт. Аммо ақидаи “Мо дар қарни иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ зиндагӣ дорем“ маъмулан дуруст нест, чунки ҳам иттилоот ва ҳам коммуникатсия доимо арзи вуҷуд доштанд. Дар муддати таърихи ҳазорсола ҷамъияти инсонӣ дониш ҷамъоварӣ менамуд ва тарзи нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоотро такмил медод. Аввал хат, баъд дастгоҳи чопкунӣ, телефон, телевизор паҳн гардид. Дар давраи воридшавии ҷамъият ба асри технологияи компютерӣ шароити бештари самараноки коркард ва пешкаши иттилоот пайдо гардид. Ин имкони самараноки коркарди селаи калони иттилоотро фароҳам овард. Аммо дар шароити кунунии рушди фарҳанги иттилоотии ҷомеа дониш хеле тез куҳна мегардад ва шахс маҷбур мешавад, ки тамоми ҳаёт илм омӯзад. Ҳаҷми зиёди дониш, ки инсоният ҷамъоварӣ намудааст, маҷбур мекунад, ки дар ташкили раванди таълимро дигар намоем. Дарки нақши фундаметалии иттилоот дар инкишофи ҷомеа ва равнақи бештари технологияи иттилоотӣ зарурияти ташаккули фарҳанги иттилоотии шахсиятро пеш гузошт. Барои дар ҳаёт татбиқ намудани технологияҳои нави компютерӣ истифодаи методи нави таълим ба мақсад мувофиқ аст. Барои толибилми имрӯза, компютер қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълим проблемаи актуалии таълимоти мактаби муосир маҳсуб меёбад.

**Калидвожаҳо**: инкишоф, кайҳон, ҷамъият, индустриалӣ, иттилоот, коммуникатсионӣ, коркард, иттилоот, дастгоҳи чопкунӣ, рушди фарҳанги иттилоотии ҷомеа, раванди таълим, нақши фундаметалӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ И КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАНИИ

Человечество вступило в период развития, который получил название информационное общество. Но представление о том, что «мы живем в информационно-коммуникативную эпоху», в целом неверно, поскольку и информация, и коммуникация существовали всегда. На протяжении тысячелетия человеческое общество накапливало знания и улучшало способы хранения и обработки информации. Сначала появилась письмо, потом печатный станок, телефон, телевидение. Это позволяло эффективно обрабатывать большой объем информации. Но в нынешних условиях развития информационной культуры общества знания быстро устаревают и человек вынужден всю жизнь заниматься наукой. Огромный объем знаний, накопленных человечеством, заставляет нас изменить подход к организации образовательного процесса. Понимание основополагающей роли информации в развитии общества и дальнейшее развитие информационных технологий обусловило необходимость формирования особой информационной культуры личности. Для того чтобы внедрить использование компьютерной техники в жизнь, необходим новый метод, которому следует обучать с раннего возраста детей младших классов. Для современного школьника, который должен жить для информационного общества будущего, компьютер должен быть неотъемлемой частью его жизни. Поэтому использование информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в образовательном процессе является актуальной проблемой современного школьного образования.

**Ключевые слова**: развитие, пространство, общество, индустриальный, информация, связь, обработка, устройство печати, развитие культуры информационного общества , процесс обучения, фундаментальная роль.

**USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN EDUCATION**

Humanity entered a period of space development, which was called the Information Society. But the idea that “we live in an information and communication age” is generally wrong, since both information and communication have always existed. For a millennium, human society accumulated knowledge and improved ways of storing and processing information.First a ruler, then a printing press, telephone, television. This made it possible to efficiently process a large amount of information. But in the current conditions of the development of the information culture of society, knowledge quickly becomes obsolete and a person is forced to engage in science all his life.The huge amount of knowledge accumulated by mankind forces us to change the approach to the organization of the educational process. Understanding the fundamental role of information in the development of society and the further development of information technology has necessitated the formation of a special information culture of the individual.In order to introduce the use of computer technology into life, a new method is needed, which should be taught from an early age to elementary school children. For a modern student who must live for the information society of the future, the computer must be an integral part of his life. Therefore, the use of information and communication technologies (ICT) in the educational process is an urgent problem of modern school education.

**Key words**: development, space, society, industrial, information, communication, processing, printing device, development of information culture of society, learning process, fundamental role.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Разоқова Ашӯрхон Қурбонбоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Телефон: **(+992) 98-700-92-24**. E-mail:**razokova.73@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Разокова Ашурхон Курбонбаевна*** – Таджикский национальный университет, солискатель Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.
Телефон: **(+992) 98-700-92-24**. E-mail:**razokova.73@mail.ru**

**Information about the author:** ***Razokova Ashurkhon Kurbonbaevna*** - Tajik National University, student Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 98-700-92-24**.
E-mail:**razokova.73@mail.ru**

УДК:372.872 (575.3)

# НАЗАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА АРҶГУЗОРИИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВИЮ МОДДӢ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

*Шарипов Ш.Б.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Ҳукумати Тоҷикистон аз нахустин марҳилаи ташаккулёбии истиқлолияти миллӣ ба рушди соҳаи илму маориф ва неруҳои ақлонии мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маориф ва қувваҳои солими зеҳниро хазинаи тиллои миллат номида, дар ҳама кору пайкор, ҳолатҳои тақдирсозу душвор, ниятҳои наву таърихӣ ва ҳалли муҳимтарин масоили ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ аз фикру ақоид, хулосаҳои илмӣ, донишу таҷриба ва таклифу пешниҳодоти онҳо самаранок истифода менамояд [14, с.4-5]. Беҳуда нест, ки ҷавҳари давлатро, тавре Арасту таъкид кардааст, Инсон дар бар мегирад. Ба ҳамин хотир, сохтани Инсон аз муҳимтарин лоиҳаи инсон ва албатта, худи давлат мебошад [18, с.119].

Арзишҳои моддӣ, ахлоқӣ ва зеҳнию маънавӣ сарвати бебоҳои давлату ҷомеа мебошанд. Ин сарват воситаи муҳимми пайванди наслҳо ва тарбияи онҳо маҳсуб мегардад. Бояд гуфт, ки арзишҳои миллӣ бо унсурҳои арзишҳои умумибашарӣ ҳамроҳ шуда, чомеаро бо ҷаҳони мутамаддин мепайванданд. Қобили қайд аст, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамин гуна нақш доранд.

Ибни Сино мефармоянд, ки тарбияи ахлоқӣ, таълиму тарбия, мақоми омӯзгор -устод, тарбияи оилавӣ, алоқмандии тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқӣ мебошад. Пешвои миллат оид ба ин масъала чунин иброз менамояд: “Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зер тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст. Яъне, омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунад, нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳномаи маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст” [1,с. 354-355].

Дар сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат рушди мактаб ва маориф дар мадди аввал меистад. Тадриҷан зиёд гардидани музди маоши кормандони мактабу маориф, бунёди синфхонаву мактабҳои замонавӣ, компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, таъсис додани гимназия, литсей, коллеҷ, мактабҳои Президентӣ, кушода гардидани филиали мактабҳои олии бонуфузи Русия, қабули ҳуҷҷатҳои нави меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, ба фаъолият оғоз намудани маркази миллии тестӣ, тариқи квотаи Президентӣ ба таҳсил ҷалб намудани духтарони ноҳияҳои дурдастии кишвар номгӯйи мухтасари ғамхориҳои Сарвари мамлакат нисбати ин соҳаи тақдирсози ҷомеа ба ҳисоб мераванд [8, с.53].

Таърихи инсоният исбот менамояд, ки дар ҳама гуна сохти ҷамъиятиву давлатдорӣ ба тарбияи ҷисмонии насли наврас диққат дода мешуд, то ин ки ҷавонони бардаму солим, боқувату чолок ба камол расанд. Инро мо дар системаи тарбияи давлатҳои қадимаи ғуломдории Спарта ва Афина ба таври равшан дида метавонем. Дар ин давлатҳо бо мақсади ба камол расонидани ҷавонони боқуввату

ҷасур ба насли наврас аспдавонӣ, шамшербозӣ, гӯштингирӣ, шиноварӣ ва ғайра омӯзонида мешуд.

Ин таҷриба дертар дар мамлакатҳои Шарқ, аз он ҷумла дар давлатҳои қадимаи тоҷикон васеъ паҳн гардида буд. Дар ин бора далелҳое дар "Қобуснома"-и Кайковус ва ё "Футувватномаи Султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ оварда шуда шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар "Қобуснома"-и Кайковус, ки дар асри XI навишта шудааст, бо мақсади инкишофи ҷисмонӣ ба гӯштингирӣ, шамшерзанӣ, аспсавориву аспдавонӣ, шиноварӣ, чавгонзанӣ машғул будани ҷавонон инъикос ёфтааст. Дар "Футувватномаи Султонӣ"-Кошифӣ бошад, ба масъалаи дар ҷавонон ташаккул додани сифатҳои мардонагӣ, далерӣ, ҷасурӣ, тоқатпазирӣ, ватандӯстӣ ва ғайра, ки ба мазмуну вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ дохил мегардад, диққати калон дода шудааст [6, с.215].

Бо иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини шароити муосир барои рушди тарбияи ҷисмонӣ тавассути маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ва шахсони воқеиву ҳуқуқӣ бунёди марказҳои варзишиву маданӣ зиёд мегардад.

Маҳз натиҷаи азму талошҳо буд, ки дар ду соли охир варзишгарони тоҷик дар 152 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, 730 медал, аз ҷумла 210 тилло, 208 нуқра ва 312 биринҷӣ ба даст оварданд.

Дар ҳамин давра варзишгарони Тоҷикистон 19 маротиба унвони чемпиони ҷаҳон, 70 маротиба унвони қаҳрамони мусобиқаҳои Осиёро ба даст оварда, дар 64 мусобиқаи ҷаҳонӣ ва 156 қувваозмоии Осиё соҳиби ҷоиза гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки варзишгарони Тоҷикистон дар 70 соли даврони Шуравӣ, ҳамагӣ 113 медал ба даст оварда, танҳо 10 нафар варзишгарони тоҷикистонӣ ба унвони чемпиони ҷаҳон сазовор шуда буданд [14,с.161-163].

Аз таҳлили Пешвои миллат бармеояд (соли 2018), ки "варзишгарони тоҷик танҳо дар давоми 5 соли охир дар арсаи байналмилалӣ 2717 медал, аз ҷумла 783 тилло, 759 нуқра ва 1175 биринҷӣ ба даст овардаанд, ки бо шарофати онҳо борҳо Парчами давлатӣ партавафшон гардидааст" [7,с. 3].

Президенти мамлакат барҳақ мегӯянд, ки "Дар самти ба камол расонидани насли ҷавони солим ва ғаюру матин, ки дар арсаи байналмилалӣ муаррифгари давлату кишвари хеш мегарданд, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши калидӣ дорад. Аз ҳамин ҷост, ки имрӯз ба варзиш эътибори махсус дода, дар Тоҷикистони азиз оммаи васеъро ба ин самт ҷалб менамоем ва тадбирҳои зиёдеро дар кишвар роҳандозӣ мекунем" [7, с.315].

Тибқи маълумоти оморӣ, дар даврони 25-соли Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ 8409 иншооти гуногуни варзишӣ, 83 ҳавзи шиноварӣ ва иншооти асосии варзишӣ 718 ададро ташкил доданд. Дар давоми панҷ соли охир бошад, 1191 адад иншооти асосии варзишӣ, аз ҷумла 18 варзишгоҳ, 811 майдончаи варзишӣ, 313 толори варзишӣ, 32 ҳавзи шиноварӣ ва 17 маҷмааи варзишӣ сохта шуда, 1059 адад иншоот таъмиру таҷлил гардидаанд [7, с.316].

Дар 132 мактаби варзишӣ ҳазорон наврасону ҷавонони машғул ба тарбияи ҷисмонӣ дар кишварамон 1310 000 нафарро ташкил дод, ки ин, воқеан, самараи хуби 25-соли Истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб меравад [7, с.317].

Оиди хизматҳои пешвои миллат суханҳои файласуфи немис Ф.Нитсшеро (1844-1890), ки дар асараш "Чунин гуфт Зардушт" (1883) таъкид кардааст метавон нисбат

дод: “Фақат шахсиятҳои бузург, фавқулинсонҳо, ҳамчун намояндагони олии инсоният таърихро меофаранд”. [18,с.100].

Солҳои охир саҳми ҷавонон дар рушди варзиш ва оммавигардонии он ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳли ҷомеа назаррас мебошад. Агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ ҳазор иншооти варзиш фаъолият дошта бошад, пас соли 2020 шумораи онҳо ба 10220 расонида шуд.

Яъне, шумораи иншооти варзиш дар даврони соҳибистиқлолӣ беш аз нуҳ баробар зиёд гардидааст. Танҳо соли 2020, яъне соли пандемия ва шароити мушкили иқтисодиву молиявӣ барои наврасону ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 147 иншооти варзиш бо харҷи 1 миллиарду 63 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Ба хотири ҳавасманд намудани варзишгарон соли 2015 Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи варзиш таъсис дода шудааст, ки имрӯз қариб 200 нафар варзишгарони ҷавон соҳиби он гардидаанд [4,с.7].

Дар муқоиса нисбати даврони гузашта, ки дар зарфи 70 соли даврони Шуравӣ варзишгарони мо аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 133 медал (113 медали тилло, 9 медали нуқра ва 12 медали биринҷӣ) ба даст оварда бошанд, дар даврони соҳибистиқлолии кишвари азизамон ин рақам ба 5743 (1797 медали тилло, 1507 медали нуқра ва 2439 медали биринҷӣ расидааст. Яъне, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар арсаи байналмилалӣ 5743 маротиба Парчами давлатии Тоҷикиистони азиз баланд бардошта шуда, 1797 маротиба Суруди миллӣ садо додааст.

Дар ин давра варзишгарони тоҷик бо дастовардҳои бузурги варзишии худ давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудаву ба ин васила номашонро дар саҳфаи таърихи варзиши миллат сабт карданд. Аз ҷумла, дастовардҳои Расул Боқиев, Мавзуна Чориева, Беҳрӯз Хоҷазода, Сомон Маҳмадбеков, Баҳодур Усмонов, Комроншоҳи Устопирён, Акмалиддин Каримов, Шаҳриёр Даминов, Адам Исоқов, Фарухи Салим, Хуршед Маҷидов, Хушқадам Хусравов, Малика Лагутенко, Шоира Зулқайнарова, Набимуҳаммад Хоркашев, дастаи мунтахаби наврсони футболбози 16-сола ва дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол барои миллати тоҷик ифтихорофару боиси тазаккуранд.

Дар давоми солҳои 2011-2020 дар кишвар 2908 иншооти асосии варзишӣ сохта шуда, зиёда 2000 адад иншооти дигар таъмиру таҷдид гардиданд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ танҳо давоми солҳои 2018-2020 дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 821 иншооти варзишӣ бо харҷи 1 миллиарду 315 миллиону 310 ҳазору 366 сомонӣ, аз ҷумла, 1 миллиарду 61 миллиону 242 ҳазору 491 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва 254 миллиону 67 ҳазору 875 сомонӣ аз ҳисоби сарпарастон сохта ба истифода дода шудааст, ки аз ин шумора 147 иншооти варзишии он бо харҷи зиёда аз 1 миллиарду 63 миллиону 168 ҳазору 800 сомонӣ ба соли 2020 рост меояд.

Имрӯз дар саросари мамлакат бо мақсади ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш 128 мактаби варзишӣ амал менамояд, ки аз ин 1 Маркази ҷумҳуриявии омодагии олимпӣ, 4 мактаби маҳорати олии варзишии ҷумҳуриявӣ, 1 Маркази омодагиии олимпӣ дар шаҳри Хоруғ, 2 мактаби маҳорати олии махсуси варзишии ҷумҳурвӣ, 12 мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпӣ, 95 мактаби варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва 10 мактаби варзишӣ дар тобеияти Иттифоқҳои касабаи мустақил ва

ташкилоти ҷамъияти “Ҳосилот” мебошанд. Дар мактабҳои варзишии мамлакат аз рӯйи 45 намуди варзиш тарбиягирандагон ба тамрин фаро гирифта мешаванд.

Пешвои миллат қайд менамоянд, ки варзишгоҳҳо ба 124, майдончаҳои варзиш ба 1807, ҳавзаҳои шиноварӣ ба 92 ва иншооти махсуси варзиш ба 792 расида, ба кор оғоз кардани Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе имкони баргузор намудани чорабиниҳои сатҳи байналмилалиро фароҳам сохт [5, с.44, 3,12 ].

Ин иқдомҳои некро дар мисоли вилояти Суғд дидан мукин аст. Ба туфайли дастгирӣ ва ғамхории Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд аз солҳои 1996 то имрӯз дар қаламрави вилоят тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рушд карда истодааст. Мақсаду маром ва сиёсати давлату Ҳукумат ва ташкилоту муассисаҳои варзишӣ ривоҷу равнақи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, солимгардонии оммаи васеи халқ ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон мебошад.

Даврони истиқлолият дар вилояти Суғд 2745 адад иншооти варзишӣ аз ҷумла 48 варзишгоҳ, аз ин 10 варзишгоҳ бо теъдоди зиёда аз 5000 ҷойи нишаст ва 38 варзишгоҳ бо теъдоди то 5000 ҷойи нишаст, 602 толори варзишӣ, 1893 майдончаи варзишӣ, 37 ҳавзи шиноварӣ, аз ин 10 ҳавзи шиноварии пӯшида ва 27 ҳавзи шиноварии одӣ, 165 адад иншооти махсуси варзишӣ аз ин 10 адад тир, 5 адад боулинг, 57 маркази фитнес, 65 билярд, 10 тенниси рӯйи миз, 1 адад яхи сунъӣ, 2 адад базаи қаиқронӣ, 1 адад базаи дучархаронӣ; 6 маҷмааи варзишӣ, 5 маркази солимгардонӣ ва 2 бошгоҳи варзишӣ фаъолият доранд.

Ҳамзамон, дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, дар маҷмуъ, 22 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 15 майдончаи варзишӣ, 2 толори варзишӣ ва 1 маҷмааи варзишӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар вилоят бо мақсади ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш 44 мактаби варзишӣ амал менамояд. Дар мактабҳои варзишӣ 1267 гурӯҳ бо фарогирии 16198 наврасу ҷавон аз намудҳои олимпӣ ва 263 гурӯҳ аз намуди миллӣ бо фарогирии 3295 наврасу ҷавон амал намуда, дар маҷмуъ 19493 нафар наврасу ҷавон бо машқу тамрин фаро гирифта шудаанд.

Аз ҳисоби ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳо, дастаи мунтахаби вилоят муайян гардида, дар 29 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ дар ҳайати 1104 нафар варзишгар иштирок намуда, ба гирифтани 314 медали тилло, 216 медали нуқра ва 242 медали биринҷӣ мушарраф гардидаанд. Ҷавонони вилоят доимо мактаби бузург ва созандаи Пешвои миллатро сармашқи кори худ намуда, манфиати миллат ва амнияти давлати соҳибистиқлоли худро дар раванди пурталотуми бархӯрдҳои ҷаҳонӣ ҳимоя ҳоҳанд кард [3,с.28]. Дилшод Назаров чунин мегӯянд: “Ғамхории пайвастаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба варзиш аст, ки мо-варзишгарон ба чунин дастовардҳо ноил гашта истодаем. Ҷоизаи махсусе, ки бевосита аз фонди Президенти кишвар барои варзишгарон ҷудо мешавад, ин худ шаҳодати он аст, ки Сарвари давлат ба варзиш таваҷҷуҳи хосса доранд. Дар ҳаёти варзишии ман саҳми Роҳбари давлат ва Ҳукумати кишвар аввалиндараҷа аст. Зеро вақтҳое буд, ки имконияти иштирок дар мусобиқаҳоро надоштем. Ба шарофати Пешвои миллат ин мушкилиҳо бартараф гардиданд. Солҳои пеш толор барои тамрин набуд. Айни ҳол сари ҳар қадам толорҳои замонавӣ сохта шудаанд.

Дастгирию боварии онҳо буд, ки мо дар тамоми мусобиқаҳои пеш аз олимпиадавӣ сафарбар гардидем, то олимпиада таҷриба омӯхта, ба ин дастовард сазовор гаштем”.

Баробари он таъкид месозад, ки “Ҷасорати Пешвои миллат бояд намуна баҳри ҳар соҳибватан бошад, на танҳо барои варзишгарон. Воқеан ҳам, Сарвари давлат дорои иродаи шикастнопазир ва андешаҳои хирадмандона буда, инро ҳанӯз дар оғози ба сари қудрат омадан собит карда буданд. Ҳар варзишгар низ, пеш аз ҳама, бояд ватандори асил бошад ва бо як ҷасорату матонат номи меҳани худро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Агар як сарбоз барои ҳифзи хоку сарзамин савганд хӯрад, баҳри баланд бардоштани парчаму имиҷи кишвар дар миқёси ҷаҳон варзишгар низ пеши виҷдони худ савганд ёд мекунад. Умуман, сарбозу варзишгар мардони майдони ғуруру далерӣ ва нангу номус мебошанд. Ва савганд ҳар ду якест” [16, с.15].

Вобаста ин олими шинохта С. Ятимов чунин иброз намудааст: “Бинобар ин тарбия дар доираи масъулият ва мафҳуми аслӣ наметавон масъалаи шахсӣ номид. Мақсад аз он, пеш аз ҳама, манфиати ҷомеа ва муассисае аслие, ки барои амният ва рушди он ҷавобгар аст, яъне давлат дар назар дошта мешавад. Илм, фарҳанг, маориф ва тарбия – пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошанд” [18,с.120].

Лоиҳаи байналмилалии таҷрибавии ТФ дар соҳаи информатика ва тиҷорати электронӣ, ки аз ҷониби Академияи Байналмилалии Информатизатсия ташкил карда шудааст, ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва омода намудани кадрҳои илмии тахассусҳои байналмилалӣ дар соҳаи информатика, иқтисод ва технологияҳои компютерӣ бо истифода аз интернет барои таълим оғоз кард. Дар доираи Донишгоҳи Ҷаҳонӣ, ки дар моҳи ноябри соли 1997 дар Академияи Иттилоот таъсис ёфтааст ва дорои сохтори тақсимшуда иборат аз институтҳои байналмилалӣ, факултетҳо, марказҳо, шуъбаҳо ва лабораторияҳои воқеъ дар шаҳрҳои гуногуни Русия, Қазоқистон, Белгия ва дигар кишварҳои ҷаҳон буд. Сохтори асосӣ дар ҳама шуъбаҳои Донишгоҳи Ҷаҳонӣ факултетҳои информатика ва технологияҳои телекоммуникатсионӣ мебошад. Ин лоиҳа ба "боди дувум" табдил ёфтааст, кор дар истифодаи технологияҳои нав дар ТФ дар интернет шиддат ёфтааст.

Муҳаққиқи тоҷик Г.Салоҳиддинова вобаста ба технологияҳои муосир ва таълими фосилавӣ чунин андеша дорад: "Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳимми рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Неруи давлатҳо имрӯз дар баробари қудрати сиёсию ҳарбӣ аз нигоҳи такомул ва истифодаи илму техника ва технологияи муосир арзёбӣ мегардад. Технологияи навини таълим ё худ фарҳанги техникии таълим дар омӯзиши донишҷӯён нақши муассир дорад ва ҳамзамон ба ҷаҳонишавии маълумот мусоидат мекунад. Таҳсилоти фосилавӣ низоми наве маҳсуб меёбад, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои дунё ба таври густурда роҳандозӣ шудааст. Таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо истифодаи шабакаи интернет амалӣ мешавад ва неруи веб-технологияҳо диққати омӯзгорони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, зеро васоити технологии мазкур захираҳои таълимиро, ки дар тамоми ҷаҳон мавҷуд аст, муттаҳид мекунад. Барномаи таълимӣ дар асоси веб-технологияҳо синхронӣ буда, иштироки яквақтаи омӯзгор ва донишҷӯро таъмин мекунад. Лексияҳое, ки пешакӣ дар шабака ҷой дода мешаванд ва донишҷӯ метавонад ҳама гуна фанҳоро дар вақти бо худ муносиб омӯзад. Ғайр аз ин, донишҷӯ имкони додани саволро ба омӯзгор тавассути почтаи электронӣ дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқ ва роҳандозии ин низом, дастовардҳо ва мушкилоти худро дорад. Ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами навбатӣ барои воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои нисбатан пешқадами таълим дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз 200 миллион муҳассил тавассути ин низом таҳсил мекунанд. Ин низом барои ҳалли масоили муҳимми иҷтимоӣ, аз қабили баланд бардоштани дараҷаи саводнокии аҳли ҷомеа, сатҳи иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дараҷаи худшиносӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон ва рушди фазои ягонаи таълимӣ дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат менамояд» [10, с.104]. Дар ин давра вазифаҳои нав ва зарурати баланд бардоштани сатҳи азхудкунии технологияи истифода ва сохтани низомҳои иттилоотӣ ва асоси сохтории онҳо - пойгоҳи додаҳо ва барномасозии интернет баррасӣ карда мешаванд. Дар ин давра, ҷорӣ намудани фаъолонаи технологияҳои ТФ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон оғоз меёбад, ки ба таҷриба дар соҳаи ТФ имкон медиҳад.

Иловатан, дар «Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» чунин таъкид карда мешавад: «9.Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд надоранд… Самтҳои асосии рушд чунинанд: ҳифз ва рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ мутобиқи талаботҳои меъёрҳои давлатии таҳсилот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва нормативҳо доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ. Натиҷаҳои интизории татбиқи барнома чунинанд: коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ…» [4,с.35-39].

Ҳамин тариқ, тамоюли аз сатҳи мушаххаси методологӣ ба сатҳи баррасии мушкилоти умумии педагогӣ ва назариявии тарбияи томактабӣ гузаштан вуҷуд дорад. Дар маводҳои Конфронси байналмилалии илмӣ "Технологияҳои интеллектуалӣ ва ТФ дар оғози асри XXI" мавзуъҳои зеринро зикр кардан мумкин аст: назорати дониш дар низоми ТФ, татбиқи мураббиёни электронӣ, эҷоди тезаури дониш, рушди ТФ дар соҳаи таълими касбӣ ...

То соли 1999 метавон мисолҳои зиёди курсҳои гуногун, аз ҷумла мултимедиаро барои низомҳои ТФ пайдо кард. Дар баъзе мактабҳои олӣ ба раванди таълим лексияҳои мултимедиявӣ оид ба CD-ROM ҷорӣ карда шудаанд, то ба донишҷӯён ва табибон технологияҳои нави тиббиро омӯзанд (дастрасӣ ба курсҳо тавассути интернет низ имконпазир аст). Дар ин ҳолат чунин бартарии ТФ ҳамчун озодии интихоби вақт ва суръати омӯзиш истифода мешавад (принсипи ошкорбаёнӣ ), ки барои мутахассисони корӣ қулай аст. Дар донишгоҳҳо низоми интерактивии ТФ дар кристаллография таъсис дода мешавад. Он барои худомӯзии донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Ҳангоми ташкили раванди таълим технологияҳои мултимедиявӣ васеъ истифода мешаванд, ки маҷмуи барномаҳои интерактивии фанҳои гуногун мебошанд. Курсҳо ҳам дар CD-ROM сохта шудаанд ва ҳам истифодаи минбаъдаро дар интернет таъмин мекунанд. Дар ин марҳила талаботи нав ба дониши омӯзгори фанни информатика ташаккул меёбад, зарурати афзоиши сатҳи азхудкунии технологияи истифода ва сохтани низомҳои иттилоотӣ ва асоси сохтории онҳо - пойгоҳи додаҳо, барномасозии интернет ба миён омадааст.

Марҳилаи 2003-2007. Рушди воситаҳои нави алоқа, ба монанди низомҳои иттилоотии ҷаҳонӣ (интернет) ва маҳаллӣ (интранет), самаранокии раванди таълимро тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар таълим афзоиш медиҳад. Дар баробари ин, дар шароити суръати тези рушди технология ва нармафзори амалӣ, ташаккули касбии информатикаи оянда дар донишгоҳҳо сохтани низоми тайёр кардани мутахассисони соҳаи информатикаро тақозо мекунад. Фанҳои нави «тарроҳии веб», «технологияҳои нави иттилоотии шабакавӣ » пайдо мешаванд. Истифодаи фаъол ва татбиқи технологияҳои фосилавӣ дар раванди таълим ба рушди шабакаи ҷаҳонии интернет вобаста аст. Дар ин марҳила, диққати асосӣ ба проблемаи истифодаи технологияҳои ТФ дар таълим бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дода мешавад.

Таълими фосилавӣ, яъне e-leaming, аҳамияти бештар пайдо мекунад ва тадриҷан дар саҳифаҳои нашрияҳои тахассусӣ ва машҳури таълимӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Маҳз ҳамин далел ба мо имкон дод, ки дар бораи фарорасии марҳилаи навбатӣ - "марҳилаи таълими электронӣ " сухан гӯем. Як қатор донишгоҳҳо, ки технологияи таълими электрониро дар раванди таълимии анъанавӣ ҷорӣ мекунанд, на танҳо технологияҳо ва сохторҳои таълимро, балки сохтори худи донишгоҳҳоро низ дигаргун сохтанд.

Муҳаққиқи тоҷик М.Раҷабов оид ба низомҳои иттилоотӣ чунин изҳори назар кардааст: «Аз сабабе ки низомҳои ҷаҳонии иттилоотӣ оламро ба таври бутуну ягона мепайванданд ва ҳамаи давлатҳоро ба ҳам мепайванданд, тавсия дода мешавад, ки

нисбати сифати ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аҳамияти бисёр зоҳир карда шавад, аз як тараф, ва аз тарафи дигар, зарурати ташаккули фазои худии итилотии давлатӣ, рушд ва ҳимояи он талаб карда мешавад» [7, с.5].

Бо афзоиши босуръати талабот дар бозори байналмилалии хидматрасонии таълимӣ тавассути таълими электронӣ дар стратегияи "Е-Болония", фароҳам овардани фазои маҷозии ҷаҳонӣ барои амалисозии раванди Болония инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи асосӣ ба амсилаҳои нави педагогии рушди салоҳият, чандирӣ дар таълими якумрӣ, баҳодиҳии сифати таҳсилот, дастгирии таълими инфиродӣ ва таълими муштарак, ворид намудани таълими электронӣ ва таълими омехта ба барномаи ҷаҳонии таҳсилоти кишвар (таъмини дастрасии таҳсилоти аврупоӣ) дода мешавад.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ- профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Андреев А.А. Дидактические основы дистанционного обучения в высших учебных заведениях: дис...д-ра пед. наук: 13.00.02/А.А.Андреев. - М., 1999. - 289с.
2. Андреев, А.А. Определимся в понятиях/А.А.Андреев//Высшее образование в России.-1998.-№4.-С.44-48.
3. Андреев А.А. Прикладная философия открытого образования: педагогический аспект/А.А.Андреев, В.И.Солдаткин -М.: РИЦ "Альфа" МГОПУ им. М.А.Шолохова, 2002.-168с.
4. Барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои солҳои 2011-2015.-Душанбе, 2010. - 42с.
5. Каймин, В.А. Дистанционное обучение и сертификация преподавателей информатики/В.А.Каймин//Информационные технологии в образовании: материалы III Международ. конф.-выставки. Секция D. - М., 1994.
6. Мирмамадов, У.М. Использование информационных технологий в образовательном процессе/У.М.Мирмамадов/Наука и инновация.-№1-2,2014 (7-8).
7. Раджабов, М. Информационно-коммуникационные технологии в педагогической наукометрии: к постановке вопроса/М.Раджабов//Наука и инновация: №1-2,2014 (7-8).- С.5-9 .
8. Раҳмон, Э. Масъулият барои ояндаи миллат. Паёми Маҷлиси Олии Тоҷикистон/Э.Раҳмон.- «Азия Плюс», 2012.
9. Раҳмон Э. Паёми президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ/Э.Раҳмон.- «Азия Плюс», 2003.
10. Салоҳиддинова, Г. Таълими фосилавӣ - омили муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ/Г.Салоҳиддинова//Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. -Д:, 2019.-2019.-№4 (28). - С.104 - 107.
11. Тихомиров, В.П. Глобализация и экспорт образовательных услуг/В.П.Тихомиров, Н.И.Максюков//Открытое образование.-2001.- N4.-С.7-13.
12. Тихомиров, В.П. Виртуальная образовательная среда: предпосылки, принципы, организация. Монография/В.П.Тихомиров, В.И.Солдаткин, С.Л.Лобачев.-М.: Издательство МЭСИ, 1999.-164с.
13. Тихомиров, В.П. Мир на пути smart education. Новые возможности для развития//Открытое образование.-2011.-N3.-С.22-28.
14. Ушинский, К.Д. Избранные педагогические сочинения. В 2-х т. Т. 1/К.Д.Ушинский. -М.: Педагогика, 1974.-584с.
15. Храмова, М.В. Основные этапы и тенденции формирования системы открытого образования подготовки специалистов/М.В.Храмова//Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки.-2012.-Т.108.-С.118-130.
16. Шарифзода, Ф. Педагогикаи касбӣ ва умумӣ/Т.З.Шарифзода, А.М.Мирализода. –Душанбе: Ирфон, 2012. -560с.


**БАРХӮРДҲО БА РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУҲИТИ ТАҲСИЛОТ**


Дар мақола бархӯрдҳо нисбати технологияҳои таълими фосилавӣ дар муҳити таҳсилот мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, донишҷӯйи донишгоҳе, ки дар муҳити таълимӣ қарор дорад, барои гирифтани донишҳои муосир ниёз дорад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама соҳаҳои илм ба тағйирёбии доимии ҳам мазмуни донишҳои таълимӣ ва ҳам худи технологияҳои таълимӣ мусоидат мекунад. Зарур аст, ки низоми динамикӣ таъсис дода шавад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки мундариҷа ва технологияи таълим дар донишгоҳро ҳар вақт тағйир диҳем. Чунин низом метавонад низоми таълими фосилавиро дар асоси истифодаи технологияҳои интернетӣ дар бар гирад. Дар тули чанд даҳсола ТФ ба як падидаи ҷаҳонии фарҳанги таълимӣ ва иттилоотӣ табдил ёфта, ба хусусияти таълим дар муҳити пуршиддати таҳсилоти бисёр кишварҳои ҷаҳон таъсири назаррас расонидааст. Дар айни замон, дар саросари ҷаҳон як қатор хизматрасониҳои таълимӣ оид ба пешниҳоди технологияҳои ТФ вуҷуд доранд, ки бо шумораи зиёди донишҷӯён, шумораи муассисаҳои

таълимии ҷалбшуда, андоза ва мураккабии инфрасохтор тавсиф карда мешаванд, аз ҷумла, миқёси маблағгузорӣ, пайвастагии хидматрасонии сершумори илм ва ғайра. Технологияҳои ТФ ба ҳама зинаҳои низоми муосири таълим ворид шуда, воситаи пешбари такмили низоми таълим дар донишгоҳ мебошанд, ки вобаста ба тағйирёбии ҳадафҳо ва мундариҷаи он, беҳтар намудани сифат ва дастрасии категорияҳои гуногуни одамон амалӣ карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** бархӯрдҳо, таълими фосилавӣ, таҳсилот, таълими электронӣ, амсила, барномаи ҷаҳонӣ, тълими инфиродӣ, рушди салоҳият, талабот, таҳқиқи илмӣ, сифати таҳсилот, пойгоҳи моддӣ-техникӣ, фазои маҷозӣ.

## ПОДХОДЫ К РАЗВИТИЮ ТЕХНОЛОГИЙ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ

В статье рассматриваются подходы к дистанционным технологиям обучения в образовательной среде. По мнению автора, студенту вуза в академической среде необходимо приобретать современные знания. Развитие информационных технологий во всех областях науки способствует постоянному изменению как содержания образовательных знаний, так и самой образовательной технологии. Необходимо создать динамичную систему, которая позволит в любой момент изменить содержание и технологию обучения в вузе. К такой системе можно отнести систему дистанционного обучения, основанную на использовании интернет-технологий. За десятилетия ДО стало глобальным феноменом образовательной и информационной культуры, оказавшим существенное влияние на характер образования в интенсивной образовательной среде многих стран мира. В настоящее время существует ряд образовательных услуг, предлагаемых технологиями ДО по всему миру, характеризующихся большим количеством студентов, количеством вовлеченных учебных заведений, размером и сложностью инфраструктуры, в том числе масштабом финансирования, взаимосвязанностью нескольких научных направлений, услуг и т.д. Технологии ДО интегрированы во все уровни современной системы образования и являются ведущим инструментом совершенствования системы образования в вузе, которая реализуется в зависимости от изменения целей и содержания, повышения качества и доступности для разных категорий людей.

**Ключевые слова:** подходы, дистанционное обучение, образование, электронное обучение, модель, глобальная программа, индивидуальное обучение, развитие компетенций, требования, исследования, качество образования, материально-техническая база, виртуальное пространство.

## APPROACHES TO THE DEVELOPMENT OF DISTANCE LEARNING TECHNOLOGIES IN THE EDUCATIONAL ENVIRONMENT

The article discusses approaches to distance learning technologies in the educational environment.

According to the author, a university student in an academic environment needs to acquire modern knowledge. The development of information technologies in all fields of science contributes to the constant change in both the content of educational knowledge and the educational technology itself. It is necessary to create a dynamic system that will allow changing the content and technology of education at the university at any time. Such a system includes a distance learning system based on the use of Internet technologies. Over the decades, DL has become a global phenomenon of educational and information culture, which has had a significant impact on the nature of education in the intensive educational environment in many countries of the world. Currently, there are a number of educational services offered by distance learning technologies around the world, characterized by a large number of students, the number of educational institutions involved, the size and complexity of the infrastructure, including the scale of funding, the interconnectedness of several scientific areas. services, etc. DL technologies are integrated into all levels of the modern education system and are the leading tool for improving the education system at the university, which is implemented depending on the change in goals and content, improving quality and accessibility for different categories of people.

**Key words:** approaches, distance learning, education, e-learning, model, global program, individual learning, competence development, requirements, research, education quality, material and technical base, virtual space.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ашурова Саодат Муродалиевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **987222124.**

**Сведения об авторе**: ***Ашурова Саодат Муродалиевна*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улицаС.Сафарова, 16. Телефон: **987222124.**

**Information about the author:** ***Ashurova Saodat Murodalievna*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant**. Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S.Safarov street, 16. Phone:**987222124.**

**УДК:372.857**

# АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ– ПЕДАГОГИИ ТАЙЁРИИ ПЕШАЗРАВИЯВИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ БИОЛОГИЯ

***Икромов С.П.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Интихоби равияи таълим дар оянда аз тарафи хонандагони зинаи миёнаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ набояд хусусияти номуташаккилона дошта бошад. Бинобар ин диққати асосӣ дар давраи пешазравиявӣ ба худмуайянкунии хонандагони синфҳои болоӣ додан лозим аст, ки қисмати муҳим дар тамоми давраи таълим дар зинаи дуюми таълим ҳисоб мешавад.

Аз нуқтаи назари И.С. Кон, "Андешаи муайян намудани интихоби касб дар баъзе ҳолатҳо дар синни хурди мактабӣ пайдо мешавад, дар кӯдакон аломатҳои фаъолияти тайёр намудани худ ба оянда ба назар мерасад. Дар баъзе ҳолатҳо ба худ бозӣ бо аломатҳои худтарбия ва худшиносӣ ҳамбаста мешаванд: орзу ба касби муайян, аз як тараф, дар мазмуни бозиҳои нақшавӣ – аз дигар тараф, дар доираи шавқҳо таҷассум меёбанд ва ҳамчун воситаи ҳавасмандӣ барои аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, сифат ҳисоб мешаванд" [2]. Лекин дар синну соли наврасии боло (вақти ба охир расидани зинаи дуюми таҳсил) давраи гузариши ба худ хосси аз наврасӣ ба ҷавонӣ буда, дорои хусусияти хосси психологӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Таълими равиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар зинаи болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад. Аз ин ҷо масъалаи асосии психологҳо ва педагогҳо тайёр кардани хонандагон барои бошуурона интихоб намудани равияи таълим дар зинаи дуюми таҳсилоти миёна мебошад. Аз ин интихоб бартараф намудани номувофиқатҳои дохилӣ, агар онҳо пайдо шаванд, таҳсили муваффақиятнок дар синфҳои болоӣ, ба таври умумӣ фаъолиятиояндаи касбӣ вобастагии зиёд дорад.

Лаҳзаҳои муҳимми рушди шахсият давраи наврасӣ ҳисоб мешавад. Ба воситаи худтарбиякунӣ ва худомӯзӣ наврас имкониятҳои рушди худро васеъ намуда, худро барои оянда тайёр менамояд [2].

Ҳар як синну сол дорои шароити ҳаётӣ ва талаботи худ мебошад. Синну соли ҷавонӣ, ки қисми муайянаш дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегузарад, дар ташаккули шахсият ҷойи махсусро ишғол менамояд. Дар ин синну сол одам аз ҷиҳати ҷисмонӣ пухта мерасад, хислатҳои асосҳои ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфта, худмуайянкунии мустақилонаи интихоби касб ба амал меояд.

Шахсият ба фикри психологҳо ва педагогҳо А.Г. Асмолов, Б.Д. Паригин, А.В. Петровский, В.В. Столин, С. Холназаров, интегратсияи мафҳумҳое мебошад, ки дар бораи объект ва субъекти муносибатҳои биоиҷтимоӣ маълумот дода, дар он сифатҳои умумиинсонӣ, иҷтимоии хос ва фардӣ – такрорнашаванда ҷамъ омадааст. Хосияти психологии шахсият, аз он ҷумла синнусолӣ, ҳамчун маҳсули мавқеи иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳаётии он дида баромада мешавад, ки дар навбати худ ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад [5,6,8,8,9].

Зиёд шудани давраи тайёрӣ на танҳо ба мураккабии фаъолияти меҳнатӣ, балки ба васеъ шудани доираи худмуайянкунии фардӣ ва баланд шудани талабот

нисбат ба дарки он вобаста мебошад. Озодии зиёд интихоб ва кам шудани монеаҳо барои ташаккули нисбатан чандирии хусусияти иҷтимоӣ ёрӣ расонида, тағйироти ҷузъии фардии гуногунро таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, ин раванд сабаби мураккабшавии психологии худмуайянкунӣ мегардад. Дароз кардани муҳлат сабаби он мешавад, ки ҷавонон баъзе вазифаҳои калонсолонро иҷро менамоянд ва ин зиёдшавии муҳлати иҷтимоишавии аввалин аст.

Худшиносии шахсият ҳамчун воситаи худмуайянкунӣ ва муайян кардани мавқеи иҷтимоии аҳамиятноки худ мегардад. Он инчунин тарзи дарк, қабул ва рушди фардии такрорнашавандаи шахсият ҳисоб мешавад [6].

Шахсият ташаккули мустаҳкаму дурусти образи "ман" – ро низ дар бар мегирад. Образи "ман" – ҳодисаи психологии мураккаб буда, танҳо ба дарки одии сифатҳои худ, ё ин ки маҷмуи худбаҳодиҳӣ ба охир намерасад. Саволи "Ман кистам?" танҳо дар бораи худ маълумотдиҳӣ набуда, худмуайянкунӣ мебошад: "Ман кӣ шуда метавонам ва бояд шавам, имкониятҳо ваояндаи ман чӣ гуна аст? Ман чӣ кардам? Чиро дар ҳаёт карда метавонам?". Орзуи "ман" ва худэҳтиромкунии хонандагони синфҳои болоӣ, пеш аз ҳама, аз фаъолияти самараноки онҳо, аз муносибати ҳамдигарӣ бо муҳити зист, калонсолон, ҳам солон вобаста мебошад.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки миқдори наврасон ва ҷавононе, ки дар онҳо "ман" фарқ карда мешавад, амалан як хел аст. Дар 15 – 16 солагӣ аломати "Ман дар оянда кӣ мешавам?" зиёд мешавад. Ин барои равона намудани таъсири педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагони синфҳои болоӣ имкониятҳои васеъ мекушояд ва тайёрии салоҳиятнокии пешазравиявиро талаб менамояд.

Тайёрии пешазравиявӣ аз биология дар раванди фаъолияти маърифатии хонандагони зинаи асосии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба бошуурона интихоб кардани равияи табиӣ – математикӣ, соҳаҳои биология-химия, биология-география дар синфҳои болоӣ нигаронида мешавад.

Муваффақиятнокии ҳамаи фаъолияти маърифатӣ то як дараҷа аз ҳавасмандӣ ба он вобастагӣ дорад. Масъалаи ҳавасмандии хонандагон, ба кадом фанни таълимие набошад, яке аз вазифаҳоест, ки омӯзгор бояд ҳамарӯза ҳал намояд. Барои омӯзгори биология ин проблема махсусан мубрам мебошад. Бисёр хонандагон ҳисоб мекунанд, ки биология танҳо барои дохил шудан ба мактабҳои олии тиббӣ зарур буда, шавқовар нест. Онҳо то охир дарк наменамоянд, ки донишҳои биологӣ дар наврас фаҳмиши ҳаётро ҳамчун арзиши бузург ташаккул медиҳанд. Омӯзиши биология барои дарки он ки нигоҳдории биосфера – шарти асосии мавҷудияти ҳаёт, инчунин рушди инсоният мебошад. Ҳамкории баробар бо табиат, ба эволютсияи одам ва биосфера – омили муҳимест, ки системаи организмҳои зиндаро дар маркази ҳолати илмии олам мегузорад ва экологокунонии илм ва маърифатро тақозо дорад.

Биология дар замони муосир яке аз илмҳои пешоҳанги табиатшиносӣ ҳисоб мешавад, дар бораи нақши он мутафаккири бузург Абуалӣ ибни Сино ақидаҳои худро баён карда буд ва онро яке аз илмҳои зарурӣ дар ҳама вақту замон ҳисоб менамуд. Ба ғайр аз арзишҳои илмӣ, биология аҳамияти амалӣ дошта, дар асоснок намудани системаи муносибатҳо ҷойи марказиро ишғол менамояд: табиат – ҷамъият. Донишҳои биологӣ асоси принсипҳои ташкили саноат, хоҷагии қишлоқ ва технологияҳои сарбастаи аз ҷиҳати экологӣ тозаро ташкил менамояд. Бесабаб нест,

ки маводи таърихӣ – маводи фарҳангии инсониятро бо истифодаи қонунҳои табиат алоқаманд менамоянд.

Биология – илми асосӣ барои чунин соҳаи фаъолияти инсоният, ба монанди психология, тиб, хоҷагии қишлоқ, экология, тайёрии ҷисмонӣ ва варзиш ҳисоб мешавад. Лекин барои он ки биология ҳамчун фан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ғайраҳо таълим дода шавад, бояд ба вазифаҳои худ мувофиқат намояд, принсипҳои таълими он азнавсозиро талаб дорад [10].

Аз рӯйи пешгӯйии баъзе олимон дар ин садсола ҳангоми қабул ба кор дар баробари маълумот, меъёри махсус вазъи саломатӣ ба ҳисоб меравад, чунки аз ҷиҳати иқтисодӣ ба кордиҳанда фоиданок аст. Бисёр ҷавонони муосир ба ин талабот ҷавобгӯ нестанд, аз сабаби паст будани фарҳанги аҳолӣ саломатӣ дар ҷойи аввал намеистад.

Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, кӯдакон саломатии хуб надоранд, синну соли баъзе касалиҳо ҷавон шудааст.

Дар адабиёти психологӣ–педагогӣ ба масъалаи дар насли ҷавон ташаккул додани асосҳои ҳаёти солим диққати калон дода мешавад [1,2,4,6.]. Қайд карда мешавад, ки аз ҷониби хонандагон аз худ намудани асосҳои донишҳо дар бораи тарзи илмии ҳаёти солим, маҳорату малакаҳои мустаҳкам намудани саломатӣ, тарбияи муносибати арзишнок – роҳҳои дурусти ҳалли масъалаҳои нигоҳдории саломатии миллат мебошанд.

Дар сохтори салоҳиятнокии ахлоқӣ – қобилияти рафтори инсонро вобаста ба фаҳмиши масъалаҳои робитадошта ба саломатӣ, сатҳи ҷаҳонбинӣ, дониш ва маҳоратҳое, ки ба нигоҳдории саломатӣ ёрӣ мерасонад, ҷудо мекунанд.

Ҷойи махсусро ҳавасмандии саломатӣ, яъне хоҳиши саломат будани одам ташкил менамояд. Даъвати рӯиирост ба тарзи ҳаёти солим ва тарсонидан аз корҳои номатлуб, на танҳо натиҷаи хуб намедиҳад, балки дар наврасон сабаби номувофиқатҳои пӯшида мегардад. Ташаккули боварӣ, нуқтаи назари фаъоли ҳаётиро ҳангоми истифодаи педагогҳо чунин методу усулҳое, ки барои ҷалби хонандагон ба равандҳои фаъоли азхудкунӣ ва коркарди донишҳо ёрӣ мерасонанд, амалӣ намудан мумкин аст.

Омӯзиши анатомия, физиология ва гигиена ба зарурати риоя намудани меъёри қоидаҳои гигиенӣ дар таълим – меҳнат асос мегузорад.

Омӯзиши анатомия, физиология ва гигиенаи одам ба зарурати риоя намудани қоида, меъёрҳои гигиена дар раванди таълим, зиндагӣ, ҳангоми машғул шудан ба варзиш, эҳтиромона, ғамхорона муносибат кардан ба саломатии худ ва саломатии муҳити зист, инчунин пешгирӣ кардан ва барҳам додани одатҳои носолим, истифода накардани нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мухаддир равона карда шудааст.

Маълумотҳои физиологияи синнусолиро низ васеъ истифода мебаранд. Аммо педагогика бар хилофи илмҳои тиббӣ ва психология маълумоти анатомию физиологияи синнусолиро пурра ва самаранок истифода бурда наметавонад. “Педагог, пеш аз ҳама, бояд анатомия ва физиологияи бадани одам ва рушди онро дорад. Бе ин педагоги хуб шудан ва дуруст тарбия кардани кӯдак ғайриимкон мебошад” [9].

Л. Ф. Лесгат тасдиқ мекунад, ки педагогика як шохаи илмҳои биологӣ бояд бошад. Вале ин нуқтаи назари яктарафа буда, фақат муҳим будани проблемаи биологияро дар педагогика нишон медиҳад [9].

Соли 1970 ба нақшаи таълимии донишгоҳҳои педагогӣ (ҳоло ҳам амал мекунад) таълими курси анатомия, физиология ва гигиенаи синнусолӣ дохил карда шуд. Бори аввал дар таърихи маълумоти педагогӣ таълими ген фан ҳамчун курси пешбиникунандаи педагогика, психология, гигиенаи мактабӣ ба роҳ монда шудааст. Донистани ин фан аз тарафи омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, соҳаи маориф барои дуруст ташкил намудани кори таълиму тарбия дар мактаб ва муҳофизати саломатии насли наврас шароити зарурӣ муҳайё менамояд.

Робитаи рафтор ва саломатӣ ба воситаи мавҷудияти ин ё он системаи физиологӣ амалӣ карда мешавад. Аз худ намудани навъҳои тафаккури зарурӣ барои ҳис намудани организми худ дар ҳама ҳолатҳои ҳаётӣ хеле муҳим аст.

Сатҳи саводнокии санитарӣ–гигиении аҳолии мо, афсӯс, ки аз донишҳои соҳаҳои дигар паст аст. Хатмкунандагони зинаи асосӣ на ҳама вақт сохти бадани худро медонанд ва дар бораи он равандҳое, ки дар организми онҳо мегузаранд, маълумот надоранд. Инчунин, малакаҳои зарурии онҳо доир ба истифодаи гигиенаи шахсӣ дар сатҳи паст қарор доранд. Дар доираи барномаҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ин масъалаҳо диққати даркорӣ дода намешавад.

Масъалаи ташаккули тарзи солими зиндагӣ, малакаҳои нигоҳдории саломатӣ барои наврасон хеле мубрам аст. Ба синнусоли наврасӣ хусусиятҳои фаъолӣ, серҳаракатӣ хос буда, онҳоҳама чизро фаҳмидан мехоҳанд, вале дар як вақт тундмиҷоз буда, ваҷҳҳои таълимии мустаҳкам надоранд. Аз бисёр ҷиҳат ин бо хусусияти хосси барномаи зинаи асосӣ шарҳ дода мешавад, ки технологияи таълимии он таҷрибаи ҳаётии кӯдаконро, ё ин ки тағйиротҳое, ки талабот ва шавқи хонандагон ба амал меояд, ба назар намегирад [12].

Лекин таҷриба нишон медиҳад, ки наврасон барои донистани чизи нав дар бораи организмашон, хислатҳо ва мушкилиҳояшон тайёранд. Бедор кардани шавқ ба худ дар онҳо бо ташаккули шуурнокӣ ва худбаҳодиҳӣ робита дорад. Инчунин бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки яке аз маълумотҳои муҳимми иҷтимоӣ – психологии наврасон қобилияти бошуурона аз худ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ бо дарки дурусти рафтор ва амалҳои дигар одамон мебошад.

Тайёрии пешазравиявии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фанни Биология, анатомия физиология ва гигиенаи одам на танҳо барои ҳалли масъала ва баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии хонанда ба омӯзиши биология дар асоси шиносоӣ бо сохт ва вазифаҳои организми худ, балки дар хонандагон ташаккул додани муносибати арзишнок ба саломатии худ дар асоси донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои бадастоварда мебошад.

Маҳорати нигоҳ доштани саломатӣ ва пеша кардани ҳаёти солим – асоси фаъолияти касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Шароити муътадил барои рушди шахсият дар он вақт гузошта мешавад, ки донишҳои азхуднамуда барои наврас зарурати субъективӣ ва муҳим барои ҳозира ва тайёрии оянда мегардад. Ҳангоме ки намудҳои гуногуни машғулиятҳо бо масъулиятҳои хусусияти маърифатӣ ва маҳсулнокӣ – эҷодӣ бой гардонида мешаванд,

онҳо наврасро ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ водор месозанд. Асосан, дар синну соли наврасӣ орзую мақсади олӣ ва худшиносӣ пайдо мешаванд.

Дар назди наврас интихоби доираи фаъолият меистад. Танҳо амалан, дар рафти худи фаъолият муайян мегардад, ки интихоб ба ӯ мувофиқ аст ё ин ки мувофиқат намекунад. Маълум аст, ки ҳамаи шаклҳои фаъолиятро санҷидан ғайриимкон мебошад. Худмуайянкунӣ дар як вақт худмаҳдудкунӣ мебошад.

Интихоби касб одамро то як дараҷа муайян мекунад, ӯ соҳиби доираи фаъолият мегардад, ки қувваю ғайрат ва қобилияти худро дар амалия татбиқ менамояд, ё ин амалӣ кардан мехоҳад.

Худмуайянкунии касбӣ имрӯз раванди гуногунҷанба ва бисёрзина буда, аз нуқтаи назари гуногун дида баромада мешавад. Якум, дар назди шахсияти ташаккулёбанда вазифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ мегузорад ва пайдарпай ҳалли онро талаб менамояд. Дуюм, ҳамчун раванди қабул намудани қарор, ки дар натиҷаи он фард, аз як тараф, мувофиқи талаботи системаи ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, тақсимоти меҳнат майлу хоҳиши худро ташаккул дода, муътадил мегардонад. Сеюм, ҳамчун раванди услуби фардии ҳаёт ва як қисми он ташаккул меёбад. Ин се муносибат тарафҳои гуногуни корро инъикос менамоянд (пешниҳоди якум аз ҷамъият, сеюм – аз хусусияти шахсият, дуюм роҳ ба мувофиқ омадани онҳо бармеояд) ва онҳо, дар навбати худ, якдигарро пурра менамоянд

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки асосҳои психологӣ-педагогии тайёр кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосии умумӣ ба таълими равиявӣ аз истифода бурдани хусусиятҳои хосси синнусолии давраи наврасӣ тасдиққунандаи рушди шавқ ва омӯзиши экология дар асоси шиносоӣ бо функсияҳои асосии организми худ, яъне синну соли наврасӣ иборат мебошад.

Психологҳо худмуайянкунии касбиро, одатан, ба якчанд давра ҷудо менамоянд. Давраи якум, бозии кӯдакона, ки дар рафти он кӯдак нақши касбии гуногунро интихоб менамояд. Давраи дуюм, хаёлоти наврас, вақте ки ӯ орзуи дидани худ дар намояндагии ин ё он касби шавқовар аст. Давраи сеюм, ҳамаи наврасон ва қисми зиёд ҷавононро дар бар мегирад – интихоби пешакии касб ҳисоб мешавад. Нақшаҳои гуногуни фаъолиятҳо аввал аз нуқтаи назари шавқи наврас, баъд қобилияти ӯ ва дар охир аз нуқтаи назари системаи арзишҳо ҷудо карда мешаванд. Маълум аст, ки шавқҳо, қобилиятҳо ва арзишҳо дар ҳамаи давраҳои интихоб пурра аён намешаванд, лекин ҷанбаҳои арзишноки ҷамъиятӣ ва шахсии он пухта мерасанд ва нисбат дертар аз шавқҳо, қобилиятҳо, тафриқашавӣ баробар пухта мерасанд. Шавқу ҳавас ба фан хонандагонро барои зиёдтар омӯхтани фан ҳавасманд намуда, бо ин қобилияти онҳоро рушд медиҳад.

Давраи чорум – ин қабули амалии интихоби мустақилонаи (шахсии) касб буда, ду қисмати асосиро дар бар мегирад: муайян намудани сатҳи таснифи меҳнати оянда, ҳаҷм ва мӯҳлати зарурии тайёрӣ ба он ва интихоби мушаххаси касб. Интихоби касб дар хонандагон мавҷуд будани ду намуди иттилоотро дар назар дорад: дар бораи дунёи касбҳо оид ба имкониятҳо ва талаботҳо ба ҳар яки он; дар бораи худ, қобилият ва шавқу рағбати худ.

Аз ин ҷо ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки асосҳои психологӣ – педагогии тайёр кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосии умумӣ ба

таълими равиявӣ бо истифода аз бурдани хусусиятҳои хосси синнусолии давраи наврасӣ, тасдиққунандаи рушди шавқ ба омӯзиши биология дар асоси шиносоӣ бо функсияҳои асосии организми худ, иборат мебошад.

**Муқарриз: Холназаров С. – д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**


**АДАБИЁТ**

1. Кон.И.С. Психология старшекласника: Пособие для учителей / И.С. Кон. -М: Просвешение, 1980.-192с.
2. Возрастная и педагогическая психология. Подред. А.В.Петровского.-М: Просвещение, 1973. -288с
3. Боэнович Л.И. Этапы формирования личности в онтогенезе / Л.И. Боэнович // Вопросы психологии. -1979.- №4.-С.10-14.
4. Выготский Л.С. Избранные психологические исследования / Л.С. Выготский. -М.: Изд-во АПН РСФСР, 1984.-519с.
5. Асмолов А.Г. Психология личности: Принципы общепсихологического анализа: Учеб для студентов вузов, обучающихся по спец. “Психология” / А.Г. Асмолов. - М.: Изд-во Моск.ун-та, 1990.-367с
6. Парыгин В.Ф. Социальная психологии: Учебное пособие / В.Ф. Парыгин. – СПБ.: СПБГУ, 2003.-С.338.
7. Петровский А.В. Развитие личности с позиций социальной психологии / А.В. Петровский // Вопрсы психологии. -№4. -С.22-26.
8. Сталин В.В. Самосознание личности / В.В. Сталин. -М: Изд-во Моск.ун-та, 1983.-286с.
9. Холназаров С. Асосщои анатомия ва физиологияи синнусол / В.В. Сталин. – Курғонтеппа, 2013-184с
10. Мелехова О.П. Биологическое образование: каким ему быть?/ О.П. Мелехова // биология в школе.-1998.-№4.-С.44-49.
11. Банг И.М. Верования обычаи. Пер.с.анг. Стеблин-Каменского / И.М.Банг. -М.: Наука, 1967. -С.34.
12. Верзилин Н.М. Проблемы методики преподования биологии / Н.М. Верзилин. -М.: Просвещения, 1974.-190с.
13. Утинский К.Д. Избранные педагогические произведения / К.Д. Утинский -М.: Просвещение, 1968.-С.265.
14. Гулак В.А, Шевченко Н.З. Влияние социальной среды на здоровье человекаа. Интегрированный урок / В.А. Гулак, Н.З. Шевченко // Биология в школе, 2001. - №2.-С.25-31.


## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ– ПЕДАГОГИИ ТАЙЁРИИ ПЕШАЗРАВИЯВИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ БИОЛОГИЯ


Дар мақола асосҳои психологӣ– педагогии тайёрии пешазравиявии хонандагон аз фанни биология мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Интихоби равияи таълим дар оянда аз тарафи хонандагони зинаи миёнаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ набояд хусусияти номуташаккилона дошта бошад. Бинобар ин диққати асосӣ дар давраи пешазравиявӣ ба худмуайянкунии хонандагони синфҳои болоӣ додан лозим аст, ки қисмати муҳим дар тамоми давраи таълим дар зинаи дуюми таълим ҳисоб мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки таълими равиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар зинаи болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад. Аз ин ҷо масъалаи асосии психологҳо ва педагогҳо тайёр кардани хонандагон барои бошуурона интихоб намудани равияи таълим дар зинаи дуюми таҳсилоти миёна мебошад. Аз ин интихоб бартараф намудани номувофиқатҳои дохилӣ, агар онҳо пайдо шаванд, таҳсили муваффақиятнок дар синфҳои болоӣ, ба таври умумӣ фаъолиятиояндаи касбӣ вобастагии зиёд дорад.Ҳар як синну сол дорои шароити ҳаётӣ ва талаботи худ мебошад. Синну соли ҷавонӣ, ки қисми муайянаш дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегузарад, дар ташаккули шахсият ҷойи махсусро ишғол менамояд. Дар ин синну сол одам аз ҷиҳати ҷисмонӣ пухта мерасад, хислатҳои асосҳои ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфта, худмуайянкунии мустақилонаи интихоби касб ба амал меояд.



**Калидвожаҳо:** асосҳои психологӣ– педагогии тайёрии пешазравиявии хонандагон, фанни биология, интихоби равияи таълим, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, фаъолиятиояндаи касбӣ.


## ПСИХОЛОГО- ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОДГОТОВКИ УЧАЩИХСЯ ПО ПРЕДМЕТУ БИОЛОГИЯ


В статье рассматриваются психолого-педагогические основы предподготовки школьников по предмету биология. Выбор направления обучения в будущем учащимися средней ступени общеобразовательных учреждений не должен быть неорганизованным. Поэтому основное внимание в

предразвивающий период следует уделить самоопределению старшеклассников, что является важной частью всего периода обучения на второй ступени образования. Автор отмечает, что процессуальное образование в Республике Таджикистан в основном организовано на старшей ступени общеобразовательных учреждений. Отсюда основная проблема психологов и педагогов состоит в том, чтобы подготовить учащихся к осознанному выбору направления обучения на второй ступени среднего образования. От этого выбора во многом зависит устранение внутренних противоречий, если они появляются, успешное обучение в старших классах, будущая профессиональная деятельность в целом, в каждом возрасте свои жизненные условия и требования. Особое место в становлении личности занимает молодежь, определенная часть которой проходит в старших классах общеобразовательных средних учебных заведений. В этом возрасте человек взрослеет физически, формируются фундаментальные характеристики мировоззрения, происходит самостоятельное самоопределение выбора профессии.

**Ключевые слова**: психолого-педагогические основы дошкольной подготовки учащихся, биология, выбор методики обучения, общеобразовательные учреждения, будущая профессиональная деятельность.

## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL BASES FOR PREPARING STUDENTS ON THE SUBJECT OF BIOLOGY

The article deals with the psychological and pedagogical foundations of the pre-training of schoolchildren in the subject of biology. The choice of the direction of study in the future by students of the secondary level of general educational institutions should not be unorganized. Therefore, the main attention in the pre-developing period should be given to the self-determination of high school students, which is an important part of the entire period of study at the second stage of education. The author notes that procedural education in the Republic of Tajikistan is mainly organized at the senior level of educational institutions. Hence, the main problem of psychologists and teachers is to prepare students for the conscious choice of the direction of study at the second stage of secondary education. The elimination of internal contradictions, if they appear, successful education in high school, future professional activity in general, and life conditions and requirements at each age largely depend on this choice. A special place in the formation of the personality is occupied by young people, a certain part of which goes to the senior classes of general education secondary schools. At this age, a person matures physically, the fundamental characteristics of the worldview are formed, and independent self-determination of the choice of profession occurs.

**Key words**: psychological and pedagogical foundations of preschool education of students, biology, choice of teaching methods, educational institutions, future professional activity.

**Маълумот дар бораи муаллиф: :** ***Икромов Сайидаҳмад Пулодович*** **--** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи биологияи умумӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67 Телефон: **985-45-28,34**

**Сведения об авторе**: ***Икромов Сайидахмад Пулодович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры общей биологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **985-45-28,34**

**Information about the author*: Ikromov Sayidahmad Pulodovich* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of General Biology. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67. Phone: **985-45-28.34**

УДК:371.17.1

# ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БОЗӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ПЕДАГОГӢ

*Садирова Ҷ.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Мо моҳияти омодасозии донишҷӯёнро ба истифодаи технологияҳои бозӣ дар асоси консепсияи омодагии касбию педагогии таҳиякардаи А.А. Орлов баррасӣ намудем, ки дар доираи он омодагии касбию педагогии омӯзгорони оянда ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии низоми донишҳои касбии субъектҳои таълим, рушди фарҳанги методӣ, ташаккули малакаҳои асосии умумии педагогӣ дар назар дошта шудааст.

Дар раванди таълими касбӣ омӯзиши фанҳои психологӣ ва педагогӣ дар асоси оптимизатсияи робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифаннӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад.

Натиҷа ва ҳамзамон нишондиҳандаи самаранокии омодасозии донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои бозиҳо маҳорати бозикунии онҳо мебошад. Ба андешаи мо, мафҳуми салоҳият нисбат ба мафҳуми омодагӣ ба мо имкон медиҳад, ки сифати таълимро дар донишгоҳи омӯзгорӣ тавсиф кунем, дақиқтар ва боварибахштар аст. Дар муқоиса бо мафҳуми омодагӣ ба категорияи салоҳият таҷрибаи субъективии омӯзгори оянда дохил мешавад, ки ба назари мо, махсусан муҳим ба назар мерасад.

Барои баррасии раванди омодасозии омӯзгори оянда барои истифодаи самараноки технологияҳои бозӣ, таҳлили дастгоҳи категорияи омӯзиш бамаврид аст. Мафҳуми «технологияҳои бозӣ» дар чорроҳаи соҳаҳои семантикии «технологияҳои педагогӣ» ва «фаъолияти бозӣ» ҷойгир шудааст, аз ин рӯ мо генезиси категорияҳои «педагогӣ (таълимӣ)», «технологияҳои дидактикӣ», «бозӣ»-ро таҳқиқ кардем, «фаъолияти бозӣ», «бозиҳои таълимӣ », «бозиҳои дидактикӣ», «технологияҳои бозӣ».

Дар шакли умумӣ технологияи педагогӣ (таълимӣ) ҳамчун системаи фаъолияти ҳамаи ҷузъҳои раванди педагогӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси илмӣ сохта шуда, дар вақт ва фазо барномарезӣ шудааст ва бо эҳтимолияти баланд ба натиҷаҳои пешбинишуда.

Дар иерархияи технологияҳои таълимӣ, мувофиқи миқёси татбиқи онҳо, чор гурӯҳи тобеъро ҷудо кардан маъмул аст:

1. Метатехнологияҳо раванди таълимро дар сатҳи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи маориф (сатҳи иҷтимоию педагогӣ) ифода мекунанд. Инҳо технологияҳои умумии педагогӣ (умумӣ дидактикӣ, таҳсилоти умумӣ) мебошанд, ки раванди ягонаи таълимро дар кишвар, минтақа, муассисаи таълимӣ фаро мегиранд.

2. Макротехнологияҳо ё технологияҳои соҳавии педагогӣ фаъолиятро дар доираи ҳама гуна соҳаи таълим, соҳа, соҳаи таълим ё тарбия, фанни таълимӣ (сатҳҳои умумии педагогӣ ва методӣ) фаро мегиранд (масалан, технологияи таълими психологияи педагогӣ, технологияи педагогӣ таҳсилоти ҷубронӣ).

3. Мезотехнология ё технологияи модулию локалӣ – технологияи амалисозии қисмҳои (модулҳои) алоҳидаи раванди таълим ё технологияҳое мебошанд, ки ба ҳалли вазифаҳои хусусӣ, маҳаллӣ, методӣ ё таълимӣ нигаронида шудаанд (масалан:

муколама, супориш, тренинг, компютер. технологияҳо, технологияҳои азхудкунӣ, такрор ё назорати дониш).

4. Микротехнологияҳо ба ҳалли вазифаҳои маҳдуди амалиётӣ нигаронида шуда, ба ҳамкории инфиродии субъектҳои раванди педагогӣ (сатҳи тамос-шахсӣ) ишора мекунанд (масалан, технологияи ташаккули малакаи хаттӣ ва хониш, технологияи таълим барои ислоҳи сифатҳои инфиродии шахс).

Аз рӯйи миқёси татбиқ, технологияҳои бозиро метавон, ба андешаи мо, ҳамчун мезотехнологияҳо (модулярӣ-маҳаллӣ) ё микротехнологияҳое тақсим кард, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххаси амалиётӣ нигаронида шудаанд. Профессор Т. Назарова даҳ сол пеш қайд карда буд, ки дар адабиёти илмии хориҷӣ ва ватанӣ зиёда аз сесад таърифи мафҳуми «технологияи педагогӣ» мавҷуд аст. Азбаски шумораи нашрияҳо сол то сол меафзояд, табиист, ки шумораи таърифҳои муаллифони гуногун низ меафзояд. Ба гуфтаи М.В. Кларина, технологияи педагогӣ маҷмуи система ва тартиби ташаккули тамоми воситаҳои шахсӣ, асбобӣ ва методӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои педагогӣ истифода мешаванд. Технологияи педагогӣ системаи пайгирона ва ба ҳам вобастаи амали омӯзгор мебошад, ки бо истифодаи ин ё он маҷмуи усулҳои таълиму тарбия алоқаманд аст ва дар раванди педагогӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои гуногуни педагогӣ амалӣ карда мешавад (В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мишенко, Е.Н.Шиянов). Дар баробари мафҳуми технологияи педагогӣ чунин категорияҳои мушаххас, ба монанди технологияҳои дидактикӣ, таълимӣ ва ғайра васеъ истифода мешаванд.

Аксари муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки ба технологияҳои педагогӣ системаи мураттабшудаи расмиёт хос аст, ки аниқ ва пайгирона татбиқи онҳо ба натиҷаи пешбинишуда бештар ноил мегардад.

Дар байни хусусиятҳои муҳимтарини технологияҳои педагогӣ инҳоро ҷудо кардан маъмул аст: технология барои як идеяи мушаххаси педагогӣ таҳия шудааст, асоси онро мавқеи муайяни методологӣ, фалсафии муаллиф ташкил медиҳад (масалан, дониш байни сентристӣ ва фаннӣ фарқ мекунад; технологияҳои ба шахсият нигаронидашуда); занҷири технологии амалҳо, амалиётҳо, коммуникатсияҳои педагогӣ ба таври қатъӣ мувофиқи ҳадафҳо сохта мешавад (мақсад лоиҳаи натиҷаи мушаххаси пешбинишуда мебошад); технология фаъолияти бо ҳам алоқаманди омӯзгор ва донишҷӯёнро таъмин мекунад, принсипҳои фардикунонӣ, дифференсиатсия, ба кор андохтани захираҳои оптималии меҳнатӣ ва техникӣ ба назар гирифта шаванд; унсурҳои технологияи педагоги бояд, аз як тараф, аз тарафи ҳар як муаллим такроршаванда бошанд, аз тарафи дигар, эҳтимолияти баланди ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишударо (мувофиқи стандарти давлатӣ) кафолат диҳанд. Қисми органикии технологияи педагогӣ расмиёти ташхисӣ мебошад, ки меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, инчунин воситаҳои ченкунии натиҷаҳои фаъолияти тарбиявиро дар бар мегирад.

Технологияи педагогӣ бо ҷиҳатҳои зерин фарқ карда мешавад:

– муқаррар намудани мақсадҳои ташхисии таълимӣ, ки бо «амалҳои мушоҳидашудаи» хонандагон ифода ёфтаанд;

– имконияти такрористеҳсоли давраи таълимӣ;

– мавҷудияти фикру мулоҳиза ва истифодаи назорати марҳилавӣ ба динамикаи ташаккули дониш, малака, усулҳои фаъолият, салоҳият, хусусиятҳои шахсӣ ва ғайра;

– имкони татбиқи ислоҳоти мақсаднок дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим;

– баҳодиҳии ниҳоии натиҷаҳо, таҳлили онҳо ва муайян намудани мақсадҳои нав.

Ҳангоми таҳия ва татбиқи технологияи педагогӣ бояд ба назар гирифт, ки он бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

– консептуалӣ: асоси ҳар як технологияи таълимӣ мафҳуми муайяни илмӣ, назарияест, ки ба шумо имкон медиҳад асосҳои фалсафӣ, равонӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ барои ҳадафҳои гузошташуда дода шавад;

– муттасалӣ ва якпорчагӣ: мантиқи муайяни раванди татбиқи ин технология, робита ва вобастагии ҳама ҷузъҳои он аст;

– идорашавандагӣ: имконияти муайян кардани ҳадафҳои ташхисӣ, банақшагирӣ, тарҳрезӣ ва ислоҳ дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим;

– самаранокӣ: ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланд ҳангоми истифодаи захираҳои оптималӣ, кафолати муайяни натиҷаҳое, ки ба стандартҳои таълимӣ мувофиқанд;

– такроршавандагӣ: имконияти истифодаи бомуваффақияти ин технология аз ҷониби муаллимони гуногун дар муассисаҳои таълимии шабеҳ.

Барои технологияҳои педагогӣ, ки ба рушди субъективии хонандагон нигаронида шудаанд, хусусиятҳое, ба монанди чандирӣ, тағйирпазирӣ ва мутобиқшавӣ махсусан муҳимманд. Хусусияти муҳимми технологияи педагогӣ динамизми он низ мебошад: табдилдиҳии технология дар фазои тағйирёбандаи таълим тавре сурат мегирад, ки ҳадди аксар татбиқи иқтидори он таъмин карда шавад.

Ҳангоми таҳлили технологияҳои бозӣ мо ба технологияҳои ба шахсият нигаронидашудаи антропосентрикӣ, ки шахсияти донишҷӯро дар маркази системаи таълимӣ гузошта, шароити мусоид ва бехатарро барои рушди ӯ ва татбиқи иқтидори табиии ӯ фароҳам меорад, диққати махсус додем. Шахсияти донишҷӯ дар ин технология на танҳо фан, балки як мавзуи афзалиятнок низ мебошад; он мақсади системаи таълимӣ аст, на воситаи расидан ба ягон мақсади абстрактӣ (мисли технологияҳои авторитарӣ ва дидактикӣ, марказӣ). Мувофиқи танзимоти мақсаднок, технологияҳои бозӣ ба гурӯҳи шахсият нигаронидашуда, антропосентрикӣ тааллуқ доранд, онҳо бо самти гуманистӣ ва психотерапевтӣ фарқ мекунанд ва ба рушди хусусиятҳои субъективии шахсият нигаронида шудаанд.

Технологияҳои бозиро, инчунин, метавон ба гурӯҳи технологияҳои ҳамкорӣ мансуб донист, зеро онҳо муносибатҳои демократӣ, шарикии байни омӯзгорон ва донишҷӯён, ҳамоҳангсозии якҷояи ҳадаф, мундариҷа, қоидаҳо, тартиби фаъолияти бозӣ, иштирок дар инъикоси гурӯҳро дар бар мегиранд.

Дар таҳсилоти касбӣ истилоҳи «технологияи ба касб нигаронидашуда» низ истифода мешавад. Як зумра муҳаққиқон «технологияи касбӣ»-ро технологияе мешуморанд, ки барои ташаккули хислатҳои шахсияти донишҷӯёни донишгоҳ, барои фаъолияти ояндаи касбии онҳо аҳамият дорад; гирифтани донишҳои бунёдӣ, байнисоҳавӣ ва махсус, ташаккули малака, салоҳиятҳое, ки иҷрои вазифаҳои функсионалии аз рӯйи ихтисоси интихобшуда пас аз хатми донишгоҳро таъмин мекунанд.

Татбиқи технологияҳои ба касб нигаронидашуда дар раванди таълими донишгоҳ инҳоро дар бар мегирад:

— ноил шудан ба максадҳои бамиёнгузошташуда оид ба тайёр кардани мутахассисони оянда, ба инкишофи бошууронаи мазмуни касбии таълим фаъолона ҷалб намудани донишҷӯён;

– таъмини ангезаи зарурии иҷтимоию маърифатӣ, ташаккули низоми арзишҳои касбӣ;

- ташаккули шахсияти хонандагон ҳамчун омӯзгори оянда.

Технологияи ба касби нигаронидашуда ҳамчун системаи интегралии дидактикӣ ба ҳисоб меравад, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки масъалаҳои педагогии ба касб нигаронидашударо самараноктар бо сифати кафолатнок ҳал намояд.

Мақсади асосии тарҳрезӣ ва сохтани технологияи ба касбӣ нигаронидашуда аз ҷониби омӯзгори донишгоҳ фароҳам овардани муҳити махсуси таълимӣ мебошад, ки имкон медиҳад дар доираи фанни таълимӣ ҳамкории педагогии субъектҳои раванди таълимро пурзӯр намуда, бомуваффақият ноил шудан ба ҳадафҳои педагогии педагогиро таъмин намояд. Муҳити таълим мундариҷаи ба фанни касбӣ нигаронидашуда мебошад, ки ба талаботи стандартҳои давлатии НРЕ ва талаботи тахассусӣ барои тайёр кардани мутахассиси дорои профил ва сифати муайян дар донишгоҳ мувофиқат мекунад.

Ҳангоми тарҳрезӣ ва сохтани технологияҳои ба касб нигаронидашуда тавсия дода мешавад, ки принсипҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

-низомнокӣ, якпорчагӣ, ки мутобиқи он технология бояд дар шакли ҳамгирошуда системаи ҳадафҳо, усулҳо, воситаҳо, шаклҳо ва шароити аз ҷиҳати касбӣ нигаронидашударо ифода намояд;

- такрористеҳсолкунӣ, яъне такрористеҳсоли технология бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити махсуси ба касб нигаронидашудаи таълим ноил шудан ба ҳадафҳои таълимиро кафолат медиҳад;

- мутобиқсозии раванди таълим ба шахсияти донишҷӯ бо назардошти хусусиятҳо, ниёзҳо, имкониятҳо, дархостҳои ӯ;

- контекстӣ, яъне омӯзиш, аз як тараф, ҳадафҳои мушаххаси барои донишҷӯён ҳаётан муҳимро пайгирӣ намуда, ба иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсияти онҳо нигаронида шуда бошад, аз тарафи дигар, бо дарназардошти хусусиятҳои касбӣ, иҷтимоии, фаъолияти ҳаррӯзаи донишҷӯён ва омилҳои фазоӣ, вақтӣ, касбӣ, маишӣ (шароити онҳо);

- актуалии натиҷаҳои таълим, яъне бевосита дар амалия татбиқи дониш, маҳорат, салоҳиятҳои андӯхтаи донишҷӯён, татбиқи хислатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимтарини шахсият.

Технологияҳои бозӣ, ки дар таҳсилоти олии касбӣ ва педагогӣ истифода мешаванд, ба гурӯҳи технологияҳои касбӣ нигаронидашуда дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, принсипҳои дар боло баррасишуда дар раванди татбиқи вариантҳои гуногуни технологияҳои бозӣ (нақшбозӣ, тиҷорат, симулятсия) табиатан муҳиманд.

Дар фаъолиятӣ педагоги амали омили субъективии шахсиятро истисно кардан мумкин нест. Норавшанӣ, баъзе тағйирёбӣ хусусиятҳои фарққунандаи технологияи педагогӣ мебошанд: муваффақияти татбиқи технологияҳои муайян бештар аз сатҳи технологияи педагогии муаллим муайян карда мешавад. Техникаи педагогӣ маҷмуи маҳоратҳои субъективӣ, шахсӣ, салоҳиятҳое мебошад, ки барои истифодаи самараноки технологияи педагогӣ, интихоб ва мутобиқсозии системаи усулҳо, воситаҳо, усулҳои таъсири педагогӣ заруранд. Сохтори техникаи педагогӣ инҳоро дар бар мегирад: малакаҳои нутқии ифодаи мимикӣ ва пантомӣ, салоҳиятҳое, ки бо

идоракунии ҳолати руҳии шахс, нигоҳ доштани шиддати эҳсосӣ ва эҷодӣ алоқаманданд. Техникаи педагогӣ дар омода кардани омӯзгори оянда ба татбиқи технологияҳои бозӣ аҳамияти зиёд дорад. Донистани асосҳои технологияи педагогӣ шарти зарурии татбиқи самараноки технологияҳои педагогӣ мебошад.

Баррасии технологияҳои бозӣ ҳатман мурочиат ба майдони семантикии бозиро талаб мекунад. Падидаи бозӣ ниҳоят мураккаб ва гуногун аст. Олими машҳури Голландия Йохан Ҳуйзинга моҳияти бозиро ҳамчун "амале, ки дар ҳудуди муайяни вақт, фазо ва маъно бо тартиби ошкор, тибқи қоидаҳои ихтиёрӣ қабулшуда, берун аз доираи фоида ё зарурат ба амал меояд ... амали бозӣ боиси хурсандӣ ва истирохат мегардад».

Мафҳуми «бозӣ» яке аз мавзӯъҳои пуриқтидортарин ва номуайян аст: Энсиклопедияи педагогии Русия бозӣ ва фаъолияти бозиро мафҳумҳои синонимӣ шуморида, бозиро ҳамчун «яке аз фаъолиятҳои хосси одамон ва ҳайвонот» муайян мекунад.

Дар баробари ин, бозӣ, бо тамоми хусусиятҳои худ, дорои хусусиятҳои умумӣ барои дигар фаъолияти инсон аст: мақсаднокӣ, огоҳӣ, объективист ва тамоюли табдилдиҳанда. Барои омӯзгор махсусан муҳим аст, ки дар бозӣ эҳсосот, хоҳишҳо, ақидаҳо воқеият доранд. Дар дарки назариявии бозӣ ҳамчун фаъолият аҳамияти калон дорад асари классикии Л. Выготский «Бозӣ ва нақши он дар инкишофи рӯҳии кӯдак». Барои раванди таълим муҳим аст, ки бозӣ фазои иҷтимоишавии дохилии кӯдак, воситаи азхудкунии муносибатҳои иҷтимоӣ бошад.

И.С. Кон дар бозӣ модели умумишудаи ташаккули одамро мебинад, «ман»-и ӯро ҷамъ мекунад, дар бозӣ равандҳои «худмуайянкунӣ, худфикркунӣ, худтаъкидкунӣ ва худсохтшавӣ» ба амал меоянд. Механизмҳои психологии фаъолияти бозӣ ба эҳтиёҷоти асосии шахс дар ифодаи худшиносӣ, худшиносӣ, худмуайянкунӣ, худтанзимкунӣ, худшиносӣ асос ёфтаанд. Бозӣ ҳамчун як сохтори махсуси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа метавонад фармоишҳои муайяни иҷтимоиро иҷро кунад.

Бозӣ ҳамчун як намуди фаъолияти инсон бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад:

– бозӣ - як намуди фаъолият;

– бозӣ қодир аст, ки дигар намудҳои фаъолияти инсониро дубора эҷод кунад;

– мақсади бозӣ на дар натиҷаҳо, балки дар худи раванд аст.

Аксари бозиҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

– фаъолияти озоди инкишофдиҳандае, ки аз рӯйи хоҳиш ба хотири лаззат бурдан аз худи раванди фаъолият сурат мегирад, на танҳо аз натиҷа (хушнудии расмӣ);

– эҷодӣ хусусияти ин фаъолият асосан импровизатсия, (мавҷудияти «майдони эҷодкорӣ»);

– болоравии эмотсионалии фаъолият, рақобат, рақобатпазирӣ, ва ғ.; (ба гуфтаи С.А. Шмаков, «фишори эмотсионалӣ»);

– мавҷудияти қоидаҳои мустақим ё ғайримустақим, ки мундариҷаи бозӣ, пайдарпайии мантиқӣ ва вақти инкишофи онро инъикос мекунанд.

С. Гессен таъкид мекунад, ки «бозӣ маҳз як фаъолияти ба давраи кӯдакӣ хос ва зиёда аз он, фаъолиятест, ки ниҳоят монданашаванда, қариб бидуни таваққуф аст».

О.С. Газман қайд намуд, ки фаъолияти бозӣ инкишофи шахсияти кудакро таъмин намуда, ҳамчун муҳимтарин воситаи азхудкунии олами объективӣ ва

таҷрибаи муносибатҳои одамон баромад мекунад. Олим таъкид мекунад, ки «бозӣ ҳамеша дар ду андозагирии вақт – ҳозир ва оянда ҳамзамон амал мекунад. Он аз як тараф, шодӣ мебахшад, барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти воқеии кӯдак хизмат мекунад, аз тарафи дигар, хамеша ба оянда нигаронида шудааст, зеро он ё баъзе ҳолатҳои ҳаётиро намунаи ибрат нишон медиҳад, ё хусусиятҳо, сифатҳо, ҳолатҳо, маҳорат, малакаҳои зарурии шахсияти кӯдак барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ, касбӣ, эҷодӣ.

Дар бозӣ дарки амиқи ҷаҳони атроф мавҷуд аст, ки робитаи онро бо ниёзҳо ва ангезаҳои кӯдакон тасдиқ мекунад. Бозӣ ҳамчун мактаб барои ба амал баровардани қариб ҳамаи имкониятҳои бача ва аз бисёр ҷиҳат одами калонсол мухтор ва арзишманд аст. Бозӣ маҷми роҳҳои муошироти кӯдак бо муҳити зист, бо ҷаҳон, омӯхтани он ва пайдо кардани ҷой худ дар он аст.

Як қатор муҳаққикон бозии аз ҷиҳати педагогӣ ташкилшударо шакли «ташкили таълим, тарбия ва инкишофи шахсият, ки муаллим дар асоси фаъолияти ба мақсад мувофиқ ташкил кардашудаи талабагон ба амал мебарорад, дар ибтидо барои муваффақ шудан ҳавасманд карда мешавад. аз рӯйи сенария ва қоидаҳои махсус тартиб додашуда ба амал бароварда мешавад, то ҳадди имкон ба худидоракунии талабагон такя мекунад; таҷрибаи фаъолият ва муошироти инсониро аз нав эҷод ва модел месозад».

Бозиҳои дидактикӣ таърихи бой доранд. Бозиҳое, ки ба таълими кӯдакон, ба навиштан ва ҳисоб кардан нигаронида шудаанд, дар системаҳои гуногуни инсонпарварӣ таҳия шудаанд. Агар ба ин равия пайравӣ кунем, мебинем, ки бозиҳо як шакли раванди таълим, усул, техника, воситаҳои он шуда метавонанд.

Бозиҳо барои фаъолияти касбӣ ва таълимӣ аҳамияти махсус доранд ва омӯзиши фаъолияти бозӣ барои санъати педагогӣ хеле муҳиманд.

Дар раванди педагогӣ бозӣ ҳамчун як падидаи педагогӣ амал мекунад: ҳамчун омили иҷтимоӣ, ҳамчун воситаи тарбия ва ислоҳ, ҳамчун шакли ташкили фаъолият, ҳамчун усули таълим, ҳамчун роҳи тағйир додани мавқеи шахс дар як гурӯҳи ҳамсолон. Дар раванди инкишофи психикии шахс намудҳои алоҳидаи фаъолияти репродуктивӣ, ки аз худ карда мешаванд, маҳдуд шуда, асоси намудҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолӣ мегарданд.

Баръакси бозиҳои умумӣ, бозии педагогӣ дорои хусусиятҳои муҳим - ҳадафи аниқ муайяншудаи омӯзиш ва натиҷаи педагогии ба он мувофиқ буда, метавонад асоснок карда шавад, возеҳ муайян карда шавад ва бо самти тарбиявӣ ва маърифатӣ тавсиф карда шавад. Аз ин рӯ, ба бозиҳои аз ҷиҳати педагогӣ ташкилшуда татбиқ намудани мафҳуми «технологияҳои бозӣ» комилан оқилона ва ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад. Муносибати технологӣ ба бозии аз ҷиҳати педагогӣ ташкилшуда ин категорияро равшантар, возеҳтар мекунад, сарҳад ва шароити татбиқи онро муайян мекунад.

Хусусиятҳои технологияҳои бозӣ бо хусусиятҳои умумии технологияҳо алоқаманданд: дар асоси ташхис гузоштани ҳадафҳои бозӣ; марҳилавӣ, алгоритмӣ, такроршаванда, дараҷаи муайяни натиҷаҳои кафолатнок. Доираи технологияҳои мушаххаси бозӣ, ки дар мактаби олии касбӣ истифода мешаванд, хеле васеъ буда, дидактикӣ, тиҷоратӣ, моделиронӣ, нақшбозӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Ҳар як тағйироти бозӣ дорои ҳадафи худ, хусусиятҳои ташкил, рафтор ва ислоҳ мебошад.

Технологияҳои бозӣ гузоштани ҳадаф, тарҳрезӣ, ташкил, ислоҳи идеяи аслӣ, инъикосро дар бар мегиранд. Вазифаи дидактикӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои

гуногуни бозӣ аксар вақт тавассути вазифаи бозӣ амалӣ карда мешавад: дар ин ҳолат, дониш бидуни фишори зиёди зеҳнӣ аз рӯйи вазъият аз худ карда мешавад. Муносибати байни хонандагон ва муаллимро на тарбиявӣ, балки вазъияти бозӣ муайян мекунад. Технологияҳои бозӣ имкониятҳои тарҳрезӣ ва ҳалли мушкилотро ба таври назаррас васеъ мекунанд, ба фароҳам овардани фазои эътимоди мутақобила, ҳамкории педагогӣ ваислоҳи мақсадноки рафтори муаллими оянда мусоидат мекунанд.

Имкониятҳои технологияҳои бозӣ дар маҷмӯи вазифаҳои асосии онҳо ифода мешаванд: ташхис, таълим, инкишоф, тарбияткунанда, ҳавасмандкунӣ, коммуникативӣ, ташкилӣ, ислоҳӣ, истироҳат, иҷтимоӣ ва ғайра.

Вазифаи тарбиявии бозӣ аз интиқоли дониш, усулҳо, роҳҳо, воситаҳои фаъолияти касбии оянда иборат аст. Таъсири тарбиявии бозӣ, инчунин, бо ташкили муҳокима, бо инъикоси амали иштирокчиён вобаста аст. Бозӣ таҷрибаи субъективии донишҷӯёнро ҷамъоварӣ ва ғанӣ мегардонад, ки он ба фаъолиятиояндаи касбӣ низ интиқол дода мешавад.

Таҳлили вазифаҳои инкишофёбандаи бозӣ нишон дод, ки бозӣ ба ташаккули чунин сифатҳо, ба монанди хаёлот, тафаккури хаёлӣ таъсир мерасонад, соҳаи ҳавасмандии зарурии шахсият; шавқу ҳаваси маърифатӣ, қобилияти бадеӣ мусоидат менамояд. Функсияи тарбиявии бозӣ аз имкони ташаккули хислатҳои гуногуни шахсият дар вазъияти бозӣ иборат аст: хайрхоҳӣ, таҳаммулпазирӣ, самти башардӯстона, масъулият ва ғайра. Функсияҳои бозӣ бо ҳам алоқаманданд, ягонагиро ташкил медиҳанд, ки шарти асосии таъсири самарабахш ба рушди шахсияти бозигар мебошад.

Татбиқи технологияҳои бозӣ дар мактаби олии касбӣ ба иҷрои чунин вазифаҳо мусоидат мекунад:

- ташхис ва худшиносии хонандагон дар рафти бозӣ;
- ҳавасмандкунӣ ва ҳавасмандгардонии интихоби касб;
- худшиносӣ дар бозӣ;
- инкишоф ва ислоҳи сифатҳои шахсӣ ва аз ҷиҳати касбӣ муҳим;
- андӯхтани таҷрибаи аз ҷиҳати касбӣ муҳим;
- ғанӣ гардонидани тасаввуроти хонандагон дар бораи касби оянда;
- ҷуброни камбудиҳо дар дониш, салоҳият, малака;
- функсияи ба арзиш нигаронидашуда;

— ислоҳи рафтор, фаъолияти хонандагон;

- истироҳат.

Дар мактаби олии касбӣ бозӣ муҳимтарин воситаи дарк, аз худ намудани воқеияти касбии оянда аз ҷониби донишҷӯён, пурра кардани он бо мазмуну арзишҳои нав мебошад, ки ба ақидаҳои шахс дар бораи меъёр ва меъёрҳои касби интихобкарда мувофиқ аст. Истифодаи технологияҳои бозӣ барои ислоҳи мақсадноки сифатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ зарурӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Татбиқи технологияҳои бозӣ дар мактабҳои олӣ метавонад ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат намояд: -ташаккули ангезаҳои маърифатӣ ва иҷтимоии касбӣ;

- тарбияи тафаккури систематикии комплексии муаллими оянда, аз ҷумла дарки ҳаматарафаи ҷамъият, рисолати муаллим, мавқеи ӯ дар ҷаҳон;
- интиқоли назари ҳамаҷониба дар бораи моҳияти фаъолияти касбӣ, нақш, вазифаҳои омӯзгор, хусусиятҳои худшиносӣ дар касб;

- ташаккули муносибати эмотсионалӣ ва арзишӣ ба фаъолияти касбӣ, аз ҷумла ба технологияҳои бозӣ. Фароҳам овардани шароит барои муайян кардани шахсият;

- ташаккули салоҳиятҳои муошироти иҷтимоӣ, малакаҳои ҳамоҳангсозӣ ва қабули қарорҳои муштарак;

- тарбия намудани муносибати масъулиятнок ба соҳибкорӣ, эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоӣ ва касбӣ;

- омӯзиши усулҳои тарҳрезӣ ва моделсозӣ.

**Муқарриз: Котибова Ш. – н.и.п., дотсенти ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллина, О. Тайёрии умумии педагогии муаллим дар системаи маорифи педагогӣ / О.А. Абдуллина. – М.: Равшанфикр, 1990.
2. Абулхонова, К. Шахсият дар шароити набудани муошират К.А. Абулхонова // Тарбияи мактаббачагон. - 2000. - № 10.
3. Абулханова-Славская, К. Стратегияи зиндагӣ / К.А. Абулхонова - М.: Андеша, 1994.
4. Адакин, Е. Назария ва методологияи рушди иқтидори эҷодии донишҷӯёни донишгоҳҳо: Реферат рисолаи илмии доктори илмҳои пед. / Е.Е. Адакин. - Кемерово, 2006 - 46 с.
5. Адолф, В. Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор: / В.А. Адолф. – М., 1998. – 48 с.
6. Адольф, В. Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда / В.А. Адольф // Педагогика. - 1998. - № 1.
7. Аксенова, Г.И. Психология ва педагогикаи ташаккули субъект / Г.И. Аксенова - М.: Рязан: RINFO, 1999. - 210 с.
8. Аксенова, Г. Ташаккули мавқеи субъективии омӯзгор дар раванди тайёрии касбӣ: / Г.А. Аксенова. - М., 1998.- 43 с.
9. Ананиев, В.Г. Дар бораи шахс ҳамчун объект ва субъекти тарбия // Асарҳои мунтахаби равоншиносӣ: Дар 2 ҷилди V.2. – М., 1980.
10. Андреев, В.И. Педагогика: курси омӯзишӣ барои рушди худидоракунии эҷодӣ / В.И. Андреев. - Нашри 2. - Қазон: Маркази инноватсия, технологияҳо, 2000 - 608с.
11. Асмолов, А.Г. Шахсият ҳамчун предмети тадқиқоти равоншиносӣ / А.Г. Асмолов. – М., 1984.
12. Байкова, Л. Технологияи фаъолияти бозӣ: китоби дарсӣ / Л.А. Байкова, Л. Гребенкина, О.В. Еремкин. - Рязан: Нашриёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Русия, 2005. -120 с.
13. Балакирева, Е.И. Фаъолияти таълимӣ-бозӣ ҳамчун воситаи ташаккул ва рушди шахсияти эҷодии донишҷӯ: Дис. ном. Илмҳои педагогӣ / Е.И. Балакирева. -Саратов, 1996.
14. Бездухов, В.П. Проблемаҳои назариявии ташаккули салоҳияти педагогии омӯзгор / В.П. Бездухов. - Самара, 2001.
15. Бедерханов, В.П. Имкониятҳои таълимии бозиҳои таълимӣ ҳамчун яке аз моделҳои омӯзиши мутамарказ / В.П. Бедерханова // Технологияҳои мактаб. - 2003. - № 2. - С. 137-139.
16. Белянкова, Н. На танҳо ... / Н.Белянкова, К.Чунаева // Тарбияи мактаббачагон. - 2002. - № 7. - С. 19-21.
17. Бердяев, Н. Дар бораи таъини шахс / Н.А.Бердяев – М. .: Республика, 1993 - 383 с.
18. Березовская, Т.В. Бозӣ ҳамчун воситаи худшиносии хонандагони калонсол: / Т.В. Березовская. - Якутск, 1999.


## ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БОЗӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ПЕДАГОГӢ


Дар мақола омодагии донишҷӯён ба истифодаи технологияҳои бозӣ ҳамчун раванди ташаккули системаи донишҳои психологӣ, педагогӣ, методӣ, инчунин байнисоҳавӣ дар байни хатмкунандагони ихтисоси омӯзгорӣ, ташаккули малака, малакаҳои умумӣ ва махсус, салоҳиятҳо, усулҳои фаъолият, ташаккули муносибати арзишӣ-маъноии онҳо ба бозиҳои гуногун, ҷамъоварӣ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи шахсии субъективии истифодаи технологияҳои бозӣ баррасӣ шудаанд.


– технологияи бозиҳое, ки дар таҳсилоти олии касбӣ ва педагогӣ истифода мешаванд, ба гурӯҳи технологияҳои касбӣ нигаронидашуда дохил мешаванд. Технологияҳои бозиро, инчунин, метавон ҳамчун технологияҳои ҳамкорӣ тасниф кард, зеро онҳо муносибатҳои демократӣ ва шарикии байни омӯзгор ва донишҷӯёнро дар бар мегиранд. Онҳо инчунин фаъол (интерактивӣ) мебошанд, зеро онҳо ба ҳамкории субъектҳои баробарҳуқуқи раванди таълим нигаронида шудаанд.

Доираи технологияҳои мушаххаси бозӣ, ки дар мактаби олии касбӣ истифода мешаванд, хеле васеъ аст, аз ҷумла бизнес, моделиронӣ, нақшбозӣ,тиҷоратӣ ва ғайра. Ҳар як тағйироти бозӣ дорои мақсади худ, хусусиятҳои ташкил, рафтор ва ислоҳ аст.

**Калидвожаҳо:**

**ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ТЕХНИКИ ДЕЛОВОЙ ИГРЫ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА**

В статье рассмотрено использование игровых технологий как процесса формирования системы психолого-педагогических, методических, а также междисциплинарных знаний у выпускников педагогической профессии, формирование умений, общих и специальных умений, компетенций, способов деятельности, формирование их ценностно-смыслового отношения к различным играм, сбор и обогащение личного субъективного опыта использования игровых технологий. Игровые технологии, используемые в профессионально-педагогическом высшем образовании, входят в группу профессионально-ориентированных технологий. Игровые технологии также можно отнести к совместным технологиям, поскольку они предполагают демократические и совместные отношения между учителем и учениками. Они также активны (интерактивны), поскольку направлены на сотрудничество, взаимодействие равноправных субъектов образовательного процесса.Спектр конкретных игровых технологий, используемых в высших профессиональных учебных заведениях, очень широк, включая деловые, симуляционные, ролевые, коммерческие и др. Каждая смена игры имеет свою цель, особенности организации, поведения и коррекции.

**Ключевые слова:** высшее профессионально-педагогическое образование, игровые технологии, использование игровых технологий,

**PREPARATION OF FUTURE TEACHERS TO USE THE TECHNIQUE OF THE BUSINESS GAME AS A PEDAGOGICAL PROBLEM**

The article considers the use of gaming technologies as a process of forming a system of psychological, pedagogical, methodological, as well as interdisciplinary knowledge among graduates of the pedagogical profession, the formation of skills, general and special skills, competencies, methods of activity, the formation of their value-semantic attitude to various games, the collection and enrichment of personal subjective experience of using gaming technologies. Game technologies used in professional pedagogical higher education are included in the group of professionally oriented technologies. Play technologies can also be classified as collaborative technologies as they involve a democratic and collaborative relationship between teacher and students. They are also active (interactive), since they are aimed at cooperation, interaction of equal subjects of the educational process. The range of specific gaming technologies used in higher professional educational institutions is very wide, including business, simulation, role-playing, commercial, etc. Each game change has its own purpose , features of organization, behavior and correction.

**Key words**: higher professional and pedagogical education, game technologies, use of game technologies,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Садирова Ҷамила -*** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи педагогика, психология ва рақобатшиносӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **907227273** E-mail: **Jamilasadirova9@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Садирова Джамила –*** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры педагогики, психологии и конкурентоспособности. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3. Телефон: **907227273** E-mail: **Jamilasadirova9@gmail.com**

**Information about the author: Sadirova Jamila** - Dangara State University, applicant for the Department of Pedagogy, Psychology and Competitiveness. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipov street 3. Phone: **907227273** E-mail: **Jamilasadirova9@gmail.com**

УДК:372.840

# ВАЗИФАҲОИ ПЕШБАРАНДАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВИВУ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН

*Неъматов Р.Ҳ.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии насли ҷавон дар кишвари мо, ки дар раванди ҳамгирой ба ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, муҳим аст. Таъсири хурдафарҳангҳои (subculture) насли ҷавон, ки аз арзишҳои умумиинсонии маънавиву ахлоқӣ, мероси фарҳангӣ ва миллии чандинасраи халқи тоҷик комилан дур мондаанд, ба ҷавонони донишҷӯ торафт бештар аён мегардад. Маҳз ҳамин нукта омӯзгорони муосирро водор месозад, ки шинохту эҳтироми арзишҳои маънавию ахлоқиро дар раванди рушд додани шахсияти ҳар яке аз донишҷӯён ташаккул диҳанд. Зарурати такя кардан ба фарҳангу тамаддун ва расму ойини тарбияи миллӣ дар як қатор санадҳои меъёрӣ, барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ аз қабили «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ва ғайра муқаррар карда шудааст.

Шубҳае нест, ки тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон ба манфиатҳои миллии давлати мо тааллуқ дорад. Аз ҳамин ҷост, ки вазифаи ҳайати омӯзгорони донишгоҳҳо аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён маҳорат ва тавоноии дар асоси арзишҳои ахлоқӣ, дар ҳамоҳангӣ бо ҷомеа ва ҷаҳони гирду атрофашон ҳамкорӣ карданро биомӯзанд. Чунин модели таълим бояд ба фароҳам овардани шароит барои рушди шахсият, худшиносии шахс мусоидат намояд. Дар шароити муосир нақши донишгоҳ дар ташаккули шахсияти арзишмеҳвар, хушахлоқ ва бофарҳанг муҳим аст. Ҷавонони донишҷӯ дар асоси зуҳуроти мусбат ва манфӣ бояд сатҳи фаъолияту рафтори инкишофи худро муайян карда тавонанд. Дар замони ҳозира номукаммалии арзишҳои шахсии маънавию ахлоқии ҷавонон ба мушоҳида мерасад, аз ин рӯ, мушкилоти баланд бурдани сатҳи ахлоқиву маънавии ҷавонон ҳалли фаврии худро тақозо мекунад.

**Албатта, о**мӯзиши мавзуи тарбияи маънавию ахлоқии насли ҷавонро файласуфон, равоншиносон ва педагогон анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯро мустақим ё бавосита ошкор намудаанд.

Инкишофи маънавии шахсият мавзуи тадқиқотии педагогика ва психологияи ватанӣ гардидаанд. Асосҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар осори М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Каримов, Қ.Қодиров, М.Орипов, А. Паҳлавонов, А. Нуров, Ҳ. Каюмова, Д. Шарифова, Ғ. Гулмадов то андозае коркард шудаанд.

Педагогика масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯро яке аз масъалаҳои пешбаранда медонад, зеро тарзи муайян кардани арзишҳо, дарк намудани моҳияти «Ман»-и худ, дар тамоми ҳаёти инсон таъсири назаррас мегузорад.

Масъалаи тарбияи маънавию ахлоқӣ зинавӣ буда, зинаҳои мутлақ, шаҳрвандӣ, хешовандӣ ва шахсиро дар бар мегирад ва бо муносибати инсон ба Офаридгори худ, ба одамони дигар ва шахсияти худаш алоқамандӣ дорад. Барои Тоҷикистон, ки дар шароити эҳёи маънавиву ахлоқӣ карор дорад, рушди мутаносиби равониву ҷисмонии ҷавонон аз муҳимтарин вазифаҳои соҳаи маориф мебошад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ аз мавҷудияти хеле зиёди андешаҳои назариявӣ оид ба маънавият, ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ гувоҳӣ медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба асарҳои илмии файласуфон, равоншиносон, омӯзгорон ба тафсирҳои гуногуни мафҳуми маънавият дучор мешавем. Масалан, дар тафсири Рахимова С [5, с. 18] маънавият сифат, арзиш, дастоварди олии худи шахс аст, зеро мақсади олӣ на иқтисодӣ, на иҷтимоӣ, балки маънавӣ мебошад.

Н. Сайфуллоева ва Ш. Шоисматуллоева маънавиятро хислати хоси инсонӣ медонанд, ки «дар ҷаҳони пурғановати маънавии шахс, донишмандӣ, ниёзҳои зеҳнӣ ва эҳсосӣ, хушахлоқии ӯ зоҳир мешавад» [10, с. 84]. Тавакалова М. қайд мекунад, ки маънавият берун рафтан аз доираи манфиатҳои худхоҳона, суди шахсӣ ва таваҷҷӯҳ кардан ба фарҳанги ахлоқии инсониятро дар бар мегирад [2, с. 23].

О. Вишневский [2, с.101] маънавиятро бо амале, ки «ба рушди худшиносӣ нигаронида шудааст, инсонро Инсон месозад, одамияти ӯ ро нигаҳ медорад, мепайвандад».

Ба ақидаи Д. Авакова [1, с. 22] «маънавият фаъолияти бошууронаи рӯҳи инсонро дар бар мегирад, ки инсонро ба идеали некӣ, ба он чизе, ки ӯ ро баланд мекунад, наздик месозад».

О. Вишневский [2, с. 45] маънавиятро дараҷаи олии арзишҳои мутлақ дониста, онро бо роҳи инсон ба сӯи Худо, таваҷҷуҳи ӯ ба риояи фармудаҳои Худо дар зиндагӣ мепайвандад.

Маънавият, ба гуфтаи В. Слободчиков [7, с. 66], «як навъ ҳолати зеҳнӣ, ҳассосӣ, эҳсосии шахс аст, ки дар рафтор ва фаъолияти мусбати шахс зоҳир мешавад ва якпорчагии ӯ ро ҳамчун шахсият тавсиф мекунад».

Ҳамин тариқ, бо назардошти андешаҳои олимон қайд мекунем, ки маънавият фарҳанги ахлоқии башарият аст, эҳёи маънавият бошад, бо ташаккули ҳаёти маънавӣ ва ҷисмонии ҷавонон дар асоси арзишҳои мутлақ, ки фарҳанги миллиро пур мекунанд, алоқаманд аст. Ва тарбияи маънавию ахлоқӣ ба қонуни ахлоқии умумибашарӣ, ки аз сарчашмаҳои маънавии фарҳанги ҷаҳонӣ – китобҳои муқаддаси динӣ, осори бузургон, пажӯҳишоти фалсафиву ахлоқӣ ва ғ. иборатанд, асос меёбад. Албатта, бояд тазаккур дод, ки тарбияи миллии ахлоқу маънавият дар ин самт бояд пешоҳанг бошад.

Таҷрибаи бисёр кишварҳои ҷаҳон ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки гарави шукуфоии ҳар як миллат соҳаи солими маънавии он аст, зеро маънавияти баланд шахсро ба камол мерасонад. Аз маънавият махрум кардани мардум боиси паҳн шудани ноумедӣ, бемаънавиятӣ, бадахлоқӣ, афзоиши ҷиноят, бадбинӣ ва фиребгарӣ, кинаҷӯӣ мегардад.

Категорияи «ахлоқ» ҳамчун «системаи арзишҳо, принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор ва фаъолияти одамон, ки муносибатҳои байни онҳоро дар асоси инсонпарварӣ танзим мекунад» [10, с. 97] маънидод карда мешавад. Идеал ва меъёрҳои ахлоқиро дар тӯли асрҳо ҳар як миллат офарида, онҳо дар таҷрибаи рафтору муносибатҳо тасдиқ ва такмил ёфтаанд. Ҳоло бештар ва бештар таъкид мешавад, ки хусусиятҳои давраҳои гуногуни таърихӣ ба ташаккули ақидаҳои муайяни ахлоқӣ, қоидаҳои рафтор, идеалҳои тарбиявӣ дар ташаккули ахлоқии шахсият таъсир расонидаанд.

Мафҳуми «тарбия» дар адабиёти педагогӣ ба маънои васеъ ва танг истифода мешавад. Тарбия ба маънои васеъ ҳамчун таълим, раванди ташаккули шахсият ва омода намудани он ба иштироки фаъолона дар ҳаёти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маънидод карда мешавад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ, шахсияти ахлокӣ, инкишофи завқӣ, инкишофи ҷисмонӣ маънои маҳдудтари таърифи мавриди назарро бозгӯ мекунанд.

Дар фаҳмиши фалсафӣ тарбияи ахлоқӣ «фаъолияти тарбиявӣ мебошад, ки ба ташаккули сифатҳои устувори ахлоқӣ, эҳтиёҷот, эҳсосот, малакаҳо, одатҳои рафтор

дар асоси азхудкунии идеалҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқ, иштирок дар фаъолияти амалӣ нигаронида шудааст [10, с. 37].

Аз нуқтаи назари педагогӣ тарбияи ахлоқӣ ҳамчун таъсири мақсаднок ва мунтазам ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори хонандагон бо мақсади ташаккули сифатҳои ахлоқии онҳо, ки ба талаботи ахлоқи ҷамъиятӣ мувофиқанд, баррасӣ мешавад.

З. Мирзобоев чунин мешуморад, ки «тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ ин таъсир ба дунёи маънавии шахс буда, он на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки сифатҳои нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхурӣ, боадлу инсоф будан, саховатмандӣ ва амсоли онҳоро ба вуҷуд меорад». Ба андешаи М. Фитсула «тарбияи ахлоқӣ фаъолияти тарбиявӣ мебошад, ки ба ташаккули сифатҳои устувори ахлоқӣ, талабот, эҳсосот, малакаҳои рафтор дар асоси азхудкунии идеалҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқӣ, иштирок дар фаъолияти амалӣ нигаронида шудааст» [3, с. 16]; В. Сухомлинский муайян мекунад, ки тарбия «раванди мақсадноки ташаккули шуури ахлоқӣ, ташаккули ҳисси ахлоқӣ ва малакаҳои рафтори ахлоқии шахс мувофиқи ҷаҳонбинии муайян» аст [8, с. 370]. Ӯ тарбияро ҳамчун «омӯзиши асосҳои назариявии ахлоқ, ташаккули афкори ахлоқӣ, ташкили таҷрибаи рафтор ва фаъолияте, ки ба талаботи ахлоқи ҷомеа мувофиқат мекунад» шарҳ медиҳад [8, с. 111].

Моҳияти андешаҳои баёншударо ҷамъбаст намуда, ба хулосае меоем, ки тарбияи ахлоқӣ як раванди бисёрҷанбаи системавиест, ки ташаккули шуури ахлоқии шахс, доираи эҳсосии ӯ, муносибати инсондӯстона ба воқеияти атроф, қобилияти ба роҳ мондани муносибатҳои инсондӯстона бо одамон, фаҳмидан ва офаридани хубиву зебоӣ дар зиндагиро таъмин месозад.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили афкор ва тафсири моҳият ва вижагиҳои мафҳуми «тарбияи ахлоқӣ» мо ба хулосае меоем, ки тарбияи ахлоқӣ раванди азхудкунии арзишҳо ва идеалҳои ахлоқӣ, азхудкунии фарҳанги ахлоқӣ, ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, сифатҳои устувори ахлоқӣ ва малакаҳои рафтори ахлокӣ мебошад.

Дар мафҳумҳои илмии муосир тарбияи ахлоқиро чунин мафҳумҳое монанди «ахлоқ», «маънавиёт», «шуури ахлоқӣ», «ҳиссиёти ахлоқӣ», «одатҳои ахлоқӣ», «тамоюли ахлоқӣ» тавсиф мекунанд:. Барои ҳамаҷониба ошкор кардани моҳияти раванди тарбияи ахлоқӣ моҳияти мафҳумҳои ба ҳам алоқамандро баррасӣ мекунем:

- ахлоқ – як намуди хоси танзими муносибатҳои байни одамон, ки ба тарбияи башардӯстонаи онҳо дар асоси манфиатҳои умумӣ нигаронида шудааст;
- хушахлоқӣ – муҳити ботинии шахс барои амал кардан мувофиқи виҷдон ва озодии худ;
- эҳсосоти ахлоқӣ – эҳсосоте, ки дар он муносибати устувори шахс ба рӯйдодҳои иҷтимоӣ, ба дигарон ва худаш зоҳир мешавад;
- шуури ахлоқӣ – сифате, ки муносибатҳои воқеиро инъикос намуда, ҷанбаи ахлоқии фаъолияти инсонро танзим менамояд;
- одатҳои ахлоқӣ – шаклҳои устувори рафтор, ки талаботи дохилии шахс буда, дар ҳама гуна вазъият ва шароит зуҳур мекунанд;
- гароиши ахлоқӣ – мавқеи устувори иҷтимоии шахс, ки ба асоси ҷаҳонбинии ангезаҳои рафтор асос ёфта, дар шароитҳои гуногун ҳамчун моликияти шахсият зуҳур мегардад;
- боадабӣ - сифати таркибии шахсият, ки бо сатҳи муайяни ташаккули доираи ахлоқӣ ва арзишҳои шахсият хос аст;
- арзишҳои ахлоқӣ – системаи интихобӣ, нисбатан устувори самти манфиатҳо ва ниёзҳои шахс ба меъёрҳои ахлоқи умумибашарӣ;

Одатан, танзимгари муносибатҳои ҷавонон дар ҷомеа самтҳои арзишӣ мебошанд, ки дар идеалҳои ахлоқию маънавӣ, эътиқодҳо, принсипҳо, эҳсосот, арзишҳои маънавӣ ифода ёфтаанд ва аз ҷониби шахс таҷриба ва аз сар гузаронида

шуда, вазифаҳои самтдиҳанда, танзимкунанда ва тарроҳикунандаро барои донишҷӯи ҷавон иҷро мекунанд. Маҳз самтҳои арзишӣ, ба назари мо, яке аз муҳимтарин ҷузъҳои сохтории шахсият мебошанд, зеро онҳо як навъ меҳвари шуурро ташкил медиҳанд, ки устувории шахсият, давомнокии як навъи мушаххаси рафтор ва фаъолиятро таъмин мекунад ва дар гароишҳои талабот ва манфиатҳои шахсӣ ифода меёбад.

Муайян карда шуд, ки системаи устувори самтҳои арзишӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ҳаётро ба таври мутамарказ ва самаранок зиндагӣ аз сар гузаронад. Арзишҳо ва меъёрҳои рафтори муқарраршуда ба шахс имкон медиҳанд, ки барои ташаккули шахсият эътимод дошта бошанд, онро инкишоф диҳанд ва дар бораи арзишҳо аз нуқтаи назари интиқодӣ андеша кунанд.

Бояд гуфт, ки маорифи имрӯза ҷустуҷӯи равишҳои нави ҳалли масъалаҳое мебошад, ки аз мушкилоти замон ба миён омадааст. Вазифаи пешбарандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва олии касбиии имрӯза ташаккул додани шахсияти баркамол, аз ҷиҳати маънавӣ рушдёфта ва дорои тафаккури миллӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар раванди ташаккули шахсияти рушдёфта тарбияи маънавию ахлоқӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад, ки дар он меъёрҳои ахлоқии эҳсосот ва рафтори одамоне, ки ба тарбия машғуланд, мавқеи пешбаранда дорад. Бешак, худшиносии ахлоқии омӯзгор шаъну шарафи ӯ ро тавсиф мекунад. Муаллим барои ташаккули инсоният дар инсон масъул аст, маҳз ба ӯ лозим аст, ки сарфи назар аз мушкилоти иҷтимоӣ фарҳанги муносибатҳои ахлоқӣ, муоширатро ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, дар низоми муносибатҳои ахлоқӣ дар муҳити педагогӣ ҳамкории омӯзгор ва хонандагон, ки дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми дуҷониба, муносибати боэҳтироми омӯзгор ба анъанаҳои ҳамкасбон, эҳтиром ба шаъшу шарафи тарбиятгирандагон асос ёфтааст, нақши муҳим мебозад.

Устодони донишгоху донишкадаҳо бояд дар талабагон меъёрҳои умумибашарии ахлоқи инсондӯстӣ: меҳрубонӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, раҳмдилӣ, эътимод ба имконотро ташаккул диҳанд ва инчунин, барои дарки ин нукта, ки арзишҳои ахлоқӣ асоси волоияти қонунро ташкил медиҳанд, ба онҳо кӯмак намоянд. Маърузаро ба суҳбатҳои самимӣ табдил дода, баҳсу мунозираҳои ҳадафмандро бо ҷавонони донишҷӯ ташкил карда, омӯзгор бояд ба донишҷӯён дар фаҳмидани моҳияти ахлоқ ва одоб, арзишҳо ва идеалҳо, меъёрҳои ахлоқии рафтори тоҷикон ҳамчун миллати бофарҳанг кӯмак расонад.

Вазифаҳои муҳимтарини тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯ инҳо бояд бошанд: ташаккули шуур; офариниш дар асоси ақл ва эътиқод ба идеалҳо ва фазилатҳои худ; дарки ҳолате, ки дар он имон дар фаҳмиши ҷавон бартарӣ пайдо кунад ва ӯ фазилати хирадро, ки ба оқилона ҷустуҷӯ кардани ҳақиқат дастур медиҳад, роҳнамои худ донад; дарки ҳолате, ки дар он ирода, ишқе, ки бо фазилати адолат роҳнамоӣ хоҳад шуд ва хоҳиши ҳақиқатро, ки бо ақл ба даст омадааст, илҳом мебахшад; дарки ҳолате, ки дар он ҳиссиёт-умедҳое, ки бо фазилатҳои далерӣ ва ботамкинӣ роҳнамоӣ мешаванд, эҳсосотро дар вазъияти номатлуб идора мекунанд ва майлҳои эҳсосоти бадро манъ мекунанд; тасдиқи ҳолате, ки дар он ақл, имон ва виҷдон тамоми ҳаракатҳои иродаро идора мекунанд.

Мо арзишҳои ахлоқиро шаклҳои гуногуни ифодаи талаботи ахлоқӣ – меъёру принсипҳои ахлоқ, идеалҳои ахлоқӣ, мафҳумҳои некӣ, адолат, шаъну шараф, вазифа, сифатҳои ахлоқии шахс, хусусиятҳои амал, фаъолият ва муносибатҳо мешуморем. Арзишҳои ахлоқӣ ҳам барои шахсе, ки онҳоро интихоб мекунад ва ҳам барои муҳити ӯ, ки ин интихоб ба он таъсир мерасонад, хуб аст.

Дар муносибатҳои байнишахсӣ арзишҳо некӣ ва адолат мебошанд, ки ба фароҳам овардани шароите нигаронида шудаанд, ки дар онҳо сулҳу оромии байни одамон, ҳифзи ҳаёти инсон таъмин карда мешавад. Иродаи нек на танҳо аз мазмуне

мунаввар мегардад, ки ба арзишҳои олӣ асос ёфтааст, балки он ин арзишҳоро дар ҷаҳон, дар тамоми соҳаҳои ҳастии башар тасдиқ мекунад.

Инчунин, ташаккул додани муносибати арзишманди шахсияти донишҷӯ ба ҷомеа ва давлат, ба худ ва одамон, ба табиат, меҳнат ва санъат муҳим аст, ки бояд дар рушди шахсии ҳар як шахс, бо ташаккули шаҳрванди Тоҷикистон, ки қодир ба нишон додани шаъну эътибори миллӣ бошад, дар ҷомеа ҳамчун шахси оиладор, кордон, намояндаи фарҳанги миллӣ бомуваффақият пешрафт кунад.

Дар шароити донишгоҳу донишкадаҳо тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯ бояд ҳамарӯза бо истифода аз воситаҳо, шаклу усулҳои гуногун амалӣ карда шавад. Масалан, К. Ушинский [2, с. 41] чунин мешуморид, ки ҳар як миллат мақсади ба худ хоси тарбия, идеали миллии худро дорад ва дар тарбия такрори ин идеалро талаб мекунад. В. Сухомлинский ба ташаккули шаклҳои умумии ахлоқ дар рӯҳи донишҷӯ, бедор кардани самимият, ҷавобгарӣ, одоб, меҳрубонӣ, инсондӯстӣ даъват кардааст[8, с. 14].

Ҳоло дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаи тарбияи масъулияти донишҷӯён муҳим аст. Масъулият бо қобилияти ба таври объективӣ дарк кардани воқеият, пайваст кардани он бо арзишҳои шахсӣ ва рафтори мувофиқи он тавсиф карда мешавад. Албатта, масъулият танзимгари ангезаҳои рафтор, ҷавҳари ботинии интизом ва худтарбияи фард аст, ки ба ӯ имкон намедиҳад, ки озодиро ҳамчун иҷоза ва истифода барад. Масъулияти ахлоқӣ ҳамчун масъулияти мустақилона аз ҷониби шахс қабул карда мешавад, ки татбиқи меъёрҳои рафтор дар ҷомеа, дуруст дарк кардани дигарон, эҳтироми онҳо, қобилияти идора кардани талабот ва амали худро таъмин мекунад. Ташаккули масъулияти маънавии шахс инкишофи бошуурона ва бемайлони ӯ ҳдадориҳои худро, риояи оқилонаи меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқӣ қабулшуда, ҳисоботдиҳӣ дар назди худ, коллектив барои рафтор ва кирдорро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни кори тарбиявӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо донишҷӯён бояд масъулиятро нисбат ба худ ва атрофиён дарк намоянд, риояи усулҳои ахлоқ, дуруст ва муносиб интихоб кардани роҳҳои расидан ба мақсадро дар замири худ ташаккул диҳанд.

Дар тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯ корҳои берун аз дарсӣ – корҳои гуногуни таълиму тарбиявӣ, ки ба қонеъ гардонидани манфиатҳо ва талаботи донишҷӯён дар асоси шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти таълимӣ нигаронида шудаву дар баёни онҳо дар замони муосир фаъолиятҳои умумии муштарак аз аҳаммияти болое бархӯрдор ҳастанд, аҳаммияти калон доранд. Дар онҳо ҳама донишҷӯён иштирок мекунанд - онҳо пешниҳодҳоро муҳокима, парвандаҳоро интихоб мекунанд, фаъолиятҳоро ба нақша мегиранд ва иҷро мекунанд ва барои натиҷаҳо ҳам масъуланд. Равиши тарбияи эҷодии дастаҷамъиро И. Иванов [6] бо мақсади созмон додани ҷамъияти донишҷӯён дар муҳите, ки ба ташаккули шахсият мусоидат хоҳад кард, коркард ва роҳандозӣ карда буд. Муттаҳидшавии чунин ҷамъият бо дастовардҳои ахлоқӣ ва эҷодии шахсият, ангезаҳо ва амалҳо, арзишҳо ва ҳадафҳо, манфиатҳо ва ниёзҳо, идеалҳо андозагирӣ карда мешавад.

Тавре ки таҷрибаи кор бо ҷавонони донишҷӯ шаҳодат медиҳад, баҳсу мунозира дар тарбияи ахлоқию маънавӣ, ташвиқи дарки созанда аз гузашта ва имрӯз, ҳимояи ақидаи худ ва баррасиҳои онҳо ва эҳтироми нуқтаи назари мутафовит, савол ва посух додан, баҳодиҳии вазъият ва қабули қарор, фарҳанги рафтор ва муошират, муносибати арзишманд ба худ ва рақибонро ташаккул медиҳад. Метавон дар мавзуъҳои «Ҳуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд», «Дӯстӣ ва маҳорати дӯстӣ кардан аз чӣ сар мешавад?», «Қимати зиндагӣ дар чист?», «Идеали ҷавони муосир», «Зебоии маънавии инсон», «Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад», «Худсозӣ, худсозмондиҳӣ, интизомнокӣ, масъулият — ин сифатҳоро чӣ тавр ташаккул додан

мумкин аст?», «Дар бораи мақсадҳои ҳаёт ва роҳҳои амалисозии онҳо» ва ғ. баҳсу мунозираҳо ташкил кард.

Дар шароити омӯзиш шахс сифатҳои устувори ахлоқиро танҳо вақте аз худ мекунад, ки шароит ба мавқеи ӯ дар байни атрофиён, аҳамияти нақши иҷтимоие, ки ӯ иҷро мекунад, мусоидат мекунад. Тамоми низоми таълимии муассисаҳои таҳсилоти оливу касбӣ бояд ба ташаккули муносибатҳои ахлоқие таъсири тарбиявӣ расонад, ки дар он ҷавонони донишҷӯ битавонанд аз рафтори кирдори ба мардум писандидаашон, некӣ кардан, эҳсоси масъулият доштан барои натиҷаҳои фаъолияти худ, тавонистани идораи эҳсоии худ лаззат баранд. Ҳамзамон, донишҷӯ бояд таҷрибаи ахлоқии башариятро хуб аз худ намояд, арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ ва миллиро ҳамчун дастури арзишҳои шахсӣ қабул намояд.

Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули маънавиёт ва ахлоқи ҷавонони донишҷӯ имрӯз ниҳоят муҳим ва актуалӣ ба назар мерасад. Тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯ як раванди мукаммали аз худ намудани меъёру қоидаҳои ахлоқӣ, ташаккули мотивҳои маънавӣ ва малакаҳои рафторӣ мебошад. Ба ташаккули маънавиёт ва ахлоқи шахсият ҷамъият, оила ҳамчун институти ичтимоӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ таъсири калон мерасонанд.

Вазифаи пешбарандаи донишгоҳҳо тарбияи шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ комил ва дорои шууру тафаккури миллӣ мебошад. Дар ин бобат корҳои тарбиявии беруназсинфӣ бо хонандагон, ки бо чунин шаклҳо: корҳои дастаҷамъона, баҳсу мунозира, мубоҳисаву мусоҳиба, шабҳои эҷодӣ, конференсияҳои илмию амалӣ, чорабиниҳои лоиҳавӣ ва ғайра ташкил карда мешаванд, нақши муҳим мебозад.

**Муқарриз: Юнусова Н.М. – д.и.п., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Авакова, Д.А. Некоторые вопросы процесса формирования нравственного опыта старшеклассников / В сб. Нравственное воспитание учащихся / Сб. науч. тр., ред. - сост. Т.Б. Кодзаев, Н.М. Магомедов [Текст]. - М., 1977. - 158 с.
2. Вишневский О. Теоретические основы современной украинской педагогики: учебное пособие / О. Вишневский [Текст]. – Киев: Знание, 2008. – 566 с.
3. Мирзобоев З. З. Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5–7: дис. ном. илм. педаг: 13.00.02 / З.З. Мирзобоев [Матн]. – Хуҷанд, 2019. – 245 с.
4. Педагогика: Учеб. пособие / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко, Е.Н. Шиянов [Текст]. - М.: Школа-Пресс, 1998. - 512 с.
5. Рахимова С. Нравственное воспитание на уроках - диспутах в старших классах таджикских школ: Автореф. дис… канд. педаг. наук: 13.00.01 / С. Рахимова [Текст]. - Курган-Тюбе, 2012. – 187 с.
6. Сараева Е.В. Инновационный подход И. Иванова к проблеме формирования детского коллектива / Е.В. Сараева [Текст] // Вестник Академии знаний. 2015. №14 (3). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/innovatsionnyy-podhod-i-ivanova-k-probleme-formirovaniya-detskogo-kollektiva (дата обращения: 01.12.2022).
7. Слободчиков В.И., Исаев Е.И. Психология развития человека / В.И. Слободчиков Е.И. Исаев [Текст]. - М.: Школьная пресса, 2000. -174 с.
8. Сухомлинский В.А. Сто советов учителю / В. А. Сухомлинский [Текст] // Избранные произведения в 5 т. – Киев: Советская школа, 1976. – Т. 2. – 670 с.
9. Тавакалова М.К. Образование как социокультурный фактор формирования ценностных ориентаций молодежи: автореф. дис… канд. филос. наук / М.К. Тавакалова [Текст]. – Душанбе, 2016. – 34 с.
10. Теоретико-методологические проблемы исследования духовно-нравственных основ таджикского общества / Под ред. Н.М. Сайфуллаева и Ш. Шоисматуллоева [Текст]. – Душанбе: РТСУ, 2014. – 183 с.


## ВАЗИФАҲОИ ПЕШБАРАНДАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВИВУ АХЛОҚИИ ҶАВОНОН


Мақолаи мазкур баҳси тарбияи ахлоқиву маънавии ҷавононро дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, истилоҳот ва мафҳумҳои вобаста ба мавзуъро бо истинод ба сарчашмаҳои муосири таҳқиқ дақиқ сохтааст. Ба андешаи муаллиф вазифаи ҳайати омӯзгорони донишгоҳҳо аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён маҳорат ва тавоноии дар асоси арзишҳои ахлоқӣ, дар

ҳамоҳангӣ бо ҷомеа ва ҷаҳони гирду атрофашон ҳамкорӣ карданро биомӯзанд. Чунин модели таълим бояд ба фароҳам овардани шароит барои рушди шахсият, худшиносии шахс мусоидат намояд. Муаллиф чунин натиҷагирӣ мекунад, ки дар шароити омӯзиш шахс сифатҳои устувори ахлоқиро танҳо вақте оғоз мекунад, ки шароит ба мавқеи ӯ дар коллектив, аҳамияти нақши иҷтимоие, ки ӯ иҷро мекунад, мусоидат мекунад. Тамоми системаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти оливу касбӣ бояд ба ташаккули муносибатҳои ахлоқие таъсири тарбиявӣ расонад, ки дар он ҷавонони донишҷӯ битавонанд аз рафтори кирдори ба мардум писандидаашон, некӣ кардан, эҳсоси масъулият доштан барои натиҷаҳои фаъолияти худ, тавонистани идораи эҳсоии худ лаззат баранд.

**Калидвожаҳо:** тарбия, ахлоқ, тарбияи ахлоқӣ, маънавиёт, тарбияи маънавӣ, тарбияи ахлоқиву маънавӣ, педагогика, арзишҳои ахлоқӣ, вазифаҳои тарбиявӣ.

## ВЕДУЩИЕ ЗАДАЧИ ВЫСШЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ДУХОВНО-НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ МОЛОДЕЖИ

В данной статье рассматривается дискуссия о духовно-нравственном воспитании молодежи в учреждениях профессионального образования, а также со ссылкой на современные источники, определяются термины и понятия, относящиеся к теме. По мнению автора, задача преподавателей вузов состоит в том, чтобы научить студентов навыкам и умениям сотрудничать с обществом и окружающим миром на основе нравственных ценностей. Такая модель образования должна способствовать созданию условий для развития личности, самосознания человека. Автор приходит к выводу, что в условиях обучения у человека формируются устойчивые нравственные качества только тогда, когда условия благоприятствуют его положению в коллективе, значимости выполняемой им социальной роли. Вся образовательная система высших и профессиональных учебных заведений должна иметь воспитательное влияние на становление нравственных отношений, при которых студенческая молодежь могла испытать удовольствие от того, что своим поведением и поступками доставляет радость людям, творит добро, берет ответственность за результаты своей деятельности, умеет владеть и управлять собой.

**Ключевые слова**: воспитание, нравственность, нравственное воспитание, духовность, духовное воспитание, духовно-нравственное воспитание, педагогика, нравственные ценности, воспитательные задачи.

## THE LEADING TASKS OF THE HIGHER PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE SPIRITUAL AND MORAL EDUCATION OF THE YOUTH

This article discusses the discussion about the spiritual and moral education of young people in vocational education institutions, as well as with reference to modern sources, defines the terms and concepts related to the topic. According to the author, the task of university teachers is to teach students the skills and abilities to cooperate with society and the outside world on the basis of moral values. Such a model of education should contribute to the creation of conditions for the development of personality, self-awareness of a person. The author comes to the conclusion that under the conditions of training, a person develops stable moral qualities only when the conditions favor his position in the team, the significance of his social role. The entire educational system of higher and professional educational institutions should have an educational influence on the formation of moral relations, in which student youth could experience pleasure from the fact that their behavior and actions bring joy to people, do good, take responsibility for the results of their activities, know how to own and manage yourself.

**Key words**: education, morality, moral education, spirituality, spiritual education, spiritual and moral education, pedagogy, moral values, educational tasks.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Неъматов Рамазон Ҳусниддинович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи «Психология». **Суроға**: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рашт, кӯч. Э. Муҳидинов. E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru**.
Телефон: **(+992) 93-591-91-44.**

**Сведения об авторе:** ***Неъматов Рамазон Хусниддинович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, старший преподаватель кафедры «Психология». Адрес: 735450, Республика Таджикистан, н. Рашт, ул. Э. Мухидинов. E-mail**: nematov-ramazon@mail.ru**.
Телефон: **(+992) 93-591-91-44.**

**Information about the author:** ***Nematov Ramazon Husniddinovich*** – Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, senior teacher of the Department of Psychology. **Address:** 735450, Republic of Tajikistan, r. Rasht, st. E. Mukhidinov. E-mail: **nematov-ramazon@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-591-91-44.**

УДК: 378.2

# ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО АЗ СТАТИКА ВА ҶАЛБИ БАРНОМАҲОИ ҲИСОБКУНӢ БАРОИ ҲОСИЛ КАРДАНИ НАТИҶАҲО

***Ҷалилов Ф ., Ахмедов У.Ҳ ., Умаров А.А., Рахимов А.А., Кудузова М.***

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд,**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Зимни омӯзиши муҳити касбию техникии корхонаҳои муосири саноатӣ маълум гардид, ки технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ба фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи техникӣ фаъолона ворид шуда истодаанд, ки ин тайёр намудани мутахассисонеро дар назар дорад, ки на танҳо назарияҳои фундаменталӣ, балки инчунин технологияҳои муосири компютериро барои ҳалли мушкилоти касбӣ истифода карда тавонанд. Барои омодасозии самараноки чунин мутахассисон, ки дар бозори меҳнати зеҳнӣ рақобат карда метавонанд, ҷустуҷӯ ва эҷоди роҳҳои ҳалли ғайрианъанавии педагогӣ, таҳия ва истифодаи равишҳо, ғояҳо ва усулҳои нави таълим ба мақсад мувофиқ аст.

Статика мувозинати механикии қувваҳоро меомӯзад. Ҳангоми ба ҷисм якчанд қувваҳо таъсир кардан, масъалаҳое пайдо мешаванд, ки қувваи суммавии ба ҷисм таъсиркунандаро муайян намоем. Ин қувваи натиҷавиро баробартаъсиркунадаи қувваҳо меномем. Баробартаъсиркунандаи якчанд қувваҳо гуфта қувваеро меномем, ки таъсири он ба суммаи қувваҳои ба ҷисм таъсиркунанда баробар аст. Баробартаъсиркунандаи қувваҳои бузургиашон баробари самташон гуногунро қувваи ба мувозинатоваранда меномем. Агар қувваҳои бамувозинатоваранда аз ҳамдигар фарқ кунанд, он гоҳ ҷисм дар атрофи маркази вазниниаш давр мезанад. Даврзанӣ ба самти қувваи калон мувофиқ шуда ба амал меояд. Яке аз мисолҳои одӣ ин даврзании чамбараки автомобил мебошад, ки вобаста ба бузургии қувваҳои аз тарафи дасти рост ва чап таъсиркунанда ба рост ва чап давр мезанад. Агар ин ду қувва бо ҳам баробар бошанд, қувваи натиҷавӣ ба сифр баробар мешавад. Дар ин ҳолати чамбараки автомобил, автомобил рост ҳаракат менамояд. Ба хосияти қувваҳои бамувозинатоваранда такя намуда, тарозуи борбаркашӣ сохта шудааст. Яке аз аввалинҳо шуда тарозуро дар амалияи баркашӣ инсонҳо истифода бурдаанд. Ихтирои тарозу фикри инсонҳоро оиди вазн, вазни таносубӣ, онро вазни эквиваленти ҳам мегӯянд, инкишоф дода, барои баамалоии самтҳои дигари санҷидани вазн дар амалия, мусоидат намуд. Маълум, ки баробартаъсиркунии қувваҳо дар натиҷаи ба тарзи вектори ҷаъм кардани қувваҳо муайян карда мешуд. Векторҳо чунин бузургиҳои физикӣ мебошанд, ки ғайр аз қимати адад боз самтро низ ифода мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки қувва, моменти қувва, суръат, шитоб, шитоби кунҷӣ, импулс, моменти импулс, моменти миқдори ҳаракат ва ғайра бузургиҳои векторӣ мебошанд.

Агар қувваҳо аз рӯйи хатти рост таъсир намуда, самти якхеларо дошта бошанд, пас баробартаъсиркунии онҳо ба суммаи ин қувваҳо баробар гашта, самташон ба самти таъсири қувваҳо равон мегардад. Агар ду қувва аз рӯйи хатти рост таъсир намоянд ва самташон гуногун бошад, баробартаъсиркунии онҳо ба фарқи қувваҳо баробар шуда, самти баробартаъсиркунӣ ба самти қувваи калон мувофиқ мешавад.

Баробартаъсиркунии ду қувваи параллелии ҳамсамт (самташон якхела) ба суммаи қувваҳо баробар гашта, самти қувваи натиҷавӣ ҳамсамти қувваҳо мегардад. Нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаи қувваҳои ҳамсамт байни хатти қувваҳоро пайвасткунанда мехобанд ва ба бузургии қувваҳо мутаносиби чаппа мебошад.

Нисбати қуввaҳои мувофиқ ба нисбати масофаҳои мувофиқ бузургиҳои чаппа мутаносиб мебошанд.

Ҳангоми гап сари қувва ва масофа рафтан, бемайлон қонуни тиллоии механика: «ҳар қадар аз қувва бурд ҳосил кунем, ҳамон қадар аз масофа бой медиҳем» пеши назар меояд ва он яке аз қонунҳои асосии механика буданашро хотиррасон менамояд ва аксарияти ҳодисаҳои механикӣ ин қонунро сарфи назар карда наметавонанд.

$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_2}|}=\frac{\ell_2}{\ell_1}$ ё ки $\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{\ell_2}=\frac{|\overrightarrow{F_2}|}{\ell_1}=\frac{\vec{R}}{\ell}$ (1)

Баробартаъсиркунандаи қувваҳои параллели самташон муқобили дар як хат хобида ба фарқи қувваҳо баробар гашта самти баробартаъсиркунандаашон ба самти қувваи калон равон мегардад ва нуқтаи гузориши баробартаъсиркунанда дар давоми хатти рости ин қувваҳоро пайвасткунанда берун аз байни қувваҳо, дар давоми қувваи калон мехобад.

Барои муайян кардани нуқтаи гузориши баробартаъсиркунанда хатти рости қувваҳоро пайвасткунанда $\ell_1$ - ро берун аз тарафи қувваи калон давом медиҳем ва дар ягон нуқтаи ихтиёрии C $\vec{R}$ ва $R_1$ –ро мегузорем. Бузургии ин қувваҳо R ва $R_1$ ба фарқи модули $|\overrightarrow{F_2}-\overrightarrow{F_1}|$баробар аст, яъне:

$\overrightarrow{F_2}-\overrightarrow{F_1}=\overrightarrow{R_1}$ (2)

аз ин ҷо $\overrightarrow{F_2}=\overrightarrow{F_1}+\overrightarrow{R_1}$ (1)

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қувваҳои $\overrightarrow{F_2}$ ва $\overrightarrow{F_2^1}$ байни ҳам баробаранд ва он қувваҳоро бамувозинатоваранда меномем. Аммо $\overrightarrow{R_1}$ ва $\vec{R}$ -ро баробартаъсиркунанда меномем. Барои муайян кардани нуқтаи гузориши баробартаъсиркунанда аз шарти зерин истифода мебарем:

$$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{R_1}|}=\frac{\ell_2}{\ell_1} \quad (3)$$

Нисбати баробартаъсиркунанда $|\overrightarrow{R}|$ ба қувваи хурд $|\overrightarrow{F_1}|$ баробар ба нисбати $\ell_1$ бар $\ell_2$ аст.

$$\frac{|\overrightarrow{R}|}{|\overrightarrow{F_1}|}=\frac{\ell_1}{\ell_2} \quad (4)$$

Барои ҷудо кардани қувваи F ба ташкилдиҳандаҳои параллели $\overrightarrow{F_1}$ ва $\overrightarrow{F_2}$ –и ба як самт равон гашта зарур аст, ки нуқтаҳои гузориши қувваҳои $\overrightarrow{F_1}$ ва $\overrightarrow{F_2}$-ро, ё ки нуқтаи гузориши яке аз қувваҳо ва бузургии онро донем. Дар ҳолати якум, яъне қувваҳо самти якхела дошта бошанд:

$$\overrightarrow{F_1}+\overrightarrow{F_2}=\vec{F} \quad (5)$$

$$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_2}|}=\frac{\ell_2}{\ell_1} \quad (6)$$

Мушаххас барои ин ҳолат масъалаеро дида баромаданамон мумкин аст.

Масъалаи 1: Ғӯла массаи 150 кг-ро дорад. Аз як канори он барои бардоштан чӣ қадар қувва гузоштан зарур аст?

Д.ш.а. Ҳал: Ҳангоми ғӯла якҷинса буданаш, яъне массаи

m= 150 кг. он қад –қади ғӯла мунтазам тақсим будан маркази

g=9,8 вазнинии он дар мобайни (миёнҷои) ғӯла воқеъ

F=? мегардад. Агар дарозии ғӯла ба $\boldsymbol{\ell}$ баробар бошад

Нуқтаи гузориши вазни ғӯла дар миёнҷойи ғӯла $\frac{\ell}{2}$ воқеъ мегардад ва моменти қувваи вазнинии ғӯла ба $M_1$= mg $\frac{\ell}{2}$ баробар мешавад. Таъкид менамоем, ки зарби қувва F бар китфи қувваро моменти қувваи ба ҷисм таъсиркунанда меномем, гарчанде ин мавҳумро дар боло дода бошем ҳам. Барои он ки ғӯларо аз канораш бардорем ба он бо қувва таъсир мекунем, моменти қувваи аз канор таъсиркунанда F

$M_2$= F $\ell$ ба моменти қувваи вазнинии ғӯла $M_1$ баробар шавад. Пеш аз ҳама, моменти қувваҳоро дар алоҳидагӣ навишта, барои ба донишҷӯ ва шахсони дигар фаҳмо шуданаш онро тасвир мекунем (расми 1).




Расми 1.

$M_1$= $M_2$ (7)

Азбаски моменти қувваҳо баробаранд, бинобар ин баробарии зеринро менависем: ин яке аз тасдиқоти асосии статика ҳангоми ба мувозинатоии ҷисмҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо мебошад. Ҳангоми ҳал мо танҳо бо омилҳои ҷамъ ва ҷудо кардани қувваҳои самташон якхела, гуногун, дар таҳти кунҷҳои гуногун (тез ва кунд) воқеъ гашта дучор мегардем, ки барои донишҷӯ сохтмончӣ хеле муфид мебошад. Бинобар ин, донишҷӯ-сохтмончӣ ба ин тарафи кор аҳамият дода, барои хубтару беҳтар аз бар кардани ин мавзуъ кӯшиш менамояд. Нуқтаи гузориши қувваро (ҷойи гузориши кувваҳоро бо тарзи притсезионӣ) аниқ намояд ва барои муайян кардани китф роҳҳои гуногуни машиниву инсониро ба кор барад ва саҳеҳии муайянкуниро баланд гардонад. Албатта, саҳеҳии ченкуниҳо барои ҳосил кардани мувозинати мутлақи иншоотҳо сабаб мешавад. Мувозинати мутлақ бошад, мустаҳакамии иншоотро таъмин менамояд.

Гуфтаҳои болоро ба эътибор гирифта, баробариҳои зеринро менависем:

$$Ғ\,\ell = mg\,\frac{\ell}{2}\ (8)$$

Дар ин ҷо як амали ба қоидаҳои математикӣ тааллуқ доштаро иҷро карда, баробариро ба намуди зерин менависем:

$$Ғ = \frac{mg}{2}\ (9)$$

ин баробарӣ нишон медиҳад, ки агар ғӯла дода шуда бошаду қувваи аз як тарафи он барои бардоштан зарур бударо муайян карданӣ шавем, он ба нисфи вазни ғӯла баробар мегаштааст.

Дурустии формуларо санҷиданамон мумкин аст:

$$Ғ=кг\,\frac{м}{с^2} = M.LT^{-2} =Н.\ (10)$$

Азбаски дар системаи СИ воҳиди қувва Нютон ҳосилавӣ мебошад онро ҳосил кардем ва андозанокиашро (аз кадом воҳидҳои асосӣ ин воҳиди ҳосилавӣ Нютон таркиб ёфтааст) муайян намудем. Ҳамин тариқ, воҳиди ҳосилавӣ Нютон аз як воҳиди масса кг, як воҳиди дарози L ва ду воҳиди вақт сония таркиб ёфта будааст. Ҳамаи воҳидҳои ҳосилавии бузургиҳои физикӣ, ғайр аз ҳафт воҳиди асосӣ ва ду воҳиди ёрирасон аз маҷмуи воҳидҳои асосӣ таркиб ёфтаанд, яъне якчанд воҳидҳои асосӣ якҷоя шуда, воҳиди ҳосилавиро таркиб медодаанд. Ҳамин тариқ, формулаи пешниҳодшуда барои ҳисобкунӣ истифода бурда шуданаш мумкин аст.

Қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро ба формулаи (9) гузошта, ҳосил мекунем:

$$Ғ=\frac{mg}{2}=\frac{150*9{,}8}{2}=735\ Н.$$

Ҳамин тариқ маълум шуд, ки барои аз як тарафи ғӯлаи якҷинса бардоштан ба ғӯла қувваи 735 Н гузоштанамон лозим будааст ва он нисбат ба вазни ғӯла тақрибан ду маротиба хурд мебошад. Маълум мешавад, ки китфи қувваро тағйир дода, бузургии қувваи гузошташавандаро тағйир дода метавонем. Агар ғӯла ғайриякҷинса бошад, он гоҳ муҳокимаронии болоиро ба ғӯла татбиқ намуданамон норавост, чунки дар ин ҳол вазни ҷисм дар миёҷойи ғӯла воқеъ намегардад ва $\ell_1$ ба $\frac{\ell}{2}$ баробар намешавад ва ҳисобкунӣ дар асоси муҳокимаронихои болои гузаронида намешавад. Моменти қувва дар ҳалли ин намуд масъалаҳо нақши муайянкунандаро мебозад ва ҳангоми баробарии моментҳо ҳисобкунӣ гузаронида мешавад.

Масъалаи 2. Ба милаи дарозиаш $\ell$=1м се қувваи бузургии ҳар якашон $F_1$=10 Н, $F_2$=15 Н ва $F_3$ =25 Н гузошта шудааст (расми 2). Қувваи $F_1$ ва $F_3$ ба охирҳои ғӯла ва қувваи $F_2$ ба миёнҷойи ғӯла гузошта шудааст. Бузургии баробартаъсиркунандаҳо ва нуқтаи гузориши онҳо муайян карда шавад.




Расми 2.

Д.ш.а. Ҳал: Тавре дар боло қайд кардем, баробартаъсиркунандаҳои қувваҳои як самт дошта ба суммаи қувваҳои гузошташуда баробар мешуд. Нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаҳоро барои муайян кардан ҳисобкунии пайдарҳамро амалӣ мекунем. Пеш аз ҳама, баробартаъсикунандаи қувваҳои $\overrightarrow{F_1}$ ва $\overrightarrow{F_2}$ $R_1$ -ро муайян мекунем:

$\ell$=1м.

$F_1$=10 Н.

$F_2$=15 Н. $\vec{R}=\overrightarrow{F_1}+\overrightarrow{F_2}+\overrightarrow{F_3}$ яъне, R=10+15+25=50 Н.

$F_3$ =25 Н.

$R_1$=? Самти қувваҳо $\overrightarrow{F_1}$ ва $\overrightarrow{F_2}$ ҳамсамтанд бинобар ин $R_1$

$\ell_1$=? $\overrightarrow{R_1}=\overrightarrow{F_1}+\overrightarrow{F_2}$=10+15=25 Н баробар мешавад.

R=? Акнун нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаи $\overrightarrow{R_1}$

$\ell_R$=? - ро муайян мекунем. Бинобар ин масофаҳоро аз баробар-

таъсиркунандаи $\overrightarrow{R_1}$ то қувваи $\overrightarrow{F_1}$ бо $\ell_1$ то қувваи $\overrightarrow{F_2}$ бо $\ell_2$ ифода намуда, баробарии зеринро менависем:

$$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_2}|}=\frac{\ell_2}{\ell_1} \quad (11)$$

Тавре дар боло қайд намудем ва аз формулаи (11) дида истодаем, ки нисбати қувваҳо ба нисбати дарозиҳо чапа, мутаносибанд. Нисбати қувваҳо ба нисбати дарозиҳои мувофиқ баробар нестанд.

Ба формулаи (11) дигаргунӣ ворид месозем, чунки қувваи $\overrightarrow{F_2}$ мувофиқи шарти масъала ба миёнҷойи дарозии стержен гузошта шудааст. Аз ин сабаб $\frac{\ell}{2}$ ба суммаи $\ell_1+\ell_2$ баробар мешавад.

$$\frac{\ell}{2}=\ell_1+\ell_2$$

Аз ифодаи ҳосилшуда $\ell_2$-ро муайян намуда, баробарии зеринро менависем:

$\ell_2=\frac{\ell}{2}-\ell_1$ Ифодаи ҳосилкардаро ба формулаи (11)

Гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{|\overrightarrow{\acute{\Gamma}_1}|}{|\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2}|}=\frac{0{,}5\ell-\ell_1}{\ell_1}=\frac{\ell}{2\ell_1}-1 \text{ ё ки } \frac{|\overrightarrow{\acute{\Gamma}_1}|}{|\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2}|}+1=\frac{\ell}{2\ell_1}$$

аз ин ҷо $\ell_1 = \frac{\ell}{2(\frac{|\acute{\Gamma}_1|}{|\acute{\Gamma}_2|}+1)}$ ин муодиларо дигаргун сохта чунин менависем:

$$\ell_1 = \frac{\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2}\ell}{2(\overrightarrow{\acute{\Gamma}_1}+\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2})} \quad (12)$$

Формулаи охир формулаи ҳисобкунӣ барои муайян кардани $\ell_1$ мебошад. Дурустии формуларо месанҷем. Барои ин ба ҷойи бузургиҳои физикии дар формула мавҷуда воҳидҳояшро гузошта, ҳосил мекунем:

$$\ell_1 = \frac{\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2}\ell}{2(\overrightarrow{\acute{\Gamma}_1}+\overrightarrow{\acute{\Gamma}_2})} = \frac{\text{Н*м}}{\text{Н}} = \text{м} = \text{L}.$$

Муайян намудем, ки формула дуруст будааст, чунки андозанокии дарозӣ метр ҳосил шуд. Қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро гузошта ҳосил мекунем:

$\ell_1 = \frac{15*1}{2(10+15)} = \frac{15}{50}$=0,3 м барои муайян кардани $\ell_2$ муҳокимаронӣ мегузаронем. Азбаски $\ell_1 + \ell_2$ =0,5ℓ буд, бинобар ин

0,5ℓ-$\ell_1 = \ell_2$ шуда $\ell_2$=0,5-0,3=0,2 м мешавад.

Ҳамин тариқ, $\ell_1$ =0,3 м ва $\ell_2$ =0,2м баробар мешудааст. Натиҷаи ҳосилшуда боз як маротибаи дигар тасдиқ мекунад, ки дар ҳақиқат қувваи $F_2$ ба миёнҷойи мила гузошта шудааст. Акнун баробартаъсиркунандаро байни баробартаъсиркунандаҳои $\overrightarrow{F_1}$ ва $\overrightarrow{F_2}\,\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ муайян менамоем. Азбаски самти қувваҳои $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ ба ҳам мувофиқанд, ҳамсамтанд, бинобар ин баробартаъсикунандаи ин қувваҳо низ дар натиҷаи $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ ҷамъкунӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, $\overrightarrow{R_2} = \overrightarrow{F_3}+\overrightarrow{R_1}$. Дар ин формула ҳамаи бузургиҳои физикӣ маълуманд, бинобар ин қиматҳои ададии ин бузургиҳоро гузошта, натиҷа мегирем: $\overrightarrow{R_2}$ = 25+25= 50 Н. Баробартаъсиркунандаи қувваҳои $\overrightarrow{F_3}$ ва $\overrightarrow{R_1}$ ба $\overrightarrow{R_2}$ =50 Н баробар будааст. Азбаски ин қувваҳо баробаранд, $\overrightarrow{F_3}$ ва $\overrightarrow{R_1}$, бинобар ин нуқтаи гузориши баробартаъсиркунанда $\overrightarrow{R_2}$ дар маркази порчаи аз $\overrightarrow{R_1}$ то $\overrightarrow{F_3}$ кашидашуда мехобад. Агар аз дарозии мила $\boldsymbol{\ell}$ $\ell_1$ –ро гирем, тарҳ кунем, китф то қувваи $\overrightarrow{F_3}$ боқӣ мемонад ва ин масофаро ба 2 тақсим кунем $\ell_3$ боқӣ мемонад, яъне:

$\ell_3 = \frac{\ell-\ell_1}{2} = \frac{1-0{,}3}{2}$ =0,35 м $\ell_3$ ба 0,35 м баробар мешудааст, ки он ба нуқтаи гузориши $\overrightarrow{R_2}$ аз қувваи $\overrightarrow{F_3}$-ро ифода мекунад. Агар китфро аз қувваи $\overrightarrow{F_1}$ то нуқтаи гузориши $\overrightarrow{R_2}$ муайян карданӣ шавем, формулаи зеринро менависем: $\ell_R = \ell_1 + \ell_3$ Ҳисобкунӣ гузаронида, ҳосил мекунем. $\ell_R = 0{,}3 + 0{,}35 = 0{,}65$ м. Ин натиҷаро бо дигар муҳокимаронӣ низ ҳосил карданамон мумкин аст.

Мувофиқи баробарии қувваҳои $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ ҳарду ҳам ба 25 Н баробар буд, бинобар баробартаъсиркунандаи ин қувваҳо дар миёнҷойи, маркази китф, масофаи байни ин қувваҳо бояд хобад. Азбаски дарозии мила ба

1м баробар аст ва аз $\boldsymbol{\ell}$- $\ell_1$ гирем, дарозии умумии китф байни қувваҳои $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ ба 1-0,3=0,7 м баробар мешудааст. Ин қиматро ба эътибор гирифта, ба хулосае меоем, ки баробартаъсиркунанда ҳангоми баробар будани қувваҳо $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}$ дар мобайни порчаи байни ин қувваҳо воқеъ мегардад. Он ҳамчунон $\ell_3$ =0,35 м баробар мешавад. Муҳокимирониҳо нишон медиҳад, ки масофа байни баробартаъсиркунандаи $\overrightarrow{R_1}$ ва баробартаъсиркунандаи қувваҳои $\overrightarrow{R_1}$ ва $\overrightarrow{F_3}\,\overrightarrow{R_2}$ ба 0,35 м баробар аст, бинобар ин $\ell_R = \ell_1 + \ell_2 + \ell_4$ =0,3+0,2+0,15=0,65 м баробар мешавад, ки натиҷаи пештараро ҳосил намудем. Ба назари мо, ин аниқкунӣ нисбат ба пештара муайянкунӣ фаҳмотар ва далелноктар мебошад, чунки нисбат ба муҳокимаронии

аввала он ба ақл дастрастар аз ҷиҳати амалӣ, илмӣ мебошад. Аз ин сабаб мо тарзи дуюми муҳокимарониро пешниҳод намудем.

Хонандаи кунҷков вобаста ба натиҷаи гирифтааш ба вазъи ҳодиса сарфаҳм рафта, кӯшиш менамояд, ки ҳолатҳои хусусии ин масъаларо дида барояд ва вобаста ба он хулоса барорад. Ин тарз муҳокимаронӣ имконият фароҳам меоварад, ки қобилияти эҷодии муҳассилини мактабҳо, донишҷӯёни донишкадаҳоро рушд ва такмил дода, азхудкунии мавзуъро васеътар гардонем, қобилияти индуксия ва дедуксия карда тавонистани донишҷӯро баланд бардорем. Роҳҳои гуногуни баландбардории ин сифатҳо дар донишҷӯёну муҳассилин дар натиҷаи ба тарзҳои гуногуни масъалаҳалкунӣ, аналитикӣ, синтетикӣ, графикӣ рӯй овардани устодон ба даст оварда мешуд. Агар шахсони амали масъалаҳалкуниро иҷрокунанда худ тарафҳои ниҳонии масъаларо ошкор карданӣ шаванд, он гоҳ ин амал боз боровартар хоҳад шуд ва ба мақсади ниҳоӣ моро мерасонад ва бунёдсозандаи сифатҳои нави масъалаи ҳалшаванда шуда, имкониятҳои эҷодии шахсонро ба маротиб афзун мегардонад. Масъалаи дар боло додаро камтар дигаргун сохта, бузургиҳои номаълуми дар шарти масъала талабкардаро муайян намуда, натиҷаро тадқиқ мекунем.

Ба милаи дарозиаш $\ell$=1м ду қувваи бузургии ҳар якашон $F_1$=10 Н, ва $F_3$ =25 Н гузошта шудааст. Ин қувваҳо $F_1$ ва $F_3$ ба охирҳои ғӯла гузошта шудааст. Баробартаъсиркунандаи ин қувваҳо ва нуқтаи гузориши онро муайян намуда, тағйирёбии бузургии қувваи $F_1$-ро бо афзоиши дарозии китф аз қувваи $F_3$ ба 10, 15, 20,25, 30 см муайян намоед.

Саволе пайдо мешавад: Чаро масъаларо ба чунин тарз дигаргун сохтем? Гап дар сари он аст, ки дар сохтмонҳои истеҳсолӣ ҷойи гузориши қувваҳоро аниқ кардан хеле муфид мебошад. Чунки мустаҳкамии иншоот аз муайян карда тавонистани қувваҳои бамувозинатоваранда вобаста мебошад. Амали муайян кардани қувваи натиҷавӣ ва ҷойи гузоришаш ва саҳеҳии муайянкунии он моро ба аниқ намудани қувваи бамувозинатоваранда, ки барои тарҳрези намудани симметрия, ҷобаҷогузории қувваҳо, ҳосил кардани мувозинати ба энергияи минималӣ мувофиқ мебарад.

Азбаски ин ҷо ду қувва гирифта шудааст, вобаста ба ғеҷиши нуқтаи гузориши баробартаъсиркунанда қувваи $F_1$ низ тағйир меёбад. Ин тағйирёбии қувва моро водор месозад, ки ҳангоми иҷро кардани конструксияҳои нав, мустаҳкамии пойдевору болорҳоро ба бузургии қувваи таъсиркунанда мувофиқ намоем. Ин мувофиқоварии бузургиҳои қувваҳои таъсиркунанда ба бунёди мустаҳкамии иншоот оварда мерасонад. Аз тарафи донишҷӯ ва муҳассилин дарк карда тавонистани ин мавҳумҳо барои бунёди асосҳои инкишофи эҷодии онҳо кумак мерасонад. Хусусан, сохтани графики вобастагии байни бузургиҳои аз ҳам вобаста, ки бо тағйирёбии яке дигаре ҳам тағйир меёбад. Дар масъалаи мазкур бо тағйирёбии мавқеи гузориши баробартаъсиркунанда бузургии қувваи $F_1$-и ба канори мила гузошташуда тағйир меёбад.

Ин дида мебароем. Пеш аз ҳама, барои фаҳмо гардидан ҳолати дар шарти масъала додашуда, ҳангоми $F_1$=10 Н ва $F_3$ =25 Н буданро дида мебароем. Аз гуфтаҳои боло маълум аст, ки баробартаъсиркунандаи ин қувваҳо ба суммаи ин қувваҳо баробар аст. Чунки қувваҳо самти якхеларо доранд. Агар баробартаъсиркунандаи ин қувваҳоро муайян кунем, он ба $R_1 = F_1 + F_3$ =10+25=35 Н баробар мешавад.

Барои муайян кардани китфи қувваҳо муҳокимаронии зеринро истифода мебарем. Агар дарозии мила ба $\ell$ баробар бошад он ба суммаи масофаҳо аз қувваи якум $F_1$ то баробартаъсиркунанда $\ell_1$ ва қувваи дуюм $F_3$ то баробартаъсиркунанда $\ell_3$ баробар мешавад, яъне:

$$\ell=\ell_1 + \ell_3 \quad (13)$$

Азбаски дарозии мила маълум аст, бинобар ин мо аз баробарии болои истифода бурда, дарозии яке аз китфҳоро муайян карда метавонем. Азбаски он ҷо $\ell_1$ва $\ell_3$ номаълум аст бинобар ин, муодилаи дигареро сохтанамон лозим аст. Барои ин аз таносуби байни қувва ва масофаҳо (китфҳо) истифода мебарем.

Барои ҳолати мазкур ин таносубро ба таври зайл менависем:

$$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_3}|}=\frac{\ell_3}{\ell_1} \quad (14)$$

Ба формулаи (13) ва (14) назар афканем, маълум мешавад, ки ҳарду номаълумҳои якхеларо доранд. Аз хосиятҳои муодилаи хаттии дуномаълума истифода бурда метавонем, яке аз номаълумҳоро муайян намуда, ба дигар муодила гузошта, муодилаи натиҷавиро барои муайян кардани $\ell_1$ ё $\ell_3$ ҳосил намоем. Аз муодилаи (13) $\ell_3$-ро муайян менамоем:

$$\ell_3 = \boldsymbol{\ell} - \ell_1$$

Ифодаи ҳосилшударо ба (14) гузошта ҳосил мекунем:

$$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_3}|}=\frac{\ell_3}{\ell_1}=\frac{\ell-\ell_1}{\ell_1} \quad (15)$$

Аз (15) дар натиҷаи дигаргунсозиҳо ($F_1$ + $F_3$) $\ell_1$=$F_3$ $\ell$ аз ин ҷо

$$\ell_1=\frac{F3\ \ell}{F1+F3} \quad (16)$$

мешавад. Формулаи охир формулаи ҳисобкунӣ мебошад. Дурустии ин формуларо худ санҷед, чунки мисли санҷиши дар боло гузаронидашуда Нютонҳо ихтисор шуда, метр мемонаду халос. Бинобар ин, гузоришро барои муайян кардани дурустии формула намегузаронем. Худ аён аст.

Қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро ба формулаи (16) гузошта

ҳисоб мекунем: $\ell_1=\frac{F3\ \ell}{F1+F3}=\frac{25*1}{10+25}=\frac{25}{35}$=0,714 м.

Маълум шуд, ки $\ell_1$=0,714 м баробар будааст. Барои муайян кардани $\ell_3$ формулаи ҳосилкардаамонро истифода мебарем:

$\ell_3 = \boldsymbol{\ell}$-$\ell_1$=1-0,714=0,286 м. Ҳамин тариқ, муқаррар кардем, ки $\ell_3$ ба 0,286 м баробар будааст.

Акнун $\ell_3$ -ро 10, 15, 20, 25 см афзун гардонида, ҳангоми бетағйир мондани $F_3$ қувваи $F_1$-ро муайян мекунем. Барои ҳосил кардани формулаи ҳисобкунӣ аз формулаи (15) истифода мебарем.

$\frac{|\overrightarrow{F_1}|}{|\overrightarrow{F_3}|}=\frac{\ell_3}{\ell_1}$ аз ин ҷо $F_1$-ро муайян менамоем.

$F_1=F_3\frac{\ell_3}{\ell_1}$

Формулаи ҳосилшуда формулаи ҳисобкунӣ мебошад. Дар боло қайд кардем, ки ба болои қимати $\ell_3$ -и ҳосил карда пайдарпай 10, 15, 20,25 см-ро ҷамъ мекунем ва ба таблитсаи зерин мегузорем. $\ell_3$ – ќиматҳои зеринро доро мегардад 0,386, 0,436, 0,486,

0,536 м. Ин қиматҳоро гузошта, барои $F_1$ қиматҳои зеринро ҳосил мекунем. $F_1$=

$$F_3\frac{\ell_3}{\ell_1}=25*\frac{0,386}{0,614}=25*0,63=15,75$$

$$F_1=F_3\frac{\ell_3}{\ell_1}=25*\frac{0,436}{0,564}=25*0,773=19,325$$

$$F_1=F_3\frac{\ell_3}{\ell_1}=25*\frac{0,536}{0,464}=25*1,155=28,875$$

Қиматҳои муайянкардаро ба тартиб оварда, ҷо ба ҷо гузошта, таблитсаи якро сохтем.

**Таблитсаи 1.**

| $\ell_1$ м. | $\ell_3$ м. | $F_1$ Н. | $F_3$ Н. | $F_1\ell_1=F_3\ell_3$ Н*м=Н*м |
|---|---|---|---|---|
| 0,714 | 0,286 | 10 | 25 | 7,14=7,15 |
| 0,614 | 0,386 | 15,75 | 25 | 9,65=9,67 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 0,564 | 0,436 | 19,325 | 25 | 10,9=10,89 |
| 0,464 | 0,536 | 28,875 | 25 | 13,4=13,39 |

Дар таблитсаи пешниҳод шуда қувваҳо, китфҳо ва моменти қувваҳои таъсиркунанда оварда шудаанд. Мебинем, ки моменти қувваҳои таъсиркунанда дар ҳар ҳолати ҷузъӣ тамоман бетағйир мемонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҷиҳати энергетикӣ системаи мазкур дар ҳолати мувозинатӣ қарор дорад ё дар ҳолати камтарини энергетикӣ воқеъ гаштааст. Аз таблитса дида мешавад, ки байни қувваи ба яке аз канори мила таъсиркунада бо афзоиши дарозии китфи гузориши қувва аз тарафи қувваи маълум афзуда мерафтааст. Дарк карда тавонистани ана ҳамин ҳақиқати дар амалия иҷрошаванда, яъне бо афзоиши яке аз бузургиҳо афзуда рафтани бузургии дигар ё кам шудани бузургии дигар, дар муҳассилин фикрронии кунҷковонаро ба амал меорад ва боиси бедоршавии имкониятҳои эҷодии онҳо мегардад. Сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъала, хусусиятҳои ҷузъии он дар натиҷаи ҷудо кардани фарқият байни бузургиҳои пайванд, қувва ва масофа ба амал меояд. Як бузургӣ таъсирро, дигараш масофаро ифода мекунад, ки дар маҷмуъ он воҳиди энергияро тавсиф менамояд. Ба ифодаи болои назар кунем, яъне ба ҷойи бузургиҳои физикӣ воҳидҳояшро гузорем, воҳиди энергия Ҷоул ҳосил мешавад, ки он дар ҳақиқат энергияро ифода мекунад. Ин намуд муҳокимаро ниҳоро гузаронида, дар табиат, дар ҳама вазъ ва вақт иҷро шудани қонуни нигоҳдории энергия дар механика, механикаи таъсири қувваҳо, ҷамъ ва ҷудо кардани онҳо ба таври комил иҷро мегардидааст. Ҳар як иҷрошавии баробарии $F_1\ell_1 = F_3\ell_3$ ин гувоҳӣ дар ҳолатҳои ҷузъӣ қимати минималии энергияро доро гаштани системаро ифода мекунад. Агар ин гуфтаҳоро ба конструксияҳои сохтмонӣ татбиқ намоем, иҷрошавии шарт гувоҳи мувозинати конструксия, мустаҳкамии иншоот мебошад. Ин ҳақиқатро муҳассилин, донишҷӯ сарфаҳм рафта, ба имкониятҳои назариявӣ ва амалии худ такя намуда, барои бедор намудани имкониятҳои эҷодии худ кӯшиш менамояд. Дар рафти ҳалли масъала, ки аксарияти онҳо аз ҳаёт ва муаммоҳои истеҳсолӣ гирифта шудаанд, муҳассилин, донишҷӯ ба масъалаҳалкунӣ азм карда, дараҷаи дарккунии ҳодисаҳои табиат, лаҳзаҳои ҷараёни истеҳсолиро ба маротиб афзун мегардонанд. Анализ ва синтези ҳодисаҳои табиат ва ҷараёни истеҳсолиро ба дараҷаи кофӣ мегузаронад ва баҳри беҳбудии истеҳсолот татбиқ менамояд. Графики вобастагиҳои бузургиҳоро тасвир намуда, дарки ҳодисаро гӯётар менамоем. Дар поён графики вобастагии қувваи интиҳоӣ ҳангоми афзудани китфи қувваи маълум оварда шудааст.




Расми1.Вобастагии байни қувваи $F_1$ аз дарозии китфи қувваи $F_3$

Аз графика маълум мешавад, ки он хатти ростро тавсиф мекунад, яъне таносуб ҷой дорад. Ба таври математикӣ ин вобастагиро бо муодилаи намуди y=kx менависем, ки он муодилаи хатти рости аз сари координата гузарандаро ифода мекунад. Худи ин натиҷаро этироф кардан ва онро дарк карда тавонистан ин имконияти эъҷодии муҳассилинро мебардорад. Хатти рости аз сари кордината гузаранда онро ифода мекунад, ки дар як ҳолати хусусӣ ҳосили зарби $F_1\ell_1$ ё $F_3\ell_3$ ифодаҳои мазкур ба нул баробар мешавад.

Ин ҳол дар ду ҳолат ба амал меояд ҳангоми баробаршавии қувва ё китф. Қувва қимати максималӣ гирад, китф қимати минималӣ мегирад ва баръакс. Ин ду бузургиҳои дар ифода мавҷуда $F_1\ell_1$ байни ҳам мутаносиби чаппаанд. Лекин байни $F_1$ ва $\ell_3$ вобастагии мутаносибии рост амал мукунад. Бо афзоиши яке дигаре ҳам меафзояд. Баробарии $F_1\ell_1 = F_3\ell_3$ гувоҳӣ медиҳад, ба графаи охири таблитса назар кунед. Ҳосили зарби ин бузургиҳо байни ҳам баробаранд.

Бояд қайд кунем, ки ин ҳисобкуниҳоро низ бо истифодабарии барномаҳои омодасохта амалӣ карданамон мумкин аст. Ин барномаҳои омодасохтаро ба манзури шумоён хонандагон пешниҳод мекунем:

Барнома барои ҳисоб кардани $\ell_1$

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click (sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim F2, ℓ,F1, 2, , nu As Double
F2 = Val(TextBox1.Text)
ℓ = Val(TextBox2.Text)
F1 = Val(TextBox3.Text)
2 = Val(TextBox4.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
ℓ1 = ((F2* ℓ)/2(F1 +F2))
ListBox1.Items.Add ℓ1.
End If
End Sub
End Class
```

Барнома барои ҳисоб кардани $\ell_2$

```
Private Sub Button1_Click (sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim, 0,5 ℓ, ℓ1, 2, , nu As Double
0,5 ℓ = Val(TextBox1.Text)
2 = Val(TextBox2.Text)
ℓ1 = Val(TextBox3.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
0,5ℓ-ℓ1 =ℓ2
ListBox1.Items.Add ℓ2.
```

$$\ell_1 = \frac{F3\,\ell}{F1 + F3}$$

```
End If
End Sub
End Class
```

Барнома барои ҳисоб кардани $\ell_1$.

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click (sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim F3, ℓ,F1, , nu As Double
F3 = Val (TextBox1.Text)
ℓ = Val (TextBox2.Text)
F1 = Val (TextBox3.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
ℓ1 = ((F2* ℓ)/2(F1 +F2))
ListBox1.Items.Add ℓ1.
End If
End Sub
End Class
```

Ҳисобкуниҳои дар боло манзур гардонида, боиси инкишофи малакаву маҳорати донишҷӯён оиди таҳрезии барномаҳои ҳисобкунӣ гардида, ба дарккунии ҳодисаҳо низ кумак мерасонад. Барои мактабиён ва донишҷӯён сохтани ин намуд барномаҳои сода аз манфиат холӣ нест.

Ҳамин тариқ, қонун ва қоидаҳои статикаро истифода бурда нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаҳо ва масофаҳо байни қувваҳо ва баробартаъсиркунандаҳоро муайян намудем. Ин имконият фароҳам меорад, ки ҳангоми сохтани конструксияҳои гуногуни сохтмонӣ нуқтаҳои гузориши қувваҳоро муайян намуда, устувории биноҳои сохташавандаро ба меъёрҳои ҷойдошта наздик кунем, ё ки онро нисбат ба меъёрҳои мавҷуда беҳтар гардонем.

**Муқарриз: Неъматов А. – н.и.ф.м., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Абдуманнонов А. Деформация межатомных связей естественных полимеров / А.Абдуманнонов, С.Алиев, С.Ш.Рахимов, Б.Ф.Джалилов, Ф.Джалилов // Ученые записки. Серия естественных и экономических наук. ХГУ им Б.Гафурова. -2017, №1. -С.45 - 52.
2. Балаш В.А. Задачи по физике и методы их решения / В.А. Балаш. -М.: Просвещение, 1983. -432 с.
3. Бӯриев А.Б. Векторҳо-ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои физикӣ / А.Б.Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф.Ҷалилов. Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, “Номаи донишгоҳ” №2. (41) Хуҷанд, 2017, -С. 247-255.
4. Бӯриев А.Б. Усули гузориш ва методикаи ҳисобкунии масъалаҳои физикӣ бо истифодаи барномаҳои таълимии тарҳрезишуда / А.Б.Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф. Ҷалилов. Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, “Номаи донишгоҳ” №2 (41) Хуҷанд, 2017. -С. 383-389.
5. Волькенштейн В.С. Сборник задач по общему курсу физики / В.С. Волькенштейн. -М: Наука, 1969. -464 с.
6. Иродов И.Е.Сборник задач по общей физика / И.Е.Иродов, И.В.Савельев, О.И. Замша. -М., 1975, -319 с.
7. Рахимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯи фанни математикаи олӣ дар макотиби олии равияи техникӣ/ А.А. Рахимов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷалаи илмӣ). -Душанбе, 2020. -№ 3. – С. 279-283.
8. Рахимов А.А. Методика использования математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза / А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки). –Тула, 2020. -Выпуск 11. -С.308-313.
9. Рахимов А.А. Методикаи истифодабарии барномаи компютерии MAPLE 18 ҳангоми омузиши мавзуи таҳлили математикӣ дар курси математикаи олӣ барои муҳандисон дар донишгоҳҳои олии техникӣ / А.А. Рахимов, С.К. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2021. -№ 7. – С. 268-277
10. Раҳимов С.Ш., Ф. Ҷалилов, А.З. Осимов. Фаҳмиш ва мукаммалгардии он ҳангоми ҳалли масъала / С.Ш.Раҳимов, Ф. Ҷалилов, А.З. Осимов // Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявии, “Сифати таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба 25–солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. -С. 496 – 499.
11. Савельев И.В. Курс общей физики / И.В. Савельев. Том 2. 1979. -304 с.
12. Султонов У. Доимиҳои физики ва мазмуни физикии онҳо / У. Султонов, С.Алиев, Б.Ф.Ҷалилов, Ф.Ҷалилов // Маводи конференсияи илми – амалии ҷумҳуриявии масъалаҳои физикаи муосир бахшида ба 75 солагии профессор Хуршед Абдуллозода. «Нури маърифат». –Хуҷанд, 2015. -С.135-139.
13. Фригант Е.В. Руководство к решению задач по курсу общей Физики / Е.В. Фригант. -М.: Высшая школа, 1978. -351 с.
13. Ерофеева Г. В. Преподавание физики в техническом вузе на современном этапе / Г. В. Ерофеева. Текст научной статьи по специальности «Науки об образовании»
14. Раҳимов А.А. Методҳои гуногуни татбиқи ҳосилаи функсияҳои яктағйирёбандадор дар ҳалли масъалаҳои физикӣ бо ёрии барномаи maple барои ихтисосҳои техникӣ / А.А. Рахимов, М.А. Кудузова // Паёми Донишгоҳи иллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2022. -№5 -С.266-271.


## ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ АЁНӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО АЗ СТАТИКА ВА ҶАЛБИ БАРНОМАҲОИ ҲИСОБКУНӢ БАРОИ ҲОСИЛ КАРДАНИ НАТИҶАҲО


Муаллифони мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаи қувваҳоро вобаста ба додашудаҳои шарти масъала ва инчунин нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаи қувваҳоро тағйир дода, тағйирёбии китфҳои қувваҳоро муайян намуда

имконпазир будани бадастории мувозинати устуворро нишон диҳанд. Зич пайванд будани мувозинатро ба баробаршавии моменти қувваҳо нишон дода, тағъиру дигаргунсозиҳоро фароҳам оварада, вобаста ба нуқтаи гузориши баробартаъсиркунандаи қувваҳо китфҳои қувваҳо гуногун шуданашро таъкид карда ,дастрасгардии муамморо беҳтар намуданд, ки ин ҳол дар хонандагон, донишҷӯён лаёқати эҷодии онҳо, салоҳияти умумифарҳангӣ ва касбӣ, мусоидат менамояд, инчунин барои қобилияти истифодабарии олотҳои техникӣ барои андозагирии параметрҳои асосии иншоотҳо ва ба баамалоии таҳрезии конструксияҳои нав ба нав оиди сохтани биною иншоотҳои давлатӣ ва гражданӣ роҳ мекушояд. Дар кори мазкур барои натиҷагирӣ аз барномаҳои ҳисобкунӣ, ки худди муаллифон пешниҳод намудаанд, истифода бурда шудааст. Ин амал барои мукаммалгардии донишҳо оиди сохтани барномаҳои ҳисобкунӣ мусоидат менамояд. Истифодаи барномаҳо барои тезонидани суръати ҳисобкунӣ ва тарҳрезии конструксияҳои гуногуни сохтмонӣ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** методикаи таълим, физика, статика, қувва, китфи қувва, моменти қувва, самти қувва, баробартаъсиркунанда, конструксияҳо, барномаи компютерӣ, мувозинати энергетикӣ, мувозинати мутлақ, мувозинати конструксияҳо.

## ПРИМЕНЕНИЕ НАГЛЯДНЫХ ПОСОБИЙ ДЛЯ РЕШЕНИЯ ЗАДАЧ ПО СТАТИКЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОГРАММ ВЫЧИСЛЕНИЯ ДЛЯ ПОЛУЧЕНИИ РЕЗУЛЬТАТОВ

Авторы в статье старались показать, что, используя данные, приведенные в условии задачи, можем определить точку приложения равнодействующих сил, а также изменив точку приложения главной равнодействующей силы, определить изменения плеча приложения других сил относительно общей равнодействующей и доказать получение устойчивого равновесия в системе. Получена связь устойчивости с равенством моментов силы и, переобразуя расположение сил относительно общей равнодействующей, определили плечо сил действующей на систему и тем самым ввели ясность в получение подробной информации о задаче. Проведенные действия и приемы в ходе определения равнодействующей нескольких сил, плеча приложения силы относительно равнодействующей, облегчают доступность задачи и развивают творческие возможности учащихся, компетентность в общепросветлительном и специальном направлении, возможность использования технических приборов для получения размеров основных параметров государственной и индувидуальной постройки, а также конструирования новых сооружений.

Для получения дополнительных информации в работе использована программа подчета результатов с помощью программы, созданной авторами работ. Этот способ позволяет уточнить полученные результаты, а также способствует глубокому проникновению молодых специалистов в сут представленной задачи.

Применение программ ускоряет процесс вычисления, а также способствует разработке новых конструкций различной модификации.

**Ключевые слова:** методика обучения, физика, статика, плечо силы, сила, момент силы, направление силы, равнодействующие, конструкции, компютерная программа, энергетическое равновесие, абсолютное равновесие, равновесие конструции.

## APPLICATIONS OF VISUAL AIDS FOR SOLVING PROBLEMS ON STATICS AND USE OF CALCULATION PROGRAMS TO OBTAIN RESULTS

The authors in the article tried to show that using the data given in the condition of the problem, we can determine the point of application of the resultant forces, and also by changing the point of application of the main resultant force, we will determine the changes in the shoulder of the application of other forces relative to the general resultant and proved obtaining a stable equilibrium in the system. The relationship of stability with the equality of the moments of force was obtained and, by reshaping the arrangement of forces relative to the common resultant, we determined the shoulder of the forces acting on the system and thereby introduced clarity into obtaining detailed information about the problem. The actions and techniques carried out in the course of determining the resultant of several forces, the arm of application of the force is relatively resultant, facilitates the accessibility of the task and develops the creative abilities of students, competence in acquiring a general educational and special direction, the ability to use technical devices to obtain the dimensions of the main parameters of the state and individual buildings, as well as construction of new buildings.For additional information, the work used the program for calculating the results using the program created by the authors of the works. This method allows you to refine the results obtained, and also contribute to the deep penetration of young professionals into the essence of the presented task.The use of programs speeds up the calculation process, and also contributes to the development of new designs of various modifications.

**Key words**: teaching method, physics, statics, arm of force, force, moment of force, direction of force, resultants, constructions, computer program, energy equilibrium, absolute equilibrium, construction equilibrium.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷалилов Файзулло -*** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физика ва химия. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. **Email:** *Jalilov 47 @ mail.ru.* **Телефон:** 92 809 27 72.

***Ахмедов Усмонҷон-***Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини директор оид ба илм ва

инноватсия, дотсент **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. **Email:** amon_rahimov@mail.ru **Телефон:** 92778 32 67.
***Умаров Ашуралӣ Аввалович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессори кафедраи физикаи умумии ДДОТ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. **Телефон:** 93 447 5000.
***Рахимов Амон Акпарович*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи физика ва химия, досент **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. **Email:** amon_rahimov@mail.ru **Телефон:** 92 721 26 07.
***Кудузова Мафтуна Абдуҷамиловна*** **-** Донишгоҳи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, дар шаҳри Хуҷанд, муаллим-коромӯзи кафедраи физика ва химияи факултети информатика ва энергетика**. Суроға**:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **maftuna_02.96@mail.ru.** Телефон:**+992 928529600**

**Сведения об авторах:** ***Джалилов Файзулло***, Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С.Осими в городе Худжанде, к.ф.-м. н., доцент кафедры физики и химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. **Email:** Jalilov 47 @ mail. ru. **Телефон:** 92 809 27 72.
***Ахмедов Усмонджон*** Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С.Осими в городе Худжанде, кандидат экономических наук, зам. директора ПИТТУ, доцент. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. **Email:** amon_rahimov@mail.ru **Телефон:** 92 778 32 67.
***Умаров Ашуралӣ Аввалович***. Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, д.ф.-м.н. профессор кафедры общей физики **Адрес:** 735700, Республика Таджикситан, проспект Рудаки, 121. **Телефон:** 93 447 5000.
***Рахимов Амон Акпарович***. Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С.Осими в городе Худжанде, кандидат педагогических наук, зав. кафедрой физики и химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. **Email:** amon_rahimov@mail.ru **Телефон:** 92 721 26 07.
***Кудузова Мафтуна Абдуджамиловна*** - Политехнический университет Таджикского технического университета им. М.С. Осими, г. Худжанд, стажер физико-химического факультета, факультета информатики и энергетики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 226. E-mail: **maftuna_02.96@mail.ru.** Телефон: **+992928529600.**

**Information about authors:** ***Jalilov Faizullo***. *Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.Osimi, candidate of physics – mathematics science dapartment of physic and chemical.* **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni Avenue, 226. **Email:** *Jalilov 47 @ mail.* **Tel:** *92 809 27 72.*
***Ahmedov Usmon Homidjonovich.*** *Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.Osimi, candidate of economic science, dapartment of physic and chemictry.* **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni Avenue, 226. **Email** *amon_rahimov@mail.ru*: **Tel:** *92. 721 26 07.*
***Umarov Ashurali Avalovich.*** *Pedagogic University named after C. Ajni. Dapartment of total physic, Doctor of physics – mathematics science, professor.* **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. **Tel:** *93 447 5000*
***Rahimov Amon Akparovich.*** *Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.Osimi, candidate of pedagolical science, dapartment of physic and chemictry.* **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni Avenue, 226. **Email** *amon_rahimov@mail.ru*: **Tel:** *92. 721 26 07.*
***Kuduzova Maftuna Abdudjamilovna*** - Polytechnic University of the Tajik Technical University. M.S. Osimi, Khujand, trainee of the Faculty of Physics and Chemistry of the Faculty of Informatics and Energy. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni Avenue, 226. E-mail: ***maftuna_02.96@mail.ru***. **Tel: +992928529600**

УДК: 378.2

# МЕТОДҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКА ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ТЕХНИКӢ

*Бобоҷонова Н.О.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд**

Таълими математика дар мактабҳои олӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми воситаҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи асосии азхудкунии мафҳумҳои риёзӣ ба шумор рафта, ба рушди тафаккури математикӣ ва фаъолияти эҷодии донишҷӯён, малакаҳои истифодаи донишҳои назариявии онҳо дар амалия ва фанҳои табиӣ мусоидат мекунад [1].

Ҷомеа дар як ҷо намеистад, балки он босуръат рушд мекунад. Тағйироте, ки мунтазам дар ҳаёти ҷомеа ба амал меоянд, ба тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсир мерасонанд. Илму маърифат - ҷузъи муҳимест, ки одамон ба он ниёз доранд. Дастурҳои ҳаёт ҳадафҳои навтарини раванди таълимро муқаррар мекунанд. Яке аз масъалаҳои асосии пешрафти соҳаи маориф тарбияи шахси рақобатпазир буда, дорои салоҳиятҳои универсалӣ мебошад, ки дар шароити гуногуни ҳаёт заруранд.

Сифати раванди таълим бошад, пеш аз ҳама, аз сифати ташкили шакли асосии таълим - дарс вобаста аст. Бе усулҳои хуб интихобшуда ва такмилёфтаи таълим азхудкунии барномаи таълимии макотибро таъмин кардан душвор аст. Усулҳои таълим ва тарбияро барои ҷалби самараноку судбахши донишҷӯён ба раванди фаъоли маърифатӣ, ба фаъолияти таълимӣ, такмил додан лозим аст. Усулҳои муосири оқилона интихобшуда ба таълимгирандагон кумак мекунанд, ки бидуни ёрии дигарон ба гирифтани дониш саъй кунанд ва шавқ ба ин фанро пайдо кунанд.

**Усули (методи) таълим -** маҷмуи фармоишии техника ва воситаҳои дидактикӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо ҳадафҳои таълиму тарбия амалӣ мешаванд. Усулҳои таълим роҳҳои ба ҳам алоқаманд ва пайдарпайи фаъолияти мақсадноки омӯзгор ва донишҷӯёнро дар бар мегиранд.

Таълими анъанавӣ як қатор камбудиҳо дорад. Дар байни онҳо инҳоро қайд кардан зарур аст:

• паҳншавии усулҳои шифоҳии муаррифӣ, ки ба парокандагии диққат ва имконнопазирии таваҷҷуҳ ба моҳияти маводи таълимӣ мусоидат мекунад;

• суръати миёнаи омӯзиши маводи математикӣ;

• ҳаҷми калони азхудкунии мавод.

Ин гуна камбудиҳоро бо ёрии раванди такмилдиҳии омӯзиши фанни математика бартараф намудан мумкин аст. Таъмини нави илму дониш дар натиҷа ба методҳои нави таълими математика оварда мерасонад.

Методҳои муосири омӯзиши математика маълуманд.

Муносибатҳои инноватсионӣ дар роҳи омӯзиш ба ду намуд ҷудо мешаванд:

| Муносибат | Моҳият | Хусусияти муайянкунӣ |
|---|---|---|
| Технологӣ | Ин як раванди “технологӣ”, ки натиҷаҳои ба таври возеҳ пешбинишударо дар назар дорад. Навсозии таълими анъанавӣ дар асоси фаъолияти афзалиятноки репродуктивии таъимгирандагон. Раванди таълим ба вазифаҳои анъанавии таълими тарбияи репродуктивӣ нигаронида шудааст. | Таъмини ноил шудан ба кафолати ҳадафҳои ташхисӣ, тамоюли омӯзиш ба натиҷаҳои аз ҷиҳати меъёрӣ собитшудаи таълим мебошад. |
| Системаи ҷустуҷӯ | Омӯзиши анъанавиро дар асоси маҳсулнокии донишҷӯён тағйир медиҳад. Раванди педагогӣ бо ташаббуси донишҷӯён аз худ кардани таҷрибаҳои нав мебошад. Ҳадаф инкишоф додани қобилияти донишҷӯён барои аз худ кардани таҷрибаҳои нав мебошад. | Тавлиди донишҳои нав, усулҳои амалӣ, маъноҳои шахсӣ. |

Гурӯҳбандии методҳои таълим бо асосҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

*Аз рӯйи хусусияти фаъолияти маърифатӣ:*

• тавзеҳӣ - тасвирӣ (ҳикоя, лексия, суҳбат, намоиш ва ғайра);

• репродуктивӣ (ҳалли мисолу масъалаҳо, такрори таҷрибаҳо ва ғайра);

• проблемавӣ (масъалаҳои мушкил(проблемавӣ), вазифаҳои маърифатӣ ва ғайра);

• ҷустуҷӯйи қисман эвристикӣ;

• тадқиқотӣ.

*Аз рӯйи ҷузъҳои фаъолият:*

• ташкилӣ-амалӣ усулҳои ташкил ва татбиқи фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ;

• ҳавасмандкунӣ - усулҳои ҳавасмандкунӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ;

• назоратӣ-баҳодиҳӣ - усулҳои назорат ва худтанзимкунии самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ.

*Бо мақсадҳои дидактикӣ:*

• методҳои омӯзиши донишҳои нав;

• методҳои таҳкими дониш;

• методҳои назорат.

*Бо роҳи пешниҳоди маводи таълимӣ:*

• монологӣ - иттилоотӣ (ҳикоя, лексия, тавзеҳ);

• муколама (изҳороти мушкилот, суҳбат, баҳс).

*Аз рӯйи шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ:*

• фронталӣ;

• гурӯҳӣ;

• инфиродӣ.

*Аз рӯйи сатҳи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён:*

• кори мустақилонаи инфиродии донишҷӯён;

• кори мустақилона бо ёрии омӯзгор;

• кори мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор;

Аз рӯйи манбаъҳои интиқоли дониш:

• шифоҳӣ (ҳикоя, лексия, суҳбат, дастур, баҳс);

• аёнӣ (намоиш, презинтатсия, тасвир, диаграмма, намоиши мавод;

• амалӣ (машқ, кори лабораторӣ, семинар).

*Бо назардошти сохтори шахсият:*

• шуур (ҳикоя, суҳбат, дастур, тасвир ва ғайра);

• рафтор (машқ, омӯзиш ва ғайра);

• эҳсосотӣ - ҳавасмандкунӣ (тасдиқ, ситоиш, сарзаниш, назорат ва ғайра).

Усулҳои таълимро наметавон ба таври универсалӣ ё дар алоҳидагӣ тақсим намуда, баррасӣ кард. Илова бар ин, ҳамон як усули таълим вобаста ба шароити татбиқи он метавонад босамар ё бесамар бошад.

**Таснифоти педагогии усулҳои таълимро вобаста ба методҳои тадрис ва таҳқиқ ҷудо мекунанд.** Методҳои тадрис (омӯзонидан) - воситаҳо ва тадбирҳо, усулҳои иттилоот, идора ва назорати фаъолияти маърифатии донишҷӯён.

Методҳои таҳқиқ (омӯхтан) - воситаҳо ва тадбирҳо, усулҳои азхудкунии маводи таълимӣ, усулҳои самарабахш ва тазаккур ҳангоми омӯзиш ва худназораткунӣ.

Усулҳои асосии тадқиқоти математикӣ инҳоянд: мушоҳида ва таҷриба; муқоиса; таҳлил ва синтез; умумӣ ва ихтисосӣ; мавҳум ва муайян.

Усулҳои муосири таълими математика: проблемавӣ (перспективӣ), лабораторӣ, истифодаи тахтаи электронӣ, методи барномарезишуда, эвристикӣ, усули сохтани моделҳои математикӣ, аксиоматикӣ ва ғайра. Дар амалия мо аксар вақт усулҳои зеринро истифода мебарем:



**Таълимоти проблемавӣ** - як системаи дидактикӣ мебошад, ки ба намунаҳои азхудкунии эҷодии дониш ва усулҳои фаъолият, аз ҷумла маҷмуи методҳо ва усулҳои таълиму омӯзиш, ки ба хусусиятҳои асосии тадқиқоти илмӣ хосанд, асос ёфтааст.

Таълими проблемавӣ афзалиятҳо ва камбудиҳои худро дорад:

Афзалиятҳои зеринро қайд кардан мумкин аст: рушди фаъолияти зеҳнии хонандагон; рушди малакаҳои математикӣ; ташаккули ҳавасмандӣ ба омӯзиш; ташаккул додани фаъолият дар омӯзиш, ташаккули эҷодкорӣ [15].

Камбудии назарраси истифодабарии ин метод дар он аст, ки вақти нисбатан зиёдро мегирад ва инчунин тайёрии махсуси методии омӯзгорро талаб менамояд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки таҳсилоти анъанавӣ асоси навоварӣ мебошад. Мафҳуми «таълими анъанавӣ» маънои ташкили дарси синфии таълимро дорад, ки дар асри 17 дар асоси принсипҳои дидактикаи таҳиякардаи Я.А.Коменский инкишоф ёфта, то имрӯз дар мактабҳои ҷаҳон бартарият дорад.

Ду тамоили умумии зарурати таҳсилоти математикиро қайд бояд кард: амалӣ, ки ба татбиқи маводи барои фаъолияти пурсамари инсон зарур ва маънавӣ, ки ба тафаккури инсон, ба донистани методи муайяни донишандӯзӣ ва тағйирпазирии олам (методи математикӣ) асос ёфтааст. Моҳияти амалии математика дар он аст, ки мавзуи омӯзиши он сохторҳои бунёдии (фундаменталии) ҳастӣ буда, шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдориро таҳлилу таҳқиқ мекунад. Онҳо аз таҷрибаи инсон то мураккабтарин сохторҳое мебошанд, ки ба ғояҳои илмию технологӣ вобастаанд. Бе донишҳои мушаххаси математикӣ фаҳмиши принсипҳои сохтор ва истифодаи техникаи муосир, дарки донишҳои илмӣ, фаҳмиш ва шарҳи ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ душвор мегардад ва фаъолияти амалии ҳамарӯзаи инсон натиҷаи зарурӣ намедиҳад [8].

Дарсҳо дар таълими шарҳӣ-аёнӣ мувофиқи қолабҳои мушаххас ба нақша гирифта мешаванд. Дарс марҳалаҳои гуногунро фаро гирифта, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он дарҷ мешавад.

Дар таълими салоҳиятнокӣ на танҳо ба масъалаи азхудкунии мафҳумҳо ва назарияҳои математикӣ, балки истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза низ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ҳамчунин, муносибати салоҳиятнокӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти маърифатии хонандагон ба таври дигар ба роҳ монда шавад. Хонандагон иштирокчии фаъол шуданро меомӯзанд. Дар таълими математика, салоҳиятҳо ба се самти асосӣ гурӯҳбандӣ шудаанд: салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ. Дар доираи ҳар яке аз онҳо, бо назардошти муносибати таълими салоҳиятнокӣ, ба малакаҳои амалии хонандагон аҳамияти бештар дода шуда, талаботи зерин ба назар гирифта шудааст: салоҳиятҳои арифметикӣ. Маҷмуи ададҳои гуногун ҳақиқӣ (натуралӣ, бутун, ратсионалӣ, ирратсионалӣ ва ғайра). Ҳалли ҳисобкуниҳои одитарини амалӣ бо ин ададҳо, супоришҳои ҳисобкуниҳои шифоҳии на он қадар мушкил ва арзёбии натиҷаҳои омӯзиш бо истифода аз роҳҳои гуногун; салоҳиятҳои алгебравӣ. Иҷрои супоришҳо аз рӯйи формулаҳо, муодилаю нобаробарӣ ва алгаритмҳои муайяни алгебравӣ, табдилдиҳии мафҳумҳо, қонуниятҳои математикӣ вобаста ба масъалаҳои ҳаётӣ; салоҳиятҳои геометрӣ. Тавсифи вазъиятҳои воқеӣ ё ҳаётӣ бо мафҳумҳои геометрӣ (мисол, мизи кории худро бо кадом мафҳумҳои геометрӣ ифода ё баён кардан мумкин аст?), ҳалли супоришҳои амалӣ, ки барои

ёфтани бузургиҳои геометрӣ равона шудааст, маҳорати кор бо воситаҳо (асбобҳо) дар масъалаи сохтаниҳои геометрӣ. Салоҳияти математикии хонандагон «маҷмуи дониш, малака ва маҳорати инсон"-ро муайян менамояд, ки барои таъмини бомуваффақият дар бартараф намудани мушкилоти гуногун бо истифодаи воситаҳои математикӣ ба роҳ монда мешавад. Яке аз воситаҳои асосии ташаккул додани салоҳияти математикӣ супоришҳои таълимии ба ташаккули салоҳият нигаронидашуда мебошанд, ки дорои баъзе хусусиятҳои субъективию амалӣ барои хонанда мебошанд. Онҳо боиси зиёд гардидани ҳавасмандии хонандагон барои ҳалли супоришҳо мегарданд [9].

Инчунин, яке аз методҳои шавқовар дар таълим -омӯзиши интерактивӣ мебошад. Омӯзиши интерактивӣ яке аз шаклҳои омӯзиш мебошад, ки бо воситаи баҳс, суҳбат ва ҷустуҷӯ сурат мегирад. Ин, албатта, шакли гурӯҳии омӯзиш аст. Дар раванди он ҳар як донишҷӯ бо донишҷӯёни дигар ҳамкорӣ менамояд. Дар натиҷа мавзуи хаҷмаш нисбатан калон аз худ мешавад, маҳорату малака дар ҷустуҷӯйи донишҳо такмил меёбад, шахсияти таълимгиранда инкишоф меёбад. Фард баҳс карданро меомӯзад: хатогии худро ҳис мекунад ва фикри дурустро эътироф мекунад.

Супоришхо дар таълими интерактивӣ бояд мазмуни тадқиқоти , проблемавӣ ва эҷодӣ бояд дошта бошанд. Методикаҳои маъмули таълими интерактивӣ - пресс-конференсия ва. кейс-метод мебошад.

